Силсилаи дастурҳо дар бораи ТИКР барои ҷавонон

Дастури 1:
Муқаддима ба ТИК барои рушд

Маводи таълимӣ оид ба ТИК барои рушд
барои муассисаҳои маълумоти олӣ

Муаллиф:
Профессор Уша Рани Виясулу Реддӣ
Мушовир оид ба ТИК барои рушд, Ҳиндустон

APCICT

Маркази бозомӯзӣ барои кишварҳои Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором оид ба технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои рушд

Силсилаи дастурҳо дар бораи ТИКР барои ҷавонон

Қисми 1: Муқаддима ба ТИК барои рушд

Маводи таълимӣ оид ба ТИК барои рушд барои муассисаҳои маълумоти олӣ

Муқаддима ба ТИК барои рушд, китоби аввали Силсилаи дастурҳо дар бораи ТИКР барои ҷавонон ба забони тоҷикӣ бо дастгирии молиявии Шуъбаи байналмилалии Институти «Ҷамъияти Кушода» -Бунёди Мадад дар Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Тарҷумаи Баҳриддин Алавӣ аз англисӣ
Таҳрири Ҳафиз Бобоёров ва Иззатманд Саломов
Мушовир оид ба ТИК барои рушд — Асомуддин Атоев

Асари мазкур таҳти Литсензияи 3.0 оид ба шартҳои мансубияти моликияти умумии зеҳнӣ (Creative Commons Attribution 3.0 License) нашр шудааст.

Барои бознигарии нусхаи ин литсензия (иҷозатнома), лутфан ба сомонаи зер нигаред: http://creativecommons.org/licenses/by/3.0/.

Ақидаҳо, рақамҳо ва арзёбиҳои дар ин нашрия баёншуда масъулияти муаллифон мебошанд ва набояд ҳамчун ифодагари мавқеи Созмони Милал дониста шаванд.

Маводи дар ин нашрия пешкашгардида дар ҳеҷ сурат мавқеи Котиботи Созмони Милалро дар мавриди мақоми ягон кишвар, шаҳр, маъмурияти он ва ё марзбандии байнидавлатӣ ифода намекунад.

Зикри номи ширкатҳо ва маҳсулоти тиҷоратӣ маънии тасдиқ ва пуштибонии мавқеи Созмони Милалро надорад.

Тамос:
Маркази бозомӯзии СММ барои кишварҳои Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором оид ба технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои рушд (UN-APCICT/ESCAP)
Bonbudong, 3rd Floor Songdo Techno Park
7-50 Songdo-dong, Yeonsu-gu, Incheon City
Republic of Korea
(Бонбудонг, ошёнаи севум, Технопарки Сонгдо
7-50 Сонгдо-донг, Йеонсу-гу, шаҳри Инчеон
Ҷумҳурии Корея)

Телефон: 82 32 245 1700-02
Факс: 82 32 245 7712

Е-мейл: info@unapcict.org
Сомона: http://www.unapcict.org

Ҳуқуқи муаллиф © UN-APCICT/ESCAP 2011
ISBN: 978-99947-945-0-8

САРСУХАН

Саҳми ҷавонон дар эҷоди ҷомеаи оянда набояд нодида гирифта шавад. Насли калонсол бояд ба рушди ҷавонон ва аз ин роҳ ба пешрафти ҷомеа сармоягузорӣ кунад. Созмони Милал хуб дарк мекунад, ки фақат аз тариқи дилгарм кардани ҷавонон ва истифодаи нерӯи онҳо дастовардҳои насли калонсол нигоҳ дошта ва дар оянда идома ва такмил меёбад.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз тариқи уҳдадории муштарак ба рушди устувор, дар тӯли даҳаҳои гузашта корҳои зиёдеро анҷом дод. Ҳарчанд барои пурра ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола то соли 2015 ҳанӯз корҳои зиёде дар пеш аст, комёбиҳои назаррасе, ки аз тариқи мақсади умумӣ ба даст омадааанд, бояд эътироф карда шаванд.

Ҷаҳони мо ба хотири инкишофи зуди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) тағйир ёфтааст. Технологияҳо ҳамчун воситаи пешрафтаи коммуникатсия ва коркарди беҳтари иттилооту табодули он фаҳмида мешаванд. Онҳо то ҳанӯз ба ҳар як ҷанбаи ҳаёти мо таъсири пайваста расонда, тарзи коммуникатсияи моро бо ҳамдигар такмил медиҳанд, муҳити моро фаро мегиранд ва бо ҳукумат ҳамкории мутақобила ба роҳ мемонанд.

ТИК дар рушди иҷтимоиву иқтисодӣ дар саросари ҷаҳон, аз он ҷумла дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором нақши муҳим бозӣ мекунанд. ТИК барои аҳолии минтақа имконияту захираҳои нав фароҳам сохтаанд: ҳукумати электронӣ фарогирии хадамоти давлатиро васеъ мекунад; медиа (воситаи ахбори омма)-и ҷамъиятӣ ниёзҳои гурӯҳҳои ҷамъиятиеро инъикос менамояд, ки дар бештари маврид дар ҷудой қарор доштанд; тавассути хадамоти электронии тандурустӣ кормандони тиббӣ ба ҷамоаҳои рустой дастрасӣ пайдо мекунанд; омӯзиши бархатӣ (онлайн) дастрасии таҳсилотро барои шахсони аз доираи омӯзиши анъанавӣ берунафтода таъмин месозад.

Ба ҳар ҳол, ҳанӯз ҳам нобаробарӣ дар мавриди дастрасӣ ба зерсохтори ТИК, пайвастшавӣ ба он ва навоварӣ (know-how) чашмрас мебошад, ки пеши роҳи истифодаи манфиатбахши ТИК-ро мегирад. Дастрасӣ ба ТИК дар минтақаҳо, кишварҳо ва ҷомеаҳое, ки сатҳҳои гуногуни инкишоф доранд, яксон нест. Дар воқеъ, нобаробарии рақамӣ дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором яке аз мавридҳои аз ҳама бештар дар ҷаҳон мебошад. Ҳамчун далел, кишварҳои ин минтақа дар саросари спектри комили дараҷабандии нишондиҳандаи глобалии рушди ТИК ҷойгир шудаанд. Сарфи назар аз дастовардҳои чашмраси технологӣ ва уҳдадориҳои бисёре аз иҷрокунандагони асосӣ дар минтақа, дастрасӣ ба коммуникатсияи бунёдӣ ҳанӯз барои ҳама фароҳам нашудааст.

Ба хотири пурра рафъ кардани нобаробарии рақамӣ тавассути амалисозии имкониятҳои ТИК бояд захираҳо ва тавонмандии инсонӣ ва ниҳодӣ (институтсионалӣ) ба дараҷаи лозимӣ мавҷуд бошанд. Бо ҳамин мақсад, 16 июни соли 2006 Маркази бозомӯзӣ барои кишварҳои Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором оид ба технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои рушд (МБОТИКР ё Маркази бозомӯзӣ; ба англисӣ APCICT) ташкил карда шуд. Он ҳамчун ниҳоди минтақавии Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором (UN/ESCAP) амал карда, талошҳои 62 кишвари узв ва шарикро ҷиҳати истифодаи ТИК барои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ аз тариқи рушди тавонмандии инсонӣ ва ниҳодӣ тақвият медиҳад. Салоҳияти МБОТИКР ба Эъломияи принсипҳо ва нақшаи амали Саммити ҷаҳонӣ оид ба ҷомеаи иттилоотӣ ҷавобгӯ аст, ки аз ҷумла таъкид мекунад: "Ҳар шахс бояд имкон дошта бошад, ки маҳорату донишҳои лозимро ба хотири фаҳмидан, фаъолона иштирок кардан, пурра манфиат бардоштан аз ҷомеаи иттилоотӣ ва иқтисоди донишбунёд дарёфт намояд."

Аз оғоз, МБОТИКР (APCICT) пайгирона барои таҳияи маҷмӯи донишу маҳоратҳои ТИК дар миёни маъмурони ҳукуматӣ ва мутасаддиёни рушд аз тариқи ташаббусҳои зиёди мавзӯӣ ва барномавӣ талош мекунад. МБОТИКР (APCICT), ҳамчунин, зарурати такмил додани қобилияти насли баъдии кормандони ҳукумат ва ҷонибҳои ҳавасманди рушдро барои татбиқи ТИК ошкор намуд. Маҳз ба ҳамин восита, мо метавонем дастовардҳои рушди минтақаро нигоҳ дорем ва афзун гардонем.

Бо вуҷуди ин, камбудиҳо низ дар рафти тарҳрезии маҷмӯи роҳнамову дастурҳои мувофиқ барои эҷоди тавонмандии имрӯзаи ҷавонон - роҳбарони фардо вуҷуд доранд. Бо дарки ин камбудиҳо МБОТИКР (APCICT) барномаи "Табдил додани ҷавонони имрӯз ба роҳбарони фардо"-ро таҳия намуд. Мақсади ин барнома таҳия кардани тавонмандӣ ё худ зарфияти ТИК дар миёни раҳбарон ва нерӯи кории насли оянда мебошад.

Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором аз талошҳои МБОТИКР (APCICT) барои тавонбахшии ҷавонони ин минтақа ва таҳкими тавонмандии онҳо барои истифодаи ТИК барои рушд тавассути унсурҳои гуногуни барнома ва махсусан "Силсилаи дастурҳо дар бораи ТИКР барои ҷавонон" ҳамчун барномаи асосии таълимӣ барои донишҷӯёни донишгоҳҳо истиқбол

мекунад. Барномаи мазкур бояд маҳоратҳоеро дар робита ба ҷомеаи донишбунёди асри 21 омӯзонад, ки ТИК дар он ҷузъи муҳими ҳаёти рӯзмарраро ташкил медиҳад. Дар минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором 56 миллион донишҷӯ дар донишгоҳҳо таҳсил мекунанд. Аз ин рӯ, силсилаи дастурҳо маводи бамаврид буда, рӯҳияи Эъломияи принсипҳои СҶҶИ-ро ифода мекунад. Ин силсила эътироф кардааст, ки "ҷавонон ҳамчун нерӯи кории оянда эҷодкорони пешсаф ва аз нахустин пазирандагони ТИК ба шумор мераванд. Имкониятҳои онҳо ҳамчун омӯзандагон, созандагон, саҳмгирандагон, соҳибкорон ва тасмимгирандагон бояд такмил дода шаванд."

Ноэлин Ҳейзер
Муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва
Котиби иҷроии Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором
(ESCAP)

ПЕШГУФТОР

Дар асри 21 ТИК (технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ) ба абзорҳои муҳими ҳалли навоваронаи мушкилиҳои мавҷуда дар роҳи рушд табдил меёбанд. Аммо барои инкишофи пойдор лозим аст, ки одамон ҳам аз ТИК истифода бурда тавонанд ва ҳам манфиати ТИК-ро барои кишвар ва минтақаашон дарк кунанд.

Чун имрӯзҳо ҷавонон мавқеи роҳбарикунандаро дар ҷомеа ишғол мекунанад ва нақши сиёсатгузориро дар қарорҳои калидии ҳукумат, илму маориф, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба худ мегиранд, дарку фаҳм ва қобилияти онҳо барои пайванд додан дар байни ТИК ва ҳадафҳои рушд ҳалкунанда хоҳад буд. Бар асоси чунин дурнамо, талабот ба эҷоди доираи асосии роҳбарон ва тасмимгирандагони оянда эҳсос мешавад. Онҳо бояд иқтидори ТИК-ро барои рушд (ТИКР) ҳамаҷониба дарк карда, худашон низ соҳиби маҳоратҳои даркорӣ барои ҷорӣ кардани имкониятҳои ТИК бошанд. Чунон ки таҳқиқот ва арзёбии густурдаи МБОТИКР (APCICT) ошкор мекунад, холигоҳ дар байни ниёз ва таъмини воқеии имкониятҳо барои ҷавонон ҷиҳати касби дониш ва таҷриба дар соҳаи ТИКР вуҷуд дорад.

Барои пур кардани ин холигоҳ, "Силсилаи дастурҳо дар бораи ТИКР барои ҷавонон" (Силсилаи дастурҳо) мақсад гузоштааст, ки ба донишҷӯёни донишгоҳҳо ва коллеҷҳо роҳҳои истифодаи ТИК барои беҳсозии зиндагии одамонро дар саросари минтақа фаҳмонад.

Ин силсилаи дастурҳо қисме аз барномаи МБОТИКР (APCICT) - "Табдил додани ҷавонони имрӯз ба роҳбарони фардо" мебошад, ки ба эҷоди тавонмандии истифодаи ТИКР аз тарафи насли нави роҳбарон нигаронида шудааст. Барнома аз тарафи кишварҳои узви Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором (UN/ESCAP) қотеона дастгирӣ ва тасдиқ мешавад.

Барои муҷаҳҳаз кардани кишварҳои узв бо абзорҳо ва дониши лозимӣ вобаста ба татбиқи технологияҳо дар рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, МБОТИКР барномаи пешбарандаи худро бо номи "Академияи асосҳои ТИК барои роҳбарони ҳокимияти давлатӣ" амалӣ намуда истодааст. "Академияи асосҳои ТИК барои роҳбарони ҳокимияти давлатӣ", ки 16 июни соли 2008 дар ҷаласаи вазирони OECD дар Сеул бунёд ёфт, аз 10 модули фарогири мавзӯъҳои гуногуни ТИКР иборат аст. Ҳар як модул вобаста ба мавзӯъ ва мафҳуми хос ба тариқи иштирокӣ ва фарогир таҳия гардидааст. Тавассути барномаи Академия кормандони давлатӣ ва тасмимгирандагон беҳтар дарк хоҳанд кард, ки чӣ гуна кишвари онҳо метавонад аз имкониятҳои ТИК барои расидан ба ҳадафҳои рушди миллӣ истифода намояд.

Ҳадафи муштараки Силсилаи модулҳои "Академия" ва "Силсилаи дастурҳо дар бораи ТИКР барои ҷавонон" баланд бардоштани огоҳӣ, ҷорӣ кардани навоварӣ (know-how) ва баланд бардоштани фаҳмиши умумӣ дар байни ташаббускорони дигаргунӣ ва пешрафт дар саросари кишварҳо ва дар байни наслҳои гуногун мебошад. Ҳамин тавр, ин ҳадаф кӯшишу амалҳои ҳамоҳангшуда ва гурӯҳиеро ба роҳ мемонад, ки ба рушди пойдор ва фарогири ҷомеа мусоидат мекунанд.

МБОТИКР (APCICT) ба тавонбахшии ҷавонон нигаронида мешавад, зеро онҳо аз ҷумлаи дороиҳои пурарзиштарини ҷомеа ба шумор мераванд. Дар сурати дастгирӣ, онҳо метавонанд саҳми назаррас ба равандҳои инкишоф дошта бошанд. Технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ (ТИК) ҷавонони имрӯзаро бо имкониятҳои беназир барои таъсири мусбат гузоштан дар дигаргуниҳои ҷомеа таъмин менамоянд. Ҳамчун "Нетизен" (Internet Citizen ё Cybercitizen, ки корбари шабака ва ё шаҳрванди фазои маҷозиро дар назар дорад)-ҳои ҷаҳонӣ, ин технологияҳо дар равандҳои тасмимгирӣ функсияҳои пайвасткунӣ, навоварӣ ва таъмини иштироки васеъро иҷро мекунанд. Мо умедвор ҳастем, ки бо истифода аз Силсилаи дастурҳо ҳамчун маводи таълимӣ донишҷӯён на танҳо дониш ва фаҳмиши арзишманд мегиранд, балки инчунин барои тақвияти нерӯи созандаи худ бо истифода аз имкониятҳои ТИК ҷиҳати дигар кардани ҷаҳон ба сӯи беҳбудӣ илҳом мегиранд.

Соддабаёнӣ ва баҳисобгирии талаботи ҷавонон дар омӯзиши ТИКР аз ҷумлаи критерияҳои асосии таҳияи Силсилаи дастурҳо буданд. Ин равиш ба пажӯҳиши вазъи кунунии таълиму омӯзиши ТИКР дар донишгоҳҳову омӯзишгоҳҳои минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором ва дараҷаи фарогирии онҳо тавассути барномаҳо ва ихтисосҳои таълимӣ такя мекунад. Равиши мазкур дар зимни як силсила машварату ҷаласа ва семинарҳо бо тарафҳои манфиатдор барои консептуализатсия ва мафҳумофарӣ ва эҷоди чорчӯбаи Силсилаи дастурҳо фароҳам омад. Дар рафти таҳияи Силсилаи дастурҳо, МБОТИКР (APCICT) аз тарафҳои зиёди манфиатдор дар саросари минтақа ва хориҷ аз он дастгирии саховатмандона дарёфт намуд. Маркази бозомӯзӣ (APCICT) ба ҳамаи иштироккунандагони ҷаласаву семинарҳо, ки барои такмили Силсилаи дастурҳо гузаронида

мешуданд, изҳори сипос мекунад. Онҳо фикру мулоҳиза ва дурнамоҳои арзишманди худро дар бораи таълими ТИКР дар кишварҳои Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором баён намуданд.
Ғайр аз ин, МБОТИКР (APCICT) ба шахсон ва созмонҳое миннатдории худро баён менамояд, ки дар таҳия ва бознигарии Қисми 1-уми Силсилаи дастурҳо бо номи "Муқаддима ба ТИК барои рушд" саҳм гирифтаанд. Беш аз 100 профессор ва дигар тарафҳои манфиатдор дар соҳаи маориф, рушд ва ТИК назару таҷрибаҳои арзишманди худро пиромуни Силсилаи дастурҳо пешкаш намуданд. Ба ҷуз ин, МБОТИКР (APCICT) аз ҷониби донишҷӯён ва коромӯзон дастгирӣ ёфт, ки ба ташаккул ва тарҳрезии дурусти Силсилаи дастурҳо беасар намонд. Марказ (APCICT) махсусан ба Уша Реддӣ муаллифи пешбарандаи Қисми 1-уми Силсилаи модулҳо изҳори сипос мекунад. Ӯ дар таҳияи ин маводи навгун барои донишҷӯён дар кишварҳои Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором содиқона талош кардааст. МБОТИКР ҳамчунин мехоҳад ба Маркази омодагӣ ба офатҳои табиӣ дар Осиё, ба Шаҳид Ахтар, Кристина Апикул, Ричард Лабелле, Мария Хуанита Р. Масапагал ва Рачнеш Сингҳ сипосгузорӣ намояд, ки таҷриба ва пуштибонии худро барои таҳвияти ояндаи мӯҳтавои Силсилаи дастурҳо вогузор намуданд. Дар ниҳоят, Маркази бозомӯзӣ ба ҳукумати Ҷумҳурии Корея барои дастгирии молиявӣ дар таҳияи ин мавод миннатдорӣ баён мекунад.

Ҳюн-Сук Ри
Директори Маркази бозомӯзии СММ барои Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором оид ба ТИК барои рушд (МБОТИКР-СММ; ба англисӣ UN-APCICT)

ДАР БОРАИ ҚИСМИ 1-УМИ СИЛСИЛАИ ДАСТУРҲО

Рушд ба дигаргунӣ, ба дигаргунӣ ба сӯи беҳбудӣ вобаста аст. Ва ҳамаи ҳукуматҳо, новобаста ба сатҳи рушд ва ё идеологияи сиёсиашон, ба ноил шудан ба чунин дигаргунӣ дар системаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии худ таваҷҷуҳ доранд. Ин дигаргунӣ метавонад дар системаи тандурустӣ манфиати одамони камбизоат ва калонсолро ҳимоя кунад ва ё дастрасӣ ба таҳсилоти ибтидоии ҳамагониро таъмин намояд. Ин кишварҳо ҳама гуна стратегия ва абзорҳоро дар идоракунии худ барои суръат бахшидан ба ин раванди дигаргунӣ истифода мебаранд. Технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ (ТИК) аз чумлаи абзорҳои пурқудрате мебошанд, ки кишварҳо метавонанд дар ин самт ҷойгузорӣ кунанд.

Дар баъзе ҳолатҳо пайванд миёни ТИК ва ҳадафҳои рушд равшан, вале дар ҳолатҳои дигар ҳанӯз тира ва номуайян аст. Ҳарсола дар саросари ҷаҳон созмонҳои давлатӣ, ғайриҳукуматӣ ва бахши хусусӣ миллионҳо доллар барои амалисозии лоиҳаҳои ТИК бо умед ва бо мақсади пешравӣ сарф мекунанд. Баъзе аз ин лоиҳаҳо комёб шуданд ва баъзеи дигар ноком. Бо дарки масъалаҳои ТИК ва рушд, мо ба сабабҳои комёбӣ ва нокомӣ низ сарфаҳм меравем.

Дастури мазкур дар бораи ТИК ва робитаи он бо дастовардҳо оид ба ҳадафҳои рушди инсон дар ҷомеа мебошад. Имрӯз ин фанни илмӣ-таълимии ба тозагӣ зоҳиршуда “ТИК барои рушд” (ТИКР ва ё ТИКбР) номида мешавад. Мо дар ин силсила истилоҳи ТИКР-ро истифода хоҳем кард.

Дастури мазкур барои таъмини иттилооти паснамоӣ (background information) таҳия шудааст. Онро донишҷӯёни кишварҳои Осиё ва уқёнуси Ором метавонанд дар барномаҳои донишгоҳӣ ва пасаздонишгоҳӣ дар зинаи ибтидоии омӯзиши параметрҳои гуногуни татбиқи ТИК дар бахшҳои калидии рушд истифода намоянд. Мақсади ин дастур таҳвият додани фаҳмиши беҳтари бисёрнизомӣ дар бораи имконияти истифодаи ТИК барои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буда, донишҷӯёни соҳаҳои мухталиф (аз илмҳои муҳандисӣ гирифта то илмҳои иҷтимоӣ)-ро ба роҳҳои корбурди ТИК барои расидан ба ҳадафу ниёзҳои рушди кишвар шинос ва сафарбар мекунад. Дар сурате ки ин дастур ба ягон ҷанбаи алоҳида ба таври муфассал нигаронида нашудааст, онро ҳамаи донишҷӯён метавонанд истифода баранд. Аз ин рӯ, Дастур аз истифодаи забони махсус (жаргон)-и техникӣ ва аз баррасии ҷанбаҳои алоҳидаи ТИКР парҳез мекунад.

МАҚСАДҲОИ ОМӮЗИШ

Ҳадафҳои дастур:

- Шинос кардани донишҷӯён бо мафҳуму консепсияҳои бунёдии ТИК ва нақши онҳо дар ҷомеаи донишбунёд ва дарёфти ҳадафҳои рушди ҷомеа.

- Таҳвият додани фаҳмиши беҳтари он, ки чӣ гуна метавон технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ (ТИК)-ро барои расидан ба рушди иҷтимоиву иқтисодӣ дар бахшҳои гуногуни рушд истифода кард; дар ин робита, мисолҳои (таҷрибаҳои) мушаххас доир ба комёбиҳо ва нокомиҳо оварда мешаванд.

- Таъмин кардани чорчӯба барои идора ва баҳодиҳии лоиҳа ва амалиётҳои ба ТИК асосёфта дар як қатор бахшҳои иҷтимоӣ.

НАТИҶАҲОИ ОМӮЗИШ

Пас аз омӯзиши дастур донишҷӯён дар бораи иқтидори ТИК барои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ огоҳӣ ва дониш касб хоҳанд кард ва аз ин рӯ, чунин имконияти ТИК-ро дар ҳар соҳае, ки фаъолият дошта бошанд, истифода намоянд.

Махсусан, ин дастур ба донишҷӯён имкониятҳои зеринро фароҳам меорад:

- Чорчӯбаҳои мафҳумӣ-консептуалӣ барои фаҳмидани раванди рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва нақши иттилоот ва ТИК дар ин раванд;

- Дониш ва маҳоратҳои нав барои банақшагирӣ, рушд, амалисозӣ ва идоракунии самараноки ташаббусҳои ба ТИКР бахшидашуда.

АЗ ИН ДАСТУРАМАЛ ЧӢ ГУНА БОЯД ИСТИФОДА КАРД?

Барои мантиқан дуруст тартиб додани ин дастуруламал, ки барои донишҷӯёни ҳамаи фанҳо муфид хоҳад буд, он ҳамчун мавод барои хониши асосии курси секредитӣ сохторбандӣ шудааст. Дастуруламал тахминан дар давоми як нимсолаи хониш (семестр), ки чаҳор ҳафтаро фаро мегирад, омӯзонда мешавад. Дар ҳоле ки тартиби пайдарпаи бахшҳои дастуруламал таъмин мебошад, ҳар як бахши он ба бахши навбатӣ ишора менамояд. Ҳар бахшро инчунин метавон ба таври алоҳида истифода бурд. Ҳайати омӯзгорон ва муассисаҳо ин дастурамалро пурра ё қисм-қисм, вобаста аз талаботи инфиродии худ ва зарурати донишҷӯён метавонанд ҳамчун хониши асосӣ ё изофӣ истифода баранд.

Ин дастур на ҳамчун матни ниҳоӣ барои аз худ кардани мавзӯъ, балки ҳамчун таҳқурсӣ ё худ муқаддима бояд муаррафӣ гардад. Онро дар алоқамандӣ бо силсилаи модулҳои «Академияи асосҳои ТИК барои роҳбарони ҳокимияти давлатӣ» метавон истифода бурд, то ба дурнамои ҳамаҷониба дар бораи истифодаи ТИК барои рушд равшанӣ андохта шавад. Онро барои пуштибонӣ аз матнҳову маводҳои дигари хониш, ки ҳайати омӯзгорон барои истифода интихоб менамояд, метавон ба кор бурд. Адабиёти заруриву изофӣ дар анҷоми ҳар як бахши ин дастур оварда шудаанд, то донишҷӯён аз арзиши замшуда ва дурнамои умумиҷаҳоние, ки ин адабиёт таъмин хоҳанд кард, манфиат бардошта тавонанд.

Ин дастур ба се бахш ва 12 боб тақсим шудааст. Ҳар бахш бо маҷмӯи ҳадафҳову натиҷаҳои омӯзишӣ оғоз мешаванд, ки дар муқоиса бо онҳо хонандагон метавонанд пешрафти худро арзёбӣ кунанд. Ҳар як боби ин дастурамал дорои машқҳои амалӣ ва саволҳои иборат аз чанд ҷавоб мебошад, ки хонандагон онҳоро тафтиш намуда, фаҳмиши худро афзоиш медиҳанд,. Машқҳои амалӣ раванди интерактивии омӯзишӣ дар байни донишҷӯён ва ҳайати омӯзгорон ва ҳавасманд кардани хонандагонро барои фикрронӣ дар бораи масъалаҳои муаррифишуда пеш мебаранд.

Мисолҳои омӯзишӣ низ дар саросари ин дастур оварда шудаанд. Ҳадафи онҳо мубоҳиса ва таҳлил махсусан дар атрофи мафҳумҳо ва принсипҳои дар ин дастур муаррифишуда ва таъсири онҳо дар амалипазирии лоиҳаву барномаҳои рушд мебошад. Дар рафти омӯзиши дастур таҳлил ва таъйиноти мисолҳои омӯзишӣ муҳим аст ва аз ин рӯ, бояд бо ҷиддият ва шоистагӣ ба кор бурда шаванд.

Илова бар ин, дастур дорои мисолҳои кӯтоҳи «Ҷавонони фаъол» аст, ки фаъолиятҳо ва имкониятҳои ҷавононро дар соҳаи ТИКР нишон медиҳанд. Мисолҳо навовариҳову лоиҳаҳои технологиеро дар бар мегиранд, ки ҷавонон барои беҳбуд бахшидани шароити зиндагии мардуми бенаво ва канормонда дар саросари олам бунёд гузоштаанд. Ҳамчунин, онҳо дар бораи роҳҳое, ки ҷавонон метавонанд тавонмандии худро дар соҳаи ТИКР арзёбӣ кунанд ва инкишоф диҳанд, пешниҳодҳоро дар бар мегиранд. Мақсад аз овардани ин мисолҳо ба донишҷӯён илҳом бахшидан аст, то аз доираи омӯзиши синфӣ берун рафта ба фаъолиятҳои амалӣ даст зананд.
Омӯзиш дар бораи ТИК ва нақши онҳо дар рушд раванди давомдор ва пайваста аст. Мисолҳои омӯзишӣ метавонанд дар минтақаҳо ва кишварҳои гуногун аз ҳамдигар фарқ дошта бошанд ва аз ин рӯ, дастурро метавон ба шароит ва муҳити маҳал мутобиқ кард ва тағйир дод.

Дар интиҳо, мақсади ин дастур танҳо вокуниш нишон додан ба ниёзҳо ва талаботи донишҷӯёне нест, ки фаъолияти касбии худро дар соҳаи ТИКР идома хоҳанд дод. Инчунин, мақсад аз он иборат мебошад, ки ҳамаи омӯзандагон тавонанд дар бораи тавоноии ТИКР огоҳ шаванд ва дар айни ҳол аз ин огоҳӣ истифода бурда тавонанд, новобаста ба он ки ин омӯзандагон дар бахши ТИКР кор мекунанд ё не. Ҳатто агар онҳо кори худро ба сифати хидматчиёни давлатӣ, ҳуқуқшиносҳо, табибҳо ё ҳайати раёсати бахши хусусӣ идома диҳанд ҳам, дониши дар бораи ТИКР ба даст омада ҳанӯз муфид хоҳад буд.

Донишҷӯён ин дастурро барои фаҳмидани ҷанбаҳову масъалаҳои гуногуни ТИКР ҳамчун маводи асосӣ метавонанд истифода баранд. Ҳайати омӯзгорон метавонад ин дастурамалро ҳамчун замина ва сарчашма ба ҷои маводе истифод баранд, ки на ҳамеша дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором дастрас мебошанд. Дастур аз ҷониби он ҳайати омӯзгороне хуб истифода мешавад, ки идеяҳоро муттаҳид намуда, онҳоро бо истифода аз таҷрибаҳои маҳаллӣ такмил диҳанд.

Мураббиён барои тақвият ва тағйир додани таҷрибаҳои мушаххаси овардашуда ва ё такмил додани онҳо бо мавридҳо, таъйинот ва саволҳое даъват мешаванд, ки ба фикри онҳо барои донишҷӯён бештар муассир ва пурмаъно хоҳанд буд.

Агар машқҳо ва таъйинот кори гурӯҳие бошанд, ки ба ҳамкории якҷоя мусоидат намоянд, боз хубтар аст, чунки истифодаи ТИК барои рушд моҳиятан кори якҷоя ва эҷоди ҳамкориҳоест, ки дар он ҳар як фард барои таҳияи лоиҳаи муваффақтар бо донишу тавони худ саҳм мегузорад.
Омӯзгорон метавонанд чорӯбаи санҷидашудаи таҳлилро барои муайян кардани таҷрибаҳои мушаххаси кишварҳо ва заминаҳои худ истифода баранд. Ба онҳо имкон дода мешаванд, ки чорчӯбарои мутобиқи ниёзҳои худ такмил ва ё тағйир диҳанд.

Чорчӯбаи пешниҳодшуда барои омӯзиши таҷрибаҳои мушаххас (мисол барои омӯзиш) дар бораи ТИКР (ҳадди аксар 2000 калима)

Сарлавҳаи мисол барои омӯзиш	
Шарикони асосӣ	
Таърихи оғоз ва давомнокии лоиҳа	
Вазъи лоиҳа (давомкунанда, анҷомёфта ва ғ.)	
Муаррифии кӯтоҳ	
Тавсифи мисол барои омӯзиш, аз ҷумла шароит, заминаҳо, макон ва ҳолатҳои мутобиқати ТИКР	• Асосноккунии мантиқӣ (сабаби таҳия ва татбиқ)-и лоиҳа • Ташаббускори раванд кист? • Баҳрабардорандагони мавриди ҳадаф киҳо буданд? • Таъминкунандагони хадамот киҳо буданд? • Ташаббус чӣ гуна кор кард? • Оё пуштибон ё қаҳрамоне, ки бе ӯ лоиҳа иҷро намешуд, вуҷуд дошт? • Ҳамкорӣ вуҷуд дошт?
Идоракунӣ ва арзёбии лоиҳа	• Лоиҳа чӣ гуна идора шудааст? Аз ҷониби кӣ? • Ягон арзёбии мустақилонаи лоиҳа ҷой дошт? • Бозёфтҳои асосии чунин арзёбӣ кадомҳо буданд?
Муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва суст	• Ҷиҳатҳои қавӣ ва суст ба натиҷаи умумии ташаббус чӣ гуна таъсир расонданд?
Масъалаҳое, ки бояд баррасӣ шаванд	
Чанд савол оид ба машқ	
Тавзеҳоти дигар	
Сарчашма ва адабиёти муфид барои иттилооти изофӣ	

МУНДАРИҶА

Сарсухан....3
Пешгуфтор....5
Дар бораи қисми 1-уми Силсилаи дастурҳо....7
Мақсадҳои омӯзиш....7
Натиҷаҳои омӯзиш....7
Аз ин дастурамал чӣ гуна бояд истифода кард?....8
Феҳристи аломатҳои шартӣ....14

Бахши I – Мафҳумҳо....15
Муқаддима ба Бахши I

Боби 1: Фаҳмидани мафҳуми рушд....17
1.1 Фаҳмидани рушди инсон....17
1.2 Чорчӯбаи рушди инсон ва ҳадафҳои ҷаҳонии рушд....19
1.3 Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола....21
1.4 Идоракунии рушди инсон....24
1.5 Коммуникатсия ва рушд....27
1.6 Пайвастани ТИКР ба ҳадафҳои рушди ҷаҳонӣ....30
1.7 Гароишҳои ҷорӣ дар ТИК....31
1.8 Аз иқтисоди донишбунёд ба ҷомеаи донишбунёд....34
1.9 Пайвастани холигоҳи рақамӣ....36
1.10 Нақши чорчӯбаҳо ва созмонҳои рушди байналмилалӣ....39

Боби 2: Технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои рушд....49
2.1 ТИК дар ҳаёти мо....49
2.2 Дарки ТИК – доираи фарогирӣ ва таърифҳо....50
2.3 Ҷузъбандии технологияҳо....52
2.4 Вижагиҳои ТИК....58
2.5 Гароишҳо дар таҳаввул ва пешрафти ТИКР....62

Бахши II. - Роҳҳои татбиқи ТИК....73
Муқаддима ба Бахши II

Боби 3: Татбиқи ТИКР дар бахшҳои асосии рушд....77
3.1 Саҳми ТИК дар соҳаи кишоварзӣ ва коҳиши камбизоатӣ....77
3.2 ТИК дар соҳаи маориф....84
3.3 ТИК дар соҳаи гендер....96
3.4 Истифодаи ТИК дар соҳаи тандурустӣ....102

Боби 4: Татбиқи ТИКР барои рушди устувор....109
4.1 Ҷалби ТИК дар самти муҳити зист ва дигаршавии иқлим....109
4.2 Саҳми ТИК дар идоракунии хатари офат....114

Боби 5: Роҳҳои татбиқи ТИКР дар мудирият ва сулҳу субот....121
5.1 Ҳукумати электронӣ ва идоракунии электронӣ....121
5.2 ТИК, ҷалби шаҳрвандон ва ҷавобгарии иҷтимоӣ....126
5.3 ТИК ва сулҳ....129

Боби 6: Татбиқи ТИКР дар соҳаҳои фарҳанг ва сайёҳӣ....135
6.1 ТИК ва ҳифзи гуногунрангии фарҳангӣ....135
6.2 ТИК ва сайёҳӣ дар деҳот....138

Бахши III. - Идоракунӣ....143
Муқаддима ба Бахши III

Боби 7. Масъалаҳои идоракунии лоиҳа....147
7.1 Сиёсатгузорӣ ва идоракунӣ....147
7.2 Давраи лоиҳаи ТИКР....150
7.3 Идоракунии дигаргуниҳо....162
7.4 Эҷоди шарикӣ барои ТИКР....165

Боби 8. Идоракунии муҳтаво....171
8.1 Масъалаҳои муҳтаво ва таҳияи муҳтаво....171
8.2 Ахлоқ, ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ....174

Боби 9. Идоракунии технология....179
9.1 Дастрасӣ ба технология....179
9.2 Интихоби технология....181
9.3 Хароҷоти технология....181

Боби 10. Эҷоди тавонмандии инсонӣ дар бахши ТИКР....183
10.1 Мансабдорони ҳукумативу давлатӣ....185
10.2 Эҷоди тавонмандӣ барои оянда....186

Боби 11. Арзёбии лоиҳаи ТИКР....189
11.1 Мафҳумҳои арзёбӣ....189
11.2 Марҳилаҳои арзёбӣ....190
11.3 Рӯйкардҳо, методологияҳо ва абзорҳо....191
11.4 Методологияҳои арзёбӣ....192
11.5 Арзёбии татбиқи воситаҳои ТИКР....194

Боби 12. Хулоса....201
Замима....202
Вожаномаи истилоҳҳои калидӣ....202
Маълумотномаи Созмонҳо, муассисаҳо ва агентиҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ....209
Адабиёт барои хониши иловагӣ....218
Сарчашмаҳо....219
Посухкалидҳо барои пурсишҳои "Худро бисанҷед"....224
Ихтисораҳо....226
Дар бораи муаллиф....230

Равзанаи Мисолҳои омӯзишӣ

Мисоли 1. Бутан ва Маҷмӯи хушбахтии миллӣ....25
Мисоли 2. Пайвастани деҳаи Нангӣ ба интернет....44
Мисоли 3. НОКА дар мактабҳои олӣ....65
Мисоли 4. Reuters Market Light, Ҳиндустон....78
Мисоли 5. Санади миллии Маҳатма Гандӣ барои таъмини кафолати шуғли аҳолӣ дар деҳот, Ҳиндустон....79
Мисоли 6. Лоиҳаи ТИК дар Нинсяи Чин, 2007-2008....81
Мисоли 7. Шабакасозии донишбунёд барои рушди деҳот дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором (ENRAP)....82
Мисоли 8. eSkwela, Филиппин....87
Мисоли 9. Ташаббуси ТИК дар маорифи марбут ба мактабҳои деҳотии Муғулистон....88
Мисоли 10. Ҳалли мушкилиҳои мактаби деҳа дар раванди ТИКР аз таҷрибаи РИСОЛ....88
Мисоли 11. Донишгоҳи ҳавзаи ҷанубии уқёнуси Ором ва UPSNet....90
Мисоли 12. Бозомӯзии омӯзгорон дар Тайланд....93
Мисоли 13. Моҳияти стандарти нейтрал ва ё аз системаи операторсионӣ (омилӣ)-и компютерӣ новобастаи таълими фани технологияҳои иттилоотӣ дар мактаб....94
Мисоли 14. Кашфи Интернет ва медиаҳои иҷтимоӣ аз таҷрибаи Сафармоҳи муҳоҷир....98
Мисоли 15. Хонуми муждарасон дар Бангладеш....99
Мисоли 16. Салаам Ванита (SalaamWanita)....100
Мисоли 17. Телетиб дар Афғонистон....103
Мисоли 18. Дастрасии байнишабакавии тандурустӣ ба ташаббуси пажӯҳишӣ....105
Мисоли 19. Tikiwiki....111
Мисоли 20. Системаи огоҳсозии пешакии сунамӣ....115
Мисоли 21. Мақомоти андози Муғулистон....123
Мисоли 22. Истифодаи бартариҳои ТИК-и мобилӣ дар бозори меҳнат аз таҷрибаи “Дастрасӣ”....124
Мисоли 23. Мо Метавонем барои ҷалби шаҳрвандон дар ҳалли мушкилиҳои шаҳр....127
Мисоли 24. Таваҷҷуҳи васеи давлат ба шикоятҳо тавассути татбиқи технология (SWAGAT), Гуҷарот, Ҳиндустон....128
Мисоли 25. Сентернет (CenterNet)....136

Мисоли 26. Лоиҳаи пойгоҳи додаҳои миллӣ: дарси арзишманду ибратомӯз барои Бангладеш....144
Мисоли 27. Марказҳои бисёррасонаӣ барои хоҷагидорон (фермерон) ва кормандони соҳаи тандурустӣ дар Гана....154
Мисоли 28. Системаи харидории электронии Филиппин....163
Мисоли 29. Шабакаи обёрӣ ва технологияи коммуникатсионӣ дар Перу....166
Мисоли 30. Пойдории шарики лоиҳаҳои ТИК дар кишварҳои дар ҳолирушд....168
Мисоли 31. MMS ва занон дар Тҳени: эҷоди муҳтавои маҳаллӣ барои истифодаи маҳаллӣ....173
Мисоли 32. Телефони мобилӣ ангезандаи воҳима ё оинаи мушкилиҳои ҷомеа....184
Мисоли 33. Арзёбӣ кардани лоиҳаи ТИК дар музофоти Нинсяи Чин....195

Равзанаи Ҷавонон дар амал

Ҷавонон дар амал 1. Копо Копо....64
Ҷавонон дар амал 2. Радиои деҳот барои хоҷагидорон (фермерон)-и камзамин....83
Ҷавонон дар амал 3. Nahrani.com....83
Ҷавонон дар амал 4. AIESEC, Лоиҳаи Switch....95
Ҷавонон дар амал 5. HARASSmap....102
Ҷавонон дар амал 6. NextDrop....102
Ҷавонон дар амал 7. Системаи назорати фосилавии бемор....106
Ҷавонон дар амал 8. Бикӯшед, то садои шуморо дар Rio+20 ва дигар форумҳои байналмилалии рушд бишнаванд....109
Ҷавонон дар амал 9. Шумо бо Партовҳои электронӣ чӣ кор карда метавонед?....113
Ҷавонон дар амал 10. Ushahidi....117
Ҷавонон дар амал 11. Бозии «Офатро пешгирӣ кун!»....118
Ҷавонон дар амал 12. Дафтарҳои хотираи фаромӯшшуда (ForgottenDiaries)....132
Ҷавонон дар амал 13. Саргузашт ва ё таҷрибаи худро нақл кун....138
Ҷавонон дар амал 14. Оё шумо менеҷери хуби лоиҳа ҳастед? Худро биозмоед....162
Ҷавонон дар амал 15. Ба Академияи маҷозии МБОТИКР ҳамроҳ шавед....186

Феҳрасти Равзанаҳо

Равзанаи 1. Нишонгоҳҳо ва ҳадафҳои рушди ҳазорсола....22
Равзанаи 2. Саргузашти Манҷу....36
Равзанаи 3. Холигоҳи рақамӣ....37
Равзанаи 4. Иҷрои ӯҳдадориҳои Хазинаи хадамоти ҳатмии фаромиллӣ (универсалӣ)....38
Равзанаи 5. ТИК чӣ гуна ҳаёти моро тағйир медиҳанд....49
Равзанаи 6. Инқилоби ТИ-и Ҳиндустон ва нақши чорчӯбаҳои сиёсатгузорӣ дар ин инқилоб....57
Равзанаи 7. Телефони ман компютери ман аст....63
Равзанаи 8. Нармафзори озоду кушодаасос....65
Равзанаи 9. Интернети чизҳо....68
Равзанаи 10. Баъзе навъҳои муҳтавои аз ҷониби корбар эҷодшуда....69
Равзанаи 11. Дастурамали хуб барои тарҳрезии лоиҳаҳои бо ТИК идорашаванда дар кишварҳои дар ҳоли рушд....145
Равзанаи 12. Қадамҳо дар таҳияи сиёсатгузорӣ ва стратегияи ТИКР....148

Феҳрасти Тасвирҳо

Тасвири 1. Шумораи хатҳои телефони собит, корбарони телефонҳои кандуӣ (мобилӣ) ва Интернет ба таносуби 100 нафари аҳолӣ дар ҷаҳон дар солҳои 1990-2009....30
Тасвири 2. Таъсири рушди иқтисодии ТИК....35
Тасвири 3. Тақсимоти ҷаҳонии хадамоти офшории (бурунмарзии) технологияи иттилоотӣ ва ITES....35
Тасвири 4. Корбарони Интернет барои 100 сокин, мутобиқи гурӯҳи кишварҳо, 2000-2009....37
Тасвири 5. Ҳадафҳои Саммити ҷаҳонӣ оид ба ҷомеаи иттилоотӣ (WSIS)....41
Тасвири 6. Мактаби миёнаи Ҳиманчал, деҳаи Нангӣ....44
Тасвири 7. Гуруҳбандии намудҳои ТИК....52
Тасвири 8. Ҷаҳони чизҳо ва хизматрасониҳои баҳампайваста: Интернети чизҳо ва коммуникатсияи мошин-ба-мошин....67
Тасвири 9. Ҷонибҳои манфиатдори ТИК барои рушд....74
Тасвири 10. Ташаббуси e-Choupal-и бар ТИК асосёфта барои хоҷагидорон барои муқоисаи нархҳои маҳсулоти истеъмолӣ дар Ҳиндустон....78

Тасвири 11. Хоҷагидоре барои ба даст овардани иттилоот аз RML телефони мобилии худро истифода мебарад....78
Тасвири 12. Намудори вебсафҳаи MGNREGA....80
Тасвири 13. Истифодаи ТИК дар Сингапур....84
Тасвири 14. Имконияту манфиатҳо аз истифодаи ТИК дар соҳаи маориф....85
Тасвири 15. Кишварҳои бартаридодаи Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором....86
Тасвири 16. Бозомӯзии компютерӣ дар Ҷумҳурии халқӣ-демократии Лаос....91
Тасвири 17. Намунаи сабадҳое, ки маҳсули эҷоди кадбонуҳои Салаам Ванита мебошанд....100
Тасвири 18. Пешвозанони бумии Созмони мардуми бумӣ дар Боливия....101
Тасвири 19. Муассисаҳои дар чорчӯбаи HINARI ба қайд гирифташуда....105
Тасвири 20. Панелҳои офтобӣ дар Бутан....110
Тасвири 21. Системаи бонги пешакӣ аз қаҳтии Агентии Иёлоти Муттаҳида оид ба рушди байналмилалӣ....112
Тасвири 22. Нусхаи сурати экран аз вебсафҳаи «Офатро пешгирӣ намо!»....118
Тасвири 23. Равзанаи ягонаи ҳукумати электронӣ....122
Тасвири 24. Интернет-киоск дар яке аз деҳаҳои Африка....123
Тасвири 25. Нусхаи навори вебсафҳаи Мақомоти андози Муғулистон....124
Тасвири 26. Нусхаи навори вебсафҳаи SWAGAT....128
Тасвири 27. Нусхаи навори вебсафҳаи Релиф-Веб....130
Тасвири 28. Тасвири навори саҳифаи хонагии сентернет....136
Тасвири 29. Нусхаи навори саҳифаи хонагии Коллеҷи будоиёни Дҳарма Драм....137
Тасвири 30. Маркази пурталотуми шаҳр дар Чин....138
Тасвири 31. Давраи идоракунии лоиҳа....151
Тасвири 32. Устувонаи намуна барои таҳлили ҷонибҳои манфиатдор....153
Тасвири 33. Сохтори тақсимоти кор ва тарҳи (схемаи) Гант: Намунаи татбиқи НОКА барои идоракунии лоиҳа....156
Тасвири 34. Намояи (профили) хатарҳо....157
Тасвири 35. Масъулияти иҷтимоӣ ва ТИКР дар барномаи MGNREGA....167
Тасвири 36. НОКА ва барномаҳои Web 2.0, ки барои корбарон дар эҷоди муҳтавои хусусии онҳо дастрасанд....172
Тасвири 37. Занони Тҳени барои коммуникатсия телефонҳои мобилиро истифода мебаранд....173
Тасвири 38. Дастрасӣ ба зинанизоми ТИК....179
Тасвири 39. Манзараи тағйирпазир: саводнокиҳои нав....183
Тасвири 40. Марҳилаҳои арзёбии ТИК барои тиҷорат ва ТИКР....193

Феҳрист Ҷадвалҳо

Ҷадвали 1. «Гароишҳо дар Нишондиҳандаи рушди инсон дар солҳои 1970-2010» гароишҳои мураккабро нишон медиҳад....20
Ҷадвали 2. Мақомбандӣ ва холҳои иқтисоди рақамӣ дар соли 2010....32
Ҷадвали 3. Феҳристи нишондиҳандаи татбиқи ТИК дар кишварҳои дар ҳоли рушд ва созмонҳои байналмилалие, ки дар Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором ҷалб шудаанд....41
Ҷадвали 4. Вижагиҳо ва маҳдудиятҳои намудҳои гуногуни ТИК....58

Феҳристи аломатҳои шартӣ

Мисолҳои омӯзишӣ

Нуктаҳо барои ёддошт

Машқи амалӣ

Саволҳо барои андеша

Худро бисанҷед

Мисоли «Ҷавонони фаъол»

БАХШИ I – МАФҲУМҲО

Ҳадафҳои омӯзишӣ

Ҳадафҳои омӯзишии ин бахш ба омӯзандагон муаррифӣ кардани нуктаҳои зерин аст:

- Мафҳумҳои асосии рушди инсон;
- Алоқа дар байни коммуникатсия ва рушд;
- Мафҳуми «холигоҳи рақамӣ» (тафовути рақамӣ);
- Таърифҳои технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК);
- Тарафҳои қавӣ ва сусти ТИК.

Натиҷаҳои омӯзиш

Пас аз анҷоми ин бахш, омӯзандагон ба фаҳмидани нуктаҳои зерин қодир хоҳанд буд:

- Мафҳумҳои асосӣ дар соҳаи рушди инсон;
- Унсурҳои асосии истифодаи коммуникатсия барои рушд;
- Роҳҳои бартараф намудани холигоҳи рақамӣ;
- ТИК ва тарафҳои қавиву сусти онҳо;
- Мафҳуму гароишҳо (тамоюлҳо)-и асосии соҳаи ТИК барои рушд (ТИКР).

Муқаддима

Дар саросари олам нобаробарии рушди иқтисодӣ ва дигаргунии иҷтимоӣ аз воқеияти пуртаззод дарак медиҳад. Кӯдакони хиёбонии пойлӯчу жандапӯш дар баъзе кишварҳо мошинҳои гаронбаҳоро шустушӯ карда, ҷилодор месозанд. Занони синну соли гуногун дар майдонҳои сохтмонии биноҳои осмонбӯс, хонаҳои манзилӣ ва марказҳои савдо бетонкашӣ мекунанд.

Агар кишварҳои гуногунро муқоиса кунем, тафовут дар байни одамони аз ҷиҳати иқтисодӣ сарватманд ва нодор дар чист? Ба назари баъзеҳо, ин нодории даромад аст. Нодории даромад ин надоштани даромади кофӣ барои дастрас намудани имкониятҳое мебошад, ки барои сарватмандон муқаррарианд. Дигарон чунин далел пеш меоранд, ки таърихи истисмори иқтисодӣ мӯҷиби нодории шадид шудааст. Ба ақидаи гурӯҳи сеюм бошад, ин воқеияти таърихӣ ба нобаробарии ҷинсӣ ё худ ба вазъияти афсурдакунандаи занону духтарон вобаста аст. Вобаста ба соҳаҳои инфиродиву коллективии илмии худ, донишмандону сиёсатмадорон ба мубоҳисаҳои густурда дар бораи рушд ва таърихи он саҳм гузошта истодаанд. Ин гуна мубоҳисаҳо ба тарҳрезии роҳҳои коҳиши нобаробарии бузург дар байни нодорон (камбизоатон) ва сарватмандон мусоидат хоҳанд кард.

Ғараз аз ин муқаддима ворид шудан ба мубоҳисаи ҷиддӣ дар бораи рушд нест. Балки мақсад ҷалби таваҷҷуҳ ба мафҳуми соддае бо номи ТИК аст. Имрӯз ТИК ба ҷомеаи ҷаҳонӣ имконияти беназир барои бознигарӣ кардани роҳу воситаҳои рушд тавассути таъмини дастрасӣ ба дониш ва хадамоте пешниҳод менамояд, ки пештар ба якчанд сарватманд маҳдуд буд.

Мубоҳисаҳои кунунӣ доир ба рушд ба нақши коммуникатсия ва иттилооту дониш ҳамчун тағйирдиҳандаи тафовут дар байни сарватмандону нодорон бахшида шудааст. Ба ибораи дигар, агар нодорон саводи иттилоотӣ[1] дошта бошанд, ба истифода бурдани иттилоот барои беҳтар кардани шароити зиндагии худ қодир хоҳанд буд. Барои аз нигоҳи иттилоотӣ саводнок будан, нодорон (камбизоатон) ба дастрасии яксон ба иттилоот ва донишу хадамоте, ки барои сарватмандон чизи муқаррарист, ниёз доранд. Аз ин гуна имконият нодорон на камтар ва ҳатто бештар аз сарватмандон манфиат хоҳанд бардошт.

Барои фаҳмидани нақши ТИК дар раванди рушде, ки ҳоло дар олам ҷараён дорад, таҳқиқ намудани мафҳумҳои мавҷудаи рушд ва омӯхтани нақши таърихии ТИК дар ин раванд ва сипас алоқаманд сохтани ТИК ба ҳадафҳои рушд зарур аст. Ташхиси ин гуна технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК), ҷузъу унсурҳои гуногуни онҳо, хусусиятҳои онҳо, маҳдудиятҳои онҳо ва

[1] Барои аз нигоҳи иттилоотӣ саводнок будан, инсон бояд донад, ки кай иттилоот лозим аст, яъне қобилияти маконёбӣ, арзёбӣ ва истифодаи самараноки иттилооти заруриро доро бошад. Ин таъриф дар ин сарчашма дода шудааст: Ассотсиатсияи китобхонаҳои амрикӣ, «Ассотсиатсияи китобхонаҳои амрикоии Кумитаи президент оид ба саводнокии иттилоотӣ: гузориши ниҳоӣ» (Чикаго, 1989).

таъсири мутақобилаи онҳо бо ҳамдигар ва ҳамчунин бо муҳитҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва технологӣ муҳим аст. Фаҳмидани гароишҳо (тамоюлҳо)-и падидоянда дар тафаккури ҷаҳониён дар бораи мақсади рушд ва шинос шудан ба нақши муассисаҳои байналмилалӣ дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором барои истифодаи ТИК дар раванди рушд низ зарур аст.

Ин масъалаҳое мебошанд, ки дар ин бахш мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

БОБИ I. ФАҲМИДАНИ МАФҲУМИ РУШД

Рушд ин дигаргунӣ ба сӯи беҳбудӣ ва барои фароҳам овардани зиндагии беҳтар барои ҳар шахс аст. «Зиндагии беҳтар барои ҳар шахс» метавонад дар кишварҳову заминаҳои гуногун маъноҳои гуногунро дошта бошад. Вале ин мафҳум танҳо ба ҷаҳони рӯ ба инкишоф ё худ дар ҳоли рушд маҳдуд нест. Дар ҷаҳони пур аз нобаробариҳо, зиндагии беҳтар, пеш аз ҳама, маънои қонеъ намудани эҳтиёҷоти асосӣ ба ғизо, манзил, маориф, тандурустиву муҳити амнро дорад. Ин муҳитест, ки ҳамаи одамон метавонанд бошарафона умр ба сар баранд. Зиндагии беҳтар ё рушд танҳо пулу сарват нест. Инчунин, ин гуна зиндагӣ иборат аз рафтору арзишҳое мебошад, ки тамоми ҷомеа онҳоро гиромӣ медоранд.

1.1 Фаҳмидани рушди инсон

Зери мафҳуми рушд мо чиро дар назар дорем?
Ин истилоҳи нав нест; балки он хеле мураккаб, пур аз зидду нақиз ва мубоҳисаву иддаоҳост. Бар асоси заминаҳои иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, мазҳабӣ ва қавмӣ ин истилоҳ барои одамони гуногун маъниҳои гуногунро дорад. Ниҳоят, ба мафҳуми рушд аз дурнамои чанде аз «фанҳои таълимӣ» метавон назар кард. Азбаски барои одамони гуногун рушд маъниҳои гуногунро дорад, таъриф кардану фаҳмидани ин истилоҳ душвор аст.

Рушд соҳаи пажӯҳишу таҳқиқоте мебошад, ки махсусан дар нимаи дувуми асри 20 аз дурнамоҳои гуногун мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтааст. Барои муқаррар кардани алоқамандӣ дар байни дурнамоҳои кунунии рушд ва истифодаи ТИК баҳри рушд, фаҳмидан зарур аст, ки баҳсҳои марбут ба рушдро чӣ гуна метавон ба чаҳорчӯби рушди инсон ворид кард.

Чашмандозҳои ҷории рушд аз давраи баъди Ҷанги дувуми ҷаҳон сарчашма мегиранд, вақте истилоҳи «рушд» ҳамчун бозсозӣ ва таҷдиди баъдиҷангии Аврупо ва дигар «гӯшаҳои ақибмонда»-и олам истифода мешуд. Ин чашмандозҳо аз таҷрибаи давраи баъдимустамликавӣ сарчашма гирифтаанд. Мувофиқи ин ақида, аксари кишварҳои навбунёди Осиёву Африқо, мутобиқи арзишҳои ғарбӣ, аз нигоҳи пешрафт хеле қафо монда буданд.

Мавлоно ва Уилсон[2] далел меоранд, ки «рушд» ҳамчун чорчӯбаи мафҳумӣ барои як қатор дигаргуниҳои инфиродӣ, ниҳодӣ, миллӣ ва байналмилалӣ моҳиятан падидаи баъди Ҷанги дувуми ҷаҳонист. Ин истилоҳ бо муосирсозӣ (модернизатсия), дигаргунӣ, демократия ва ҳамин гуна арзишҳои ҳамсони ғарбӣ ҳамрадиф аст. Мафҳуми рушд дар ибтидо бештар ба рушди иқтисодӣ тамаркуз мекард.

Рушди иқтисодӣ

Дар кишварҳои дорои иқтисоди рушдкунанда мафҳумҳои дигаргуниҳои ба нақша гирифташудаи иҷтимоӣ бори аввал пас аз Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ пайдо шуданд. Дар ин контекст аксари мубоҳисаҳои оғозӣ ба рушди иқтисодӣ бахшида шуда буданд. Пиндорҳо ва фарзияҳои рушди кунунии иқтисодӣ бар чунин фаҳмише асос ёфтаанд, ки рақобат хусусияти муқаррарсозандаи фаъолияти одамон дар бозори озод мебошад. Мудохилаи кам ва ё ҳеҷ давлат ба фаъолиятҳои иқтисодӣ ба мушоҳида мерасад. Нишондиҳандаҳои иқтисодие чун Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ (МММ)[3] ва МММ-и сарикасӣ[4], Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД)[5] ва ММД-и сарикасӣ[6] ва даромади сарикасӣ нишондиҳандаҳои рушдро ташкил медоданд, ки омӯхта шудаанд. Бинобар ин, баробари афзудани МММ ва ММД ва ҳамчунин даромади сарикасӣ, пешрафт доираи васеътари аҳолӣ, аз он ҷумла нодоронро фаро хоҳад гирифт. Ба ифодаи дигар, самти пешрафт «ба поён хоҳад шорид»[7].

Бештари маврид, сиёсатгузориҳо ва пуштибониҳои муассисаҳои Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, аз ҷумла Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА), ки фавран дар давраи баъди Ҷанги дувуми ҷаҳон ташаккул

---

[2] Hamid Mowlana and Laurie J. Wilson, *Communication Technology and Development* (Paris, UNESCO, 1988).
[3] МММ - арзиши умумии ҳамаи молу хадамоти ниҳоие, ки дар ҳудуди кишваре дар соли муайян истеҳсол шудаанд.
[4] МММ-и сарикасии кишвар арзиши миёнаи молу хадамотеро нишон медиҳад, ки аз ҷониби ҳар шахс дар ҳар сол истеҳсол шудаанд.
[5] ММД арзиши умумии бозори ҳамаи молу хадамотест, ки дар ҳудуди кишвар истеҳсол шудаанд.
[6] ММД-и сарикасӣ арзиши тахминии молест, ки барои як одам дар кишвар истеҳсол шудааст.
[7] Тарафдорони равиши «ба поён шоридан» далел меоранд, ки ҳар шахси дар ҷомеа буда, аз сарвати эҷодшуда дар соҳаи саноат ва дигар бахшҳои муваффақи иқтисод тадричан манфиат хоҳанд бардошт. Ба ин сомонаҳо нигаред: http://web.mit.edu/sanyal/www/articles/Myth%20of%20Dev.pdf ва http://www.investorwords.com/5075/trickle_down_theory.html.

ёфтаанд, бар ин назарияи иқтисодӣ асос ёфтаанд. Аз ҳамон замон парадигмаҳо (системаи ягонаи назариявӣ ва мафҳумӣ)-и наве чун Ризоияти (Консенсуси) умумии Вашингтон[8], танзими сохторӣ (structural adjustment) ва ақидаи он, ки камбизоатӣ аслан тавассути пешрафти густурдаи бахши хусусӣ решакан мешавад, зуҳур кард.. Бисёр кишварҳо ислоҳоти иқтисодиеро, ки аз ҷониби Консенсуси Вашингтон пешниҳод шудааст, қабул кардаанд. Вале интиқоди густурдае дар бораи оқибатҳои иҷтимоиву сиёсии чунин ислоҳот, махсусан, дар заминаи ҷаҳонишавӣ (глобализатсия)-и афзоянда вуҷуд дорад. Бӯҳрони молиявии Осиё дар солҳои 1990-ум ва охирин бӯҳрони молиявии ҷаҳонии соли 2008 ба чунин боварие хотима гузошт, ки танҳо дигаргунии иқтисодӣ тавассути пешрафти бахши хусусӣ метавонад боиси рушди ҳаматарафа дар ҷомеа гардад.

Дувумин чашмандози бузург ба рушди иқтисодӣ аз иқтисоди нақшавии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, Аврупои Шарқӣ ва Чин сарчашма мегирад. Давлат ба бозигари асосӣ ва ҳатто ягонаи фаъолиятҳои иқтисодӣ табдил ёфт ва рушд бошад равиши марксистӣ-ленинии[9] рушди иқтисодиро касб кард. Кишварҳои дигаре чун Ҳиндустон роҳи миёнаро бо рушди иқтисоди нақшавӣ тавассути мудохилаи густурдаи давлат ба иқтисодиёте пайравӣ кардаанд, ки баробари пешрафти бахши хусусӣ фаъолият мебаранд.

Назарияҳои иҷтимоӣ, равоншиносӣ ва фарҳангии рушд

Барои дарки нерӯҳои такмил ва рушд дар сатҳи фард ва гурӯҳи бузургтари иҷтимоӣ дастае аз олимон, дар заминаи мактаби фалсафаи сиёсиву иҷтимоии ғарбӣ, саргарми омӯзиши муосирсозии фард ва гурӯҳҳо буданд. Як дастаи калони олимони сиёсатшинос, ҷомеашинос ва равоншиноси муассисаҳои мумтози Ғарб кӯшиданд то дар робита бо анъанаҳои иҷтимоӣ ва хусусиятҳои шахсият дар байни фард ва ҷомеаҳои «анъанавӣ» ва «муосир» тафовут гузоранд[10]. Барои ин олимон муосирсозӣ ва рушд маънои гузаштан аз ҷомеаҳои анъанавӣ, ҷамоавӣ ва феодалӣ ба он ҷомеаҳоеро дошт, ки асоси онҳоро навоварӣ, маориф, иштироки сиёсӣ ва дастрасиву фароҳамсозии иттилооти тағйирдиҳандаи тарзи тафаккури одамон ташкил медод.

Чашмандозҳое, ки ин ҷо тавсиф шудаанд, истисноӣ ва фарогир нестанд. Ҳеҷ яке аз онҳо ба таври пурра падидаи рушдро шарҳ намедиҳад. Новобаста ба ин, ҳар кадоми онҳо ба баҳсҳои мавҷуда саҳми муайян ва арзишмандеро мегузорад. Ҳамаи ин чашмандозҳо дар якҷоягӣ бо дигар чашмандозҳо, аз он ҷумла дар мавриди ниёзҳои асосӣ, рушди пойдор ва чашмандозҳои занон ва рушд, ки ҳама дар ибтидои солҳои 1970-ум муаррифӣ шудаанд, аз зовияи якдигар мегузаранд ва ё ҳамдигарро фаро мегиранд.

Ин равишҳои пешин базудӣ мавриди баҳсу танқид қарор гирифтанд. Омори макроиқтисодие, ки дар бисёр кишварҳо ҷамъоварӣ шудааст, бештари вақт воқеиятро пинҳон мекард. Пешрафти ҳамаҷонибаи иқтисодӣ наметавонист ҳамеша ба решакан кардани камбизоатӣ оварда расонад. Баръакс, он баъзан ба нобаробарии зиёдтар дар тақсимоти даромад бурда мерасонд. Маълумоти эмпирикӣ ба нокомии назарияҳои рушд дар решакан намудани нодорӣ ва коҳиш додани гуруснагӣ пайваста гувоҳӣ медоданд. Бар ивази ин, бештари вақт суръати баланди рушд бо нодориву маҳрумият, нобаробарӣ, беназмии иҷтимоӣ ва таназзули бузургмиқёси муҳити зист паҳлӯ ба паҳлӯ буд. Норизоиятии кишварҳо ба назарияҳои мавҷудаи рушду инкишоф аз тасаввурот ва таҷрибаҳое сарчашма гирифтаанд, ки чунин назарияҳо ба баланд бардоштани сифати зиндагии мардум ҳеҷ гуна таъсири воқеӣ гузошта наметавонанд. Гурӯҳҳои ҳифзи ҳуқуқи башар ва ҳаракатҳои мардуми оддӣ ба нокомии моделҳои иқтисодӣ барои ҳалли масъалаҳои муҳим ва фарогири одамон дар саросари олам ва махсусан дар кишварҳои фақир ва дар ҳоли рушд пайваста таъкид менамуданд.

---

[8] Истилоҳи Консенсуси Вашингтон бештар ба маконёбӣ ба сӯи сиёсатҳои озоди бозорӣ руҷӯъ мекунад, ки тақрибан дар давоми солҳои 1980-2008 дар байни иқтисоддонҳо, сиёсатмадорон, рӯзноманигорони барҷаста ва муассисаҳои ҷаҳоние чун Хазинаи байналмилалии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ дорои нуфузу қудрат буд. Ин истилоҳ метавонад ба сиёсатҳои ба бозор нигаронидашудае ишоҳ намояд, ки ҳам барои иқтисоди пешрафта ва ҳам иқтисоди зуҳуркунанда тавсия дода ва амалӣ карда мешавад. Ба сомонаи зер нигаред: http://en.wikipedia.org/wiki/Washington_Consensus.

[9] Назарияи сиёсии марксизм-ленинизм системаи комили таҳлили сиёсиву иқтисодии ҷамъият аст. Он дар қарни бистум ба сифати нуқтаи муқобили сиёсати иқтисодии либералӣ ва инфиродӣ хидмат мекард. Ҳарчанд бисёр далелҳое вуҷуд доранд, ки системаи иқтисодии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ тафаккури марксистиро беолоиш инъикос кардааст, бештари вақт ҳамчун системаи иқтисодие шарҳ дода шудааст, ки дар он на бозор балки давлат бозигари асосии рушди иқтисодии ҷомеа дониста мешавад.

[10] Дар миёни ин гурӯҳи олимон, донишмандони сиёсие буданд чун Эверет Ҳейген, муаллифи китоб «Дар бораи назарияи тағйироти иҷтимоӣ» (1962), Самуел Ҳантингтон, муаллифи китоби «Тартиботи сиёсӣ дар ҷомеаҳои тағйирёбанда» (1968), С.Н. Айзенштадт, муаллифи китоби «Анъана, тағйирот ва даврои муосир» (1973), ҷомеашиноси деҳот Дэвид Лернер, муаллифи китоби «Гузашти ҷомеаи анъанавӣ: муосирсозии Шарқи Миёна» (1958), донишманди соҳаи коммуникатсия Эверет Роҷерс, муаллифи китоби «Муосирсозӣ дар байни сокинони деҳот» (1969) ва Вилбур Шрамм, муаллифи китоби «Воситаҳои асоити ахбори омма ва рушди миллӣ» (1964).

1.2 Чорчӯбаи рушди инсон ва ҳадафҳои ҷаҳонии рушд

Дар зимни фаъолияту баҳсҳои амалӣ ва назариявӣ дар мавриди масъалаҳои рушд, ки дар тӯли солҳои 1970-1990-ум аз тарафи иқтисоддонҳову мутафаккирони маъруфе чун Маҳбуб ул-Ҳақ[11] ва Амартия Сен[12] сурат гирифтаанд, системаи нави ақидаҳо ва мафҳумҳо дар бораи рушд падид омадаанд. Ин система ба раванди рушд бо истифода аз равиши бештар ба одамон нигаронидашуда ва башардӯстона назар меандозад. Дар асари таконбахши худ «Мулоҳизаҳо дар бораи рушди инсон»[13] Маҳбуб ул-Ҳақ далел меорад, ки афзоиши даромад ҳамчун воситаи асосӣ, вале на ҳамчун натиҷаи ниҳоии инкишоф ва зиндагии инсон баррасӣ карда шавад. Ҳақ биниши наверо дар бораи бехатарии инсон дар садаи 21 пешниҳод мекунад, ки мувофиқи он бехатарии воқеӣ бо бехатарии одамон дар хона, ҷои кор, ҷомеа ва муҳити онҳо вобаста аст.

Ин бо кори Амартия Сен тавъам шуда, парадигма (системаи ақидаву мафҳумҳо)-и навро дар бораи рушд ба вуҷуд овардааст. Дар китоби худ «Рушд ҳамчун озодӣ»,[14] Амартия Сен далел меорад, ки озодии фард барои иштироки сиёсӣ, рушди иқтисодӣ ва пешрафти иҷтимоӣ тавонмандиро эҷод менамояд. Ҳадафи ҳама гуна пешрафт тавоноии татбиқи чунин озодист, яъне озодии интихоб ва дар ин замина тавоноии фард барои баргузидани имкониятҳое, ки сифати ҳаёти ӯро муайян менамоянд. Кори Ҳақ ва Сен дар робита ба рушд боиси густариш ёфтани нишондиҳандаҳои нави рушд гардид. Ин нишондиҳандаҳо ба инкишоф ва озодиҳои иҷтимоӣ тамаркуз карда, ба равишҳои ба одамон нигаронидашудаи рушд аҳамияти бештар медиҳанд. Озодии интихоби нодоронро камбудии даромад, маориф, тандурустӣ ва баробарӣ дар ҷомеа маҳдуд мекунад. Баъзан сабаби ин маҳдудиятҳо дар мақоми иҷтимоиву иқтисодӣ, ҷинс, мазҳаб ва қавмияти одамон нуҳуфта аст.

Нокомии моделҳои иқтисодӣ барои ҳалли масъалаҳои марбут ба рушд ба ҷустуҷӯи равиши наве ҳидоят кард, ки одамонро дар маркази раванди инкишоф гузоштааст. Бо пешгомии Ҳақ ва Сен, равиши рушди инсон аз ҷониби Барномаи Рушди Созмони Милал (БРСММ) дар соли 1990 муаррифӣ гардида, минбаъд аз тарафи созмонҳои дигар дастгирӣ шудааст. Ин равиш ҳам шоиста ва ҳам манфиатбахш аст, чунки он некӯаҳволии инсонро ҳамчун дастоварди ниҳоии раванди муайяни рушди иқтисодиву иҷтимоӣ таъкид менамояд. Равиши мазкур назареро, ки пешрафти моддиро чун роҳи ягона ва ниҳоии ҳал медонад, инкор мекунад. Бар ивази ин, равиши нав ба некӯаҳволии фардҳо ҳамчун ҳадафи ниҳоӣ тамаркуз менамояд.

Дар шароити имрӯза Гузориши рушди инсон (ГРИ), ки аз ҷониби БРСММ таҳия шудааст, санади муҳиме мебошад, ки нуктаҳои умдаи рушди инсонро баррасӣ мекунад. Гузоришҳои солонаи рушди инсон, ки ба пажӯҳишу таҳлили хуби сиёсӣ асос ёфтаанд, боиси густариши мубоҳисаҳо дар атрофи рушд гардида, тавсияҳои даркорӣ барои фаъолияти амалӣ пешкаш мекунанд. Гузориши рушди инсон аз муаррифиномаҳои мавзӯии солона, таърифҳо, андозагирӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои маориф, тандурустӣ ва даромад иборат мебошад, ки аз рӯи онҳо бояд стандартҳои муносиби зиндагӣ ва Нишондиҳандаи рушди инсон (НРИ) таҳия ва таъмин гардад.

Гузоришҳои рушди инсон бар панҷ нишондиҳандаи рушд асос меёбанд:
1) Нишондиҳандаи рушди инсон;
2) Нишондиҳандаи 1-уми камбизоатии инсон (НКИ 1) барои кишварҳои дар ҳоли рушд;
3) Нишондиҳандаи 2-уми камбизоатии инсон (НКИ 2) барои кишварҳои интихобшудаи узви Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР);
4) Нишондиҳандаи рушд вобаста ба гендер ва
5) Андозаи тавонмандсозии гендерӣ.

Ҳар яке аз инҳо бо истифода аз андозаҳову нишондиҳандаҳои гуногун таҳия мешаванд.[15]

Нишондиҳандаи рушди инсон ҳисоби миёнаи се нишондиҳанда аст: дарозии миёнаи умр, маориф (саводнокӣ) ва стандарти зиндагӣ. Дар асоси дастрасии имкониятҳои интихоб, ин нишондиҳанда

---

[11] Иқтисоддони оламшумули покистонӣ, ки асари ӯ ба воқеияти иҷтимоӣ бахшида шудааст. Ӯ ҳамчун бунёдгузори «нишондиҳандаи рушди инсон» - омори фарогир барои муайян кардани мақоми кишварҳо тавассути сатҳи «рушди иқтисодӣ», эътироф шудааст.

[12] Амартия Сен - барандаи ҷоизаи Нобел аз Ҳиндустон аст, ки чашмандозҳои ӯ ба рушд пуштибони назарияҳову равишҳои кунунии рушд дар Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола аст.

[13] Mahbub ul Haq, *Reflections in Human Development* (Oxford University Press, 1995).

[14] Amartya Sen, *Development as Freedom* (New York, Alfred A. Knopf, 1999).

[15] Барои шарҳи муфассали он, ки ин муҳосибот чӣ гуна анҷом дода мешаванд, ба ин мавод нигаред: “Technical Note 1: Calculating the human development indices”, in *Human Development Report 2007/2008* (New York, 2007), http://hdr.undp.org/en/media/HDR_20072008_Tech_Note_1.pdf.

сатҳи рушди гурӯҳҳои рушдкарда, дар ҳоли рушд ва рушднакардаро муқоиса мекунад. Мантиқ дар он аст, ки гурӯҳи бештар рушдкарда имкониятҳои бештари интихобро дорад.
Барои омӯхтани дигаргунӣ ва пешрафт дар кишварҳои гуногун, ба гузориши яксола набояд маҳдуд шуд. Бинобар ин, ба назар гирифтани гароишҳои мураккаб дар давоми солҳои 1970-2010, ҳамон тавр ки дар Гузориши рушди инсон дар соли 2010 таҳлил шудаанд, муфид аст. Ҷадвали 1 «Гароишҳо дар Нишондиҳандаи рушди инсон дар солҳои 1970-2010» гароишҳои мураккабро нишон медиҳад.[16]

Ҷадвали 1. Гароишҳо дар Нишондиҳандаи рушди инсон, солҳои 1970-2010

	Арзиш 2010	%-и дигаргунӣ		Арзиш 2010	%-и дигаргунӣ		Арзиш 2010	%-и дигаргунӣ		Арзиш 2010	%-и дигаргунӣ		Арзиш 2010	%-и дигаргунӣ	
		1970 – 2010	1990 – 2010		1970 – 2010	1990–2010		1970 – 2010	1990–2010		1970 – 2010	1990–2010		1970 – 2010	1990– 2010
Гурӯҳҳои минтақавӣ															
Кишварҳои дар ҳоли рушд	0,64	57	23	68	21	8	81	61	21	66	28	24	5,873	184	89
Кишварҳои Араб	0,66	65	20	70	37	10	74	149	41	64	89	22	8,603	66	44
Осиёи Шарқӣ ва ҳавзаи Уқёнуси Ором	0,71	96	35	73	23	9	94	76	18	69	7	31	6,504	1,83	352
Аврупо ва Осиёи Марказӣ	0,75	13	4	69	3	2	97	7	2	82	17	7	11,866	120	20
Амрикои Лотинӣ ва ҳавзаи Баҳри Кариб	0,77	32	12	74	24	9	92	27	10	83	59	16	11,092	88	42
Осиёи Ҷанубӣ	0,57	72	31	65	33	12	66	113	46	59	64	29	3,398	162	119
Кишварҳои ҳошияи Саҳрои Африка	0,43	53	21	52	19	7	56	183	43	54	109	42	1,466	20	28
Кишварҳои рушдкарда	0,89	18	7	80	13	6	99	2	1	92	33	14	37,185	126	38
Кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР)	0,89	18	7	80	13	6	99	2	1	92	33	14	37,185	126	38
Кишварҳои ғайри узви Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР)	0,86	24	9	80	14	7	96	13	6	79	29	10	40,043	263	58
Гурӯҳҳои Нишондиҳандаи рушди инсон															
Паст	0,44	61	27	55	27	11	63	180	48	52	98	43	1,434	33	44
Миёна	0,65	83	31	69	25	9	82	79	24	65	21	28	5,010	606	237
Баланд	0,77	24	9	73	15	7	93	20	8	82	38	13	12,610	94	35
Хеле баланд	0,89	18	7	80	13	6	99	2	1	92	33	14	37,185	126	38
Нишондиҳандаи чаҳорякии омехтаи рушди инсон барои соли 1970															
1 (пасттарин)	0,60	82	32	66	22	8	76	96	29	61	23	33	4,323	560	250
2	0,69	51	16	71	34	11	88	53	15	74	55	16	7,334	110	53
3	0,79	24	9	75	15	6	96	11	4	85	36	16	14,486	152	54
4 (баландтарин)	0,88	16	6	79	11	5	99	1	0	91	29	11	34,585	122	36
Нишондиҳандаи миёнаи ҷаҳонӣ	0,68	41	18	70	18	7	83	39	15	70	26	20	10,645	107	47

Эзоҳ: Ҳамаи арзишҳо нисбат ба аҳолӣ баён шудаанд. Дарозии миёнаи умр бо сол, саводнокӣ ва номнависии холис бо дарсадӣ ва даромад бо баробарии қобилияти харидории соли 2008 бо доллари амрикой баён шудаанд. Барои тавсифи муфассалтар ба «Таърифҳои истилоҳоти оморӣ» нигаред. Намуна 135 кишварро фаро мегирад ва ин гурӯҳ метавонад аз нишондиҳандаҳои овардашуда дар ҷадвалҳои омории 1-17 фарқ дошта бошад. Нишондиҳандаи омехтаи рушди инсон аз Нишондиҳандаи рушди инсон барои соли 2010, ки дар ҷадвалҳои омории 1 ва 2 оварда шудааст, фарқ дорад: он ҳамон намунаи функсионалӣ, вале маҷмӯи гуногуни нишондиҳандаҳоро истифода мебарад, ки дар тамоми давра дастрас аст (нигаред ба равзанаи 2.1) Гурӯҳҳои Нишондиҳандаи рушди инсон бар гузориши Нишондиҳандаи рушди инсон барои соли 2010 асос ёфтааст.

***Сарчашма**: Муҳосиботи Дафтари Гузориши рушди инсон бо истифода аз додаҳои пойгоҳи иттилоотии Дафтари Гузориши рушди инсон.*
***Сарчашма**: UNDP, Human Development Report 2010 – 20th Anniversary Edition: The Real Wealth of Nations – Pathways to Human Development (New York, 2010), p. 28, http://hdr.undp.org/en/reports/global/hdr2010.*

[16] UNDP, *Human Development Report 2010 – 20th Anniversary Edition: The Real Wealth of Nations – Pathways to Human Development* (New York, 2010), http://hdr.undp.org/en/reports/global/hdr2010.

Бо як назар ба фоизи дигаргунӣ дар давоми солҳои 1970-2010 дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором (раддаҳои 3, 4 ва 6 дар ҷадвали 1) хоҳед дид, ки дар робита ба ҳамаи андозагириҳои рушди инсон, аз нигоҳи дарозии умр, саводнокӣ ва сатҳи даромад пешрафтҳо ҷой доштанд. Вале холигоҳ дар байни кишварҳои рушдкарда ва кишварҳои дар ҳоли рушд зиёд боқӣ мемонад. Бо ҷамъбасти ин нишондодҳо, Гузориши рушди инсон барои соли 2010 ба таври зер изҳор менамояд:

«Дар тӯли 20 соли гузашта пешрафти назаррасе дар бисёр ҷанбаҳои рушди инсон дида мешавад. Бисёр одамон имрӯз солимтаранд, умри бештар мебинанд, бештар таҳсилкардаанд ва ба молҳову хадамот дастрасии бештар доранд. Ҳатто дар кишварҳое, ки бо шароити носозгори иқтисодӣ рӯбарӯянд, тандурустиву маориф хеле такмил ёфтаанд. Пешрафт на танҳо дар беҳбуд бахшидани тандурустиву маориф ва афзудани даромад, балки дар вусъат додани тавоноии одамон барои интихоби роҳбарон, таъсир расондан ба қарорҳои давлатӣ ва додугирифти дониш низ дида мешавад.»[17]

Дар "Гузориши рушди инсон барои соли 2010" бо лаҳни эҳтиёткорона чунин изҳор шудааст:

«Ҳанӯз на ҳамаи ҷанбаҳои гузориш мусбатанд. Ин солҳо нобаробарии афзоянда – ҳам дар дохил ва ҳам дар байни кишварҳо – дар байни истеҳсол ва истеъмол ба назар мерасад. Сатҳи рушд гуногун аст. Ин дар ҳолест, ки одамон дар баъзе минтақаҳо, ба монанди Африкаи Ҷанубӣ ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, махсусан, дар соҳаи тандурустӣ даврахои пастравиро аз сар мегузаронанд. Барои бартараф кардани осебпазириҳои нав аз хатару нобаробариҳо ва ҳамзамон ба манфиати ҳама истифода бурдани қувваҳои ҳаракатдиҳандаи бозор, сиёсатгузориҳои нави давлат бояд таҳия карда шаванд.[18]

Аз солҳои 1990-ум, созмонҳои байналмилаливу бисёрҷонибаи дигар низ бар асоси соҳаҳои фаъолият ва амалиёти худ оид ба мавзӯъҳои гуногуни рушд гузоришҳои солонаи худро таҳия мекунанд.[19]

Рӯйкарди (равиши) рушди инсон чунин тағйире эҷод кардааст, ки ҷаҳон ба рушд нигоҳи дигар дорад. Ин нигоҳ дар баҳсҳои сатҳи байналмилалӣ низ инъикос ёфта, уҳдадории ҷомеаи ҷаҳониро барои фаъолона пайгирӣ кардани рушд таъкид менамояд. Дар шароити кунунии ҷаҳон, аксарияти қонунҳои асосӣ (коститутсияҳо) ҳуқуқҳои баробарро ба ҳамаи шаҳрвандони худ новобаста аз қавмият, ҷинс, гендер, ранг, эътиқодҳои мазҳабӣ, гаравишҳои сиёсӣ ва мақоми иҷтимоиву иқтисодияшон кафолат медиҳанд. Агар дар воқеъ ҳамаи ҳукуматҳо ба ин ҳадафҳои начиб муваффақ мешуданд, ниёзе ба баррасии рушди ҷаҳонӣ намемонд.

1.3 Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола[20]

Соли 2000 раҳбарони кишварҳои ҷаҳон барои баррасии нақши Созмони Милал дар оғози садаи 21 дар идораи марказии Созмони Милал дидор карданд. Дар ин дидор раҳбарони кишварҳои ҷаҳон Эъломияи Ҳазорсоларо ба тасвиб расонданд. Дар Саммити Ҳазорсола 189 кишвари узви Созмони Милал барои расонидани кӯмак ба шаҳрвандони кишварҳои нодортарини олам бо ҳадафи расидан ба зиндагии беҳтар то соли 2015 дар чорчӯбаи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола (ҲРҲ) ба мувофиқа омаданд.

Дар соли 2000 аз ҷониби 189 кишвари узви Маҷмаи умумии Созмони Милал дар ҳамкории ҷаҳонӣ қабули Эъломияи Ҳазорсола ва Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола лаҳзаи ҳалкунанда буд. Барои ба нерӯи нек табдил додани раванди ҷаҳонишавӣ, Эъломияи Ҳазорсола роҳҳои ҳамкорӣ дар байни кишварҳои дорову нодорро меҷуст. Аҳамияти рушди инсон дар саҳнаҳои гуногун ва конфронсҳои ҷаҳонӣ дар тӯли солҳои 1980-1990 такрор мешуд. Бори нахуст ҳама ҷонибҳои манфиатдор, аз он ҷумла кишварҳову ҳукуматҳо, муассисаҳои сармоягузор (донорӣ) ва тарафдорони рушд, созмонҳои ғайридавлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба хулоса расиданд, ки агар дарк ва уҳдадории умумӣ вуҷуд надошта бошад, ба ҳадафи рушди одилона ҳаргиз муваффақ наметавон шуд. То анҷоми Саммит

---

[17] UNDP, *Human Development Report 2010*, p. 1.

[18] Ҳамон ҷо.

[19] Тақрибан ҳамаи муассисаҳои Созмони Милал ва муассисаҳои Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ гузоришҳои солонаро оид ба мавзӯъҳои гуногуни рушд нашр менамоянд. ЮНИСЕФ гузориши «Вазъияти кӯдакони ҷаҳон»-ро таҳия мекунад. ЮНЕСКО гузориши шабеҳро дар бораи маориф нашр менамояд. Иттиҳоди Байналмилалии Телекоммуникатсия бошад, Гузориши солонаи рушди ТИК-ро таҳия мекунад. Пайвандҳо ба ин гузоришҳо дар торнамоҳои марбутаи ин созмонҳо дастрас аст.

[20] Барои таҳлили муфассал, ин мавод нигаред: Уша Рани Вясулу Редди, Модули 1: *The Linkage between ICT Applications and Meaningful Development*, 2nd edition, *Academy of ICT Essentials for Government Leaders* module series, (Инчон, UN-APCICT/ESCAP, 2011), http://www.unapcict.org/academy.

ҳашт боби Эъломияи Ҳазорсола омода гардиданд. Ҳашт ҳадафи дигари Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола бошанд, дар солҳои баъдии саммит таҳия ва пешбарӣ шуданд.

Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ба таври васеъ дастгирӣ меёбанд. Онҳо дарбаргирандаи стратегияи махсуси коҳиши камбизоатӣ мебошанд, ки тамоми ҷаҳон худро ба он масъул донистааст. Ҳамаи кишварҳо, новобаста аз сохти идеологӣ, сиёсӣ ё фарҳангӣ, ин ҳадафҳои аз ҷониби умум қабулшударо тарафдорӣ мекунанд. Барои муваффақ шудан, ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор мақсаду ҳадаф ва стратегияҳои умумиро қабул кардаанд. Асоси ҳадафҳои системаи байналмилалиро, ки аз созмонҳои сармоягузор ва кӯмакрасони техникӣ иборат аст, барномаи умумии дастгирии рушд ташкил медиҳад. Барои кишварҳои олам уҳдадорӣ ба ҳадафҳо ва мақсадҳои гузошташуда баҳогузорӣ, пайгирӣ, назорат ва арзёбии фаъолиятҳои рушдро дар бар мегирад. Дар сурати мувофиқ омадани ҳадафҳо беш аз 1 миллиард нафар, ки дар ҳоли нодориву маҳрумият умр ба сар мебаранд, дорои воситаҳои зиндагии шоистатар ва ворастатар аз нодорӣ (камбизоатӣ) мегарданд.

Ин ҳашт ҳадаф дар равзанаи 1 оварда шудаанд.

Равзанаи 1. Нишонгоҳҳо ва ҳадафҳои рушди ҳазорсола

Ҳадафи 1: Решакан кардани камбизоатӣ ва гуруснагии шадид

Нишонгоҳи 1: Дар байни солҳои 1990-2015 то нисф кам кардани таносуби одамоне, ки даромади онҳо дар як рӯз камтар аз 1 доллари амрикоист.
Нишонгоҳи 2: Дар байни солҳои 1990-2015 то нисф кам кардани таносуби одамоне, ки аз гуруснагӣ ранҷ мебаранд.

Ҳадафи 2: Муваффақ шудан ба маълумоти ҳамагонии ибтидоӣ

Нишонгоҳи 3: То соли 2015 фаро гирифтани ҳамаи кӯдакон, чи писарон ва чи духтарон, ба давраи комили маълумоти ибтидоӣ.

Ҳадафи 3: Ташвиқи баробарии гендерӣ ва тавонмандгардонии занон

Нишонгоҳи 4: Бартараф кардани нобаробарии гендерӣ дар маълумоти ибтидоӣ ва миёна то соли 2005 ва дар ҳамаи сатҳҳои маълумот на дертар аз соли 2015

Ҳадафи 4: Коҳиш додани марги кӯдак

Нишонгоҳи 5: То аз се ду ҳисса коҳиш додани сатҳи марги тифлони то панҷсола дар байни солҳои 1990-2015

Ҳадафи 5: Беҳтар кардани саломатии модарон

Нишонгоҳи 6: То аз чаҳор се ҳисса коҳиш додани сатҳи марги модарон дар байни солҳои 1990-2015

Ҳадафи 6: Мубориза бурдан бар зидди ВНМО/БПНМ, табларза ва бемориҳои дигар

Нишонгоҳи 7: То соли 2015 пешгирӣ кардани паҳншавии ВНМИ (Вируси норасоии масунияти инсон)/БПНМ (Бемории пайдошудаи норасоии масуният) (ба русӣ: ВИЧ/СПИД) ва пасон аз байн бурдани он.
Нишонгоҳи 8: То соли 2015 пешгирии табларза ва дигар бемориҳои гузаранда ва пасон аз байн бурдани онҳо.

Ҳадафи 7: Таъмини беҳдошти муҳити зист

Нишонгоҳи 9: Ба стратегияҳову барномаҳои кишвар ворид кардани принсипҳои рушди пойдор ва коҳиш додани талафоти сарватҳои зистмуҳитӣ
Нишонгоҳи 10: То соли 2015 то нисф кам кардани таносуби одамоне, ки ба оби эмини ошомиданӣ дастрасии доимӣ надоранд.

Нишонгоҳи 11: То соли 2020 муваффақ шудан ба беҳбудии назаррас дар ҳаёти 100 миллион бошандаи харобаву вайронаҳо.

Ҳадафи 8: Таҳкиёти ҳамкории ҷаҳонӣ барои рушд

Нишонгоҳи 12: Инкишофи минбаъдаи системаи озоду қоидавӣ, пешгӯишаванда ва бидуни табъизи тиҷоративу молиявӣ.
Нишонгоҳи 13: Вокуниш ба ниёзҳои махсуси кишварҳои камрушдкарда.
Нишонгоҳи 14: Вокуниш ба ниёзҳои махсуси кишварҳои хушкибунбаст (ба роҳҳои баҳрӣ дастрасӣ надошта) ва кишварҳои дар ҳоли рушди ҷазираҳои хурд (тавассути Барномаи амал барои Рушди устувори кишварҳои дар ҳоли рушди ҷазираҳои хурд ва натиҷаи 22-юмин Иҷлоси махсуси Маҷмаи умумии СММ).

Нишонгоҳи 15: Ҳамаҷониба сару кор доштан ба масъалаҳои қарзи кишварҳои дар ҳоли рушд тавассути чорасозиҳои милливу байналмилалӣ
Нишонгоҳи 16: Дар ҳамкорӣ бо кишварҳои дар ҳоли рушд, таҳия ва амалисозии стратегияҳое, ки ҷавононро ба кори муфиду пурмаҳсул ҷалб мекунанд.
Нишонгоҳи 17: Дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои дорусозӣ, таъмин намудани дастрасӣ ба дорувории арзону муҳим дар кишварҳои дар ҳоли рушд
Нишонгоҳи 18: Дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, таъмин намудани дастрасӣ ба имкониятҳои нави технологӣ, махсусан, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК)

***Сарчашма**: UNDP, Regional Human Development Report – Promoting ICT for Human Development in Asia: Realising the Millennium Development Goals (New Delhi, UNDP, Elsevier, 2005), http://www.apdip.net/elibrary#rhdr.*

Ҳар яке аз ин ҳашт ҳадаф Нишонгоҳҳои мушаххаси худро дорад, ки кишварҳо дар роҳи расидан ба онҳо то соли 2015 дар назар доранд. Ҳадафҳои рушди ҳазорсола аз 18 нишонгоҳ ва 48 нишондиҳанда иборатанд, ки бояд барои пешрафти ҷомеаи ҷаҳонӣ пайгирӣ шаванд. Дар доираи ҳамин гуна замина ва фаҳмиши рушд баҳси мо сурат мегирад. Ҳукуматҳо ба суст будани раванди тадриҷии дигаргунӣ ва таҳаввулот қоил бошанд ҳам, уҳдадор шудаанд, ки тағйироти асрҳои аср металабидаро дар як мӯҳлати кӯтоҳ, лек пуршиддати 15 сола (аз соли 2000 то 2015) ба даст оранд.. Ҳамчунин, як қисми уҳдадории ҷаҳонӣ стратегия ва нақшаи фаъолият аст барои расидан ба ҳар як аз ҳадафҳову нишонҳое, ки фаъолиятро дар сатҳҳои ҷаҳониву миллӣ пешбинӣ мекунанд ва бо фаъолиятҳои сатҳи минтақавӣ дастгирӣ меёбанд. Дар роҳи расидан ба ин ҳадафҳо Созмони Милал масъул аст, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ тавассути унсурҳои асосие чун мониторинг, таҳлил, маъракаҳо ва сафарбарсозиҳо кор барад. Дар сатҳи миллӣ муҳим аст, ки чорчӯбаҳои тавонмандсозии сиёсатгузорӣ аз роҳи ҳамкорӣ ва фаъолиятҳои таҳқиқотию амалӣ вуҷуд дошта бошанд. Ин гуна чорчӯбаҳои амал дар санадҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва дигар нақшаву стратегияҳои миллии шабеҳ дар назар дошта шудаанд. Стратегияҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ аз ҷониби муассисаҳои гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ пешбарӣ шудаанд. Аксаран, ин стратегияҳо санадҳои сиёсатгузориву мавқеӣ мебошанд, ки стратегияҳои инфиродии макроиқтисодӣ, сохторӣ ва иҷтимоии кишварро ҳадди ақал дар тӯли се сол тавсиф менамоянд. Ин стратегияҳо аз ҷониби кишварҳои узв тавассути раванди муштараки ҷалби ҷонибҳои манфиатдори дохилӣ ва дар баъзе мавридҳо бо дастгирии шарикони рушди байналмилалӣ таҳия мешаванд.[21] Намунаи хуби чунин стратегия Нақшаҳои панҷсола ва Санадҳои рӯйкардӣ ба Нақшаҳои панҷсолаи Ҳиндустон, ки аз соли 1952 омода мешавад, мебошанд.[22]

Барои мутобиқ кардани ҳадафҳо, аз соли 2004 якчанд бознигарии миёнамуддати пешрафти ҷаҳониву минтақавӣ дар гӯшаҳои гуногуни олам сурат гирифтанд. Дар нимароҳи давраи муқарраршудаи 15-сола, соли 2007 зангӯлаҳои бонги хатар садо медоданд. Пешрафтҳо дида мешуданд, вале кофӣ набуданд. Гузориши Ҳадафҳои рушди ҳазорсола дар соли 2007[23] нишон медиҳад, ки пешрафти ҷаҳонӣ нобаробар сурат мегирад. Гузориши соли 2011[24] низ ҳаминро тасдиқ мекунад. Дар бисёр кишварҳо баробари коҳиши сатҳи камбизоатӣ баъзе манфиатҳои намоён ва густаришёфта ҷой доранд. Аз он ҷумла ҳар як минтақа дар таъмини шароити дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ пешрафт кардааст. Аммо одамони бештар осебпазир ҳанӯз ҳам дастрасии маҳдуд доранд. Пешрафти нобаробар дар байни аҳолии шаҳру деҳот ноумедкунанда боқӣ мемонад. Илова бар ин, пажӯҳиши Бонки Ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бӯҳрони иқтисодии соли 2008 дар роҳи расидан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ба бисёр гӯшаҳои ҷаҳон таъсир расонидааст.[25] Ҷуброни бӯҳрон суст буда, чашмандоз барои расидан ба бисёр ҳадафҳо дар кишварҳои дар ҳоли рушд мӯҷиби нигаронии ҷиддист. То соли 2015 минтақаҳои бузурги олам наметавонанд ба ҳадафҳои гузошташуда ноил шаванд. Хушбахтона, дар баъзе бахшҳои асосие чун маориф ва баробарии гендерӣ пешрафтҳои густурда ба мушоҳида мерасанд.

Дар натиҷа, чизи муҳим ин аст, ки Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва давраи муқарраршуда то соли 2015 на ҳамчун давраи ниҳоӣ дониста шавад. Ин ҳадафҳо то соли 2015 ба даст наоянд ҳам, ҳамчун роҳнамои рушд боқӣ хоҳанд монд. Баъд аз соли 2015 низ аҳамияти онҳо ҳамчун уҳдадории ҷомеаи ҷаҳонӣ кам нахоҳад шуд.

---

[21] Санадҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ аз кишварҳои гуногун дар http://www.imf.org/external/np/prsp/prsp.aspx дастрас аст.
[22] Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатии Ҳиндустон дар http://eeas.europa.eu/india/csp/07_13_en.pdf дастрас аст.
[23] DESA, *The Millennium Development Goals Report 2007* (New York, 2007), http://www.un.org/millenniumgoals/pdf/mdg2007.pdf.
[24] United Nations, *The Millennium Development Goals Report 2011* (New York, 2011), http://www.un.org/millenniumgoals/pdf/MDG%20Report%202010%20En%20r15%20-low%20res%2020100615%20-.pdf.
[25] World Bank, *The Global Monitoring Report: The MDGs after the Crisis. 2010* (Washington, D. C., 2010), http://issuu.com/world.bank.publications/docs/9780821383162.

Нуктаҳо барои ёддошт:

- Рӯйкарди рушди инсон системаи нави ақидаҳову мафҳумҳост, ки ба раванди рушд тавассути рӯйкарди бештар ба одамон нигаронидашуда ва инсондӯстона назар мекунад.

- Намунаи беҳтарини ин рӯйкард дар Нишондиҳандаи рушди инсон ва Гузоришҳои рушди инсон оварда шудааст.

- Ҳадафҳо барои пешрафти ҷаҳон бар рӯйкарди рушди инсон асос ёфтааст.

- Ҳатто пас аз соли 2015, Ҳадафҳои рушди ҳазорсола набояд чун дастовардҳои ниҳоӣ ва пуштисаршуда, балки бештар чун роҳнамои пешрафт дониста шаванд.

1.4 Идоракунии рушди инсон

Идоракунии рушд дар кишварҳои дар ҳоли рушд раванди сиёсиву ахлоқӣ буда, масъалаест оид ба истифодаи нерӯ ва идоракунии одилона (хуб) барои расидан ба ҳадафҳои дилхоҳ дар муҳите, ки бархурди манфиатҳо, арзишу нақшаҳо ва гусастани захираҳо хоси онанд. Идоракунии мазкур дарбаргирандаи унсурҳои зерин мебошад: - сиёсатгузорӣ ва тарҳрезии ҳадафҳои рушд; муайянкунии самтҳои афзалиятноки рушд; таҳия ва таъсиси қонунгузориҳои тавонбахшанда ва амалияҳои танзимкунанда; кор бо созмонҳои гуногуни ҳукумативу ғайриҳукуматӣ; таъмини дастрасии шаҳрвандон ба хадамот ва таҳкими масъулияти иҷтимоии онҳо ва мониторингу арзёбии ин фаъолиятҳо барои дарки пешрафт.

Чуноне ки хоси пешрафти иқтисодӣ мебошад, рушд ҳам ба арзишҳо вобаста ва алоқаманд аст. Ин арзишҳо асосан аз муҳокимаву мубоҳисаҳои кунунӣ дар бораи рушди инсон сарчашма гирифта, таҳкурсии рушдро ташкил медиҳанд. Дар поён баъзе аз ин арзишҳо оварда мешаванд:

- Фарогирӣ – Андозаи рушд аст, ки ба ҳамаи одамон имкони ба раванди рушд саҳм гузоштан ва аз он манфиат гирифтанро медиҳад.
- Баробарӣ – Баробарӣ, махсусан, дар мақом, ҳуқуқ ва имкониятҳо дар назар дошта мешавад. Вале дар ҳар ҷомеае нобаробарӣ дар самтҳои асосии зиндагӣ вуҷуд дорад. Бинобар ин, барои мубодила кардан дар рушд тавассути табъизи мусбат, сиёсатгузорие зарур аст, ки манфиатҳои гурӯҳҳои доимо камбизоату осебпазирро таъмин созад.
- Сифат – Бартарии умумии стандарт, ки аз ҳудуди танҳо таъмини хадамот берун меравад, вале боварӣ ҳосил мекунад, ки ин хадамот сифати хуб доранд.
- Ҷавобгарӣ – Вазъи масъул ва ошкор будан дар пеши шаҳрвандон, шарикон, ҷонибҳои манфиатдор ва ғайра мебошад. Ин гуна ҳисоботдиҳӣ чавобгарии ҳукуматро дар пеши шаҳрвандон ва ҷонибҳои дигари манфиатдор таъмин мекунад.

Ин арзишҳое мебошанд, ки дар тӯли якчанд садсола дар заминаи тафаккур ва фалсафаи сиёсӣ ба вуҷуд омадаанд. Ба менеҷерони раванди рушд дар ҳар як кишвар зарур аст, то ки ин арзишҳоро дар рафти фаъолияти худ бо ҳар роҳе ба кор баранд.

Дар ҷаҳони бо навовариҳои технологӣ ба ҳам пайвандёфта раванди рушд мураккабтар шудааст. Ин ҷаҳони шабакавие мебошад, ки одамон ва минтақаҳои дорои захира, нигаронӣ ва сатҳҳои гуногуни рушдро дар як фазои умумии ҷаҳонишуда бо ҳам мепайвандад.

Воқеае дар Бразилия метавонад дар Осиё ангеза пайдо кунад ва ё бӯҳроне дар ягон кишвари африкой метавонад таъсире дар ҳавзаи дури Уқёнуси Ором гузорад. Бӯҳрони иқтисодии соли 2008 дар Иёлоти Муттаҳида ва Аврупо ва таъсири минбаъдаи он ба кишварҳои нисбатан хурд дар Осиё, Африка ва Амрикои Лотинӣ намунаи беҳтаринест, ки вобастагӣ ва ҷаҳонишавии ҷаҳони имрӯзаро нишон медиҳад. То андозае, гардиши фаромарзии молҳо ва хизматрасониҳо, ки маҳз тавассути навовариҳо дар соҳаи ТИК афзоиш ёфтаанд, ҷаҳони шабакабандишударо эҷод кардааст.

Мисоли 1. Бутан ва Маҷмӯи хушбахтии миллӣ

Бутан кишварест ба андозаи Шветсария, ки дар қаторкуҳҳои шарқии Ҳимолой ва дар байни Ҳиндустону Тибет воқеъ гардидааст. Бутан аҳамияти муҳими геополитикӣ дорад, чунки бо ду абарқудрати Осиё ҳамсарҳад аст. Кишвар дорои тақрибан 682000 аҳолӣ мебошад. Соли 2008 системаи сиёсии он аз монархияи мутлақ ба демократияи бисёрҳизбии парлумонӣ иваз ёфт. Ҳафтод дарсади аҳолии Бутан дар деҳот умр ба сар мебаранд, ки аксаран барои таъмини зиндагии худ ба кишоварзӣ машғуланд. Вале ҳамчунин мисли бисёр кишварҳои дигар дар Бутан муҳоҷират аз деҳа ба шаҳр гароиши афзоянда дорад.

Мафҳуми Маҷмӯи хушбахтии миллӣ (МХМ) бори нахуст соли 1972 аз ҷониби шоҳи чаҳоруми Бутан, аълоҳазрат Ҷигме Сингийе Вангчук муаррифӣ шуда буд. Пас аз чанд сол аз муаррифии ин мафҳум, Маҷмӯи хушбахтии миллӣ ба сифати фалсафаи роҳнамо барои монархияи мутлақ хизмат мекард. Ин фалсафа бар чаҳор сутун асос ёфтааст: рушди одилонаи иқтисодӣ; ҳифзи муҳити зист; устувории фарҳангӣ; ва идоракунии хуб.

Аз ҳокимияти мутлақ истифода бурда, шоҳ чаҳор сутуни Маҷмӯи хушбахтии миллиро барои роҳнамоии раванди таҳия ва амалисозии стратегияҳо дар Бутан истифода намудааст. Вале дар солҳои охир, таҳсили донишҷӯёни бутанӣ дар Ҳиндустон, Иёлоти Муттаҳида ва кишварҳои дигар ва муаррафии тадриҷии Бутан ба ҷаҳон вазъиятро дигаргун сохт. Маҳдудияти мафҳуми Маҷмӯи хушбахтии миллӣ барои андозагирии стандартҳои зиндагии мардум ва ноустувории омории ин гуна андозагирӣ мавриди танқид қарор гирифт.
Бори нахуст соли 1986 Маҷмӯи хушбахтии миллӣ дар мадди назари ҷомеаи ҷаҳонӣ гузошта шуд. Ин ба мусоҳибаи аълоҳазрат Ҷидме Сингийе Вангчук дар Лондон бо рӯзномаи "Файненшл Таймз" марбут буд, ки он ҷо гуфтааст: «Маҷмӯи хушбахтии миллӣ муҳимтар аз Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ аст».

Дар воқеъ, Бутан намунаи зиндаи ҷамъиятест, ки барои вокуниш ва муколамаи фаъол дар мавриди саволҳои зерин оғоз бахшидааст: Пешрафт чист? Он барои мо ва ҷамъияти мо чӣ аҳамият дорад? Чӣ гуна онро мо метавонем андозагирӣ кунем? Барои ташаккул додани муассисаҳову сиёсатгузориҳо мо оморро чӣ гуна истифода мебарем?

Мисли ҳар кишвари дигаре дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ ва дар дигар минтақаҳои рушдёбандаи ҷаҳон, Бутан ба бисёр мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ рӯбарӯст. Вале чизе, ки Бутанро аз кишварҳои дигар тафовут мебахшад, ин аст, ки он рӯйкарди алтернативӣ, бештар якпорча ва устувори рушдро пазируфтааст. Ин равиш ба Маҷмӯи хушбахтии миллӣ ҳамчун воҳиди андозагирии пешрафт ва ҳамчун пешбарандаи стратегияҳои рушд такя мекунад. Новобаста ба ин, Маҷмӯи хушбахтии миллӣ аз нигоҳи андозагириҳои гуногун дорои мушкилоте низ ҳаст.

***Сарчашма**: Мутобиқгардондашуда аз Alejandro Adler Braun, "Gross National Happiness in Bhutan: A Living Example of an Alternative Approach to Progress", Wharton International Research Experience, 24 September 2009, http://www.grossnationalhappiness.com/OtherArticles/GNHPaperbyAlejandro.pdf*

Машқи амалӣ

1. Мақоларо бихонед:
Alejandro Adler Braun, “Gross National Happiness in Bhutan: A Living Example of an Alternative Approach to Progress”, Wharton International Research Experience, 24 September 2009, http://www.grossnationalhappiness.com/OtherArticles/GNHPaperbyAlejandro.pdf
2. Маводи дар ин мақола муаррифишударо аз нигоҳи рӯйкардҳои кунунии рушди инсон баррасӣ намоед.
3. Рӯйхати арзишу манфиатҳои муҳимтарини рушдро аз рӯи афзалияти онҳо тартиб диҳед, ончуноне ки шумо барои кишвари худ зарур мебинед. Рӯйхати худро бо рӯйхати ҳамсабақи худ, ки дар паҳлӯи чап ё рости шумо нишастааст, муқоиса кунед.
4. Дар се рӯйхат кадом мавридҳо (арзишу манфиатҳо) умумӣ мебошанд? Тафовут дар чист? Ҳамроҳи ҳамсабақи худ рӯйхати нав тартиб диҳед. Бори дигар арзишу манфиатҳои рушдро афзалиятгузорӣ кунед, ки дар кишвари худ мехоҳед бибинед. Ба ҳамсинфони худ фаҳмонед, ки шумо ин масъаларо чӣ гуна баррасӣ намуда, рӯйхати ниҳоиро тартиб додед ва шумо фарқ дар байни «хушбахтӣ» ва боигарии афзояндаи иқтисодиро дар чӣ мебинед.

Худро бисанҷед

1. Рӯйкарди рушди инсон, ки аз ҷониби БРСММ дар соли 1990 муаррифӣ шудааст, бештар ба нуктаҳои зерин нигаронида шудааст:

а. Пешрафти моддӣ;
б. Некӯаҳволии моддии кишварҳо;
в. Некӯаҳволии фардҳои алоҳида;
г. Ҳамаи нуктаҳои дар боло зикршуда.

2. Кадоме аз мавридҳои зерин нишондиҳандае нест, ки Гузоришҳои рушди инсон бар асоси он таҳия мешаванд?

а. Нишондиҳандаи рушди инсон;
б. Нишондиҳандаи тавонмандсозии гендерӣ;
в. Нишондиҳандаи камбизоатии инсон;
г. Нишондиҳандаи камбизоатии пойдор.

3. Ҳадафҳои рушди ҳазорсола уҳдадории ҷомеаи ҷаҳониро ба ҷиҳатҳои зерин инъикос менамояд:

а. Рушди иқтисодӣ дар кишварҳои дар ҳоли рушд (рӯ ба инкишоф);
б. Стратегияҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар саросари ҷаҳон;
в. Коҳиш додани фарқият дар байни системаҳои гуногуни сиёсӣ;
г. Дигаршавии иқлим.

4. Санадҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатии ҳар як кишвар одатан нуктаҳои зерро инъикос менамояд:

а. Стратегияҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвари алоҳида дар тӯли давраи сесола;
б. Сиёсатҳои бонкдорӣ дар кишвар;
в. Нақшаи миллии тандурустӣ ва маорифи кишвар;
г. Ҳеҷ кадоме аз нуктаҳои болоӣ.

5. Идоракунии рушд мавридҳои зеринро дар бар мегирад:

а. Тавозун бахшидан дар байни афзалиятҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии рушд;
б. Коҳиш додани камбизоатии шадид дар кишварҳо;
в. Истифода бурдани қудрати сиёсӣ барои муваффақ шудан ба ҳадафҳои иқтисодӣ;
г. Таъмин кардани баробарӣ ва ҳуқуқи инсон.

1.5 Коммуникатсия ва рушд

Истифодаи ТИК дар як қатор санадҳо хуб муайян шудааст. Гувоҳии фаровоне вуҷуд дорад, ки ин технологияҳо дар ҷомеа дигаргуниҳо ба бор овардаанд. Онҳо дорои потенсиале ҳастанд, ки боиси рушди захираҳои инсонии ҷомеа шуда, аз ин роҳ, суръати дигаргуниро дар ҷомеа метезонанд.

Мо аллакай мафҳуми рушдро баррасӣ кардем. Барои идомаи муҳокимаи худ фаҳмидани коммуникатсия ҳатмист. Худи коммуникатсия мисли ҷомеаи инсонӣ раванди куҳна буда, равандест, ки бо он ҳамаи мо ба ҳам пайваст шудаем. Ин гуна робита аз саҳар то бегоҳ давом ёфта, дар гуфтугӯ, хондану навиштан, тамошои телевизион, гӯш кардани радио, алоқа бо почтаи электронӣ ва ё тамоси бевосита тавассути Интернет зоҳир мегардад. Мо пайваста паёмҳо, шифоҳӣ ё ғайришифоҳӣ (яъне бесадо)-ро тавассути сигналҳои садоӣ қабул мекунем ва ё мефиристем.

Дар фаҳмиши содда, коммуникатсияро метавон ҳамчун раванде донист, ки як кас ба дигар кас тавассути канале паём мефиристад ва ҷавобу бардошти бозгаштӣ мегирад. Ин раванд метавонад интерференсия (монеаҳои ҷисмонӣ, равонӣ ва ё муҳитӣ) дошта бошад, ки «халалҳои садоӣ» номида мешаванд. Дар воқеият, коммуникатсия дар заминаҳои фарҳангиву иҷтимоие сурат мегирад, ки ба паёмҳо ҳамчун фарогири як қисми раванд маънои муштарак медиҳад. Аз ин рӯ, коммуникатсияро танҳо ҳамчун раванди интиқоли иттилооот донистан кифоя нест. Балки коммуникатсия аз муассисаҳои коммуникатсионӣ, фарҳангӣ ва рушд ҷудонашаванда аст.

Коммуникатсия мумкин аст байнишахсӣ ва рӯ-ба-рӯ бошад. Ба ин маъно ки як фард ба фард ё гурӯҳи дигар бевосита муроҷиат менамояд. Дар ин сурат, ҷавоб ё бардошти бевоситаи бозгаштӣ метавонад вуҷуд дошта бошад. Дар чунин вазъият раванди коммуникатсия метавонад баробар ва муштарак бошад. Баъзан, вақте ки канал ё расонандаи ғайришахсӣ, аз он ҷумла васоити коммуникатсионии омма, истифода мешавад, ташаббус ва қобилияти иртибот аксаран дар дасти фиристанда буда, коммуникатсия аз гардиши ғайришахсӣ ва якҷонибаи паёмҳо иборат мебошад. Ин гуна коммуникатсияи яктарафа ба воситаҳои ахбори омма чун рӯзнома, маҷалла, радио, телевизион ва филм хос аст, ки ҳамчун созанда ва паҳнкунандаи паёмҳо амал мекунанд. Моделҳои нахустини Интернет ва сомонаҳои интернетӣ баъзе аз ин гуна хусусиятҳои воситаҳои оммавии коммуникатсиониро доро мебошанд. Посухи бозгаштӣ ё ҷавоб аз чунин гардиши ғайришахсӣ ва яктарафаи коммуникатсия ё вуҷуд надорад ва ё бисёр сусту заиф аст. Вале, бо назардошти вусъатнокӣ, фарогирӣ (аз нигоҳи шумора ва ҷуғрофӣ), суръати интиқол дар саросари ҷаҳон, ин намуди коммуникатсия наздик ба табиист. Мисли он, ки назарияҳову кашшофҳои аввалин дар коммуникатсия гумон доштанд, ки воситаҳо (медиа)-и оммавӣ дорои нерӯи басандаи маълумотрасонӣ ва сипас таъсир ба рафтор ҳастанд. Нақши маъруфи воситаҳои оммавии коммуникатсия таъсир ба муносибатҳо ва тағйир додани рафтори одамон ва ҷамоаҳо аз роҳи огоҳонидан, омӯзондан ва саргарм доштан буд.

Раванди коммуникатсия бояд аз технологияҳои коммуникатсионӣ ҷудо баррасӣ карда шавад. Коммуникатсия худ раванд аст, дар ҳоле ки технологияҳо воситаҳо ё расонаҳое мебошанд, ки дар ин раванд ба кор бурда мешаванд. Далелҳои таҷрибавӣ аз кӯшишҳои бисёри татбиқи медиа (воситаҳо)-и коммуникатсионӣ барои мақсадҳои гуногун дар ҷомеа тайи тақрибан шаш даҳсолаҳои охир аз мураккабии раванд гувоҳӣ медиҳанд. Ҳар он чӣ аз ин даҳсолаҳои истифода ва таҳқиқ маълуманд, инҳоянд:

- Вобаста ба омилҳое чун синну сол, ҷинс, майлу рағбат, идрок, муҳити иҷтимоӣ ва таҷрибаи гузашта, таъсири восита (расонанда) ё муҳтаво (маълумот) гуногун аст.
- Дар байни воситаҳо (медиа), мазмун (муҳтаво) ва корбарони он муносибати бевосита вуҷуд надорад. Воситаҳои коммуникатсия мисли васоити ахбори омма танҳо яке аз чанд тағйирёбандае мебошанд, ки ба муносибатҳо таъсир мегузоранд ва рафторро тағйир медиҳанд. Муносибатҳои байнишахсӣ, дастрасӣ ва зоҳиршавӣ, хусусиятҳои канал, мазмун ва тамоюлҳои иҷтимоиву равонӣ тағйирёбандаҳои мудохилакунанда мебошанд. Истифодаи иртиботи (коммуникатсияи) байнишахсӣ барои амалӣ намудани тағйири равишу рафтор ҳатмист.
- Корбарони воситаҳои коммуникатсионӣ ғайрифаъол набуда, ҳар маълумотеро, ки дар маърази онҳо гузошта мешавад, қабул мекунанд. Онҳо дар раванди коммуникатсия иштироккунандагони фаъоланд. Онҳо восита ва мазмунҳои коммуникатсияро аз рӯи хости худ, дар муқоиса бо воситаҳои дигари баробарарзиш, дар ивази алтернативаҳои соддатару ҷалбкунандатар ва ҳамчунин аз рӯи завқу талаботи худ истифода мебаранд.
- Омилҳое, ки ниёзҳои мавҷудаи иттилоотӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва иқтисодии корбаронро қонеъ менамоянд ва андозаи ин натиҷа, маромнокии онҳоро барои истифодаи восита ва мазмуни дахлдори коммуникатсия ташаккул медиҳанд.

Акнун оид ба муносибат дар байни равандҳо, воситаҳо, мазмун ва истифодабарандагони коммуникатсия фаҳмиши хубтаре ба даст омад. Ҳамчунин, дарк кардем, ки бояд тафовут дар заминаи шароити фарҳангӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ, демографӣ ва намояи гуногуни равониву иҷтимоии гурӯҳҳои гуногун, махсусан одамони канорафтода ба ҳисоб гирифта шавад. Ҳоло фаҳмо аст, ки паёмҳо чӣ гуна таҳия ва таъмин мешаванд; кай ва чӣ гуна онҳо бояд интиқол дода шаванд; кадом расонаи коммуникатсионӣ дар робита ба тавоноиву маҳдудиятҳои нисбии онҳо истифода мешавад; чаро на истисно балки ҳамроҳ кардани одамон ба раванди коммуникатсия муҳим аст.

Пешрафтҳо дар соҳаи ТИК низ ҷиҳатҳои қавӣ ва нуқсонҳои худро ошкор кардаанд. Онҳо инчунин нишон медиҳанд, ки чӣ гуна ба ҳам овардану мувофиқ кардани муҳтаво, технологияҳо ва ҷамоаҳо барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтар зарур аст. Имрӯз дар бораи нерӯи расонаҳои коммуникатсионӣ фаҳмиши хубтаре вуҷуд дорад. Масалан, дар самтҳои таҳия намудани барнома барои муҳокима, таъсир гузоштан ба афкори омма, тағйир додани рафтору муносибатҳо ва қонеъ кардани ниёзҳои гуногуни фардҳо ва гурӯҳҳои ҷомеа чунин беҳбудӣ мушоҳида мешавад.

Имрӯз соҳаи коммуникатсия ҳамчун фанни мустақиле зуҳур кардааст, ки аз як тараф аз илмҳои гуногуни иҷтимоӣ ба мисли равоншиносӣ, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, иқтисодиёт ва рушд ва аз дигар тараф дар асоси технологияҳои сахтафзор ва нармафзор таркиб меёбад. Коммуникатсия ҳамчун соҳаи алоҳида зерфанҳои дигаре ба монанди тарғиби реклама, пажӯҳиши иҷтимоӣ, таҳияву таъмини расонаҳо, алоқа бо ҷамъият ва ҷонибдори (пуштибонӣ)-и фаъолона ва инчунинкоммуникатсияи рушдро дарбар мегирад. Ин зерфанҳо дар ин китоб мавриди таваҷҷуҳи асосии омӯзиш қарор гирифтаанд.

Олимону таҷрибаомӯзони соҳаи «коммуникатсияи рушд» иртиботи байни коммуникатсия ва рушдро аз ду дидгоҳи гуногун баррасӣ мекунанд. Дидгоҳи нахуст иртиботи васеътару умумӣ дар байни коммуникатсия ва рушдро дар назар дорад. Дидгоҳи дуввум бошад, истифодаи муташаккилонаи коммуникатсия барои таъмини ҳадафҳои рушд ё коммуникатсия барои дастгирии рушд мебошад.

Иртиботи умумӣ

Пажӯҳишҳои пешгоми солҳои 1950-ум ва солҳои аввали 1960-ум таҳкурсии назариявиро барои истифодаи потенсиалии коммуникатсия ба хотири ҳалли мушкилиҳои рушд гузоштааст. Аз он ҷумла, пажӯҳиши Лернер[26] алоқамандиро дар байни коммуникатсия ва муосиршавии фардҳо дар Туркия нишон додааст. Пажӯҳишу лоиҳаҳои зиёди солҳои аввали 1960-ум онро пайгирӣ карда, нақши коммуникатсияро дар муҳитҳои рушд озмоиш намудаанд. Форумҳои Радиои деҳоти солҳои 1950-ум ва таҳқиқоти классикӣ аз ҷониби Роҷерс ва Шумейкер[27] барои табдили коммуникатсия ҳамчун унсури асосии барномасозии рушд замина фароҳам оварданд. Ҳамзамон, ташаббусҳое аз ҷониби Созмони маориф, илм ва фарҳанги Созмони Милали Муттаҳид (ЮНЕСКО) ва Шрамм[28] дар бисёр гӯшаҳои олам падидор шуданд. Ин гуна ташаббусҳоро барои истифодаи расонаҳо дар самти таълиму рушд, махсусан, кишварҳое чун Бразилия, Чин, Ҳиндустон ва Мексика бештар маблағгузорӣ кардаанд.

Аксари озмоишҳо дар ду даҳаи авали рушд (дар тӯли солҳои 1950-1960) ба фаҳмидани иртибот дар байни ин ду ҷабҳа нигаронида шуда буданд. Вале натиҷаҳои кор дастовардҳои мухолифро ба бор овардаанд. Онҳо аксаран бо интизориҳои банақшагирандагон ҳамсон набуданд ва бинобар ин, боиси афзоиши баҳсҳо дар бораи истифодаи муассир гаштанд. Натиҷаҳои носозгор дар иртиботи умумӣ дар байни коммуникатсия ва рушд мушкилоте эҷод накарданд. Вале онҳо боиси афзоиши «коммуникатсия барои пуштибонии рушд» гардиданд, ки бештар ба фаъолиятҳои амалӣ ва дурнамоҳои стратегӣ нигаронида шудааст.

Коммуникатсия барои пуштибонии рушд

Коммуникатсия барои пуштибонӣ ё худ дастгирии рушд моҳиятан истифодаи муташаккилона ва мунтазами коммуникатсияро барои дастгирии раванди рушд, чи дар сатҳи миллӣ, чи дар сатҳи маҳаллӣ ва чи дар доираи лоиҳаи мушаххас дар назар дорад. Махсусан, он истифодаи ТИК-ро ҳамчун як қисми банақшагирӣ, тарҳрезӣ, таҳия, татбиқ ва арзёбии лоиҳаҳои рушд меҳисобад. Он

[26] Daniel Lerner, *The Passing of Traditional Society: Modernizing the Middle East* (New York, The Free Press, 1958).
[27] Everett M. Rogers, et. al., *Communication of Innovations: A Cross Cultural Approach* (New York, The Free Press, 1971).
[28] Wilbur Schramm, *Mass Media and National Development* (Stanford, Stanford University Press, 1964).

метавонад мисли Телесекундарияи[29] Мексика ва Телекурсои[30] Бразилия маънои озмоиши бузургмиқёсро дошта бошад. Он, ҳамчунин, метавонад ба маънои таҷрибаи хурдмиқёс бошад ва дар деҳаҳои дурдасти ҷаҳон чун радиои ҷамоа ё телемарказҳои бисёрҳадафӣ истифода шавад.[31]

Қабул ва истифодаи ТИК дар амалияи рушд падидаи нав нест. Он тӯли даҳсолаҳо аз оғози истифодаи радио дар миёнаи қарни бистум ва гузариш ба телевизион идома дошт. Дар даҳсолаҳои пешин, технологияҳои куҳнатаре ба монанди радио ва телевизион барои дастгирии раванди рушд ҳамаҷониба истифода мешуданд. Фарогирӣ ва дастрасии потенсиалӣ шартҳои асосии истифодаи радио ва телевизион буданд. Ҳамзамон, муассисаҳои сармоягузор ва кӯмаки техникӣ истифодаи чунин технологияҳоро пуштибонӣ мекарданд. Дар ин робита, мисолҳо бисёранд. Яке аз барномаҳои аввалин ва бомуваффақона татбиқшуда дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором радиои моҳворӣ ва телевизиони таълимӣ дар Донишгоҳи ҳавзаи ҷанубии Уқёнуси Ором (University of the South Pacific) мебошад. Ба ҳамин монанд, намунаҳои дигари ҳамвазн Донишгоҳи радио ва телевизиони Чин,[32] Таҷрибаи телевизиони роҳнамоии моҳвораии Ҳиндустон (Satellite Instructional Television Experiment - SITE) дар солҳои 1975-1976 ва талошҳои баъд аз SITE мебошанд.

Дар охири солҳои 1990-ум ва даҳаи авали садаи 21 ду омил – воридшавии Интернет ба саҳнаи ҷаҳонӣ ва ҳамгироии технология - истифодаи ТИК-ро барои рушд таҳрик доданд. Ҳамон тавре ки дар Ҳадафҳои рушди ҳазорсола равшан инъикос ёфтааст, ин омехтагӣ дар барномаи рушди ҷаҳонӣ, ба раванди истифодаи ТИК барои рушд мусоидат кард. Ташаббусҳои асосии зерин ба сармоягузории афзоянда ба зерсохтор ва лоиҳаҳои ТИК саҳм гузоштанд:

- «*Гузориши ҷаҳонии рушд барои солҳои 1998-1999*»-и Бонки Ҷаҳонӣ[33] эътироф кардааст, ки дониш муайянкунандаи холигоҳ дар байни камбизоативу сарватмандист;
- Таъсис додани Гурӯҳи кории имкониятҳои рақамӣ[34] аз ҷониби G8[35] бо мақсади таҳияи барнома барои ТИКР;
- Саммитҳои ҷаҳонӣ оид ба ҷомеаи иттилоотӣ дар Женева (соли 2003) ва дар Тунис (соли 2005).[36]

Бо барномаҳову мудохилаҳои амалӣ, лоиҳаҳо маъмулан соҳаҳоеро фаро гирифтанд, ки аз ҷониби Ҳадафҳои рушди ҳазорсола муайян шудаанд. Аз ҷумла ин лоиҳаҳо ба коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, беҳбуд бахшидани маориф, тандурустӣ, муҳити зист ва рушди пойдор дар ҷомеаҳои камбизоат равона шуда буданд. Нархи гарони таҷҳизоту барномаҳои амалӣ (нармафзор)-и ТИК даҳсолае пештар харидани фардии онҳоро амри маҳол карда буд. Бинобар ин лоиҳаҳои марбутаи вақт, ки бо маблағгузории донору ҳукуматҳо амалӣ мешуданд, хизматрасониҳоро тавассути марказҳои ҷамоа ва ё телемарказҳо ба роҳ монда буданд.

Дар ин давра, маҷмӯи донишҳо дар бораи ТИКР ба омӯзиши густурдаи лоиҳаҳо дар кишварҳои рушдёбанда асос меёфтанд. Ин донишҳо дарки моро дар бораи истифодаи дурусти ТИКР ва масъалаҳои асосии марбут ба устувории молиявию иҷтимоии лоиҳаҳои ТИКР меафзоянд.

---

[29] Телесекундария системаи барномаҳои фосилавии таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои миёнаву олист, ки аз ҷониби Ҳукумати Мексика эҷод шудааст ва дар манотиқи деҳоти кишвар дастрас аст, ки аз соли 1968 бомуваффақият амалӣ мешавад. Нигаред ба http://www.unesco.org/education/educprog/lwf/doc/portfolio/abstract8.htm.

Ҳамчунин нигаред ба: Jose Calderoni, "Telesecundaria: Using TV to Bring Education to Rural Mexico", *Education and Technology Notes Series*, Vol. 3, No. 2 (1998), pp. 1-10, http://go.worldbank.org/18DR286ON0.

[30] Claudio de Moura Castro, "Is Education by Television Just an Old Technology", Notes from the Education Unit, Inter-American Development Bank, January 2000, http://idbdocs.iadb.org/wsdocs/getdocument.aspx?docnum=1481484.

[31] Таъсис додани телемарказҳо яке аз роҳҳои рушди василаҳои умумӣ дар ҷамоатҳои деҳот ва маҳрумгашта аст барои таъмин намудани дастрасӣ ба воситаҳову захираҳои ТИК, ки метавонад эҳтиёҷоти иттилоотии ҷамоаи маҳаллиро қонеъ кунад. Барои иттилооти бештар дар бораи телемарказҳо ва ҳаракати телемарказ ба http://www.telecentre.org нигаред.

[32] Донишгоҳи радио ва телевизион Чин, ки ҳоло Донишгоҳи Озоди Чин номида мешавад, муассисаи олии таълимии истифодаи технологияҳо буда, соли 1979 таъсис ёфтааст. Барои иттилооти муфассал ба http://www.edu.cn/20010101/21803.shtml нигаред.

[33] The World Bank, *World Development Report 1998/99: Knowledge for Development* (Washington, D.C., 1998), http://go.worldbank.org/UF2JZG2IN0.

[34] Jeffrey A. Hart, "The Digital Opportunities Task Force: The G8's Efforts to Bridge the Global Digital Divide", paper originally prepared for the Annual Convention of the International Studies Association, Montreal, Canada, 17-20 March 2004, and revised for a conference on Security, Prosperity and Freedom: Why America Needs the G8, Indiana, USA, 3-4 June 2004, http://www.g8.utoronto.ca/conferences/2004/indiana/papers2004/hart.pdf.

[35] G8 ё кишвари ҳаштгона форуми ҳашт кишвари абарқудрат аст, ки ҳамчун шӯрои иқтисодӣ дар соли 1975 (то ин замон G6 буд) таъсис шудааст ва ҳар сол мулоқот баргузор мекунанд. Пас аз бӯҳрони иқтисодии соли 2008, G20 ҳамчун шӯрои асосии иқтисодии кишарҳои сарватманд ҷойгузини G8 шуд.

[36] Нигаред: ITU, "World Summit on the Information Society", http://www.itu.int/wsis/index.html.

1.6 Пайвастани ТИКР ба ҳадафҳои рушди ҷаҳонӣ

Барномаи рушди ҷаҳонӣ ба ду мавзӯи маҷмӯй нигаронида шудааст. Аҳамияти ҷиддӣ додан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва то соли 2015 ба онҳо муваффақ шудан яке аз вазифаҳоест, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул шудааст. Вазифаи дуввум ба аҳамияти истифодаи ТИК барои суръат бахшидан ба раванди рушд алоқмандӣ дорад.

Зарур аст, то истифодаи ТИК барои расидан ба ҳадафҳои рушд, тавре ки дар Ҳадафи 8-уми ҲРҲ ҷиҳати ҳамкории ҷаҳонӣ баҳри рушд оварда шудааст, аз ҷониби доираи васеи фаъолон ба монанди созмонҳои ҳукуматӣ, бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва васоити ахбори омма ба роҳ монда шавад. Ҳукумат барангезандаи асосии стратегияҳои ТИК барои эҷоди зерсохтор ва сахтафзори телекоммуникатсионӣ ва аз ин роҳ таҳкими роҳҳои истифодаи муассири ТИК боқӣ мемонад. Чунки бе зерсохтор ва сахтафзор, дастрасӣ, фарогирӣ ва умуман мавҷудияти ТИК имконнопазир аст. Саноати хусусӣ ҳамчун василаи сармоягузорӣ барои эҷод кардани зерсохтори шоҳроҳҳои иттилоотӣ ва хадамоти интернетӣ ва мобилӣ нақши асосӣ мебозад. Ҳукумат, бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва медиа таъминкунандагони муҳими хадамот мебошанд, ки дар шоҳроҳҳои иттилоотӣ «насб карда мешаванд». Шаҳрвандон бошанд корбарон ва баҳрабарандагони ниҳоии густариши ТИК мебошанд.

Нишонгоҳи 18-уми Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, ки ба ин Дастурамал дар бораи ТИКР аҳамияти махсус дорад, бавижа чунин тавзеҳ медиҳад:

Дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ дастрас кардани бартариҳои технологияҳои нав, махсусан, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ.[37]

Маҳз дар ин ҷо ТИК ҳамчун воситаҳое муҳим мегарданд, ки ҳукуматҳо метавонанд онҳоро барои барномаҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва аз ин роҳ барои суръат бахшидан ба пешрафт густариш диҳанд. Дар воқеъ, дар тӯли даҳ соли гузашта истифодаи самараноки компютер ва Интернет баранда ва омили асосии рушди босуръати якчанд кишвари Осиё гардидааст. ТИК метавонад ба мақсадҳои зерин истифода шавад:

- Таъмини хизматрасонии беҳбудёфта ва баробар фарогир;
- Мусоидат ба равандҳои мураккаби банақшагирӣ ва ҳамоҳангсози фарогири ҳама бахшҳо;
- Афзоиши додугирифти иттилоотӣ, фарогирӣ ва мониторинги кӯшишҳои асосӣ.

Масъалаҳои амалисозии ТИК дар бахшҳои асосии иҷтимоии кишварҳои дар ҳоли рушд пофишорона пайгирӣ ёфтанд. Мусоидати ТИК ба равишҳои ҳамгиро ва чорасозиҳои густурдаи сарфакорона метавонад харочоти умумии амалисозӣ ва амалиётро коҳиш диҳад.

Тасвири 1. Шумораи хатҳои телефони собит, корбарони телефонҳои кандуӣ (мобилӣ) ва Интернет ба таносуби 100 нафари аҳолӣ дар ҷаҳон дар солҳои 1990-2009



Шарҳ: Додаҳо (data) барои соли 2009 тахминиянд.

***Сарчашма**: DESA, Millennium Development Goals Report 2010 (New York, 2010), p. 71, http://www.un.org/millenniumgoals/pdf/MDG%20Report%202010%20En%20r15%20-low%20res%2020100615%20-.pdf.*

[37] The United Nations Millennium Project, “Goals, targets and indicators”, http://www.unmillenniumproject.org/goals/gti.htm.

Ҳукуматҳое, ки ТИК-ро ҳамчун як унсури умумии идоракунӣ ва маъмурият истифода мебаранд, дарёфтаанд, ки ТИК метавонад дар самтҳои зерин кӯмак расонад:

- Мусоидат ба таҳияи равишҳои мураккаби банақшагирӣ;
- Такмили шеваҳои ҳамоҳангсозӣ дар саросари бахшҳо;
- Афзоиши додугирифти иттилоот;
- Пешбурди фарогирӣ ва мониторинги хадамот;
- Вусъатбахшии дастрасӣ ба таълим;
- Пайвастани ҷамоаҳо ба бозор;
- Эҷоди системаҳои огоҳкунандаи офатҳои табиӣ ва дастгирии тасмимгирӣ;
- Таъмини алоқаи бевосита бо шаҳрвандон ва ба ин васила баландбардории сатҳи ҷавобгӯй ва идоракунии хуб.

Идоракунии хуб ба натиҷаҳои хубтари рушд, чи дар сатҳи инфиродӣ ва чи дар сатҳи миллӣ, меоварад. Бинобар ин, иртибот дар байни ТИК ва рушд, аз як тараф, ба иқтидори ТИК барои ба одамон дастрас кардани иттилооти муътамад, саривақтӣ ва дақиқ ва аз тарафи дигар, ба довариҳову интихобҳои хуби ҳукумат дар раванди тасмимгирӣ (қабули қарорҳо) бастагӣ дорад.

Бо шинохти чунин имконият, кишварҳои минтақаи Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором хоҳиши худро барои истифодаи фаъолонаи ТИК барои рушд изҳор намуданд. Баъзе соҳаҳои умедбахш барои ҳамгироии ТИК инҳо мебошанд:
- таъмини доруҳои наҷотбахш;
- афзоиши дастрасӣ ба маориф ва такмили ихтисоси омӯзгорон;
- фарогирии пурраи деҳот тавассути таъмини иртиботи бевосита ба ҷамоаҳои хоҷагидорӣ (фермерӣ) ва
- эҷоди системаҳои саривақтии огоҳкунанда ва коҳиши хатари офатҳои табиӣ дар минтақаҳои ҳассоси ҷуғрофӣ.

Бо дарназардошти ин, муболиға намешавад бигӯем, ки бе истифодаи ТИК ноил шудан ба ҳадафҳои куллии рушд ва Нишонгоҳҳои вижаи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола тасаввурнашаванда аст.

1.7 Гароишҳои ҷорӣ дар ТИК

Озмоишҳо дар ду даҳсолаи аввали рушди инқилобии ТИК фаҳмиши моро дар бораи ТИКР, яъне заминаву (муҳиту) шароити татбиқи онҳо ва комёб шуданро беҳтару жарфтар кард. Равшан гардид, ки на худи технологияҳо, балки таъсири афзояндаи онҳо (ТИК) ба пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ дар гузариш аз иқтисоди кишоварзиву саноатӣ ба системаҳои донишбунёд саҳми назаррас доранд. Аз нигоҳи дастрасӣ ба дониш то мубодила ва иштирок дар эҷод ва истифодаи дониш барои пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ кишварҳои пешрафта ва рушдкунанда аз кишварҳои камтар рушдкарда фарқ мекунанд.

Дар натиҷа, дар тарзи гузоришдиҳӣ (ҳисоботдиҳӣ) дар бораи ТИКР тағйирот ба вуҷуд омад. Нишондиҳандаҳои пешинаи омодагии электронӣ ва пурсишҳои ҳукумати электронӣ аз соли 2003[38] ба баъд зерсохтор, сармояи инсонӣ ва пайвастагии электрониро ҳамчун меъёр муаяйн карда, мақомгузории омодагии электрониро дар саросари кишварҳо дар асоси шаш сутуни омодагии электронӣ муқаррар намудааст:

- Зерсохтори пайвастагӣ ва технологӣ
- Муҳити соҳибкорӣ (бизнес)
- Муҳити иҷтимоиву фарҳангӣ
- Муҳити ҳуқуқӣ (қонун)
- Сиёсатгузорӣ ва дидгоҳи ҳукумат
- Мувофиқати истеъмолкунанда ва бизнес (соҳибкорӣ)

Вале охирин «*Пурсиши электронии Созмони Милал барои соли 2010*» нишон медиҳад, ки ҳукуматҳо барои қабули ҳукумати электронӣ «омодаанд». Пурсиши мазкур нишондиҳандаи омодагии электрониро бо нишондиҳандаи рушди ҳукумати электронӣ иваз кардааст. «*Пурсиши электронии Созмони Милал барои соли 2010*» тавзеҳ медиҳад, ки: «Сафи кишварҳое, ки стратегияҳои миллии ҳукумати электронӣ ва нақшаҳои кории бисёрсоларо қабул мекунанд, меафзояд. Ҳам кишварҳои мутараққӣ ва ҳам кишварҳои камтар инкишофёфта ба интизориҳо вокуниш нишон медиҳанд.

[38] United Nations Public Administration Network, “UN e-Government Surveys”, http://www.unpan.org/egovkb/global_reports/08report.htm.

Ҳукуматҳои ин кишварҳо аз роҳи коммуникатсия ва фаъолияти муштарак бо шаҳрвандоне, ки аҳамияти технологияҳоро дарк мекунанд, дар ташаккулу тавонмандсозии ҷомеаи иттилоотӣ саҳм мегузоранд. Онҳо омодаанд ва бинобар ин сатҳи рушди марбут ба ҳукумати электронии онҳо бояд арзёбӣ шавад.»[39]

Ба ин монанд, воҳиди иқтисодшиносони ҳушманд (таҳлилгар), бахши бизнеси иттилооти (business information) Гурӯҳи иқтисодшиносон (Economist Group) арзёбии солонаи кишварҳои ҷаҳонро дар робита бо истифодаи ТИК нашр менамояд. Ин гурӯҳ аз аз соли 2010 мақомбандиҳои омодагии электронии худро бо «мақомгузориҳои иқтисоди рақамӣ» иваз кардааст, ки сифати зерсохтори ТИК-и ҳар як кишвар ва қобилияти истеъмолкунандагон, соҳибкорон ва ҳукуматҳои онро барои истифодаи ТИК ба манфиати худи онҳо арзёбӣ менамоянд.[40]

Ҷадвали 2. Мақомбандӣ ва холҳои иқтисоди рақамӣ дар соли 2010

Мақом дар соли 2010 (аз 70)	Мақом дар соли 2009	Кишвар	Хол дар соли 2010 (аз 10)	Хол дар соли 2009
1	2	Шветсия	8.49	8.67
2	1	Дания	8.41	8.87
3	5	Иёлоти Муттаҳида	8.41	8.60
4	10	Финландия	8.36	8.30
5	3	Нидерландия	8.36	8.64
6	4	Норвегия	8.24	8.62
7	8	Ҳонг Конг	8.22	8.33
8	7	Сингапур	8.22	8.35
9	6	Австралия	8.21	8.45
10	11	Зеландияи Нав	8.07	8.21
11	9	Канада	8.05	8.33
12	16	Тайван	7.99	7.86
13	19	Кореяи Ҷанубӣ	7.94	7.81
14	13	Шоҳигарии Муттаҳида	7.89	8.14
15	14	Австрия	7.88	8.02
16	22	Ҷопон	7.85	7.69
17	18	Ирландия	7.82	7.84
18	17	Олмон	7.80	7.85
19	12	Швейтсария	7.72	8.15
20	15	Фаронса	7.67	7.89
21	20	Белгия	7.52	7.71
22	21	Бермуда	7.47	7.71
23	23	Малта	7.32	7.46
24	25	Испания	7.31	7.24
25	24	Эстония	7.06	7.28
26	27	Исроил	6.96	7.09
27	26	Италия	6.92	7.09
28	28	Португалия	6.90	6.86

[39] DESA, *United Nations e-Government Survey 2010: Leveraging e-Government at a Time of Financial and Economic Crisis* (New York, 2010), p. 3, http://www2.unpan.org/egovkb/documents/2010/E_Gov_2010_Complete.pdf.
[40] Economist Intelligence Unit, *Digital Economy Rankings 2010: Beyond e-Readiness* (2010), http://graphics.eiu.com/upload/EIU_Digital_economy_rankings_2010_FINAL_WEB.pdf.

Мақом дар соли 2010 (аз 70)	Мақом дар соли 2009	Кишвар	Хол дар соли 2010 (аз 10)	Хол дар соли 2009
29	29	Словения	6.81	6.63
30	30	Чили	6.39	6.49
31	31	Ҷумҳурии Чех	6.29	6.46
32	34	Аморатҳои Муттаҳидаи Араб	6.25	6.12
33	33	Юнон	6.20	6.33
34	32	Литва	6.14	6.34
35	35	Маҷористон	6.06	6.04
36	38	Малайзия	5.93	5.87
37	37	Латвия	5.79	5.97
38	36	Словакия	5.78	6.02
39	39	Лаҳистон	5.70	5.80
40	41	Африқои Ҷанубӣ	5.61	5.68
41	40	Мексика	5.53	5.73
42	42	Бразилия	5.27	5.42
43	43	Туркия	5.24	5.34
44	44	Ямайка	5.21	5.33
45	47	Булғория	5.05	5.11
46	45	Аргентина	5.04	5.25
47	48	Руминия	5.04	5.07
48	43	Тринидад ва Тобаго	4.98	5.14
49	49	Тайланд	4.86	5.00
50	52	Коломбия	4.81	4.84
51	50	Урдун	4.76	4.92
52	51	Арабистони Саудӣ	4.75	4.88
53	53	Перу	4.66	4.75
54	54	Филиппин	4.47	4.58
55	55	Венесуела	4.34	4.40
56	56	Чин	4.28	4.33
57	57	Миср	4.21	4.33
58	58	Ҳиндустон	4.11	4.17
59	59	Руссия	3.97	3.98
60	60	Эквадор	3.90	3.97
61	61	Нигерия	3.88	3.89
62	64	Ветнам	3.87	3.80
63	63	Шри-Ланка	3.81	3.85
64	62	Украина	3.66	3.85
65	65	Индонезия	3.60	3.51
66	66	Покистон	3.55	3.50
67	69	Қазоқистон	3.44	3.31
68	67	Алҷазоир	3.31	3.46
69	68	Эрон	3.24	3.43
70	70	Озарбойҷон	3.00	2.97

Тавзеҳ: Холи чаҳор-даҳӣ барои муайян кардани мақоми ҳар як кишвар истифода бурда мешавад.

***Сарчашма**: Economist Intelligence Unit, Digital Economy Rankings 2010: Beyond e-Readiness (2010), p. 4, http://graphics.eiu.com/upload/EIU_Digital_economy_rankings_2010_FINAL_WEB.pdf.*

Чашмандозҳои пештара тадриҷан пушти сар мешаванд, ки ҳукуматҳо ва бахши хусусӣ ТИК-ро барои таъмини хадамот ба шаҳрвандон сафарбар мекарданд. Имрӯз бошад, таваҷҷуҳ бештар ба решадавонии инфрасохтор ва иқтидори ТИК дар системаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ равона гардидааст, то онҳо барои табдили ҷомеаи аграриву саноатӣ ба ҷомеае, ки бунёдаш тавлиду корбурди дониш ва маҳсулоти донишбунёд мебошад, моҳирона корандозӣ шаванд. Аз додаҳои дар боло овардашуда ин нукта возеҳ аст: Кишварҳои минтақаи Осиёву ҳавзаи Уқёнуси Ором (Чин, Ҳиндустон, Ҷопон, Ҷумҳурии Корея, Сингапур ва Тайван), ки ба насли нави зерсохтори Интернет зиёд сармоягузорӣ кардааанд манфиати бештар ҷиҳати пешсафони иқтисоди донишбунёд шуданашон, дар муқоиса ба бисёр кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Амрикои Шимолӣ, бардоштаанд.

Махсусан, таъсири тағйирдиҳандаи ТИК дар инкишофу тавонмандсозии соҳибкориҳои хурд, миёна ва хурдтарин хеле аён аст. Дар ин замина, ТИК дар самтҳои зерин муассир будааст:

- Беҳсозии амалиётҳои дохилии бизнес, ба монанди коҳиш додани хароҷоти вобаста ба коммуникатсия ва захираҳои инсонӣ;
- Беҳсозии коммуникатсияи дохилӣ ва бахшҳои гуногуни он;
- Идораи беҳтари феҳристи дороиҳо барои коҳиш додани харҷи нигоҳдорӣ ва таъмини «саривақтии» маҳсулоту хадамот, дар ниҳоят кам кардани талафот ва аз ин роҳ афзоиш додани даромад;
- Беҳсозии равандҳои ҳисобу китоб ва молия ва
- Беҳсозии коммуникатсияи берунӣ бо муштариён барои кашфи бозорҳои нав, таҳияи пойгоҳи ҷаҳонии муштариён ва афзоиш додани ҳаҷми талабот.

Истифодаи ТИК ҳамчун абзорҳои рушди кишварҳо тавонист фардҳо ва системаҳоро бо маҷмӯи нави тавонмандиву маҳоратҳое, ки аз малакаи истифодаи бевоситаи технологияҳо ҳам фарохтаранд, таъмин кунад. Моҳиятан, истифодаи ТИК дар иқтисодиёти донишбунёд ба истеҳсоли маҳсулоти донишбунёд ва аз ин рӯ, ба густариши тавонмандиҳои фардҳо ва муассисаҳо мусоидат мекунад. Он на танҳо ба пешрафти иқтисодӣ, балки муҳимтар аз ҳама, ба ташаккули сармояи иҷтимоиву зеҳнӣ оварда мерасонад. Сармояи зеҳнӣ бошад, дар навбати худ, унсури муҳими ҷомеаи донишбунёд буда, нақши калидӣ дар шукуфоӣ ва сарватмандии кишварҳо мебозад.

1.8 Аз иқтисоди донишбунёд ба ҷомеаи донишбунёд

Дар сарораси ҷаҳон дар мавриди вобастагӣ дар байни ТИК ва пешрафти иқтисодӣ гувоҳии кофӣ вуҷуд дорад. Кишварҳои дорои сатҳи баланди рушди иқтисодӣ, пеш аз ҳама, аз густариши босуръати ТИК бархурдоранд. Фаъолиятҳо дар бахши соҳибкорӣ (бизнес) ва саноати хусусӣ далели аз дастовардҳои инқилоби иттилоотӣ манфиати бештар бардоштан мебошад. Ҳамчунин, такмили зерсохтори ТИК ва афзоиши захираҳои инсонӣ боиси суръати баланди инкишоф дар кишварҳое чун Ҳиндустон гардида, онҳоро ба иқтисодиёти пурқудрат дар ҷомеаи иттилоотӣ табдил додааст.

Дар «*Гузориши рушди иттилоот ва коммуникатсия барои соли 2009*»-и Бонки Ҷаҳонӣ оварда шудааст, ки барои ҳар 10 дарсадии дараҷаи афзоиш дар нуфузи хадамоти фарохмаҷро, 1,3-дарсадии пешрафти иқтисодӣ сурат мегирад.[41] Натиҷаҳои ҳамсанги аз пажӯҳишҳои дигар дарёфта нишон медиҳанд, ки афзоиш дар нуфузи (решадавонии) Интернет то 10 дарсад дар иқтисодиёти рушдкунанда бо афзоиши тадриҷии 1-2 дарсади ММД ҳамбаста аст.[42]

Ин таъсири рушди фарохмаҷро дар кишварҳои дар ҳоли рушд дар муқоиса бо кишварҳои рушдкарда назаррас ва қавитар ва дар муқоиса бо телефония ва интернет зиёдтар аст. Вақте нуфуз доираи васеътарро фаро мегирад, таъсир метавонад ҳатто нерӯмандтар бошад.

---

[41] Christine Zhen-Wei Qiang and Carlo M. Rossotto, “Economic Impacts of Broadband”, in *Information and Communications for Development 2009: Extending Reach and Increasing Impact* (Washington, D.C., World Bank, 2009), pp. 35-50, http://go.worldbank.org/NATLOH7HV0.

[42] Boston Consulting Group commissioned by Telenor, “Socio-economic Impact of Internet in Emerging and Developing Economies”, in *ICT for Economic Growth: A Dynamic Ecosystem Driving the Global Recovery* (Cologny/Geneva, World Economic Forum, 2009), p. 3, http://www.weforum.org/pdf/ict/ICT%20for%20Growth.pdf.

Тасвири 2. Таъсири рушди иқтисодии ТИК



Тавзеҳ: Тири *у* афзоиши дарачаи дарсадиро дар пешрафти иқтисодӣ мутобиқи афзоиши дарачаи 10-дарсадӣ дар нуфузи телекоммуникатсия баён менамояд. Аз нигоҳи оморӣ ҳамаи натиҷаҳо дар сатҳи 1-дарсадӣ назаррасанд. Истисно технологияи фарохмачро дар кишварҳои дар ҳоли рушд мебошанд, ки дар сатҳи 10-дарсадӣ назаррасанд.

***Сарчашма**: Mohsen Khalil, Philippe Dongier and Christine Zhen-Wei Qiang, "Overview", in Information and Communications for Development 2009: Extending Reach and Increasing Impact (Washington, D.C., The World Bank, 2009), p. 6, http://go.worldbank.org/NATLOH7HV0.*

Бахшҳои дигаре, ки тавассути онҳо ТИК ба пешрафти иқтисодӣ таъсир гузошта истодааст, технологияи иттилоотӣ (ТИ) ва хадамоти технологияи иттилоотӣ тавлидкарда (ITES) мебошанд. Хадамоти мазкур хизматҳое мебошанд (чун маркази коркарди зангҳо ва маркази коркарди ҳуҷҷатгузориҳои идоравӣ), ки бо истифода аз хатҳои телекоммуникатсионӣ онҳоро метавон аз фосилаи дур расонд. Бозори чунин хадамот бузургу афзоянда аст ва якчанд кишвари дар ҳоли рушд, ки дар байни онҳо Ҳиндустон пешсаф аст, ҳамчун бозигарони бахши Хадамоти технологияи иттилоотӣ тавлидкарда муваффақ мебошанд.

Тасвири 3. Тақсимоти ҷаҳонии хадамоти офшории (бурунмарзии) технологияи иттилоотӣ ва ITES



***Сарчашма**: Christine Zhen-Wei Qiang and Carlo M. Rossotto, "Economic Impacts of Broadband", in Information and Communications for Development 2009: Extending Reach and Increasing Impact (Washington, D.C., World Bank, 2009), pp. 35-50, http://go.worldbank.org/NATLOH7HV0.*

Равзанаи 2. Саргузашти Манҷу

Манҷу ҷавонзани непалӣ буда, 23-сола аст ва дар Ҳайдарободи Ҳиндустон зиндагӣ мекунад. Хонаводаи ӯ ҳамчун муҳоҷири безамин аз Непал ба Ҳиндустон кӯч бастааст. Ӯ дар байни се насли оилаи худ нахустин насли босавод ва омӯзишдида аст. Падару модар ва бобову бибии ӯ бесаводанд ва бо моҳонаи тақрибан 50 доллари амрикӣ умр ба сар мебаранд.

Манҷу дар мактаби ҳукуматӣ ба забони англисӣ таҳсил кардааст ва минбаъд дар коллеҷи маҳаллии ҳукуматӣ соҳиби унвони соҳаи тиҷорат ва компютер гардидааст. Ӯ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ баъзе малакаҳоро ба даст оварда, сипас онҳоро дар коре дар маркази коркарди зангҳо истифода бурдааст. Ӯ таҷрибаи кории худро аз марказҳои хурди маҳаллии коркарди зангҳо сар карда, ҳоло дар маркази чандкишварии коркарди зангҳо кор мекунад. Дар ин ҷо Манҷу дар як моҳ 300 доллари амрикӣ маош мегирад, ки аз моҳонаи падараш шаш баробар зиёд аст. Кор вазнин аст ва соатҳову навбати корӣ низ хастакунандаанд.

Ҳанӯз Манҷу ин корро идома медиҳад, ки барои аз камбизоатӣ берун кашидани ӯ ва оилаи ӯ зарур аст. Ӯ барои кӯмак кардан дар пардохти ҳаққи таҳсили хоҳарону додарони худ қодир аст ва қобилияти хариди ҷавоҳироти хурдро низ дорад. Ӯ ба худ боварӣ дорад ва ояндаеро мебинад, ки дар он метавонад худро ба барномаи омӯзишии бархатӣ (онлайнӣ) номнавис кунад ва соҳиби унвони илмӣ ва кори беҳтар гардад.

***Сарчашма**: Ин иттилоот бар асоси мубоҳиса бо Манҷу, ҷавонзане, ки дар маркази байналмилалии пазириши зангҳо дар Ҳайдаробод кор мекунад, аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Саргузашти Манҷу воқеӣ ва намоёнгари таҷрибаи шахсони бисёр аст, ки зиндагии худ ва оилаи худро беҳбуд бахшидаанд ва ҳамчун мутахассисони баландихтисоси соҳаи коркарди иттилоот ва масолеҳи донишбунёд ба иқтисодиёти зуд рушдкунанда ҷалб шудаанд. Дар сатҳи инфиродӣ, ин саргузашти бисёр ҷавонон, махсусан, ҷавонзанон аст. Дар сатҳи иқтисоди миллӣ бошад, ин мисол нишонгари он аст, ки сармоягузориҳо ба ТИК ва Хадамоти технологияи иттилоотӣ бунёдкарда боиси пешрафти босуръати иқтисодӣ гардида, шумораи зиёди одамонро аз ҳалқаи камбизоатӣ берун кашиданд.

Ҷомеаи донишбунёд аз иқтисоди донишбунёд тафовут дорад. Иқтисоди донишбунёд бар рушд ва тиҷорати маҳсулоту хадамоти донишбунёд асос ёфта, то андозаи зиёд аз навовариҳо дар ТИК, ки аз ҷониби дигарон эҷод шудаанд, вобастагӣ дорад. Ҷомеаи донишбунёд «қобилияти муайян, истеҳсол, коркард кардан, тағйир додан, паҳн намудан ва истифода бурдани иттилоот барои эҷод ва татбиқи дониш ҷиҳати рушди инсон»[43] дар ҷомеа мебошад. Алоқамандӣ дар байни дониш ва рушд барои сохтани ҷомеаи донишбунёд усулист, чунки дар он дониш ҳам василаи ноил шудан ба ҳадафҳои иқтисодӣ ва ҳам ангезандаи рушди инсон мебошад. Дар ин замина, дастрасӣ ба дониш қисми аслии рушд, озодии бунёдии сухан, озодии интихоб ва густариши имтиёзу имкониятҳо мебошад.

Далелҳои бисёр ба иртибот дар байни ТИК ва пешрафти иқтисодӣ ва дар байни ТИК ва рушд гувоҳӣ медиҳанд. Бо вуҷуди ин дар байни иқтисоддонҳо баҳсҳои давомдоре низ ҳастанд, ки оё таваҷҷуҳ ба пешрафти умумии иқтисодӣ барои коҳиш додани камбизоатӣ кофист. Дар баъзе мавридҳо, пешрафти умумии иқтисодӣ метавонад сатҳи камбизоатиро коҳиш диҳад.[44] Лек, дар кишварҳои камтар рушдкарда бошад, ҳукуматҳо на танҳо тавассути мудохилаҳо ба иқтисодиёт барои пешрафту манфиати он ба камбизоатон умед банданд, балки ба вокуниши абарфаъолонаву мустақим ба камбизоатӣ низ машғул бошанд. Маҷозан ин чунин маънӣ дорад, ки гарчанде ҳадафи дарозмуҳлати рушд пешбурди ҷомеаи донишбунёд аст, зарурияти бештаре ба мудохилаҳои бевосита ва судманд барои коҳиш додани холигоҳи (тафовути) рақамӣ, решаи аслии рушди нобарор, боқӣ мемонад.

1.9 Пайвастани холигоҳи рақамӣ

Ба холигоҳи рақамӣ, ки дорои аҳамияти хоса дар ТИКР мебошад, таваҷҷуҳ зоҳир кардан зарур аст. Яке аз ҷанбаҳои муқарраркунандаи раванди рушд ин холигоҳ дар байни кишварҳои сарватманду камбизоат ва одамони дорову нодор аст. Чунин холигоҳ дар адабиёти вобаста ба рушд ба таври

[43] UNESCO, *Toward Knowledge Societies* (Paris, 2005), http://unesdoc.unesco.org/images/0014/001418/141843e.pdf.
[44] OECD, "Good Practice Paper on ICTs for Economic Growth and Poverty Reduction", an article prepared for the DAC Journal, Volume 6, No. 3 (2005), http://www.oecd.org/dataoecd/2/46/35284979.pdf.

гуногун таъриф шудааст. Аз нигоҳи коммуникатсия, он пештар «холигоҳи дониш»[45] номида мешуд ва дар заминаи кунунии ТИК ҳамчун «холигоҳи рақамӣ» муқаррар шудааст.

Равзанаи 3. Холигоҳи рақамӣ

Дар асл, мафҳуми «холигоҳи рақамӣ» дарбаргирандаи якчанд холигоҳ аст. Холигоҳи технологӣ вуҷуд дорад, ки яке аз холигоҳҳои бузург дар зерсохтор мебошад. Дар мӯҳтаво низ холигоҳ вуҷуд дорад. Бисёр иттилооти дар веб ҷойдошта ба худии худ ба ниёзҳои воқеии одамон муносиб нестанд. Тақрибан 70 дарсади вебсафҳаҳо дар ҷаҳон ба забони англисӣ мебошанд, ки ҳамзамон садо ва бинишҳои маҳаллиро танг менамоянд. Ҳамчунин, холигоҳи гендерӣ вуҷуд дорад, ки дар муқоиса бо мардону писарон занону духтарон аз технологияи иттилоотӣ камтар бархурдоранд. Ин воқеият дар кишварҳои сарватманду камбизоат яксон аст.

Кофи Аннан
Дабири кулли Созмони Милал
Баёния дар Саммити ҷаҳонӣ оид ба ҷомеаи иттилоотӣ
Женева, 10 декабри соли 2003

Тасвири 4. Корбарони Интернет барои 100 сокин, мутобиқи гурӯҳи кишварҳо, 2000-2009

***Сарчашма**: UNCTAD, Information Economy Report 2010: ICTs, Enterprises and Poverty Alleviation, (New York and Geneva, United Nations, 2010), p. 22, http://www.unctad.org/en/docs/ier2010_embargo2010_en.pdf.*

Истилоҳи «холигоҳи рақамӣ» барои тавсиф намудани холигоҳи байни фардҳо ва ҷомеаҳо истифода мешавад. Гурӯҳе дорои имконияту захираҳо барои иштирок дар иқтисоди донишбунёд ва ҷомеаи донишбунёд мебошанд, вале гурӯҳи дигар чунин захираҳоро дар ихтиёр надоранд. Асосан ин нишонаи нобаробариҳои жарф дар ҷинс, даромад, рушд ва саводнокӣ аст. Инро маҷаллаи «The Economist» («Иқтисодшинос») таъкид менамояд: «Дар муқоиса ба кишварҳои сарватманд, дар кишварҳои камбизоат одамони камтар ба компютер ва Интернет дастрасӣ доранд. Сабаб, пеш аз ҳама, дар камбизоатӣ, бесаводӣ ва дигар мушкилиҳои марбут ба ғизо, тандурустӣ ва бехатарӣ

[45] P.J.Tichenor, G.A. Donohue and C. N. Olien, “Mass Media Flow and the Differential Growth of Knowledge”, *Public Opinion Quarterly*, Vol. 34 (1970), pp. 159-170.

нуҳуфтааст.»[46] Ҳамзамон, холигоҳи рақамӣ ба давомнокии нобаробарии иҷтимоӣ таъсир мерасонад. Ба ақидаи Чен ва Уеллмэн, «Одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва кишварҳои дар тарафи дигари (камбуди) холигоҳи рақамӣ қарордошта метавонанд аз иқтисоди донишбунёд маҳрум шаванд. Агар нобаробариҳои қаблан вуҷуддошта одамонро аз истифодаи компютерҳо ва Интернет боздоранд, ин нобаробариҳо метавонанд афзоянд, чунки Интернет тадричан ба сарчашмаи муҳими дарёфти кор, ҷустуҷӯи иттилоот ва ҷалб шудан ба фаъолиятҳои шаҳрвандӣ ё соҳибкорӣ табдил меёбад.»[47] Бинобар ин, ба назар гирифтан ва вокуниш нишон додан ба холигоҳи рақамӣ, дар муқоиса ба дастрас кардани ТИК, бештар муҳим аст. Он кӯшиши истифодаи ТИК барои пур кардани холигоҳ дар бисёр бахшҳо ба хотири муваффақ шудан ба ҳадафҳои рушд мебошад.

Холигоҳи рақамӣ худ аз худ бартараф нахоҳад шуд ва онро наметавон танҳо ба таҳаввулоти технологӣ вогузошт. Сиёсати фарогири рушд бояд мавҷуд бошад, ки таваҷҷуҳи хоса ба стратегияҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ тавассути стратегияи миллии возеҳу қодирсози ТИКР дошта, онро ҳамчун пешзаминаи таъсис додани зерсохтор, муассисаҳо ва воситаҳое шиносад, ки холигоҳи рақамиро танг ва дастрасии умумро васеъ хоҳад кард. Маҳдуд кардани сармоягузорӣ ба зерсохтори ТИК, вале сарфи назар кардани дигар самтҳои бартариноки рушд метавонад ба натиҷаҳои номатлуб бурда расонад. Бисёр кишварҳоро зарур аст, ки бо маҳдудиятҳои бештар бунёдӣ дар роҳи рушди иқтисодӣ муборизе бурда, онҳоро ба бартариҳо ба мисли беҳбуд бахшидани зерсохтори асосӣ, фатҳ кардани бозорҳо, шикастани инҳисороти телекоммуникатсионӣ, татбиқ кардани системаи муассири ҳуқуқӣ ва танзимкунанда ва таъмин намудани системаи маорифи ҳамагонӣ табдил диҳанд. Кишварҳое, ки ин масъалаҳоро ба манфиати компютерсозӣ ва дастрасӣ ба Интернет инкор мекунанд, метавонанд захираҳои камёбро беҳуда сарф кунанд. Дар натиҷа, дар чунин шароит тавонмандии баҳрабардорӣ аз ТИК рушднаёфта боқӣ мемонад. Ба суханони дигар, зарур аст, ки талошҳои бартараф кардани холигоҳи рақамӣ ба густариши дастрасии ҳамагонӣ ба имкониятҳои ҳамзамон бунёдгаштаи истифодаи ТИК дар сатҳи ҷомеа равона шаванд.

Азбаски баҳсҳои ҷорӣ дар бораи ТИКР таваҷҷуҳи хоса ба «холигоҳи рақамӣ» зоҳир менамоянду муассисаҳои байналмилаливу ҳукуматҳои миллӣ барои кам кардани холигоҳ ва аз ин роҳ ба даст овардани рушд тавассути сиёсатгузориҳо, механизмҳои маблағгузорӣ ва барномаву лоиҳаҳои худ талошҳои ҳамоҳангшуда анҷом медиҳанд, фаҳмидани ин ақида муҳим мебошад.

Равзанаи 4. Иҷрои уҳдадориҳои Хазинаи хизматрасониҳои саросарӣ (универсалӣ)

Бисёр кишварҳо мутобиқи қонунгузории амалкунанда худ хазинае доранд, ки дастрасии саросариро ба хизматрасониҳои ҳатмии ҷамъиятӣ дар бахши телекоммуникатсионӣ дастгирӣ менамояд. Масалан, кишвари Чили хазинаи худро «Хазинаи рушди телекоммуникатсия» ва Ҳиндустон онро «Хазинаи уҳдадории хизматрасониҳои саросарӣ» меномад. Мақсадҳои асосии чунин хазина аз инҳо иборат мебошанд:

- Мусоидат ба дастрас кардани хадамоти босифат бо нархҳои одилона, воқеӣ ва қобили қабул;
- Баланд бардоштани дастрасӣ ба хадамоти пешрафтаи телекоммуникатсионӣ дар саросари кишвар;
- Густариш додани дастрасии чунин хадамот ба ҳамаи истеъмолкунандагон, аз ҷумла ба онҳое, ки дар минтақаҳои камдаромад, рустой, ҷудомонда ва пурхарҷ, дар муқоиса ба нархҳои қобили қабул дар минтақаҳои шаҳрӣ, умр ба сар мебаранд.

Даромади хазина аз ҳисоби ҳиссаи ками даромадҳои операторҳои телекоммуникатсионӣ ба хотири маблағгузории хароҷоти дастрасии фаромиллии хизматҳои ҳатмӣ таъмин карда мешавад. Ин талош барои коҳиш додани холигоҳи рақамӣ тавассути таъмини дастрасӣ ба хадамоти асосии телекоммуникатсионӣ сурат мегирад.
Дигар роҳҳои алоҳидае вуҷуд доранд, ки ТИК-ро метавон барои бартараф намудани холигоҳи рақамӣ истифода бурд. Аз ин рӯ, кӯшишҳо бояд ба сӯи густариши дастрасии фаромилӣ тавассути сиёсатгузориву фаъолиятҳо дар сатҳи миллӣ ва ҳамзамон, эҷоди имкониятҳо барои истифодаи чунин воситаҳои дастрасӣ дар сатҳи ҷамоатҳо равона карда шаванд.

Баъзе аз чунин роҳҳои вижа метавонанд мавридҳои зеринро дар бар гиранд:

---

[46] "The Economist, "The Real Digital Divide", 10 March 2005.
[47] Wenhong Chen and Barry Wellman, "Charting and Bridging Digital Divides: Comparing Socioeconomic, Gender, Life Stage, and Rural-Urban Internet Access and Use in Eight Countries", 31 October 2003, p. 23, http://homes.chass.utoronto.ca/~wellman/publications/amd_ses/charting-divides_long.pdf.

- Бо дарназардошти суръати баланди ихтироъкорӣ, конвергенсия ва такмили ТИК, ҳукуматҳои кишварҳои нодор метавонанд захираҳои камёби молиявию сиёсии худро ба рушди сармояи иҷтимоиву инсонӣ, сохтани зерсохтори асосӣ ва эҷоди шароити баробари рақобат барои бахши хусусӣ равона кунанд. Ҳавасманд кардани бахши хусусӣ бори гарони хазинадории ҳукуматро сабук карда, ҳамзамон, инкишофи зерсохторро суръат мебахшад ва хароҷотро поин мебарад. Бо ин роҳ, ҳукумат метавонад ба он бахшҳои ҷуғрофию иҷтимоие кӯмак расонад, ки бештар ба сармоягузории давлатӣ ниёз доранд. Ба ибораи дигар, нақши ҳукумат дар эҷоди пешшартҳо барои шукуфоии бахши ТИК муҳим аст.

- Кишварҳои нодор аз корҳои оддие чун коркарди додаҳо ва кори фосилавӣ оғоз намуда, метавонанд тадриҷан ба вазифаҳои мураккабтари сохтани нармафзору навовариҳои сахтафзорӣ гузаранд. Алорағми нигарониҳо дар мавриди қафомонӣ аз аҳди рақамӣ, кишварҳои дар ҳоли рушд бояд мувозинатро дар байни ниёзҳои худ ба технологияи муосир ва омода кардани таҳкурсии асосӣ барои рушди иқтисодӣ нигоҳ доранд.

- Афзалияти дигар ин сармоягузорӣ ба соҳаҳои расмӣ ва ғайрирасмии маориф мебошад. Дастгирии ин соҳа ҳам барои муваффақ шудан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва ҳам барои ба соддагӣ бартараф кардани холигоҳи рақамӣ муҳим мебошад. Маориф маҳоратҳои заруриро барои эҷод, мувофиқ ва истифода кардани чунин технологияҳо парвариш медиҳад. Бешубҳа, ҳатто одамони бесавод ва ё камсавод ҳам метавонанд аз бартариҳои барномаҳои оддии технологӣ манфиат бардоранд. Бо вуҷуди ин моҳияти маориф дар вусъат додани доираи чунин бартариҳо аз дастрасӣ ба барномаҳои боз ҳам мукаммалтар доимо меафзояд. Дастовардҳои байналмилалӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки маориф (маълумотнокӣ) василаи тавонои расидан ба дигар нишонгоҳҳои Ҳадафҳои рушди ҳазорсола мебошад. Дастрасӣ ба маълумоти миёна ва олӣ барои эҷоди захираҳои инсонӣ шароит фароҳам хоҳанд овард, ки дар навбати худ, навовариҳову пешрафти бузургмиқёсро суръат хоҳанд бахшид.

- Дар таъсис додани зерсохтори ҷисмонӣ ва иртиботи (хатҳои) телекоммуникатсионӣ сармоягузории ҳукумат зарур аст, чунки пайвастани камбизоаттарини камбизоатҳо ба шабакаҳо барои бахши хусусӣ чандон ҷолиб нест. Бахши хусусиро, ки тақозои бозор ангезандаи калидии саҳмгузориаш аст, талаботи заифи деҳот ва қимати гарони бунёди инфрасохтор дар он ҳавасманд карда наметавонад. Ҳатто, агар ба ин камбудиҳо нигоҳ накарда, бахши хусусӣбарои зерсохтори деҳаҳо эҳтиёткорона сармоягузорӣ мекунад, ҳукумат бояд нақши танзимкунандаро бозида, стандартҳоро таъсис диҳад, шароитҳои баробари рақобатро эҷод намояд ва ҳатто ба пешрафти бештар тавассути қатъи танзим мусоидат кунад. Намунаи кишвари Сомалӣ нишон медиҳад, ки дар сурати нақш надоштани ҳукумат дар танзими бахши телекоммуникатсия шабакаҳои гуногуни мобилӣ ба вуҷуд омадаанд. Акнун кӯшиши танзимро ба роҳ мондан барои дилхоҳ ҳукумат пас аз вуқуи ҳодиса илоҷ ҷустанро мемонад, ки ниҳоят сангин аст.

- Дар сатҳи ҷамоа, ҳукуматҳо метавонанд имкониятҳои эҷод кардани василаҳои умумии хизматрасонӣ ва хадамотеро баррасӣ намоянд, ки метавонанд фарогириро вусъат дода, дастрасии маҳаллиро таъмин кунанд. Ду пайроҳаи мувозие вуҷуд доранд, ки барои таъсис додани василаҳои умумии хизматрасонӣ бояд пайгирӣ шаванд. Аз ҷониби дастраскунанда, эҷод кардани порталҳо ҳамчун хазинаи фаъол зарур аст, ки дар он донишҳои махсус оид ба рушд ҳифз ва таҷдид мешаванд. Аз ҷониби корбар, эҷоди телемарказҳо ё киоскҳои ҷамъиятӣ метавонанд барои дастрасии осон ба донишҳои ҳифзшуда дар чунин порталҳо имкон фароҳам оранд.

- Дар робита ба муҳтаво ва хадамот, таваҷҷуҳ ба технологияҳои ба ҳам омехта барои фароҳам овардани шароити дастрасӣ ва истифода муҳим аст. Масалан, таҳияи муҳтаво ҳам барои веб ва ҳам барои телефонҳои мобилӣ намунаест, то корбарон тавонанд бо истифода аз роҳҳои гуногуни барои онҳо осону роҳат ба муҳтаво дастрасӣ ёбанд.

1.10 Нақши чорчӯбаҳо ва созмонҳои рушди байналмилалӣ

Дарҳол пас аз хатми Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ ва бо раванди афзояндаи мустақилшавии мустамликаҳо, донорҳо, кӯмакҳои техникӣ ва созмонҳои ғайрихукуматии байналмилалӣ (СҒҲБ) ба фаъолиятҳои рушд ва татбиқи коммуникатсия барои рушд равона шуданд. Муддати тӯлонӣ, навовариҳо дар партави рӯйкарди ғарбӣ, ки пеш аз ҳама, дар муҳити Ғарб натиҷа бахшида буданд, ба кишварҳои дар ҳоли рушд муаррифӣ мешуданд,. Созмонҳои бузурги байналмилалие, ки чунин рӯйкардро қабул кардаанд, ЮНЕСКО, Созмони озуқа ва кишоварзии Созмони Милал, Бунёди Рокфеллер, Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир ва Бунёди Форд мебошанд.

Бо пешрафти технология, ки пешсаф ва барангезандаи асосии тағйирот буд, созмонҳои ҷаҳонӣ барои вокуниш нишон додан ба масъалаҳои ТИКР аз роҳҳои гуногун назар афканданд. Пас аз гузориши Бонки Ҷаҳонӣ бо номи «Гузориши рушди ҷаҳон дар солҳои 1998-1999», ки пештар зикр ёфта буд ва пас аз он ки ТИК чун яке аз нишонгоҳҳои Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола қабул гардид, рӯйкарди ТИКР гардиши дигар пайдо кард. Аз як тараф, созмонҳо, махсусан, бо мақсади дастгирии фаъолиятҳои марбут ба ТИКР ҷалб ва таъсис дода шуданд. Аз тарафи дигар бошад, ширкатҳои тиҷоратӣ ҳамчун як ҷузъи масъулияти корпоративӣ ва иҷтимоии худ ва ҳатто ҳамчун як омили муҳими фаъолиятҳои бозорёбии худ, ба озмоиши фаъолиятҳои ТИКР оғоз намуданд.

Дарҳол пас аз қабули Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, дар соли 2001 Созмони Милал барои вокуниш нишон додан ба мавзӯъҳои гуногуни ТИКР Гурӯҳи кории Созмони Милалро таъсис дод. Салоҳияти (мандати) Гурӯҳи корӣ моҳи декабри соли 2005 ба анҷом расид ва ба гурӯҳи наве бо номи «Иттиҳоди глобалӣ барои ТИК ва рушд» (Global Alliance for ICT and Development – GAID)[48] бунёд гузошта шуд, то аксари корҳои Гурӯҳи кориро ҳамчун «форуми иборат аз бисёр ҷонибҳои манфиатдор» ва «платформаву форуми бисёрсоҳавие, ки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдори муаррификунандаи ҳавзаҳои дахлдорро бо ҳам хоҳад овард» идома диҳад. Иттиҳоди глобалӣ барои ТИК ва рушд шумораи зиёди ҷонибҳои манфиатдорро аз бахшҳои ҳукуматӣ, ҳамкорӣ барои рушд, сиёсати хориҷӣ, молия, бахши иҷтимоӣ (тандурустӣ ва маориф), мақомоти танзими давлатӣ, иттиҳодияҳои саноативу коргарӣ, истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагони ТИК, воситаҳои ахбори омма, СҒҲ, ҷамоятҳо, хазинаҳо, олимон, мутахассисони касбии соҳаи ТИК ва дигар фардҳоеро дар бар мегирад, ки масъалаҳои ҷомеаи иттилоотиро ҷонибдорӣ ва назорат мекунанд ва барои ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола барномаҳоро амалӣ менамоянд.

Иттиҳоди глобалӣ барои ТИК ва рушд аз ҷониби кумитаи роҳбарикунанда, Шӯрои стратегӣ, гурӯҳи мушовирони сатҳи баланд ва «шабакаи чемпионҳо» роҳбарӣ мешавад. Иттиҳоди глобалӣ барои ТИК ва рушд дар байни ҳукуматҳо, бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамкориҳоро ба роҳ мемонад.

Моҳи ноябри соли 2002, Дабири кулли Созмони Милал Кофи Аннан барои Водии Силикон пешниҳод намуд, то системаҳои компютериву коммуникатсионие эҷод шавад, ки барои ба якчанд насл ҷаҳидан ва бевосита ба Қарни иттилоотӣ ворид шудани деҳаҳо васила фароҳам оранд.[49] Ин барои муҳокимаҳои Саммити ҷаҳонӣ оид ба ҷомеаи иттилоотӣ (WSIS) дар Женева дар соли 2003 ва Тунис дар соли 2005 таҳкурсии техникиро таъмин намудааст.

Саммити ҷаҳонӣ оид ба ҷомеаи иттилоотӣ (WSIS) ҷуфти конфронсҳои аз ҷониби Созмони Милал маблағгузоришаванда дар бораи иттилоот, коммуникатсия ва умуман ҷомеаи иттилоотист. Ин конфронсҳо соли 2003 дар Женева ва соли 2005 дар Тунис баргузор шуданд. Яке аз ҳадафҳои асосии он бартараф намудани ба ном «холигоҳи рақамии ҷаҳонӣ” аст, ки кишварҳои сарватмандро аз кишварҳои камбизоат бо вусъат додани дастрасӣ ба Интернет дар ҷаҳони рушдкунанда ҷудо менамояд. Дар анҷоми Саммити Женева, намояндагони 175 кишвар Эъломияи принсипҳо ва нақшаи кориро қабул карданд, ҳарчанд мувофиқае набуд, ки ин нақшаи корӣ чӣ гуна амалӣ хоҳад шуд. Саммити дуввум дар Тунис мувофиқатномаи уҳдадории Тунис, Барномаи Тунис барои ҷомеаи иттилоотӣ ва Форуми идоракунии Интернетро асос гузошт.[50]

Пас аз Саммити ҷаҳонӣ оид ба ҷомеаи иттилоотӣ (WSIS) I ва II, Иттиҳоди байналмилалии телекоммуникатсия (ITU) ба таҳлили фаъолиятҳое ҷалб карда шуд, ки аз ҷониби ҳукуматҳо, созмонҳои байналмилалӣ, бахши бизнес, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва гурӯҳҳои дигар амалӣ шудаанд. Ин фаъолиятҳо ба 11 хатти амали Саммити ҷаҳонӣ оид ба ҷомеаи иттилоотӣ (WSIS) марбут ҳастанд.[51]

---

[48] United Nations Global Alliance for ICT and Development, http://www.un-gaid.org

[49] Kofi Annan, “Perspective: Kofi Annan’s IT challenge to Silicon Valley”, *CNET News*, 5 November 2002, http://news.cnet.com/2010-1069-964507.html?tag=lh.

[50] Форуми идоракунии Интернет форуми ҷонибҳои сершумори манфиатдор дар бораи масъалаҳои сиёсии идоракунии Интернет аст. Ба вебсафҳаи форум нигаред: http://www.intgovforum.org. Ҳамчунин, ба Модули 5-уми силсилаи модулҳои Академияи асосҳои ТИК барои роҳбарони давлатӣ, ки ҳамдигарфаҳмии густурдаеро дар бораи чорчӯба ва мафҳумҳои идоракунии Интернет таъмин менамояд, нигаред.

[51] WSIS Stocktaking, http://www.itu.int/wsis/stocktaking/help-action-lines.html

Тасвири 5. Ҳадафҳои Саммити ҷаҳонӣ оид ба ҷомеаи иттилоотӣ (WSIS)

Ҳадафҳо:
1. Пайваст кардани деҳаҳо тавассути ТИК ва таъсис додани нуқтаҳои дастрасии ҷамоаҳо;
2. Пайваст кардани донишгоҳҳо, коллеҷҳо, мактабҳои миёна ва мактабҳои ибтидоӣ тавассути ТИК;
3. Васл кардани марказҳои илмиву таҳқиқотӣ тавассути ТИК;
4. Васл кардани китобхонаҳои оммавӣ, марказҳои фарҳангӣ, музейҳо, почтаҳо ва бойгониҳо тавассути ТИК;
5. Васл кардани марказҳои тандурустиву бемористонҳо тавассути ТИК;
6. Васл кардани ҳамаи шӯъбаҳои маҳалливу марказии ҳукуматӣ ва таъсис додани вебсафҳаҳову нишониҳои почтаи электронӣ;
7. Мутобиқ кардани ҳамаи барномаҳои мактабҳои ибтидоиву миёна барои ҳалли мушкилиҳои ҷомеаи иттилоотӣ, бо дарназардошти шароити миллӣ;
8. Кафолати дастрасии аҳолии ҷаҳон ба хизматрасониҳои телевизиону радио;
9. Таҳияи мундариҷа ва шароити техникӣ барои воридсозӣ ва истифодабарии ҳамаи забонҳои ҷаҳон дар Интернет;
10. Кафолати дастрасии ТИК барои беш аз нисфи сокинони ҷаҳон дар ҳудуди дастрасии онҳо ё дар ҳудуди маҳали худ.

***Сарчашма**: ITU, "Measuring Information and Communication Technology Availability in Villages and Rural Areas", May 2008.*

Дигар созмонҳои байналмилалӣ низ ба ТИКР фаъолона ҷалб шудаанд.[52] Барномаи рушди Созмони Милал (БРСММ) шабакаи рушди ҷаҳонии Созмони Милал буда, дар 165 кишвар фаъолият менамояд ва тағйироти донишбунёдро тарғиб менамояд. БРСММ аз соли 1992 инҷониб ба ТИКР ҷалб шудааст. Стратегияи ТИКР-и БРСММ ба машварати сиёсатгузорӣ барои кӯмак намудан ба кишварҳо дар тарҳрезии рӯйкарди стратегии ТИК барои рушд ва бо Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва равандҳои марбутаи рушд алоқаманд кардани он нигаронида шудааст. Ин тавассути пуштибонию амалисозии барномаҳои бартаридори ТИКР, ки ба ҳамкории бисёр ҷонибҳои манфиатдор ва шарикиҳои навгуни милливу ҷаҳонӣ барои ҳифзи захираҳову малакаҳо асос меёбад, сурат мегирад.

Ҷадвали 3. Феҳристи нишондиҳандаи татбиқи ТИК дар кишварҳои дар ҳоли рушд ва созмонҳои байналмилалие, ки дар Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором ҷалб шудаанд

Соҳа	Татбиқ	Созмонҳо
Кишоварзӣ ва беҳдошт	• Телемарказҳо • Иттилоот дар бораи нархгузорӣ ва обу ҳаво барои хоҷагидорон (фермерон) • Беҳдошти устувор • Тавлиди даромад	Бонки осиёии рушд, CGIAR, DFID, ESCAP, FAO, IDRC, IFAD, ITU, SOPAC, БРСММ, WFP, Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ
Маориф	• Таълими фосилавӣ • Такмили ихтисоси омӯзгор • Эҷоди тавонмандии инсонӣ дар соҳаи ТИК	Бонки Осиёии Рушд, APCICT, ASEAN, COL, DFID, ESCAP, IDRC, SOPAC, БРСММ, ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ, Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, Институти Ҷамъияти Кушода — Бунёди Мадад, Барномаи илмии НАТО,
Тандурустӣ	• Телетиб • Нашри рақамӣ ва захираҳои бархатӣ (онлайнӣ) • Таҳсили давомдори тиббӣ	Бонки Осиёии Рушд, DFIF, IDRC, SOPAC, UNAIDS, БРСММ, ЮНИСЕФ, WHO, Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ

[52] Барои феҳристи созмонҳо ба Замима нигаред.

Соҳа	Татбиқ	Созмонҳо
Бизнес ва иқтисодиёт	• Бонкдории электронӣ • Тиҷорати байналмилалӣ • Ҷаҳонишавӣ (Глобализатсия)	Бонки Осиёии Рушд, ESCAP, OECD, SOPAC, UNCTAD, UNTPDC, WIPO, WTO
Воситаҳои ахбори омма, фарҳанг ва сайёҳӣ	• Навгониҳои рақамӣ • Фарҳанг ва василаҳои фарҳангӣ • Технологияҳои ҳифзи бойгониҳо • Медиаҳо нав	ABU, AIBD, SOPAC, ЮНЕСКО, Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ, Институти Ҷамъияти Кушода — Бунёди Мадад
Муҳити зист	• Харитасозии системаи ҷуғрофии иттилоотӣ • Таъсиси тамосҳои кории фаъолон • Ҳифзи муҳити зист • Дигаршавии иқлим	Бонки Осиёии Рушд, CEC, EEA, ESCAP, IPCC, SOPAC, БРСММ, UNEP, Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ
Идоракунӣ	• Хизматрасонии бархатӣ (онлайнӣ) барои шаҳрвандон • Масъулияти иҷтимоӣ • Рушди СҒҲ	Бонки Осиёии Рушд, ESCAP, SOPAC, БРСММ, Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, Институти Ҷамъияти Кушода — Бунёди Мадад
Рушди шаҳрдорӣ	• Банақшагирии шаҳрдорӣ • Интиқоли хадамот • Телемарказҳои шаҳрӣ	ADB, ESCAP, UN-HABITAT, БРСММ, Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ
Рушди деҳот	• Шабакаҳои ҷамоаи деҳот • Сайёҳии деҳот • Хидматрасонии тиббӣ	CGIAR, ESCAP, FAO, IDRC, IFAD, ITU, SOPAC, БРСММ, Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, Институти Ҷамъияти Кушода — Бунёди Мадад

Саҳм: Уша Рани Вясулу Редди, июни соли 2011.

Хазинаи Кӯдакони Созмони Милал (ЮНИСЕФ) корбари фаъоли ТИК барои таъмини ниёзҳои занону кӯдакон дар кишварҳои дар ҳоли рушд мебошад. ЮНИСЕФ дар доираи Ташаббуси Коммуникатсияи Меена таҷрибаи тӯлонӣ ва бомуваффақ дар истифода ва кор бо расонаҳое чун телевизион ва филм ғун кардааст .[53]

ЮНЕСКО[54] дар соҳаи ТИКР яке аз нақшофарони фаъол аст. Он фаъолиятҳоеро дастгирӣ мекунад, ки барои тавонмандсозии одамон тарҳрезӣ шудаанд, то онҳо ба иттилоот ва ҷараёни дониш дар Дафтари ҷомеаи донишбунёд ва ташаббуси Барномаи Байналмилалӣ барои Рушди Коммуникатсия[55] дастрасӣ пайдо кардаву саҳм гузошта тавонанд. Соҳаҳои мавзӯии фаъолияти ин созмон дастрасӣ ба иттилоот, эҷоди тавонмандиву таҳияи муҳтаво, озодии изҳори андеша ва озодии расонаҳоро дар бар мегирад. Дар доираи Идораи минтақавии худ дар Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором барои маориф, ЮНЕСКО ТИК-ро бо барномаҳои таълимие ҳамоҳанг менамояд, ки ба ҷанбаҳои ТИКР, аз он ҷумла истифодаи потенсиали ТИК ҷиҳати муваффақ шудан ба маълумоти босифати ҳамагонӣ ва бартараф намудани холигоҳи рақамӣ бахшида шудаанд. Ин барномаҳо чунин лоиҳаҳоро дар бар мегиранд:
- Лоиҳаи «Бартараф намудани холигоҳи рақамии дохиликишварӣ дар маориф: такмил додани маориф дар Чини Ғарбӣ тавассути истифодаи навоваронаи ТИК» ва
- Лоиҳаи «Таъсис додани истифодаи муассири ТИК дар таҳсилоти ҳамагонӣ дар Камбоҷа».[56]

Иттиҳоди Байналмилалии Телекоммуникатсия дар Гузориши рушди ҷаҳонии телекоммуникатсия/ТИК ташаббускор буда, дар таҳлили WSIS фаъолона иштирок мекунад. *Гузориши рушди ҷаҳонии телекоммуникатсия/ТИК барои соли 2010* ба мониторинги ҳадафҳои WSIS бахшида шудааст.[57]

---

[53] ЮНИСЕФ Ташаббуси коммуникатсияи Меенаро ҳамчун лоиҳаи коммуникатсияи оммавие таҳия намудааст, ки ҳадафи он тағйир додани идрок ва рафторе мебошад, ки ба зист, ҳимоя ва рушди духтарон дар Осиёи Ҷанубӣ монеъ мешаванд. Барои маълумот ба http://www.unicef.org/rosa/media_2479.htm нигаред.
[54] UNESCO, "International Programme for the Development of Communication", http://www.unesco.org/new/en/communicationand-information/intergovernmental-programmes/ipdc/.
[55] UNESCO, "UNESCO's activities in communication and information by themes", http://portal.unesco.org/ci/en/ev.php-URL_ID=1645&URL_DO=DO_TOPIC&URL_SECTION=201.html.
[56] UNESCO Bangkok, "ICT in Education", http://www.unescobkk.org/education/ict/.

Дар ҳудуди минтақаи Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором Комиссияи иқтисодию иҷтимоӣ барои минтақаи Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором (ESCAP) ҳамаҷониба фаъолият мекунад. ESCAP (Комиссияи мазкур) тавассути Бахши ТИК ва рушди худ[58] ба эҷоди тавонмандӣ, табодули дониш, пайвастшавии беҳтар ва дастрасии афзуда ба ТИК равона шудааст. Бо ин роҳ, он дар расонидани кӯмак ба ҳамбастагони ESCAP ва ҳамбастагони нозири созмон барои ҳалли мушкилиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки аз офатҳои табииву хатарҳои ҳамроҳ ба амал меоянд, мусоидат мекунад. Кори Бахши ТИК ва рушд ба се сутун устувор гардидааст – 1) пайвастагии иқтисодӣ; 2) пайвастагии иҷтимоӣ ва 3) ТИК барои коҳиши хатари офатҳои табиӣ.

Пас аз Саммити ҷаҳонӣ оид ба ҷомеаи иттилоотӣ (WSIS), Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором (ESCAP) Маркази бозомӯзӣ барои кишварҳои Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором оид ба технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ барои рушд (APCICT)[59]-ро таъсис дод. Рисолати ин Марказ тақвият додани талошҳои кишварҳои ҳамбастаи Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором (ESCAP) барои истифодаи ТИК дар рушди иҷтимоиву иқтисодии худ тавассути эҷоди тавонмандии инсонӣ ва ниҳодӣ (институтсионалӣ) аст. Барои муваффақ шудан ба ҳадафи худ, фаъолияти Маркази APCICT ба се сутуни ба ҳам вобаста асос ёфтааст – омӯзиш, таҳқиқот ва хадамоти машвараті. Якҷоя ин пояҳо рӯйкарди ҳамгирошудаи эҷоди тавонмандии инсонии ТИК-ро ташкил медиҳанд.

Дар соҳаи ТИКР бисёр созмонҳои дигари байналмилалӣ низ кор мекунанд. Баъзеи онҳо муассиаҳои сармоягузор мебошанд, ба монанди Бонки Осиёии Рушд (БОР). Дигар созмонҳо кӯмаки техникӣ мерасонанд, ба мисли Иттиҳоди омӯзиш (Commonwealth of Learning - COL).[60] Гурӯҳи сеюми созмонҳо бошанд, пажӯҳиши хатти пешро оид ба фанҳои зуҳуркунанда дастгирӣ менамоянд, чун Маркази байналмилалии пажӯҳиши рушд дар Канада (International Development Research Centre - IDRC).[61]

Нуктаҳо барои ёддошт:

- Истифодаи ТИК барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушд ба ҳадафи 8-уми «Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола» ворид шудааст, ки ҳукуматҳо дар асоси «ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, дастрас кардани манфиатҳо аз технологияҳои нав, махсусан, аз технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ» бар он мувофиқа кардаанд.

- ТИК-ро барои таъмини интиқоли мукаммал ва одилонаи хадамот, мусоидати равандҳои мураккаби банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар саросари бахшҳо ва фароҳамории василаҳо барои табодули васеи иттилоот, фарогирӣ ва мониторинги кӯшишҳои асосӣ метавон истифода бурд.

- Ҷалби фаъолонаи созмонҳои байналмилалӣ дар истифодаи ТИК барои рушд ҳоло ТИКР номида мешавад. Ин бо Гурӯҳи кории Созмони Милал оид ба ТИК шурӯъ шуда, баъдтар ба Иттиҳоди Ҷаҳонии Созмони Милал барои ТИК ва рушд (Иттиҳоди Ҷаҳонӣ барои ТИК ва рушд) табдил ёфт.

- Барои таҳия ва баррасии нақшаи корӣ барои истифодаи ТИК барои рушд ду конфронси муҳими WSIS I ва II дар солҳои 2003 ва 2005 баргузор гардиданд.

- Пас аз WSIS II дар соли 2005, аксари созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои гуногуни салоҳияту фаъолияти худ ба ТИК барои рушд ҷалб шуданд.

---

57 Гузоришро аз ин торнамо метавон фурукашӣ кард: http://www.itu.int/ITU-D/ict/publications/wtdr_10/index.html.
58 ESCAP, “ICT and Development Section”, http://www.unescap.org/idd/ids.asp.
59 APCICT, “About Us”, http://www.unapcict.org/aboutus.
60 Commonwealth of Learning, http://www.col.org.
61 International Development Research Centre, http://publicwebsite.idrc.ca/EN/Pages/default.aspx.

Хулоса

Дар байни ҳамаи ҷонибҳои манфиатдори байналмилаливу миллӣ гароиш ва уҳдадории қавӣ дар истифодаи ТИК барои рушд вуҷуд дорад. Ҳар сол барои фаҳмидан ва татбиқ намудани ин воситаҳои хеле нерӯманд миллиардҳо доллар сарф мешаванд. Ин уҳдадорӣ дар бисёр созишномаҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла дар Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва чорабиниҳои марбутаи он чун ҷаласаҳои Саммити ҷаҳонӣ оид ба ҷомеаи иттилоотӣ (WSIS) дар Женева (2003) ва Тунис (2005) инъикос ёфтааст.

Ҳоло ҳукуматҳо барои истифода бурдани технологияҳои навтарин барои фарогирӣ ва такмили сифати фаъолиятҳои ба рушд равонашуда ҳавасманд мебошанд. Дар натиҷа, дар саросари олам як силсила талошҳои ТИК марбут ба рушд, ҳам дар бахшҳои алоҳидаи ҷомеа ва ҳам тавассути фаъолиятҳои асосёфта бар Саммити ҷаҳонӣ оид ба ҷомеаи иттилоотӣ (WSIS), сурат мегирад. Ин талошҳо амалҳои сиёсатгузорӣ, эҷоди тавонмандии инсонӣ, рушди зерсохтор ва хадамот барои шаҳрвандонро дар бар мегирад.

Мисоли 2. Пайвастани деҳаи Нангӣ ба интернет

Нангӣ деҳаи кӯҳистонии дорои 800 бошанда аст, ки дар миёнакуҳҳои ғарбии Непал дар баландии 7300 фут (2225 метр), дар назди силсилакуҳҳои Аннапурна ва Дҳалагирии Ҳимолой ҷойгир шудааст. Барои сафари пиёда ба Нангӣ аз наздиктарин шаҳри калони Бенӣ аз шаш то нӯҳ соат сарф мешавад ва шебу фарозро тавассути якчанд деҳ ва ҷангали кӯҳӣ фаро мегирад. Дар Нангӣ фабрикаҳо вуҷуд надоранд. Ҳамаи одамони он хоҷагидороне (фермероне) ҳастанд, ки абзори кориашон говронаи чӯбӣ, бели оҳанӣ, табар, дос, искана ва чаккуш аст. Ягон мошинолот ё олатҳои худкор дар ин деҳа вуҷуд надоранд. На нерӯи трактор, балки қувваи барзагов ё говмеши куҳондор барои шудгор кардани саҳроҳо истифода мешавад. Одамон бо кашондани бори гарон дар тахтапушти худ одат кардаанд, чун ин корро дар дарозои қарнҳо анҷом медоданд. Зиндагӣ дар Нангӣ хеле душвору сангин аст.

Тасвири 6. Мактаби миёнаи Ҳиманчал, деҳаи Нангӣ

***Сарчашма**: Бунёди маорифи Ҳиманчал, http://www.himanchal.org.*

Тақрибан даҳ сол пеш таҳти раҳбарии Маҳабир Пун, омӯзгори мактаби деҳа, дар деҳаи Нангӣ талоши дарозмуддат барои дастрасӣ ба Интернет шурӯъ шуд.
Сароғоз, компютерҳо дар қуттиҳои чӯбӣ сохта шуда буданд, генератори хурди обӣ ба кор даромад ва васлкунӣ тавассути шабакаи нерӯманди бесими Интернет таъсис дода шуд. Ин шабака тавассути шабакаи бесими боэътимоди WiFi чаҳор деҳаи дигар ва маркази таъмини Интернетро дар Похара, шаҳри калони воқеъ дар фосилаи 22 мил (35,4 километр) дуртар аз истгоҳи наздиктарини интиқоли алоқа, бо ҳам мепайвандад. Бисёр нуқтаҳои дастраскунандаи хизматрасонии Интернет тавассути пайвасти телефони хаттӣ (бо истилоҳ dial-up) дар Похара бо истифода аз таҷҳизоти дорои арзиши аслии аз ҷониби истеҳсолкунандагон таъминшуда васл шуданд.

Дар тӯли ёздаҳ соли гузашта, Пун ва сокинони деҳа як мактаби миёнаи дорои китобхона, гармхона барои парвариши ниҳолҳо, дармонгоҳ ва алоқаи видеоии телетиби васлшуда дар Похара, устохонаи чӯбкорӣ, устохонаи истеҳсоли коғаз ва коргоҳи дарздӯзӣ, макони хаймазанӣ барои треккерҳо, ки имконияти истифодаи почтаи электрониро дорад, ҳавзи моҳипарварӣ ва фермаи парвариши говмеши куҳондор сохтанд. Лабораторияи компютерӣ омехтаи таҷҳизоте буд, ки аз тарафи сарчашмаҳои гуногун ҳадя шудааст. Вақте коркарди бархатии додаҳо таъсис дода шуд, баъзе нармафзорҳои истифодашуда ройгон (freeware) буданд, ки хароҷот ва кори мураккабро сарфа

мекарданд. Ҳоло, Маҳабир Пун дар ТҶ «Табодули озоди омӯзишӣ» кор мекунад. Ӯ бо истифода аз сарчашмаҳои озод ба таҳияи мӯҳтавои интерактивии барномаҳои таълимии ҳукуматӣ барои талабагони мактаб машғул мебошад.

Мавҷудияти алоқа бо ҷаҳони берунӣ ба деҳи Нангӣ имкон фароҳам овард, то системаи оддии телетибро дошта бошад, дар маконҳои дигар бо сокинони деҳа дар тамос бошад, кишоварзиро такмил диҳад ва ба кӯдакон истифодаи компютерро биомӯзонад.

Ҳатто дар кишварҳои хеле фақир ҳам, бисёр лоиҳаҳои ба рушд нигаронидашуда мекӯшанд то таҷҳизоти навтарину мураккабтаринро бо даъвои он, ки чунин дастгоҳҳо барои ба пеш «ҷаҳидани» лоиҳаҳои маҳаллӣ кӯмак хоҳанд кард. Дар Нангӣ модел комилан дигаргуна буд. Вақте лоиҳаи бесим дар соли 2002 оғоз шуд, мардуми Нангӣ ҳеҷ маблағеро дар ихтиёр надоштанд. Аз ин рӯ, таҷҳизоти соддатарин, арзонтарин ва истифодашуда ба кор бурда мешуд. Дар охир, ин кор муваффақ шуд, дар ҳоле ки ташаббусҳои аз ҷониби ҳукумат маблағгузоришуда амалӣ нагардиданд.

Машқи амалӣ

Ба вебсафҳаи Бунёди таълимии Ҳиманчал равед (http://www.himanchal.org) ва онро бодиққат аз назар гузаронед. Сипас ба саволҳои зерин посух гӯед:

1. Ин лоиҳа дар Непал кадом ҳадафҳои асосии рушдро пайгирӣ мекунад? Рӯйхати ҳадафҳоро таҳия намуда, онҳоро афзалиятгузорӣ кунед. Рӯйхатеро, ки таҳия намудед, бо рӯйхати ҳамсинфи худ муқоиса кунед. Гузориши кӯтоҳеро бо шарҳи назари худ ва назари ҳамсинфи худ барои тамоми синф омода кунед.

2. Дар ин ҷо ТИК барои вокуниш нишон додан ба ҳадафҳои гуногуни рушд чӣ гуна истифода шудаанд. ТИК-еро номбар кунед, ки дар ин лоиҳа истифода шудаанд. Бартарӣ ва маҳдудиятҳои ҳар як ТИК-и номбаршударо рӯйхат кунед. Рӯйхатро аз рӯи аҳамиятнокӣ тартиб диҳед. Дар баромад (презентатсия)-и худ ин рӯйхатро ба рӯйхати саволи 1 илова кунед. Алоқамандии байни ҳадафҳои рушд ва ТИК-ро дар ин лоиҳа ҷамъбаст кунед.

Худро бисанҷед

1. Алоқамандӣ дар байни ҳадафҳои рушд ва ТИК аз чӣ иборат аст:

а. Нерӯи ТИК барои дастрас кардани иттилооти саривақтӣ ва мӯътамад барои тасмимгирӣ (қабули қарор);
б. ТИК ҳамоҳангсозиро дар байни бахшҳои гуногун ва равандҳои банақшагирӣ такмил медиҳад;
в. ТИК кӯмак мерасонад, то ки идоракунии хуб ба натиҷаҳои хуби рушд оварда расонад;
г. Ҳамаи нуктаҳои дар боло зикршуда.

2. «Мақомгузориҳои иқтисоди рақамӣ», ки нишондиҳандаҳои куҳнатари омодагии электрониро ҷойгузин мешаванд:

а. Маҳоратҳои рушди ТИК-ро дар кишвар андозагирӣ мекунад;
б. Сифати истифодаи ТИК-ро барои фаъолиятҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвар андозагирӣ мекунад;
в. Кишварҳоро мутобиқи натиҷаҳои «маҳсулоти донишбунёд»-и онҳо гурӯҳбандӣ мекунад;
г. Кишварҳоро мутобиқи миқдори телефонҳои хаттӣ гурӯҳбандӣ менамояд.

3. Тафовут дар байни «иқтисоди донишбунёд» ва «ҷомеаи донишбунёд» ба нуктаҳои зерин марбут аст:

а. Тафовут дар байни «амволу хадамот» дар ТИК ва «тавонмандиҳо дар истифодаи ТИК»;
б. Дастрасӣ ба иттилоот ва дониш дар байни одамони камбизоат;
в. Бартараф кардани холигоҳи рақамӣ;
г. Қобилияти ҳар як кишвар ҷиҳати такмил додани амалиёти коркарди додаҳо (бэк-офис) барои кишварҳои рушдкарда.

4. Кадоме аз роҳҳои зерин роҳи беҳтарини маҳдуд кардани холигоҳи рақамӣ мебошад?

а. Сохтани зерсохтори технологияи иттилоотӣ (ТИ);
б. Таъмин кардани дастрасии саросарӣ;
в. Амалӣ кардани ислоҳот дар системаи иқтисодӣ, маориф ва телекоммуникатсия;
г. Дар байни ин се алтернатива афзалият наметавон гузошт.

5. Кадоме аз созмонҳои зерин дар соҳаи ТИКР дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором кор НАМЕКУНАД?

а. Бонки осиёии рушд;
б. Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором (ESCAP);
в. ЮНЕСКО;
г. Комиссияи иқтисодӣ барои Амрикои Лотинӣ ва ҳавзаи Кариб.

Адабиёт барои хониш

Economic Intelligence Unit. *Digital Economy Rankings 2010: Beyond e-Readiness.* The Economist, 2010. http://graphics.eiu.com/upload/EIU_Digital_economy_rankings_2010_FINAL_WEB.pdf.

Eisenstadt, Samuel N. *Tradition, Change, and Modernity*. New York: John Wiley & Sons, 1973. Hagen, Everett. *On the Theory of Social Change.* Homewood, Illinois: Dorsey Press, 1962.

Haq, Mahbub ul. *Reflections in Human Development*. Oxford University Press, 1995.

Heeks, Richard. ICT4D 2.0: The Next Phase of Applying ICT for International Development. *Computer.* IEEE Computer Society, 2008. http://research.microsoft.com/en-us/um/people/cutrell/heeks-ICTD%20two-point-zero.pdf.

Huntington, Samuel P. *Political Order in Changing Societies*. The Henry L. Stimson Lectures Series. New Haven: Yale University Press, 1968.

Lerner, David. *The Passing of Traditional Society: Modernizing the Middle East.* New York: The Free Press, 1958.

Madon, Shirin. *e-Governance for Development.* London: Palmgrove Macmillan, 2009.

Melkote, Srinivas R., and H. Leslie Steeves. *Communication for Development in the Third World.* Sage Publications, 2008.

Mowlana, Hamid, and Laurie J. Wilson. *Communication Technology and Development.* Paris: UNESCO, 1988.

Peet, Richard, and Elaine Hartwick. *Theories of Development: Contentions, Arguments, Alternatives.* London: Guildford Press, 2009.

Roberts, J. Timmons, and Amy B. Hite, eds. *The Globalization and Development Reader: Perspectives on Development and Global Change*. John Wiley Publishers, 2007.

Rogers, Everett. *Modernization Among Peasants*. New York: Holt, Rinehart, and Winston, 1969.

Schramm, Wilbur. *Mass Media and National Development*. Stanford: Stanford University Press, 1964.

Sen, Amartya. *Development as Freedom.* New York: Alfred A. Knopf, 1999.

Servaes, Jan, ed. *Communication for Development and Social Change.* Sage Publications, 2008.

Singh, Rajnesh. *Module 4: ICT Trends for Government Leaders.* 2nd edition. *Academy of ICT Essentials for Government Leaders* module series. Incheon: UN-APCICT/ESCAP, 2011. http://www.unapcict.org/academy/.

UNDP. *Human Development Report 2010 – 20th Anniversary Edition: The Real Wealth of Nations – Pathways to Human Development.* New York: 2010.
http://hdr.undp.org/en/reports/global/hdr2010/chapters/en/.

Шиносоии бархатӣ (онлайнӣ) бо раванди рушди инсон барои истифода ва омӯзиши ройгон дар http://hdr.undp.org/external/flash/hd_journey/en/ дастрас аст.

UNESCO. *Toward Knowledge Societies.* Paris: 2005.
http://unesdoc.unesco.org/images/0014/001418/141843e.pdf.

Unwin, Tim. *ICTD Information and Communication Technologies for Development.* Cambridge University Press, 2009. See Tim Unwin's blog at http://unwin.wordpress.com/.
World Bank. *Information and Communications for Development 2009: Extending Reach and Increasing Impact*. Washington, D.C.: 2009. http://go.worldbank.org/NATLOH7HV0.

БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИВУ КОММУНИКАТСИОНӢ БАРОИ РУШД

2.1 ТИК дар ҳаёти мо

Фанни ТИКР, ки ба наздикӣ пайдо шудааст, ҳамгироии амалияи рушд ва истифодаи ТИК барои рушди пойдору фарогири иҷтимоиву иқтисодро баррасӣ мекунад. Ин соҳа ҳамчун фан дар давоми чаҳоряки охирини асри 20 ба вуҷуд омад. Он дар муқоиса ба дигар фанҳои илмӣ ҷавон буда, дониши худро аз чанд фан мегирад. Маҳз барои ҳамин он дорои вижагиҳои гуногун ва мураккаби илмӣ мебошад.

Равзанаи 5. ТИК чӣ гуна ҳаёти моро тағйир медиҳанд

Инро тасаввур кунед:

Акси рақамие, ки дар Бангола бо суратгираки телефони мобилӣ гирифта шудааст, ба компютери рӯизону (лаптоп) интиқол дода мешавад. Ба воситаи Интернет, акс ба шахсе дар Ҳиндустон ва ҳамчун паёми бисёррасонаӣ ба шахсе дар Бразилия бо почтаи электронӣ фиристода мешавад. Инчунин, ин акс тавассути системаҳои ҷустуҷӯие мисли Гугл ба ширкатҳои байналмилалии пахши садову симо мерасад. Дар як қисми дунё акс дар ҳуҷҷате истифода ва дар ҷои дигаре ба маҳсулоти видеоӣ ворид карда шуда,дар ҷои сеюм он ба компакт-диск сабт ва фурӯхта мешавад. Дар Африкаи Ҷанубӣ, ин маҳсулот ба Корпоратсияи телевизиониву радиоии Африкаи Ҷанубӣ фиристода ва дар саросари кишвар пахш карда мешавад. Шахсе дар Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир лаҳзае аз ин маҳсулоти видеоиро ҳамчун акси рақамӣ сабт менамояд ва ба рафиқи худ, ки дар ҳавзаи уқёнуси Ором саёҳат мекунад ва бо худ телефони мобилии мутобиқ ба истифодаи Интернет дорад, тавассути почтаи электронӣ мефиристад. Онҳо ин аксро дар навбати худ ба як рафиқи худ дар Зимбабве бо почтаи электронӣ мефиристанд, ки охирӣ онро дар вебсафҳаи маҳаллӣ ҷойгир мекунад. Шахсе дар Канада аксро аз вебсафҳаи онҳо нусхабардорӣ карда, дар маҷаллае мегузорад ва барои ин кор баъдтар ба додгоҳ кашида мешавад, аз он ки акс дорои ҳуқуқи муаллиф будааст. Ҳамаи ин кор дар давоми 24 соат анҷом дода мешавад.[62]

Ё инро тассавур кунед:

Табибе аз минтақаи дурдасти рустой барои муолиҷаи бемори камбизоат, ки пас аз таваллуди кӯдаки севуми худ ба бемории дил гирифтор шудааст, ба машварати оҷилии коршиноси тиббӣ ниёз дорад. Бо сабаби набудани таҷҳизоти зарурии тиббӣ дар бемористони ноҳиявӣ табиб наметавонад вазъи ӯро дуруст ташхис кунад. Бо истифода аз алоқаҳои баландсуръати коммуникатсионии моҳворай байни бемористони деҳа ва бемористони баландтахассуси шаҳрӣ, табибон дар макони охирин тавонистанд дар ташхис кардан ва тавсия додани муолиҷа кӯмак расонанд. Ин имконияте мебошад, ки даҳ сол пеш боварнакарданӣ буд.

Табиби деҳа, бо имкониятҳои технологӣ ҳавасманд шуда, тавассути омӯзиши фосилавӣ ба курси давомдори таҳсили тиббӣ шурӯъ кард ва дар тӯли чанд сол бе тарки кори худ дар деҳа ҳамчун коршиносии тиббӣ акнун мушовирӣ мекард.[63]

Ду таҷрибае, ки дар равзанаи 5 тавсиф шудаанд, ҳам рӯҳияи тоза ва ҳам дигаргунии потенсиалиеро нишон медиҳад, ки ТИК ба ҳаёти инфиродии мо ворид кардаанд. Имрӯз доштани телефони мобилии арзон барои дастрасӣ пайдо кардан ба ин гуна имкониятҳо кофӣ аст. Аз ин рӯ, шахс ба компютери мураккаб ва гаронбаҳо ё дастрасӣ ба Интернети баландсуръат ниёз надорад. Дар ҳоле ки ТИК-ро бештари маврид барои коммуникатсия ва хушгузаронии вақт истифода мебаранд, онҳоро барои суръат бахшидан ва осон кардани раванди рушд низ метавон ба кор бурд.

[62] Нутқи Дэвид Волкер, собиқ мутахассиси таълимии Иттиҳоди Омӯзиш, дар соли 2003; бо иҷозат аз муаллиф истифода шудааст.

[63] Муаллиф чанд ташаббуси фаъоли телетибро дар деҳаҳои иёлати Андра Прадеш ва дигар минтақаҳои Ҳиндустон мушоҳида кардааст. Ин тавсиф қисми таркибии чанде аз чунин мушоҳидаҳост.

2.2 Дарки ТИК – доираи фарогирӣ ва таърифҳо

Технологияҳои иттиоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) чистанд ва дар бораи имкониятҳои онҳо чӣ гуна фаҳмише вуҷуд дорад? Дар адабиёти марбут ба инкишоф дар бораи ТИК таърифҳои зиёд ва ҳатто саргумкунанда вуҷуд доранд. Дар бештари маврид, истилоҳи «ТИК» барои тавсифи истифодаи компютерҳо ва Интернет истифода мешавад. Баъзан, истилоҳи «ТИК» бо технологияҳои мураккабтарин ва гаронбаҳои компютерасос марбут аст. Дар дигар лаҳзаҳо бошад, технологияҳои анъанавие мисли радио, телевизион ва телефония мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Ба ҳамин тариқ, таърифҳои ТИК вобаста аз заминаву шароити истифодаи онҳо хеле тафовут доранд.

Таърифи пурратар аз ширкати пешбари бархатии (онлайнии) расонаҳои технологияи ҷаҳонӣ TechTarget[64] дастрас аст, ки ниёзҳои махсуси бозори ТИК-ро қонеъ менамояд. TechTarget, ки навъҳои гуногуни технологияро таъкид менамояд, ТИК-ро чунин тавсиф кардааст:
«ТИК истилоҳи фарогирест, ки ҳар гуна дастгоҳ ё барномаи коммуникатсиониро дар бар мегирад, аз он ҷумла радио, телевизион, телефонҳои сотӣ (кандуӣ), сахтафзору нармафзори компютериву шабакавӣ, системаҳои моҳворӣ ва ғайра, ҳамчунин, хадамоту барномаҳои гуногуне, ки бо онҳо тавъаманд, ба мисли видеоконфронс ва омӯзиши фосилавӣ. ТИК дар бештари маврид дар заминаи алоҳида фаҳмида мешаванд, ба монанди ТИК дар маориф, тандурустӣ ё китобхона. Ин истилоҳ берун аз Иёлоти Муттаҳида маъруфтар аст.
Мувофиқи мавқеи Коммиссияи Аврупо, аҳамияти ТИК на танҳо дар худи технологияҳои марбута, балки беш аз ҳама дар қобилияти онҳо дар эҷоди дастрасии зиёдтари қишри камтаъминшудаи аҳолӣ ба иттилоот ва коммуникатсия мебошад. Бештари кишварҳои ҷаҳон ташкилотҳое барои пешбурди ТИК бунёд кардаанд. Зеро хавфе вуҷуд дорад, ки дар сурати минтақаҳои аз нигоҳи технологӣ заиф имконияти расидан ба сатҳи кишварҳои пешрафтаи технологиро пайдо карда натавонанд, рушди бошиддати технологӣ дар ин кишварҳо боиси боз ҳам барангехтани холигоҳи иқтисодии доимо вуҷуд дошта мегардад, ки ин навбат миёни минтақаҳои доранда ва нодори технологӣ, яъне ҳамчун холигоҳи рақамӣ шинохта шудааст. Дар сатҳи байналмилалӣ, Созмони Милал ТИКР (ICT4D)-ро ҳамчун воситаи бартараф намудани холигоҳи рақамӣ фаъолона истифода мебарад.»[65]

Бо мақсади дарки дурусти мақоми ТИК, пазируфтани таърифҳое, ки аз ҷониби БРСММ дар соли 2003 пешниҳод шудааанд, муфид хоҳад буд. Мувофиқи он,
«ТИК асосан воситаҳои бо иттилоот сарукор дошта, яъне маҷмӯи гуногуни молҳо, барномаҳо ва хадамот барои истеҳсол, ҳифз, коркард, густариш ва табодули иттилоот мебошанд. Онҳо асосан ба ду даста ҷудо мешаванд: ТИК-и «кухна» - радио, телевизион ва телефон ва ТИК-и «нав» - компютерҳо, технологияҳои моҳвораиву бесим ва Интернет. Ин воситаҳои гуногун ҳоло қодир ҳастанд, ки якҷоя кор кунанд ва барои шакл додани «ҷаҳони шабакабандишуда»-и мо, зерсохтори бузурги хизматрасонии баҳампайвастаи телефонӣ, сахтафзори стандартишудаи компютерӣ, Интернет, радиову телевизионро муттаҳид намояд, ки ба ҳар як гӯшаи олам мерасад.»[66]

Аз рӯи анъана, дар байни ТИК, аз нигоҳи хусусиятҳои онҳо (матн – нашр (матбуот); аудио – радио; аудио-визуалӣ – телевизион), тафовут гузоштан имконпазир буд. Вале аз соли 1990 сар карда, чунин тафовутҳо камранг шуданд, чунки конвергенсия ё худ баҳамоии расонаҳо (медиа ё худ медиумҳо)-и алоҳида дар платформаи ягона ба воқеият табдил ёфт.

Бо рушди босуръати технология, системаҳои ҳамсони анъанавӣ (сигналҳо, ки ҳам аз нигоҳи вақт ва ҳам аз нигоҳи майдони навасон (амплитуда) бар носозгории давомдор асос ёфтаанд) ба системаҳои рақамӣ роҳ кушоданд. Системаҳои рақамӣ сигналҳоро ба блокҳои алоҳида табдил медиҳанд ва садои нохушу акси таҳрифёфтаро то андозае ислоҳ мекунанд. Имрӯз, истилоҳи «рақамӣ» гуфта, системаҳои рақамии электронӣ дар назар дошта мешаванд. Бештари системаҳои пешинаи ҳамсон (аналог) ба мисли наворҳои оҳанрабой (магнитӣ) ба технологияҳои рақамибунёд табдил ёфтанд.

Дар робита ба ин, бояд эътироф карда, ки ҳоло ТИК як қисми ҳаёти рӯзмарраи берун аз истифодаҳои муқаррарии пештар муроҷиашуда аст. Таҳвил ва истифодаи ТИК бисёр бахшҳои саноати анъанавиро такмил дода ва дубора муайян карда, ба сатҳи фаъолият ва ё идораи онҳо таъсири назаррас гузоштааст.

---

[64] TechTarget, http://www.techtarget.com.
[65] SearchCIO-Midmarket.com, “Definition: ICT (Information and communications technology – or technologies)”, TechTarget, http://searchcio-midmarket.techtarget.com/definition/ICT.
[66] UNDP Evaluation Office, *Information Communications Technology for Development, UNDP Essentials: Synthesis of Lessons Learned* (New York, 2001), p. 2.

Инҳо бахшҳои анъанавие чун кишоварзиро фаро мегиранд, ки дар он ТИК идоракунии зироатро тавассути кӯмак расонидан ба таҳлил ва пешгӯии шароитҳои беҳтари кишту ҳосилғундорӣ осон мегардонад. Ҳамчунин, технологияҳо барои кӯмак расонидан ба идора ва назорати равандҳои саноатие чун системаҳои идоракунии фабрикаву биноҳо хизмат мекунанд. Онҳо дастрасии дохиливу берунии ҳуҷраҳову идораҳоро назорат карда, барои сарфа кардану аз садама маҳфуз доштани нерӯ дар системаҳои гармидиҳанда, сардидиҳанда ва рӯшної ба кор мераванд. ТИК барои назорат кардани кори таъсирбахши системаҳои муҳаррик ва сӯзишвории мошин ва кӯмак намудан ба роҳнамоии рониандa (масалан, тавассути истифодаи сенсорҳои таваккуф ва системаҳои глобалии мавқеъёбӣ [GPS]) истифода мешаванд. Ҳамаи ин системаҳо истифодабарии ТИК-ро дар шаклҳои гуногун барои фаъолият, афзудани таъсирбахшӣ, ҳамчунин, барои ба система ва корбарҳои дигар фиристодани иттилоот ба хотири танзими амалиётҳо сафарбар мекунанд.
Пасон, ТИК-ро метавон ба технологияҳо, барномаҳо, хизматрасонӣ ва муҳтаво тақсим кард. Таҳияи компютеру телефонҳои мобилии навтару зудкортар, ки барномаҳои пуршуморро идора мекунанд, афзоиши сохтмони манораҳои бесим, кашидани кабелҳои нахи оптикӣ ва насби сенсорҳои ҳушманд ва технологияҳои марбут ба ашёҳои гуногуни рӯзмарра, аз мошинҳо сар карда то яхдонҳо, як қисми зерсохтори ТИК-ро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, онҳо бояд чун як бахши таркибии технологияҳо дониста шаванд.

Таҳияи барномаҳои нармафзор ҳам ба забони англисӣ ва ҳам ба забонҳои маҳаллӣ, сарфи назар аз хусусӣ ё аз сарчашмаи кушода[67] эҷодшуда будани онҳо, аз барнома ва воситаҳое, ки тавассути технологияҳо ё муҳтавои барномаҳо таъмин шудаанд, иборатанд. Ин воситаҳои хизматрасоние мебошанд, ки тавассути технологияҳо ё барномаҳо таъмин карда шуда, барои бизнес ва ё ҳукумати электронӣ истифода бурда мешаванд. Асли ин хизматрасониро муҳтавое ташкил медиҳад, ки тавассути ТИК дастрас мешавад. Барои он ки корбар ё шаҳрванд манфиат ёбад, бояд ӯ ба ҳар як унсури табақабандӣ дастрасӣ дошта бошад.

Барои фаъолияти бомуваффақияти ТИК, муҳити ҷисмонӣ, сиёсатгузорӣ, ҳуқуқӣ ва ҳамчунин, шароити танзим ва молиявӣ бояд созгор бошанд. Системаҳои ТИК ба нерӯи устувори таъмини барқ, ноқилу сим, чорасозиҳои бесим барои кори бетаъхири онҳо ва биноҳо барои ҷойгир кардани онҳо ниёз доранд. Захираҳои мувофиқи техникӣ барои сохтан, густариш додан, ба кор андохтан ва нигоҳ доштани чунин системаҳо низ заруранд. Дигар муҳити қодирсоз қонуну меъёрҳое мебошанд, ки ба додани литсензия, меъёру равандҳои рақобат, механизмҳои тақсими даромад ва ё ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ (IPR) марбутанд.

Тасвири 7 бо ифодаи вижагиҳои аз нигоҳи эмпирикӣ мушоҳидашаванда ва андозагиришаванда ТИК-ро тавсиф менамояд.

[67] Нармафзори кушодаасос (НОКА) таърифҳои зиёд дорад. Асосан, сарчашмаи кушода гуфта, нармафзори компютерие дар назар дошта мешавад, ки мувофиқи талаботи литсензия паҳн карда мешавад ва имкон медиҳад, то корбарону созмонҳои дигар ба рамзи компютер дастрасӣ дошта бошанд, онро дида ва тағйир дода тавонанд. Барои иттилооти бештар ба http://www.google.co.in/#hl=en&q=Open+source+software&tbs=dfn:1&tbo=u&sa=X&ei=qq_dTaGlC4i8vwPRtcW_BQ&ved=0CBgQkQ4&fp=2f48aba968b63bb2&biw=1280&bih=586 нигаред, 26 майи соли 2011 дастрасӣ шудааст.

Тасвири 7. Гурӯҳбандии намудҳои ТИК

***Сарчашма**: Уша Рани Вясулу Редди, 2011*

2.3 Ҷузъбандии технологияҳо

Ҳар шахсе, ки дар даст телефони мобилии хурд ё компютери шахсӣ дорад, қодир аст ба олами иттилоот дастрасӣ пайдо кунад. Ин аз тариқи шабакаи бетаваққуфи технологияҳо, барномаҳо, хизматрасонӣ ва муҳтаво амалӣ мегардад, ки тавассути тӯри технологияҳои телекоммуникатсионӣ бо ҳам пайвастаанд. Барои корбари ниҳоӣ тарзи кори система чандон муҳим нест, то он даме ки хизмати дархостшударо мерасонад. Аммо барои донишҷӯ ва ё дастраскунандаи ниҳоии хизматрасонии рушд муаррафии фарогир ва махсусан ба таври ҷузъӣ шарҳу тавзеҳи истилоҳҳои гуногун ҷиҳати фаҳмидани шароиту заминаҳои барномаҳо муҳим аст. Аз ин рӯ, ин бахш фаҳмиши умумии истилоҳҳои мухталиферо баррасӣ менамояд, ки дар тасвири 7 истифода шудаанд.

Асосан, дастгоҳу барномаҳои ТИК барои истеҳсол, ҳифз ва мубодилаи иттилооту дониш истифода мешаванд. Онҳо аз сахтафзор ва низ аз нармафзоре иборатанд, ки сахтафзорро ба кор меандозад ва барои таҳияи муҳтаво васила фароҳам меоранд. Дар якҷоягӣ, онҳо барои таъмини хизматрасонӣ барои корбар василаи пайванд фароҳам меоранд. Заминаи тамоми равандро маҷмӯи муҳитҳои мусоидаткунанда, аз қабили чорчӯбаҳои ҷисмонӣ, сиёсатгузорӣ, ҳуқуқиву танзимкунанда ва молиявӣ ташкил медиҳанд. Биёед, дар поён ҳар якеро муфассалтар таҳлил намоем.

Муҳитҳои пуштибон ва созгор

Ҷисмонӣ
- Сарчашмаҳои нерӯ ва барқ
- Биноҳо, истгоҳҳо (коммутаторҳо)-и телефонӣ, телемарказҳо, нуқтаҳои дастрасӣ
- Интернет ва дастгоҳҳои дастрасӣ ба Интернет

Муҳитҳои сиёсатгузорӣ, ҳуқуқӣ, танзимкунанда ва молиявӣ
- Тартиботи додани литсензия барои операторони алоқаи телекоммуникатсионӣ, сохторҳои тарофабандӣ
- Меъёрҳо (амалиёти шабакавӣ, тақсимот, интиқол, забонҳо)
- Додани литсензия ба ширкатҳои телевизиониву радиоӣ ва воситаҳои ахбори омма
- Танзими рақобат

Сахтафзор

Сахтафзорро метавон ба таври зер гурӯҳбандӣ кард:

- Дастгоҳҳои сабткунандаи иттилоот, масалан, камераҳо, лавҳакалидҳо, микрофону дастгоҳҳои сабти садо ва сканнерҳо;
- Дастгоҳҳои ҳифзи иттилоот, масалан, серверҳо, сахтдискҳо ва дастгоҳҳои берунии ҳифзи иттилоот чун наворҳои аккосӣ ва навори садо, компакт-дискҳо, видеодискҳои рақамӣ, модули ҳофиза ва кортҳои ҳофиза;
- Дастгоҳҳои додугирифти иттилоот, масалан, радиоҳо, телевизорҳо, телефонҳои собит ва сайёр, дастгоҳҳои дастие чун дастгоҳҳои хониши китоби электронӣ ва компютерҳо, аз он ҷумла компютери сайёр ва лавҳакомпютерҳо (планшетҳо).

Компютеру телефонҳои мобилӣ, ки дорои қобилиятҳои сабт, ҳифз ва табодул ҳастанд, ба воситаҳои хеле нерӯманди сахтафзор табдил ёфтаанд.

Нармафзор

Барои идора ва истифодаи дастгоҳҳои сахтафзор барномаҳои нармафзор заруранд. Инҳо, мумкин аст, системаҳои амалиётӣ (оператсионӣ) ё барномаҳои нармафзор бошанд. Ин барномаҳо метавонанд хусусӣ ё кушодаасос бошанд. Нармафзори хусусӣ нармафзори компютерист, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи комили муаллиф литсензиябандӣ шудааст. Ба литсензияҷӯянда ё корбари нармафзор ҳуқуқ дода мешавад, то таҳти шартҳои муайян нармафзорро истифода барад. Вале ӯ дар мавридҳои дигари истифода, ба монанди тағйирдиҳӣ, густариши минбаъда ва ё муҳандисии бозгушой (reverse engineering - кашфи дубораи мавод тавассути омӯхтан ва ё кушодани асрори он), маҳдуд карда шудааст.

Аз тарафи дигар, нармафзори озод ва кушодаасос (НОКА – Free and Open Source Software – FOSS) гуфта, нармафзори компютерие дар назар дошта мешавад, ки ба шакли коди сарчашма дастрас мебошад. Барои дастрасӣ ба ин нармафзор коди сарчашма ва дигар меъёрҳое, ки одатан барои соҳибҳуқуқ ҳифз карда шудаанд, дар доираи литсензияи нармафзор таъмин карда мешаванд. Ин меъёрҳои ҳуқуқи муаллиф ба корбарон иҷозат медиҳад, то нармафзорро омӯхта, тағйир ва такмил диҳанд. Қайд кардан муҳим аст, ки истилоҳи нармафзори озод на нарх, балки озодии бо он ҳамроҳро дар назар дорад. Ин гуна озодӣ ба идораи озоди нармафзор, паҳнсозии дубора, омӯзиш, мутобиқат, такмил ва баистифодадиҳии ин бозсозиҳои такмилёфта ба дигарон марбут аст. Вале азбаски коди сарчашма барои истифода ва паҳнсозии такрорӣ бояд ба таври озод дастрас бошад, НОКА-ро одатан бепул ё бо нархи хеле арзон метавон ба даст овард. Чунин дастрасӣ дорои бартарии сарфа кардани буҷаро аз ҳисоби нахаридани нармафзори хусусиву бастаҳои нави онро, ки нархаш гарон аст, мебошад.

Барои ширкатҳои барномасоз мутобиқ кардани нармафзор ба талаботи фармоишгарони инфиродӣ ва ба шароити маҳал, аз он ҷумла ба бозору забонҳои хурд аз ҷиҳати иқтисодӣ даромаднок нест. Аммо дар ин маврид роҳи ҳал вуҷуд дорад: барномаҳои НОКА-ро барои мувофиқ кардан ба тарҳҳои маҳаллӣ мутобиқи фармоишгари инфиродӣ, барои нишон додани маҷмӯи ҳарфҳо бо истифодаи ҳуруфи махсус ё ҳатто эҳтимол фароҳам овардани таҷрибаи беҳтари корбар тавассути ислоҳ кардани интерфейси корбар метавон тағйир дод. Маҳаллӣ кардан осонтар аст, чунки қолибҳои муқарраршудаи забонӣ вуҷуд доранд, ки онҳоро бе халалдор кардани коди асосии нармафзор метавон эҷод кард ва ба нармафзор пайваст.[68]

- Системаи амалиётӣ (Operating System – OS): Вақте компютер ё дастгоҳи сахтафзор ба кор дароварда мешавад, он системаи амалиётиеро фаъол менамояд, ки мошинро идора мекунад. Системаи амалиётӣ маҷмӯи барномаҳоест, ки ба назорат ва идора кардани захираҳои сахтафзору нармафзори дар системаи компютерӣ ё дастгоҳҳои дигар ҷойдошта кӯмак мерасонад. Системаҳои амалиётӣ метавонанд хусусӣ бошанд, яъне ширкате онро ҳамчун системаи худӣ тарҳрезиву таҳия карда, ба бозор барорад. Windows ва Mac OS аз ҷумлаи ин системаҳо мебошанд. Чуноне ки Linux ҳаст, системаҳои амалиётӣ, инчунин, метавонанд озоду кушодаасос бошанд.

- Нармафзорҳои корбурдӣ (амалӣ): Нармафзорҳои корбурдӣ ҳамчун application ё «app» маъмуланд. Инҳо нармафзорҳои компютерӣ буда, барои кӯмак расонидан ба корбар дар амалисозии

[68] Rajnesh Singh, *Module 4: ICT Trends for Government Leaders,* 2nd edition, *Academy of ICT Essentials for Government Leaders* module series (Incheon, UN-APCICT/ESCAP, 2011), http://www.unapcict.org/academy/.

як ё чанд вазифа тарҳрезӣ шудаанд. Бештари вақт маҷмӯи барномаҳо бо чанд барномаҳо дастабандӣ шудаанд, ки якҷо кор мекунанд. Намунаҳои нармафзори хусусӣ Microsoft Office, iWork, нармафзори барои идораи фаъолияти ширкатҳои бузург, нармафзори ҳисобдорӣ, бастаи барномаҳо барои худкорсозии идора, нармафзори графикӣ ва барномаҳои расонаиро дар бар мегиранд. Намунаҳои НОКА бошанд барномаҳои муҳити Linux ба монанди OpenOffice.org (ё LibreOffice) ва Firefox мебошанд.

Муҳтаво

Луғатҳо муҳтаворо ҳамчун мавзӯи омӯзиш, иттилооти воқеӣ ва маводи эҷодкоронае таъриф додаанд, ки дар дохили расона – китоб ё рӯзнома, дастгоҳи сабт ё бознавохт мавҷуд буда, вале аз худи расона алоҳида аст. Расона ҳамчун тарзи интиқол метавонад гуногун бошад. Инчунин, усулу қолабе, ки дар он маводи эҷодкорона муаррифӣ мешавад, низ метавонад гуногун бошад. Вале бар хилофи усули муаррифии он, муҳтаво чун ҷавҳар боқӣ хоҳад монд. Расонаи бемуҳтаво мисли лӯлаи холӣ мебошад. Муҳтаворо метавон ба таври зер муқаррар кард:

- Матн – маводи навишташуда;
- Аудио – байти садо, маводҳои қаблан сабтшуда;
- Видео – аёнӣ, маводи мутаҳаррики телевизионӣ;
- Филм – аёнӣ, маводи муҳаррики филм;
- Графиксозӣ – графикаҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳо ва суратҳо;
- Аниматсия – графикаҳои ҳаракаткунандаи чизҳо.

Муҳтаворо низ ҳамчун ҳикоя, мусоҳиба, намоиш ва ё ягон шакли дигари мавод метавон таъриф кард. Илова бар ин, муҳтаво воситаҳои фаъолияти муштарак байни эҷодкунанда ва корбарро низ метавонад дар бар гирад.

Эҳтимол аст, муҳтаво унсури муҳимтарини фаъолиятҳои ТИКР бошад. Муҳтаворо дар сатҳи байналмилалӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҳатто маҳаллӣ метавон таҳия ва истифода кард. Онро метавон қаблан сабт кард ва ё аз сарчашмаҳои дигар ба даст овард. Онро аслан барои ҳадафҳои барнома ё лоиҳае метавон сабт кард. Онро метавон тавассути як муассиса барои пахши оммавӣ дар Интернет ба монанди вебсафҳа ва ё аз ҷониби муассисаҳои зиёде барои гурӯҳи хурд таҳия кард. Муҳтаво, мумкин аст, бо забони байналмилалие чун забони англисӣ ва ё забони миллӣ ё маҳаллӣ вуҷуд дошта бошад ва ба таври инфиродӣ барои пахши васеъ, дар сурати блог ё сайти шабакаи иҷтимоӣ таҳия шавад.

Хизматрасонӣ

Муҳтаво барои қонеъ кардани як қатор талабот ё хадамоти муқарраршуда таҳия мешавад. Ба таври васеъ, онро ба иттилоот, маводи омӯзишӣ ва фароғатӣ метавон гурӯҳбандӣ кард. Дар заминаи ТИКР, муҳтаво аз маводи фароғатӣ дида, бештар аз иттилооту маводи омӯзишӣ иборат мебошад. Намудҳои гуногуни хизматрасонӣ тавассути истифодаи ТИК самтҳои зерро метавонанд дар бар гиранд:

- Ҳукумат-ба-ҳукумат (G2G): дар он ТИК дар системаи пӯшида барои бо ҳам пайвастан ва шабакабандӣ кардани ҳамаи идораҳои ҳукумат барои таъмин намудани фаъолияти бемонеа, босуръат ва муассири соҳаҳои гуногуни ҳукумат истифода мешавад.

- Ҳукумат-ба-бизнес (G2B): бахши асосии фаъолиятҳои ҳукумат, аз он ҷумла лоиҳаҳову хизматрасониҳои ҷамъиятӣ, аз ҷониби ширкатҳои хусусӣ таъмин карда мешаванд; истифодаи ТИК дар самти G2B ба ҳукуматҳо кӯмак менамояд, ки хизматрасониро такмил дода, боиси сарфакорӣ дар хароҷоти давлатӣ гарданд. Ҳамагон эътироф мекунанд, ки истифодаи ТИК дар таъмини хизматрасонии G2B сатҳи фасод (коррупсия)-ро низ коҳиш медиҳад.

- Ҳукумат-ба-шаҳрванд (G2C): муносибати васеътарини муштараки ҳукумат бо шаҳрвандони кишвар аст, ки ҳукумат ба онҳо бар ивази андозҳои ситонида хизматрасониҳои худро пешниҳод мекунад. G2C расонидани иттилоотро ба ҷомеа ва хизматрасониҳои асосӣ барои шаҳрвандон, ба монанди таҷдиди литсензияҳо (иҷозатномаҳо), фармоиши зодномаҳо, санади вафот, ақди никоҳ, бақайдгирии андоз аз даромад ва расонидани кӯмак ба шаҳрвандон барои хизматрасониҳои асосие чун маориф, тандурустӣ, иттилооти даркорӣ дар бораи дармонгоҳҳову китобхонаҳо ва ғайраро дар бар мегирад.

- Бизнес-ба-бизнес (B2B): ин самт ҳамчун e-biz маъмул буда, тавассути Интернет амалӣ мегардад. B2B додугирифти маҳсулот, хизматрасонӣ ва ё иттилоот дар доираи фаъолиятҳои соҳибкориро дар бар мегирад. Вале ин додугирифт робитаҳои соҳибкорону истеъмолкунандагонро дар назар надорад.

- Бизнес-ба-шаҳрванд (B2C): фаъолияти B2C аз он иборат аст, ки маҳсулот ё хизматрасониро бевосита ба истеъмолкунандагон таъмин менамояд.

- Шаҳрванд-ба-шаҳрванд (C2C): шаҳрвандон ТИК (хоҳ Интернет ва хоҳ телефони мобилӣ)-ро барои иртиботи байниякдигарӣ ва алоқаи шабакавӣ бо ҳамдигар барои додугирифти иттилоот ва ё барои қонеъ кардани ниёзҳои махсуси худ истифода мебаранд.

Аксари ин хизматрасониҳо имрӯз тавассути истифодаи Интернет ва дигар технологияҳои мобилӣ ҳамчун платформа имконпазир шудаанд.

Воситаҳои пайвастшавӣ (коммуникатсионӣ, иртиботӣ)

Ба ҳам пайвастани қисмҳои гуногун ба шабакаи бедарзу ҳамгаро бо воситаҳои пайвастшавӣ нерӯ ва тавонмандиҳои ТИК-ро нишон медиҳад. Пайвандҳои телекоммуникатсионии шабакае, ки хатҳои рӯизаминии собити телефонӣ, хатти фиристанда, шабакаҳои бесим, моҳвораҳо ва кабелҳои нахи оптикиро дар бар мегирад, як қисми шабакаи густурда буда, фаъолияти онро имконпазир менамоянд. Барои корбар, воситаҳои пайвастшавӣ кабел, модем, пайнамо ё масиргар (router) (дохилӣ ё берунӣ) ба компютер ва телефони мобилиро дар бар мегиранд.

Танҳо бо истифодаи ҳиссаи каме аз бахши умумии захираҳои телекоммуникатсионие, ки дар саросари олам мавҷуданд, Интернет дар ин шабакаи ҳамгаро сайр мекунад. Баъзан, Интернет ба таври содда «шабака» номида шуда, системаи ҷаҳонии шабакаҳои компютериро дар назар дорад. Интернетро метавон «шабакаи шабакаҳо» номид, ки дар он корбарони ҳар як компютер, агар онҳо иҷозат дошта бошанд, иттилоотро аз ҳама гуна компютерҳои дигар ба даст меоранд ва баъзан бо корбарони компютерҳои дигар бевосита сӯҳбат мекунанд. Имрӯз, Интернет василаи ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва худкифоест, ки барои беш аз 2 миллиард одам дар саросари ҷаҳон дастрас мебошад. Қисми васеътар истифодашавандаи Интернет тӯранкабути ҷаҳонӣ мебошад, ки аксари вақт дар шакли ихтисоршудаи «WWW» ё «веб» номида мешавад. Фарде вебро тавассути бравзерҳои мавҷудаи интернетӣ истифода бурда, аз як гӯшаи олам истода, метавонад ба миллионҳо саҳифаи иттилоот дастрасӣ пайдо кунад.

Воситаҳои телекоммуникатсионӣ дар доираи муҳитҳои ҷисмониву зерсохторӣ, аз як тараф, ва сиёсатгузорӣ, ҳуқуқӣ, меъёрӣ ва молиявӣ, аз тарафи дигар, фаъолият мекунанд. Ин гуна муҳиту омилҳо, ба истилоҳ, «қоидаҳои бозӣ»-ро фароҳам меоранд. Бе он ки ҳар яке аз чунин муҳитҳои гуногунро муфассалтар шарҳ диҳем,[69] фаҳмидани аҳамияти онҳо зарур аст. Зарур аст, ки истифодаи ТИК дар ҳама гуна системаҳои иҷтимоӣ, бахусус дар системаҳои иҷтимоии кишварҳои дар ҳоли рушд, дар чорчӯбаи муҳитҳои созгори ҷисмониву иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба роҳ монда шавад. Бидуни ин муҳитҳо, ТИК наметавонад татбиқу таъсири самарабахш дошта бошад.

Муҳитҳои созгори ҷисмонӣ (физикӣ)

Истифодаи амалии пешрафтҳои кунунӣ дар соҳаи телекоммуникатсия ва ҳисоббарорӣ ва ҷанбаҳои марбут ба зерсохтори ҷисмониро таъкид намудан муҳим аст. Баъзан инҳо масъалаҳои «фарсанги охирин»-и пайвастшавӣ номида мешаванд. «Фарсанги охирин» марҳилаи ниҳоии таъмини пайвастшавӣ ба истеъмолкунанда мебошад. Дар умум, ин метавонад маънои пайванди кабелӣ аз компютер ба сутуни телефониро дошта бошад. Он, ҳамчунин, метавонад маънои тавассути кабел ба ҳам пайвастани як деҳа бо дижи (вышка) телекоммуникатсионии наздиктаринро дошта бошад. Фосила дар байни деҳа ва диж беш аз 1 километрро дар бар мегирад. Ба ғайр аз ин, «фарсанги охирин» метавонад маънои таъмин намудани дижи бесимеро дошта бошад, ки сигналҳояш ба деҳа мерасад. «Фарсанги охирин» барои дастраскунандаи хадамоти телекоммуникатсионӣ бештари вақт

[69] Силсилаи модулҳои *Академияи асосҳои ТИК барои роҳбарони ҳокимияти давлатӣ (Academy of ICT Essentials for Government Leaders)* ҷанбаҳои сершумори муҳитҳои мухталифро баррасӣ мекунад. Барои мисол, Модули 2 ба сисёсату равандҳои ТИКР нигаронида шудааст. Модули 3 ба ҷанбаҳои ҳукумати электронӣ тамаркуз мекунад. Модули 4 ба тамоюлҳои ТИК ва Модули 5 ба идоракунии интернет бахшида шудаанд. Модули 6 ҷанбаҳои амниятӣ, Модули 7 идоракунии лоиҳаи ТИКР ва Модули 8 ҷанбаҳои молиявиро дар назар доранд. Модули 9 ба корбурди ТИК дар идоракунии хатари офат ва Модули 10 ба ТИК ва коҳиши суръати дигаршавии иқлим равона гардидаанд. Ҳамаи ин модулҳо дар http://www.unapcict.org/academy дастрасанд.

пайванди нахустинест, ки корбар бояд ба ҷаҳон тавассути хатти рӯизаминӣ ва ё телефони мобилӣ бипайвандад; ва агар он кор накунад, пайванд ғайриимкон аст.

Бидуни пайванди асосӣ ҳеҷ гуна дастрасӣ ба Интернет сурат намегирад. Барои истифодаи ТИК нерӯи пойдори барқ ё дигар сарчашмаҳои алтернативии энергия заруранд. Мушкилоти ҷисмониву топографӣ барои густариши хатти коммуникатсияи биной, махсусан дар минтақаҳои кӯҳистонӣ, монеа эҷод мекунанд. Дар ин гуна шароит онҳо шиддат ва тавоноии сигналҳоро дар коммуникатсияи бесим коҳиш медиҳанд. Баъзе моҳвораҳо ба раъду барқи тропикӣ хеле ҳассосанд. Аз ин рӯ, дар иқлимҳои гарму чанголуд компютерҳо бояд мувофиқи мақсад тарҳрезӣ карда шаванд. Вагарна шароити номусоид онҳоро вайрон мекунанд. Гузаронидани кабелҳои нахи оптикӣ чун ивазкунии таҷҳизоти куҳна гаронбаҳост. Мушкилию монеаҳои ҷисмонӣ, инчунин, ба нуқтаҳои дастрасие чун бинову истгоҳҳои телефонӣ ва телемарказҳо ва ба дастгоҳҳои дастрасие чун модему пайнамоҳо (маршрутизаторҳо) низ бастагӣ доранд. Ҳамаи ин шароити ҷисмонӣ пеши роҳи истифодаи амалии ТИК барои рушдро мегиранд.

Аз ин рӯ, дар баробари насби дижҳои интиқоли мавҷ, кабелҳои нахи оптикӣ ва зерсохторҳои технологияи бесим нерӯи пойдори барқ низ бояд таъмин бошад. Дар баробари ин, пайвандакҳои заминии нерӯи барқ, истгоҳҳои телефонӣ ва нуқтаҳои дастрасӣ бояд сохта шаванд. Барои пурра ба шабака ворид шудан компютеру модем ва пайнамоҳо низ заруранд. Дар қатори эҷоди тавонмандии техникӣ барои таъсис, фаъолият, нигоҳдорӣ ва таҷдиди технология, нигоҳдорӣ ва таҷдиди технология дар кишварҳои рӯ ба инкишоф яке аз омилҳои асосии ташаккули зерсохтор мебошад.

Бояд эътироф кард, ки ба ғайр аз омилҳои ҷисмонӣ, омилҳои иҷтимой-сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва молиявӣ вуҷуд доранд, ки заминаро барои истифодабарии ТИК фароҳам меоранд. То андозаи зиёд, ин омилҳо суръати пешрафти ТИК ва роҳи истифодаи онҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушд муайян мекунанд. Ин омилҳо фаъолиятҳои шаҳрвандонро ба он равона мекунанд, ки аз афзалиятҳои иқтисодиву иҷтимоии аз ТИК фароҳамомада манфиат бардоранд.

Муҳитҳои созгори иҷтимой ва танзимкунанда

Ҳукуматҳои ҷаҳон муқаррароти сиёсӣ ва қонуние доранд, ки бахшҳои гуногуни ҷомеаро идора мекунанд. Сиёсатгузориро метавон ҳамчун принсипи роҳнамо, тадбир ва ё силсилаи чораҳо фаҳмид, ки барои ба манфиати доираи васеи ҷомеа ҷавобгӯ будани тасмимгириҳо ва иқдомҳо шароит фароҳам меоварад. Азбаски пешбинӣ ва банақшагирии технологияҳои нав чандон кори осон нест, ҳукуматҳо одатан маҷбур мешаванд, ки сиёсатгузориву тадбирҳоро пас аз татбиқи технологияе дар ҷомеа биандешанд. Бо вуҷуди ин, ҳукуматҳо сиёсатгузориву тадбирҳо таҳия мекунанд, ки тавассути онҳо чунин технологияҳо муаррифӣ, татбиқ ё танзим мешаванд. Чун мисол бахши ҳавонавардиро (авиатсияро) мегирем. Агар барои тарзи идора кардани ин бахши хеле муҳим ва аз он ҷумла ширкатҳои ҳавопаймой сиёсатгузориву муқаррароти даркорӣ вуҷуд надошта бошанд, бешак, фазои осмонро бесарусомонӣ фаро мегирад.

Ин гуна вазъият ба ТИК низ дахл дорад. Ҳукуматҳо дар саросари ҷаҳон ба фаҳмидану идора кардани ТИК ҳамчун захираи асосии иқтисодиву иҷтимой ҳарчӣ бештар таваҷҷуҳ менамоянд. Қарорҳо барои чӣ гуна истифода бурдани ТИК дар равандҳои рушд як қисми ин сиёсатгузории густурдаи ТИК мебошанд. Махсусан, қонунҳову муқаррароте, ки ин бахшро идора мекунанд, як қисми муҳите мебошанд, ки ТИК дар он пеш рафта, ниёзҳои ҷомеаро қонеъ хоҳад кард. Аз ин рӯ, ТИК дар доираи маҷмӯи сиёсатгузориҳо, муқаррарот ва тартиботе фаъолият мекунанд, ки ин бахшро идора менамоянд, чуноне ки сиёсатгузориҳо, муқаррарот ва тартиботи ҳавонавардӣ соҳаи ҳавонавардиро идора мекунанд. Рушди ТИК дар бозори комилан озод аз иқтисоди нақшавӣ тафовут хоҳад дошт. Ин тафовут на танҳо дар қонуну қоидаҳо, балки дар воситаи тақсимоти молиявӣ, тақсимоти басомад (чунки алоқаҳои телекоммуникатсионӣ аз шабакаи бесим вобаста аст), танзими хароҷоти хизматрасонӣ ба корбар ва ғайра зоҳир мегардад.

Махсусан, бе истифодаи сиёсатгузории равшани ТИКР, дарку фаҳми бартарии истифодаи ТИК барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушд мушкил хоҳад буд. Бидуни чорчӯбаи сиёсатгузориву идорӣ, ҳукуматҳо наметавонанд пешрафти худро дар муқоиса ба кишварҳои дигар андозагирӣ ва ҳадафгузорӣ кунанд.[70]

[70] Баҳси муфассалро дар бораи раванди сиёсатгузорӣ метавонед дар ин сарчашма пайдо кунед: Emmanuel C. Lallana, *Module 2: ICT for Development Policy, Process and Governance*, 2nd edition, *Academy of ICT Essentials for Government Leaders* module series (Incheon, UNAPCICT/ESCAP, 2011), http://www.unapcict.org/academy.

Равзанаи 6. Инқилоби ТИ-и Ҳиндустон ва нақши чорчӯбаҳои сиёсатгузорӣ дар ин инқилоб

Таҷрибаи Ҳиндустон нишон медиҳад, ки дигаргуниҳои асосӣ ва мутамарказ дар сиёсатгузорӣ ва қонунгузории бахши ТИ ба қувваҳои пешбарандаи ин дигаргуниҳо истиқлол бахшидаанд.

Дар соли 1994 саноати ТИ пешрафти муваққатиеро аз сар гузаронд, вақте Сарвазири ҳамонвақта Раҷив Гандӣ телекоммуникатсияву ТИ-ро дар баробари саноатҳои анъанавие чун тавлиди нерӯи барқ, оҳан, нефт ва автомобилсозӣ ҳамчун «бахши асосӣ» муқаррар кард. Дар давоми чанд сол, Маркази миллии информатика ва Маркази миллии технологияҳои нармафзор таъсис дода шуданд.

Сиёсатгузории нави саноатӣ (1991) гузаришеро аз иқтисодиёти танзимшаванда ба бахши хусусии озодтар ва камтанзимшаванда ба миён овард. Ин сиёсатгузории нав ба пешрафти якбораи саноати ТИ саҳм гузошт.

Тӯли солҳои дароз Интернет дар Ҳиндустон дар шакли шабакаи таълимиву таҳқиқотӣ вуҷуд дошт. Чун ин шабака ба доираҳои таълимиву таҳқиқотӣ маҳдуд буд, барои бисёр одамон дастрасӣ пайдо кардан ба он имконнопазир боқӣ мемонд. Ин шабака асосан аз тарафи менеҷери амрикоии Интернет, яъне Бунёди миллии илм таҳия ва пайгирӣ мешуд.

Видеш Санчар Нигам Лимитид (Videsh Sanchar Nigam Limited - VSNL), ки дар Ҳиндустон телекоммуникатсияро монополия мекард, 14 августи соли 1995 Интернетро тавассути пайванди телефонӣ (технологияи dialup) дар шаш шаҳри Ҳиндустон муаррифӣ намуд. Соли 1998 Ҳиндустон сиёсатгузории наверо барои дастраскунандагони хизматрасониҳои Интернет муаррифӣ намуд, ки ба монополияи Интернет аз тарафи Видеш Санчар Нигам Лимитид хотима гузошт.

Дарҳол пас аз ин, Қонуни ТИ дар соли 2000 аз ҷониби Парлумони Ҳиндустон қабул шуд, ки боиси фарогириву навовариҳои минбаъдаи ТИК гардид. Порталҳои хориҷие мисли Yahoo ва MSN сайтҳои ҳиндии худро пахш карданд. Дар айни ҳол, нақшофарони ҳиндӣ низ сайтҳои онлайнии худ чун Indya.com ва Baazee-ро эҷод намуданд. Ширкати бузурги фаромиллии ITC хизматрасонии e-Choupal-ро ба кор андохт, ки Интернетро ба деҳаҳо бурда, ба хоҷагидорон (фермерон) имкон фароҳам овард, то ба бозор дастрасӣ пайдо кунанд.

Иёлатҳое чун Андра Прадеш ва Карнатака дар ташаббусҳои ҳукумати электронӣ дар соҳаи харид, бақайдгирии замин ва хизматрасонӣ барои шаҳрвандон пешсаф гардиданд. То соли 2006 Нақшаи миллии идоракунии электронӣ сиёсатгузориву роҳнамои истифодаи ТИК, махсусан, веб-технологияҳоро барои тағйир додани ҳукумат таҳия намуд.

Дар соли 2002 Хазинаи уҳдадории хизматрасонии фаромиллӣ[71] таъсис ёфта, баъдтар тақвият дода шуд. Ин хазина талаб мекунад, то ҳамаи расонандагони хизматрасонии телекоммуникатсионӣ барои ба минтақаҳои деҳотӣ расондани хадамоти асосӣ 5 дарсади даромади умумии танзимшудаи худро сафарбар намоянд.

Дар соли 2009 бо диди нави Ҳиндустон ҳамчун давлати неруманди ТИ Интернет чун мағзи ин дид дониста шуд. Истифодаи Интернет ва технологияҳои телекоммуникатсионӣ барои нашъунамои саноати нармафзори содиротӣ саҳм гузошта, дар ин соҳа Ҳиндустонро ба яке аз пешгомони ҷаҳонӣ табдил дод.

Мавод аз ин сарчашма мутобиқ шудааст: Уша Рани Вясулу Редди “The Internet in a Developing Society”, in *netCh@kra: 15 Years of Internet in India - Retrospectives and Roadmaps*, Madanmohan Rao and Osama Manzar, eds. (New Delhi, Digital Empowerment Foundation, 2011), p. 155.

Аз ин рӯ, бояд ин нуктаро ба ҳисоб гирифт, ки новобаста ба тавонмандиҳо, ТИК аз омилҳои гуногуни берунӣ низ вобастаанд. Истифодаи бомуваффақонаи онҳо низ ба вижагиҳо ва маҳдудиятҳои хоси ҳар як технология вобастагӣ дорад.

[71] Ministry of Communications and Information Technology, Department of Telecommunications, “Universal Service Obligation Fund”, Government of India, http://www.dot.gov.in/uso/usoindex.htm.

2.4. Вижагиҳои ТИК

Вақте ки технологияҳои гуногунро муқоиса мекунем, умумияту тафовутҳое вуҷуд доранд, ки шароити истифода ва дар ниҳоят эҳтимолияти комёбӣ ё нокомии татбиқи онҳоро муайян менамоянд. Ҳама гуна ТИК ба фардсозии истифода мусоидат менамояд. Яъне одамони гуногун метавонанд технологияҳоро бо роҳҳои гуногун истифода баранд. Онҳо барои интиқоли баландсуръат ва фарогирии васеъ имкон фароҳам меоранд ва барои ҳар воҳид (дона) нархи паст вуҷуд дорад. Бисёре аз технологияҳо ба масофа ва иқлим ҳассос нестанд ва метавонанд барои қонеъ кардани ниёзҳои сершумор ва иҷро кардани вазифаҳои гурӯҳҳои корбар хизмат расонанд. Вале шароиту омилҳои зиёде ҳастанд, ки барои истифодаи ТИК васила фароҳам меоранд. Ин омилҳо аз дастрасиву мавҷудият сар карда, то масъалаҳое чун сатҳи саводнокӣ ва соҳибияти ТИК-ро дар бар мегиранд. Ин ҳолатҳо дар ҷадвали 4 хулоса шудаанд.

Ҷадвали 4 Вижагиҳо ва маҳдудиятҳои намудҳои гуногуни ТИК

ТИК	Вижагиҳо	Маҳдудиятҳо
Технологияҳои чоп	• Ошной • Қобили истифодаи такрорӣ • Метавонад иттилооти амиқро таъмин намояд • Васила барои сарфакории пурмаҳсул (бемиқёс) фароҳам меорад • Муҳтавову меъёрҳои ягонаро таъмин менамояд	• Ба саводнокӣ вобаста аст • Аз нигоҳи замон собит аст • Таҷдид кардан душвор аст • Ғайрифаъол, технологияи яктарафаи дорои фаъолияти ками муштарак ё бидуни он
Технологияҳои пахши барномаҳо (радио ва телевизион)	• Ошной • Суръати интиқол • Таҷрибаи ҷубронкунандаро таъмин менамояд • Васила барои сарфакории пурмаҳсул (бемиқёс) фароҳам меорад • То ҳадди имконпазир дорои муҳтавову меъёрҳои ягона мебошад • Истифодаи пойдори он	• Дастрасии маҳдуд • Аз нигоҳи замон собит аст • Талаб менамояд то одамон дар вақти пахши барномаҳо асбобро ҷӯр кунанд • Таҷдид кардан душвор аст • Аз рӯи масъала ё макон мушаххас нест • Ғайрифаъол, технологияи яктарафаи дорои фаъолияти ками муштарак ё бидуни он • Як андозаи муҳтаво барои ҳамаи гурӯҳҳои одамон мувофиқ аст • Арзиши баланди оғоз, истеҳсол ва тақсим дорад
Рақамӣ (технологияҳои бар компютер ва Интернет асосёфта)	• Интерактивӣ • Нархи паст барои як воҳид • Васила барои сарфакории пурмаҳсул фароҳам меорад • То ҳадди имконпазир муҳтавову меъёрҳои ягона дорад • Ба осонӣ таҷдид мешавад • Аз рӯи мушкилӣ ва макон мушаххас аст • Барои истифода роҳату мувофиқ аст • Ҷудосозии муҳтаво имконпазир аст • Тамоси одам-ба-одамро имконпазир менамояд (шабакаҳои иҷтимоӣ)	• Ҳанӯз дастрасӣ маҳдуд аст • Хароҷоти баланди таҳия дорад • Ба тавонмандии дастраскунандагон вобаста аст • Барои истифода саводнокии компютерӣ муҳим аст • Набудани муҳтавои маҳаллӣ • Мушкилиҳои ҷисмоние, ки ба таъмини пойдори нерӯи барқ ва дастрасии Интернети фарохпаҳно монеа мешаванд

ТИК	Вижагиҳо	Маҳдудиятҳо
Технологияҳои мобилӣ	• Интерактивӣ • Нархи паст барои як воҳид • Васила барои сарфакории пурмаҳсул фароҳам меорад • То ҳадди имкон муҳтавову меъёрҳои ягона дорад • Ба осонӣ таҷдид мешавад • Аз рӯи масъалаву макон мушаххас аст • Барои истифода роҳат ва мувофиқ аст • Ҷудосозии муҳтаво имконпазир аст • Муҳтавои маҳаллӣ имконпазир аст • Саводнокии компютерӣ барои истифода муҳим нест	• Ба мушкилиҳои ҷисмоние чун тавоноии сигнал маҳдуд аст • Ба омили иҷтимоие маҳдуд аст, ки боиси мушкилиҳои дастрасӣ ва соҳибияти дастгоҳ мегардад

***Сарчашма**: Уша Рани Вясулу Редди, 2011.*

Аз рӯи қоидаҳои трансформатсионӣ, ТИК-и рақамӣ аз ТИК-и пешина тафовут дорад. Муқаррарот, шаклдиҳӣ, таҳияи муҳтавову методологияҳои интиқоли технологияҳои пешина, чун дастгоҳи чоп, радио ва телевизион яктарафа ва дар ихтиёри давлат буданд. ТИК-и нави рақамӣ ба таври потенсиалӣ ошкортар буда, як фард ё гурӯҳи иҷтимоӣ метавонад соҳиби он бошад ва аз он озодона истифода барад. Соҳиби ин гуна ТИК ҳар нафаре мебошад, ки метавонад аз идоракунаки фосилавӣ, мушак ё телефони мобилӣ истифода барад. Бинобар ин, мақсади технологияи истифодашаванда гуногун аст. Ҳамзамон, корбар метавонад ТИК-ро дар робита ба ниёзҳову хоҳишҳои худ ва дар доираи муҳити шахсии худ муайян намояд. Масалан, Интернет барои ҷудо кардани ҷузъе васила фароҳам меорад. Дар ҳоле ки метавон суруди табъи дилро фурукашӣ кард, ба харидани компакт-диск ва роҳҳои анъанавии интишор зарурат намемонад.. Ба ин монанд, ҳоло бо телефони мобилӣ фурукашӣ кардани «танҳо ҳамон ҷузъи зарурии иттилоот» ва «танҳо сари вақт» барои қонеъ кардани ниёзҳо ва баъдтар ба осонӣ зудудани (нест кардани) он имконпазир аст.

Ин гуна имконият ба дигаргунии сохтории тарзи таҳия, ҳифз ва паҳнкунии муҳтаво оварда расонд. Чунин таҳаввул, дар навбати худ, боиси гуногуншавии шакл ва муҳтаво, мутобиқшавии маҳаллӣ аз нигоҳи забон, фарҳанг, тарҳи зоҳирӣ, муҳтаво ва тарзи истифода мегардад. ТИК-и навтар камбудиҳои намудҳои пешини ТИК-ро ислоҳ карда, ба воситаҳои асосие барои ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола табдил меёбанд.

Ташаббусҳои зиёд ва гуногун дар мавриди истифодаи ТИКР вуҷуд доранд. Онҳо таъмини дастрасӣ ва зерсохтор, таҳияи чорчӯбаи сиёсатгузориву меъёрӣ ва эҷоди тавонмандиро дар бар мегиранд. Ташаббусҳои зиёди ТИКР низ вуҷуд доранд, ки ба такмили идоракунӣ ва таъмини бахшҳои мухталифе нигаронида шудаанд, ки кишоварзӣ, коҳиши зарарҳои дигаршавии иқлим, идоракунии ҳолатҳо ва офатҳои фавқулодда, маориф, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи он, гендер, ҳукумат ва ҳукуматдорӣ ва тандурустӣ баъзе аз онҳоянд. Тарзҳои истифода дар бахшҳои баъдии ин дастурамал шарҳ дода мешаванд.

Муқоисаи вижагиҳо ва маҳдудиятҳои ТИК-и гуногун нишон медиҳад, ки технологияҳои рақамӣ ҳамчун воситаҳои иттилоотӣ ҳадди муайян барои қиёс доранд. Бо ин сабаб, пеш аз баррасии саҳми ТИК-и рақамӣ дар ноил шудан ба ҳадафҳои рушд кашфи таърихи истифодаи чунин технологияҳо зарур аст.

Нуктаҳо барои ёддошт:

- ТИК-ро ҳамчун сабади абзорҳо ё худ маҷмӯи мухталифи молу барнома ва хизматрасониҳое метавон таъриф кард, ки барои таҳия, ҳифз, коркард, паҳн ва додугирифти иттилоот истифода мешаванд. Онҳо технологияҳои куҳнатаре чун радио ва телевизион ва технологияҳои навтари рақамие чун компютер, Интернет ва телефонҳои мобилиро дар бар мегиранд.

- Пасон, ТИК-ро метавон ба технологияҳо, барномаҳо, хизматрасониҳо ва муҳтаво синфбандӣ кард.

- ТИК дар заминаи муҳити берунӣ фаъолият мекунанд, ки аз зерсохтори ҷисмоние ба монанди нерӯи барқ, сарчашмаҳои нерӯ ва чорчӯбаи ҳуқуқию меъёрӣ таркиб ёфтааст.

- Барои самарабахш истифода бурдани ТИК барои рушд, фаҳмидани вижагиву маҳдудиятҳои онҳо ва интихоб намудани технологияи мувофиқ дар заминаи рушд зарур аст.

3. Муайян намудани монеаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ дар роҳи истифодаи телефонҳои мобилӣ барои расонидани паёмҳои почтаи садоӣ. Роҳҳои потенсиалиии ҳалли масъаларо муайян, хароҷоти нисбӣ ва афзалияту маҳдудиятҳои ҷисмониву иҷтимоиро муқаррар кунед.
4. Пас аз таҳлили посухҳои худ ба саволҳои 2 ва 3, рӯйхати тартибдодаи худро мувофиқи саволи 1 тағйир диҳед.

Машқи амалӣ

Як СҒҲ дар ноҳияи хурди яке аз кишварҳои кӯҳистонии Осиёи Марказӣ ба ҷорӣ кардани технологияҳои почтаи садоӣ барои ба қисми зиёди аҳолии маҳаллӣ расонидани паёмҳо дар бораи пешгирии бемориҳои шуш, ки тавассути ифлосшавии ҳаво ба вуҷуд меоянд, таваҷҷуҳ дорад. Ин СҒҲ намедонист, ки аз куҷо оғоз намояд ва истифодаи ин технологияи мобилиро чӣ гуна татбиқ кунад.

Ба ин СҒҲ бо роҳҳои зер кӯмак кунед:

1. Муайян намудани сахтафзоре, ки барои таҳиякунандаи почтаи электронӣ, дастраскунандаи хидмат ва баҳрабардорандагон ҷиҳати ба даст овардан, ҳифз ва паҳн кардани паёмҳои почтаи садоӣ зарур хоҳанд буд. Рӯйхати ҳамаҷонибаи чизҳоеро тартиб диҳед, ки ба фикри шумо мутлақо муҳиманд ва дастгоҳҳои изофӣ кадомҳоянд.
2. Муайян намудани он, ки кадом фишору монеаҳои ҷисмонӣ метавонанд вуҷуд дошта бошанд, ки технологияи мобилӣ, эҳтимол аст, бо онҳо рӯбарӯ шавад. Барои ин, кадом чораҳоро пешниҳод хоҳед кард?
3. Муайян намудани монеаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ дар роҳи истифодаи телефонҳои мобилӣ барои расонидани паёмҳои почтаи садоӣ. Роҳҳои потенсиалиии ҳалли масъаларо муайян, хароҷоти нисбӣ ва афзалияту маҳдудиятҳои ҷисмониву иҷтимоиро муқаррар кунед.
4. Пас аз таҳлили посухҳои худ ба саволҳои 2 ва 3, рӯйхати тартибдодаи худро мувофиқи саволи 1 тағйир диҳед.

Худро бисанҷед

1. Портали ҳукумати электронӣ дар кишвари шумо, ки тавассути он ба ҳукумат аризаи шикоятӣ медиҳед, ба кадом ҷанбаи ТИК дахл дорад?

а. Сахтафзор;
б. Барномаи нармафзор;
в. Муҳтаво;
г. Хизматрасонӣ.

2. Муҳитҳои физикии (ҷисмонии) мусоидаткунандаи ТИК ҷанбаҳои зерро дар бар мегиранд:

а. Қонунҳо ва муқаррарот;
б. Нерӯ, энергия, биноҳо, ва дастгоҳҳои дастрасӣ;
в. Тартиби додани литсензия;
г. Стандартҳои кушода (ё дастраси умум).

3. Сахтафзорро метавон ба таври зер синфбандӣ кард:

а. Таҷҳизоти сабт, ҳифз, коркард ва паҳнсозӣ;
б. Хусусиву кушодаасос;
в. Калону хурд;
г. Вебсафҳаҳову шабакаҳо.

4. «Арр» ин аст:

а. Системаи амалиётӣ;
б. Вебсафҳа;
в. Барномаи нармафзор;
г. Ҳеҷ кадом аз нуктаҳои болоӣ.

5. Кадоме аз вижагиҳои зерин ба системаи ТИК-асос хос нестад:

а. Ҳассосият ба масофа ва кундии суръат;
б. Нархи паст барои як воҳид;
в. Иттилооти саривақтӣ;
г. Ҷанбаи шахсӣ додан ба система.

2.5 Гароишҳо дар таҳаввул ва пешрафти ТИКР

Вақте соли 1945 Артур С. Кларк[72] дар бораи пахши барномаҳои радиоӣ тавассути релеҳои иловагии заминӣ навишта буд, шумораи ками одамон тасаввур мекарданд, ки нерӯи тағйирдиҳандаи алоқаи телекоммуникатсионӣ, моҳворӣ ва компютерӣ ҷаҳонро ба «деҳаи ҷаҳонӣ»-е табдил хоҳад дод, ки соли 1964 Маршал Маклуҳан[73] дар асари пешгоми худ дар назар дошта буд.[74] Дар давоми се даҳсола ва пеш аз вуруди садаи 21, инқилоби иттилоотӣ хуб татбиқ мешуд ва бо суръати пешгӯинашавандае пеш мерафт.

Пешгӯй кардани таҳаввул (эволютсия), пешрафт ва гароишҳо (тамоюлҳо) дар ТИК метавонад кори назарфиреб бошад. Таҳаввули ТИК бо ихтирои моҳвораҳо, компютерҳо, телефонҳои мобилӣ ва Интернет қатъ нагардид. Қонуни Мур, ки аз ҷониби Гордон Мур, яке аз ҳамасосгузорони ширкати Intel дар соли 1965, пешниҳод шудааст, гароиши дарозмуддатеро дар таърихи сахтафзори технологияҳои иттилоотӣ тавсиф кардааст. Мувофиқи ин қонун, аз соли 1965 сар карда суръати пешрафти технология ҳар ду сол дучанд афзудааст. Имрӯз, қонун дубора тафсир шуда, тасдиқ менамояд, ки зичии додаҳо ҳар 18 моҳ ду баробар меафзояд. Бояд эътироф кард, ки ба сабаби тундии пешрафти технологӣ пешгӯй кардани ҷараёни дигаргунии технология душвор аст. Вале он чиро мо нисбатан бо боварӣ гуфта метавонем, ин аст, ки навовариҳо дар доираи ТИК ба эҳтимоли бештар дар платформаву хизматрасониҳои мукаммал, ба мисли низоми абрии компютерӣ (cloud computing - ҳисоббаробаркунии абрӣ[75]) ва барномаҳои Web 2.0, амалӣ хоҳанд шуд.[76] Онҳо ба вижагиҳои дар зер баррасишаванда мувофиқ хоҳанд шуд.

Дигаргуниҳое, ки дар ду даҳсолаи аввали қарни бисту якум ба вуҷуд меоянд ва гароишҳое, ки аз ин дигаргуниҳо ба миён меоянд, нишон медиҳанд, ки навовариҳо дар технологияҳо, сахтафзорҳо, барномаҳо, муҳтаво, хизматрасониҳо, фаъолияти муштарак, моделҳои тавлиди даромад ва монанди инҳо ба вуқӯъ хоҳанд пайваст.

Технология, сахтафзор ва алоқаи телекоммуникатсионӣ

Моделҳои пештараи рушд ва густариши технология бештар компютерҳои шахсиро бодиққат таҳқиқ мекарданд, ки тавассути хатҳои заминӣ ё аксаран хатҳои фарохпаҳно ба Интернет пайваст мешуданд. Нопойдорӣ ва густариши сусти ин модел дар кишварҳои нодор боиси серхарҷию иҷронашудании он гардид. Алоқаҳои телекоммуникатсионӣ ва миқдори телефонҳои собит хеле маҳдуду гаронбаҳо буданд ва шароити созгоре чун нерӯи пойдори барқ вуҷуд надоштанд.

Навовариҳо дар рушди технология ба кори мутамаркази таҳия намудани дастгоҳҳои ниҳоии дорои хусусиятҳои соддатари техникӣ, камхарҷ ва мустаҳкам оварда расонд, ки дар бисёре аз ҷомеаҳои нодор ба кор бурда мешаванд. Вале рушди фавқулоддаи технологияи мобилӣ то андозае пешрафтҳоро дар соҳаи технологияҳои камхарҷи иттилоотӣ дар паси парда гузоштаанд. Гап сари он аст, ки телефонҳои мобилии имрӯзӣ дорои вижагиҳои монанд ба компютери лаптопи камтавон мебошанд.

---

[72] Arthur C. Clarke, “Extra terrestrial Relays”, *Wireless World*, Vol. II, pp. 305-308 (Октябри соли 1945). Артур С. Кларк нависандаи фантастикаи илмии Британия буд, ки дар Шри Ланка умр ба сар бурдааст. Ӯ бо ҳикояҳои кӯтоҳу романҳои худ маъруф буда, аз он ҷумла муаллифи китоби *2001: A Space Odyssey*, силсилаи таълифоти фантастикаи илмӣ дар телевизион BBC, мебошад. Дар баробари Исаак Азимов ва Роберт А. Ҳайнлайн, яке аз «се нависандаи бузург» маҳсуб мешуд.

[73] Маршал Маклуҳан мураббӣ, файласуф ва олими Канада мебошад, ки барои корҳои худ оид ба назарияи коммуникатсия маъруф аст. Кори ӯ яке аз асосҳои таҳқиқоти назарияи расонаҳоро фаро мегирад. Ӯ «деҳаи ҷаҳонӣ» ва «тӯранкабути ҷаҳонӣ»-ро тақрибан сӣ сол пеш аз ихтирои Интернет пешгӯй карда буд.

[74] Ниг. “Marshall McLuhan Foresees The Global Village”, http://www.livinginternet.com/i/ii_mcluhan.htm.

[75] Низоми абрии компютерӣ технологияи иттилоотии бар Интернет асосёфта мебошад, ки тавассути он ба компютерҳо ва дастгоҳҳои дигари талабшаванда, ба мисли нерӯи барқ, захираҳо мубодила ва нармафзору иттилоот таъмин карда мешаванд. Ҳамчунин, он истифодаи хадамоти вебасос барои анҷом додани функсияҳоеро дар назар дорад, ки бо нармафзори дар компютери инфиродӣ насбшуда ба таври анъанавӣ иҷро мешаванд.

[76] Web 2.0 истилоҳи маъруфи технологияву барномаҳои пешрафтаи интернетист, ки блогҳо, викиҳо, технологияи RSS ва ишорачӯби иҷтимоиро дар бар мегирад. Он ҳамчунин тамоюлҳои тағйирёбандаро дар истифодаи веб-технологияҳо ва тарҳрезии веб тавсиф менамояд, ки мубодилаи муштараки иттилоот, тарҳрезии ба корбар нигаронидашуда, фаъолияти ҳамгирошуда, ҳамкорӣ ва эҷодкориро дар шабакаи ҷаҳонии интернет пеш мебарад.

Равзанаи 7. Телефони ман компютери ман аст

Телефони хурди мобилӣ дар дасти шахс дастгоҳи хеле нерӯманд аст. Он на танҳо имкон барои анҷом додани зангҳои телефонӣ бо нархи хеле арзон фароҳам меорад, балки дорои бисёр функсияҳо дигар мебошад. Он метавонад ҳамчун ҳисобгари (калкулятори) оддиву китобчаи сабти нишониҳо, радио, плейери мусиқӣ ва видео хизмат кунад.
Тавассути он мо метавонем паёмак (SMS), сурату видео (MMS) ва паёмҳои садоӣ фиристем. Он метавонад иттилоотро сабт, ҳифз ва додугирифт намояд.

Ба ғайр аз зангҳои садоӣ, баъзе наслҳои навтарини телефонҳо метавонанд функсияҳои дигареро пешкаш намояд, аз он ҷумла:

- Дастгоҳи сабти садо ва плейери бисёррасонаӣ, ки сабти мусиқиву видео ва бознавохтро пуштибонӣ мекунад;
- Дастгоҳи сабти садо;
- Суратгирак, ки суратгирии видеоӣ ва сокинро пуштибонӣ мекунад, дорои воситаҳои дуруштнамоӣ (зумкунӣ) ва таҷзияи баланди сурат мебошад; баъзе дастгоҳҳои суратгирӣ ду камера доранд (пешину пасин);
- Нурпош (чароғи аккосӣ - флэшлайт);
- Мизонкунандаи радио;
- ҶиПиЭс (системаи ҷаҳонии пайнамо) ва қутбнамо, барои руҷӯъ ва фазонавардӣ (навигатсия);

Баъзе аз телефонҳои пешрафтатари мобилӣ «смартфон» низ номида мешаванд. Онҳо имконияти насб кардани барномаҳоеро фароҳам меоранд, ки дорои чунин хусусиятҳоянд:

- Барномаҳои интернетӣ: веб браузер, барномаи почтаи электронӣ, барномаи паёмрасонии фаврӣ, барномаи протоколи садо тавассути Интернет (VoIP);
- Барномаҳои идоракунии иттилооти шахсӣ: тақвим, феҳристи корҳои анҷомшаванда, занги соат, огоҳиномаҳо, тавзеҳҳо ва феҳристи тамосҳо, воситаҳои ҳамзамонӣ барои пайвастани Microsoft Exchange ва дигар хизматрасониҳои шабакаи корпоративӣ;
- Барномаҳои корӣ: таҳриргари матнӣ, ҷадвали электронӣ, баромад (презентатсия), Acrobat Reader барои файлҳои PDF, барномаи фишурдабастани (зипсозии) файл, барномаи идоракунии файлҳо;
- Қобилияти чопи мустақим тавассути пайвасти блутуз (Bluetooth) ё вай-фай (WiFi);
- Қобилияти шинохтани шабакаи маҷозии хусусӣ.

Барои таъмин намудани чунин қобилият, ин смартфонҳоро низ зарур аст, ки сахтафзори мувофиқ дошта бошанд. Баъзе сахтафзорҳо (вобаста аз модели телефон) василаҳои зеринро дар бар мегиранд:

- Лавҳакалиди QWERTY (физикӣ ё маҷозӣ), дорои тарҳи монанд ба лавҳакалиди стандартӣ ва дастаки фазонавард ё саққои пайгири оптикӣ барои фаъолияти мутақобилаи осон бо система;
- Дисплейи расишҳассос;
- Ҳофизаи бузурги дохилии система (256МБ-512МБ барои смартфонҳо маъмул аст) ва ғунҷоиши изофии ҳифзи иттилоот тавассути кортҳои васлшавандаи хотира, ки метавонанд 32ГБ ва ё бештар аз ин ғунҷоиш дошта бошанд;
- Протсессорҳои баландсуръат (баъзе смартфонҳо бо суръати 1ГГертс ё бештар кор мекунанд);
- Таъмини шабакаи маҳаллии алоқаи бесими Интернет;
- Қобилияти шинохтани Bluetooth ва USB;
- Акселерометр ва ҷироскоп барои фаъолияти мутақобила ва мавқеъёбии сеандозаӣ.

Бо тавоноии чунин таъйинот, насли кунунии смартфонҳо метавонанд аксари, агар на ҳамаи, корҳои марбут ба идора ё вазифаҳои дигареро таъмин намоянд, ки сарфи назар аз вақт ё макон, корбари муқаррарӣ бар онҳо ниёзи рӯзмарра дорад. Он воқеан метавонад аз телефони оддӣ ба компютер табдил ёбад.

Мутобиқшуда аз Рачнеш Сингх, *Module 4: ICT Trends for Government Leaders.* 2nd edition, *Academy of ICT Essentials for Government Leaders* module series (Incheon, UN-APCICT/ESCAP, 2011), http://www.unapcict.org/academy/.

Дар ҳоле, ки дастрасӣ ба нерӯи пойдори барқ ва энергия дар бисёр ҷамоаҳои деҳотии кишварҳои нодор чун орзуи дерина боқӣ мемонад, роҳи ҳалли рӯизаминии телекоммуникатсионӣ ҷои худро ба системаҳои камхарҷи бесиме чун WiFi ва WiMax додаанд.[77]

Дар охири соли 2010, дар муқоиса ба 880 миллион нафар дар Амрико ва 741 миллион нафар дар Аврупо, 2 миллиарду 649 миллион муштарии телефонҳои мобилӣ дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором мавҷуд буданд.[78] Пешрафти бештар ба кишварҳои пураҳолитарини ҷаҳон – Чин ва Ҳиндустон вобаста аст. Ҷанбаи дигари пешрафт майли истеъмолкунандагон ба озмудани технологияҳои нав ва намудҳои гуногуни муҳтавое, ки ин технологияҳо дастрас мегардонанд мебошад. Ҳоло бисёр навовариҳое, ки дастраскунандагони бозор дар Ғарб акнун меозмоянд, ба мисли кодҳои посухи фаврӣ ё QR, дар Осиё тавлид шудаанд.[79] Фурсатҳои муносиби озмудани хизматрасониҳои гуногун дар телефонҳои мобилӣ вуҷуд доранд. Ин хизматрасониҳо кишоварзии мобилӣ, бонкдории мобилӣ, омӯзиши мобилӣ, тандурустии мобилӣ ва ғайраро фаро мегиранд.

Ҷавонон дар амал 1. Копо Копо

Дар Кения, як гурӯҳи соҳибкорони ҷавон хизматрасонии Копо Копоро таъсис доданд, ки барои расонидани кӯмак ба ҷамоаҳои камбизоат қарзи хурд ва технологияҳои мобилиро истифода бурданд. Копо Копо ба соҳибкориҳои хурду миёна имкон фароҳам меорад, ки пули мобилиро ҳамчун канали пардохт ба манфиати худ истифода баранд. Пули мобилӣ ба одамон имкон медиҳад, ки бо истифода аз телефонҳои мобилии худ пардохтҳоро амалӣ кунанд. Одамон метавонанд ба суратҳисоби мобилии худ кредит зам кунанд ва сипас, барои пардохти ҳаққи молҳову хизматрасониҳо, интиқоли маблағ ва пардохти ҳисобнома телефони худро истифода баранд. Корбарон дигар ба бастани мағозаҳои худ барои рафта пардохтани қисми навбатии қарзашон дар гӯшаи дигари шаҳр маҷбур намешаванд. Бо ин роҳ, онҳо вақтро сарфа мекунанд, хароҷоти нақлиётро коҳиш медиҳанд ва даромадашонро меафзоянд.

Сарчашма: Копо Копо, http://www.kopokopo.com and http://genvcampaigns.org/2011/05/17/the-entrepreneurial-pathtech4btrworld.

Гароишҳо дар барномаҳо

Дигаргуниҳои шаддид дар таҳияи барномаҳо, системаҳои амалиётӣ ва барномаҳои нармафзори компютерӣ рӯй дода истодаанд, ки барои расонидани кӯмак ба корбарон дар анҷом додани як ё бисёр вазифаҳои мушаххаси марбут тарҳрезӣ шудаанд.

Инқилоби пешини компютерҳои шахсӣ ва баъдтар Интернет системаҳое буданд, ки дигаронро ба навовариҳо даъват карданд. Ҳар ду тавлидкунанда буданд: яъне, онҳо тавре тарҳрезӣ шуда буданд, ки ба ҳар саҳмгузории мувофиқ ба маҷмӯи қоидаҳои асосӣ (ё барои системаи махсуси амалиётӣ рамзбандӣ шудаанд ва ё протоколҳои интернетиро риоя менамоянд) кушода буданд. Ҳар ду бо соҳибкорону ширкатҳои бузург фаро гирифта шуда буданд, ки асосан рақибони фавқулодда хусусӣ ва ғайритавлидкунанда ба мисли созандагони таҳриргарони мустақили матнӣ ва хизматрасониҳои хусусии онлайние чун CompuServe ва AOL буданд. Бо суханони дигар, агар шумо компютери шахсӣ мехаридед, он бо нармафзори хусусии насбшуда меомад. Ин маънои онро дорад, ки шумо низ аз ҳамон ширкат барои таҷдиду тағйироти барномаҳои он вобаста мемондед. Дар соли 2000 барномаҳои Windows OS дар системаи Mac OS корношоям буданд ва баръакс.

Вале имкониятҳои ояндае, ки имрӯз ошкор шуда истодаанд аз ин гузашта хеле фарқ доранд. Нахуст, инқилоби нармафзори озоду кушодаасос (НОКА) харҷи кам ва системаҳои амалиётиву барномаҳои нармафзории мӯътамад ва муассирро пешкаш менамояд.

---

[77] Ба вожанома барои дарёфти таърифи WiFi ва WiMax нигаред.
[78] Ба MobiThinking, “What Makes the Asia Pacific the Most Exciting Mobile Market in the World?”, http://mobithinking.com/mobile-asia-pacific-mma-interview нигаред.
[79] Ҳамон ҷо.

Равзанаи 8. Нармафзори озоду кушодаасос

НОКА (FOSS, ҳамчунин FLOSS - Free/Libre Open Source Software, яъне нармафзори озоду кушодаасос) солҳои охир ба таваҷҷуҳи омма расид. Муваффақияти нисбии барномаҳои нармафзорие чун бравзери Mozilla Firefox ва бастаи барномаҳои идоравии OpenOffice барои ба миён омадани НОКА ҳамчун алтернативае ба нармафзори пӯшидаасос (ё хусусӣ) сабаб гардиданд.

Пас, НОКА дақиқан чист?

Бунёди нармафзори озод (Free Software Foundation), ки онро Ричард Столман асос гузоштааст, нармафзори озодро чунин таъриф медиҳад:

Нармафзори озод дастрасии озод, на нархи онро фаро мегирад. Барои фаҳмидани мафҳум, шумо бояд дар бораи озодӣ, чунончи озодии сухан, на чизи дигар (фарз кардем, пивои бепул) фикр кунед. Нармафзори озод кафили озодии корбарон дар корфармой, нусхабардорӣ, густариш, омӯзиш, дигаргунӣ ва такмили нармафзор аст. Дақиқтар, он ба чаҳор навъи озодии корбарони нармафзор руҷӯъ менамояд:

- Озодӣ дар корбарии барнома барои ягон мақсад (озодии 0);
- Озодӣ барои омӯхтани тарзи кори барнома ва мутобиқ кардани он ба ниёзҳои худ (озодии 1); барои таъмини ин озодӣ дастрасӣ ба коди сарчашма ҳатмист;
- Озодии паҳнкунии такрории нусхаҳо, то ки одамон ба якдигар (масалан, ба ҳамсоягони худ) кӯмак расонда тавонанд (озодии 2);
- Озодии такмил додани барнома ва густариш додани кори такмилдодаи худ ба ҷамъият, то ҳама аз он манфиат бардоранд (озодии 3); Барои таъмини ин озодӣ дастрасӣ ба коди сарчашма ҳатмист.[80]

Аз ин сарчашма ба таври ихтисорӣ истифода бурда шудааст: Рачнеш Сингх, Module 4: ICT Trends for Government Leaders. 2nd edition, Academy of ICT Essentials for Government Leaders module series (Incheon, UN-APCICT/ESCAP, 2011), http://www.unapcict.org/academy/.

Ҳоло гароиши гузаштан ба системаҳову барномаҳои нармафзори озод аз системаҳои хусусии гароннарх чи дар системаҳои амалиётӣ ва чи барномаҳои нармафзорӣ ба мушоҳида мерасад. Барномаҳои нав на танҳо ба одамон имкон хоҳанд дод, то бо ҳамдигар тавассути Интернет иртибот кунанд, балки низ ба имкониятҳои наве чун Web 2.0 ва Интернети чизҳо дастрасӣ пайдо кунанд.

Мисоли 3. НОКА дар мактабҳои олӣ

Яке аз лоиҳаҳои Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази ТИК» (Марказ) — http://www.centreict.tj/, татбиқи нармафзори озод ва кушодаасос (НОКА) дар мактабҳои олии Тоҷикистон мебошад. Марказ аз оғози фаъолияташ ҳамкории бисёрҷонибаеро бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба роҳ мондааст. Дар заминаи чунин ҳамкорӣ, бо дастгирии мунтазами Институти Ҷамъияти Кушода — Бунёди Мадад (ИҶКБМ), Клубҳои ТИК дар бештари донишгоҳҳои давлатии кишвар таъсис дода шудаанд. Ҳадафи чунин ташаббус ҷалби фаъолонаи донишҷӯёну устодони ҷавони онҳо дар татбиқи эҷодкоронаи ТИК дар раванди таълим ва дигар соҳаҳо мебошад.

Дар заминаи клубҳои мазкур, яке аз лоиҳаҳои Марказ ба ворид намудани НОКА дар фаъолияти донишгоҳҳо мебошад. Лоиҳа давоми солҳои 2007-2008, бо дастгирии ИҶКБМ, амалӣ карда шуд. Шарикони Марказ дар раванди татбиқи лоиҳа устодон ва шогирдони донишгоҳҳои мавриди ҳадаф буданд. Лоиҳа аз гузаронидани силсилаи дарсҳои кушода оғоз гардид. Дар ҷараёни дарсҳо бартариҳои НОКА аз нигоҳи масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар муаррифӣ мегардид.

[80] GNU Operating System, “The Free Software Definition”, Free Software Foundation, http://www.gnu.org/philosophy/free-sw.html.

Таваҷҷуҳи шунавандагон ба маҳдудиятҳои ҷойдоштаи НОКА низ ҷалб карда мешуд. Азбаски ҷониби дигари маҳдудият бартарӣ буда метавонад, имкониятҳои имконпазири созандагӣ дар ин раванд низ таъкид карда мешуданд. Барои хонандаи огаҳманд пӯшида нест, ки код (сарчашма)-и НОКА кушодаву озодона дастрас мебошад. Маҳз ҳамин хусусият метавонад шавқи эҷодкории шогирдону устодони донишгоҳҳоро зиёд намояду онҳо дар бартараф намудани маҳдудиятҳои ҷойдошта ширкат варзанд. Ҳамин тариқ, онҳо маҳдудиятҳоро ҳам ба бартарии НОКА ва ҳам бартарии худ табдил дода метавонанд.

Таҷрибаи Марказ боз ҳам нишон дод, ки малакаву дониши технологии андӯхта новобаста аз категорияи онҳо дар заминаҳои технологии гуногун татбиқшавандаанд. Масалан, малакаи муҳити нармафозорҳои пӯшидасоси хусусӣ ва ё ба истилоҳ проприетарӣ (НПАП) андӯхта ба осонӣ дар муҳити НОКА татбиқ мешаванд. Албатта, ҳолати баръакс низ ҷой дорад. Шунавандагони дарсҳову семинарҳои омӯзишӣ малакаву дониши, бешубҳа, дар муҳити НПАП ба даст овардаи худро тавонистанд дар муҳити ба онҳо навошнои НОКА истифода баранд.

Ин боз ҳам далели он аст, ки донишу малакаи дар як муҳити технологӣ андӯхта, ба осонӣ дар дигар муҳити комилан нав татбиқшаванда аст.

Ба чунин воқеияти ҳол нигоҳ накарда, татбиқи НОКА дар мактабҳои олӣ чандон фаъол нест. Он барномаҳои НОКА, ки бештар мавриди истифода дар муҳити мактабҳои олӣ қарор гирифтааст, ба сохтани вебсайтҳо, низомҳои иттилоотии идоракунӣ ва баъзан серверҳову пуштибонии онҳо нигаронида шудаанд. Вале татбиқи дигар категорияҳои НОКА ба мисли инфросохтори шабака, системаҳои оператсионӣ ва барномаҳои корбарии идоравӣ чандон назаррас нест. Гарчанде маводи НОКА, ки маҳаллӣ шудаанд, яъне ба забони давлатӣ тарҷумаву ба шароити ватанӣ мутобиқ карда шудаанд. Яке аз сабабҳои имконпазири чунин воқеиятро коршиносони ватанӣ дар заиф будани фарҳанги риояи меъёрҳои моликияти зеҳнӣ медонанд.

Шояд сабабҳои дигаре вуҷуд доранд, ки пас аз анҷоми он бештари шарикони Марказ, яъне мактабҳои олии дар лоиҳа ширкатварзида, аз вусъат додани натиҷаи ба дастомада сарфи назар карданд.

Бо вуҷуди ҷой доштани чунин камбудиҳо, арзёбии минбаъдаи натиҷаи лоиҳа дар якчанд донишгоҳҳои шарик Марказ ҳамчун гувоҳи бобарори лоиҳа дар муддати дарозтаре мешуморад. Чунки фаъолияти клубҳо давом дорад. Дар заминаи онҳо марказҳои ТИК-и назди донишгоҳҳо таъсис дода шудаанд.

Саволҳо барои баррасӣ дар зергурӯҳҳо:

- Ба андешаи шумо кадом сабабҳои дигаре вуҷуд доранд, ки садди роҳи донишгоҳҳо дар татбиқи фаъолонаи НОКА гаштаанд.

- Маҳаллисозии барномаҳои компютерӣ то кадом андоза муҳиманд ё ниёз ба чунин талошҳо нест. Мавқеи худро бо далелҳои қотеъона пуштибонӣ кунед.

Муаллифон: Гулафшон Соқиева, Асомуддин Атоев, Талъат Нӯъмонов

Тасвири 8. Ҷаҳони чизҳо ва хизматрасониҳои баҳампайваста: Интернети чизҳо ва коммуникатсияи мошин-ба-мошин



Ҷаҳони мошин-ба-мошини хизматрасониҳои баҳампайваста
Интернети чизҳо

***Сарчашма**: Beecham Research, “M2M world of connected services. The Internet of Things”, http://www.beechamresearch.com/Downloads.aspx.*

Истилоҳи Web 2.0 иртиботи чандон зиёде ба дигаргуниҳои афзояндаи технология надорад. Балки он ба веб-барномаҳое дахл дорад, ки ба мубодила, фаъолияти муштарак ва тарҳрезии ба корбар нигаронидашудаи иттилоот равона шудаанд ва аз ин роҳ, ба баъзе маҳдудиятҳои веби ҷаҳонгустар (World Wide Web) вокуниш нишон медиҳад. Web 2.0 хизматрасонӣ ва нармафзори гуногуни дар заминаи веб имкондоштаро дарбар мегирад, ки ба муҳтаво ва технологияҳои аз ҷониби корбар тавлидшуди веб мусоидат мекунад. Ин технологияҳо нармафзорҳои бар онҳо асосёфтаро дар бар мегиранд, ки гузоштани ишорачӯби иҷтимоӣ, платформаҳои навиштаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои дигари Интернетӣ, ки эҷод ва ҳифзи иттилоотро осон мекунанд аз ҷумлаи онҳоянд.[81] Бар хилофи вебсафҳаҳое, ки дар он корбарон ба диди ғайрифаъоли муҳтавоҳои аз ҷониби дигарон таҳияшуда маҳдуданд, вебсафҳаи Web 2.0 ба корбарон имкон фароҳам меорад, то дар муколамаи медиа (расонаҳо)-и иҷтимоӣ ҳамчун эҷодкорони муҳтаво дар ҷомеаи маҷозӣ (виртуалӣ) бо ҳамдигар фаъолияти мутақобил ва ҳамкорӣ кунанд. Намунаҳои Web 2.0 сайтҳои шабакаи иҷтимоӣ, блогҳо, викиҳо, сайтҳои мубодилаи видео, мизбонии хизматрасониҳо ва дастраскунии мавод, барномаҳои амалии веб ва ғайраҳоро дар бар мегиранд.

[81] Andrea Lin and Kavita Karan, “Internet and Information Circulation: Motivations for Passing on the Message Online”, *ASCI Journal of Management*, Vol.39, No. 2, p. 45 (2010).

Равзанаи 9. Интернети чизҳо

Интернети чизҳо вижагии таҳаввулёбандаи технология ба сӯи ояндаро дар назар дорад. Дар он ҳама чизҳои рӯзмарраи атрофи мо тавассути шабака (Интернет) бо ҳам алоқаманданд. Масалан, дар хона мошини ҷомашӯй ё кондисунер (дастгоҳи ҳавополо)-ро тавассути паёме аз телефони мобилӣ дар фосила метавон ба кор андохт.

Мафҳум дар атрофи чунин чизҳое мечархад, ки ҳама дорои нишониҳои протоколи Интернет (IP) буда, корбарон ба анҷом додани фаъолиятҳои мутақобила бо онҳо қодиранд. Масалан, чунин шабака аз ҷосозии сенсорҳо ва тамғаи ташхиси басомади радиоӣ ё электронӣ дар чизҳои атрофи мо барои қобилияти дастрасӣ ба онҳо ва мубодила бо онҳо ҷиҳати таҷдиди иттилооту мақом вобаста хоҳад буд. Чунин иттилоот метавонад таҷдидҳоеро чун дар мошин чӣ қадар боқӣ мондани сӯзишворӣ (бе кушодани мошин ва андозагирӣ кардани сӯзишворӣ), тафтиши мавҷудияти шир дар яхдон (бе кушодани он) дар бар гирад.

Ихтисоран истифода шудааст аз: Рачнеш Синх, *Module 4: ICT Trends for Government Leaders*. 2nd edition, *Academy of ICT Essentials for Government Leaders module series* (Incheon, UN-APCICT/ESCAP, 2011), http://www.unapcict.org/academy/.

Шаклҳои нави барномаҳо ба ҳалли ҷанбаҳои суст ва холигоҳҳое шурӯъ карданд, ки дар платформаҳои нармафзорҳо ва худи нармафзорҳои пешин ба назар гирифта намешуданд. Масалан, пайдоиши Wiki ҳамчун як қисми рушди НОКА (FOSS) ба эҷод ва таҳрири вебсафҳаҳои сершумори бо ҳам алоқаманд ё пайваста тавассути веб-бравзер бо истифода аз забони соддашудаи нишонадор ё таҳриргари матнии «он чӣ мебинӣ, ҳамон аст, ки мегирӣ» (WYSIWYG) имкон медиҳад.[82] Викиҳо муқаррараи бо нармафзори викӣ ба кор андохта мешаванд ва бештари вақт аз ҷониби корбарони зиёд якҷоя истифода бурда мешаванд. Дар мавриди дигар низ НОКА тавассути ангезиш додани маҳаллисозии муҳтаво ба рушди забони маҳаллӣ мусоидат менамояд.

Гароишҳо дар рушди НОКА ва гузариш аз компютерҳои шахсии гароннархи ниёз ба алоқаи хаттии собитдошта ба телефонияи мобилии барои корбар дастрас, мӯътамад, бесим ва соддашавии афзояндаи истифодаи он боиси эҷоди муҳтаво мегарданд. Ин масъала дар поён баррасӣ мешавад.

Муҳтаво ва гароишҳои эҷоди муҳтаво

Моделҳои пешинаи эҷоди муҳтаво барои кишварҳои дар ҳоли рушд бисёр мушкилиҳову монеаҳо меовард. Истифодаи забони англисӣ ҳамчун забони технологияҳои иттилоотӣ ва дар натиҷа Интернет ба монеаи нахустине табдил ёфт, ки ҳам ба саводнокӣ ва ҳам ба забондонӣ рабт дошт. Шинохтани аҳолии камбизоат дар кишварҳои дар ҳоли рушд ҳамчун бесаводон ақидаеро пойдор кард, ки саводнокии андаке дар бардоштани манфиат аз ТИК муҳим аст. Ёфтани шахси босавод дар деҳае душвор набуд; вале дарёфти донандаи забони англисӣ, ки барои дастрасӣ ба Интернет ё эҷоди муҳтаво қодир бошад, монеаи асосӣ буд. Ширкатҳои бузурги барномаҳои нармафзорӣ сохтани ҳарфҳои забони маҳаллиро аз назари иқтисодӣ муфид намеҳисобиданд.

Муддати тӯлонӣ, намудҳои бобоии ТИК ба мисли радио ва телевизион дар муқоиса ба Интернет ҳамчун расонаҳои бартаридори дастрасӣ ба иттилооту дониш муваффақ буданд. Қобилияти истифода бурдани унсурҳои фаровони аудио-визуаливу графикӣ ҳамчун як бахши муҳтавои Интернетӣ ҳам аз нигоҳи ҳаҷми ҳофизаи компютер, ки барои ҳифзи онҳо зарур буд ва ҳам аз нигоҳи суръати пасти канали алоқа ва тангпаҳноии он маҳдуд буд. Акнун воқеият дигар аст. Шаклҳои нави эҷоди муҳтаво ба монанди объектҳои омӯзишӣ, саргузаштҳои рақамӣ ва барномаҳои Web 2.0 (чун блогҳо, викиҳо, сайтҳои шабакаҳои иҷтимоӣ) маъмул гаштаанд, ки ба эҷоди муҳтавои корбарӣ мусоидат менамоянд.[83]

---

[82] Нигаред: Wikipedia, “Wiki”, http://en.wikipedia.org/wiki/Wiki.

[83] Мӯҳтавои аз ҷониби корбар эҷодшуда мӯҳтавои бархатие мебошад, ки аз ҷониби корбарони вебсайтҳо, бар хилофи тавлидкунандагони расонаҳои анъанавие чун ширкатҳои пахшу истеҳсоли барномаҳо таҳия мешаванд. Ин демократикунонии таҳияи расонаҳоро тавассути технологияҳои наве инъикос менамояд, ки дастрас ва арзонанд. Инҳо видеои рақамӣ, блогсозӣ, подкастинг, суратгирӣ тавассути телефони мобилӣ ва викиҳоро дар бар мегиранд. Намунаҳои маъруфи вебсайтҳое, ки бар мӯҳтавои аз ҷониби корбар эҷодшуда асос ёфтаанд, eBay, Facebook, Flickr, Twitter, Wikipedia ва YouTube-ро дар бар мегиранд. Барои таърифи навъҳои гуногуни мӯҳтавои аз ҷониби корбар эҷодшуда ба мӯҳтавои озод ва пахши барномаҳои ҷамъиятӣ, «Вожанома», WGBH Educational Foundation, http://opencontent.wgbh.org/report/glossary.html нигаред.

Равзанаи 10. Баъзе навъҳои муҳтавои аз ҷониби корбар эҷодшуда

- Блогҳо: Навъи вебсафҳа ё як қисми вебсафҳа аст. Блогҳо одатан аз ҷониби фардҳо тавассути пайваста ворид кардани шарҳу эзоҳ, тавсифи ҳодисаҳо ё маводи дигаре чун графикҳо ё видеоҳо нигоҳдорӣ мешаванд. Аксари блогҳо интерактивӣ буда, имкон фароҳам меоранд, то воридшудагон эзоҳҳо ва паёмҳо нависанд. Маҳз ҳамин хусусияти интерактивӣ ҳаст, ки блогҳоро аз вебсафҳаҳои сокин фарқ мекунонад.

- Сайтҳои шабакаи иҷтимоӣ: Хизматрасонии шабакаи иҷтимоӣ ба сохтан ва инъикоси шабакаҳои иҷтимоӣ ё муносибатҳои иҷтимоии байни одамон, масалан, онҳое, ки манфиатҳо ва ё фаъолиятҳои ҳамсанг доранд, бахшида шудааст. Сайтҳои шабакаи иҷтимоӣ ба корбарон дар эҷоди муаррифнома (profile)-и бархати худ барои додугирифти иттилоот, суратҳо, навиштаҳои блог ва клипҳои мусиқӣ имкон фароҳам меоранд. Сайтҳои маъмули шабакаи иҷтимоӣ Facebook, LinkedIn ва Twitter-ро дар бар мегиранд.

- Объектҳои омӯзишӣ: Объекти мустақил ва такроран истифодашавандаи рақамист, ки дорои ҳадафи равшани таълимӣ ва ҳадди ақал се ҷузъи дохиливу таҳриршаванда – муҳтаво, фаъолиятҳои омӯзишӣ ва унсурҳои заминавӣ мебошад. Объектҳои омӯзишӣ роҳи нави тафаккур дар бораи муҳтавои омӯзишист. Чун анъана, муҳтаво дар муддати якчанд соат ба вуҷуд меояд. Объектҳои омӯзишӣ воҳидҳои хурдтари омӯзиш буда, муқаррараи аз 2 то 15 дақиқа тӯл мекашанд. Онҳо ба таври такрор қобили истифодаанд, метавонанд мустақилона ё дар заминаҳои сершумор, аз ҷониби корбар барои қонеъ кардани ниёзҳои мушаххас истифода шаванд. Захираи бар Интернет асосёфтаи объектҳои омӯзишӣ Пойгоҳи объектҳои омӯзишӣ (Learning Object Repository) номида мешавад.[84]

- Саргузаштҳои рақамӣ ва нақли саргузаштҳои рақамӣ: Ин истилоҳҳо як қатор шаклҳои нави саргузаштҳои рақамӣ (саргузаштҳо дар асоси веб, саргузаштҳои интерактивӣ, абарматнҳо (гиперматнҳо) ва бозиҳои нақлии компютерӣ)-ро фаро мегиранд. Дар ин ҷо, одамони оддӣ «саргузаштҳои воқеӣ»-и худро дар шакли хеле шавқовар ва ҷолибу ҳассос нақл мекунанд. Ин саргузаштҳо одатан кӯтоҳ (камтар аз ҳашт дақиқа) буда, метавонанд интерактив бошанд. Телефони мобилии дорои суратгирак ва воситаи сабт кифоя аст барои эҷоди саргузашти рақамӣ ва интишори он тавассути хизмати паёми чандрасонаӣ (MMS) ё ягон барномаи соддае, ки ё аз Интернет фароварда (фурукашӣ) насб карда мешавад ё аз захираи телефон фаъол карда мешавад.

Хизматрасониҳо

Шумора ва гуногунии хизматрасониҳое, ки метавонанд бо пешрафти технологияҳо, барномаҳо ва муҳтаво дастрас бошанд ва ё эҷод карда шаванд, ҳатто ба тасаввур ҳам намеғунҷанд. Хизматрасониҳои гуногунранг – аз бонкдорӣ сар карда, то тандурустӣ, аз омӯзиш то бозӣ, мусиқӣ, пахши зиндаи муҳтавои телевизионӣ, ҳукумат, сафару сайёҳӣ, ахбору иттилоот дар бораи ҳолатҳои фавқулодда, маориф, фарҳанг ва мерос, бо дастовардҳо дар самти иртиботу коммуникатсияи арзону баландсуръат имконпазир шудааст. Афзоиши ин гуна хизматрасониҳо барои фарогирии ҳамаи табақаҳои аҳолӣ ба ҷараёни рушд имкон фароҳам меоранд.[85] Пажӯҳиши охирин низ нишон додааст, ки корбарон дар Осиё ба муҳтавои дахлдору муфид дар телефонҳои мобилии худ шавқманд буда, муштоқи иштирок дар таҷрибаҳои мобилие ҳастанд, ки ба ҳаёти онҳо арзиш зам мекунанд.[86]

Хулоса

Агар ба ихтироъкориҳои гуногуне, ки дар тӯли сад соли гузашта ҷомеаро тағйир додаанд, назар афканем, мебинем, ки инқилоб дар соҳаи ТИК ва вобастагии Интернет аз он падидае мебошад, ки дигаргуниҳои беназири иҷтимоиву иқтисодиро ба бор овардааст. Ҷаҳони имрӯзӣ аз он ҷаҳоне, ки ҳатто бист сол қабл вуҷуд дошт, хеле тафовут дорад. Ҷаҳони имрӯзӣ бештар ба «деҳаи глобалӣ»-е монанд аст, ки дар он ҳар кас новобаста аз вақт, макон, фарҳанг, забон ва масофа метавонад бо ҳам бипайвандад. Дар заминаи чунин инқилоб, баъзе кишварҳои хеле нодор якбора ба пешвоёни бозор ва нерӯгоҳи ҷаҳонӣ табдил ёфтанд.

---

[84] Намунаи хуби чунин пойгоҳ дар MERLOT, http://www.merlot.org/merlot/index.htm дастрас аст.

[85] Торнамои http://mbillionth.in/ як силсила хизматрасониҳоеро шинос менамояд, ки метавонанд тавассути истифода аз хизматрасониҳои телефонҳои мобилӣ ва ҳангоми муттаҳидсозии онҳо бо барномаҳои мавҷудаи Интернетӣ таъмин шаванд.

[86] mobiThinking, “What makes Asia Pacific the most exciting mobile market in the world? Interview with Rohit Dadwal, MD Asia Pacific, MMA”, http://mobithinking.com/mobile-asia-pacific-mma-interview.

Пайроҳаи пешрафти ТИК ва аз ин рӯ, ТИКР занҷираеро мемонад, ки бо радиои оддии солҳои аввали қарни бистум оғоз шуда, ба сӯи телефонҳои мобилии бисёрҳадафии имрӯзӣ ҳаракат мекунад. Самти инкишоф ва пешрафти ин пайроҳа на он қадар аз истеъдоди созандагони он, балки аз қудрати эҷодкоронаи корбарони ниҳоии он – чи дар пойтахти сарватманд ва чи дар деҳаи камбизоати доманакуҳ – вобаста хоҳад буд. Омилҳое, ки самти пешрафти ТИК-ро муайян хоҳанд кард, аксаран мисли замони пешин боқӣ мемонанд, ки инҳоянд:

- Созгорпазирӣ – дараҷае, ки онро бо силсилаи вазифаҳо метавон мувофиқ кард;
- Истифодаи манфиатбахш - то чӣ андоза он вазифаи душворро осон намояд то ҳамон андоза қодир аст ба овардани дигаргунӣ;
- Осонии омӯзиш – барои фаҳмиши доираи васеи шунавандагон дар робита ба қабул ва мувофиқ кардан то чӣ андоза осон аст;
- Дастрасӣ – ба даст овардан ва ба он дастрасӣ пайдо кардан то чӣ андоза осон аст;
- Дастрасии нарх – чанд пул арзиш дорад;
- Муштарак – чӣ қадар корбарро ҷалб мекунад ва то чӣ андоза бо онҳо ҳамгиро (интерактив) аст;
- Интиқолпазирӣ – чӣ гуна ва ба чӣ осонӣ истифодаи онро метавон ба дигарон интиқол дод;
- Иқтидори тавлидӣ – оё ба осонӣ ба корбар имкон фароҳам меорад, то вижагиҳои онро барои манфиат ва истифодаи худ эҷод намояд ё асос гирад.

Ҳамаи ин омилҳо ҳамчунин дар барномаҳо ва фаъолиятҳои ТИКР муҳиманд. Акнун, бо дарназардошти аҳамияти вижагиҳои ТИК, омӯхтани алоқамандӣ дар байни ТИК ва ҳадафҳои рушд муҳим аст.

Машқи амалӣ

Ин ҳолатро баррасӣ кунед.

Телефони мобилии куҳнаи шумо зиён дидааст ва шуморо зарур аст, ки телефони мобилии нав бихаред. Вижагиҳоеро (хусусиятҳоеро) номбар кунед, ки мехоҳед телефони мобилии нави шумо дошта бошад.

Ба назар гиред, ки шумо барои бибиву бобои худ низ телефони мобилӣ харида истодаед. Рӯйхати вижагиҳоеро тартиб диҳед, ки телефони мобилии онҳо хоҳад дошт.

Бар асоси омилҳои дар хулосаи ин бахш номбаршуда ҳар ду телефони мобилиро арзёбӣ кунед. Қайдҳои худро бо қайдҳои рафиқи беҳтарини худ муқоиса карда, аз ӯ хоҳиш намоед, то дар харидани телефонҳо кӯмак расонад.

Акнун, рӯйхати ҳамаи нуктаҳои баррасишударо тартиб диҳед, ки бо рафиқи беҳтарини худ анҷом додаед. Бозёфтҳои худро дар синф, дар байни ҳамсинфон ва омӯзгори худ муаррифӣ ва ҳимоя кунед.

Худро бисанҷед

1. Иқтидори тавлидии ягон навоварӣ чунин аст:

а. Дараҷае, ки он худро дубора таҷдид менамояд;
б. Дараҷае, ки система ангезандаи навоварӣ аз ҷониби дигарон мешавад;
в. Системаи бар ТИК асосёфта, ки шумо ҳам сахтафзору ҳам нармафзорро аз ҳамон як ширкат мехаред;
г. Ҳеҷ кадом аз нуктаҳои болоӣ.

2. Интернет ин аст:
а. Системаи тавлидкунанда;
б. Системаи имкониятҳояш баста;
в. Ҳар ду;
г. На ину на он.

3. Барои истифода бурдани сарчашмаи озоду кушодаасос, шахс бояд:
а. Онро аз бозор харад;
б. Барои надуздидани он созишнома имзо кунад;
в. Аз Интернет озодона фурукашӣ ва истифода намояд;
г. Барномаи худро созад.

4. Web 2.0 гуфта, чӣ дар назар дошта мешавад:
а. Протоколи интернетии нав;
б. Навъҳои нави хизматрасонӣ тавассути Интернет, ки имкон барои тамосҳои шабакавии одамон фароҳам меорад;
в. Интернети чизҳо;
г. Роҳҳои наве, ки тавассути он фардҳо метавонанд телефонҳои мобилиро истифода баранд.

5. «Муҳтавои аз ҷониби корбар тавлидшаванда» гуфта, чӣ дар назар дошта мешавад:
а. Вебсафҳаи бархатии (онлайнии) ширкати пахши барномаҳои телевизиону радиоӣ;
б. Муҳтавои бархатие, ки аз ҷониби корбарони Интернет тавлид мешавад;
в. Ҳар ду;
г. На ину на он.

БАХШИ II. РОҲҲОИ ТАТБИҚИ ТИК

Ҳадафҳои омӯзишӣ

Ҳадафҳои омӯзишии ин бахш ба омӯзандагон муаррифӣ кардани нуктаҳои зерин аст:
- Мафҳуми татбиқи бевосита ё бавоситаи ТИК;
- Мислоҳои омӯзишӣ оид ба истифодаи ТИК дар бахшҳои гуногуни рушд.

Натиҷаҳои омӯзиш

Пас аз анҷоми ин бахш, омӯзандагон дорои тавоноиҳои зер хоҳанд буд:
- Фаҳмидани барномаи ТИК дар мавридҳои мушаххас;
- Муайян карда тавонистани мисолҳои мушаххаси ТИКР дар кишвар ва муҳити худ;
- Таҳлил карда тавонистани мисолҳое, ки комёб ва ё ноком шудаанд.

Муқаддима

Нақшофарон дар фазои ТИКР бисёранд, аз он ҷумла муассисаҳои байналмилалӣ, ҳукуматҳо, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва бахши хусусӣ. Ҳар як гурӯҳи нақшофарон дар доираи салоҳият (мандат) ва тавонмандиҳои худ кор мекунад. Масалан, муассисаҳои байналмилалӣ барои истифодаи ТИК ҳам маблағгузорӣ ва ҳам таҷрибаву дониши техникиро таъмин мекунанд. Созмонҳои ғайриҳукуматӣ, тавассути алоқаҳои қавии худ бо маҳалҳо, мустақилона ва ё ҳамчун миёнарав дар байни муассисаҳои дигар ва одамон кор мекунанд. Бахши хусусӣ ба ТИКР ҳамчун як қисми масъулияти бузурги корпоративии иҷтимоӣ барои ҳамгиро кардани нигарониҳои иҷтимоиву зистмуҳитӣ дар фаъолияти соҳибкории худ ва расонидани онҳо ба ҷомеа ҷалб мешавад. Дар бисёр мавридҳо, гурӯҳҳои гуногун бо ҳам кор карда, ҳар яке тавонмандиҳои инфиродии худро барои истифодаи ТИК дар роҳи расидан ба ҳадафҳои рушд таъмин менамояд.

Нақшофари бузургтарин ва шояд муҳимтарин ҳукумат аст, ки барои хизматрасонии давлатӣ (ҷамъиятӣ) ба шаҳрвандон салоҳияти конституцсионӣ дорад. Ҳукуматҳо роҳҳову методҳои гуногуни хизматрасониро дар бахши рушд истифода мебаранд, ки аз ҷумла ба таври зеранд:
- Таъминоти бевоситаи ҳукумат;
- Бастани шартнома бо бахши хусусӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ барои ин хизматрасониҳо;
- Интиқол ва ғайримутамарказонидани ҳокимияту масъулият ба ҳукуматҳои маҳаллӣ;
- Иштироки ҷомеа ва интиқоли бевосита ба хонаводаҳо.

Чуноне ки мисолҳои бисёр нишон медиҳанд, ҳукуматҳо кори худро хуб анҷом додаанд. Вале бисёр мавридҳое низ ҳастанд, ки ҳукуматҳо дар таъмини сифати хизматрасониҳо ноком гардидаанд.[87] Ҳам комёбиҳо ва ҳам нокомиҳо ба муносибатҳои байни ҷонибҳои гуногуни манфиатдор – ҳукумат, хизматрасонанда ва шаҳрванд – ишора мекунанд. Ин муносибат барои таъмини муассири хизматрасониҳо муҳим аст. Вайроншавии муносибат метавонад ба нооромиҳову эътирози шаҳрвандон оварда расонад.

Метавон ТИК-ро барои тақвият додани муносибати байни се гурӯҳи ҷонибҳои манфиатдор барои ноил шудан ба ҳадафҳои асосии рушди инсон бо тарзи баробар, пурмаҳсул, пойдор ва муштарак истифода бурд. Роҳҳои зиёде вуҷуд доранд, ки дар он ТИК таърихан ва ҳоло ҳам барои ноил шудан ба ин ҳадафҳои рушд истифода шудааст.

Барои шинохти ҷонибҳои манфиатдор ва паҳноҳову ҷузъҳои гуногун, нахуст, фаҳмидани нақши гурӯҳҳои гуногуни ҷонибҳо дар муносибат ва дувум, фаҳмидани маҷмӯаҳои гуногуни муносибатҳо муҳим аст. Барои анҷом додани ин кор, тамаркуз кардан ба хизматрасониҳои асосие, ки аз ҷониби ҳукумат ҷиҳати ҳалли мушкилиҳои марбут ба камбизоатӣ, тандурустӣ, маориф, об, нерӯи барқ ва беҳдошт барои шаҳрвандон (мизоҷони хизматрасониҳо) расонда мешаванд, муҳим аст. Дар зер чорчӯбаи муносибатҳо дар байни фаъолони гуногун (яъне мизоҷону хизматрасонандаҳо ва таҳиякунандагони сиёсатгузориҳои марбута) аз рӯи Ҳисоботи рушди ҷаҳонӣ барои соли 2004 (***World Development Report 2004***)[88] нишон дода шудааст.

---

[87] Richard Heeks, “Failure, Success and Improvisation of Information Systems Projects in Developing Countries”, Development Informatics Working Paper Series, Paper no. 11 (Manchester, University of Manchester Institute for Development Policy and Management, 2002), http://www.sed.manchester.ac.uk/idpm/research/publications/wp/di/di_wp11.htm.

[88] World Bank, *World Development Report 2004: Making Services Work for Poor People* (Washington, D.C., 2003), http://go.worldbank.org/S7MDO8EYS0.

Тасвири 9. Ҷонибҳои манфиатдори ТИК барои рушд

Тавзеҳ: Сиёсатгузорон - ҳукумат; дастраскунандагон – дастраскунандагони хусусии саноатӣ; шаҳрвандон – корбарон ва баҳрабарандагон дар ҷомеа.

***Сарчашма**: Мутобиқ шудааст аз: World Bank, World Development Report 2004: Making Services Work for Poor People (Washington, D.C., 2003), p. 6, http://go.worldbank.org/S7MDO8EYS0.*

Шаҳрвандон, ҳамчун мизоҷони шифохонаҳо, мактаббачагон дар макотиб ва истеъмолкунандагони обу нерӯи барқ ҳама муштарӣ мебошанд, чунки онҳо ҳаққи ин хизматрасониҳоро ё тавассути андозҳо ё аъзоҳаққиҳое, ки аз ҷониби давлат ситонида мешаванд, мепардозанд.

Дастраскунандагони хизматҳо муассисаҳо ё идораҳое (давлатӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ё хусусӣ) мебошанд, ки ҳар он ҷое муносибати мустақиме миёни шаҳрванд ва ҳукумат вуҷуд дорад ҳозиранд. Дигар расонандагони хизматҳо шӯроҳои таъмини нерӯи барқ, об ва беҳдошт, мактабҳову системаи мактабӣ ва дармонгоҳҳои давлатӣ ва хусусӣ мебошанд, ки шаҳрвандони оддӣ аз онҳо баҳраманд мешаванд.

Сиёсатгузоронро метавон ба осонӣ шинохт. Онҳо метавонанд масъулони интихобшуда, хизматчиёни давлатӣ ва дигар шахсони масъуле, ки дорои мақоми сиёсатгузориву чораандешиҳо, роҳбарӣ, назоратӣ ва интизомӣ аз болои дастраскунандагони хизматҳо буда, дар асоси фаъолияташон метавонанд онҳоро ситоиш ва ё ҷазо диҳанд.

Биёед маҷмӯи муносибатҳоеро баррасӣ намоем, ки дар байни шаҳрвандон ва таҳиякунандагони сиёсатгузорӣ ё мансабдорони интихобшуда вуҷуд доранд. Аслан, шаҳрвандон ба сиёсатгузорон ва сиёсатмадорон тавассути равандҳои мавҷудаи сиёсӣ, ба монанди интихобот, таъсир мерасонанд. Дар амал, ин раванд, махсусан дар мавриди мардуми нодор, ки ба сиёсатмадорон таъсири камтар мерасонанд, суст буда, на ҳамеша кор мекунад. Бо сабаби чунин сустии раванд ва ё камбудиҳои системаи интихобот дурӣ дар байни шаҳрвандону сиёсатгузорон ва мансабдорони интихобшуда меафзояд. Охир интихобот чун василаи асосии таъсири мардум ба сиёсатгузорон ҳар чаҳор ё панҷ сол танҳо як маротиба баргузор мегардад, ки муҳлати тӯлонист.

Ҳатто агар одамони камбизоат ба сиёсатгузорон дастрасӣ пайдо кунанд ҳам, хизматгузориҳо такмил нахоҳанд ёфт. Ин ҳолат то он замоне идома хоҳад кард, ки сиёсатгузорон аз хизматгузориҳои ҳамон дастраскунандаи мардуми камбизоат истифода набарад. Бинобар ин осонтар он аст, ки ба натиҷаҳои хизматрасонӣ тавассути таҳвият додани алоқамандӣ дар байни шаҳрвандон ва расонандагони хизмат таъсир кард.

Алоқамандӣ дар байни се ҷониби асосии манфиатдор тавассути равандҳои иттилоот, коммуникатсия, пуштибонӣ ва мониторинг сурат мегирад, ки ангезандаи он абзорҳо ба мисли фаъолнокии шаҳрвандӣ ва масъулияти иҷтимоӣ мебошанд. Ин ҳам барои ТИКР ва ҳам барои масъулияти иҷтимоии ҳукумат саҳмгузор аст.

Роҳнамоиҳову нақшаҳои сиёсӣ барои расидан ба ҳадафҳои рушд вақте муваффақ мешаванд, ки ҳадафҳо ба бахшҳои алоҳидаи рушд тақсим карда шаванд. ТИК, мутобиқи табиати аслии худ, фарогир буда, татбиқи онҳо метавонанд чандбахшӣ ва чандҷониба бошанд. Инро метавон дар мавриди талошҳои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ мушоҳида кард. Бо вуҷуди ин, бахши мазкур ба хотири таъсир ба раванди баррасӣ ҳолатҳои гуногуни татбиқи ТИК-ро барои расидан ба чунин

ҳадафҳо шарҳ медиҳад. Аз нигоҳи бахшҳои алоҳидаи рушд, ин ҳадафҳо аз ҷониби ҳукуматҳо муайян гашта, авлавиятбандӣ шудаанд.

Як зумра роҳҳое вуҷуд доранд, ки тавассути онҳо ТИК дар бисёр бахшҳои рушд татбиқ мешавад. Дар ин замина, ду равиши асосии густариши ТИК вуҷуд доранд. Равиши нахустин равиши бевосита буда, баҳрабарандагони ниҳоиро мавриди ҳадаф қарор медиҳад. Намунаҳо хизматрасониҳои G2C ва механизмҳои бархатии арзу доди шаҳрвандонро дар бар мегиранд. Равиши дувум равиши бавосита ва пуштибон аст, ки ҳамоҳангсозии системаҳо, рушди сиёсатгузориҳо, зерсохтор, одамон ва муҳтаворо мавриди ҳадаф қарор медиҳад. Интизор меравад, ки ин равиш, дар навбати худ, ба баҳрабарандагони ниҳоӣ манфиат орад. Ҳар ду равиш барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушд муҳиманд. Дар айни ҳол, ҳар яке аз ин равишҳо дар ҷараёни амалишавӣ дорои тарҳҳои гуногуне мебошанд. Онҳоро низ ба хотири ноил шудан ба ҳадафҳои гуногуне дар доираи ҳамон як барнома ё лоиҳа алоҳида ё якҷоя метавон истифода бурд. Дар ин ҷо кӯшиш карда мешавад, ки ҳар ду паҳно – бевосита ва бавосита – дар заминаи бахшҳои инфиродӣ баррасӣ ёбанд.

Намунаҳову мисолҳои омӯзишии марбут ба ТИКР, ки дар ин бахш оварда шудаанд, асосан аз минтақаи Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором мебошанд. Ин бахш бо манзараи умумии намунаҳову мисолҳои омӯзишӣ аз бахшҳои асосӣ ё таркибии иҷтимоӣ шурӯъ мешавад. Пас аз он, мисолҳое аз бахшҳои баробармуҳим вале ғайриасосӣ таҳлил карда мешаванд. Бояд ёдовар шуд, ки бо вуҷуди дар бахшҳои алоҳида овардани мисолҳо, ҳамаи онҳо аз алоқамандиҳои бахшҳои гуногун бархурдоранд. Ҷудо кардани онҳо танҳо барои хубтар фаҳмидани онҳост.

БОБИ 3.
ТАТБИҚИ ТИКР ДАР БАХШҲОИ АСОСИИ РУШД

Камбизоатӣ ҷанбаҳои бисёр дорад. Инҳо набудани даромади асосӣ, набудани дастрасӣ ба замин, қарз ва хизматрасонӣ, густариши доимии гуруснагӣ, набудани дастрасӣ ба таҳсили асосӣ ва ё тандурустӣ, махсусан, барои кӯдакону модарон, сатҳи баланди марг ва давомнокии кӯтоҳи зиндагӣ, гароиши гирифторӣ ба бемориҳои ВНМО/БПНМ, варача ва сил, набудани воситаҳои устувори зиндагӣ, набудани мобилнокӣ, набудани дастрасӣ ба ҷойҳои корӣ барои ҷавонон ва афзоиши осебпазирӣ ба оқибатҳои офатҳои табииву низоъҳо мебошанд. Бештари вақт, набудани огоҳӣ ва иттилоот дар бораи ҳуқуқу воситаҳои хизматрасонӣ метавонад вазъи камбизоатонро бадтар кунанд.

Дар чунин ҳолатҳо муҳим аст, ки нахуст ба ниёзҳои асосӣ барои ғизо, либос ва манзил ва даромади зарурӣ барои қонеъ кардани ин ниёзҳои асосӣ вокуниш нишон дода шавад. Бо дарназардошти дарки бисёрпаҳноӣ ё худ бисёрсабабӣ будани камбизоатӣ, мусоидати соҳибихтиёрӣ,[89] фароҳамории имконият ва таҳвияти амнияти камбизоатиро коҳиш медиҳанд. Инро тавассути як қатор роҳҳо метавон анҷом дод. Аз як тараф, истифодаи ТИК барои вокуниш нишон додан ба бахшҳои асосии рушд таъмин намудани дастрасӣ ба иттилоот ва дониш, дастрасӣ ба имкониятҳои тавлиди даромад ва дастрасӣ ба хадамоти ҷамъиятиву воситаҳои кишоварзӣ, рушди деҳот ва маориф ва ғайраҳо мебошанд. Аз тарафи дигар, ТИК аз ҷониби ҳукуматҳо, мақомоти давлатӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва ташаббусҳои бахши хусусӣ барои эҷоди системаҳои иттилоотии бузургмиқёси таъмини тасмимгирӣ метавонанд истифода шаванд, ки барои хизматрасониҳои босуръат, таъсирбахш ва самараноки кӯмак хоҳанд расонд.

3.1 Саҳми ТИК дар соҳаи кишоварзӣ ва коҳиши камбизоатӣ

Дар аксари кишварҳои дар ҳоли рушд кишоварзӣ такягоҳи иқтисод аст. Хоҷагидории хурди деҳқонӣ (фермерӣ), ҳосили паст, дастрасии ноқис ба молия ва бозоре, ки маҳсулотро метавон бо нархи муфид фурӯхт, хоҷагидорон (фермерон)-ро ба вазъи ноилоҷи (ҳалқаи харобиовари) камбизоатӣ мерасонад.[90] Кишварҳои олам аҳамияти расонидани иттилооти саривақтӣ дар бораи фаъолиятҳои кишоварзӣ, бозорҳо, молия ва имкониятҳои дигарро эътироф кардаанд. Бисёре аз онҳо таърихи тӯлонии фаъолиятҳои машваратии кишоварзӣ доранд, ки расонаҳои анъанавӣ, махсусан, радио ва телевизионро барои дастгирии пешрафт дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди деҳот истифода бурдаанд. Радио то ҳол медиум (восита)-и ҳамаҷоҳозир боқӣ мемонад. Телевизион пас аз он меояд. Дар тӯли солҳои охир, ТИК-и рақамӣ низ дар самти иктишоф ва афзоиши иқтидори соҳаи кишоварзӣ саҳм мегузорад. Бисёр системаҳои машваратии (густаришдиҳии) кишоварзӣ ҳанӯз бояд имкониятҳоеро бифаҳманд ва татбиқ намоянд, ки расонаҳои рақамӣ барои харитасозии системаҳои обуҳавосанҷӣ, истифодаи манфиатҳои таҳқиқи фосилавии системаҳои кишоварзӣ ва қобилияти ТИК дар таъмини механизмҳои посухдиҳии фаврӣ пешниҳод мекунанд.

Ҳар ду навъи татбиқи ТИК дар байни воситаҳои хизматрасонӣ ва мардуми камбизоат пайвастагии бевосита ба вуҷуд оварда, ба коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ саҳм мегузоранд. Ин воситаҳои хизматрасонии бар ТИК асосёфта харитасозии захираҳои табиӣ ва таҷдиди барномаи системаҳои иттилоотии идоракуниро дар бар мегиранд. Масалан, агар истифодаи ТИК барои харитасозии захираҳои табиӣ ва огоҳсозӣ аз вазъи обу ҳаво бо додаҳои системаҳои машваратии кишоварзӣ пайваст карда шаваду натиҷааш бо иштироки фаъолонаи ҷамоаҳои кишоварзӣ дар раванди рушд муқоиса шавад, имкониятҳо барои вусъат додани манфиатҳои ТИК дар паст намудани сатҳи камбизоатӣ бештар мешаванд.

---

[89] Соҳибихтиёрӣ афзоиши иқтидори маънавӣ, сиёсӣ ё иҷтимоии фардҳо ва ҷамоаҳоро дар назар дорад. Бештари вақт он эътимоди афзояндаи соҳибихтиёриро ба тавонмандиҳои худи онҳо фаро мегирад. Истилоҳи соҳибихтиёрӣ доираи васеи маъно, шарҳу тафсир, таъриф ва фанҳоро фаро мегирад, ки аз равоншиносиву фалсафа то саноати хеле тиҷоратишудаи худкӯмакрасонӣ ва илмҳои ҳавасмандсозӣ тӯл мекашад.

[90] Дар Ҳиндустон тақрибан 200000 фермер дар натиҷаи камбизоатии даҳ соли гузашта худкушӣ кардаанд.

Тасвири 10. Ташаббуси e-Choupal-и бар ТИК асосёфта барои хоҷагидорон барои муқоисаи нархҳои маҳсулоти истеъмолӣ дар Ҳиндустон

***Сарчашма**: Payal Kapadia, "Boss, Can U Spare Some Change?" Outlook India, 7 August 2006, http://www.outlookindia.com/article.aspx?232105.*

Бисёр таҷрибаҳо дар гӯшаҳои мухталифи ҷаҳон гувоҳӣ медиҳад, ки истифодаи муассири ТИК аз тарафи хоҷагидорони хурду миёна ва аз ин роҳ, дастрасӣ ёфтани онҳо ба иттилоот дар бораи донишҳои кишоварзӣ ва рушди бозор даромади онҳоро афзуда, фаъолиятҳои хоҷагидориашонро такмил медиҳад. Мувофиқи гузоришҳо, деҳаҳое дар Ветнам, ба мисли Бат Транг ва Ҳой Ан, барои пешбурди фурӯши маҳсулоти дохилӣ худашон вебсафҳаҳо эҷод намудааанд.[91]

Мисоли 4. Reuters Market Light, Ҳиндустон

Дар муқоиса ба 40-50 дарсад дар ҷаҳони мутараққӣ, хоҷагидорон (фермерҳо)-и ҳиндӣ танҳо 20-25 дарсади нархро аз маҳсулоти ниҳоии худ ба даст меоранд. Онҳо бо талафоти иқтисодӣ рӯ ба рӯ ҳастанд, чунки ба иттилооти саривақтӣ ва мӯътамад дар бораи нархҳо, обу ҳаво ва ахбори дигаре дастрасӣ надоранд. Ин гуна иттилоот, бешубҳа, ба ҳосилнокии зироат, саҳми нархҳо, барномаҳои ҳукуматӣ ва сарчашмаҳои молиявӣ таъсир мерасонанд.

Рейтерз Маркет Лайт (Reuters Market Light - RML) нахустин хадамоти иттилоотӣ бар асоси телефони мобилӣ ва инфиродӣ ва касбист, ки барои ҷамоаи хоҷагидорони Ҳиндустон тарҳрезӣ шудааст. Рейтерз Маркет Лайт 1 октябри соли 2007 ба фаъолият шурӯъ кард. Иттилооти он ба ниёзҳои фермерони инфиродӣ марбут буда, нархҳои ҳаррӯза муқарраршаванда, тафсилоти маконии обу ҳаво, машваратҳо дар бораи зироат ва хабарҳо дар бораи молҳои истеъмолиро дар бар мегирад. Ҳамаи ин иттилоот пайваста таҷдид мешаванд.

Тасвири 11. Хоҷагидоре барои ба даст овардани иттилоот аз RML телефони мобилии худро истифода мебарад

[91] UNDP, *Regional Human Development Report – Promoting ICT for Human Development in Asia: Realising the Millennium Development Goals* (New Delhi, UNDP, Elsevier, 2005), p. 112, http://www.apdip.net/elibrary#rhdr.

Иттилоот бо дархости инфиродӣ дар бораи зироатҳо, бозорҳо ва макони ҳар як фермер ба забони маҳаллӣ фиристода мешавад. Аз рӯи мубодилаи ҳисобшуда, соли 2010 ин гуна иттилоот аз ҷониби беш аз як миллион хоҷагидор дар беш аз 15000 деҳа тавассути ҳама намуди операторҳои телефонии мобилӣ ва телекоммуникатсионӣ истифода шудааст. Барои истифода бурдани ин хизмат, зарур аст, ки хоҷагидор аз мағозаҳои гуногуни деҳот бо арзиши 260 рупияи ҳиндӣ (5 доллари амрикӣ) барои се моҳ як корти пешпардохт бихарад. Иттилооти аз ҷониби RML таъминшаванда ба хоҷагидорон имкон фароҳам меорад, то қарорҳои дуруст қабул кунанд ва хатарҳои истеҳсоливу тиҷоратии худро коҳиш дода, бо ин роҳ даромадашонро афзоиш диҳанд.

Тағйироти бузургтарине, ки RML дар байни хоҷагидорон амалӣ кардааст, ин аст, ки ба онҳо донише фароҳам меорад, ки манфиатҳои бевоситаи молиявии онҳоро таъмин мекунад. Ин модел ҳам аз назари молиявӣ ва ҳам аз назари иҷтимоӣ пойдор буда, ба як қисми кори рӯзмарраи хоҷагидорон табдил ёфтааст.

***Сарчашма**: http://www.youtube.com/watch?v=MYZsWWhfO1I; ҳамчунин, боздидҳои сарикориву мусоҳибаҳои шахсии муаллиф бо хоҷагидорон дар Маҳараштра, Ҳиндустон моҳи сентябри соли 2010.*

Дигар роҳи мушаххасе, ки ТИК ба иқтисодиёти деҳот таъсири бевосита мерасонад, маблағҳои интиқолӣ аз шаҳрвандон ва диаспораҳо, ки берун аз кишвар зиндагӣ мекунанд, мебошад.[92] Гурӯҳи ҳаштгонаи кишварҳои абарқудрат (G8) ҳисоб мекунанд, ки дар як сол маблағҳои интиқолии байналмилалӣ ба 100 миллиард доллари амрикӣ мерасад. Телефони мобилии оддӣ ба омили муҳими мусоидаткунандаи гардиши маблағҳои интиқолии байналмилалӣ ва миллӣ табдил ёфта истодааст. Ин дар ҳолест, ки он гардиши молҳо ва хизматрасониро дар дохили кишварҳо таъмин мекунад.[93]

Инҳо равишҳое мебошанд, ки тавассути ТИК одамони камбизоатро бевосита ба имкониятҳои иқтисодӣ ва сарчашмаҳои даромад, аз он ҷумла ба бозор, мепайванданд. Онҳо бо истифода аз телефонҳои мобилӣ маблағҳои молиявиро мустақиман ба даст меоранд. Зарур аст, ки ҳукуматҳо низ ба ҷанбаҳои бисёрпаҳноии камбизоатӣ аз роҳи бунёди системаҳои муассири бар ТИК асосёфта масъулият нишон диҳанд. Ин гуна вокуниш барномаҳои бузурги рушди ҷамъиятро пуштибонӣ карда, аз ин роҳ, масъалаҳои камбизоатиро ҳал мекунанд. Чунин барномаҳои ҷамъиятӣ, ки аз ҷониби ТИК дастгирӣ мешаванд, метавонанд динамикӣ, ба осонӣ вусъатёбанда ва дар доираҳои гуногун пазиро бошанд.

Намунае, ки мавриди пазирост, истифодаи барномаҳои ТИК аз ҷониби ҳукумати Ҳиндустон дар чорчӯбаи Санади миллии Ҳиндустон оид ба кафолати шуғл дар деҳот мебошад. Дар ин замина, ҳукумат ТИК-ро барои иҷрои уҳдадории худ барои ба кор таъмин намудани аҳолии камбизоати деҳот ҳадди аққал барои 100 рӯз дар як сол истифода мебарад (Нигаред: Мисоли омӯзишии 5).

Мисоли 5. Санади миллии Маҳатма Гандӣ барои таъмини кафолати шуғли аҳолӣ дар деҳот, Ҳиндустон

Дар Ҳиндустон мақсади Санади миллии Маҳатма Ганди барои кафолати шуғли аҳолӣ дар деҳот (Mahatma Gandhi National Rural Employment Guarantee Act – MGNREGA), ки соли 2005 қабул шудааст, тақвият додани амнияти воситаҳои шуғли одамон дар манотиқи деҳот тавассути кафолат додани 100 рӯзи маошу шуғл барои хонаводаҳои деҳот дар як соли молиявӣ мебошад, ки корҳои бетахассус ва дастиро ихтиёрӣ анҷом медиҳанд. Барномае, ки дар бисёр иёлатҳои Ҳиндустон амалӣ мегардад, барои таъмини дастрасии ҳам менеҷерон ва ҳам камбизоатон ба иттилоот ТИК-ро хеле самаранок истифода мебарад.

---

[92] Диаспора ҷунбиши як доираи муайяни аҳолӣ мебошад, ки ба ҳувияти умумии миллӣ ва ё қавмӣ асос ёфтааст. Чуноне ки фирориён дар ягон минтақаи нави ҷуғрофӣ (берун аз сарзамини бумии худ) сокин шаванд, истилоҳи «диаспора» гурӯҳи азҷобеҷошуда ва тағйири маконкардаи одамонро дар назар дорад. Масалан, ҷамъияти мардуми Бангола, ки дар Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ё Иёлоти Муттаҳида умр ба сар мебаранд, аз ҷумлаи чунин диаспораҳо мебошанд.

[93] OECD, “Good Practice Paper on ICTs for Economic Growth and Poverty Reduction”, 2005, http://www.oecd.org/dataoecd/2/46/35284979.pdf. Оид ба мисоли омӯзишӣ дар бораи хизматрасонии “ҳамёни мобилӣ” дар Бангладеш, нигаред: David Murphy, “Comviva Powers M-wallet Service in Bangladesh”, MobileMarketing, October 2010, http://mobilemarketingmagazine.com/content/comvivapowers-m-wallet-service-bangladesh.

Тасвири 12. Намудори вебсафҳаи MGNREGA

Амалисозии ин барномаи бузург як қатор масъалаҳо, сар карда аз идоракунӣ то масъулияти иҷтимоиву шаффофиятро дар система, ба миён гузошт. Бинобар ин барномаи мазкур ТИК-ро барои таъмин намудани системаи идоракунии иттилоотӣ истифода мебарад, ки тамоми деҳаҳо, рустоиён ва мансабдоронро тавассути шоҳроҳи ТИК ба ҳама мепайвандад. Системаи тавассути Интернет фаъолшудаи идоракунии иттилоот додаҳоро шаффоф ва ҳамчун ахбори ҷамъиятӣ барои ҳама дастрас менамояд.

Пойгоҳи додаҳои хонаводаҳо дар сатҳи деҳа барои таъмин намудани пайдарҳамӣ ва мутобиқат бо равандҳои меъёрӣ санҷиши дохилиро мегузарад. Он дорои сабтҳои алоҳидае мебошад, ки тақрибан 250000 деҳа дар 34 иёлат ва дигар минтақаҳои аз ҷониби ҳукумати марказӣ идорашавандаро фаро мегирад. Портал додаҳои пурраи транзаксияро ҳамчун иттилооти ҷамъиятӣ ҷойгир менамояд, масалан: варақаи шуғл, дархост барои кор ва рӯйхати ҳайати корӣ, ки варақаи пардохти дарбаргирандаи кор барои коргарон мебошанд.

Ҳамаи паҳноҳои (параметрҳои) интиқодӣ таҳти пайгирӣ (назорат)-и ҷамъиятӣ, аз ҷумла додаҳову ҳуҷҷатҳои вобаста ба ҳуқуқи расмии коргарон, интихоби кор, харидорӣ, амалисозӣ ва пардохт қарор доранд. Додаҳо дар бораи шуғли талабшудаву таъминшуда ва додаҳои молиявӣ чун хазинаҳои мавҷуд ва истифодашуда низ назорат мешаванд.

Ҳамаи ҷонибҳои манфиатдори барнома, аз ҷумла меҳнаткашони камбизоати деҳот, маъмурони сатҳи маҳалливу давлатӣ ва мансабдорони таъйинотиву интихобшуда, кормандони Вазорати рушди деҳот ва маъмурони ҳукумати Ҳиндустон ба додаҳо дастрасӣ доранд.

Барнома монеаҳои зиёдро сипарӣ карда, барои сиёсатмадорон ва сиёсатгузорон иттилооти ҷадидтаринро таъмин мекард. Аз ҳама муҳим он буд, ки ба мардуми камбизоат ва ҷамоаҳои деҳот имкон фароҳам овард, то додаҳоро дарёфт ва муҳокима кунанд, ҳамон гуна ки дар Санади Ҳиндустон оид ба ҳуқуқ ба иттилоот зикр шудааст. Ҳар шахси камбизоат метавонад бо кӯмаки андаке иттилоотро дастрас намуда, шикоятҳояшро қонеъ намояд ва бо ин роҳ, ҳукуматро, ки дар доираи ин барнома ваколатдор аст, ба масъулияти иҷтимоӣ ҳидоят кунад.

Дар ҳамаи самтҳо, арзёбикунандагону коршиносони мустақил далелеро тасдиқ карданд, ки муваффақияти барнома асосан бо сабаби истифодаи ТИК дар идора ва назорат кардани он ба даст омадааст. Албатта, имкониятҳо барои такмил вуҷуд доранд ва барои ин мониторинги давомдор саҳми босазо мегузошт.

Сарчашма: *Вазорати рушди деҳот, Ҳукумати Ҳиндустон, "The Mahatma Gandhi National Rural Employment Guarantee Act 2005", http://nrega.nic.in/netnrega/home.aspx; ҳамчунин, боздидҳои шахсии муаллиф ва мубоҳисаҳо бо арзёбикунандагони мустақил аз ҳисоби кормандони маъмурии Коллеҷи Ҳиндустон, Ҳиндустон.*

Дар саросари Осиё[94] як силсила ташаббусҳои гуногуне сурат мегиранд, ки ТИК-ро барои таъмини пайвандҳои ҳаётан муҳим дар байни ҷамоаҳои деҳот ва бозорҳои ҷаҳонӣ истифода мебаранд. Дар Бангола, системаи e-Krishok ё e-Farmer ба хоҷагидорон (фермерон) хизматрасониҳои иттилоотӣ ва машвараті мерасонанд.[95] Ба ин монанд, дар Шри-Ланка вебсафҳаи eFarms ба хоҷагидорон

[94] UNDP, *Regional Human Development Report – Promoting ICT for Human Development in Asia*.

[95] Ба ин сарчашма нигаред: e-Krishok, http://www.ekrishok.com and Bangladesh Institute of ICT in Development, "eKrishok", in *WSIS Stocktaking:Success Stories 2011 - Case Studies* (Geneva, ITU, 2011), pp. 43-48, http://groups.itu.int/Portals/30/documents/WSIS/WSIS_ST_Success_Stories_2011_E.pdf.

маводҳои иттилоотиву омӯзиширо бо забонҳои тамиливу силгалӣ таъмин менамоянд.[96] Намунаи дигар Лоиҳаи ТИК дар Нинсяи Чин мебошад (ба мисоли 6 нигаред).

Мисоли 6. Лоиҳаи ТИК дар Нинсяи Чин, 2007-2008.

Нинся музофотест, ки дар ғарби Чин воқеъ буда, дорои 3,4 миллион нафар аҳолии деҳнишин мебошад, ки 53 дарсади аҳолии умумии музофотро дар бар мегиранд. Иқлими музофот хушк ва норасоии об назаррас аст. Рушди иқтисодии Нинся нисбатан суст буда, ММД-и минтақа аз сатҳи миёнаи миллӣ хеле паст мебошад.

Як бахши муҳими сиёсати миллии Чин татбиқи ТИК барои ҳалли ниёзҳои минтақаҳои деҳотӣ мебошад. Ҳамкорони лоиҳаи ТИК дар Нинся Филиали ширкати China Telecom дарин музофот, Бюрои генералии пахши барномаҳои радиову телевизионии Нинся ва дигар шӯъбаҳои вобастае мисли ширкати West China Electronic-ро дар бар мегиранд. Ин гуна талош аз ҷониби Ташаббуси ТИК барои баланд бардоштани некуаҳволии деҳоти Шабакасозии донишбунёд барои рушди деҳот дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором (Knowledge Networking for Rural Development in the Asia-Pacific Region – ENRAP) дастгирӣ ёфт.[97]

Платформаи нави ҳамгирошудаи амалиётӣ тавассути ҳамгироии се платформаи пешина ва кунунӣ (телекоммуникатсия, телевизион ва Интернет) эҷод гардид. Лоиҳаи ТИК дар музофоти Нинся системаи телевизионии IP-бунёд, вебсафҳаи хадамоти комили иттилоотӣ барои музофоти деҳотии Нинся, маркази коркарди зангҳо барои хоҷагидорони кишоварзӣ дар минтақаҳои деҳнишин ва маркази иттилоотии деҳот барои тарғиби рушди деҳотро дар бар мегирифт.

Вебсафҳаи иттилоотии фарогир доир ба мавзӯъҳое чун соҳаи кишоварзӣ, бозор, обу ҳаво, воситаҳои молиявӣ ва тандурустӣ иттилоъ медиҳад. Марказҳои коркарди зангҳо бошад, барои технологияву равандҳои кишоварзӣ ва дигар самтҳои фаъолият дастгирии садоиву видеоиро таъмин менамояд. Маркази иттилоотии деҳот барои хоҷагидорони кишоварзӣ нуқтаҳои дастрасиро барои фурукашиву интиқоли иттилоот тавассути вебсафҳаҳо фароҳам меорад. Маркази коркарди зангҳо тавассути технологияи видеой ба ҳар як маркази иттилоотии деҳот пайваст шудааст, ки коммуникатсияи рӯ-ба-рӯро дар байни коршиносон ва фермерон имконпазир менамояд.

Соли 2010 арзёбии таъсири густурдаи лоиҳа баргузор шуд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки истифодаи ТИК дар байни гурӯҳҳои мухталиф аз нигоҳи гендер, синну сол, таҳсил, шуғл ва сатҳи иқтисодӣ гуногун аст. Сатҳи таҳсил дар муайян кардани истифодаи ТИК омили асосӣ ба шумор меравад.

Арзёбии таъсири лоиҳа низ нишон дод, ки татбиқи ТИК дар музофоти Нинся воситаҳои некуаҳволии деҳотро такмил ва беҳбуд бахшидааст. Новобаста ба ин, потенсиали лоиҳа на танҳо аз захираҳои молиявӣ, балки аз дастрасӣ ба силсилаи васеи захираҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таълимӣ низ вобаста аст. Ҳар он ҷое, ки ТИК хуб истифода шудаанд, онҳо на ҳамчун ивазкунанда балки ҳамчун такмилдиҳандаи системаҳои иттилоотӣ ва густариши технологияи мавҷуда истифода шудаанд.

Сарчашма: *Nie Fengying, et. al., "Evaluation of a rural information project in Ningxia, China", in Strengthening Rural Livelihoods: The Impact of Information and Communication Technologies in Asia, David J. Grimshaw and Shalini Kala, eds. (Ottawa, IDRC, 2011), pp. 109-132, http://idl-bnc.idrc.ca/dspace/bitstream/10625/45947/1/132419.pdf.*

Барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола на фақат дастгирии бевоситаи ҷамоаҳои кишоварзӣ, балки инчунин эҷоди системаҳои кишоварзӣ, мусоидати тавонмандӣ дар соҳаи омӯзиш, густариш ва тақвияти малакаву дониши кормандони ҳукумат ва соҳаи кишоварзӣ муҳим мебошанд. Шабакасозии донишбунёд барои рушди деҳот дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором (ENRAP), ки дар сатҳи ҷаҳонӣ дастрас аст, яке аз чунин портали «тирезаи ягона» аст, ки ба муассисаҳои ҳукумативу кишоварзӣ барои эҷоди тавонмандиҳои фардиву ниҳодӣ дар соҳаи омӯзишу густариши кишоварзӣ кӯмак мерасонад.

[96] eFarms, http://www.efarms.lk.

[97] Барои иттилооти бештар дар бораи ENRAP ба мисоли омӯзишии «Системаи электронии донишҳо барои рушди деҳот дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором» нигаред.

Мисоли 7. Шабакасозии донишбунёд барои рушди деҳот дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором (ENRAP)

ENRAP дар заминаи ҳамкорӣ дар байни Хазинаи байналмилалӣ барои рушди кишоварзӣ (Хазинаи кишоварзӣ) ва Маркази пажӯҳиши рушди байналмилалӣ (IDRC) ба вуҷуд омада буд. Он барои дастрасӣ ва мубодилаи захираҳои иттилооти ҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаҳои аз ҷониби Хазинаи кишоварзӣ пуштибонишавандаи рушди деҳот дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором тарҳрезӣ шудааст. Марҳилаи севум ва ниҳоии он соли 2010 анҷом ёфт. Бар асоси беҳтарин таҷрибаҳои андӯхтаи ENRAP, портали нави мубодилаи иттилоот барои шарикону ҷонибдорони Хазинаи кишоварзӣ ва ҳамчунин созмонҳое, ки дар самти паст кардани сатҳи камбизоатӣ кор мекунанд, бо номи IFAD Осиё (http://asia.ifad.org) бунёд гардид.

Барои амалисозии ҳадафҳо ва лоиҳаҳои Хазинаи кишоварзӣ (IFAD) ENRAP малакаҳои лозимаи арзёбӣ, идора ва мубодилаи донишро ташаккул дод. Истифодабарандагони системаи табодули дониш ҳайати кормандони лоиҳа ва шарикони онҳоро дар бар мегиранд, ки бевосита бо ҷамоаҳои деҳотӣ кор мекунанд ва барои дар сатҳи мардуми оддӣ дастрас намудани дониши кишоварзӣ кӯмак мерасонанд. Лоиҳа ҷӯёи ҳавасмандсозии фарҳанги додугирифти донишу омӯзиш дар байни ҳамаи ҷонибҳои манфиатдори лоиҳаи Хазинаи кишоварзӣ мебошад.

ENRAP стратегияҳо, равандҳо, методҳо ва технологияҳоро барои дастгирии коммуникатсияву мубодилаи шабакавии дониш дар деҳот баррасӣ карда, барои фаъолиятҳои оянда тавсияҳо пешниҳод кардааст. Он ба фаъолиятҳои вобаста ба омӯзиш ва рушд дар соҳаи табодули электронии дониш ва татбиқи Интернет дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ ва байналмилалӣ оғоз ниҳодааст.

Ба методу чорасозиҳои амалие, ки одамонро барои иштирок дар сатҳи маҳаллӣ ҳавасманд менамоянд, таваҷҷуҳи махсус дода шуд. Рӯзномаҳои электронии маҳаллӣ, паҳнсозии иттилоот дар бораи бозори кишоварзӣ ва китобхонаҳои электронӣ барои истифодаи муштарак намунаҳое аз фаъолиятҳои дар чорчӯбаи ENRAP дастгиришаванда буданд.

ENRAP гурӯҳҳои интихобшудаи лоиҳаро дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором дар бар мегирифт. Мисоли омӯзишии лоиҳаи ТИК дар музофоти Нинся, ки болотар дар ин китоб гузориш шудааст, намунае аз он лоиҳаҳое мебошад, ки дар чорчӯбаи ENRAP дастгирӣ мешаванд. Кишварҳое, ки аз кӯмаки бевоситаи ENRAP бархурдор намешаванд, ба маводи омӯзишӣ, санадҳо ва пойгоҳи додаҳо дар вебсафҳаи ENRAP ва ҳамчунин ба машварати техникиву таъйини фазои корӣ дар вебсафҳаи ENRAP дастрасӣ доранд.

ENRAP равиши муштараку фарогирро пайгирӣ намуда, ҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро ба равандҳои тасмимгирӣ ҷалб кардааст. Ҳамчунин, тавассути вебсафҳаи худ ин шабакасозӣ ҳамкорӣ ва табодули донишро ба роҳ мондааст. Он барои дастрасии интерактивӣ ба пойгоҳи додаҳо, нашри санаду суратҳо дар форматҳои аслӣ барои ҳамаи истифодабарандагон, баргузории конфронсҳои электронӣ ва саҳмгузории бархатӣ ба вебсафҳаҳо имкон фароҳам овардааст.

Истифодаи муассири Интернет ва коммуникатсияи электронӣ аз ҷониби ҳайати кормандони лоиҳа ва ниҳоят, аз ҷониби ҷамоаҳо ё худ баҳрабарандагони лоиҳа ба тавонмандсозии мардуми деҳот саҳм гузошта, ба онҳо имкон дод, ки ба ҳадафҳои рушд беҳтар вокуниш нишон диҳанд.

Нусхаи комили вебсафҳаи ENRAP дар http://asia.ifad.org/web/956-IDRC дастрас аст.

Нуктаҳои муҳим барои ёддошт:

- Далелҳои кофӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар байни сармоягузорӣ дар соҳаи ТИК ва стратегияҳои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ алоқамандии бевосита вуҷуд дорад.

- Татбиқи бевоситаи ТИК, ки ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ вокуниш нишон медиҳанд, камбизоатонро ба бозор ва ба иттилоот дар бораи бозор мепайванданд.

- Татбиқи бавоситаи ТИК, ки барномаҳои паст кардани сатҳи камбизоатиро пуштибонӣ мекунанд, аҳамияти баробар бо татбиқи бевоситаи ТИК доранд.

- Татбиқи воситаҳои ТИК метавонад дар шакли чорабиниҳои ҳукуматӣ, барномаҳои созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва лоиҳаҳои масъулияти иҷтимоии корпоративии бахши хусусӣ бошанд.

Ҷавонони фаъол 2. Радиои деҳот барои хоҷагидорон (фермерон)-и камзамин

Ҷавонони Нигерия радиои деҳотӣ барои таҳия намудани мӯҳтавои электроние таъсис доданд, ки ҳадафи он афзоиш додани истеҳсолоти кишоварзии хоҷагидорони камзамин ва ҳифзи муҳити зист мебошад. Аз ин рӯ, радио маълумот дар бораи техникаҳои идоракунии кишоварзӣ ва зистмуҳитӣ, иттилооти рӯзмарраи бозор ва масолеҳи кишоварзӣ пахш мекунад. Радио интерактивӣ буда, тавассути истифодаи таҷҳизоти интерактивии радиоҳои муҳаррик шунавандагонро ба вокуниш ва амал даъват менамояд. Ин радио системаи оддии коммуникатсионӣ буда, шахсонеро, ки бо шабакаи алоқаи сотӣ (мобилӣ) ва таъмини барқ фаро гирифта нашудаанд тавассути шабакаи радиои деҳот бипайвандад. Таҷҳизот хурду мустаҳкам буда, аз офтоб нерӯ мегирад. Он садои истифодабарандаро сабт ва сипас садои вокуниш ё худ посухи бозгаштиро тавассути шабакаи махсуси сусткор пайдарпай ба истгоҳи радио интиқол медиҳад. Аз он сабаб ки минтақаи фарогирӣ нерӯи кам талаб мекунад, истифодаи дастгоҳ осон аст ва дастгоҳҳо ба ҳам бесим васланд, истифодабарандагон ягон хароҷот намепардозанд. Мувофиқи гузоришҳо, ин лоиҳа воситаҳои некуаҳволии 65 дарсади шунавандагонро такмил дод, даромади хонаводагии хоҷагидоронро аз 1 то 1,5 доллари амрикӣ дар як рӯз афзуд ва беш аз 700 гектар ҷангалҳои тропикиро барқарор намуд.

Сарчашмаҳо: Smallholders Foundation, “The Smallholders Farmers Rural Radio”, http://smallholdersfoundation.org/our_projects.html; and World Summit Youth Award, “The Smallholders Farmers Rural Radio”, http://www.youthaward.org/winners/smallholders-farmers-rural-radio.

Ҷавонони фаъол 3. Nahrani.com

Барои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва гуруснагӣ, ҷавонони булғорӣ вебсафҳаи Nahrani.com-ро таҳия намуданд, ки истифодабарандагонро ба калимабозӣ ҷалб менамояд. Ғизое, ки истифодабарандагон тавассути калимабозӣ ҳадя мекунанд, аз ҷониби рекламадиҳандагони вебсафҳа таъмин мегардад. Барои онҳо ин рекламаи оддӣ аст. Аммо барои одамони мӯҳтоҷ ин орзуи деринаест, ки мехоҳанд бадбахтӣ ва нодории худро аз байн баранд.

Сарчашмаҳо: Nahrani.com; and World Summit Youth Award, “Nahrani.com - Improve your vocabulary and provide food to people in need”, http://www.youthaward.org/winners/nahranicom-improve-your-vocabulary-and-provide-food-people-need.

3.2 ТИК дар соҳаи маориф

Ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон эътироф шудааст. Аз ин рӯ, дар Ҳадафҳои рушди ҳазорсола саҳми ҳаётан муҳими соҳаи маориф барои ҳалли ниҳоии мушкилиҳои марбут ба камбизоатӣ, баробарии гендерӣ ва тандурустӣ баррасӣ шудааст. Ин, албатта, боиси афзоиши талабот ба таҳсил дар ҳамаи сатҳҳо шудааст. Бо дарназардошти буҷети маҳдуд дар соҳаи маориф, қонеъ кардани талаботи одамон ба илму таълим тавассути тавсеаи системаи анъанавии маориф, чунончи аз роҳи сохтани мактабҳо, ҷалби омӯзгорон ва муҷаҳҳазсозии мактабҳо бо захира ва маводи кофии таълимӣ дар системаи анъанавии маориф имконнопазир хоҳад буд. ТИК барои таъмин намудани дастрасиву баробарӣ ва фаъолиятҳои якҷоя барои дастрасии нарҳҳо ва истифодаи муассири захираҳо чораҳои алтернативиро пешниҳод менамояд.

Тавре, ки самтҳои гуногуни ноил шудан ба ҳадафҳои маорифи кишвар вуҷуд доранд, навъҳои гуногуни ТИК дорои потенсиали гуногуни саҳмгузорӣ ба ҷанбаҳои гуногуни рушди маориф ва таълими самаранок доранд. Банақшагирии истифодаи ТИК фаҳмиши потенсиали онро барои ба даст овардани ҳадафҳои гуногун ногузир месозад. Ин фаҳмиш ба интихоби технологияҳо ва роҳҳои истифодаи онҳо таъсир мерасонад.

Баъд аз соҳаи соҳибкорӣ, ТИК беш аз ҳама ба соҳаи маориф таъсир гузоштааст. Таҳқиқи фаврӣ ва васеи талошҳои кишварҳо ошкор хоҳад кард, ки истифодаи ТИК хеле густурда аст. Истифодаи ТИК гуногуншакл буда, аз таърихи тӯлонии истифодаи расонаҳои анъанавӣ чун радио ва телевизион дар кишварҳое ба мисли Чин, Ҳиндустон ва Мексика то истифодаи навтару муваффақтари ТИК дар соҳаи маориф дар Сингапур тӯл мекашад (ба тасвири 13 нигаред).[98]

Сиёсатгузорон ва омӯзгороне, ки қаблан хеле шаккок буданд, акнун мехоҳанд донанд, ки ин навоварӣ дастрасиро ба имкониятҳои таълимӣ чӣ гуна меафзояд, хароҷот чӣ қадар аст ва ҷалби ТИК дар ҳалли мушкилиҳои асосӣ ва фалаҷкунандаи соҳаи маориф дар кишварҳои дар ҳоли рушд, махсусан, вобаста ба дастрасӣ, баробарӣ ва сифати захира ва маводи таълимӣ чӣ гуна таъсир хоҳад гузошт. Умуман, дастрасӣ ва баробарӣ тавассути вусъат додани фарогирӣ фароҳам оварда мешаванд, дар ҳоле ки сифати мундариҷаи рақамӣ сарфи назар аз замону масофа ҳамон гуна боқӣ мемонанд ва системаҳои бар ТИК асосёфта дар муддати тӯлонӣ аз нигоҳи хароҷот ҷубронпазир мебошанд.

Тасвири 13. Истифодаи ТИК дар Сингапур[99]

Соли 1997 Сингапур ба амалисозии Нақшаи асосии фаъолият барои ТИ дар соҳаи маориф (Masterplan for IT in Education – MPITE) шурӯъ кард, ки аз он ҷумла ҳадафҳои зеринро дар бар мегирифт:

- таҳвияти пайвастагии мактабҳо бо ҷаҳони иҳотакарда;
- эҷоди равандҳои навоварона дар маориф;
- таҳвияти тафаккури эҷодкорона, омӯзиши якумрӣ ва масъулияти иҷтимоӣ ва
- пешбурди идоракунии олӣ дар системаи маориф.

Ин нақши ТИК-ро дар ворид кардани навовариҳо ба барномаҳои таълимӣ, махсусан, дар чаҳор паҳнои зер афзоиш дод:

1. **Барномаи дарсӣ ва арзёбӣ**

Ба тавозуни беҳтар дар байни малака ва дониш, ҳавасмандсозии талабагон барои ҷалб шудан ба омӯзиши мустақилона ва дар бар гирифтани роҳҳои арзёбие, ки иттилоот, тафаккур ва коммуникатсияро фаро мегирад, нигаронида шудааст.

2. **Захираҳои таълимӣ**

Мусоидат дар рушид нармафзори мувофиқи таълимӣ, мусоидат кардан ба истифодаи захираҳои муфиди интернетӣ ва таъмин намудани системаҳои муассири харидорӣ.

---

[98] Соли 1997 Сингапур ба амалисозии Нақшаи асосии фаъолият барои ТИ дар маориф шурӯъ кард. Ин ба ТИК-и хеле муваффақ ва навоварона барои барномаҳои таълимӣ дар чаҳор самти вижа натиҷа дод: барномаи дарсӣ ва арзёбӣ; захираҳои омӯзишӣ; рушди захираҳои инсонӣ ва зерсохтори ҷисмониву технологӣ.

[99] Tim Unwin, “Capacity Building and Management in ICT for Education”, in *Monitoring and Evaluation of ICT in Education Projects: A Handbook for Developing Countries*, Daniel A. Wagner, et. al. (Washington, D.C., infoDev / World Bank, 2005), p. 50, http://www.infodev.org/en/Publication.9.html.

3. **Рушди захираҳои инсонӣ**
Омӯзонидани ҳар як омӯзгор ва доничӯи ихтисои омӯзгорӣ оид ба истифодаи дурусти ТИК ва ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо соҳа ва муассисаҳои олии таълимӣ.

4. **Зерсохтори ҷисмониву технологӣ**
Тавассути шабакаҳои мактабӣ таъмин намудани дастрасӣ ба ТИ дар ҳамаи соҳаҳои таълимии мактаб: барои талаба - таносуби 2:1 компютер ва барои омӯзгор - таносуби 2:1 компютер.

Нигаред: http://www.moe.gov.sg/edumall/mpile/overview/index.html (6-уми майи соли 2005 боздид шудааст)

Барои фаҳмидани маънои истилоҳи «ТИК дар соҳаи маориф» бештари маврид норавшанӣ дида мешавад. Дар баъзе мавридҳо, он маънои «ТИК-маориф», яъне эҷоди хазинаи захираҳои инсонӣ барои қонеъ намудани ниёзҳои афзояндаи ҷомеаи донишбунёдро дошт. Дар кишварҳои дигар, истифодаи ТИК дар маориф маънои «маорифи бо ТИК пуштибонишаванда»-ро дошт. Ин тарзи фаҳмиш силсилаи бузурги системаҳои фосилавии таълимро ба миён овард, ки имкониятҳои таълимӣ ва омӯзиширо таъмин намуда, аз ин рӯ, дастрасиро ба маориф афзуда истодааст. Ҳанӯз дар баъзе мавридҳои дигар, ин истилоҳ маънои «маорифи бо ТИК дастрасшуда»-ро дошт. Яъне моҳиятан маънои истифодаи ТИК ҳамчун канали аввалияи фаъолияти муштараки таълимӣ, яъне омӯзиши электронӣ ва омӯзиши мобилиро дорад. Аҳёнан ТИК дар соҳаи маориф ҳамчун ТИКР дар соҳаи маориф ё худ густариши ТИК барои расидан ба ҳадафҳои рушд дар соҳаи маориф фаҳмида мешуд.

Тасвири 14. Имконияту манфиатҳо аз истифодаи ТИК дар соҳаи маориф

Имкониятҳо	Манфиатҳо
Дастрасӣ ба маводҳои босифати таълимӣ, сарфи назар аз макон	Маводҳои таълимии дар ҳама ҷо таҳияшуда ва дар ҳама ҷо дастрас
Пайванд дар байни омӯзандагон	Омӯзиши якҷоя ва ҳамкорона
Фаъолияти муштарак (интерактивнокӣ)	ТИК-и ба шабака пайвастшуда барои фаъолияти муштарак дар байни омӯзандагон, омӯзгорон ва омӯзандагон имкон фароҳам меорад
Мушкилиҳои маконiро бартараф менамояд	Дурии масофа дигарбора муайянкунандаи сифату хароҷоти омӯзиш нест
Идоракунии таълим	Қабул, арзёбӣ ва додани шаҳодатномаро метавон ташкил намуд, ки хароҷоти идоракунии таълимро коҳиш медиҳад

Фаъолиятҳои дигар низ дар доираи ТИК дар соҳаи маориф ба вуҷуд омадаанд. Гароишҳои бамиёномада, ки татбиқи ТИК-ро таъмин мекунанд, махсусан дар соҳаҳои зерин мебошанд:

- моделҳои таҳсили озод (ҳам таҳсили фосилавӣ ва ҳам шабакаҳои донишбунёд);
- ҳамкорӣ ва табодул дар байни мактабҳову системаҳои мактабӣ (шабакаҳои мактабӣ);
- эҷоди маводи матнӣ ва аудио-визуалӣ ҳамчун «маводи омӯзишӣ»,[100] ки ҳамчун махзанҳои озоди таҳсил дастрас аст[101] ва
- роҳҳои гуногуне, ки ба воситаи онҳо омӯзгорон барои таҳвият додани равандҳои таълимиву омӯзишӣ дар дарсҳои худ аз ТИК истифода мебаранд.

Доираи татбиқи ТИК аз он ҷумла дар самтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, дар муҳитҳои таълими фосилавӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон ва ҳамчунин барои ба даст овардани ҳадафҳои васеи таълимӣ ва махсусан роҳнамоӣ ҳар чӣ бештар афзоиш ва густариш меёбад.

Ин бахш истифодаи ТИК-ро дар соҳаҳои гуногуни маориф, чун муҳитҳои расмӣ, барномаҳои таълимии мактаб, таълими фосилавӣ ва таълими бештар ба рушд нигаронидашудаи ғайрирасмӣ баррасӣ менамояд. Талошҳо дар самти такмили ихтисоси омӯзгорон низ таҳлил хоҳанд шуд. Бо

[100] Маводи омӯзишӣ одатан захираи рақамиву интернетие мебошад, ки онро метавон барои дастгирӣ ва таҳвияти таълиму омӯзиш пайваста истифода бурд.
[101] Маводи озоди таълимӣ маводи рақамие мебошанд, ки ба мураббиён, донишҷӯён ва худомӯзон бо ҳадафи истифодаи пайвастаи онҳо ба таври озоду дастрас пешниҳод мешаванд. Ба http://en.wikipedia.org/wiki/Open_educational_resources нигаред.

таваҷҷуҳ ба якчанд модели бузургмиқёс дар сатҳи кишварҳои алоҳида, ин ҷо ҳамкорӣ ва кӯшишҳои якҷоя дар байни ҷамоаҳои ҷазиравӣ ва кишварҳои хурди хушкибунбаст (дур аз роҳи баромад ба баҳру уқёнусҳо), ки шароити хос ва фарқкунанда доранд, таҳлилу баррасӣ мешаванд.

ТИК дар доираи расмии маориф

Аз рӯи сатҳи фарогирии ТИК дар системаи таълимӣ, пажӯҳиши ЮНЕСКО[102] кишварҳои Осиёро ба се гурӯҳи калон ҷудо кардааст.

1) Гурӯҳи якум кишварҳои аз нигоҳи ҳамгирой кардани ТИК дар системаи таълимии худ пешрафта Австралия, Ҷумҳурии Корея ва Сингапурро дарбар гирифтааст. Дар ин кишварҳо тақрибан ҳамаи синфхонаҳо бо компютерҳо ва дигар воситаҳои ТИК муҷаҳҳаз шудаанд. Таносуби компютер барои донишҷӯён баланд буда, дастрасӣ ба Интернет вуҷуд дорад. Ислоҳот ва таҳрири барномаи таълимӣ амалӣ мешавад ва таълим бештар бархатӣ (онлайн) сурат мегирад.

2) Гурӯҳи дувум иборат аз кишварҳое монанди Чин, Ҳиндустон, Ҷопон, Малайзия, Филиппин ва Тайланд аст. Ин кишварҳо сиёсатгузориҳои мухталиферо барои ҷорикунии ТИК дар раванди таълим ба роҳ мондаанд. Новобаста ба ин, ТИК бо системаҳои таълимӣ ба таври даркорӣ ҳамгиро нашудааст.

3) Дар гурӯҳи севум ва охирин кишварҳое чун Бутан ва Непал мебошанд, ки айни ҳол лоиҳаҳои озмоишӣ амалӣ мекунанд. Табиист, ки ҳанӯз корҳои зиёде бояд анҷом дода шаванд, дар ҳоле ки дар ин гурӯҳи кишварҳо зерсохтор ва нуфузи ТИК маҳдуд боқӣ мемонад.

Бештари кишварҳои бартаридодашудаи Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором[103] (кишварҳои дар ҳоли рушди хушкибунбаст, кишварҳои кам рушдкарда, кишварҳои дар ҳоли гузариш ва кишварҳои дар ҳоли рушди ҷазираҳои уқёнуси Ором) ба гурӯҳи севум шомил хоҳанд шуд. Дар ин кишварҳо зарурати дақиқ омӯхтани моделҳое, ки дорои потенсиали қонеъ кардани ниёзҳои таълимии онҳо тавассути ТИК ҳастанд, вуҷуд дорад. Рӯйхати ин кишварҳои бартаридодашуда дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором дар тасвири 15 оварда шудааст.

Тасвири 15. Кишварҳои бартаридодаи Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором



Сарчашма: Usha Rani Vyasulu Reddi, Module 1: Linkage between ICT Applications and Meaningful Development, 2nd edition, Academy of ICT Essentials for Government Leaders module series (Incheon, UN-APCICT/ESCAP, 2011), http://www.unapcict.org/academy/.

[102] UNESCO, *Integrating ICTs into Education: Lessons Learned* (Bangkok, 2004), http://www.unescobkk.org/education/ict/onlineresources/e-library/elibrary-themes/teaching-and-learning/integrating-icts-lessons-learned-volume-1/.

[103] Ҳадафи 8, нишонгоҳи 18-уми Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ҷомеаи байналмилалиро уҳдадор менамояд, то ба ниёзҳои махсуси кишварҳои хушкибунбаст, кишварҳои хурди ҷазиравӣ ва кам рушдкарда вокуниш нишон диҳад.

Барои фаро гирифтани ҳамагон ба таълим ва коҳиш додани камбудиҳои сифатӣ бо захираҳои маҳдуди худ бисёр кишварҳои дар ҳоли рушд системаҳои озоду дастраси мактабро таъсис доданд. Методҳои омӯзиши фосилавии ин системаҳо барои ҷавонон ва ҷамоаҳои нодору камбизоати аз мактаб берунмонда таҳсили расмиро таъмин менамоянд. Дар акси ҳол, ин ҷавонон ва ҷамоаҳо аз сабаби маҳдудиятҳои молиявӣ ва иҷтимоии худ ба таҳсил дастрасӣ нахоҳанд ёфт. Барномаи «eSkwela» дар Филиппин, ки дар зер тавсиф карда мешавад, мисолест, ки дар ҳалли масъалаҳои таълим аз омезиши талаботи таълими расмӣ ва потенсиали ТИК самаранок истифода мебарад.

Мисоли 8. eSkwela, Филиппин

Мувофиқи додаҳои Филиппин, танҳо 43 дарсади шахсоне, ки дар ин кишвар ба мактаб мераванд, мактаби миёнаро хатм мекунанд. Ин ҳолат талаб мекунад, ки роҳҳои наву гуногуни таъмини таҳсил барои ҷавонони аз мактаб берунмонда пайдо карда шаванд.

Лоиҳаи eSkwela-и Филиппин ташаббуси Комиссияи ТИК (вазорати ТИК) аст. Он ҳадафҳои зеринро пайгирӣ мекунад:

- Таъмин намудани имкониятҳои таълимии тавассути ТИК такмилёфта барои ҷавонону калонсолони аз мактаб берунмондаи филиппинӣ;
- Тақвият додани тавонмандии ин фардҳо барои табдил ёфтани онҳо ба иштироккунандагони муваффақ дар иқтисоди глобалӣ ва донишбунёд;
- Кӯмак расондан барои коҳиш додани холигоҳи рақамӣ.

Ин ташаббус ҷавобгӯи бевосита ба яке аз афзалиятҳои рушд дар сатҳи миллӣ мебошад. Он имкониятҳои омӯзиши электронӣ ва ТИК-ро барои омӯзгорон, мудирони таълимӣ ва хонандагони берун аз мактаб дар Филиппин бо роҳи шавқовар, навгун ва мутобиқ ба шароити маҳал таъмин менамояд.

Дар доира ин лоиҳа, Марказҳои омӯзиши электронии ба ҷомеа равонашуда ё eSkwela барои баргузории барномаҳои алтернативии таълимии бо ТИК такмилёфта дар саросари кишвар таъсис дода шуда истодаанд. Дар ин марказҳо омӯзандагони аз мактаб берунмонда ва дигар ҳамбастагони ҷамоа метавонанд малакаҳову қобилиятҳои нав андӯзанд, барои гирифтани шаҳодатномави Идораи системаи алтернативии таълим имтиҳон супоранд ва ё барои дубора пайвастан ба системаи расмии таълим, агар хоҳиш дошта бошанд, омода шаванд.
Лоиҳаи eSkwela дар ҷараёни омӯзишу таълим равишҳои бо ТИК фаъолшуда, бар дархостҳо асосёфта, байнисоҳавӣ ва байнимавзӯиро истифода мебарад. Андӯхтани дониш ва қобилияту малакаҳо ҳадафи асосии лоиҳаи eSkwela мебошад. Ин навъи таълими омехта ба талаботи хонандагон нигаронида шудааст. Он фанҳои компютер-асоси таълимиро аз рӯи модулҳои интерактивии омӯзиши электронӣ (як соат), дарси омӯзгор бар асоси ниёзҳои кунунии хонандагон (як соат) ва фаъолияту барномаҳои муштараки гурӯҳӣ (як соат)-ро дар бар мегирад. Ҳоло лоиҳа аз 283 модули мавриди ҳадаф қарордоштаи омӯзиши электронӣ 123-тои онро амалӣ мегардонад, ки аз ҷониби Идораи системаи алтернативии таълими Вазорати маориф тасдиқ шудаанд.

Ҳамкорӣ бо системаҳои таълими давлатӣ, донишгоҳҳо, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва ҷамоаҳо ба он мусоидат кард, ки ҷараёни таълим барои ҷавонону калонсолони аз мактаб берунмондаи филиппинӣ ба осонӣ дастрас, интерактивӣ, ҷолиб, мувофиқ ва комил бошад. Мағзи барномаи таълимро вусъат додани маҳорати талаботи воқеӣ дошта ва рушди малакаи барои омӯзиш дар тӯли ҳаёт муҳим ташкил медиҳад.

Сарчашмаҳо: eSkwela, http://eskwela-apc-nstp.wikispaces.com/about+the+project; ва eSkwela, “The eSkwela Project: The Establishment of Community e-Learning Centers for the Out-of-School Youth and Adults”, http://alseskwela.ning.com/page/the-eskwela-project-1.

Таҷрибаи ҳамсон, вале нисбатан маҳдуд, ки дар Муғулистон амалӣ мешавад, мушкилиҳои воқеиеро ошкор кардааст, ки барои истифодаи муваффақонаи ТИК дар маориф бояд бартараф карда шаванд.

Мисоли 9. Ташаббуси ТИК дар маорифи марбут ба мактабҳои деҳотии Муғулистон

Бо мақсади ба кишварҳои узви дар ҳоли рушд таъмин намудани дастурамалҳои беҳтар барои истифодаи ТИК дар таълим, лоиҳа зери унвони «Технологияи навгуни иттилоотиву коммуникатсионӣ дар таълим ва потенсиали он барои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар Осиё ва минтақаи уқёнуси Ором» дар чаҳор кишвар, аз ҷумла Муғулистон, амалӣ шудааст. Лоиҳаи ТИК барои таълими навгун дар деҳаҳои Муғулистон аз ҷониби Бонки Осиёии Рушд дастгирӣ шудааст.

45 мактаб дар минтақаҳои рустоии Муғулистон бо бастаи таҷҳизоти ҳадди аққал иборат аз як компютери сайёр, проектори дорои дисплеи (тасвирнамои) моеъ ва булӯрӣ ва як суратгираки рақамӣ таъмин шуданд. Ба омӯзгорон тарзи истифодаи таҷҳизот ва таҳияи маводҳои таълимии электронӣ, аз ҷумла муқаддимаи корбурди ТИК ба машғулиятҳои синфӣ, омӯзонида шуд. Маҷмӯи нармафзори таълимии Муғулистон оид ба унвонҳои мавзӯи дарсӣ, инкишофи касбӣ ва фаъолияти босамари омӯзгор низ таъмин карда шуд. Дар мавридҳои дастрас набудани нерӯи барқ, генераторҳои дизелӣ низ насб гардид.

Хулоса, ҳамчун як бахши лоиҳа фаъолиятҳои мухталиф анҷом дода шуданд. Онҳо эҷоди тавонмандӣ барои омӯзгорону маъмурон, харидории таҷҳизот ва пайгирӣ аз навсозии василаҳои таълимиро дар бар мегирифтанд.

Арзёбии таъсир, ки дар анҷоми лоиҳаи 21-моҳа баргузор шудааст, нишон дод, ки дарвоқеъ дар байни мактабҳои дар лоиҳа иштирокдошта ва макбатҳои иштирокнадошта фарқияту номутобиқатиҳо оид ба меъёрҳои сифати таълим вуҷуд доранд. Ҳамзамон, мушкилиҳои моддие вуҷуд доштанд, ба монанди норасоии нерӯи барқ ва набудани дастрасӣ ба Интернет.

Дар маҷмӯъ, ошкор шуд, ки як қатор ангезандаҳои истифодаи муассири ТИК барои таҳвияти ҷараёни таълим аз ҷониби омӯзгорон ва монеаҳо дар ин раванд вуҷуд доранд. Ҳамчунин, ин ангезандаго ва монеаҳо дар сатҳи омӯзгор, мактаб ва системаи таълимӣ вуҷуд доранд.

Сарчашма: Caarmen Strigel, Lkhagvasren Ariunaa, and Sukhbaator Enkhjargal, "ICT in Education Initiatives in Rural Schools in Mongolia", in ICT in Teacher Education: Case Studies from the Asia-Pacific Region, Ellie Meleisea, ed. (Bangkok, UNESCO, 2007), pp. 95-109, http://portal.unesco.org/ci/en/ev.php-URL_ID=25825&URL_DO=DO_TOPIC&URL_SECTION=201.html.

Мисоли 10. Ҳалли мушкилиҳои мактаби деҳа дар раванди ТИКР аз таҷрибаи РИСОЛ

Талошҳои ТИКР-ро бе ҷорӣ шудани онҳо дар соҳаи маориф тассавур намудан мушкил аст. Таҷрибаи ватанӣ низ бо лоиҳаҳои рангоранги татбиқи ТИК дар ин соҳа гувоҳи ин гуфтаҳо аст. Чунин таҷрибаҳо, чи алоҳидаи ватанӣ ва чи муштарак бо созмонҳои байналмилалии саргарми расидан ба ҳадафҳои рушд, аз ҳамгиро (интегратсия)-и ТИК дар фанҳои таълимӣ оғоз шуда то ба решадавонӣ (penetration) дар идораи иттилоотии муассисаи таълимӣ тул кашидаанд. Таҳлили онҳо, чи бобарору чи ноком, ба манфиати талошҳои минбаъдаи ҷонибҳои манфиатдори ТИКР мебошанд. Яке аз таҷрибаҳои бобарори ватании ин раванд натиҷаи лоиҳаҳои ташкилоти байналмилалии Relief International – Schools Online (http://www.connect-tajikistan.org/), ба истилоҳ РИСОЛ, мебошад.

Дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои ташкилоти номбурда 27 Маркази Омӯзиши Интернетӣ (МОИ) дар шаҳру ноҳияҳои кишвар кушода шудаанд. Ҳамаи МОИ дар заминаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ ҷойгир шудаанд, ки дар онҳо омӯзгорон ва шогирдонашон ҳам шабакаи ҷаҳониро меомӯзанду ҳам дар он махзанҳои нави таълимӣ эҷод мекунанд. Тавассути МОИ онҳо низ имкони рушди ҳамкории худ ҳам дар сатҳӣ ватанӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалиро доранд. Лоиҳаҳои номбурда тайи солҳои 2003-2009 амалӣ гардидаанд. Дар ҳар як МОИ гурӯҳҳои ҳавасмандони забонҳои хориҷӣ, барноманависон, рӯзноманигорон ва пешвоёни ҷавон фаъолият мекард, ки дар он ҳар як хонанда метавонист маҳоратҳои гуногуни соҳаро аз худ намояд.

Омили асосие, ки ташаббусҳои РИСОЛ-ро аз дигар ташаббусҳои маориф-меҳвари ТИКР фарқ мекунонад ин таъмини натанҳо таҷҳизоти компютерӣ, балки ҳамкории пурра бо мактабҳо, таъмини маводҳои дарсӣ ва муаллимон (тренерон) мебошад. Ғайр аз ин таваҷҷуҳи хосаи барнома, равона гардидани ташаббусҳо ба мактабҳои деҳот ва мушкилоти он буд. Ҳангоми татбиқи лоиҳаҳо кормандони ташкилот (дастаи лоиҳа) тавонистанд, ки роҳҳои гуногуни таъмини барқро дар мактабҳои деҳот моҳирона ва эҷодкорона дарёбанд. Аз нигоҳи имрӯза чунин ба назар мерасад, ки дастаи лоиҳа мушкилиҳо воқеияти вақтро ҳамчун имконияти татбиқи гуногунранги технологӣ дидаанд. Мушкилии асосии мактаби деҳа ин нарасидани қувваи барқ дар давоми қариб 60% соли хониш мебошад. Дастаи лоиҳа барои ҳалли он ҳам аз генераторҳои муқараррӣ истифода бурдаанд ва ҳам генератори аз нигоҳи экологӣ пурманфиати маҳаллиро сохтаанд. Масалан, дар яке аз мактабҳои ноҳия Кӯлоб системаи истеҳсоли барқ аз поруи чорво (биогаз) дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон сохтанд.

Мисоли дигаре дарёфти чораи дастрасӣ ба Интернет тавассути рушди ҳамкории РИСОЛ бо сохтори хусусӣ мебошад. Бештари мактабҳои мавриди ҳадафи РИСОЛ дар маҳалҳои баландкӯҳ ҷойгир шудаанд, ки аз нигоҳи расонидани хизмати тиҷорати чандон ҷолиб нестанд. Гузашта аз ин, дар оғози фаъолияти РИСОЛ хизматрасонии Интернет чандон фарогир набуда бо шаҳрҳои калонтарини кишвар маҳдуд мешуд. Ба ин нигоҳ накарда дастаи лоиҳа ба ширкатҳо, дастраскунандагони Интернет барои ҳамкорӣ муроҷиат намуданд. Натиҷаи чунин "ҷасорат" он гашт, ки ширкати Вавилон-Т (http://www.babilon-t.tj/) соли 2004 барои МОИ-ҳо дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Айнӣ дастрасӣ ба Интернетро таъмин намуд. Албатта, саҳми ширкати Вавилон-Т низ дар чунин натиҷа арзандаи таҳсин аст, алалхусус бо назардошти арзиши начандон гарони дастрасӣ ба Интернет дар он вақт ва аз соли 2006 дастрасии ройгон ба Интернет барои ҳамаи МОИ. Вале, таваҷҷуҳи мисоли мазкур ба рӯйкарди ё ба истилоҳи русӣ "подход"-и воқеъбинона дар ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта мебошад.

Саволҳо барои барасӣ:

- Ба андешаи шумо то кадом андоза таҷрибаи РИСОЛ дар соҳаи маорифи ватанӣ татбиқ гардидааст ва ё шоистаи татбиқ имрӯзу фардо мебошад.
- Ба андешаи шумо чаро таҷрибаи сохтани генератори барқ аз порӯ дар ҷомеаи мо фарогир нашудааст?
- Оё чунин лоиҳаҳои ТИКР дар маориф таъсири иҷтимоие ба дигар соҳаҳо доранд? Агар ҳа, чандеро номбар кунед.

Муаллифон: Рустам Қосимов, Асомуддин Атоев

ТИК дар маълумоти олӣ

Бо вуҷуди ин, истифодаи васеътари ТИК дар таълим, дар зинаи маълумоти олӣ, махсусан, бо таъсиси муассисаҳои таълимии кушодаву фосилавӣ алоқаманд мебошад. Ин муассисаҳо дар заминаи ақидае таъсис дода мешаванд, ки фосилаи ҷисмонии байни омӯзгорону таълимгирандагонро метавон тавассути эҷоди маводҳои таълимии баландсифат ва расонидани онҳо ба донишҷӯён тариқи воситаҳои мухталифи технологӣ пайванд кард. Бештари онҳо ба модели Донишгоҳи кушодаи Шоҳигарии Муттаҳида пайравӣ мекунанд ва онро дар ҳамаи кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ ва минтақаи Ҷанубии уқёнуси Ором метавон дарёфт намуд.[104] Яке аз моделҳои куҳнатарину бештар комёби татбиқи ТИК дар таълими расмӣ, ки дорои таърихи татбиқи технологияи беш аз се даҳсола аст, дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором воқеъ гардидааст. Ин Донишгоҳи ҳавзаи ҷанубии уқёнуси Ором мебошад.

[104] Вебсафҳаи Ассотсиатсияи осиёии донишгоҳҳои кушода феҳристи ҳамаи донишгоҳҳои ҳамбастаро таъмин менамояд: http://www.aaou.net.

Мисоли 11. Донишгоҳи ҳавзаи ҷанубии уқёнуси Ором ва UPSNet

Донишгоҳи ҳавзаи ҷанубии уқёнуси Ором, ки соли 1968 таъсис ёфтааст, намунаи беназири мактаби олӣ дар ҷаҳон мебошад. Он дар якҷоягӣ аз ҷониби ҳукуматҳои 12 кишвари ҷазиравӣ дорой мешавад. Ин кишварҳо ҷазираҳои Кук, Фиҷӣ, Кирибати, ҷазираҳои Маршал, Науру, Ниуэ, Самоа, ҷазираҳои Соломон, Токелау, Тонга, Тувалу ва Вануатуро дар бар мегиранд. Донишгоҳ дар ҳамаи 12 кишвари узв шаҳраки донишгоҳӣ дошта, дар паҳнои уқёнус 33 миллион метри мураббаъ тӯл мекашад. Шаҳраки асосии донишгоҳ - Лаукала дар Фиҷӣ ҷойгир мебошад. Шаҳраки донишгоҳии Алафуа дар Самоа Мактаби кишоварзӣ ва технологияи озуқаворӣ ва шаҳраки донишгоҳии Эматус дар Вануату Мактаби ҳуқуқро фаро мегиранд. Донишгоҳ тавассути барномаҳои омӯзиши фосилавӣ равишу технологияҳои гуногунро дар ҳамаи 15 шаҳраки донишгоҳии Донишгоҳи ҳавзаи ҷанубии уқёнуси Ором таъмин менамояд.

Пеш аз он ки ТИК дар соҳаи маориф вирди забон шавад ва ба воқеият табдил ёбад, кайҳо боз Донишгоҳи ҳавзаи ҷанубии уқёнуси Ором ҷараёни таълимро тавассути системаи аудио-коммуникатсияи дуҷонибаи моҳвораасос ба роҳ монда буд. Ин система ба шабакаи муосири бар ТИК асосёфта рушд кардааст, ки акнун чун Шабакаи Донишгоҳи ҳавзаи ҷанубии уқёнуси Ором (UPSNet) номида мешавад. Ин система шабакаи коммуникатсионии моҳвораие мебошад, ки ҳамаи 12 кишвари ҳамбастаи Донишгоҳи ҳавзаи ҷанубии уқёнуси Оромро бо ҳам мепайвандад. Видеоконфронсҳо ба бошандагони кишварҳои гуногун имкон фароҳам меоранд, ки ҳамдигарро тавассути пахши мустақими видеой бинанду шунаванд. Ҳамин гуна, пахши барномаҳои видеой ба интиқоли якҷонибаи лексияҳо ба Марказҳои таълими фосилавии Донишгоҳи ҳавзаи ҷанубии уқёнуси Ором имкон медиҳад.

Имрӯз UPSNet ҳамчун шабакаи ҷаҳонӣ моликияти Донишгоҳи ҳавзаи ҷанубии уқёнуси Ором буда, барои интиқол додан ва ҳамгиро кардани таълими фосилавӣ ва хадамоти таълимиву маъмурӣ дар 12 кишвари ҳамбаста 5 МГг технологияи бар моҳвора асосёфтаи протоколи интернетиро фаро мегирад.

Донишгоҳи ҳавзаи ҷанубии уқёнуси Ором ин шабакаи хусусиро танҳо барои истифодаи худӣ ихтиёрдорӣ ва идора менамояд. Барои донишҷӯёну кормандони фосилавии худ Донишгоҳ UPSNet-ро бо мақсадҳои зерин пешкаш мекунад: ширкат варзидан дар аудиодарсҳои интерактивӣ (ки дар ягон бахши донишгоҳ баргузор мегардад); иртибот тавассути почтаи электронӣ бо лексиягӯёну омӯзгорон ва донишҷӯёни дигар; дастрасӣ ба шабакаи интернет; дастрасии онлайнӣ ба системаҳои идоракунии иттилоот ва истифодаи баннерҳо; тамошо кардани пахши васеи видеои мустақим; дастрасӣ ёфтан ба маводҳои бисёррасонаӣ тавассути фурукашиҳои серверӣ ва иштирок кардан дар конфронсҳои рӯёрӯи видеой (ва дарсҳо) бо шаҳраки донишгоҳии Лаукала дар Сува. Ҳамчунин, татбиқи телефонияи дуҷониба дар ояндаи наздик ба нақша гирифта шудааст.

Истгоҳҳои рӯизаминии моҳвораии UPSNet барои ба таври таъсирбахш қонеъ намудани талаботи донишгоҳ бо тавоноиҳои гуногун тарҳрезӣ шудаанд. Ҳастаи (консентратори) шабака дар ҳудуди Донишгоҳи Лаукала дар Сува ҷойгир аст. Антеннаи 7,6-метрӣ, ки ҳадди аксар 100 ватт нерӯи барқро интиқол медиҳад, истгоҳи асосист. Истгоҳи консентратори шабакавӣ (ҳаб) барои синхронизатсия, назорат ва тақсимоти ҳамаи хизматрасониҳои содиротӣ дар ҳамаи терминалҳои дорои апертураи хеле хурди (VSAT) фосилавӣ дар дохили кулли UPSNet вобаста аст. Ин тавассути тақсимоти фарохнавори канал бо иқтидори 1.9 Мб/с аз ҳудуди Донишгоҳи Лаукала сурат мегирад.

***Сарчашма**: USP, "About the University", http://www.usp.ac.fj/index.php?id=usp_introduction.*

Модели Донишгоҳи ҳавзаи ҷанубии уқёнуси Ором, иттиҳодияи муассисаҳои таълимии 12 кишвари бо оби уқёнус ҷудошуда, яке аз моделҳоест, ки метавонад дар кишварҳои камбизоати хушкибунбасти Осиёи Марказӣ, масалан ҳамчун модели татбиқшавандаи имконпазир, ҷиддӣ таҳлил ва арзёбӣ ёфта, ба кор бурда шавад. Ба ҷои муҳокимаҳо дар бораи рӯйкардҳои хеле баланди технологӣ дар ҳар як кишвари алоҳида, кишварҳо дар якҷоягӣ метавонанд моделҳои бомуваффақияте чун Донишгоҳи ҳавзаи ҷанубии уқёнуси Ором ва Донишгоҳи зуҳурёбандаи маҷозии кишварҳои хурди иттиҳодро ё имкониятҳои онҳоро баррасӣ намоянд.[105]

[105] Нигаред: Virtual University for Small States of the Commonwealth, http://www.vussc.info.

ТИК барои маорифи ғайрирасмӣ

Таҷрибаи истифодаи ТИК барои маорифи ғайрирасмӣ дар кишварҳои дар ҳоли рушд густарда аст. Дар ин маврид, минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором истисно нест. Чанд намунаи пешинаи татбиқи технологияҳоро дар ин минтақа метавон пайдо кард. ТИК на фақат маҳдудиятҳои фазоӣ ва маконiро бартараф карда, ба дурдасттарин минтақаҳо дастрасӣ пайдо кард. Дар айни замон ва бо чунин имконият, ТИК тамоми самтҳои маорифи ғайрирасмӣ, аз саводноккунӣ ва маълумоти ибтидоӣ сар карда то омӯзиши якумрӣ ва соҳаҳои махсуси омӯзиш чун такмили ихтисоси тиббиро фаро мегирад.[106]

Имрӯз, истилоҳи маорифи ғайрирасмӣ қисми таркибии мафҳуми омӯзиши якумрист, ки ба ҷавонону калонсолон имкон фароҳам меорад, то маҳорату қобилиятҳои зарурӣ барои мутобиқ шудан ба муҳити пайваста тағйирёбанда ба даст оранд. Маорифи ғайрирасмӣ аз маълумоти асосӣ ва саводнокӣ фаротар меравад ва вобаста ба ниёзу ҳавасмандиҳои хонандагон ва вазъи демографӣ ва иҷтимоиву иқтисодии онҳо шаклҳои гуногун мегирад. Вале барои кишварҳои дар ҳоли рушд мафҳуми анъанавии маорифи ғайрирасмӣ ҳанӯз бартарӣ дорад.

Масалан, таърихан барномаҳои саводомӯзӣ фаъолияти муштараки рӯ-ба-рӯ дар миёни омӯзандагон ва омӯзгорон буданд. Бо вуҷуди имкониятҳое чун радиову телевизион, зерсохтору захираҳои барномаҳои саводомӯзӣ дар ҷамоаҳо кифоя набуданд. ТИК низ имконияти васеътари татбиқ надошт. Айни ҳол, имкониятҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки ин вазъият тағйир ёфта истодаст. Tata Group дар Ҳиндустон намунаи мушаххасе мебошад, ки маҳви бесаводии калонсолон ва мушкилиҳои марбутаро тавассути барномаи компютерии саводомӯзӣ бар дӯш гирифтааст.[107]

Тасвири 16. Бозомӯзии компютерӣ дар Ҷумҳурии халқӣ-демократии Лаос

Сарчашма: United Nations Office on Drugs and Crime, Report on the BLO - Computer Based Training (CBT) Workshop, 11-14 May 2009, Vientiane, Lao PDR, http://www.unodc.org/documents/eastasiaandpacific/topics/Illicit_trafficking/BLO-CBT_LAO_PDR_2009.pdf.

Ҳукумати Ҷумҳурии халқӣ-демократии Лаос таълиму бозомӯзии касбӣ-техникиро самти бартаридори рушди иқтисодӣ муқаррар кардааст.[108]

---

[106] Anita Dighe, Hameed A. Hakeem and Sheldon Shaeffer, “ICTs in non-formal education in Asia Pacific”, in *Digital Review of Asia Pacific 2009-2010*, Shahid Akhtar and Patricia Arinto, eds. (New Delhi, Sage, Montréal, Orbicom and Ottawa, IDRC, 2010), p. 59. http://www.digital-review.org.

[107] Tata Literacy, http://www.tataliteracy.com.

[108] ADB, “Proposed Grant Lao People’s Democratic Republic: Strengthening Technical and Vocational Education and Training Project in Manila”, Report and Recommendation of the President to the Board of Directors (June 2010), http://www.adb.org/Documents/RRPs/LAO/42278/42278-02-lao-rrp.pdf.

Лоиҳае дар ҷазираҳои Соломон намунаи дигари татбиқи ТИК дар самти саводомӯзӣ (дар ин маврид, ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар мактабҳои миёна ва барои ҳамаи мақсадҳо) дар заминаи ҳадафи мушаххастари миллии рушд мебошад. Мақсади лоиҳа аз он иборат буд, ки амалипазир будани истифодаи шабакаи мавҷудаи коммуникатсионӣ (PFnet)-ро барои таъмин намудани имкониятҳои таълимӣ дар ҷомеаҳои дурдаст фаҳмад. Дар баробари маркази компютерии бо нерӯи офтоб коркунанда дар мактаби маҳаллӣ, дар ҷамоати деҳоти Сасамунгаи Чойсеул Донишгоҳи ҳавзаи ҷанубии уқёнуси Ором истгоҳи марказии интерфейси байнишабакавии PFnet-ро таъсис дод. Иштироккунандагон лоиҳаро хеле бомуваффақият арзёбӣ карданд, дар ҳоле ки дастовардҳои омӯзандагони фосилавӣ баланд буд. Муҳимтар аз ҳама, дар муносибат ва корҳои ташкилӣ дигаргуниҳо рух доданд. Аз он ҷумла пешвоёни деҳа аҳамияти роҳбарии хубро дар ҷамоаҳои худ дарк карданд ва кормандону маъмурони Мактаби миёна ва ибтидоии ҷамоавии Сасамунга акнун ба компютерҳо дастрасӣ доранд.

Саранҷом, новобаста ба он ки ТИК барои соҳаи маориф бисёр имкониятҳои муфид фароҳам меорад, набояд онро чун ҷойгузини маорифи расмӣ донист. ТИК ин гуна вазифаи маорифи расмиро дар ҳеҷ сурате иҷро карда наметавонад, ҳатто агар он қисман дар қонеъ кардани ниёзҳои кӯдакону калонсолоне, ки бо сабабҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра ба мактаб ё синфҳои анъанавӣ рафта наметавонанд, саҳм гузорад.

ТИК дар самти бозомӯӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон

Истифодаи ТИК дар таълими расмиву ғайрирасмӣ ҳам ба тағйирпазир, муносиб ва таъсирбахш кардани таълим ва ҳам ба такмили ихтисоси омӯзгорон таъсири зиёд дорад. Истифодаи ТИК парадигми комилан нави таълиму омӯзишро ба миён мегузорад, ки бояд барои таҳияи барномаҳои тарбияи омӯзгорони ҷавон ва такмили ихтисоси омӯзгорон ба эътибор гирифта шавад. Сабабҳои тағйирёбии муҳити (контексти) таълим, нахуст, ба он вобастаанд, ки татбиқи ТИК баъзе захираҳои анъанавии таълим (чунончи, китобҳои дарсӣ)-ро куҳна хоҳад кард. Нақши омӯзгори хуб дар ин муҳит низ тағйирнопазир аст. Дувум, ТИК баъзе шаклҳои арзёбиро такрорӣ хоҳад кард. Севум, ин омӯзгоронро зарур аст, ки дар ҳавасманд намудани маҳоратҳои тафаккури мунаққидона, пешбурди саводи иттилоотӣ ва қабулу ҳамгиро кардани амалияҳои ҳамкоронаи омӯзишӣ фаъол бошанд. Саранҷом, ба омӯзгорон лозим аст, то роҳи қонеъ кардани ниёзҳои омӯзишии донишҷӯёнашонро бознигарӣ кунанд.

Бо дарназардошти ҳамаи ин омилҳо, омӯзгорон бояд ба истифодаи ТИК ваколатдор бошанд, то онҳо барои кор дар муҳити бо ТИК идорашаванда эътимоду маҳорат ба даст оварда тавонанд. Барои бозомӯзии шумораи зиёди омӯзгорон дар як муддати кӯтоҳ методи беҳтарин ва аз ҳама арзону самаранок истифодаи таълими фосилавии бо ТИК васлшуда мебошад. Муваффақияти талошҳои Сингапур дар самти ТИК дар таълим бештар ба он марбут мебошад, ки бозомӯзии омӯзгорон барои кор дар муҳити бо ТИК такмилёфта ҳатто қабл аз ҷобаҷогузории компютерҳо дар мактабҳо ба нақша гирифта шуда буд.

Барои пайваста моҳияти ТИК-ро ба омӯзгорон фаҳмондан тавассути якчанд барномаи таълимӣ дар сатҳи коллеҷ, Бутан ҳамкориро бо Хазинаи байналмилалии Сингапур оғоз кардааст. Ин талош ҳамзамон бо густариши сахтафзор дар мактабҳо сурат мегирад, то баъд аз бозомӯзӣ омӯзгорон технологияро самараноктар истифода баранд. Пас аз давраи нахустини бозомӯзии омӯзгорон, дар давраи дуюм ТИК ҳамчун барномаи ҳатмии таълимӣ ба ҷадвали дарсии бакалаврӣ дар тарбияиии омӯзгорон ворид карда шуд.[109]

Ҳамин гуна талошҳо дар Бангладеш ва Непал низ амалӣ шуда истодаанд. Дар ин кишварҳо ба омӯзгорон тарзи истифодаи як қатор технологияҳо – аз компютерҳо сар карда то суратгиракҳои рақамӣ омӯзонида мешаванд.[110] Чунин ташаббусҳо дар кишварҳои гуногуне чун Муғулистон, Самоа ва Тайланд ҳам амалӣ мешаванд (ба мисоли 12 нигаред). Бо вуҷуди тафовутҳо, кишварҳои гуногун дарк ва эътироф мекунанд, ки бидуни омодасозии дурусти омӯзгор дар истифода ва татбиқи ТИК ҳамчун як ҷузъи раванди таълиму омӯзиш, қисми зиёди ислоҳоти маориф бесамар анҷом меёбад.

[109] Ellie Meleisea, ed., *ICT in Teacher Education: Case Studies from the Asia-Pacific Region* (Bangkok, UNESCO, 2007), http://portal.unesco.org/ci/en/ev.php-URL_ID=25825&URL_DO=DO_TOPIC&URL_SECTION=201.html.
[110] Ҳамон ҷо.

Мисоли 12. Бозомӯзии омӯзгорон дар Тайланд

Дар Тайланд, Институт барои рушди илм ва технологияи таълим (Institute for the Promotion of Teaching Science and Technology) салоҳияти таҳияи Барномаи такмили ихтисоси муаллимон (Teacher Professional Development)-ро барои пуштибонии ислоҳоти соҳаи маориф дар ихтиёр дорад.

Ин Барнома ҳадафи онро дорад, ки маҳоратҳои омӯзгоронро барои истифодаи дурусту мақсадноки ТИК ҳамчун воситаи таълимӣ такмил диҳад. Ҳадафи ниҳоии Институт афзоиш додани дастовардҳои омӯзишии донишҷӯён ва тавонмандии муаллимон дар истифодаи ТИК тавассути рӯйкарди «бозомӯзӣ барои тренерон» мебошад.

Муаллимони дорои маҳоратҳои хуби истифодаи ТИК аз мактабҳои саросари кишвар ҳамчун тренерони пешбари ин Институт интихоб шудаанд. Дар ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои шарик, Институт як силсила семинарҳои бозомӯзии муаллим-тренеронро барои ин муаллим-тренерони пешбар оғоз кард. Бо ин рӯйкард (шева), тренерони пешбар ба дигар муаллимон, ҳам дар мактабҳои худи онҳо ва ҳам дар мактабҳои дигари минтақаҳои фарогири онҳо, бозомӯзиҳо пешниҳод намуданд.

Муҳтавои курсҳои бозомӯзии ТИК дар робита ба мундариҷа, методика ва баҳогузории педагогӣ пайваста таҳрир ва таҷдид мешуданд.

Дар тӯли даҳ соли амалисозии Барнома, тренерони пешбар ба мутахассисони захиравии арзишманди Институт, Вазорати маорифи Тайланд ва дигар лоиҳаҳои таълимии ТИК табдил ёфтанд.

Чунин талоши доимӣ дар эҷоди тавонмандии муаллимон дар соҳаи ТИК натиҷаҳои бузург ба даст овардааст. Новобаста ба ин, ҳамоно мушкилиҳо дар робита ба зиёд кардани шумораи муаллимон, таъмини системаи дастгирӣ барои муаллимон ва назорати сифату арзёбии кори онҳо боқӣ мемонанд.

Сарчашма: *Pornpun Waitayangkoon,“ ICT Professional Development of Teachers in Thailand: The Lead-Teacher Model”, in ICT in Teacher Education, Case Studies from the Asia-Pacific Region, Ellie Meleisea, ed. (Bangkok, UNESCO, 2007), http://portal.unesco.org/ci/en/ev.php-URL_ID=25825&URL_DO=DO_TOPIC&URL_SECTION=201.html.*

Ҳамчун як қисми стратегияи дарозмуддати ислоҳоти соҳаи маориф, Чин ТИК-ро барои такмили ихтисоси муаллимон истифода мебарад. Стандартҳо, барномаҳо ва захираҳои рақамии такмили ихтисоси муаллимон эҷод ва таҳия шуданд. Ҳамроҳ бо нишондодҳои дақиқ, чаҳор соҳаи такмили ихтисос – рафтору огоҳӣ, донишу маҳорат, амалисозиву навоварӣ ва масъулиятҳои иҷтимоӣ таҳия шуданд, то муаллимон пешрафти худро худ арзёбӣ ва баҳогузорӣ карда тавонанд.[111]

Дар заминаи ҳамгиросозӣ ва татбиқи ТИК дар раванди таҳсил душвориҳои зиёде вуҷуд доранд. Чунин мушкилиҳо дар муқоиса бо мушкилиҳои таълими таълим, аз он ҷумла зарурати зуд фаро гирифтани аксарияти аҳолии камбизоат ва бесаводи деҳнишин ва дарёфти роҳҳои маблағгузориву амалисозӣ ва нигоҳдории қисми таълимии шабакаҳои ТИК, аҳамияти худро аз даст медиҳанд. Мушкилиҳо на танҳо ба дастрасии ТИК марбутанд, балки баробарӣ, аҳамият ва муҳтавои маҳаллиро низ фаро мегиранд.

[111] Ҳамон ҷо.

Мисоли 13. Моҳияти стандарти нейтрал ва ё аз системаи операторсионӣ (омилӣ)-и компютерӣ новобастаи таълими фани технологияҳои иттилоотӣ дар мактаб

Яке аз дастовардҳои ҳамкории Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аз таҷрибаи лоиҳаи “Интернет барои рушди маориф” ин таҳия ва қабули Стандарти давлатии маълумот аз фанни “Технологияҳои информатсионӣ” барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ мебошад (Стандарт). Лоиҳаи мазкур аз ҷониби Фонди ҷамъиятии Ташаббуси шаҳрвандии сиёсати Интернет (ТШСИ) - http://www.cipi.tj/ ва Ассотсиатсияи ТАРЕНА – http://www.tarena.tj/ тайи солҳои 2005-2007 амалӣ гардид. Саҳмгузорони лоиҳа Институти Ҷамъияти Кушода – Бунёди Мадад (ИҶКБМ), Барномаи рушди СММ (БРСММ) ва Барномаи илмии НАТО буданд. Ҳадафи асосии лоиҳа бунёди тавонмандии инсон дар татбиқи ТИК тавассути вусъат додани дастрасии муассисаҳои илмиву таҳсилотӣ ва китобхонаҳо ба Интернет ва иштироки фаъолонаи онҳо дар рушди махзанҳои электронии ватанӣ буд. Дар натиҷаи лоиҳа бештар аз 100 муассисаҳои мавриди ҳадаф ба шабакаи Интернет пайваст гардида, дар таҳия ва рушди махзанҳои таълимиву фароғатӣ ба иҷрокунандагони лоиҳа шарик шуданд.

Мисоли мазкур арзёбӣ намудани лоиҳа набуда, таваҷҷуҳи хонандаро ба натиҷаи ҳамкории муассисаи сохтори давлатӣ ва ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷалб намуданист. Тавре, ки Дастурамали мазкур бо такя ба таҷрибаву пажӯҳишҳои гуногуни марбут ба ТИКР қайд намудааст, ҳамкории ҷонибҳо яке аз омили муҳими барор дар ин раванд мебошад. Натиҷаи ҳамкории Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ТШСИ метавонад далеле бошад ҷонибдори чунин воқеияти ҳол.

Сабаби асосии рӯ овардан ба барномаи омӯзиши фанни таълимӣ ва стандарти он дар мактаб таъмини ҳарчӣ бештари таъсирбахшиву самаранокии лоиҳа дар системаи маориф буд. Соли 2005, ҳангоме ки иҷрошавии лоиҳа оғоз гардид, стандарти маълумот аз фанни марбут ба ТИК дар мактаби таҳсилоти умумӣ вуҷуд надошт ва барномаи таълимии фанни “Асосҳои техникаи компютерӣ”-и замон талқингари омӯзиши маводи барномавии як ширкат буд. Яъне дар мактаб барномаи мушаххаси компютерӣ омӯзонида мешуд на технологияҳои компютерӣ. Масалан, барномаи таълим омӯзиши таҳриргари матнии MS Wordро талаб мекард, на балки технологияи таҳриргарҳои матниро. Дар фарқ, барномаи кунунии таълими фанни “Технологияи информатсионӣ” (барномаи ТИ) ба омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ, масалан таҳриргарҳои матнӣ, нигаронида шудааст. Барномаи кунунӣ ҳуқуқи интихоби омӯзгору маъмурияти мактабро ҳифз менамояд. Барои осонии баён дар мисоли ҳамон таҳриргари матнӣ гуфтан мумкин аст, ки омӯзгори фан ва маъмурияти мактаб маводи мушаххаси компютериро харидорӣ намоянд, албатта бо назардошти талаботи қонун ва имконияти молиявии муассиса.

Мушкилии ҷойдошта, ба лоиҳа имкон намедод, ки ба ҳадафи худ пурра ноил гардад. Барои ин дастаи лоиҳа яке аз ду роҳи татбиқи онро медид: 1)амал намудан дар доираи муқаррароти мавҷуда, ё 2)такмили муқаррарот. Дар сурати интихоби роҳи аввал маблағи зиёд бояд барои харидори намудани барномаҳои компютерии хусусӣ сарф мешуд. Чунки дастаи лоиҳа намехост аз барномаҳои хусусии пиратӣ истифода барад, ки хилофи қонунгузории моликияти зеҳнӣ буд. Аздусар чи истифодаи қонунӣ ва чи ғайриқонунӣ (пиратӣ)-и барномаҳои хусусӣ вобастагии соҳаи маорифро аз онҳо меафзуд. Роҳи дуюм бошад вақти бештар металабиду хатари ноком монданаш низ баланд буд. Вале, бо вуҷуди ҷо доштани хатари мазкур, интихоби роҳи дуюм барои расидан ба ҳадафи лоиҳа бартариҳои нодири худро дошт.

ТШСИ ва шариконаш аз таҷрибаи худ ва омӯзиши таҷрибаҳои дигарон мутмаъин буданд, роҳи дуюм бо такя ба истифодаи фаъолонаи стандарту технологияҳои озоду кушодаасос мувофиқи мақсади лоиҳа буд. Чунин рӯйкард имкон медод, ки лоиҳа саҳми худро дар рушди тавонмандии соҳаи маориф тавассути татбиқи ТИК гузорад, на дар рушди соҳаи ТИК тавассути харидани технологияҳои гаронбаҳо.

Хушбахтона, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди ТШСИ-ро ҷиҳати такмили барномаи таълим ва таҳияи стандари давлатии маълумот аз фанни марбут ба ТИК дастгирӣ намуд. Ҷойи шубҳа нест, ки барои ҳалли мушкилии ҷойдошта роҳи дувум интихоб шуд. Гурӯҳи корие иборат аз коршиносони ТИК ва маориф таҳти роҳбарии Академияи илмҳои педагогӣ таъсис дода шуд. Натиҷаи фаъолияти нимсолаи (май – ноябри соли 2005) гурӯҳ ду лоиҳаи чашмдошт буд: Барномаи ТИ ва Стандарт. Ҳарду санад ҳам аз ҷониби Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

яке пайи дигаре моҳи ноябри соли 2005 ва моҳи феврали соли 2006 қабул гардиданд. Чанде аз хусусиятҳои санадҳои қабулгардида чунинанд:

- фан пештар «Асосҳои техникаи компютерӣ» ном дошт, ҳоло - «Технологияҳои информатсионӣ»;
- фан аз платформа новобаста аст ё нейтрал аст, яъне ба ягон системаи оператсионии мушаххас ва маҳсулоти барномавии ширкати муайяни истеҳсолкунанда алоқаманд нест;
- омӯзиши фан аз синфи 1-уми мактабҳои типи нав (литсейю гимназия) ва синфи 7-уми мактабҳои таҳсилоти умумӣ пешбинӣ карда шудааст;
- технологияҳои информатсионӣ ҳамчун воситаи омӯзишии ҳамаи фанҳои мактабӣ пешбинӣ шудааст;
- информатсияи умумиро дар бораи технологияҳои муосир фаро гирифтааст;
- мафҳумҳои наверо ба монанди “саводнокии компютерӣ”, “фарҳанги информатсионӣ”, “ҷомеаи информатсионӣ” аз нигоҳи фанни таълимии мактаби таҳсилоти умумӣ ба системаи маориф ворид менамояд;
- моҳияти иқтисодиву иҷтимоии технологияҳоро ҳамчун воситаи омӯзиш ва фаъолияти меҳнатӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ таъкид менамояд.

Ҳамин тариқ, стандарт ва барномаи мазкури таълимии фан ба омӯзгори мактаб ҳуқуқи интихоби платформа ва дигар технологияҳои компютериро фароҳам меоварад. Чунин имконият ҳамсони яке аз принсипҳои басо муҳими таълим – озодӣ дар мубодилаи дониш, малака ва ҳатто манбаъҳои электронӣ мебошад. Илова бар ин дастовард саҳми босазои худро дар рушди истиқлолияти технологии соҳаи маориф гузошта, метавонад дар оянда истиқлолияти бисёр соҳаҳои дигари иқтисодро низ таъмин намояд.

Саволҳо барои баррасӣ дар зергурӯҳҳо:

- Агар шумо аъзои дастаи лоиҳа мебудед кадоме аз ду роҳи дар мисоли омӯзишии мазкур оварда интихоб менамудед? Бо далелҳои қотеъонаи мавқеи худро ҳифз намоед.
- Мафҳуми “фарҳанги иттилоотӣ (информатсионӣ)” баррасӣ намоед. Ворид намудани онро ҳамчун субъекти омӯзиш таҳти фанни “Технологияи информатсионӣ” бо далелҳо ҷонибдорӣ ё инкор намоед.
- Муносибати шумо нисбати моҳияти фанни ТИ дар истиқлолияти технологии соҳаи маориф чӣ гуна аст?

Муаллифон: Профессор Файзалӣ Саъдуллоевич Комилов ва Асомуддин Атоев

Аҳамияти ислоҳоти бузургмиқёси сиёсӣ ва амалӣ дар соҳаи маориф ва нақши ТИК дар ин раванд бояд алоҳида таъкид шавад. Дастовардҳои воқеӣ дар ҷараёни таълим ва такмили системаи маориф танҳо дар сурате ба даст хоҳанд омад, агар ҳамаи унсурҳои беҳбудбахшандаи таълим, аз сиёсатгузориҳову таҷрибаҳо то ба муаллимон ва омӯзандагон дар якҷоягӣ аз потенсиали ТИК истифода баранд.

Ҷавонон дар амал 4. AIESEC, Лоиҳаи Switch

Лоиҳаи Switch аз ҷониби Ассосиатсияи байналмилалии донишҷӯёни бахшҳои иқтисод ва тиҷорат (Association Internationale des Etudiants en Sciences Economiques et Commerciales - AIESEC) таҳия шудааст. Ин Ассосиатсия дар ҷаҳон бузургтарин созмони аз ҷониби донишҷӯён идорашаванда буда, истифодаи компютерҳоро дар мактабҳои миёнаи Камерун мусоидат мекунад. Ба хотири фарогирии хонандагони мактабҳои миёна, ки имкониятҳои маҳдуд доранд, AIESEC донишҷӯёни коллеҷро дар саросари олам барои таълими ТИК дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Камерун ҷалб месозад. Ҳадафи асосии лоиҳа таъмини хатмкунандагони мактаби миёна бо малакаву дониши казой мебошад, ки дар фаъолияти кории оянда ва ё донишҷӯй истифодаи самараноки компютерро имконпазир мегардонад. Умед аст, ки бо чунин малакаи ниҳоят муҳими иқтисоди имрӯза донишҷӯён метавонанд қобилият ва имкониятҳои то ба ин дам дастнорасро дарёфта, соҳибқудрат ва тавонманд гарданд.

Барои тафсилоти бештар дар бораи лоиҳаи Switch ба ин сарчашма нигаред: http://www.aiesec.org/cms/aiesec/AI/Africa/CAMEROON/AIESEC%20DOUALA/Pboxes/swITch/.
Барои ширкат варзидан дар лоиҳаҳои AIESEC аз сайти зерин боздид кунед: http://www.aiesec.org.

3.3 ТИК дар соҳаи гендер

Мафҳуми гендер на фарқиятҳои ҷинси биологӣ (дар байни зан ва мард), балки муносибатҳои эҷодшудаи иҷтимоӣ дар байни занону мардон дар ҷомеаи мушаххасро дар назар дорад. Аз ин рӯ, дурнамоҳои гендерӣ ва нақшҳои занону мардон ва духтарону писарон ба фарҳанги муайян марбут ва маҳдуд буда, инчунин, метавонад дар ҷомеаҳо ва замонҳои гуногун тафовут дошта бошад.

Аз дидгоҳи ҳуқуқӣ, гендер ба он маъност, ки занону мардон бояд ҳуқуқи баробари тасмимгирӣ ва саҳмгузорӣ дар робита ба манфиатҳои рушд дошта бошанд. Нобаробариҳои гендерӣ суръати умумии пешрафт ва рушди аҳолиро суст мекунад. Новобаста ба он ки зоҳиран рушди иқтисодӣ мушоҳида ҳам шавад, агар баробарии гендерӣ ба ҳисоб гирифта нашавад, рушд падидаи давомдор ва пойдор нахоҳад буд.

Аз нигоҳи гендерӣ, масъалаи бунёдӣ ин аст, ки ҳатто рушди иқтисодӣ ҳам ба мақоми занон дар ҷомеа бетаъсир буда метавонад. Исботи ин мавҷудияти мушкилиҳои марбут ба ҳуқуқи занон ҳатто дар кишварҳои хеле пешрафтаву рушдкарда мебошад.

Гендер масъалаи хеле муҳими рушд аст. Додаҳои ҷаҳонӣ ба нобаробариҳои зиёди гендерӣ ва табъизи (дискриминатсияи) ҷинсӣ ишора менамоянд, ки дар бисёр гӯшаҳои ҷаҳон вуҷуд доранд. Ба таври умум эътироф шудааст, ки бе ҷалби занону духтарон дар ҳаёти ҷомеа мушкилиҳои рушди миллӣ чун камбизоатӣ, маориф ва тандурустиро наметавон ҳал кард ва аз ин рӯ, ба ҳадафҳои рушд наметавон ноил гардид. Азбаски ниҳодҳои сиёсатгузорӣ, ҳуқуқӣ, бозорҳо ва созмонҳоро наметавон дар ин самт ба осонӣ сафарбар кард, ҳадафи 3-юми Ҳадафҳои рушди ҳазорсола масъулияти таъмини баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занонро махсусан бар дӯши ҷомеаи ҷаҳонӣ вомегузорад.

Мувофиқи Гузориши соли 2007-уми Ҳадафҳои рушди ҳазорсола,[112] иштироки занон дар шуғли маошдори ғайрикишоварзӣ суст афзоиш мекунад. Ин ҳолат, махсусан, дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором, ки дар он ҷо занон то андозае дар бозори меҳнат ҳузур доранд, назаррас аст. Ҳарчанд суст бошад ҳам, иштироки сиёсии занон низ меафзояд. Ҳатто дар кишварҳое, ки қаблан танҳо мардон имкон доштанд дар интихоботи сиёсӣ иштирок кунанд, ҳоло занон дар парлумон ҷои нишаст доранд. Вале ин моро хотирҷамъ карда наметавонад. Дар кулл ва аз рӯи фоиз дар ҷаҳон, занон яке аз гурӯҳҳои камбизоаттарин ва аз ҳама бештар маҳруммонда аз маориф, тандурустӣ, беҳдошт ва фаъолиятҳои даромаднок боқӣ мемонанд.

Як ҷузъи масъала набудани равшанӣ ва шаффофият дар ҳамаи сатҳҳои тасмимгирӣ ва амалисозӣ мебошад. Дарк накардани пайванди дутарафаи сиёсатгузории гендерӣ ва ТИК аз ҷониби ҳукуматҳову сиёсатмадорон метавонад ташаккули сиёсатгузориҳои умумии рушде гардад, ки ба гендер хунукназаранд ва ҳамин гуна ниёзҳо, талабот ва хоҳиши занон сарфи назар карда мешаванд. Масалан, шӯъбаи кишоварзӣ метавонад барои кишвар нақшаҳо таҳия намояд, вале гендер дар сиёсатгузорӣ ба шаклу категорияе нисбат дода шавад ва аҳамияти масъалаҳои гендерӣ эҳтимол ба эътибор гирифта нашавад. Барои он ки занон ҳадафи барнома бошанд ва барои он ки дар масъалаҳои гендерӣ натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шаванд, бояд занон ҳамчун гурӯҳи мавриди ҳадаф дар рафти татбиқи ТИК муайян карда шаванд. «Қадами нахустин барои ислоҳи вазъ ҳидоят кардани сиёсатгузорони миллии ТИК мебошад, ки гендерро чун ҷузъи пайвандгари тамоми сиёсатгузориҳои гуногуни ҳукуматҳо қабул ва истифода кунанд».[113]

Ду пешзаминаи асосӣ барои то ҳадди имконпазир ба гурӯҳи бештари занон расонидани манфиатҳои иқтисодии бар ТИК асосёфта дастрасӣ ва ҷалби занон ҳамчун иштироккунандагони ин раванд тавассути пешбурди ташаббусҳое мебошад, ки махсусан онҳоро фаро мегиранд. Дастрасӣ бояд имконпазир ва муассир, дар нисбати занон хайрхоҳ бошад, дар фазои амни ҷисмониву иҷтимоӣ сурат гирад ва барои ҷалби занон дар бахшҳои расмиву ғайрирасмӣ мусоидат кунад. Фарогирии занон маънои онро дорад, ки онҳо дар таҳияи муҳтаво иштироккунандагони фаъол бошанд, донишу таҷрибаи худро ҳамчун асоси такомул истифода баранд ва манфиатҳои иқтисодӣ унсури муҳими фаъолияти онҳо қарор гиранд.

---

[112] DESA, *The Millennium Development Goals Report 2007* (New York, 2007), http://www.un.org/millenniumgoals/pdf/mdg2007.pdf.

[113] Chat Garcia Ramilo in “Information and communication technologies (ICT) and their impact on and use as an instrument for the advancement and empowerment of women”, Report from the online conference conducted by the United Nations Division for the Advancement of Women, prepared by Gillian M. Marcelle, 17 June to 19 July 2002, http://www.un.org/womenwatch/daw/egm/ict2002/reports/Report-online.PDF.

Дар сатҳи инфиродӣ, аз он ҷумла барои ҷалби мустақим ба тиҷорати электронӣ, дастрасӣ ба таълим ва ҳукумати электронӣ, бартараф намудани монеаҳои иҷтимоиву фарҳангие, ки дар роҳи дастрасӣ ба пешрафти иқтисодӣ монеъ мешаванд, ТИК барои занон имкониятҳоеро пешкаш менамояд. Баробари афзудани сатҳи саводу дониши занон, ТИК барои онҳо имкониятҳои корро пешкаш мекунад, ки дар навбати худ, замина барои тавонмандии бештари онҳо ба вуҷуд меорад. Дар сатҳҳои гуногун истифодаи технология ба занон имкон додааст, то барои таъмини ҳуқуқ ва изҳори назари худ тавассути форумҳои нави коммуникатсионӣ ва аз ин роҳ, баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи масъалаҳои занон маъракаҳои таблиғотиро якҷоя ташкил кунанд.

Додаҳо дар мавриди тафовути дастрасӣ ба ТИК дар асоси гендер дар аксари манотиқи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором вуҷуд надоранд. Вале ин чиз аён аст, ки аксари монеаҳое, ки занон ба онҳо барои дастрасӣ ба ТИК рӯ ба рӯ мешаванд, монанд ба дигар монеаҳое мебошанд, ки онҳо барои дастрасӣ ба имкониятҳо дар соҳаи маориф ва ё барои фаъолиятҳои иқтисодӣ бархурд мекунанд. Ҳамаи ин монеаҳо ба бесаводӣ, ноогоҳӣ, камбизоатӣ, норасоии вақт, худнобоварӣ, худкамбинӣ ва омилҳои иҷтимоиву фарҳангие, ки метавонанд пешравӣ ва ангезаи занонро шадидан маҳдуд намоянд, марбут мебошанд. Набудани чунин ангеза метавонад қобилияти занонро барои манфиат бардоштан аз имкониятҳо маҳдуд кунад. Чунин мушкилӣ махсусан он гоҳе чашмрас мегардад, ки агар ба занҳо зарур ояд, то барои дастрасӣ ёфтан ба барномаҳои рушд масофаи муайянеро тай кунанд, ё макони баргузории барнома ноамн бошад, ё худ он дар муҳити аз нигоҳи фарҳангӣ носозгор қарор дошта бошад ва ё ин ки дар вақти номувофиқ сурат гирад.

Ҳамчунин, монеаҳое дар дастрасии технология вуҷуд доранд. Дар ҳоле ки чунин монеаҳо ҳам ба занон ва ҳам ба мардон таъсир мегузоранд, маҳз занони деҳот бештар таъсири манфӣ мебинанд. То ки технология ба тамоми маъноияш таъмин бошад, зарур аст, ки хизматрасониҳои иттилоотиву таъмирӣ барои занон, аз қабили таҷҳизот, зерсохтори мувофиқи коммуникатсионӣ, нерӯи барқ, Интернет ва дастгирии техникӣ низ дастрас бошанд.

Дар роҳи дастрасии занон ба ТИК монеаҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки онҳоро зери се категорияи асосӣ метавон ҷамъбаст кард: аҳамият, мавҷудият ва истифода. Монеаи асосӣ дар роҳи истифодаи ТИК барои занон аҳамиятнок набудани ТИК дар ҳаёти онҳост. «Занон дар истифодаи ТИК вақте бо монеаҳо рӯ ба рӯ мешаванд, ки мӯҳтавои он дар некуаҳволии онҳо аҳамияти мустақим надорад ва вақте ин муҳтаво дониш, маърифат ва таҷрибаи онҳоро ба ҳисоб намегирад. То он даме, ки муҳтавои аз ҷониби ТИК пешкашшуда ба ҳаёти занон таъсири бевосита нарасонад, онҳо зарурату манфиатҳои ТИК-ро дарк нахоҳанд кард. Шумораи зиёди омӯзишҳои илмӣ чунин бозёфтҳоро тасдиқ кардаанд».[114]

Мутобиқи пажӯҳиши Агентии рушди байналмилалии Шветсия (SIDA)[115] як қатор соҳаҳое вуҷуд доранд, ки ТИК дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар онҳо кӯмак кардааст. Вале аксари лоиҳаҳои ТИК ба «камбизоатон» ҳамчун категорияи куллӣ, бидуни таваҷҷуҳи вижа зоҳир кардан ба масъалаҳои занон, тамаркуз кардаанд.[116] Дар натиҷа, занон аз ин лоиҳаҳо манфиат набардоштаанд.

Монеаи дигаре, ки бояд бартараф карда шавад, норасоии дониш дар бораи роҳҳои беҳтари ноил шудан ба манфиатҳои ТИК мебошад. Мисоли маъруфтарини истифодаи бевоситаи ТИК, ки барои ба даст овардан ва таъмин намудани некуаҳволии занон кӯмак расондааст, Телефони Грамини Бангладеш мебошад.[117] Новобаста ба он ки баъзан Телефони Грамин (Grameen Phone) барои истифодаи наслҳои куҳнатари технологияи мобилӣ танқид шудааст, ҳанӯз он дар пайроҳаи нав гом

---

[114] Sophia Huyer and Swati Mitter, *ICTs, Globalization and Poverty Reduction: Gender Dimensions of the Knowledge Society* (Mimeo, 2005), http://unpan1.un.org/intradoc/groups/public/documents/unpan/unpan037351.pdf.

[115] Alan Greenberg, "ICTs for Poverty Alleviation: Basic Tool and Enabling Sector" (Stockholm, Swedish International Development Agency, 2005).

[116] Anita Dighe and Usha Rani Vyasulu Reddi, *Women's Literacy and Information and Communication Technologies: Lessons that Experience has Taught Us* (New Delhi, Commonwealth Educational Media Centre for Asia and Commonwealth of Learning, 2006), p. 33, http://www.cemca.org/CEMCA_Womens_Literacy.pdf.

[117] Телефони деҳаи Телефони Грамин (Grameen Phone's Village Phone - VP) - Лоиҳаи мазкур хадамоти телекоммуникатсияи хона-ба-хонаро ба маҳалҳои деҳнишин дар Бангладеш таъмин менамояд. Ҳар узви банки Грамин, ки собиқаи хуб дар бозпардохти қарзҳо дорад ва ё фарзандону хешовандони саводнокаш ҳаҷ доранд телефони деҳаро (VP) дошта бошанд. Аксарияти операторҳои VP занон мебошанд, ки "хонумҳои телефони деҳа" номида мешаванд. Даромади операторҳо аз пардохт барои мавҷи истифодашуда аз тарафи муштариён гирифта мешавад. Лоиҳа ҳоло 35000 деҳаро дар 61 ноҳия аз 64 ноҳияи кишвар фаро мегирад, ки беш аз 150000 VP-ро дар саросари Бангладеш тақсим кардааст. Лоиҳаҳои ҳамсон дар Ҳиндустон ва Африка аз тарафи созмонҳои маҳаллӣ дар ҳамкорӣ бо телефони Грамин ҷорӣ карда шуданд. Нигаред: NextBillion.net, "Grameen Phone "Village Phone" project", World Resources Institute, http://www.nextbillion.net/archive/Grameen-village-phone-bangladesh.

мегузорад. Алалхусус, вақте ки сухан дар бораи технологияи «нав» ё «куҳна» дар муҳите меравад, ки пеш аз ин чизе ба ин монанд вуҷуд надошт.

Мисоли 14. Кашфи Интернет ва медиаҳои иҷтимоӣ аз таҷрибаи Сафармоҳи муҳоҷир

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон ба яке аз соҳаҳои асосии шуғли инсон мубаддал гаштааст. Таъсис ёфтани муассисаи алоҳидаи давлатӣ бо номи Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (http://migration.tj/) худ гувоҳи он аст, ки рушди чунин соҳа тақозои бозору замон мебошад. Далели дигари чунин тақозо нақши муҳоҷират дар иқтисоди кишвар мебошад. Масалан, мутобиқи маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (http://medt.tj/ru/index/index/pageId/790/), маблағи ба кишвар аз январ то ноябри соли 2012 интиқолшуда ба $3, 292 млрд баробар аст. Маблағи мазкур 48.31% ММД-и кишварро ташкил мекунад. Мутобиқи ҳамон сарчашма зиёда аз 12% муҳоҷирон дар ин муддат занон мебошанд. Афзоиши ҳиссаи занони муҳоҷир дар солҳои охир назаррас гардидааст. Акнун занон бештар аз пештар дар ин раванди зиндагӣ низ фаъолият нишон дода истодаанд. Умед аст, ки чунин тамоюл дар муҳоҷирати меҳнатӣ ба танзими самараноки он ва фарогиртар шудани ҷуғрофияи кишварҳои қабули муҳоҷирон гардад.

Коршиносон нақши муҳоҷиронро дар пешрафти бозори ТИК, алалхусус технологияҳои мобилии алоқа муҳим мешуморанд. Ҳамзамон татбиқи табии технологияҳо дар фаъолияти муҳоҷирон низ назаррас гардидааст. Телефони мобилӣ ҳам пайвандгари муҳоҷирон бо наздиконаш ва ҳам воситаи хуби ҳифзи ҳуқуқи онҳо дар кишварҳои фаъолияти онҳо гардидааст. Медиаҳои иҷтимоӣ ба мисли паёмрасонии фаврӣ (instant messaging), шабакаҳои иҷтимоӣ, скайп ва дигарон рӯз то рӯз васеъ истифода бурда мешаванд. Бешубҳа, ҳадафи ин мисол талқини муҳоҷирати меҳнатӣ нест. Балки нишон додани воқеияти он аст, ки (1) афзоиши ниёз ба истифодаи технологияҳо роҳи беҳтарини омӯзиши онҳост; ва (2) ҷалби фаъолонаи занон ба раванд, чун ҳамеша, манфиати бештар ба ҷомеа меоварад.

Қаҳрамони ин мисол Сафармоҳ, модари се писар, имкони хубе барои омӯзиши компютер дар ватан дошт. Хоҳараш Фариштамоҳ, ки ҳамчун яке аз омӯзгорони пешқадами фанни технологияҳои информатсионии мактаби таҳсилоти умумӣ шинохта шуда буд, борҳо ба Сафармоҳ омӯзонидани нозукиҳои барномаҳои компютериро пешниҳод карда буд. Лек, ҷавоб ҳамеша “не, ба ман чӣ даркор” буд. Мушкилиҳои зиндагӣ Сафармоҳро рӯзе маҷбур намуд, ки ба сафи муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамроҳ шавад. Ӯ, чун бештари ҳамватанонаш, Федератсияи Русияро чун кишвари муҳоҷиррабо ба худ кашф намуд. Рӯзҳои аввали ҳичрат телефони мобилӣ воситаи асосие буд, ки ба дарди фироқи азизонаш мехурд. Пас аз чанд муддате ҳамин ниёз Сафармоҳро маҷбур ба Интернет кафе овард. Ташрифи мунтазам ба ҷаҳони маҷозии Интернет дар заминаи кафеҳо боиси ташаккул ва таҳкими малакаи компютерии ӯ мегашт.
Сафармоҳ, ки акнун моҳияти технологияҳои коммуникатсиониро аз таҷриба омӯхта буд, компютери фардии худро харида, онро ба шабакаи Интернет пайваст намуд. Ду писараш, ки акнун ӯро ҳамроҳӣ мекунанд, компютеру дигар технологияҳои тавассути он дастрасро ҳам барои тамос бо наздиконаш ва ҳам барои таҳсил ҳамчун донишҷӯ истифода мебаранд. Сафармоҳ дар яке аз скайпконфронсе, ки бо коршиносони ватанӣ дошт, гуфт “ману дугонаҳоям чанд муддат аст аз телефонҳои мобилӣ смартфон (телефони мобилии ҳушманд)-ро меписандем. Чунки ин намуди телефон қобилияти пайвастшавии бесим тавассути технологияи вайфай (WiFi)-ро дорад ва имкон медиҳад аз кафеву ошхонаҳо ба шабакаи Интернет ройгон дастрасӣ дошта бошему ниёзи худамонро ба осонӣ қонеъ бигардонем”. Бояд қайд намуд, ки кафеву ошхонаҳои дорои дастрасии интернети ройгони вайфайӣ дар назар аст.

Саволҳо барои баррасӣ дар зергурӯҳҳо:
- Ба андешаи шумо таҷрибаи Сафармоҳ ягона аст ё дар ҷамъияти муҳоҷирони тоҷикистонӣ як чизи муқаррарист?
- Таъсири имконпазири (ҳам мусбат ва ҳам манфӣ) чунин таҷрибаро дар масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа баррасӣ намоед.
- Роҳҳои имконпазири татбиқи имконоти ТИК дар соҳаи муҳоҷират аз нигоҳи шумо.

Муаллифон: Фариштамоҳ Гулова, Асомуддин Атоев

Дар саросари олам кӯшишҳои дигаре ҳам сурат мегиранд, ки ба ниёзҳои занон бевосита вокуниш нишон медиҳанд. Баъзан воситаҳои анъанавӣ роҳи беҳтарини бартараф намудани ин монеа мебошанд. Дар Шри Ланка Бунёди Сият[118] барои занон иттилооти таълимӣ ва роҳҳои даромадро тавассути фурукашии иттилоот аз Интернет, тарҷумаи он ба забони сингалӣ ва бо почта ё факс дар саросарии ҷазира паҳн кардани он таъмин менамояд. Гурӯҳҳои дигари занон, ба монанди Маркази таҳқиқотии занон дар Шри Ланка, ТИК-ро ҳамчун воситае барои таълими занон васеътар истифода мебаранд.[119]

Мисоли 15. Хонуми муждарасон дар Бангладеш

«Хонуми муждарасон» ҷавонзани коромӯхтаи деҳнишин аст, ки бо маҷмӯи ТИК (компютери хурди сайёр, суратгири рақамӣ, телефони мобилӣ, хадамоти радиоии интиқоли бастаи додаҳо (General Packet Radio Service – GPRS), пайвастагӣ ба Интернет, гӯшмонак, веб-камера ва дигар таҷҳизоти сабуке ба мисли дастгоҳи андозагири вазн, дастгоҳи андозагири фишори хун, маҷмӯи воситаҳои озмоиши ҳомиладорӣ, маҷмӯи воситаҳои андозагирии дараҷаи қанд дар хун ва ғайра) аз хонаводаҳои деҳнишин боздид мекунад. Ӯ мушкилиҳои марбут ба некуаҳволии деҳнишинонро гӯш карда, ба онҳо тавассути иттилооти аудио-визуалии қаблан фурукашидашудаи оффлайнӣ дар бораи некуаҳволӣ ба забони банголӣ ва иттилооти бархатии шабакаи ҷаҳонӣ кӯмак мерасонад. Инчунин, хонуми муждарасон метавонад бо коршиносони соҳаи некуаҳволӣ, аз ҷумла табибон, ҳуқуқшиносон ва агрономҳо машваратҳои фосилавӣ баргузор намояд. Зани камбизоате дар деҳае акнун метавонад масъалаҳои худро бо истифода аз ТИК-и муосир баррасӣ намояд ва машварат ҷӯяд. Ин ҳам барои хонуми муждарасон ва ҳам заноне, ки ӯ боздид мекунад, тавонбахшандаву ҳавасмандкунанда аст.

Интихоб шудани занон барои ташаббуси «Хонуми муждарасон» беҳуда нест. Чунки дастрасии онҳо ба хонаводаҳои иртиҷоӣ (консервативӣ) ва шахсони имконияташон маҳдуде, киаз хонаҳои худ берун омада наметавонанд осонтар аст. Бо таъмин намудани дастрасӣ ба ТИК тавассути хонуми муждарасон, бартараф намудани мушкилиҳои бузурги эҷоди зерсохтор ва бесаводии сегонаи одамони деҳнишин (бесаводӣ, бесаводии ТИК ва бесаводии иттилоотӣ) имконпазир аст. Тавассути ин ташаббус, хонуми муждарасон як қатор хизматҳоро пешкаш мекунад. Вай ба одамони камбизоату канормонда дар остонаи дари онҳо бо роҳҳои арзон хизмат мерасонад ва худ низ маблағи муносибе ба даст меорад.

Хонуми муждарасон хизматрасониҳои коммуникатсиониро низ таъмин менамояд. Вай бо истифода аз воситаҳои телефонияи интернетӣ чун скайп одамони деҳнишинро бо хешовандони онҳо дар хорича мепайвандад. Хонуми муждарасон ба занони ҳомиладор хизматрасонии муоинаи тиббӣ мерасонад ва низ онҳоро бо додани тавсияҳои парҳезӣ ҳангоми ҳомиладорӣ роҳнамоӣ мекунад. Ӯ ба занони деҳнишин маводи зидди ҳамл ва дастпокҳои гигиениро таъмин менамояд; заноне, ки ҳаргиз барои харидани чунин молҳо ба бозор нарафтаанд. Тавассути хизматрасониҳое, ки хонуми муждарасон таъмин мекунад ва молҳое, ки ӯ мефурӯшад, ӯ қодир аст барои худ даромади хуби доимӣ ва пойдор ба даст орад. Баробари васеъ кардани силсилаи хизматрасониҳое, ки ӯ пешкаш менамояд, ӯ низ қодир аст даромади худро афзоиш диҳад.

Ин модели амалии камхарҷ, вале ҳаётан муҳими бо ҳам пайвастани одамони деҳнишин ва мусоидат намудан ба эҷоди шабакаҳои дониш дар деҳоти Бангладеш мебошад. Ҳамзамон, он ба занони коромӯхтаи деҳнишин имконияти нави худшуғлиро бар асоси технологияҳо пешкаш менамояд.

Ташаббуси хонуми муждарасон талоши сеҷонибаро металабад. Ҷонибҳо инҳоянд: (1) муассисаи пешбар (D.Net); (2) марказҳои (ҳабҳои) маҳаллӣ ва (3) хонумҳои муждарасон.

Сарчашмаҳо: *Pallitathya, http://www.pallitathya.org.bd; (бознигарии лоиҳа аз ҷониби муаллиф)*

Ин мисоли омӯзишӣ нишон медиҳад, ки дастрасӣ ба ТИК дар маконҳои ба занон созгору бехатар метавонад дар эҷоди муҳите саҳм гузорад, ки дар он ТИК ба воситаи тавонмандсоз табдил ёфта, таъсири мусбат расонад.

---

118 Нигаред: Siyath Foundation, http://www.siyath.org/portal/.

119 UNDP, *Regional Human Development Report – Promoting ICT for Human Development in Asia*, p. 137. (Ба поварақи 91 нигаред).

Дар сурати дастрасии занон ба ТИК тавонмандсозии онҳо тавассути воситаҳои навгун низ имконпазир аст. Афзоиши фаъолияти занон дар доираҳои иқтисодӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ТИК барои занон имкониятҳои нави иқтисодиро низ эҷод кардааст. Инро метавон, махсусан, дар кишварҳое чун Ҳиндустон ва Филиппин мушоҳида кард, ки занҳо марказҳои коркарди зангҳо ва зангҳои кӯмакро дар бахши хадамоти корои технологияи иттилоотӣ идора мекунанд.

Имкониятҳои иқтисодии корои ТИК, ба монанди кори фосилавӣ ва тиҷорати электронӣ, ба занон имкон фароҳам меорад, то аз хона истода кор кунанд ва аз ҳамин роҳ, уҳдадориҳои оилавиву кории худро беҳтар ва баробар иҷро кунанд. Муваффақияти занҳо бо тарҳрезӣ, амалӣ ва идора шудани чунин имкониятҳо аз ҷониби занон афзоиш меёбад ва инро метавон дар мисоли кадбонуҳои электронӣ дар Малайзия мушоҳида кард.

Мисоли 16. Салаам Ванита (Salaam Wanita)

Салаам Ванита ташаббуси шабакаи пешсафи кадбонуҳои электронии Малайзия ва ҷомеаи бархатиест, ки аз ҷониби кадбонуҳо амалӣ ва идора мешавад. Новобаста ба он ки онҳо «гурӯҳи аз нигоҳи рақамӣ камимтиёз» дониста мешуданд, ҳанӯз аз соли 1998 мехостанд тавассути истифодаи ТИК дар хона истода соҳиби кор шаванд. Сароғоз, кадбонуҳои электронӣ асосан ба ниёзҳои занони Малайзия, ки ба қишрҳои миёна ва камдаромад тааллуқ доштанд, вокуниш нишон медоданд. Ин гурӯҳи занони ниёзманд мехостанд дар хона истода, кӯдакони худро нигоҳубин кунанд ва дар айни ҳол ниёзҳои иқтисодии худро ба таври худкифо рафъ кунанд. Бештари корҳои пешакии банақшагирӣ, тарҳрезӣ ва амалисозии кӯшишҳо аз ҷониби занони ихтиёрие иҷро мешуданд, ки ниёзҳои монанд доштанд. Дар муддати чанд соли кӯтоҳ, кадбонуҳои электронӣ ҳам ба муваффақияти молиявӣ ва ҳам ба эътибору эътироф ноил шуданд.

Тасвири 17. Намунаи сабадҳое, ки маҳсули эҷоди кадбонуҳои Салаам Ванита мебошанд

Сарчашма: *Just Marketing Eco-Basket Project, http://www.justmarketing.info/index.asp?p=/static/photo-galleryexhibitions. html.*

Пас аз гирифтани гранти ҳукуматӣ, лоиҳаи озмоишие бо унвони «Салаам Ванита» барои ҳалли ниёзҳои занони камбизоат оғоз гардид, ки дар байни онҳо гурӯҳҳои осебпазире чун таҳқирдидагон, маъюбон, беморони музмин, модарони танҳо ва бевазанон буданд. Соли 2002 тақрибан 200 узви Салаам Ванита оид ба истифодаи компютерҳо ва Интернет дар даври асосии таълим ширкат варзиданд. Сипас, барои баъзеи онҳо компютерҳои истифодашуда харидорӣ шуд, то онҳо ҷиҳати ба даст овардани даромад ва худкифо шудани худ маҳоратҳои нави худро истифода бурда тавонанд.

Бо густариши дастрасӣ барои онҳое, ки ба алтернативаҳои ба ТИ асосёфта дастрасӣ надоштанд, давраи омӯзиши маҳоратҳое чун бофтани сабадҳову пухтани кулчақандҳо то соли 2003 тамдид карда шуд. Кадбонуҳои электронӣ ба иштироккунандагони лоиҳаи Салаам Ванита барои дарёфти фармоишҳои истеҳсоли маҳсулот аз бисёр ширкатҳои хусусӣ кӯмак карданд.

Ба наздикӣ дархости кӯмак дар вебсафҳаи онҳо чил дастгоҳи телефонӣ овард, ки ба аъзои Салаам Ванита тақсим карда шуд. Тавассути хадамоти ба Интернет пайвастшуда, занон барои анҷом додани фармоишҳо паёмакҳо мегиранд (SMS), ки вақт, нерӯ ва албатта маблағи онҳоро сарфа мекунад. Баробари омода шудани маҳсулот, онҳо ба фармоишгарон паёмаки ҷавобӣ мефиристанд, то ки омада маҳсулотро баранд.

Ғайр аз таълиму такмили маҳорат, занон аз бозомӯзӣ (тренинг) дар мавриди идоракунии бизнес низ бархурдор мешаванд, ки ҳисоби хароҷоти маҳсулоти онҳо ва муомилаҳои молиявиро дар бар мегирад. Ин гуна бозомӯзӣ ба занон фаҳмиши хубтари тарзи ташкили соҳибкории хурдро таъмин намудааст. Аз марҳилаи оғозӣ, дусад зан дар чорчӯбаи ин лоиҳаи озмоишӣ омӯзонида шуданд, ки аксари онҳо то андозае аз нигоҳи иҷтимоиву иқтисодӣ нодор буда, аз ҳеҷ ҷонибе дастгирӣ намедиданд ва бештари маврид ба оилаҳои барканормонда ва таркшуда тааллуқ доштанд. Вале таъсиси тамосҳои корӣ тавассути кадбонуҳои электронӣ ҳаёти ҳамбастагони (аъзои) онро беҳтар карда, дар онҳо худбовариро ба вуҷуд овард.

Сарчашмаҳо: *Rukmini Vemraju, "Empowering Homemakers to Become Homepreneurs: eHomemakers Malaysia", EduComm Asia: A Quarterly of the Commonwealth Educational Media Centre for Asia, Vol. 11, No. 3 (March 2006), pp. 9-11, http://www.cemca.org/newsletter/mar2006/mar2006.pdf; and JustMarketing, "JustMarketing: Salaam Wanita Project", Corpcom Services Sdn. Bhd., http://www.justmarketing.info.*

ТИК, инчунин, метавонад ба иштироки занон дар корҳои ҳукумативу сиёсӣ тавассути таъмини платформаи коммуникатсионӣ барои мубодила ва изҳори ақидаҳо, ба ҳам овардани манфиатҳо ва барои диққати пешвоёни сиёсиро махсусан ба масъалаҳои занон ҷалб кардан кӯмак расонад. Гурӯҳҳои тарғиботии занон барои таъсиси тамосҳои корӣ ва бо ҳамдигар пайвастан ва барои сафарбар кардани афкори ҷомеа ТИК-ро метавонанд ба таври муассир истифода баранд.

Маркази омӯзиши занон[120], ки истифодаи ТИК-ро аз ҷониби занон дар Шри Ланка назорат менамояд, гузориш додааст, ки таъсис ва тақвияти тамосҳои шабакавӣ яке аз натиҷаҳои амалӣ ва муфиди дастрасӣ ба ТИК будааст. Ҳарчӣ бештару беҳтар занони ҷомеаи аз нифоқ парокандашудаи Шри Ланка бо чунин гурӯҳҳову фаъолони байналмилалӣ дар саросари ҷаҳон пайваст гардидаанд.

Дигар талоши пешгом Барномаи дастгирии шабакасозии занони Ассотсиатсияи коммуникатсияҳои пешқадам мебошад.[121] Ин Барнома Методологияи арзёбии гендериро[122] қабул кард, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф шудааст. Ин методология масъалаҳои гендериро дар лоиҳаҳои рушд ворид карда, чигунагии иҷроиши ин масъалаҳоро тавассути ин лоиҳаҳо арзёбӣ мекунад.

Тасвири 18. Пешвозанони бумии Созмони мардуми бумӣ дар Боливия

Тавзеҳ: Пешвозанони бумии Созмони мардуми бумӣ дар Боливия барои афзудани иштироки худ дар рӯйкардҳои таблиғотиву тасмимгирӣ дар даври бозомӯзии ТИК иштирок мекунанд.

Сарчашма: *IICD, "Gender: Africa and Latin America", (Amsterdam, IICD, February 2009).*

Ба ҳар сурат, мушкилиҳо вуҷуд доранд. Муносибатҳои иҷтимоиву фарҳангӣ чунон жарф реша давондаанд ва аксарияти занони минтақаҳои деҳот аз таълим ва маҳоратҳои воситаҳои некуаҳволӣ маҳруманд, ки тасаввурнашаванда аст, онҳо чӣ гуна метавонанд ба таври пурра тавоной ва имкониятҳои ТИК-ро истифода баранд. Барои мардуми ғайрианглис надонистани забони англисӣ боз як мушкилии дигар аст, дар баробари он ки ба моҳияти муҳтаво ва нармафзори бастабандишуда ба осонӣ сарфаҳм намераванд, онҳо малакаҳои ногузири истифодаи ТИК-ро балад нестанд. Гузашта аз ин, дастрас ва камхарҷ набудани сахтафзори ТИК харидории онҳоро душвортар менамояд.

---

120 Ба http://www.cenwor.lk нигаред.
121 Нигаред: http://www.apcwomen.org/en/about_wnsp.
122 Нигаред: http://www.apcwomen.org/gem.

Агар нақшофарон ва тасмимгирандагони асосии сиёсатгузории миллӣ ва амалисозии ТИК масъалаҳои гендер ва занонро дар барномаҳои худ ба ҳисоб нагиранд, истифодаи ТИК аз ҷониби занон маҳдуду нокофӣ ва дарёфти баробарии гендерӣ ниҳоят мушкил хоҳад монд. Барои ин, занонро на танҳо чун як қисми ҷомеаи аз хадамот бархурдоршаванда, балки пеш аз ҳама, чун гурӯҳи алоҳидаи мавриди ҳадаф бояд қабул кард.

Ҷавонон дар амал 5. HARASSmap

HARASSmap, ки аз ҷониби гурӯҳи ихтиёриёни ҷавон эҷод ва пуштибонӣ мешавад, системаи паёмакҳо (SMS) барои гузориши ҳодисаҳои таҳқири ҷинсӣ дар Миср мебошад. Ин восита ба занон имкон фароҳам меорад, то бо истифода аз паёми соддаи матнӣ чунин таҳқири ҷинсиро, ки дар нисбати онҳо ё дигарон воқеъ меафтад, гузориш диҳанд. Харитасозии гузоришҳои паёмак дар вебсафҳаи ҷамъиятӣ, ки макон ва тафсилоти таҳқирҳои ҷинсиро нишон медиҳад, дараҷаи мушкилиро дар Харитаи бархатӣ ҳуҷҷатгузорӣ мекунад. HARASSmap минтақаҳои хатарнокро барои афзудани ҳузури полис дар ин минтақаҳо махсус нишон хоҳад дод. Системаи кӯмаки иттилоотӣ ва роҳнамоии HARASSmap ба ҷабрдидаи таҳқир номгӯйи хизматрасониҳоро таъмин менамояд. Лоиҳаҳои дигар фаъолиятҳои кӯмаки ҷамоавӣ, огоҳшавӣ тавассути расонаҳои иҷтимоӣ ва таъсиси маъракаҳои блоггинг бар зидди таҳқири ҷинсиро дар бар мегиранд. Системаи HARASSmap воситаи тарғиботӣ, пешгирӣ ва вокуниш ба таҳқири ҷинсӣ буда, шиддату густариши мушкилӣ ва пешниҳоди вокунишҳои фаъолонаро таъкид менамояд.

Сарчашмаҳо: *HARASSmap, http://harassmap.org ва World Summit Youth Award, "Harassmap", http://www.youthaward.org/winners/harassmap.*

Ҷавонон дар амал 6. NextDrop

NextDrop лоиҳаест, ки аз ҷониби гурӯҳи донишҷӯёни Иёлоти Муттаҳида таҳия шуда, ба мушкилиҳои оби тавассути лӯла таъминшаванда дар Ҳиндустон вокуниш нишон медиҳад. Ин сарчашмаи об обро ҳамагӣ дар давоми якчанд соат таъмин мекунад. Дар натиҷа, хонаводаҳои камбизоат ва махсусан занон, ки барои ҷамъоварии об масъуланд, вақти зиёди худро дар интизории омадани об аз даст медиҳанд. NextDrop барои таъмин намудани иттилооти дақиқ дар бораи мавҷудияти об телефонҳои мобилии ҳозир дар ҳама ҷои Ҳиндустон ва вобастагии кравдсорсинг (ҳашар)-ро истифода мебарад. NextDrop маълумотро дар бораи об аз кормандони иншоотҳои коммуналӣ ва истиқоматкунандагон мегирад. Иштироккунандагони ин хизматрасонӣ бар ивази занг задан ба системаи NextDrop ва дар бораи ҷоришавии об дар манзилҳои онҳо маълумот додан музди хурд низ ба даст меоранд. NextDrop ин маълумотро тафтиш карда, сипас, ба муштариёни наздик мефиристад.

Нигаред: NextDrop, http://nextdrop.org.

3.4 Истифодаи ТИК дар соҳаи тандурустӣ

Се ҳадафи рушди ҳазорсола бевосита ба масъалаҳои тандурустӣ дар байни камбизоатон бахшида шудаанд. Ҳадафҳои дигари Ҳадафҳои рушди ҳазорсола низ дар соҳаи тандурустӣ муҳиманд, дар сурате ки мо наметавонем дар байни камбизоатӣ, маориф, гендер ва тандурустӣ фарқиятҳои ҷиддӣ бубинем. Дар ҳақиқат, онҳо бо якдигар сахт алоқаманд мебошанд. Бинобар ин, тандурустиро дар алоҳидагӣ аз ҳадафҳои дигар баррасӣ кардан душвор аст. Вале ҷудо кардани он барои фаҳмидани ҷонибҳои гуногуни манфиатдор ва шаклҳои мухталифи истифодабарии ТИК дар соҳаи тандурустӣ низ зарур мебошад.

Дар бахши тандурустӣ ҷонибҳои асосии манфиатдорро, ки ба дастгирии қатъии ТИК ниёз доранд, ба ду гурӯҳ метавон дастабандӣ кард. Гурӯҳи якум аз мардуми оддие иборат аст, ки ба хизматрасонии тиббӣ ниёз доранд, махсусан, одамоне, ки дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои тиббӣ ва ё иттилооти тиббӣ маҳдуд аст. Ин гурӯҳ одамони камбизоат ва осебпазир, пеш аз ҳама, ҷабрдидагони офатҳову низоъҳо ва маъюбонро дар бар мегирад. Ба ибораи кӯтоҳ, категорияи нахустини баҳрабарандагони хизматрасонии тиббии бо ТИК пуштибонишуда онҳоеро дар бар мегирад, ки хизматрасонӣ барои онҳо таъйин шудаанд. Дувумин гурӯҳи асосии ҷонибҳои манфиатдор дастраскунандагони хадамоти тиббиро дар бар мегирад, ки аз сиёсатмадорону мансабдорони ҳукуматии соҳаи тандурустӣ,

кормандони касбии соҳаи тандурустӣ ба мисли табибон, ҳамшираҳои шафқат, парасторони беморон дар сатҳи кӯмаки аввалия, пажӯҳишгарон ва мудирони бахши тандурустӣ таркиб ёфтааст.

Барои гурӯҳи якум, мудохилаҳои ТИК метавонанд мустақим бошанд, ки беморро бо хадамоти тахассусии тиббӣ мепайванданд. Барои гурӯҳи дувуми ҷонибҳои манфиатдор, мудохилаҳои ТИК метавонанд бавосита ва ё ёрирасон, яъне тавассути эҷоди системаҳои назорати вазъи тандурустӣ ё таълими пайвастаи тиббӣ бошанд.

«Системаи электронии тандурустӣ» истилоҳи фарогир мебошад, ки ҳамаи ҷанбаҳои истифодаи ТИК-ро дар хизматрасонии тиббӣ дар бар мегирад. Системаи электронии тандурустӣ телетиб, ки дар он маслиҳат ё машварати тиббӣ ба воситаи моҳвораҳо дар фосилаҳои тӯлонӣ таъмин карда мешавад, шабакаи фарохнавор, радио, телефон ё дигар технологияҳои коммуникатсиониро дар бар мегирад. Ин татбиқи муқаррараи гузоришшавандаи ТИК дар тандурустист. Бештари вақт телетиб барои бо мутахассисони тиббии шаҳр пайвастани беморони деҳот ва ҷамоаҳои дурдаст истифода мешавад. Бартарии изофӣ ин аст, ки ҳоло барои мусоидат намудан ба ташхису табобат сабт кардан ва интиқол додани додаҳои муолиҷавӣ (клиникӣ) аз сарчашмаҳои зиёд имконпазир аст.

Як шакли телетиб видеоконфронси интерактивие мебошад, ки табибону беморони воқеъ дар маконҳои гуногун метавонанд бо ҳам машварат кунанд. Вебкамерае дар ҳуҷраи муоина ба табиб имкон медиҳад, ки беморро ба мутахассиси воқеъ дар ягон ҷои дигар шинос намояд ва бо ин роҳ хароҷоти бурдани беморро ба назди мутахассис ва ё хароҷоти сафари мутахассисро ба маконҳои дурдаст хеле коҳиш медиҳад. Дар ҳоле ки норасоии шадиди пизишкон ҷой дорад, ин имконият дастрасиро ба хизматрасониҳои тиббӣ низ васеъ менамояд.

Покистон системаи телетибро аз соли 1998[123] ин ҷониб истифода мебарад. Ин система методи «сабту фирист»-ро истифода мебарад ва тавассути он иттилооти тиббии бемор дар макони зист ҷамъоварӣ (сабт) ва сипас, ба табиби соҳибтахассусе дар ягон гӯшаи ҷаҳон интиқол дода мешавад (фирист); дар ин гуна система вокуниш тақрибан дар давоми 24-48 соат сурат мегирад.

Тайланд[124] яке аз кишварҳои дигари минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором мебошад, ки низ системаҳои телетибро инкишоф додааст. Шабакаи иттилоотии Фароавруосиё 2 дар саросари минтақа дармонгоҳҳоеро бо ҳам мепайвандад, ки то Австралия, Чин, Индонезия, Ҷопон, Ҷумҳурии Корея, Малайзия, Филиппин, Сингапур, Тайланд ва Ветнам тӯл мекашад ва ҷомеаи ҷаҳонии беш аз 30 миллион корбарро дастгирӣ менамояд.[125] Дар Афғонистон, ҳамкории навгунаи бахши давлативу хусусӣ ба минтақаҳои дурдаст хадамоти телетибро таъмин менамояд (ба Мисоли 17 нигаред).

Мисоли 17. Телетиб дар Афғонистон

Рӯшан, оператори телекоммуникатисонӣ дар Афғонистон, нахустин чорасозии телетибро дар минтақаҳои берун аз Кобул барои фарогирии дармонгоҳҳои музофотӣ густариш дода истодааст. Бемористони музофоти Бомиён нахустин муассисаи тиббии музофотие хоҳад буд, ки ба лоиҳаи навгунаи телетиб мепайвандад. Ин бемористон технологияи фарохнавор, видеоконфронси бесим ва интиқоли тасвирҳои рақамиро барои дастрасӣ ба ташхиси тахассусии тандурустӣ, муолиҷа ва омӯзиши тахассусӣ аз хориҷа дар тӯли вақти воқеӣ истифода мебарад.

Барои амалӣ кардани ин лоиҳа Рӯшан бо як қатор пешравони технология дар минтақа, чун Cisco, Ҳукумати Афғонистон, Дармонгоҳи Донишгоҳи Оғохон дар Карочӣ (Aga Khan University Hospital – AKUH), Институти тиббии Фаронса барои кӯдакон (French Medical Institute for Children - FMIC), Хизматрасонии тандурустии Оғохон, Дармонгоҳи музофоти Бомиён ва дигарон ҳамкорӣ мекунад. Лоиҳа аз соли 2007 шурӯъ шуда, то ба ҳол FMIC (Кобул) ва AKUH (Карочӣ)-ро бо ҳам пайвастааст. Дар ин марказҳо пизишкон ба силсилаи васеи рентгенологии аз ҷониби AKUH таъминшаванда дастрасӣ доранд.

[123] TelmedPak, http://www.telmedpak.com/.
[124] PubMed, “The Ministry of Public Health Telemedicine Network of Thailand”, National Center for Biotechnology Information, http://www.ncbi.nlm.nih.gov/pubmed/11311665.
[125] DANTE Ltd., “TEIN2”, http://www.tein2.net.

Воситаҳои истифодашаванда имконияти дар вақти воқеӣ барои арзёбӣ фиристодани навори рентгенӣ, ташхиси ултрасадоӣ ва топографияи компютериро дар бар мегиранд. Технология инчунин барои омӯзиши электронӣ ва таълим тавассути видеоконфронс имкон фароҳам меорад. Хизматрасониҳои аввалияи таъминшаванда теле-рентгенология, интиқоли электронии наворҳои рентгенологии бемор мебошанд. Ба ҳисоби миёна 40 мавриди теле-рентгенология дар як моҳ миёни FMIC ва AKUH арзёбӣ шуда, омӯзиши давомдор барои эҷоди тавонмандии кормандони касбии соҳаи тиб таъмин гардидааст. Қобилиятҳои телетиб тадриҷан ба дигар минтақаҳои деҳотии Афғонистон густариш ёфта, истифодаи смартфонҳову дигар таҷҳизоти дастиро дар бар хоҳанд гирифт ва ба хадамоту амалиёти мухталиф, аз ҷумла арзёбии намунаи порчаи бастабандӣ ва иҷрои бархатии амалиётҳои тиббиву ҷарроҳӣ, вокуниш нишон хоҳанд дод.

«Ин лоиҳа на танҳо ҳамкории байни ширкатҳову муассисаҳои ҷалбшуда, балки низ ҳамкориҳо дар байни Афғонистон ва Покистон барои қонеъ кардани ниёзҳои минтақавӣ ба хизматрасониҳои тиббиро муаррифӣ менамояд» - мегӯяд Фирӯз Расул, президенти Донишгоҳи Оғохон. «Телетиб ташхиси тандурустӣ ва таълими мутахассисони касбии соҳаи тандурустиро якбора вусъат хоҳад дод, ки барои мардуми Афғонистон дастрас хоҳанд буд ва ба дармонгоҳҳои саросари кишвар дар истифода бурдани коршиносии тиббии дараҷаи ҷаҳонии AKUH имкон фароҳам хоҳад овард».

Сарчашмаҳо: *Wireless Healthcare, "Roshan And Cisco To Take Telemedicine to Afghanistan", 21 June 2007, http://www.wirelesshealthcare.co.uk/wh/news/wk25-07-0001.htm; ва Medpedia, "Telemedicine", http://wiki.medpedia.com/Telemedicine.*

Гузорише, ки лоиҳаҳои гуногуни бевоситаи телетибро дар якчанд кишвари минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором[126] тавсиф медиҳад, нишон медиҳад, ки ташаббусҳое чун HealthNet дар Непал[127], системаи сайёри (мобилии) телетиб бо пайвастагиҳои чандкоммуникатсионӣ барои минтақаҳои шаҳру деҳоти Индонезия ва ғайра вуҷуд доранд.

Корбурди бевоситаи ТИК, ки табибонро бо беморони камбизоати минтақаҳои деҳот барои таъмин намудани хизматрасониҳои баландсифати тиббӣ мепайванданд, метавонанд ба хизматрасониҳои тандурустӣ ва саломатии аҳолӣ дар кишвар таъсири мусбат расонанд. Истифодаи ТИК барои такмил додани сифати таълими тиббӣ ва идоракунии маъмурияти хизматрасонии тиббӣ аҳамияти баробар доранд, чунки онҳо ба таъмини хизматрасониҳои тандурустӣ мусоидат мекунанд. Дар биёр кишварҳои дар ҳоли рушд норасоии шумораи зиёди кормандони касбии соҳаи тиб, аз ҷумла омӯзгорони соҳаи тиб барои дармонгоҳҳои наздидонишгоҳӣ вуҷуд дорад. Дастрасӣ ба адабиёти муҳими тиббӣ ҳам барои донишҷӯёни тиббӣ ва ҳам кормандони соҳаи тиб, ки тавассути таълиму омӯзиши давомдори тиббӣ бояд аз пешрафтҳои охирин огоҳ бошанд, маҳдуд аст. Барои ин ниёзҳоро қонеъ кардан ТИК нақши асосӣ мебозад. Масалан, ташаббусе, ки аз ҷониби пизишки ҷавоне дар Ҳиндустон иқдом шудааст, ба корбарони зиёде аз миёни донишҷӯёни тиббӣ, табибон ва мутахассисони касбии соҳаи тиб мӯҳтавои тиббиеро дар формати бисёррасонаӣ тариқи бархативу оффлайнӣ таъмин менамояд.[128] Шабакаҳои ҷаҳонӣ дастрасиро ба маҷаллаҳои тиббиву китобхонаҳои васеи онлайнӣ ё ройгон ё бо пардохти хеле ками ҳаққи обуна таъмин мекунанд. Веб-портали аз ҷониби Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (WHO) пуштибонишуда, ки Дастрасии байнишабакавии тандурустӣ ба ташаббуси пажӯҳишӣ (Health Inter-Network Access to Research Initiative - HINARI) номида шудааст, талоши умумиҷаҳоние барои дастгирии кормандони касбӣ ва сиёсатгузорони соҳаи тандурустӣ дар саросари олам мебошад (ба Мисоли 18 нигаред).

[126] Michael Dougherty, *Exploring New Modalities: Experiences with Information and Communications Technology Interventions in the Asia-Pacific Region - A Review and Analysis of the Pan-Asia ICT R&D Grants Programme* (Bangkok, UNDP-APDIP, 2006), pp. 121-140, http://www.unapcict.org/ecohub/resources/exploring-new-modalities.

[127] Institute of Medicine, Kathmandu, Nepal, "HealthNet Nepal", http://www.healthnet.org.np/?p=profile.

[128] MEdRC EduTech Ltd., "SmarTeach", http://www.smarteach.com.

Мисоли 18. Дастрасии байнишабакавии тандурустӣ ба ташаббуси пажӯҳишӣ

HINARI, ки дар якҷоягӣ аз тарафи Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ва чопхонаҳои бузург таъсис ёфтааст, ба кишварҳои дар ҳоли рушд имкон фароҳам меорад, то ба яке аз маҷмӯаҳои бузургтарини адабиёти биотиббиву тандурустӣ дар олам дастрасӣ пайдо кунанд. Ҳоло беш аз 8500 номгӯи маҷаллаҳо ба муассисаҳои тандурустии 133 кишвар дастрасанд, ки аз онҳо ҳазорҳо корманд ва пажӯҳишгари соҳаи тандурустӣ манфиат бардошта, дар навбати худ, ба такмили соҳаи тандурустӣ дар саросари ҷаҳон саҳм мегузоранд.

Тасвири 19. Муассисаҳои дар чорчӯбаи HINARI ба қайд гирифташуда



Сарчашма: *Hinari, http://www.who.int/hinari/en/.*

Ин шабака соли 2000 аз ҷониби Дабири Кулли Созмони Милал ба кор шурӯъ карда ва аз ҷониби Созмони ҷаҳонии тандурустӣ роҳнамой мешавад. Шабака шарикони давлативу хусусиро барои таъмин намудани дастрасии баробар ба иттилооти тиббӣ муттаҳид кардааст. HINARI барои пӯшондани холигоҳи рақамӣ дар соҳаи тандурустӣ эҷод шудааст. Он айни ҳол дар дастрасии васеъ қарор дошта, аз ҷониби кормандони касбӣ, пажӯҳишгарон ва сиёсатгузорон самаранок истифода бурда мешавад.

Сарчашма: *WHO, "HINARI Access to Research Initiative", http://www.who.int/hinari.*

Талошҳои ҳамсон барои муосирсозии дармонгоҳ ва маъмурияти соҳаи тандурустӣ ба таҳияи як силсила нармафзорҳои маъмурияти соҳаи тандурустӣ ноил гардиданд. Ин нармафзорҳо бештар аз ҷониби дармонгоҳҳои корпоративии хусусӣ таҳия шудаанд, ки дар ин соҳа пешсафанд. Ин системаи идоракунии иттилоот имкон медиҳад, ки додаҳои бемор дар шӯъбаҳои инфиродӣ сабту гузориш ёфта ва сипас барои идоракунии самаранок ба системаи бархатии шабакаи дохилӣ ҳамроҳ карда шаванд. Системаҳои тандурустӣ дар бисёр кишварҳои камбизоаттарини минтақа аз кӯшишҳои муосирсозӣ дур монда, ҳанӯз ба монеаҳое чун норасоии маблағгузорӣ, зерсохтор ва бюрократияи бераҳмона гирифтор ҳастанд.

Системаҳои қатъии назорат бар асоси ТИК барои пешгирӣ, гузоришдиҳӣ ва мониторинги бемориҳое чун ВНМО/БПНМ, малярия, сил ва махав (ҷузом) дар чанд кишвари Осиё вуҷуд доранд.[129]

Намунаи бештар зикршуда Хадамоти эпидемиологии Осиёи Марказӣ мебошад.[130] Мавҷудияти чунин системаҳо имкон фароҳам овардааст, ки муассисаҳои байналмилаливу ҳукуматҳои миллӣ хуруҷи бемориҳоро фаротар аз сарҳадҳои миллӣ назорат кунанд. Масалан, ҳалли масъалаҳои муолиҷа ва муборизa бар зидди бемориҳои зудпаҳншавандае ба монанди синдроми шадиди роҳҳои нафас ё SARS (severe acute respiratory syndrome) ва зукоми парранда танҳо бо системаҳои назорати тандурустии бар ТИК асосёфта имконпазир буданд.

Новобаста ба ҳамаи ин, шумораи баробари кишварҳои Осиё аз зерсохтори асосӣ барои пуштибонӣ кардани истифодаи ТИК маҳруманд. Дар натиҷа, густариш ва истифодаи ТИК дар соҳаи тандурустӣ ҳанӯз дар марҳилаи зуҳур ё ибтидоӣ қарор дорад. То даме ки сармоягузориҳо ба зерсохтори ТИК ва дастрасӣ барои тақвият додани системаи пуштибонии тандурустӣ амалӣ нагардад, ҳадди аксар истифода бурдани потенсиали ТИК дар соҳаи тандурустӣ орзуе беш нахоҳад буд.

Ҷавонон дар амал 7. Системаи назорати фосилавии бемор

Ҷавонони покистонӣ бо мақсади такмил додани ҳифзи сиҳатии модарон дар минтақаҳои дурдаст ба таҳияи Системаи назорати фосилавии бемор бо истифода аз ТИК машғул шуданд. Ин системаи камхарҷи назорати бемор буда, барои коҳиш додани суръати изтиробангези марги модару кӯдак ба занони деҳнишини Покистон дастгирии тасмимгириро дар макони ғамхории тиббӣ таъмин менамояд. Система додаҳои физиологии занони обистанро бо истифода аз сенсорҳои тиббии дар бадан насбшуда ҷамъоварӣ намуда, онҳоро тавассути телефонҳои мобилӣ ба интернет-сервери фосилавии дармонгоҳи асосӣ интиқол медиҳад. Додаҳо дар пойгоҳи додаҳои электронии тиббӣ сабт мешаванд ва барои таҳқиқ кардани зуҳуроти ғайримуқаррарӣ системаи дастгирии тасмимгирии оқилонаи клиникӣ имкон фароҳам меорад. Мушовири тиббӣ метавонад аз смартфони худ ба натиҷаҳои бадастомада дастрасӣ пайдо карда, дар бораи бемор хулосаи тахассусӣ барорад.

Сарчашмаҳо: *Remote Patient Monitoring System with Focus on Antenatal Care, http://rpms.nexginrc.org/index.aspx; and World Summit Youth Award, "Remote Patient Monitoring System with Focus on Antenatal Care", http://www.youthaward.org/winners/remote-patient-monitoring-system-focus-antenatal-care.*

Нуктаҳои муҳим барои ёддошт:

- Чаҳор бахши асосӣ, яъне паст кардани сатҳи камбизоатӣ, маориф, гендер ва тандурустӣ бо ҳам вобастагии хеле наздик доранд.

- Ду роҳе вуҷуд дорад, ки дар он ТИК барои барномаҳои рушд ҳарчӣ бештар истифода мешаванд, яъне роҳи рушди ТИК (идорашаванда) эҷодкарда ва роҳи рушди бо ТИК дастгиришаванда.

- Роҳҳои татбиқи ТИК дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди деҳот бештар марбут ба дастрасии бевоситаи мардуми камбизоат ба бозор ва иттилоот дар бораи обу ҳаво ва ҳамчунин таъмини дастгирии иттилоотии хизматрасониҳои пажӯҳишиву машвараті мебошанд.

- Системаҳои идоракунии иттилоот ба ҳукумат дар ҷиҳати амалисозии лоиҳа барои самаранок ва таъсирбахш кардани хизматрасониҳои асосӣ кӯмак менамоянд.

---

[129] UNDP, *Regional Human Development Report – Promoting ICT for Human Development in Asia*.

[130] Ин яке аз таҷрибаҳои аввалин дар истифодаи ТИК дар бахши тандурустӣ мебошад, ки дар бисёре аз гузоришҳо иқтибос шудааст. Лоиҳа соли 1995 оғоз шуд ва аз адабиёти мавҷуда маълум нест, ки оё он ҳанӯз идома дорад ё не. Ҳамчунин, маълум нест, ки чанд кишвар дар ин лоиҳа иштирок мекунанд. Баъзе холигоҳҳо мавҷуд буданд, ки на аз самтгирии иҷтимоиву техникӣ балки аз аҳамияти васеи техникӣ реша мегирифтанд. Таҳлили муфассали лоиҳа ҳоло бо ин нишонӣ дастрас аст: Valeriya Krasnikova and Richard Heeks, "eHealth Case Study No. 7: Design-Reality Gaps - Computerizing a Central Asian Epidemiology Service", eGovernment for Development Information Exchange, University of Manchester's Institute for Development Policy and Management, 19 October 2008, http://www.egov4dev.org/health/case/epidemiology2.shtml.

- Дар соҳаи маориф ТИК барои таҳвият додани дастрасии мавод, нигоҳ доштани стандартҳои сифат ва таъмин кардани мавод барои таълими расмӣ, ғайрирасмӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон истифода мешавад.

- Барои занону духтарон бошад, ТИК имкониятҳоро барои алоқа бо ҷаҳони берунӣ, тиҷорати электронӣ аз хона, таъсиси тамосҳои корӣ бо занони дигар ва ташкили гурӯҳҳои кӯмакрасони бархатӣ фароҳам меорад.

- ТИК бахше низ мебошад, ки дар он шумораи зиёди занон дар кишварҳои дар ҳоли рушд тавассути марказҳои коркарди зангҳо ва ғайра фаъолиятҳои даромадноки истеҳсолиро дарёфт кардаанд.

- Телетиб роҳи ҳарчӣ бештари татбиқи ТИК дар бахши тандурустист, ки бо таълими давомдори тиббӣ ва такмил додани сифати шабакаҳои пажӯҳишӣ пайгирӣ мешавад.

Машқи амалӣ

Аз мисоли омӯзишии мавҷуда равшан мегардад, ки ТИК-и муайянро барои чандин ҳадаф метавон истифода бурд, масалан: барои густариши дастрасӣ ба таълим, фароҳам овардани шабакаҳои ҳамкорӣ дар байни занон ва таъмин намудани дастрасӣ ба хадамоти тиббӣ.

Бар асоси мисолҳои омӯзишӣ, ба саволҳои зерин посух диҳед:

1. Оё ҳангоми набудани сатҳи пасттарини саводнокӣ дар байни камбизоатон метавон ТИК-ро ба таври навгун истифода бурд?
2. Чӣ гуна ТИК-и муайянро метавон барои чандин ҳадаф ба кор бурд? Барои ин кадом қадамҳо заруранд, масалан: дар истифодаи Интернет барои қонеъ кардани ниёзҳои таълимиву тандурустии занон дар ҷамоаи канорафтодаву дурдасти бумӣ дар ҷангалзор.
3. Бикӯшед ягон озмоиш ё лоиҳаеро муайян ва баррасӣ кунед, ки тавассути он ин талош ё дар кишвари шумо ва ё дар дигар кишвар анҷом ёфтааст. Дар бораи мисоли мушаххасе навишта омода кунед, ки унсурҳои зеринро муайян менамояд: паснамо, тавсифи лоиҳа, ҷонибҳои асосии манфиатдор, мушкилиҳои рӯбарӯшуда, чорасозии ТИКР, ки барои бартараф кардани ин мушкилиҳо интихоб шудааст ва таҷрибаҳои андӯхта.
4. Ин мисолро барои муҳокимаи синф муаррифӣ кунед.

Худро бисанҷед

1. Се силсилаҷониби манфиатдор дар фазои ТИКР инҳоянд:

а. Сиёсатгузорон, расонандагони хизматрасониҳо ва шаҳрвандон;
б. Ширкатҳои ТИ, фаъолиятҳои бизнесӣ ва мағозаҳо;
в. Танзимкунандагон, расонандагони хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ва истеъмолкунандагони онҳо;
г. Одамони камбизоат, бесавод ва нодори деҳнишин.

2. Хизматрасонии G2C-ро дар соҳаи кишоварзӣ ва некуаҳволӣ метавон ба таври зер ифода кард:

а. Татбиқсозии бавоситаи ТИК;
б. Татбиқсозии бевоситаи ТИК;
в. Ҳар ду;
г. Ҳеҷ кадоме аз инҳо.

3. Таълими ТИКР маънои зеринро дорад:

а. Эҷоди ганҷинаи захираҳои инсонӣ барои пешбурди саноати ТИК;
б. Ҷалб ва истифодаи ТИК дар синф;
в. Эҷоди тавонмандиҳои истифодаи ТИК барои рушд;
г. Дар синфхонаҳо гузоштани компютерҳо.

4. Ба кишварҳои бартаридодашудаи Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором кишварҳои зерин дохил намешаванд:

а. Кишварҳое ба мисли Чин, Ҳиндустон, Малайзия ва Сингапур;
б. Кишварҳои ҷазиравии ҳавзаи уқёнуси Ором;
в. Кишварҳое, ки дар натиҷаи низоъҳо ба вуҷуд меоянд;
г. Кишварҳои хушкибунбаст (аз чаҳор тараф роҳи обӣ надошта).

5. Ду омили муҳимтарине, ки имкониятҳои иқтисодии бар ТИК асосёфтаро ба занону духтарон фароҳам меоранд, инҳоянд:

а. Ба занон омӯзонидани маҳоратҳои ТИ;
б. Таъмини дастрасӣ ва ҷалби занон ҳамчун иштироккунандагони фаъоли ташаббуси ТИКР;
в. Мутобиқ кардани системаи маориф ба ниёзҳои занон;
г. Таъсис додани шӯъбае дар ҳукумат, ки ба некуаҳволии занон сару кор дошта бошад.

6. Телетиб ҳамчун хизматрасонии бар ТИК асосёфта:

а. Беморонро ба дармонгоҳ меорад;
б. Беморонро дар минтақаҳои деҳотӣ ва дурдаст бо табибе дар шаҳр мепайвандад;
в. Ба ҳукумат дар бораи бемориҳо дар минтақаҳои деҳотӣ маълумот пешкаш мекунад;
г. Барои таълими давомдори тиббии табибон маводи таълимӣ таъмин менамояд.

БОБИ 4.
ТАТБИҚИ ТИКР БАРОИ РУШДИ УСТУВОР

Тақсимоти ноодилонаи захираҳо ва истисмори беназорати захираҳоии табиӣ ва махсусан сӯзишвориҳои партовшаванда бӯҳрони ҷаҳонии хеле азимро эҷод кардаанд. Чунин истисмор ба дигаршавии иқлими ҷаҳонӣ, аз ҷумла гармшавии ҷаҳонӣ ва офатҳои иқлимие оварда расондааст, ки ҳарчӣ бештар дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон эҳсос мегарданд. Махсусан, кишварҳои ҷазиравӣ аз гармшавии ҷаҳон ва баландшавии сатҳи баҳрҳо осебпазиранд. Кишварҳои хушкибунбаст ва кӯҳистонӣ бошанд, аз обшавии пиряхҳо, эрозияи хок ва фурӯрезии тарма осебпазиранд. Камбизоатон, новобаста аз он ки дар куҷо зиндагӣ мекунанд, қурбониёни асосии чунин дигаргуниҳои ҷаҳонӣ мебошанд, чунки офатҳои табиӣ, пеш аз ҳама, воситаҳои некуаҳволии онҳоро, ки марбут ба кишоварзӣ, моҳидорӣ ва чорводорӣ мебошанд, талаф медиҳанд.

Ҳамаи ин омилҳо ҳарчӣ бештар талаб мекунанд, ки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ТИК-и мавҷуда, нав ва ташаккулёбандаро ҳамчун воситаҳои муҳим барои рушди пойдор истифода баранд. Ин вазифа, пеш аз ҳама, дар пеши кишварҳои дар ҳоли рушди минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором меистад, ки «аз нигоҳи зистмуҳитӣ ба кишварҳои осебпазиртарин аз дигаршавии иқлим дар ҷаҳон шомиланд… Фишор аз афзоиши тунди аҳолӣ дар бисёр кишварҳои минтақаи Осиёву ҳавзаи уқёнуси Ором ва Африка ба муҳити табиӣ (махсусан, ба кишварҳои ҷазираҳои марҷонӣ) ва ҳамчунин фаъолиятҳои нопойдор дар баъзе соҳаҳои саноат аз он ҷумла ба ботлоқзоршавӣ оварда расондаанд. Дар баъзе соҳаҳо бошад, фишорҳои иловагӣ аз сайёҳӣ ва рушди соҳилӣ боиси барбод рафтани захираҳои табиии минтақа гардидаанд».[131]

Ҷавонон дар амал 8. Бикӯшед, то садои шуморо дар Rio+20 ва дигар форумҳои байналмилалии рушд бишнаванд.

«Дурнамоҳои ҷавонон» яке аз бисёр ташаббусҳоест, ки Созмони Милал ва дигар созмонҳои ҳамаҷиҳа барои омодагӣ ба Саммити ҷаҳонии Rio+20, ки моҳи майи соли 2012 дар Рио-де-Жанейрои Бразилия баргузор мегардад, таъсис додаанд. Ин ташаббус ҳамчунин аз тарафи Шабакаи кӯҳистонии минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором ҷонибдорӣ мешавад. Ташаббуси мазкур аз силсилаи конфронсҳои маҷозӣ ва анъанавӣ иборат буда, ҳадафи он барангехтани тафаккури ҷавонони саросари ҷаҳон дар бораи дигаршавии иқлим аст. Намунаҳои чунин чорабиниҳо Конфронси электронӣ дар бораи рушди устувори минтақаҳои кӯҳистон дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Форуми ҷавонон оид ба масъалаҳои иқлим ва кӯҳистон ва Машварати маҷозии минтақаи Осиёи Ҷанубиву Марказӣ оид ба Дурнамоҳои ҷавонон дар Rio+20 мебошанд. Ҳузури қавӣ дар ин чорабиниҳо ҳангоми таҳия кардани Эъломияи минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором оид ба дигаршавии иқлим ва рушди устувор ва Санади мавқеи ҷавонони минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором дар Rio+20 ба авҷи аълояш расид. Ҳар дуи ин чорабинӣ аз тарафи иштироккунандагони ҷавон таҳия шудаанд. Худи ҳамин сарсупурдагии насли ояндаро дар ҳалли масъалаҳои тағйири иқлим нишон медиҳад.

Агар хоҳед дар ин муҳокима ва як қисми ин шабакаи маҷозӣ барои ҷавонон оид ба рушди устувор иштирок кунед, аз http://www.facebook.com/APY.Rioplus20?sk=wall#!/APY.Rioplus20?sk=wall боздид намоед.

4.1 Ҷалби ТИК дар самти муҳити зист ва дигаршавии иқлим

ТИК дар самти коҳиш додани зарари дигаргуншавии муҳити зист, дар кулл, ва дигаршавии иқлим, дар алоҳидагӣ, нақши муҳим мебозад. ТИК ин гуна нақшро метавонад аз он ҷумла тавассути истифодаи Системаҳои иттилооти ҷуғрофӣ (Geographic Information System – GIS), додугирифти додаҳо дар бораи муҳити зист, назорати обу ҳаво, мушоҳидаи замин аз моҳвораҳо ва ё бевосита суст кардани таъсири дигаршавии иқлим бо роҳи таҳвияти додани коэффисиенти муфиди нерӯву ҳифз тавассути истифодаи технологияҳои интеллектуалӣ иҷро кунад.

[131] Roert L. Miles, “An Overview of ICT Applications for Sustainable Developing Focusing on Climate Change”, a discussion paper prepared for DESA, November 2009, http://unpan1.un.org/intradoc/groups/public/documents/un-dpadm/unpan037120.pdf.

Тасвири 20. Панелҳои офтобӣ дар Бутан

Тавзеҳ: Насби панелҳои офтобӣ дар Бутан ба минтақаҳои дурдасте, ки аз сарчашмаҳои пойдори нерӯи барқ маҳруманд, ин гуна сарчашмаро таъмин менамояд.

Сарчашма: *ADB, "Rural Renewable Energy Development Project: Bhutan", http://pid.adb.org/pid/LoanView.htm?projNo=42252&seqNo=02&typeCd=2&projType=GRNT.*

ТИК-ро метавон мушаххастар дар самтҳои зерин истифода бурд:

- Расонидани кӯмак ба кишварҳо ба хотири беҳтар назорат кардан, фаҳмидан ва идора кардани муҳити зист ва андешидани чораҳо бар зидди хатарҳои зистмуҳитиву иқлимӣ барои мутобиқ шудани онҳо ба дигаршавиҳои зистмуҳитӣ ва иқлим; эҷод кардани ганҷинаҳои рақамии дониш барои табодул ва сафарбаркунии иттилоот;
- Коҳиш додани истифодаи мавод тавассути дематериализатсия (истифодаи ТИК барои ҷойгузинии сафар, иваз кардани тиҷорати анъанавии мавод ва хизматрасониву дуконҳо бо муодили бархатӣ (онланӣ)-и онҳо ва ғайра);
- Беҳтар кардан ва такмил додани рӯйкарди маҳсулнокӣ барои коҳиш додани хурӯҷи газҳои гармхонаӣ[132] ва ҳамзамон пешниҳод намудани имконияти беназиру навгун барои пешбурди рушди иқтисодии аз нигоҳи муҳити зист пойдор (Пешрафти сабз)[133].

Кишварҳои дар ҳоли рушд метавонанд истифодаи чунин технологияҳоро бинобар аз нархи ниҳоят гарони онҳо ва ё имкониятҳои маҳдуди худ дар робита ба тавонмандии инсонӣ. Аз ин рӯ, банақшагирии стратегӣ барои муайян кардани технологияҳо ва таҷрибаҳои муассир барои рушд зарур аст. Банақшагирии стратегӣ метавонад ба кишварҳо дар таъмин намудани кӯмаки ҷомеаи байналмилалӣ барои интиқоли технологияҳо тавассути механизмҳое чун Конвенсия-чорчӯбаи СММ оид ба дигаршавии иқлим (UNFCCC) низ мусоидат кунад.

Таҳияи стратегияҳо барои ҳалли мушкилиҳое, ки тағйири иқлим ба бор меорад, дар сарсатри барномаҳои байналмилалӣ қарор мегиранд. Бозёфтҳои Шӯрои байналмилалии коршиносони Созмони Милал оид ба дигаршавии иқлим ва олимони соҳа воқеият ва вобастагии дигаршавии иқлимро ба фаъолияти инсон тасдиқ ва аз ин рӯ вокуниши зуд ва фавриро талаб мекунанд. Далелҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дигаршавии иқлим аллакай талошҳои ҷомеаи байналмилалиро дар коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола барбод медиҳад.

UNFCCC дигаршавии иқлимро чунин таъриф медиҳад: «Дигаршавии иқлим бевосита ва ё бавосита ба фаъолияти одам хос буда, таркиби атмосфераи ҷаҳониро тағйир медиҳад ва илова бар ин, тағйирпазирии иқлими табиӣ дар давраҳои қобили қиёс мушоҳида мешавад».[134] Дигаршавӣ метавонад ба минтақае маҳдуд бошад ё тамоми сайёраи Заминро фаро гирад. Вокуниш нишон додан ба таъсири манфии дигаршавии иқлим талаб менамояд, ки ин таъсир ба одамон ва муҳити

---

[132] Газе, ки тавассути ҷабидани радиатсияи инфрасурх, яъне диоксиди карбон ба гармхона таъсир мерасонад. Ин газҳо ба "таъсири гармхона" саҳм мегузоранд, падидае, ки тавассути он атмосфераи замин радиатсияи заминро медорад ва боиси ҳузури газҳо дар атмосфера ба монанди диоксиди карбон, бухори об ва метан мешавад, ки имкон медиҳад нури офтоб аз он гузар кунад ва гармои сатҳи заминро ҷазб намояд. Нигаред: The Free Dictionary, "greenhouse effect", Farlex, Inc., http://www.thefreedictionary.com/greenhouse+effect.

[133] Richard Labelle, *Briefing Note 10: ICT for Climate Change, Green Growth and Sustainable Development* (UN-APCICT/ESCAP, forthcoming). *Ҳамчунин нигаред:* Модули 10-и силсилаи модулҳои Академияи асосҳои ТИК барои роҳбарони ҳокимияти давлатӣ.

[134] UNFCCC, "Full Text of the Convention", http://unfccc.int/essential_background/convention/background/items/1349.php.

табиии зист ё коҳиш меёбад ва ё тамоман бартараф карда шавад. Ин рӯйкард «коҳиш додани дигаршавии иқлим» номида шудааст, ки як қисми муҳимтарини талошҳо барои рушди пойдор дар кишварҳои дар ҳоли рушд мебошад.
Намунаҳои хеле хуб ҳуҷҷатгузоришудаи истифодаи ТИК барои вокуниши бомуваффақият ба дигаршавии зистмуҳитиву иқлим ва таъсири онҳо вуҷуд доранд. Яке аз чунин намунаҳо Tikiwiki дар уқёнуси Ором мебошад (ба Мисоли 19 нигаред).

Мисоли 19. Tikiwiki

Ҳадафи лоиҳаи Системаи идоракунии мӯҳтавои геофазоӣ (Geospatial Content Management System – GeoCMS) бо номи Tikiwiki коҳиш додани осебпазирии кишварҳои ҷазиравии уқёнуси Ором аз таъсири манфии дигаршавии иқлим тавассути таҳияи системаи ҳамгирошудаи банақшагирӣ ва идоракунӣ мебошад.

Ҷузъи асосии ин лоиҳа GeoCMS мебошад, ки ба ҷамъовариву мубодилаи додаҳои ҷуғрофӣ дар байни ҷонибҳои манфиатдори лоиҳа мусоидат менамояд. Эҷоди GeoCMS натиҷаи асосӣ ва навгунаи лоиҳа мебошад.

Азбаски дар оғози лоиҳа нармафзори мувофиқе барои GeoCMS вуҷуд надошт, барномаи нави GeoCMS дар заминаи ду барномаи нармафзори озоду кушодаасос – MapServer ва Tikiwiki таҳия шудааст. Системаи GeoCMS, ки барои саҳмгузорӣ аз ҳама гӯшаҳои ҷаҳон омода аст, ба кишварҳои ҷазиравии уқёнуси Ором имкон дод, ки додаҳои ҷуғрофии худро тавассути Интернет нашр, дастрас ва мубодила кунанд. Ҳамаи ин ба рушди ин кишварҳо аз роҳи коҳиш додани осебпазирии онҳо кӯмак мерасонад, чунки иттилооти муҳимро акнун осонтар ва ҳангоми зарурат дастрас метавон кард.

Ин лоиҳа аз ҷониби Котиботи Шӯъбаи заминшиносӣ ва технологияи корбурдии ҷомеаи ҳавзаи уқёнуси Ором таҳия шуда буд. Қаблан ин Котибот Комиссияи заминшиносии корбурдии ҷазираҳои уқёнуси Ором (South Pacific Applied Geoscience Commission - SOPAC) номида мешуд.

Барои бештар шинос шудан ба MapServers дар саросари уқёнуси Ором ба ин сомона http://map.sopac.org/maps нигаред.

Сарчашма: *Nah Soo Hoe, Breaking Barriers: The Potential of Free and Open Source Software for Sustainable Human Development - A Compilation of Case Studies from Across the World (Bangkok, UNDP, 2006), http://www.unapcict. org/ecohub/resources/breaking-barriers/ and http://www.iosn.net/pacific-islands/case-studies/tikiwikigeocms/.*

Баъзе аз ин тавонмандиҳои бар ТИК асосёфта дар сатҳҳои миллӣ вуҷуд доранд. Дар Чин, масалан, Системаи мобилӣ-интерактивии иттилооти ҷуғрофӣ (Mobile Interactive Geographic Information System – MIGIS)[135] рӯйкарди банақшагирии ҷамоавиест, ки MIGIS-ро дар ҳамбастагӣ бо Арзёбии муштараки деҳот истифода мебарад. Он барои такмил додани банақшагирӣ беҳтарин донишҳову иттилооти илмии маҳаллиро бо ҳам муттаҳид менамояд. MIGIS тавассути ба формати рақамӣ табдил додани иттилооти графикие кор мекунад, ки дар рафти омӯзиши муштарак ва машқҳои амалӣ ҷамъоварӣ шудаанд.

Системае, ки ба хоҷагидорон (фермерон)-и камбизоат дар мутобиқ шудан ба тағйири иқлим ва раҳоӣ ёфтан аз ҳаводиси шадид кӯмак мерасонад, Системаи пешогоҳӣ аз қаҳтии Агентии Иёлоти Муттаҳида оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) буда, асосан дар Африка ва Амрикои Лотинӣ амалӣ шудааст. Аз солҳои 1970-ум ин тараф, ин система барои кӯмак расонидан ба хоҷагидорони хурд дар пешгӯии ҳосили зироат бо дарназардошти обу ҳавои мавсимӣ ва тамоюлҳои бориш бомуваффақият истифода мешавад. Он барои мансабдорони ҳукуматӣ ва ҷомеаи байналмилалӣ дар омода шудан ба хушксоливу гуруснагӣ воситаи асосии банақшагирӣ низ мебошад.[136]

[135] Barbara Fillip, “Information and Communication Technologies for Development Self-Paced Learning Materials – Module 6: ICTs and Agriculture (Notes)”, http://ictlogy.net/lo/01001/ict4d_course_barbara_fillip_at_courses.ictlogy.net.pdf.
[136] Ericsson, “Mobile communications to revolutionize African weather monitoring”, press release, 18 June 2009, http://www.ericsson.com/thecompany/press/releases/2009/06/1323500.

Тасвири 21. Системаи бонги пешакӣ аз қаҳтии Агентии Иёлоти Муттаҳида оид ба рушди байналмилалӣ



Сарчашма: *USAID, "Agro Climatic Monitoring", http://www.fews.net/Pages/imageryhome.aspx?map=0.*

Муҳим аст, ки алоқамандиву ҳамкории ногусастание дар байни фермерону ҷамоаҳои кишоварзӣ, хизматрасониҳои машваратии кишоварзиву байторӣ, муассисаҳои молиявӣ ва расонандагони ТИК барои коҳиш додани таъсири манфии дигаршавии иқлим ба ҷамоаҳои камбизоат вуҷуд дошта бошад.

Талошҳо барои рушди пойдор ҳарчӣ бештар ба «пешрафти сабз» рӯ меоранд. Пешрафти сабз ҳадафи сиёсатгузорие барои минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором буда, кишварҳоро барои рушди аз назари иҷтимоӣ ҳамгиро ва пешрафти аз нигоҳи муҳити зист пойдори иқтисодӣ ва камкарбон ҳидоят мекунад.[137]

Дар ҳалли мушкилиҳои дигаршавии иқлим ва ноил шудан ба «пешрафти сабз» ТИК нақши муҳим мебозад. Коҳиш додани асари карбон[138] дар бисёр бахшҳои рушд ва сохторҳои ҳукумат тавассути вусъат додани самаранокии истифодаи нерӯ ва мавод бо истифода аз ТИК, сахтафзор, воситаҳо ва барномаҳо муддати тӯлонӣ имконпазир буда метавонад. Илова бар ин, бо истифодаи «ТИК-и сабзу сард»[139] кишварҳо метавонанд хуруҷи карбонро аз ТИК коҳиш диҳанд ва бо ин роҳ ба кунд кардани суръати дигаршавии иқлим саҳм гузоранд.

Масалан, дар ИМА шабакаи куҳнашудаи нерӯи барқ танҳо аз се як ҳиссаи ҳаҷми умумии нерӯеро, ки истеъмол менамояд, ба коэффисиенти муфиди нерӯи барқ табдил медиҳад. Шабакаи интеллектуалӣ системаи насли нави тавлиди нерӯи барқ аст, ки ТИК ва дигар технологияҳои марбутаро барои такмил додани эътимод, бехатарӣ ва муассирии шабакаи барқӣ истифода мебарад. Ин яке аз чорасозиҳое барои ҳалли масъалаҳои тағйири иқлим мебошад. Он истеъмолкунандагонро бо иттилоот ва алтернативаҳои бештари интихоби таъминоти нерӯ таъмин намуда, ба ин васила, ба онҳо дар беҳтар идора кардани истифодаи нерӯ имкон фароҳам меорад. Илова бар ин, шабакаҳои

---

[137] ESCAP, "Green Growth", http://www.greengrowth.org.

[138] Асари карбон «маҷмӯи умумии хуруҷи газҳои гармхонаӣ аз ҷониби созмоне, ҳодисае, маҳсулоте ё инсоне» мебошад. Нигаред ба http://en.wikipedia.org/wiki/Carbon_footprint.

[139] Истифодаи ТИК хуруҷи нисбатан ками карбонро тавлид мекунад. ТИК низ дорои потенсиали бо прогрессияи геометрӣ коҳиш додани хуруҷи карбонро дар манотиқи дигар тавассути суръат додан ба тағйири технологӣ, институтсионалӣ ва рафторӣ буда, ҳамзамон манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодиро ба бор меорад.

интеллектуалӣ метавонанд ба ҳамгироии истеҳсолкунандагони хурди энергия имконият диҳанд, чуноне ки истеъмолкунандагон низ метавонанд, масалан тавассути панелҳои офтобии рӯибомӣ, истеҳсолкунандагони нерӯи барқ шуда, нерӯи барзиёд тавлидшударо ба шабака фурӯшанд.

ТИК метавонад бо рӯйкарди рақамисозӣ (иваз кардани рӯйкардҳои механикӣ ба рақамӣ) ва дематериализатсия (иваз кардани фаъолияти инсон ва ҳатто молҳо ба хизматрасониҳои муодили электронӣ) ба «пешрафти сабз» саҳм гузоранд. Мисолҳои рақамисозӣ истифодаи Интернет ва телефонияи мобилӣ барои корҳои бонкдорӣ ва тиҷорат ва истифодаи видеоконфронс ҷиҳати иваз кардани ҳузури шахсӣ дар мулоқоту конфронсҳо мебошанд. Бо чунин рӯйкардҳо, истифодаи ТИК метавонад масрафи коғаз ва маводҳои дигарро коҳиш дода, хароҷоту хуруҷи карбонро, ки оқибати сафарҳои тӯлонианд, кам кунад.

Ба ҳайси саноат ва истеҳсолот, ТИК низ ба таназзули муҳити зист ва дигаршавии иқлим саҳм мегузорад. Мутобиқи баъзе ҳисобҳои тахминӣ, соли 2007 бахши ТИК 2 дарсади хуруҷи умуми гази карбонро дар ҷаҳон ташкил додааст.[140] Ба системаҳои муассири истифодаи нерӯ иваз кардани системаҳои серхарҷи нерӯи барқ, масалан иваз кардани компютерҳои шахсӣ ба лаптопҳо (компютерҳои кифӣ) ва истифодаи васеи телефонҳои мобилӣ ҳамчун воситаи коммуникатсия барои расонидани хадамот метавонад ба коҳиш додани хуруҷи гази карбон дар худи ТИК саҳми мусбат гузорад. Ҳамзамон, истифодаи чунин технологияҳо ба ғайримоддисозии бахшҳои дигаре метавонанд саҳм гузорад, ки айни ҳол аз рӯйкардҳои механикӣ сахт вобастаанд.

Телефони мобилии муқаррарӣ як намунаи ТИК-и «сабзу сард» аст. Даҳ сол пеш як занг 10 Ватт нерӯ сарф мекард; имрӯз ҳамон гуна занг тақрибан 1 Ватт харҷ менамояд. Омилҳои дигаре, ба монанди сабукшавии вазни телефон, низ ба муҳити зист таъсири мусбат мегузоранд. Ин дар ҳоле аст, ки шумораи хусусиятҳои дастрас бо прогрессияи геометрӣ афзудааст. Бо сабаби истифодаи камтари маводи хатарнок, сифати ТИК низ аз ҷиҳати экологӣ беҳбуд меёбад.

Ҷавонон дар амал 9. Шумо бо Партовҳои электронӣ чӣ кор карда метавонед?

Партовҳои электронӣ аз байн бурдани нодурусти компютерҳо, телефонҳои мобилӣ, телевизорҳо ва молҳои дигари электронист. Ин тӯда кардану интиқол додани масолеҳро ба кишварҳои дигар ҳамчун молҳои дасти дувум, бидуни пайгирӣ аз стандартҳои бехатарӣ, дар бар мегирад. Партовҳои электронӣ яке аз натиҷаҳои манфиест, ки истифодаи ТИК ҳам дар кишварҳои дар ҳоли рушд ва ҳам дар кишварҳои рушдкарда меоварад. Ин Партовҳо онҳоро ба мушкилиҳои хеле ҷиддӣ рӯ ба рӯ мекунанд. Масалан, мутобиқи як гузориши Барномаи СММ оид ба муҳити зист (UNEP), соли 2020 сатҳи Партовҳои электронӣ аз компютерҳои истифодашуда дар Ҳиндустон назар ба соли 2007 500 дарсад зиёд хоҳад шуд. Бо афзоиши аҳолӣ дар саросари ҷаҳон ва паҳншавии ТИК ин масъала бечунучаро шиддат хоҳад гирифт. Аз ин рӯ, пешбурди ТИК бояд ба барномаи истифодаи пойдори онҳо созгор бошад.

Роҳи ҳалли имконпазири ин масъала системаи соддаи истифода бо мақсадҳои дигар ва истифодаи такрории молҳои электронии партофташуда мебошад. Истифода бо мақсади дигар гуфта, коркард ва ҷудосозии маводи асосии молҳо ва боз ба истеҳсолот барои истифодаи такрорӣ дар масолеҳи нав баргардонидани онҳо дар назар дошта мешавад. Истифодаи такрорӣ бошад, интиқоли ягон масолеҳи нодаркор ба дасти дувум мебошад, ки ҳамзамон ҳифз кардани стандартҳои муайяни сифату бехатариро фаро гирифта, партови шахсеро ба сарвати шахси дигар табдил медиҳад. Бо истифодаи ин ду стратегия эҳтимолан дар як замон васеътар паҳн кардани манфиатҳои ТИК ва табдил додани истеҳсолу ихтиёрдории ТИК ба сикли пӯшида ва аз ин роҳ, партовро пурра ба истеҳсолот баргардондан имконпазир аст.

Барои ошноӣ ёфтан ба намунаи муваффақи истифодаи ин ду стратегия аз тарафи як гурӯҳи ҷавонон дар муборизa бар зидди партовҳои электронӣ, метавонед аз ин сомона боздид кунед: http://genvcampaigns.org/2008/11/06/e-wasterecycling/.

Сарчашма: *Science Daily, "Hazardous E-Waste Surging in Developing Countries", 23 February 2010, http://www.sciencedaily.com/releases/2010/02/100222081911.htm.*

[140] Preminda Fernando and Atsuko Okuda, "Green ICT: A "Cool" Factor in the Wake of Multiple Meltdowns", ESCAP Technical Paper IDD/TP-09-10, December 2009, p. 16, http://www.unescap.org/idd/working%20papers/IDD_TP_09_10_of_WP_7_2_907.pdf.

4.2 Саҳми ТИК дар идоракунии хатари офат

Истифодаи ТИК барои идоракунии офатҳо бо татбиқи ТИК дар идоракунии муҳити зист ва ҳатто стратегияҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ алоқамандии наздик дорад. Бо сабаби қаблан надоштани дастрасӣ ба захираҳои молиявиву захираҳои дигар, одамони камбизоат ба офатҳои табиӣ, аз он ҷумла заминҷунбӣ, обхезӣ, сиклону тӯфонҳо, бештар осебпазиранд. Ин гуфтаҳоро тӯфони баҳрӣ (сунами)-и уқёнуси Ҳинд дар соли 2004 тасдиқ мекунанд.

«Офат» гуфта, «харобшавии ҷиддии ҷамоа ё ҷомеае мебошад, ки маҳрумиятҳои густардаи инсонӣ, моддӣ, иқтисодӣ ва зистмуҳитиро ба бор меорад. Ин гуна харобиҳо аз доираи нерӯ ва имкониятҳои мардуми зарардида берун мебошад. Онҳо тавоноӣ ва захираҳои даркорӣ барои муқовимат кардан ба оқибатҳои офатро надоранд».[141]

Мувофиқи гузориши Созмони Милал, дар муқоиса ба қитъаҳои дигари олам кишварҳои минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором ба офатҳои табиӣ бештар осебпазир мебошанд. Масалан, дар муқоиса ба аҳолии Африка мардуми ин минтақа аз офатҳои табиӣ чаҳор маротиба бештар ва дар муқоиса ба аврупоиҳо ё амрикоиёни шимолӣ 25 маротиба бештар осебпазир мебошанд.[142]

Минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором бо иқтисодиёти босуръат рушдкунандаву гуногунии ғании фарҳангӣ шӯҳрат дорад. Вале офатҳои табиӣ боиси бозистодани рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва ё ҳатто ақибмонӣ дар ин раванд дар бисёр гӯшаҳои минтақа гардидааст. Масалан, сунамии соли 2004 дар Уқёнуси Ҳинд суръати камбизоатии Ачеҳро аз 30 то 50 дарсад афзудааст.[143]

Дигаршавии иқлим ва оқибатҳои он чун басомаду шиддати офатҳои табиӣ осебпазирии мардуми камбизоатро дар оянда афзоиш хоҳад дод. Тақрибан 40 дарсади офатҳои ба иқлим алоқаманд дар саросари олам дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором рух медиҳанд.[144]

Татбиқи ТИК-ро дар идоракунии офат ба ду дастаи васеъ метавон тақсим кард. Маҷмӯи нахустини истифодаи ТИК аз «донистани хатарҳо», аз он ҷумла огоҳ будан аз ин хатарҳо ва дастрасӣ доштан ба иттилооти зарурӣ дар бораи онҳо бо мақсади саривақт коҳиш додани ин хатарҳо иборат аст. Ба ин категория роҳҳои татбиқи ТИК, ки барои тақвият додани идоракунии иттилоот, пешгӯӣ, моделсозӣ, мониторинг ва харитасозии хатарҳо заруранд ва барои тасмимгирӣ истифода бурда мешаванд, дохил мешаванд. Ҳамчунин, он татбиқи ТИК дар таълиму омӯзиш ва баланд бардоштани огоҳиро дар бар мегирад. Ин гуна огоҳӣ барои ташаккули «фарҳанг»-и коҳиш додани хатари офатҳо ва эҷоди маҷмӯи маҳоратҳои мушаххас, ки аз идоракунандагони офатҳо талаб мешаванд, муҳим аст.

Соҳаи дувуми истифодаи ТИК ба чӣ гуна беҳтар «идора кардани хатарҳо» ва офатҳо тавассути татбиқи воситаҳои мавҷудаи ТИК, аз қабили интернет, телефон, телевизору радио, ба барномаҳову лоиҳаҳои огоҳонидани ҷамоаҳо аз офатҳои таҳдидкунанда, ҳамоҳангсозии вокунишу наҷотбахшӣ ва идоракунии нармсозии офатҳо тамаркуз менамояд.

Идоракунии хатари офат ин «раванди системавии истифодаи дастурамалҳои маъмурӣ, истифодаи созмонҳо ва маҳоратҳову тавоноиҳое мебошад, ки барои иҷрои стратегияҳо, сиёсатгузориҳо ва барномаҳои муқовиматӣ барои кам кардани таъсири манфии хатарҳову имкониятҳои офат» зарур мебошанд.[145] Ин гуна идоракунӣ ҳама шаклҳои фаъолият, аз он ҷумла чораҳои маҳдуд кардан ва ё раҳоӣ ёфтан аз таъсири манфии офатҳоро дар бар мегирад. ТИК, махсусан технологияҳои компютерии рақамии вебӣ, дар чорабиниҳои идоракунии хатари офат ҳарчӣ бештар истифода мешаванд.

Истифодаи ТИК барои идоракунии хатари офат падидаи нав нест.[146] Ҳатто пеш аз сар задании офат, системаҳои ҷуғрофии иттилоотии[147] бар ТИК асосёфта, ҳамроҳ бо додаҳои унсури ҳассоси

---

[141] UNISDR, *2009 UNISDR Terminology on Disaster Risk Reduction* (Geneva, United Nations, 2009), http://www.unisdr.org/we/inform/terminology.

[142] ESCAP, "First Asia-Pacific Disaster Report Launched by ESCAP and ISDR in Icheon, Republic of Korea", ESCAP press release, 26 October 2010, http://www.unescap.org/unis/press/2010/oct/g53.asp.

[143] International Federation of Red Cross and Red Crescent Societies, *World Disasters Report 2009* (Geneva, 2009), http://www.ifrc.org/publicat/wdr2009/index.asp.

[144] Ҳамон ҷо.

[145] UNISDR, *2009 UNISDR Terminology*.

[146] Нигаред: Asian Disaster Preparedness Center, *Module 9: ICT for Disaster Risk Management*, *Academy of ICT Essentials for Government Leaders* module series (Incheon, UN-APCICT/ESCAP, 2011), http://www.unapcict.org/academy/; ва UN-APCICT/ESCAP, *ICT for Disaster Risk Reduction*, ICTD Case Study 2 (Incheon, 2010), http://www.unapcict.org/ecohub/ict-for-disasterrisk-reduction-1.

фосилавӣ, бештари вақт метавонанд минтақаҳои дорои хатари зиёдро муайян кунанд, то барои кам кардани таъсири хатарҳо корҳои ислоҳӣ анҷом дода шаванд. Чораҳои коҳиш додани хатари офат нуктаҳои зерро дар бар мегиранд:

- Аз нав қитъабандии замин;
- Нобуд кардан ва ё агар имкон бошад тақвият додану бозсозӣ кардани сохторҳои ноамн;
- Ба заминҳои бехатар кӯчонидани маҳалҳои таҳти хатар қарордошта ва зерсохтори асосӣ, ҳамзамон таъмин намудани дастрасӣ ба хадамоти коммуналӣ;
- Таҳриру таҷдид кардани нақшаҳои истифодаи замин ва меъёрҳои сохтмонӣ барои инъикос намудани тағйирот ҳангоми хатар;
- Амалӣ кардани чораҳои муҳандисӣ барои вокуниш нишон додан ба худи хатарҳо, ба монанди сохтани садди зидди обхезӣ, такядевор бар зидди заминлағжӣ ва сангдевори соҳилӣ бар зидди сарзании тӯфону сунамӣ;

Моделсозии компютерӣ, технологияи пойгоҳи додаҳо, технологияи системаҳои ҷуғрофии иттилоотӣ ва таҷҳизоти андозагирии фосилавӣ дар ҷамъоварӣ ва таҳлили миқдори зиёди додаҳо кӯмак намуда, онҳоро ба иттилооти муҳиме, ки барои тасмимгирӣ дар идоракунии хатарҳои офат заруранд, табдил медиҳанд.

Ҳодисаи фоҷиавии сунамӣ, ки соли 2004 дар Уқёнуси Ҳинд рух дод, маъмурияти бисёр шаҳрҳои соҳилии ҳавзаи Уқёнуси Оромро водор кард, ки ба муайян кардани минтақаҳои хатари сунамӣ ва банақшагирии роҳҳои кӯчонидани одамон шурӯъ намоянд ва системаҳои огоҳсозии пешакии сунамӣ, сиклонҳои тропикӣ, обхезиҳо, заминлағжиҳо ва хушксолиҳоро таҳия кунанд.

Мисоли 20. Системаи огоҳсозии пешакии сунамӣ

Системаи огоҳсозии пешакии сунамӣ (Tsunami Early Warning System – TEWS) талоши ҳамкории чанд кишвари Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ барои таъсис додани «системаи огоҳсозии пешакиест, ки ҷузъҳои технологиву иҷтимоии огоҳсозиро фаро гирифта, омодагӣ, пешгирӣ, коҳиши оқибатҳои офат ва вокуниши ҳамаҷониба ҳадафҳои ин чорчӯба мебошанд». Кишварҳои ҷалбшуда Камбоҷа, Чин, Ҷумҳурии мардумӣ-демократии Лаос, Филиппин, Тайланд ва Ветнамро дар бар мегиранд.

Нуктаи қобили зикр дар мавриди Системаи огоҳсозии пешакии сунамӣ он аст, ки маҳз худи кишварҳои хурди Осиё барои ҳамкорӣ дар чорчӯбаи ин ташаббус муттаҳид шудаанд. Ташаббуси мазкур, ҳамчунин, аз ҷониби агентиҳои байналмилалии сармоягузоре чун Агентии Дания оид ба рушди байналмилалӣ, БРСММ ва Агентии Иёлоти Муттаҳида оид ба рушди байналмилалӣ маблағгузорӣ мешавад. Маркази минтақавӣ ё худ нуқтаи асосии идораи лоиҳа Маркази осиёии омодагӣ ба офатҳо (Asian Disaster Preparedness Center – ADPC) мебошад. Ин Марказ созмони ғайриҳукуматие мебошад, ки ба рушди пойдор ва ташаккули ҷомеаҳои амн дар саросари минтақаи Осиё саҳм мегузорад.

Сарчашма: *Chanuka Wattegama, ICT for Disaster Management (Bangkok, UNDP and Incheon, UN-APCICT/ESCAP, 2007), pp. 18-20, http://www.unapcict.org/ecohub/resources/ict-for-disaster-management.*

Мисоли омӯзишии мазкур нишон медиҳад, ки системаҳои огоҳсозии офат набояд ҳатман танҳо ба як кишвар маҳдуд монанд. Офатҳои табиие чун тӯфонҳои сахт, заминҷунбӣ ва ё сунамӣ бештари вақт дар доираи як минтақаи ҷуғрофӣ воқеъ гардида, ба чанд кишвар таъсир мерасонанд. Чунин хатари фаромиллӣ ба офатҳои зистмуҳитие ба монанди хуруҷи нафт ва заҳролудшавии ҳастаӣ (махсусан дар ҳавзаи Ҷануби уқёнуси Ором) ва офатҳои марбут ба саломатии инсон ба монанди зукоми паранда низ дахл дорад. Аз ин рӯ, ҳамкорӣ калидест барои муқовимат бо чунин офатҳо ва иқдомҳои якҷояе чун TEWS потенсиали хеле таъсирбахш доранд. Истифодаи ТИК дар фароҳам овардан ва тақвият додани чунин талошҳои ҳамкорӣ хеле зарур ва муфид аст.

[147] Системаи ҷуғрофии иттилоотӣ (geographic information system – GIS) сахтафзор, нармафзор ва додаҳоро барои сабт, идора, таҳлил ва намоиши ҳамаи шаклҳои иттилооти ҷуғрофӣ ҳамгиро менамояд. GIS ба мо имкон фароҳам меорад, то додаҳоро аз паҳлуҳои гуногун нигарем, фаҳмем, саволгузорӣ, шарҳу тафсир ва тасаввур кунем, ки муносибатҳо, намунаҳову тамоюлҳоро дар шакли харитаҳо, кураҳо, гузоришҳо ва диаграммаҳо ошкор менамоянд.

Sentinel Asia[148] гурӯҳи пуштибонии идоракунии офатҳо дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором мебошад. Он нӯҳ созмони байналмилалӣ ва 54 созмонро аз 22 кишвар барои додугирифти иттилоот дар платформаи рақамии «иқдоми ихтиёриву талошҳои беҳтарини созмонҳои иштироккунанда» муттаҳид мекунад.

Ҳамаи системаҳои коркарди иттилоот ва коммуникатсионии таҳияшуда дар вақти сар задании офат озмуда хоҳанд шуд. Дар давраи офат начотдиҳандагон наметавонанд ба зудӣ ба минтақаҳои зиёди офатдида ворид шаванд ва аз ин рӯ, ба бисёри одамон хатари ногузир таҳдид мекунад. Маҳз дар чунин лаҳзаҳо лозим аст, ки аз Дастурамали меъёрии амалиёт, нақшаҳои ҳолатҳои фавқулодда, протоколҳои коммуникатсионӣ ва нақшаҳои идоракунии офат кор гирифта шавад. Барои одамони зиндамондаву наздикони онҳо, корманди ҳолатҳои фавқулодда дар саҳро ва барои мудирони ҳолатҳои фавқулодда, ки кӯшишҳои худро аз дур ҳамоҳанг менамояд, зудӣ ва дақиқу расо будани ҷараёни иттилоот ва тасмимгирӣ аҳамияти ҳаётӣ дорад. Бо чунин вокуниши зудамал одамон аз марг ва аз дигар маҳрумиятҳои ҷисмонӣ начот дода мешавад. Дар чунин давра ҳама намуди ТИК, ба монанди радиову телевизион, телефонҳои мобиливу моҳворай, системаҳои радиоии ихтиёрӣ, системаҳои паёмакрасонӣ, почтаҳои электронӣ ва Интернет дар омодагӣ ба офат нақш мебозанд. Дар вақти бӯҳрон, системаҳои коммуникатсионие, ки дар заминаи воситаҳои симдори коммуникатсионии рӯизаминӣ сохта нашудаанд, метавонанд арзишмандии худро исбот намоянд, махсусан вақте системаҳои заминӣ хароб шуда бошанд.

Масалан, ҳангоми офатҳои табиӣ бисёр системаҳои коммуникатсияи офат телефонҳои моҳворай ва радиоҳои моҳвораиро ҳамчун воситаи нусхабардор ва ё воситаи коммуникатсияи дучониба истифода мебаранд. Чунки вақте шабакаҳои рӯизаминӣ аз кор мебароянд, ин технологияҳо фаъол боқӣ хоҳанд монд. Моҳвораҳо низ барои назорат ва пешгӯӣ кардани офатҳои фарорасанда истифода мешаванд. Вақте офат минтақаро пахш мекунанд, бештари маврид маҷмӯи тасвирҳои моҳворай роҳи ягонаи наззораи офат мебошад, ки дар макони воқеа чӣ рух дода истодааст. Ин намуди фазоии ТИК барои начот додани ҳаёти одамон муҳим аст; онҳо ба системаҳои огоҳсозии пешакии муассир саҳм гузошта, вокунишу барқарорсозиро суръат мебахшанд.

Бо афзоиши истифодаи воситаҳои Web 2.0 дар солҳои охир, ин воситаҳо ҳамчун механизми ҳамоҳангсозии ташаббусҳои вокуниш ва барқарорсозӣ истифода мешаванд. Пас аз рӯйдоди сунамии соли 2004 дар Уқёнуси Ҳинд, тӯли чанд рӯзи нахустин садҳо блог ба вуҷуд омаданд. Ин блогҳо барои таъмин намудани гузоришҳои бетаъхир дар бораи вазъият, табодули иттилоот, дарёфти шахсони гумшуда ва дарёфти маблағ барои кори начотдиҳӣ истифода шуданд. Чунин тарзи истифода аз воситаҳои ТИК дар ҳамаи дигар офатҳои бузурге, ки пас аз сунамии соли 2004 дар Уқёнуси Ҳинд рух доданд, мушоҳида мешуд.

Пас аз тӯфони Ондой дар Филиппин, ки моҳи сентябри соли 2009 сар зад, ихтиёриён аз Филиппин ва саросари ҷаҳон барои таъмин, ташкил ва паҳн намудани иттилооти бархатӣ (онлайнӣ) тавассути сайтҳое чун Facebook, Multiply, Plurk ва Twitter бо ҳам муттаҳид шуданд. Одамон ба ин сайтҳо дар бораи оқибатҳои офат, ниёзҳои одамони зарардида, зарурат ба маводу захираҳо, ҷараёни кӯмак ба зарардидагон ва монанди инҳо гузоришҳои навтарин мегузоштанд. Созмонҳову афроди зарардида ин сайтҳоро барои дархост кардани кӯмак истифода бурданд. Бо истифода аз ин воситаҳо фардҳову созмонҳои алоҳида ба таври ихтиёрӣ ба зарардидагон кӯмакҳои моддӣ ва инсонӣ пешкаш карданд. Чунин воситаи ТИК, яъне Интернет, ба зарардидагону мададрасонҳо дар тамоми давраи тӯфон дастрас буд, новобаста ба он ки офат нерӯи барқ, телефон ва таъмини обро дар бисёр минтақаҳо қатъ карда буд.[149]

Дар Филиппин низ, як нафар мутахассиси Интернет ба таври ихтиёрӣ саҳифаеро дар харитаи Гугл (Google Maps) таҳия кард, ки ҷараёни селхезӣ ва одамони аз ин офат зарардидаро дар ин харита нишон медиҳад. Ин ташаббусро созмонҳои бузурге чун шабакаҳои иттилоотии GMA ва ABS-CBN зуд пуштибонӣ намуданд ва харитаро дар сафҳаҳои дахлдори иттилоотии худ гузоштанд. Google низ ба ин ташаббус пайваста, тавассути гузоштани иқтибоси вебсафҳа дар поёни қуттии ҷустуҷӯи калимаи асосӣ дар вебсафҳаи асосии Google-Филиппин саҳифаро аёнӣ кард. Муҳандисони нармафзори Google, кормандони ду шабакаи иттилоотӣ ва филиппиниҳои хоҳишманд дар такмил додани тавонмандиҳову интерфайси функсияҳои харита саҳм гузоштанд. Ҳамин гуна, ин сайт ба ҳастаи (консентратори) шабакавии марказии иттилоот оид ба ҳаводиси ҷадидтарини талошҳои кӯмак табдил ёфт. Иқдомҳои дигари шоёни тазаккур, ки бар асари вокуниш бар зидди тӯфон бархостааанд,

[148] Masahiko Honzawa, “Sentinel Asia: Asia Branch Activities”, Japan Aerospace Exploration Agency, http://unpan1.un.org/intradoc/groups/public/documents/APCITY/UNPAN025931.pdf.

[149] John Mark V. Tuazon, “Disaster Management 2.0”, *Computerworld Philippines*, 6 October 2009, http://computerworld.com.ph/disaster-management-20/. Ҳамчунин, ба http://newsinfo.inquirer.net/inquirerheadlines/nation/view/20090928-227233/Netizens-helpvictims-via-social-network-sites нигаред.

Rescue InfoHub Central (Мақомоти марказии шабакаи иттилоотии наҷотбахшӣ), ки ҷадвалҳои электронии Google-ро истифода мебарад ва Bayanihan Online мебошанд. Ин воситаҳо паёмҳои дахлдорро аз Twitter ҷамъоварӣ мекунанд. Ин гуна ташаббусҳои дар Филиппин падидомада инчунин намунаҳои бомуваффақияти ҷустуҷӯ ва дарёфти маблағгузории онлайнӣ барои пешгирӣ ва бартараф кардани офатҳои табиӣ мебошанд. Чунончи, PhilippineAid.com ва Txtpower.org барои Салиби Сурхи миллии Филиппин маблағи зиёд ҷамъоварӣ карданд.[150]

Ҷавонон дар амал 10. Ushahidi

Ushahidi платформаи кушодаасос буда, барномаҳои мавҷудае чун SMS, Twitter ва Google Maps-ро барои ҷамъоварии иттилоот аз сарчашмаҳои гуногуне ба монанди паёмҳои матнӣ, паёмҳои дар блогҳо ҷойгиршуда, видеоҳо, зангҳои телефониву суратҳо муттаҳид менамоянд, ки сипас тақрибан дар вақти воқеӣ харитасозӣ мешаванд. Ин платформаро метавон барои вокуниш ва рафтор дар давраи офатҳои табиӣ ва ҳамчунин ҷанг истифода бурд. Бар хилофи шаклҳои куҳнатари нармафзори харитасозии бӯҳрон, тарзи истифодаи Ushahidi осон ва мувофиқ ва дар айни замон дорои тавоноии тасвири дақиқи сурати ҳаводис мебошад. Натиҷаи ниҳоӣ харитаи бӯҳронест, ки фаъолони маҳалии кӯмаки башардӯстиро бо тафсилоти вазъият таъмин менамояд. Ҳатто дар кишваре чун Ҳаити, ки дар он ҷо технология хеле гусаста аст, Ushahidi ҳаёти бешумори одамонро наҷот додааст. Ushahidi-Ҳаити ду соат пас аз заминҷунбии 12-уми январ аз ҷониби ихтиёриёни Донишгоҳи Туфтс таъсис дода шудааст. Дарҳол пас аз ин, рақами мухтасаре (4636) барои паёмҳои воридшавандаи матнӣ эҷод шуда, тавассути истгоҳҳои маҳалливу миллии радио паҳн мешавад. Шоҳидон метавонанд дар бораи он чизе, ки мебинанд ё аз сар мегузаронанд, иттилооти матнӣ фиристанд. Бо гирифтани паём, масалан дар бораи дар куҷо воқеъ шудани зарардидагон, ихтиёрие координатаҳои GPS-ро харитасозӣ ва ин иттилоъро ба гурӯҳҳои наҷотдиҳанда дар маҳал мефиристад. Дар давраи офат Ushahidi тақрибан бо 10000 ихтиёрӣ аз Ҳаити, Амрико ва саросари Иёлоти Муттаҳида кор мекард, ки ҳар як паёми матнии воридшударо дар давоми 10 дақиқа аз забони креолӣ тарҷума мекарданд.

Барои ҳамроҳ шудан ба ташаббусҳои Ushahidi ба сайти зер нигаред: http://www.ushahidi.com/get-involved.

Сарчашма: *Jessica Ramirez, "'Ushahidi' Technology Saves Lives in Haiti and Chile", Newsweek, 3 March 2010, http://www.newsweek.com/blogs/techtonic-shifts/2010/03/03/ushahidi-technology-saves-lives-in-haiti-and-chile.html.*

Бо муқоисаи воситаҳои ТИК ва муассирии ҳар яки онҳо метавон дарёфт, ки истифодаи ҳар кадоми онҳо ҳам бартариҳо ва ҳам камбудиҳо дорад. Айни ҳол, талошҳои бисёре вуҷуд доранд, ки ТИК-ро барои пешгирӣ ва вокуниш ба оқибатҳои офатҳо истифода баранд. Вале бояд қайд кард, ки таъсирбахшии ТИК на фақат аз худи технологияҳо, балки аз бисёр омилҳои дигари истифодаи онҳо, чунончи омили инсонӣ, низ вобаста аст.

Бо мақсади эҷоди тавонмандӣ барои омодагии кишварҳо дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором, Шӯрои байналмилалии уқёнусшиносии Созмони маориф, илм ва фарҳанги СММ (UNESCO) барномаи «Омӯзгори сунамӣ»-ро[151] таҳия кардааст. Ин барнома бастаи омӯзишии интернетӣ барои ҳам мутахассисон ва ҳам одамони оддӣ оид ба огоҳӣ дар бораи офат, пешгирӣ, кӯмак ва барқарорсозӣ мебошад. Ҳамин гуна талошҳо бо истифода аз ТИК барои вокуниш нишон додан ба оқибатҳои офатҳо бисёр роҳандозӣ шудаанд. Вале, тафовут миёни истифодаи бобарор ва нокомии шадид ҳамоно аз омили инсонӣ на балки технологияҳо вобаста аст.

Барои он ки ТИК барои идоракунии хатарҳои офат таъсирбахш истифода бурда шавад, кишварҳои дар ҳоли рушд бояд ба ҷамъоварӣ, муттаҳидсозӣ ва таъмини иттилооти саривақтӣ, дақиқ, мӯътамад ва мувофиқ талош варзанд. Истифодаи муассири ТИК аз таъсиси системаҳое чун марказҳои милливу фаромарзии (фазоии) зерсохтори додаҳову сарчашмаҳои алтернативии иттилоот (information clearing houses), стандартизатсияи ҷараёни иттилоот ва протоколҳо, машқҳову фаъолиятҳо ва таъсиси ҳамкории муассир байни муассисаҳое вобаста аст, ки ба коҳиш додани хатари офат машғуланд.

---

150 Christine Apikul, "ICT for Disaster Risk Reduction in Asia and the Pacific: An Overview of Trends, Practices and Lessons", in *ICT for Disaster Risk Reduction*, ICTD Case Study 2 (Incheon, UN APCICT/ESCAP, 2010), http://www.unapcict.org/ecohub/ict-fordisaster-risk-reduction-1.

151 Tsunami Teacher, http://ioc3.unesco.org/TsunamiTeacher/.

Ҷавонон дар амал 11. Бозии «Офатро пешгирӣ кун!»

Тасвири 22. Нусхаи сурати экран аз вебсафҳаи «Офатро пешгирӣ намо!»



Стратегияи байналмилалии СММ барои коҳиши офатҳои табиӣ дар вебсафҳаи худ бозии ҷолиби моделсозишудаи "*Офатро пешгирӣ намо!*" дорад. Дар ин бозӣ аз шумо дархост карда мешавад, ки бо дарназардошти вақту имконият (буҷа)-и маҳдуд барои раҳоии зиндагӣ ва моликияти одамон талош намоед. Дар ин машқ алтернативаҳои гуногуни коҳиши хатар дар муқобили панҷ сенарияи офат - заминҷунбӣ, обхезӣ, гирдбод, сунамӣ ва сӯхтор пешкаш карда мешаванд.

Агар барои бозӣ кардан омода бошед, аз ин сомона боздид кунед: http://www.stopdisastersgame.org/en/playgame.html.

Хулоса

Солҳои охир, ҷаҳонро як силсила офатҳои зистмуҳитӣ ба ҷунбиш овардааст, ки аз сунамиву заминҷунбӣ то баландшавии сатҳи баҳру ҳарорати паст иборат мебошанд. Бисёр кишварҳои осебпазир дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором ҷойгиранд. Бисёриҳо ба ин огоҳӣ расидаанд, ки барои кам кардани таъсири таназзули зистмуҳитӣ ва дигаршавии иқлим бояд чораҳои фаврӣ андешида шаванд. Бидуни ин, рушди пойдор наметавонад сурат гирад.

Бо дарназардошти он, ки минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором аз нигоҳи инкишофу густариши ТИК яке аз минтақаи босуръат рушдкунанда аст, наметавон истифодаи платформаҳои ТИК-ро барои таҳлили додаҳо, идоракунӣ, додугирифти иттилооту дониш ва пуштибонии тасмимгирӣ нодида гирифт. Албатта, комёбӣ ва ё нокомии истифодаи ТИК ба масъалаҳои хароҷот, дастрасӣ, тавоноӣ, мӯҳтавои дахлдор ва пуштибонии техникӣ вобаста аст. Ба ҳар сурат, аз таҷрибаи мавҷуда бармеояд, ки ТИК дорои тавонмандию имкониятҳои зиёде барои вокуниш нишон додан ба мушкилиҳои зистмуҳитиву дигаршавии иқлим мебошад.

Арзишмандии ТИК ҳамчун платформаи додугирифти иттилооту дониш тавассути бисёр мисолҳои омӯзишии муваффақ зоҳир шудааст, ки потенсиали ин технологияи тавонмандкунандаро таъкид менамоянд.

Машқи амалӣ

Ду сутун кашед.

Дар тарафи чапи сутун, бо тартиби камшавандаи бартарӣ, рӯйхати нигарониҳои асосии зистмуҳитиеро тартиб диҳед, ки кишвари шумо ба онҳо рӯ ба рӯ мешавад. Рӯйхати дувуми офатҳои табиии эҳтимолӣ (заминҷунбӣ, заминлағжӣ, гирдбод, обхезӣ, сунамӣ ва ғайра)-ро тартиб диҳед, ки кишвари шумо аз онҳо осебпазир аст.

Дар тарафи рости сутун, бо тартиби камшавандаи бартарӣ, рӯйхати роҳиҳалҳоеро тартиб диҳед, ки шумо мехоҳед дар ҷавоб ба мушкилиҳои зистмуҳитиву офатҳои табиӣ пешниҳод намоед. Ин роҳиҳалҳо метавонанд дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ, шаҳрӣ, ҷамоавӣ ва ҳатто фардӣ бошанд.
Пас аз тартиб додани ин ду рӯйхат ва хондани мавод дар се бахши пешин, ҷадвали дигаре кашед, ки се сутун дошта бошад. Дар тарафи чапи сутун, рӯйхати корбурдҳои ТИКР-ро тартиб диҳед, ки ба фикри шумо дар амалисозии роҳиҳалҳо барои ҳар яке аз мушкилиҳои марбут ба муҳити зист ва офатҳои табиӣ муфид хоҳанд буд. Дар сутуни мобайнӣ, мушкилиҳоро мутобиқ ба корбурдҳои бевоситаи ТИКР дар ҷавоб ба онҳо нишон диҳед. Дар тарафи рости сутун, ҷонибҳои манфиатдореро нишон дода ба корбурдҳои ТИКР ва мушкилиҳо мутобиқ кунед, ки ба фикри шумо бояд ба амалӣ намудани роҳиҳалҳои ТИКР ҷалб шаванд.

Чиро дарёфтед? Бо кӯмаки омӯзгори худ мушкилиҳо ва алтернативаҳои гуногуни ТИКР-ро бо ҳамсинфони худ баррасӣ кунед.

Акнун дар бораи рӯйхати муштараки мушкилиҳо, корбурдҳои ТИКР ва ҷонибҳои манфиатдор баромад кунед.

Худро бисанҷед

1. Дар вақти офатҳои табиӣ, кадом намуди ТИК барои робита барқарор кардан бо ҷаҳони берунӣ бартаринок аст?

а. Телефонҳои хатти доимӣ;
б. Телевизион;
в. Системаҳои мобилӣ ва бесим;
г. Рӯзномаҳо ва расонаҳои дигари чопӣ.

2. Шакли пурраи ихтисораи GIS ин аст:

а. Системаҳои ҳукуматии иттилоотӣ;
б. Системаҳои ҷуғрофии иттилоотӣ;
в. Нишондодҳову системаҳои рушд;
г. Системаҳои дохилии ҳукуматӣ.

3. ТИК-и сабз гуфта чӣ дар назар дошта мешавад?

а. Истифодаи захираҳои энергияи таҷдидшаванда барои таъмини нерӯи муассиртару бехатар ба компютерҳо;
б. Истифодаи ТИК, ки сатҳи нисбатан пасти хуруҷи карбонро тавлид мекунанд;
в. Коҳиш додани таъсири партовҳои хатарноки компютер барои коркарди дубора;
г. Ҳамаи нуктаҳои болоӣ.

4. Коҳиш додани вобастагӣ аз сӯзишвориҳои канданӣ роҳи тӯлониеро тай хоҳад кард дар коҳиш додани таъсири:

а. Газҳои гармхонаӣ;
б. Хуруҷи диоксиди карбон;
в. Дигаршавии иқлим дар ҷамоаҳои хурди ҷазиравӣ;
г. Ҳамаи нуктаҳои болоӣ.

5. Рушди пойдор кадом аст?

а. Суръати баланди рушд, ки шумораи одамони камбизоатро коҳиш медиҳад;
б. Афзудани истифодаи ТИК-и сабз;
в. Истифодаи захираҳо бо мақсади қонеъ кардани ниёзҳои инсон ва ҳамзамон ҳифз намудани муҳити зист;
г. Рушди якҷояи ҳам одамони камбизоат ва ҳам одамони сарватманд.

БОБИ 5.
РОҲҲОИ ТАТБИҚИ ТИКР ДАР МУДИРИЯТ ВА СУЛҲУ СУБОТ

Як силсила омӯзиш таносуби мусбат дар байни идоракунӣ ва рушдро нишон медиҳанд. Кауфманн ва дигарон[152] тасдиқ мекунанд, ки чӣ гуна «даромади сарикасӣ ва сифати идоракунӣ дар саросари кишварҳо бо ҳамдигар таносуби мусбати хеле қавӣ доранд». Дарёфтҳои ҳамсон низ аз пажӯҳиши Институти Бонки Осиёии Рушд падид омадааанд.[153]

Ҳоло аксари сармоягузорони бузурги байналмилалӣ ва ҳукуматҳои кишварҳои дар ҳоли рушд пай бурдаанд, ки ҳукумати пойдор, ки дорои муассисаҳои давлатии хуб идорашаванда мебошад, барои беҳтар кардани шароити зиндагии камбизоатон ва муборизa бар зидди камбизоатӣ муҳим аст. Аз чанд кишвар шаҳодати кофие вуҷуд дорад, ки алоқамандии қавӣ дар байни ҳукуматдории хубу сармоягузории мукаммал, суръати пешрафт, фаъолияти беҳтари иқтисодӣ, саводомӯзии такмилёфтаи калонсолон, коҳиши фасод (коррупсия)-и давлатӣ ва дастрасии мукаммали хизматҳоро таъмин мекунад. Далелҳои зиёд инчунин гувоҳӣ медиҳанд, ки давлати хуб фаъолияткунандаву тавоно дар танҳой наметавонад хизматрасонии баландсифати давлатиро, ки ниёзҳову хоҳишҳои шаҳрвандонро ба пуррагӣ қонеъ кунад, таъмин намояд. Дарки воқеияти он ки ба давлат зарур аст, то дар назди шаҳрвандони худ масъулу ҷавобгар бошад низ афзуда истодааст. Барои ҳукуматҳо ҳатто раванди ҷамъоварӣ ва идоракунии даромади давлатӣ аз ҳисоби андоз бо идоракунии хуб осонтар мегардад.

5.1 Ҳукумати электронӣ ва идоракунии электронӣ

Ин ду истилоҳ – «ҳукумати электронӣ» ва «идоракунии электронӣ» - бештари вақт дар рафти мулоҳизаронихо ба як маъно, ба маънои чӣ гуна ҳукуматҳо муносибатҳои худро бо шаҳрвандон тавассути роҳҳои мухталифи татбиқи ТИК идора мекунанд, истифода бурда мешаванд. Аммо назар ба мафҳуми «ҳукумат» мафҳуми «идоракунӣ» ё худ «ҳукуматдорӣ» (governance) маънои васеътар дошта, силсилаи васеи муносибатҳои байни ҳукумат ва шаҳрвандонро дар назар дорад. Дар ҳоле ки ҳукумат бо фаъолияти рӯзмарраи худ дар таъмини хадамот ба ҷомеа дар соҳаҳое чун маориф, тандурустӣ, андоз ва китоби қайди заминҳо сарукор дорад. Агар ҳукумат дастгоҳи расмии идоркунии муассири система бошад, идоракунӣ натиҷаест, ки аз ҷониби баҳрабардорон, аз он ҷумла мардуми оддӣ сурат мегирад. Ба маънои умумӣ, «ҳукумати электронӣ» метавонад раванди татбиқи самарабахши барномаҳои ҳукумат бошад, агар хуб амалӣ ва идора карда шавад. «Идоракунии электронӣ» бошад, равандеро дар назар дорад, ки дар натиҷаи идоракунӣ ё худ ҳукуматдории муштарак ташаккул меёбад, агар бо принсипҳо, ҳадафҳо, барномаҳо ва меъмориҳои дуруст ба роҳ монда шавад.[154]

Баъзе кишварҳои минтақаи Осиё ва ҳавзаи укёнуси Ором, ба монанди Ҳонг Конг, Ҷопон, Ҷумҳурии Корея ва Сингапур, дар Нишондиҳандаи омодагии электронӣ[155] баландтарин мақомро доранд ва аллакай механизмҳои мукаммали ҳукумати электрониро доранд. Дар ин кишварҳо, аксари корҳои ҳукуматҳо ба таври электронӣ анҷом дода мешавад. Модули 3-юм аз силсиламодулҳои Академияи Асосҳои ТИК барои роҳбарони ҳокимияти давлатӣ таҳлили муфассали роҳеро дарбар мегирад, ки мувофиқи он ҳукумати Корея бо истифода аз ТИК рӯйкарди ҳукуматдории худро тағйир додааст. Модули мазкур дар бораи ҳукумати электронӣ, аз он ҷумла унсурҳову мафҳумҳои асосӣ ва принсипҳову навъҳои татбиқ иттилооти муфассал медиҳад. Он тарзи ташкили системаи ҳукумати электрониро бо роҳи таҳлили муфассали системаҳои намунавӣ ва муайянкунии тарҳи куллии система муҳокимаву баррасӣ мекунад.

---

[152] Daniel Kaufmann and Aart Kraay, *Governance and Growth: Causality which way? - Evidence for the World, in brief* (Washington, D.C., World Bank Institute, 2003), p. 1, http://www.worldbank.org/wbi/governance/pdf/growthgov_synth.pdf.

[153] Dilip Kumar Roy, "Governance, Competitiveness and Growth: The Challenges for Bangladesh", ADB Institute Discussion Paper No. 53, August 2006, http://www.adbi.org/files/2006.08.dp53.governance.competitiveness.growth.bangladesh.pdf.

[154] Thomas B.Riley, *E-Government vs. E-Governance: Examining The Differences In A Changing Public Sector Climate,* International Tracking Survey Report, No. 4 (London, Commonwealth Secretariat, 2003)

[155] Омодагии электронӣ қобилияти истифода бурдани ТИК барои рушди иқтисодӣ ва такмил додани некуаҳволӣ аст. Нишондиҳандаи омодагии электронӣ воситаи андозагирӣ кардани тавонмандии аҳолӣ, аз он ҷумла маҳорати зарурӣ ва сатҳи кунунии истифодаи онҳо аз ТИК мебошад. Нигаред: http://en.wikipedia.org/wiki/E-readiness.

Тасвири 23. Равзанаи ягонаи ҳукумати электронӣ



Сарчашма: *NCA, e-Government in Korea (Seoul, 2002), p. 39, http://unpan1.un.org/intradoc/groups/public/documents/APCITY/UNPAN023903.pdf*

Аз тарафи дигар, кишварҳое мисли Покистону Муғулистон дар ниҳондиҳандаи омодагии электронӣ мақоми паст доранд. Дар ин кишварҳо миқдори ками барномаҳои ҳукумати электрониро амал мекунанд. Баррасии мухтасари барномаҳои идоракунии электронӣ дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором бар он ишора хоҳад кард, ки аксари кишварҳо дар оғози раванд мебошанд ва танҳо бахши маҳдуди хадамоти ҳукуматӣ компютерисозӣ шудааст.[156]

Бҳатнагар дар бознигарии худ аз 20 намунаи идоракунии электронӣ дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором чунин изҳор менамояд:
«Аксари барномаҳо ба таъмини суботи (самаранокии) дохилӣ бахшида шудаанд, на ба таъмини хизматрасониҳо (барои аҳолӣ). Шумораи ками лоиҳаҳое, ки ба хизматрасонӣ машғуланд, маҳдуд ба литсензияву андозҳо мебошанд. Интихоби барномаҳо асосан ба минтақаҳои шаҳрнишин маҳдуд мемонанд, дар ҳоле ки ниёзҳои мардуми камбизоат сарфи назар мешавад.

Кишварҳое чун Ҳиндустон, ки дар он ҷо баъзе иёлот дар таъмини электронии хизматрасониҳо ба аҳолии шаҳрнишин ба пешрафти назаррас ноил шудаанд, бо мушкилиҳое дар амалисозии идоракунии электронии ба камбизоатон равонашуда рӯ ба рӯ мешаванд, чунончи: а) равшан набудани мақсад, ки бояд камбизоатон мавриди ҳадаф қарор дода шаванд, б) нарасидани хадамоти давлатӣ ба минтақаҳои деҳот, в) номувозинатии стандартизатсия ва локализатсия, г) истифодаи нокофии бахши хусусиву рушд надодани [шарикиҳои давлатӣ-хусусӣ] барои хизматрасонӣ дар минтақаҳои деҳот ва д) набудани арзёбии мустақилонаи таъсир ва натиҷаи кор. Гузашта аз ин, нотавонмандии дохилӣ дар консептуализатсия ва амалисозии лоиҳаи ҳукуматдории электронӣ вуҷуд дорад.»[157]

Тааҷҷубовар он аст, ки бо густариши сусти Интернет дар аксари кишварҳо, модели маъруфи таъмини хадамоти бар ТИК асосёфта тавассути портали бархатии Интернет амалӣ мегардад. Нигоҳи сатҳӣ ба бисёр чунин порталҳо нишон хоҳад дод, ки иттилоот яктарафа ва бидуни вокуниши тарафи дигар интиқол меёбад. Ба ғайр аз Ҳиндустон, чанд кишвар марказҳои умумии хизматрасониро дар минтақаҳои шаҳрнишин бунёд карданд, ки операторҳо барои расонидани хадамоти бархатӣ ба муштариён дар терминалҳои компютерӣ кор мекунанд. Дар баъзе бахшҳои хизматрасонии Ҳиндустон бошад, ҳатто одамони деҳнишин метавонанд ба чунин барномаҳо дастрасӣ пайдо карда, аз онҳо манфиат бардоранд.

Аз ҷумлаи чунин системаҳои маъруфи хизматрасонӣ Маъмурияти компютерасоси Шӯъбаи бақайдгирӣ (Computer-based Administration of Registration Department – CARD), Системаи хизматрасонӣ ва идоракунии Бҳуми барои бақайдгирии замин ва лоиҳаи e-Seva барои расонидани хизматрасониҳои ҳамгирошудаи G2C мебошанд. Дигар намуна механизми расидагӣ ба арзу доди шаҳрвандон бо номи «Таваҷҷуҳи густардаи давлат ба арзу дод тавассути татбиқи технология» (State Wide Attention on Grievances by Application of Technology – SWAGAT) дар Гуҷароти Ҳиндустон мебошад, ки дар мисоли 18 гузориш шудааст.

---

[156] Subhash Bhatnagar, *Paving the Road towards Pro-poor e-Governance: Findings and Observations from Asia-Pacific Case Studies* (Bangkok, UNDP, 2006), http://www.apdip.net/projects/egovernment/capblg/casestudies/Overview.pdf.
[157] Ҳамон ҷо, саҳифаи 2.

Тасвири 24. Интернет-киоск дар яке аз деҳаҳои Африка

Сарчашма: *Crystal Watley Kigoni, "Rural Internet Kiosk Documentary", GAID, 16 November 2009, http://un-gaid.ning.com/profiles/blogs/rural-internet-kiosk.*

Мақомоти андози Муғулистон барои ба мардуми камбизоати кишвар расонидани ҳукумати электронӣ масъалаҳоеро ҳуҷҷатгузорӣ кардааст. Баъзе аз ин масъалаҳо зерсохтору пайвастшавӣ, забону саводнокӣ, тавонмандии инсониро дар дохили ҳукумат барои анҷом додани вазифаҳои мухталиф, барангехтани талаботи заиф, банақшагириву маъмурияти «аз боло ба поин», интихоби ТИК-и дуруст ва набудани чорчӯбаҳои муассири мониторингу арзёбиро дар бар гирифтаанд (ба мисоли 17 нигаред).

Барномаҳои дигари амалисозии ҳукумати электронӣ дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором дар марҳилаҳои гуногуни банақшагирӣ ва амалисозӣ қарор доранд. Масалан, дар Камбоҷа Системаи ҳукуматии идоракунии иттилоот барои такмил додани сифати бақайдгирии аҳолӣ, заминҳову мошинҳо, ба роҳ мондани системаи тасдиқи электронӣ, такмил додани хадамоти маъмурӣ ва тавлид кардани даромад барои ҳукумат таъсис дода шудааст. Лоиҳаи минбаъда бо номи «Системаи иттилоотии маъмурияти музофотӣ» барои амалӣ кардани ин модел дар 10 музофот ва бо фарогирии беш аз 160 созмони умумимиллӣ тарҳрезӣ ёфтааст. Он бояд пешбурди корбурдҳои ТИК ва дастрасиро ба почтаи электронӣ, хизматрасониҳои Интернет ва VoIP ба ин музофотҳо ва созмонҳо таъмин кунад.

Мисоли 21. Мақомоти андози Муғулистон

Вебсафҳаи Мақомоти андози Муғулистон (http://www.mta.mn) на танҳо дорои иттилоот дар бораи ин Мақомот, балки низ дарбаргирандаи феҳристи васеи хизматрасониҳо барои шаҳрвандону созмонҳо мебошад. Дар ин вебсафҳа варақаҳои фурукашишавандаи андоз низ ҳастанд, ки пештар танҳо дар шакли чопӣ аз агентҳои андоз харида мешуданд. Корхонаҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ ва ҳамчунин фардҳои алоҳида метавонанд варақаҳоро аз вебсафҳа фурукашӣ ва пур карда, онҳоро ба «нуқтаи хизматрасонӣ» пешниҳод намоянд. Ин қадами бузурге дар истифодаи ТИК барои идоракунии андоз дар Муғулистон мебошад.

Вале танҳо шахсони дорои дастрасӣ ба хизматрасониҳои Интернет метавонанд ба вебсафҳа дастрасӣ пайдо кунанд ва аз истифодаи он манфиат бардоранд. Пурсиши соли 2003 нишон дод, ки дар Муғулистон танҳо 50000 корбари Интернет вуҷуд доранд, ки тақрибан 4 дарсади аҳолиро ташкил медиҳанд. Ба шахсоне, ки ба хизматрасониҳои Интернет дастрасӣ надоранд, хатари ақиб мондан аз раванд таҳдид менамояд. Як роҳи ҳалли ин мушкилии дастрасӣ истифодаи марказҳои Интернет ва иттилоот мебошад.

Тасвири 25. Нусхаи навори вебсафҳаи Мақомоти андози Муғулистон



Сарчашма: *Мақомоти андози Муғулистон, http://www.mta.mn/*

Дар намунаи дигари идоракунии пешрафта, системаи иттилооти ҳуқуқӣ бо номи «AZ-LIS» бо дастгирии Агентии Иёлоти Муттаҳида оид ба рушди байналмилалӣ дар Озарбойҷон таъсис дода шудааст.[158] Ин система ҳамаи қонунҳои муҳими мақомоти Озарбойҷонро барои ҷомеа дастрас менамояд. Истифодабарандагони ниҳоӣ метавонанд ба пойгоҳи додаҳо ҳам тавассути Интернет ва ҳам тавассути компакт диск дастрасӣ пайдо кунанд. Система тавассути интерфейси мувофиқ барои истифодабаранда ҷустуҷӯшаванда аст. Ин лоиҳа, ки ҳоло фаъол аст ва таҳти назорати Вазорати адлия қарор дорад, ҳам таҳияи пойгоҳи додаҳо ва ҳам эҷоди васеи тавонмандии ҳайати кормандонеро дар бар мегирад, ки ба нигоҳдории пойгоҳи додаҳо ҷалб шудаанд. Таҷрибаҳои андӯхта аз ин лоиҳа муҳиманд, чунки онҳо аҳамияти пуррагиву дурустии иттилоотро ҳамчун пешзаминаи асосии муваффақият нишон медиҳанд. Аз ин рӯ, дастрасии роҳату мӯътамад ба қонунҳои кишвар ҳамчун як унсури муҳими рушд ба шумор меравад.

Ҳам Чин ва ҳам Тайланд барои таҳияи барномаҳои ҳукумати электронӣ чораҳое андешидаанд, ки ба ҷавобгӯ будан ба ниёзҳои одамони осебпазир ва камбизоат равона гардидаанд. Ташаббуси ҷолибе, ки One Tambon, One Product ё OTOP номида мешавад, барои пешбурди тиҷорати электронӣ дар минтақаҳои деҳотии Тайланд бидуни мавҷудияти саҳмҳои дигаре чун тарҳрезӣ ва имкониятҳои лоҷистикӣ ба бозор баровардани молҳо он қадар муваффақ набуд. Ҳарчанд барои истифодаи ТИК ҳавасмандӣ хеле зиёд аст, баъзан истифода бурдани технологияҳои дигар ва аз ин роҳ фаҳмидани корбурдҳои дигар барои истифодаи пурраи тавоноии ТИК зарурист. Дар Чин технологияи видеоконфронс барои мусоҳиба оростан бо муҳоҷирони меҳнатӣ идеяи навгунест, ки пеши роҳи талафшавӣ ва исрофи маоши мардуми камбизоатро мегирад. Чин дар ҳангоми истифодаи ТИК бештар ба мушкилиҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳ мекунад, на ба худи технология.

Мисоли 22. Истифодаи бартариҳои ТИК-и мобилӣ дар бозори меҳнат аз таҷрибаи “Дастрасӣ”

Коршиносону олимони раванди ТИК барои рушд (ТИКР) интихоби роҳи органикии татбиқи технологияҳоро дар расидан ба ҳадафҳои рушд таъсирбахш мешуморанд. Роҳе, ки дар бозори меҳнат мавқеи фарогири худро ёфтааст. Ё бо суханони дигар он шеваи истифодаи технологияҳост, ки ниҳоят осон ва ҳатто зуд ба воқеият мепечад. Дар мисоли Тоҷикистон нишонаи чунин шеваро дар фарогирии технологияҳои алоқаи мобилӣ дидан мумкин аст. Дар як муддати начандон тулонии таърихӣ технологияҳои гуногуни ин намуди алоқа татбиқ гардида, дар бозор харидори худро пайдо намуда истодаанд. Бо назардошти ана ҳамин шева, Ташкилоти ҷамъиятии “Маркази иттилоотӣ-аналитикӣ ва таълимии МАТЭМА” (МАТЭМА) лоиҳаеро таҳия намуд. Ҳадафи асосии лоиҳа татбиқи бартариҳои воқеии технологияҳои мобилӣ дар расидан ба ниёзи корҷӯ ва корфармо аст. Лоиҳа бо

[158] Charles E. Shapiro and Kenneth A. Yates, “Establishing A Sustainable Legal Information System In Azerbaijan: A Case Study”, *The Electronic Journal of Information Systems in Developing Countries*, Vol. 46, No. 2 pp. 1-33 (2011), http://www.ejisdc.org.

номи “Дастрасӣ” таҳия гардиду аз ҷониби Институти Ҷамъияти Кушода – Бунёди Мадад (ИҶКБМ) дастгирӣ ёфт.
Ангезандаи таҳияву татбиқи чунин як ташаббус Бабаҷоб, таҷрибаи бобароре аз шаҳри овозадори Бангалори Ҳиндустон, (http://www.babajob.com/) буд. Барои таъмини устувории лоиҳа ва ҷалби сохтори давлатии манфиатдор ба он, Дастрасӣ пас аз барномарезӣ шудан дар якҷоягӣ бо Сарраёсати Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар вилояти Хатлон (Сарраёсат) роҳандозӣ шуд. Сомонаи Дастрасӣ (http://www.dastrasi.tj/) намуди мобилии худро низ дошта (http://wap.dastrasi.tj/), ҳарду ҳам ба тоҷикӣ ва ҳам ба русӣ хизмат расонида метавонанд. Дар ҳарду ҳолат ҳам муштариён худро як маротиба ба қайд гирифта, бо номи корбарӣ ва гузарвожа таъмин мегарданд.

Муштариёни Дастрасӣ метавонанд мувофиқи профайл ва ё табъи худ, ки ҳангоми бақайдгирӣ сохта мешавад, ҳар хабару кори нави мувофиқи табъашонро сари вақт гиранд. Чунин огаҳсозӣ тавассути паёмак ба рақами телефони мобилӣ ва ё почтаи электронӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамин тариқ, дастрасӣ ба Дастрасӣ мувофиқи принсипи “ҳар замон аз ҳар макон” амал менамояд. Профайли муштарӣ худтанзим мебошад. Яъне муштарӣ метавонад онро мутобиқи табъу воқеияти ҳол такмил диҳад. Чунин имконият ҳам ба корҷӯён ва ҳам ба корфармоён дастрас мебошад.

Ҳангоми роҳандозӣ шудани Дастрасӣ, шеваи фаъолияти Сарраёсат низ ба назар гирифта шудааст. Масалан, корҷӯён мувофиқи хосияти синнусолӣ, ҷинсӣ, ҳолати ҷисмонӣ тақсимбандӣ мешаванд. Ё ин ки хизматрасонии лоиҳа дар доираи вилояти Хатлон маҳдуд шудааст, гарчанде, сомонаҳои лоиҳа (чи намуди вебӣ ва чи намуди мобилӣ) ҳар ҷо ки Интернет ва/ё алоқаи мобилӣ фаро гирифтаанд дастрас мебошанд. Инчунин шарикони Сарраёсат ба монанди марказҳои омӯзишу бозомӯзии касбу ҳунар, коллеҷҳо ва дигар ташкилотҳои манфиатдор тавассути сомонаи лоиҳа аз ташаббусҳои худ хабар расонида метавонанд.

Навовариҳои ташаббуси мазкур, ки тадричан дар фаъолияти Сарраёсат ворид гардида истодаанд, ногузир будани такмили шеваи кории онро мувофиқи талаботи бозори меҳнат ва воқеияти замон нишон дода истодааст. Масалан, бозори меҳнат кайҳост мобилӣ шудаасту сокинони ниёзманд ба хизматрасониҳои Сарраёсат дар саросари кишвар ва ҳатто берун аз он буда метавонанд. Табиист, ки онҳо омодаи дастрасии доимӣ (24 соат шабонарӯзӣ ва тамоми сол), ҳадди аққал ба воситаи алоқаи мобилӣ, ба хизматрасониҳои Сарраёсат мебошанд. Пӯшида нест, ки таъмини дастрасии доимӣ дар муҳити кории маҳдуд бо принсипҳои девонсолорӣ (бюрократӣ) имконпазир буда наметавонад. Мисоли чунин принсипҳо инҳоянд: 8 соат дар шабонарӯз ва 5 ё 6 рӯз дар ҳафта, вохӯрии ҳатмии рӯ ба рӯи кормандони ваколатдор ва муштариён.



Албатта, талошҳои Сарраёсатро ҷиҳати ҷавоб гуфтан ба талаботи корҷӯёну корфармоён набояд нодида гирифт. Масалан, ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ, ки аз ҷониби Сарраёсат дар вилоят ва ҳамтоёну дигар сохторҳои марбут ба шуғли аҳолӣ дар саросари кишвар мунтазам гузаронида мешаванд. Вале, таҳлили гузаронидаи МАТЭМА то кадом андоза таъсирбахшу самаранок будан, аниқтараш набудани чунин ташаббусҳоро нишон дод. Хулосаи таҳлил чунин аст, ки сарфи маблағи буҷа ва дигар махзанҳо (вақти кормандони масъулу истифодаи ногузири дигар омилҳои ташкилӣ) дар гузаронидани ярмаркаҳои анъанавӣ ба натиҷаи дилхоҳ оварда наметавонад. Масалан, шумораи корҷӯёне, ки дар доираи ярмаркае кор ёфтаанд дар муқоиса бо ресурсҳои сарфшуда баробар аст ба

“уштурро бо кафлез об додан”, яъне қонеъ гардонидани талаботи афзудаистодаи бозори меҳнат бо чораҳои алоҳида имконнопазир аст.
Мутаассифона, таҷрибаи дар доираи лоиҳа андӯхтаи ҷонибҳои манфиатдор то ҳол аз доираи вилоят берун нарафтааст. Таҷрибаи лоиҳа боз ҳам нишон медиҳад, ки бо методҳои анъанавии девонсолорӣ фаро гирифтани воқеияти даврони иттилоотӣ ғайриимкон аст.
Саволҳо барои баррасӣ дар зергурӯҳҳо:

- Ба андешаи шумо навовариҳои Дастрасӣ пас аз “умри лоиҳа” дар фаъолияти Сарраёсат истифода мешаванд? Боз кадом навовариҳои имконпазири Дастрасиро қобили қабул мешуморед?
- Оё хулосаи таҳлили МАТЭМА, ки ҷонибдори нишон додани бартариҳои татбиқи ТИК дар фаъолияти муассисаҳои гуногун аст, воқеъбинона аст? Зери мафҳуми “уштурро бо кафлез об додан” дар доираи мисоли мазкур чӣ дар назар аст?
- Роҳҳои имконпазири татбиқи таҷриба дар саросари кишвар аз нигоҳи шумо.

Муаллифон: Зафарҷон Ализода, Асомуддин Атоев

Роҳҳои татбиқи ҳукумати электронӣ, ки дар боло муфассал тасвир шуданд, намунаҳои хадамоти G2C мебошанд, ки ба ҷониби таъминкунанда – барои такмил додани нуқсонҳои дохиливу сифати таъмини хадамот – тамаркуз менамоянд. Идоракунии электронӣ бошад, ба ҷониби талабот нигаронида шудааст. Ин вижагиро қайд кардан зарур аст, чун мо ба баррасии мафҳуми «идоракунии электронӣ» мепардозем. Барои расидани ба ҳадафҳои рушд идоракунии электронӣ фаъолиятҳои муштараки шаҳрвандон ва намояндагони бахши бизнесро таҳкоз мекунад.

5.2 ТИК, ҷалби шаҳрвандон ва ҷавобгарии (масъулияти) иҷтимоӣ

Хизматрасониҳои марбут ба идоракунии электронӣ фаъолияти мутақобилро дар байни шаҳрвандон ва равандҳои демократие чун ҷаласаи ошкорои бархатӣ, овоздиҳии электронӣ, системаҳои посухҳои бозгаштӣ, бақайдгирии шикоятҳо, маъракаҳои имзогузорӣ ва иштирок дар қабули қарорро фаро мегиранд.

Дар робита ба иҷрокунандагон ва муносибатҳо, идоракунии электронӣ ТИК-ро барои эҷоди «манофеи бар пайвандҳои нави рақамӣ асосёфта» истифода мебарад:

- Пайвандҳо дар дохили ҳукумат, ки ба «андешаронии муштарак» имкон медиҳанд;
- Пайвандҳо дар байни ҳукумат ва шаҳрвандону СҒҲ, ки масъулият ва ҷавобгариро таҳвият медиҳанд;
- Пайвандҳо дар байни ҳукумат ва шаҳрвандону бахши бизнес, ки рӯйкарди расонидани хизматрасониҳоро тағйир медиҳанд;
- Пайвандҳо дар дохил ва дар байни СҒҲ, ки омӯзиш ва фаъолияти муштаракро пуштибонӣ мекунанд;
- Пайвандҳо дар дохил ва дар байни ҷомеаҳо, ки рушди иҷтимоиву иқтисодиро асос мегузоранд[159].
-

Идоракунии электронӣ (ширкати шаҳрванд дар ҳукумат) яке аз роҳҳои муассиртарини мубориза бар зидди коррупсия дар ҷамъият аст. Овоздиҳии электронӣ ба таври чашмрас сатҳи коррупсияро паст карда, аз ин рӯ, метавонад натиҷаҳои интихоботро ба куллӣ тағйир диҳад. Дастрасии ҷамъиятӣ ба иттилоот ба шаҳрвандон имкон фароҳам меорад, то бевосита ба ҳалли мушкилиҳо ҷалб шаванд. Воситаи бархат (онлайн) иштироки онҳоро суръати дучандон мебахшад. Вақте ки тартиботу муқаррароти ҳукумат барои назорати ҷамъият ба таври бархат дастрас мешавад, ниҳодҳое чун воситаҳои ахбори омма, гурӯҳҳои шаҳрвандон ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд ба муҳокима ҷалб шаванд ва ҳатто ҳамчун назораткунанда фаъолият ё бефаъолиятии ҳукуматро назорат кунанд.

[159] Richard Heeks, “Understanding e-Governance for Development”, iGovernment Working Paper Series Paper No. 11, Institute for Development Policy and Management, University of Manchester, 2001, p. 2, http://www.sed.manchester.ac.uk/idpm/research/publications/wp/igovernment/documents/igov_wp11.pdf.

Мисоли 23. МоМетавонем барои ҷалби шаҳрвандон дар ҳалли мушкилиҳои шаҳр

Омилҳои муҳими барор дар татбиқи оқилонаи ТИК барои ҳалли масъалаҳои гунонгуни ҳаёти воқеӣ гуногунанд. Бештари онҳо вобастаанд ба муҳити татбиқ. Ҳамзамон ҳастанд омилҳое, ки ҳамаҷоҳозиранд. Пуштибонии роҳбарон ва ҳамкории ҷонибҳои ҳавасманд аз ҷумлаи чунин омилҳоянд. Коршиносону олимони раванди ТИКР ҳамкории ҷонибҳои манфиатдор ва пуштибонии роҳбаронро ду омили муҳим дар татбиқи бобарори ТИК дарёфтаанд. Лоиҳаи МоМетавонем ташаббусест, ки муҳим будани ҳар ду ин омилро тасдиқ намудааст.



Имрӯз натиҷаи лоиҳаи мазкур ҳамчун сомонаи МоМетавонем маъмул гаштааст. МоМетавонем низоми иттилоотии идоракунии ҳолати хизматрасонии зерсохторҳои Мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе мебошад. Ҳам шаҳрдорӣ ва ҳам сокинони пойтахт тавассути ин низом метавонанд сифату ҳолати хизматҳои ҳамаи хоҷагиҳои хизматрасонӣ шаҳрро пайгирӣ намоянду мушкилиҳои дар манзилу маҳалҳои худ сарзадаро ба он ирсол намоянд. Ҳам барои пайгирӣ ва ҳам барои ирсоли мушкиливу ҳалли он ҷонибҳо метавонанд аз воситаҳои гуногун ба мисли занги телефони собиту мобилӣ, паёмаки телефони мобилӣ, почтаи электронӣ ва паёми вебӣ истифода баранд.

Ҳамкории ҷонибҳои манфиатдор аз ташаббуси Фонди ҷамъиятии Ташаббуси шаҳрвандии сиёсати Интернет (ТШСИ) оғоз гардид. ТШСИ лоиҳаеро барои рушди ҳукумати электронӣ, яъне татбиқи ТИК дар фаъолияти ҳокимияти давлатӣ баҳри хизматрасонии таъсирбахшу самараноки он, таҳия намуд. Ба сифати шарики имконпазир дар татбиқи минбаъдаи лоиҳа Мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе (Шаҳрдорӣ) интихоб гардид. Албатта чунин интихоб бесабаб набуда, пешқадамии роҳбарияти шаҳрдорӣ дар татбиқи ТИК дар фаъолияти ҳамарӯзааш далели рӯҳбахшанда буд. Ҳадафи лоиҳа ҷалби фаъолонаи шаҳрвандон, сокинони пойтахт дар ҳалли масъалаҳои манзилу маҳали худ буд. Лоиҳа аз ҷониби Институти Ҷамъияти Кушода – Бунёди Мадад дастгирӣ ёфт.

Барои фаъол намудани низоми мазкур стандартҳову технологияҳову озод ва кушодаасос истифода бурда мешаванд. Масалан, ҳамчун замина Ushahidi (http://www.ushahid.com/), яке аз низоми озоду кушодаасоси корбармеҳвар (корбарон дар фаъол нигоҳ доштани он нақши асосӣ мебозанд), истифода шудааст. Харитаи электронии шаҳри Душанбе бошад мустақиман аз махзани озодасоси Openstreetmaps (http://www.openstreetmap.org/) дастрас мешавад. Албатта барои такмил додани ҳардуи ин воситаҳо онҳо маҳаллисозӣ, яъне мутобиқ ба талаботу манфиати ватанӣ, шуданд. Дар ҳолати мазкур низоми Ushahidi то ба низоми нави МоМетавонем такмил дода шуд. Харитаи электронии пойтахт бошад мукаммал гардонида шуд. Акнун дар он бештари кӯчаву хиёбонҳои воқеии шаҳри Душанбе бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, қайд гардидаанд.

Давраи санҷишии лоиҳа аз моҳи ноябри соли 2011 то охир январи соли 2012 давом кард. Дар ин муддат шарикон семинарҳои омӯзиширо барои кормандони Шаҳрдорӣ ва зерсохторҳои хизматрасонии он гузаронида шуд. Аз оғози феврали соли 2012 МоМетавонем ҳамчун низоми иттилоотии идоракунии ҳолати хизматрасонии коммуналӣ дар шаҳри Душанбе ба кор андохта шудааст. То охири соли 2012 зиёда аз 2050 арзу дархости сокинони пойтахт тавассути система расиданд, ки барои қонеъ кардани онҳо чораҳо андешида шудаанд. Шаҳрдорӣ маблағгузории маркази танзими низомро ба зиммаи худ гирифт. Дар ин муддат лоиҳа пурра ба ба Шаҳрдорӣ супорида шуд ва ба устувор будани натиҷаи он шубҳае нест. Кафили он пуштибонии роҳбарият ва ҳамкории ҷонибҳо дар ин раванд мебошанд. Илова бар маблағгузорӣ Шаҳрдорӣ ҷалби ҷониби сеюмро дар танзими низоми татбиқгардида низ истифода мебарад.

Саволҳо барои баррасӣ дар зергурӯҳҳо:

- Ба андешаи шумо боз кадом омилҳои барорро аз таҷрибаи МоМетавонем дарёфтан имконпазир аст?
- Аз таҷрибаи нафареву гурӯҳе, ки медонед ва ё худ дар низоми МоМетавонем таҷриба гузаронида, бартариҳову маҳдудиятҳои онро баррасӣ намоед.
- Роҳҳои имконпазири татбиқи таҷриба дар саросари кишвар аз нигоҳи шумо. Кадом элементҳои навро мехостед ворид кунед ба ин низом? Кадом элементҳои мавҷударо сарфи назар кардан мехостед?

Муаллифон: Муҳаммадӣ Ибодуллоев, Асомуддин Атоев

Мисоли 24. Таваҷҷуҳи васеи давлат ба шикоятҳо тавассути татбиқи технология (SWAGAT), Гуҷарот, Ҳиндустон

SWAGAT механизми бархатии (онлайнии) расидагӣ ба арзу доди шаҳрвандон аст, ки онро Ҳукумати Гуҷарот асос гузоштааст. Пеш аз амалӣ кардани SWAGAT, Барномаи расидагӣ ба арзу доди шаҳрвандон аз тарафи Ҳукумати Гуҷарот дар соли 1998 натиҷаҳои даркорӣ намедод. Барномаи расидагӣ ба арзу дод дар ҳама шӯъбаҳои ҳукуматӣ вуҷуд дорад ва шаҳрвандон метавонанд дар он ҷо арзу шикоятҳои худро изҳор намоянд. Вале то механизми бархатӣ бештари Барномаҳои арзу дод дар ҳукумат дуруст кор намекарданд. Идея аз он иборат буд, ки дар рӯзи муайяни ҳар моҳ (рӯзи SWAGAT) шаҳрвандон метавонистанд шикоятҳои худро фиристанд ва дар мӯҳлати муқарраршуда ва дар баъзе мавридҳо бо мудохилаи бевоситаи Сарвазир ин шикоятҳо баррасӣ ва расидагӣ мешуданд.

Акнун бо истифода аз SWAGAT система бар платформаи ТИК асос ёфтааст. Ин механизм ҷараёни интиқоли иттилоотро тезонда, хароҷоти хидматро коҳиш медиҳад, дар ҳоле ки системаи механикӣ интиқоли файлҳои ҷисмонӣ ва монанди инҳоро талаб мекунад.

Тасвири 26. Нусхаи навори вебсафҳаи SWAGAT

Арзёбии мустақилона тавассути боздидҳои майдонӣ ошкор менамояд, ки система хуб кор мекунад, шояд аз ҷумла бо сабаби ҷалби бевоситаи Сарвазир ҳамчун пуштибони маҳаллӣ.

Сарчашмаҳо: *SWAGAT, http://swagat.guj.nic.in ва арзёбии коршиносӣ, ки аз ҷониби кормандони маъмурии Коллеҷи Ҳиндустон дар Ҳайдаробод анҷом дода шудааст.*

Харидории электронӣ

Муаррифии системаҳои худкори харидорӣ мудохилаи инсонро коҳиш медиҳад, беғаразиро таъмин менамояд, шаффофиятро фароҳам меорад, муассириро меафзояд ва раванди тендерро ба меъёр медарорад. Бартараф кардани фаъолияти муштараки фурӯшандаву харидор ҳангоми марҳилаҳои пеш ва пас аз тендер дар қабулу арзёбии тендерҳо беномиву беғаразиро таъмин менамояд ва пеши роҳи коррупсияро ба таври назаррас мегирад. Барои таъмин намудани шаффофият, санадҳои тендерии дорои ҳама гуна тафсилот дар вебсафҳа ҷойгир карда мешаванд ва аз рӯзи нашри тендер дастраскунандагон онҳоро метавонанд ба таври ройгон боркашӣ намоянд. Дар ҳар марҳилаи раванди тендер системаи хариди электронӣ ба иштироккунандаи тендер имкон медиҳад, ки ба ҳамаи иттилооти зарурӣ, аз он ҷумла ном ва маълумоти муфассал дар бораи дастраскунандагони рақиб, нарҳҳои таъйиншуда, натиҷаҳои арзёбӣ ва чораҳои андешидашуда аз ҷониби муассисаи дахлдори ҳукуматӣ, дастрасӣ дошта бошад.

Дар Ҳиндустон ва Филиппин, амалисозии системаи нави худкор раванди харидро хеле такмил дода, шароите, ки коррупсияро мусоидат мекунанд, коҳиш дода, шаффофиятро афзудааст. Маҳз ба ҳамин хотир акнун ҷомеа ба система эътимод пайдо кардааст. Тавассути меъёрӣ кардани тартибот ва қобили дастрасӣ намудани ҳамаи иттилоот, мардум метавонанд раванди харидориро назорат кунанд. Ҳамчунин, ин беҳбудӣ тавонмандии ҳукуматро дар идора кардани фаъолиятҳои харидории худ ва таъмини хизматрасонии ҷамъиятӣ афзоиш додааст.[160]

Дар умум, идоракунии электронӣ шаклҳои дигари иштироки ҷамъиятро дар корҳои ҳукумат имконпазир менамояд. Вебсафҳаҳову порталҳои ҳукуматӣ метавонанд низомномаҳои шаҳрвандонро барои шаҳрвандон ба хотири огоҳ будани онҳо аз ҳуқуқи худ ба хизматрасонӣ дар бар гиранд. Вебсафҳаҳо метавонанд ба муҳокимаҳои бархатӣ ва овоздиҳии бархатӣ оид ба масъалаҳои мушаххас мусоидат намоянд, то қабули қарор бештар муштарак бошад. Инчунин, вебсафҳаҳо метавонанд ба муассисаҳои дахлдор дар пайгирӣ кардан ва вокуниши таъсирбахш нишон додан ба арзу дод ва шикоятҳои шаҳрвандон кӯмак расонанд. Ҳамаи инҳоро метавон бо хароҷоти камтар ва бо самаранокии бештар аз имкониятҳои пешин анҷом дод. Ҳукуматҳо метавонанд дастрасии мувофиқ ва арзонро ба зерсохтор (масалан, телемарказҳои ҷамоавӣ) таъмин намуда, бо ин роҳ иштироки мардуми камбизоатро дар идоракунии электронӣ кафолат диҳанд.

Дар навбати худ шаҳрвандон метавонанд бо пешвоёни ҷамъиятиву мансабдорони ҳукуматӣ фаъолияти муштарак ба роҳ монанд, таваҷҷуҳи гурӯҳи мансабдоронро ба масъалаҳои ҷамъиятӣ ҷалб намоянд, ба дархостҳои худ ба иттилоот ва ё ба арзу додашон аз ҳукумат ҷавоби лозим ва зуд гиранд, ҳатто кортҳои гузориши шаҳрвандон ва чораҳои дигари аудити иҷтимоиро таҳия намуда, ба таъсирнокӣ ва самарабахшии фаъолияти ҳукумат баҳо диҳанд.

Фаъолияти муассир, самарабахш ва устувори ҳукумат дар фазои сулҳу субот ва ҷалби шаҳрвандон шароитеро фароҳам меорад, ки кишварҳо ба ҳадафҳо ва нишонгоҳҳои Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ноил мегарданд.

5.3 ТИК ва сулҳ[161]

Яке аз вижагиҳои муҳимтарини асри рақамӣ истифодаи ТИК-и нав барои эҷод кардани шаҳрвандиҳои рақамӣ мебошад. Баъзан шаҳрвандони рақамӣ ҳамчун «шаҳрвандони шабака» (netizens) номида мешаванд. Тафовутҳои фарҳангӣ метавонанд сарчашмаи нофаҳмӣ ва конфликт бошанд, ки дар натиҷа ба истифодаи расонаҳои нави ҳамкорӣ дар байни ҷамоаҳои бархатӣ, чи дар дохили як ҷомеа ва чи дар байни ҷомеаҳои гуногун, таъсири манфӣ гузоранд. Баҳори Араб дар соли 2011 баъзан намунае дониста мешавад, ки гӯё ТИК ангезандаи изҳори талабу дархостҳои мардум аз ҳокимонашон бошад.[162] Аммо дар асл ТИК сабаби ин бархурдҳо набуд, балки шароити иҷтимоӣ талаб мекард, ки шаҳрвандони воқиф аз Интернет ба таври муассир истифода бурда, дастгирии оммаро имконпазир гардонанд.

---

[160] K. Bikshapathi, P. RamaRaju and Subhash Bhatnagar, “E-Procurement in Government of Andhra Pradesh, India”, The World Bank, 30 March 2006, http://go.worldbank.org/W7W2AC3GS0 ва ба системаи харидории электронии Ҳиндустон http://www.eprocurement.gov.in ва системаи харидории электронии Филиппин http://www.philgeps.net нигаред.

[161] Ин бахш аз нашрияи мазкур гирифта шудааст: Daniel Stauffacher et al., *Information and Communication Technology for Peace: The Role of ICT in Preventing, Responding to and Recovering from Conflict* (New York, United Nations ICT Task Force, 2005), http://www.unapcict.org/ecohub/resources/information-and-communication-technology-for-peace-the-role-of-ict-in-preventingresponding-to-and-recovering-from-conflict.

[162] Rohan Samarajiva, “ICTs & the Arab Spring”, LIRNEasia, presentation made in Colombo on 3 May 2011, http://lirneasia.net/wpcontent/uploads/2011/05/SLPI_May11.pdf.

Садаи 21 яке аз садаҳои иттилооту дониш аст. Истифодаи ТИК барои эҷоди террору низоъ[163] бояд бо худи ҳамин «аслиҳа» саркӯб карда шавад, яъне ТИК бояд барои ҳифзи инсоният аз вайронкориву бадрафторӣ ва барои эҷоди сулҳу субот истифода бурда шавад.

ТИК барои таъмини сулҳу субот[164] соҳаи наву ташаккулёбанда буда, айни ҳол ба таври хеле васеъ таъриф мешавад. Он навъҳои гуногуни фаъолиятеро дар бар мегирад, ки дар робита ба низои мусаллаҳона, аз ҷумла пешгириву идоракунии низоъ, амалиётҳои барқарорсозии сулҳ, кӯмаки башардӯстона ва кӯмак дар ҳолатҳои фавқулодда ва сулҳофариниву барқарорсозии баъдиҷангӣ амалӣ карда мешаванд.

Пас аз бознигарӣ ба он ки чӣ гуна ТИК дар саросари ҷаҳон барои сулҳ истифода бурда мешавад, силсилаи мухталифи ташаббусҳои маҷмӯии фаъолиятҳои марбут ба сулҳ ва низоъро метавон тасаввур кард. Онҳо фаъолиятҳои пеш аз низоъ (чун системаҳои огоҳсозии пешакиву амалиётҳои майдонӣ барои пуштибонии сулҳ) ва фаъолиятҳои барқарорсозии баъди низоъ (чун ба даст овардани ҳамдигарфаҳмӣ)-ро дар бар мегиранд.

Ҳарчанд одамон ҳамеша дар маркази таҳлили иттилооту додаҳо оид ба сулҳ қарор хоҳанд дошт, ТИК метавонад дар эҷоди системаҳои огоҳсозии пешакӣ кӯмак расонад. Як қатор ташаббусҳое бар ТИК асос ёфтаанд, ки огоҳсозии пешакиро такмил медиҳанд ва дастрасии саривақтиро ба иттилоот таъмин мекунанд.

Релиф-Веб (ReliefWeb),[165] хадамоти Идораи ҳамоҳангсозии корҳои башардӯстонаи Созмони Милал (OCHA), консентратори (ҳастаи) шабакавӣ барои иттилоот дар бораи кӯмаки башардӯстона аст. Вебсафҳа барои расонидани муҳтавои мутобиқшуда ба вебсафҳаҳои шарикон хадамоти «веб-канали муҳтаворабо»-ро пешкаш менамояд. Истифодабарандагон метавонанд барои идораи маводҳои барои онҳо махсусан муҳим профилҳои бо калидвожа ҳифзшуда эҷод кунанд. Вебсафҳа дар як рӯз дар асоси 2000 сарчашма тақрибан 150 харитаву санадҳо нашр менамояд. Барои тозанигории шабонарӯзии хабарҳо, вебсафҳа дар се минтақаи замонӣ идора дорад.

Тасвири 27. Нусхаи навори вебсафҳаи Релиф-Веб



Сарчашма: *ReliefWeb, http://www.reliefweb.int.*

---

[163] Далели кофие дар домени ҷамъиятӣ вуҷуд дорад, ки ТИК, махсусан, GPS ва телефонияи мобилӣ ҳангоми ҳуҷуми террористии моҳи ноябри соли 2008 дар шаҳри Мумбай васеъ истифода шудааст.

[164] Барои иттилооти бештар ба вебсафҳаи Бунёди ТИК барои сулҳ http://ict4peace.org нигаред.

[165] OCHA, “ReliefWeb”, http://www.reliefweb.int.

Ҳамчунин, Идораи ҳамоҳангсозии корҳои башардӯстона (OCHA) Шабакаи ҳамгирошудаи минтақавии иттилоотӣ (Integrated Regional Information Network - IRIN)-ро[166] идора мекунад. Ин хизматрасонии мустақили иттилоотӣ дар бораи бӯҳронҳои башардӯстона гузориш медиҳад. IRIN тозанигориҳо, таҳлилҳо ва огоҳиномаҳоро дар бораи вазъи рушд тақрибан дар 70 кишвар нашр мекунад. Иттилоот аз шабакаи агентиҳои Созмони Милал, СҒҲ ва созмонҳои байналмилалӣ, мақомоти миллӣ, сармоягузорон, созмонҳои ҳуқуқи башар, ҳизбҳои сиёсӣ, муассисаҳои минтақавӣ, марказҳои динӣ, муассисаҳои илмӣ, доираҳои тиҷоратӣ ва воситаҳои ахбори омма ба даст оварда (ва таъмин карда) мешавад.

Ташаббусҳои огоҳсозии пешакии бо ТИК тавонмандшуда берун аз системаи Созмони Милал AlertNet-ро[167] дар бар мегиранд. Ин шабака лоиҳаи Бунёди Рейтерс буда, ба фаъолиятҳои зудраси башардӯстона дар ҳолатҳои фавқулодда ва пешогоҳӣ аз ҳолатҳои фавқулодда равона гардидааст.

Шумораи зиёди иҷрокунандагоне ҳастанд, ки ба амалисозии ҷанбаҳои мухталифи барқарорсозии сулҳ дар ҳолати низоъ фаъолона ҷалб шудаанд. Амалиёти дорои аҳамияти зиёд, масалан дар Афғонистон, шумораи зиёди созмонҳои ғайриҳукуматиро ҷалб менамояд. Ниёзи бузурге дар ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо барои ҳалли мушкилиҳо бидуни такрори талошҳо вуҷуд дорад. Идоракунии амалиёт дар чунин фазои пурнизоъ кори мураккаб буда, соҳаҳои ҳассоси ҳамоҳангсозии ҳарбиву шаҳрвандӣ ва идоракунии бинишу салоҳиятҳо (мандатҳо)-и пуртаззоди созмонҳои гуногунро фаро мегирад. Маҳз ҳамин печидагӣ зарурати истифодаи васеътари ТИК-ро меафзояд. Акнун амалиёти башардӯстонаро бидуни истифодаи ТИК, ки талошҳои замонавии ин равандро имконпазир гардоднидаанд, тасаввур кардан мушкил аст.

Баробари ба охир расидани низоъ таваҷҷуҳ ба равандҳои мураккабтари бозсозӣ нигаронида мешавад. Бидуни амнияти бунёдӣ, ба даст овардани ризоияти иҷтимоӣ, таъмин кардани волоияти қонун, ташкили ҳукумати тавоно ба хизматрасонӣ ва ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои фаъолияти иқтисодӣ метавонад бисёр душвор бошад. Бозсозии ҷисмонӣ (инфрасохтори моддӣ) бояд бо бозсозиву ризоияти иҷтимоӣ пеш бурда шавад. Дар айни ҳол бояд аз вазъиятҳое ҷилавгирӣ шавад, ки метавонанд боиси сар задани низоъҳои нав гарданд. Паҳнсозии иттилооти мӯътамад метавонад ба чунин бозсозӣ ва ризоият мусоидат карда, пеши роҳи гумроҳиҳоро гирад.

Барои ҷомеаи байналмилалӣ бозсозии баъди низоъ ва салоҳияти барқарорсозии кишвари низоъзада кори осон нест. Инро метавон дар мисоли Тимор Лесте мушоҳида кард, ки дар он ҷо Шӯрои Амнияти Созмони Милал салоҳияти ягонаеро таҳия кардааст. Бори нахуст дар таърих, он ҳокимиятро дар кишвар пурра ба дасти худ гирифта, салоҳияти ҳокимияти иҷрой, қонунбарор, судӣ ва ҳатто ҳарбиро ба дӯши маъмури таъйиншудаи худ гузошт. Ин маъмури Созмони Милал ҳама корҳо, аз он ҷумла нерӯгоҳҳои барқиву шӯъбаҳои сӯхторхомӯшкунӣ, радио, телевизион ва рӯзномаи Созмони Милалро идора мекард.

ТИК дорои потенсиали такмил додани равандҳои бозсозии баъди низоъ аст; ҳарчанд ин потенсиал нокофӣ истифода мешавад. Масалан, коммуникатсияи муассир метавонад шартҳои созишномаи оташбасро ба гурӯҳҳои ҷангҷӯй ва ҷамоаҳои маҳаллӣ паҳн карда, аз ин роҳ, вазъиятро равшан намояд ва барои амалисозии оташбас пуштибонӣ фароҳам созад. Ё худ он огоҳии трибуналҳо оид ба ҷиноятҳои ҳарбӣ ё комиссияҳои адлияро баланд бардошта, фаҳмиши умумиро дар бораи чораҳои зарурӣ барои таъмини волоияти қонун ташаккул диҳад. ТИК дар раванди бозсозӣ низ бояд нақши марказӣ дошта бошад, чунки ТИК-и бунёдӣ дар идоракунии давлати замонавӣ муҳим аст. Дарҳол пас аз вазъияти баъди низоъ, ТИК-ро метавон барои ноил шудан ба ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати раванди рушд истифода бурд. Махсусан, рушди дарозмуддат ба густариши ҷиддии ТИК эҳтиёҷ дорад.

Маъракаҳои иттилоотии бар ТИК асосёфта, ки барои таъмини сулҳу субот равона гардидаанд, метавонанд шаклҳои зиёд дошта бошанд. Онҳо, бешубҳа, ба мавқеи пешвоёни сиёсӣ таъсир гузошта, ба додугирифти иттилоот ва муколама дар байни ҷамоаҳои маҳаллӣ мусоидат мекунанд. Дар таҳлили ниҳой, ТИК фазоеро барои муколамаву муҳокима дар байни одамон эҷод мекунад. Ва ин шароити гуфтугӯ дар байни одамон ва ҷамоаҳо равандҳои сулҳофариниро ташаккул дода, танишу ихтилофҳои онҳоро, тавассути дур кардани нухбагону унсурҳои низоъҷӯ, аз байн мебаранд.

[166] IRIN, http://www.irinnews.org.
[167] Thomson Reuters Foundation, “Alertnet”, http://www.trust.org/alertnet/.

Ҷавонон дар амал 12. Дафтарҳои хотираи фаромӯшшуда (Forgotten Diaries)

Дафтарҳои хотираи фаромӯшшуда платформаи бархатист, ки барои мубодилаи таҷрибаҳо ва таҳияи лоиҳаҳо ҷавононро аз минтақаҳои низоъзадаи «фаромӯшшуда» бо ҳам муттаҳид менамояд. Дафтарҳои хотираи фаромӯшшуда аз 10 минтақаи низоъзада, ки ВАО-и касбӣ аз онҳо сарфи назар кардаанд, блогнависони ҷавонро ҷалб кардааст, ки барои бо ҷаҳониён расондани саргузаштҳову мушкилиҳои худ тавассути платформаи блогнависӣ амал мекунанд. Сипас, Дафтарҳои хотираи фаромӯшшуда ба ин блогнависон тавассути таъмин намудани омӯзиши бархатӣ (онлайнӣ) имкон фароҳам оварда, онҳоро бо грантҳои хурд барои таҳия ва амалӣ кардани лоиҳаҳои хурди ҷамоавии сулҳофаринӣ ва рушд дастгирӣ кардааст.

Шумо метавонед ба ин ташаббус бо чанд роҳ ҳамроҳ шавед. Барои ин ба сомонаи зерин нигаред: http://www.forgottendiaries.org/en/get-involved/

Нуктаҳо барои ёддошт:

- Азбаски ҳукуматҳо дар идоракунӣ масъулияти аввалиндараҷа доранд, ба ғайр аз роҳҳову бахшҳои марбут ба хадамоти асосӣ, роҳҳову бахшҳои зиёде ҳастанд, ки ҳукуматҳо бо истифода аз ТИК барои иҷрои масъулияти худ дар роҳи расидан ба рушд талош мекунанд.

- Ин роҳҳо фаъолиятҳоеро дар самти коҳиш додани хатари офат, кунду беасар кардани дигаршавии иқлим, таъмини беҳтари хизматрасонӣ тавассути ҳукумати электронӣ, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва гуногунии фарҳангӣ ва мусоидат ба сулҳу суботро дар бар мегиранд; вале дар айни замон ба инҳо маҳдуд намешаванд.

- Ҳукуматҳо мекӯшанд тавассути порталҳои таъмини хадамот бо шаҳрвандон бевосита дар тамос бошанд; онҳо барои ҳифзи муҳити зист ва коҳиш додани хатарҳои офат технологияҳоеро чун системаҳои иттилоотии ҷуғрофӣ (GIS) низ истифода мебаранд.

- Дар вақти сар задани офатҳои табиӣ, ТИК барои бонги огоҳӣ ва хатар аз офат задан, коҳиш додани хатар ва фаъолиятҳои вобаста ба кӯмаку таҷдид нақши муҳим мебозанд.

- Ҳамчун системаҳои идоракунии иттилоот дар амалисозии лоиҳа барои ҳукуматҳо, ТИК коҳиши тадриҷии коррупсия, беҳбудии хизматрасонӣ, шаффофият ва масъулияти хизматрасонии ҳукуматиро кафолат додааст.

Хулоса

Дар ин бахш, ки масъалаи татбиқи ТИК дар соҳаҳои гуногуни рушд баррасӣ гардид, баъзе мисолҳои омӯзишӣ низ махсус таъкид шуданд. Рӯйхати мисолҳои омӯзишӣ дар муқоиса бо гуногунрангиҳои фаровоне, ки дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором вуҷуд дорад, албатта ҳаргиз пурра нест. Дар робита бо роҳе, ки ТИК истифода мешавад, ҳар як воситаи татбиқ дар ҳар як бахш аз вижагии хосе бархурдор аст. Дар айни ҳол, дар ҳар яке аз бахшҳо имкониятҳо барои такмил мавҷуданд.

Ҳамаи мисолҳои омӯзишӣ ба ҳар шакле таъкид намудаанд, ки ҳукуматҳо метавонанд дар роҳи суръат бахшидани пешрафт ТИК-ро дар барномаҳои рушди худ ба таври густарда истифода баранд. ТИК-ро метавон барои беҳтар ва баробар расонидани хизматрасониҳо, барои мусоидат ба равандҳои мураккаби банақшагириву ҳамоҳангсозӣ дар ҳамаи бахшҳо, барои фароҳам овардани имконияти васеи мубодилаи иттилоот ва барои фарогирӣ ва мониторинги талошҳои асосӣ истифода бурд.

Машқи амалӣ

Ба вебсафҳаи миллии кишвари худ равед ва масъалаҳои зеринро аз назари санҷиш гузаронед:

1. Оё ҳамаи вазоратҳову шӯъбаҳо портали худро доранд.

2. Як шӯъбаи дилхоҳи худро интихоб кунед ва рӯйхати хадамоти давлатиеро тартиб диҳед, ки аз ҷониби ин шӯъба таъмин мегардад.

3. Хадамотро бар асоси назарҳои зерин арзёбӣ кунед:
а. Мавҷудияти иттилооте, ки шумо мехостед;
б. Осонии истифода;
в. Иртиботи мутақобил дар сайт;
г. Вижагиҳои гуногуни он (менюҳои дидашавандаи фаврӣ, бахши саволҳои зуд-зуд додашаванда, изҳори ошкорои иттилоот ва ғайра).

4. Рӯйхати хусусиятҳои изофиеро тартиб диҳед, ки мехоҳед вебсафҳа онҳоро дар бар гирад.

5. Рӯйхати ҳама гуна муҳтаво ва хусусиятҳоеро тартиб диҳед, ки мехостед дар «мақолаи рақамие» дар бораи ғановати фарҳангии кишвар, шаҳр ва деҳаи шуморо дарбар мегирифта, ҷой диҳед.

Худро бисанҷед

1. Истифодаи ТИК барои хизматрасонии харидорӣ:
   а. Коррупсияро дар равандҳои харидорӣ афзоиш медиҳад;
   б. Коррупсияро коҳиш дода, шаффофиятро афзоиш медиҳад;
   в. Чизе ба ҷуз хароҷоти беҳудае баҳри дастрасӣ ба ТИК нест, дар ҳоле ки корҳо хуб рафта истодаанд;
   г. Ҳеҷ яке аз натиҷаҳои болоӣ ба даст намеояд.

2. Истифодаи идоракунии электронӣ аз ҷониби ҳукумате чунин натиҷаҳоро эҷод менамояд:
   а. Хизматрасонии босифат;
   б. Талаботи беш аз пеши шаҳрвандон барои имтиёзҳо аз ҳукумат;
   в. Иҷрои беҳтар, ки ба натиҷаҳои беҳтари рушд меоварад;
   г. Ҳеҷ яке аз нуктаҳои болоӣ.

3. «Шаҳрвандони шабака» инҳо мебошанд:
   а. Шаҳрвандоне, ки барои изҳори ақидаҳои худ дар бораи масъалаҳои ҷамъиятӣ Интернетро истифода мебаранд;
   б. Насли рақамӣ;
   в. Шаҳрвандоне, ки шабакаҳо эҷод мекунанд;
   г. Ҳеҷ як аз нуктаҳои болоӣ.

4. Кадоме аз мавридҳои зерин як бахши талоши ТИК барои сулҳу субот нест:
   а. Системаҳои огоҳсозии пешакӣ;
   б. Ҳавопаймоҳои бесарнишин;
   в. ReliefWeb;
   г. OCHA.

5. Тафовут дар байни ҳукумати электронӣ ва идоракунии электронӣ чунин аст:
   а. Ҳукумати электронӣ ТИК-ро барои хизматрасонӣ истифода мебараду идоракунии электронӣ не
   б. Ҳукумати электронӣ раванд ва идоракунии электронӣ натиҷа аст
   в. Ҳар ду
   г. Ҳеҷ кадом.

БОБИ 6: ТАТБИҚИ ТИКР ДАР СОҲАҲОИ ФАРҲАНГ ВА САЙЁҲӢ

Дар тӯли таърих ҷомеаҳо барои ҳифзу мусоидат ба фарҳангҳо, муҷассамаҳо ва санадҳои таърихии худ талош кардаанд. Махсусан, онҳо аз чигунагии таъсири технологияву расонаҳо ба сарчашмаҳои фарҳангии худ, бо пешрафти технологияву воситаҳо, нигаронии ҷиддӣ доранд. Чунин вокуниш асоси воқеӣ дорад, дар ҳоле ки инкишофи яктарафаи ТИК метавонад ба гуногунрангии мероси мавҷудаи фарҳангӣ таҳдид намояд. Дар даҳсолаҳои охир нигарониҳои зиёде вуҷуд доштанд, ки раванди либерализатсия арзишу мероси фарҳангии мардумони алоҳидаро аз байн хоҳад бурд. Таъсири раванди чунин либерализатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки иттилооту дониши кишварҳои рушдкарда ба кишварҳои дар ҳоли рушд таҳмил меёбанд.

Нобаробарии бунёдӣ дар ҷараёни иттилооту дониш дар гузориши ЮНЕСКО бо номи «Садоҳои зиёду як олам» *(Many Voices, One World*) ба таври васеъ баррасӣ шудааст.[168] Ин гузориш ҳукмфармоии созмонҳои аз назари иқтисодӣ қавии воситаҳои ахбори оммаро дар ғункунӣ ва паҳнсозии воситаҳои иттилоотиву фарҳангӣ таъкид кардааст. Бар ивази чунин муносибати яктарафа, он ба ҳамкории бештар бо кишварҳои Ҷануб даъват кардааст. Ин ҳидоят боиси ташаккули ҷунбиши бетарафонаи ВАО гардид.

Дар ҳоле ки пешрафти ТИК то ҳадде муносибати нобаробарро тағйир додааст, нигарониҳо барои ҳифзи фарҳанг ҳамоно боқӣ мемонад. Пеш аз мулоқоти Нишасти сарони кишварҳои ҷаҳон оид ба ҷомеаи иттилоотӣ (WSIS), кишварҳои минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором ин нигарониҳоро мухтасар қайд кардаанд. Эъломияи Токио[169] оид ба дурнамоҳои минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором дар WSIS таваҷҷуҳро ба гуногунрангию ғановати фарҳангиву меросӣ дар ин минтақа ҷалб карда, ба ҳифзи онҳо даъват кардааст. Дар навбати худ, дар уҳдадориҳову барномаи амали WSIS чунин эътироф шудааст: «Дар таҳаввули Ҷомеаи иттилоотӣ таваҷҷуҳи махсус бояд ба вазъи мушаххаси мардуми бумӣ ва ҳифзи мероси таърихиву фарҳангии онҳо дода шавад».[170]

Гарчанде ин нобаробарӣ дар ҷараёни иттилооту дониш ҳамчун таҳдид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ дида шавад, ба таври васеъ равшан аст, ки ТИК метавонад абзори тағйирдиҳанда барои ҳифзу нигоҳдории фарҳанг ва гуногунии фарҳангӣ бошад. Масалан, ҳоло бо роҳи нусхабардории рақамӣ ҳифзи харобаҳои меъморӣ, тасвирҳову муҷассамаҳо имконпазир аст. Ҳифзи бойгониҳои анъанавӣ дар шакли аналогӣ (ҳамсон) фазои зиёдро пур мекунад, барои нигоҳдории он маблағи зиёд лозим аст, анҷоми таҳқиқот бештари вақтҳо тоқатфарсо буда, баъзе санадҳои арзишманд – тасвирҳову суратҳо, сабтҳои садоӣ ва видео-клипҳо – гум мешаванд, зиён мебинанд ва ё хароб мегарданд.

6.1 ТИК ва ҳифзи гуногунрангии фарҳангӣ

Стратегияи дақиқ тарҳрезишуда дар истифодаи ТИК барои ҳифзи гуногунрангии фарҳангӣ нуктаҳои зерро дар бар мегирад:

- Рақамисозӣ – Ҳуҷҷатгузорӣ ва табдили ганҷинаҳои мавҷудаи фарҳангӣ ба шакли рақамӣ ва эҷоди масолеҳи рақамӣ – видеоҳо, аниматсияҳо, маводи дарсӣ, китобчаҳо ва вебсафҳаҳои интерактивӣ, ки таъриху фарҳангҳоро тасвир менамоянд.

- Паҳнсозӣ (Густариш) – Истифодаи технологияҳои ташаккулёбанда ва роҳҳои муосири таҷассуми фарҳанг, аз ҷумла барномаҳои Web 2.0 барои пешбурди фарҳангҳо дар саросари ҷаҳон.

Манфиат аз рақамисозӣ зиёд аст. Рақамисозӣ дастрасии зуду осони корбарони бисёрро ҳам дар макон ва ҳам тавассути веби ҷаҳонгустар (world wide web) ба масолеҳи фарҳангие ба монанди суратҳо, видеоҳо ва дастнависҳо таҳвият медиҳад. Бештари вақт маводи пинҳоншудаву душвордарёфт, маконҳову санадҳои археологиро метавон рақамӣ ва ба ҷамъият дастрас кард. Ин барои афзоиши шумораи бештари тамошобинон дар як вақт имкон фароҳам меорад. Маводи рақамишуда ҳамчун нусхаи сунъии маводи асл хидмат мекунанд. Аз ин роҳ, рақамисозӣ метавонад

[168] International Commission for the Study of Communication Problems, *Many Voices, One World: Communication and Society, Today and Tomorrow towards a New More Just and More Efficient World Information and Communication Order* (Paris, UNESCO, 1980), http://unesdoc.unesco.org/images/0004/000400/040066eb.pdf.

[169] World Summit on the Information Society Asia-Pacific Regional Conference, "The Tokyo Declaration: The Asia-Pacific Perspective to the WSIS", http://www.unescap.org/idd/documents/tokyo_declaration.pdf.

[170] World Summit on the Information Society, Tunis Commitment, WSIS-05/TUNIS/DOC/7-E, 18 November 2005, http://www.itu.int/wsis/docs2/tunis/off/7.html.

ба талошҳои ҳифз тавассути коҳиш додани ҳамлу нақли санадҳои аслӣ кӯмак расонад. Коҳиши дастрасӣ ба нусхаҳои аслӣ ба ҳифзи онҳо аз талаф ё зиён кӯмак мерасонад. Ҳамчунин, дар сурати рух додани офатҳои табиие чун сӯхтору обхезӣ нусхаи рақамӣ метавонад ҳамчун нусхаи захиравӣ хизмат кунад. Дар муқоиса бо фотонусхабардорӣ рақамисозии додаҳои бузургандоза арзонтар меафтад. Он, инчунин, хароҷоти нигоҳдории дарозмуддатро коҳиш медиҳад ва 80 дарсади фазои нигоҳдории санадро сарфа мекунад.[171]

Бо истифода аз технологияҳои рақамӣ, соҳаи таърихи фарҳанг ба тағйир додани раванди эҳё ва фаҳмиши гузашта шурӯъ кардааст. Тавассути абзорҳои нави пуриқтидори технологияҳои иттилоотии рақамӣ ҳамгиро кардани коршиносии анъанавии идоракунии мерос, музейшиносӣ, таъриху археологӣ ба кишварҳо дар ҳифз, нигоҳдорӣ ва ҳатто пешбурди фарҳангҳои худ ҳамчун маконҳои сайёҳӣ – фаъолияти муҳими иқтисодӣ дар бисёр кашварҳои минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором - имкон фароҳам овардааст.

Бутан яке аз кишварҳоест, ки ҳифзи мероси фарҳангӣ як қисми сиёсатгузории рушди миллии он мебошад, ки дар Маҷмӯи хушбахтии миллӣ хуб тавсиф шудааст.[172] Ин кишвар ҳамбастаи шабакаи ҷаҳонии донишмандон бо номи Библиографияи солонаи археологияи Ҳиндустон (Annual Bibliography of Indian Archeology - ABIA) мебошад, ки аз рӯи пойгоҳи додаҳои библиографии мухтасар тавсифшуда ҳамкорӣ мекунанд. Ин шабака нашриётҳои соҳаҳои санъату археологияи Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷанубу Шарқиро фаро мегирад. Пойгоҳи додаҳо комилан тариқи бархатӣ дарёфтпазир буда, қобили дастрасии озод аст.[173]

Талошҳои дигаре дар кишварҳои гуногун ва саросари минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором ба миён омада, амалӣ мегарданд. Яке аз чунин талошҳо созмони Маббим (Mabbim) - мақомоти роҳбарикунандаи забони малайӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мебошад. Он дар нақша дорад, ки вебсафҳаи расмӣ барои забони малайӣ ва нусхаи онлайнии энсиклопедия дар бораи нажоди малай таҳия кунад. Диаспораҳои тамилизабон ташаббуси тақвият додани муҳтавои забони тамилӣ ва воситаҳои онлайнӣ дар Интернетро ба ихтиёр гирифтаант. Ин ташаббус шабеҳи маъракаи «Ба мандаринӣ сухан гӯй!» дар Сингапур мебошад. Ташаббусҳои марбут ба муҳтавои вебии забонҳои маҳаллии кишварҳои дар ҳоли рушд ба монанди Маратӣ низ амалӣ шуда истодаанд. Бисёр вебсафҳаҳо ба пешбурди мусиқии маҳаллӣ дар кишварҳое мисли Ҳиндустон, Бразилия ва Африкаи Ҷанубӣ мусоидат мекунанд.[174]

Мисоли 25. Сентернет (CenterNet)

Сентернет шабакаи байналмилалии марказҳои рақамии улуми гуманитарӣ буда, дар он санадҳо дар шакли рақамӣ ҳифз мешаванд. Аз марҳилаи оғозини худ дар моҳи апрели соли 2007, сентернет беш аз 200 ҳамбаста (узв) аз ҳисоби тақрибан 100 марказ дар 19 кишвар зам кардааст. Шарикони ин шабакаи ҷаҳонӣ дар Осиё марказҳоро аз Чин, Ҷопон, Ҷумҳурии Корея ва Тайван дар бар мегиранд.

Тасвири 28. Тасвири навори саҳифаи хонагии сентернет

[171] Fe Angela M. Verzosa, “Digital Initiatives in Archival Preservation”, paper presented at the International Conference on Challenges in Preserving and Managing Cultural Heritage Resources, Quezon City, the Philippines, 19-21 October 2005, http://paarl.wikispaces.com/file/view/Digital_Initiatives_in_Archival_Preservation.pdf.

[172] Ба мисоли омӯзишии 1 дар ин китоб нигаред.

[173] Барои тафсилоти бештар нигаред: Ramesh C. Gaur, “Digitization and Digital Preservation of Indian Cultural Heritage: Multimedia Digital Library Initiatives at IGNCA, New Delhi”, presentation slides, http://www.ignca.nic.in/PDF_data/kn_digital001_pdf_data/T4d_Digital_Preservation.pdf; and the ABIA Project, http://www.abia.net.

[174] Madanmohan Rao, “Nature of the Information Society: A Developing World Perspective”, paper prepared for the ITU Visions of the Information Society Project (n.d.), pp. 7-8, http://www.itu.int/osg/spu/visions/papers/developingpaper.pdf.

Дар Тайван, Бойгонии таҳқиқотии ганҷинаи Ҳопкинзи Тибет дар назди Коллеҷи будоиёни Дҳарма Драм як силсила дурдонаҳои рақамӣ, аз ҷумла беш аз се ҳазор соат таърихи шифоҳӣ дар бораи ҷанбаҳои гуманитариву фарҳангии будоиёни Тибетро ҳамроҳ бо ҳазорҳо соат лексия дар бораи будоиёни Тибет ҳифз менамояд, ки барои омӯзонидани роҳибони будоӣ метавон истифода бурд.

Тасвири 29. Нусхаи навори саҳифаи хонагии Коллеҷи будоиёни Дҳарма Драм



Сарчашмаҳо: *centerNet, http://digitalhumanities.org/centernet/centers; ва Dharma Drum Buddhist College, http://haa.ddbc.edu.tw/index.php.*

Барномаҳои Web 2.0 барои ҳифзу пешбурди фарҳангҳои маҳаллӣ имкониятҳои навро таъмин мекунад. Масалан, блогҳову твитҳо (дар сайтҳои блогнависӣ ё дар Twitter) дар бораи таҷрибаи саёҳат дар кишваре ё макони таъйинотие ба дигарон маълумот пешкаш мекунанд. Чунин маълумот ё худ «назар ё таҷрибаи дасти дуюм» ба сайёҳон кӯмак мерасонад, ки фарҳангҳои маҳаллиро бифаҳманд. Дар замони пеш, фаҳмиши мардум дар бораи фарҳангҳо ё тавассути таҷрибаи шахсӣ ҳангоми сафар ё аз тарафи расонаҳое чун рӯзномаву телевизион шакл мегирифт. Бо барномаҳои Web 2.0, ки «муҳтавои аз ҷониби корбар тавлидшуда»-ро фароҳам меорад, таҷрибаи дарки фарҳангҳову шароити маҳаллӣ ғанитар мегардад.

Агар ТИК дуруст ва самаранок истифода бурда шавад, метавонад дар шаш соҳаи асосӣ ба густариши мероси фарҳангӣ ҳам барои мутахассисони касбӣ ва ҳам барои кулли ҷомеа саҳм гузорад. Онҳо чунин соҳаҳоро фаро мегиранд:

1. Дастрасии зеҳниву ҷисмонӣ;
2. Ҳуҷҷатгузорӣ ва сабти макон;
3. Контекстҳои сершумори интерпретивӣ;
4. Ҳифзи нусхаи мӯътамад
5. Тавозун бахшидан дар байни боздидкунандагон ва ҳифзи мерос
6. Мусоидат намудан ба иштироки ҷомеа.[175]

Силсилаи гуногуни ҳалҳои нармафзорие вуҷуд доранд, ки метавонанд асоси интихобро барои вокуниш нишон додан ба ин масъалаҳо ташкил диҳанд. Вале қарорҳои марбут ба нармафзорҳо барои он бояд қабул шаванд, ки кадоме аз онҳо ба ҳадафу вазифаҳои лоиҳа ҷавобгӯ ҳастанд. Ин ҳадафу вазифаҳо ба таври зер мебошанд:

- ҳифзи захираҳои фарҳангӣ;
- фарогирии навъҳои гуногуни расонаҳое чун матн, сурат, садо ва видео;
- шумораи маводи сабт ва захирашаванда;
- шумораи маводи рақамишаванда ва барқароршаванда;
- арзиш ва иқтидори харид;
- бехатарии додаҳо;
- мубодилаву паҳнкунӣ.

[175] Halina Gottlieb, ed., *Basic Guidelines for Cultural Heritage Professionals in the Use of Information Technologies: How can ICT support cultural heritage?* (Tamara Brizard, Willem Derde, Neil Silberman & The Interactive Institute AB, 2007), http://www.enamecenter.org/files/documents/Know-how%20book%20on%20Cultural%20Heritage%20and%20ICT.pdf.

Ҷавонон дар амал 13. Саргузашт ва ё таҷрибаи худро нақл кун

Соли 2011 ҳангоми ба кор андохтани HeritageFest, лоиҳаи пайгирии ҷамоавӣ, ки аз ҷониби Шӯрои мероси миллӣ амалӣ мегардад, сарвазири Сингапур Ли Ҳсиен Лунг дар сухани ифтитоҳии худ гуфт: «Хона маънои онро дорад, ки шумо бояд баъзе хотираҳо дошта бошед, таҷрибаҳоро мубодила карда бошед ва ҳиссиёте дошта бошед, ки мо аз куҷо омадаем, чаро дар ин ҷоем, ин барои мо чӣ маъние дорад… мо таҷрибаҳои худро дар ин бора ба мардуми ҷавонтар ва насли оянда хоҳем гуфт… мо бо ҳамдигар, бо волидони худ, ба гузашта ва бо кӯдакони худ ба оянда хоҳем пайваст».

«Ҳай, ман фикр кардам. Бале, ин чунин аст. Ин маҳз он чизест, ки мо амалӣ мекунем. Ин маҳз нақли таҷрибаи рақамист. Ин маҳз чизест, ки мо мехоҳем ба ҷамъият, ба мактабҳо, ба фардҳо, ба ҷамоаҳо, ба Сингапур бирасонем… Мо мехоҳем бибинем, ки нақли таҷриба ба ҳаракате табдил ёфтааст. Ман афсонаҳои «буд-набуд»-ро дар назар надорам. Балки манзурам чизҳоест, ки зиндагӣ ва хотираҳо аз онҳо сохта шудаанд – қиссаҳои зиндагии мо, хотираҳо дигаргуниву таҳаввулоти моро ба ёд меоранд ва моро ҳамчун оила ва ҷамоаи ягонае бо ҳам мепайвандад».

Ин порча аз блогпаёмест, ки 19 июли соли 2011 аз ҷониби аурелия дар вебсафҳаи Нақли саргузашти рақамии Осиё гузошта шудааст. Нақли таҷрибаи рақамии Осиё ширкати иҷтимоие дар Сингапур мебошад, ки ҳадафи он эҷоди огоҳӣ ва пешбурди ҳаракатҳои табодули таҷрибаҳои рақамӣ дар Сингапур ва берун аз он аст. Дар ин бора метавонед аз торномаи зерин маълумоти бештар гиред ва ҳамчунин, таҷрибаи шахсии худро нақл кунед: http://digitalstorytellingasia.com.

6.2 ТИК ва сайёҳӣ дар деҳот

Истифодаи ТИК барои пешбурди сайёҳӣ дар деҳот роҳи дигари ҳифзу мусоидат ба фарҳангҳои маҳаллӣ буда, ҳамзамон пешрафти иқтисодии деҳотро таъмин менамояд. Бо татбиқи ТИК метавон сайёҳиро дар деҳот густариш ва афзоиш дод. Аз ин роҳ, сайёҳӣ дар деҳот аз соҳаи камаҳамият ба яке аз бахшҳои асосии иқтисодӣ табдил ёфта, рушди агробизнесро ривоҷ хоҳад дод. Ин ба хоҷагидорон (фермерон) имкон медиҳад, то ба ғайр аз фурӯши маҳсулоти кишоварзии худ дар бозорҳои минтақа, аз сайёҳӣ низ бевосита фоида ба даст оранд. Фаъолиятҳои ба сайёҳии деҳот вобастаро метавон барои дастгирии рушди пойдор ва эҷоди муҳити созгори инсонӣ ва экологӣ равона кард.

Тасвири 30. Маркази пурталотуми шаҳр дар Чин

Сарчашма: *Katharine Sierra, "Leveraging Cultural Heritage Assets for Local Economic Development", World Bank presentation, 2009, http://siteresources.worldbank.org/INTCHD/Resources/430063-1250192845352/LeveragingCHAssetsforLED_KSAnnualMeetOct12009.pdf.*

Сайёҳии электронӣ дар деҳот ба фардҳо (туристҳо)-и алоҳида равона гардида, асосан дар заминаи соҳибкории хурд инкишоф меёбад. Ин гуна сайёҳӣ хилофи сайёҳии ҳукмрон ва дар ихтиёри давлат ва ширкатҳои бузургбуда мебошад, ки одамонро ба таври оммавӣ ба саёҳат ҷалб мекунанд. Бо вуҷуди имкониятҳои танги молиявӣ ва мавҷудияти маҳдудиятҳои дигар сохтани вебсафҳае дар бораи ҷамоаи маҳаллӣ ва эҷоди маводи рақамие ба монанди блогҳо, презентатсияҳои аудио-визуалӣ ва қиссаҳои рақамӣ кӯмакрасонӣ ин намуди сайёҳӣ буда метавонанд. Эҷод кардани чунин вебсафҳаҳо ва маводи рақамӣ метавонад ба кашфи дубора ва пешбурди маконҳои номаълуми мероси фарҳангӣ-таърихӣ чун муҷассамаҳои қадимӣ, галереяҳо, музейҳо, театрҳо ва маконҳои дигар дар гардиши сайёҳӣ кӯмак расонад. Дар ҳоле ки харобазорҳои таърихӣ наҷот дода ва барқарор карда мешаванд, меросҳои номаълуме мисли қалъаҳо, хонаҳо ва деҳоти куҳна, мумкин аст, дубора кашф карда шаванд.

Фармоиши электронии макони зист, саёҳат бо истифода аз вебсафҳаҳо, аз назар гузаронидани бойгониҳои рақамии суратҳову маводи дигари рақамие, ки дар маҳал эҷод кардаву намоиш дода мешаванд – ҳамагӣ ба пешбурди нуқтаҳои саёҳат дар деҳот метавонанд кӯмак расонанд. Ин кор ба муҳити зист камтарин зиёнро хоҳад расонд. Намоиш додани таъриху фарҳанги маҳал тавассути садову рӯшноии рақамӣ роҳи ҳам пешбурд ва ҳам ҳифзи фарҳанг аст. Мисоли омӯзишии телемарказ дар Барио, Саравак ва Малайзия[176] таъсири телемаркази ТИК-ро ба маҳалли дурдаст дар истифодаи сайёҳӣ барои пешрафти иқтисодии ҷамоаи маҳаллӣ собит мекунад. Натиҷаҳо нишондиҳандаи онанд, ки ТИК дар афзоиши шумораи сайёҳон саҳми бевосита дорад. Ин мисол, ҳамчунин, нишон медиҳад, ки як қатор омилҳо ба қаноатмандии сайёҳон саҳм гузоштаанд. Бо ин самтҳои истифодаи ТИК дар оянда равшан мегарданд. Мисоли омӯзишии мазкур нишон медиҳад, ки аксари сайёҳон ба шарофати таблиғи Барио тавассути вебсафҳа дар бораи он огоҳӣ ёфтанд.[177]

Хулоса

Ҳам ҳукуматҳои бузург ва ҳам ҷамоаҳои хурд аз татбиқи ТИК барои қонеъ кардани талаботи хоси худ метавонанд баробар манфиат гиранд. Кишварҳое, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ потенсиали мероси фарҳангии худро талаф медиҳанд, ТИК-ро метавонанд бо мақсадҳои зерин истифода баранд: барои рақамӣ намудани дастхатҳову санадҳо; эҷоди қиссаҳои рақамӣ дар бораи мероси археологӣ ва сабти нутқҳои пешвоёни рӯҳониву дигар саромадон. Дар ҳоле ки сабту нигоҳдории захираҳои рақамишудаи фарҳангӣ нобудшавии онҳоро пешгирӣ менамояд, густариши ин захираҳо тавассути системаҳои вебиву ғайрибарҳатӣ (оффлайнӣ) метавонад фарҳангу ҳувияти миллиро таҳвият бахшад ва фаъол намояд. Бо ин роҳ, фарҳангҳо метавонанд эмин бошанд ва кафолати онро дошта бошанд, китамоми ҷаҳон онҳоро аз нигоҳи худашон мебинанд.

Ҷамоаҳо метавонанд тавассути истифодаи системаҳои вебӣ барои пешбурди сайёҳӣ ба мероси маҳаллии худ умед банданд. Дар навбати худ, ин сабаби пешрафти иқтисодии маҳал тавассути афзоиши ҷои кор ва хизматрасониҳо мегардад.

Машқи амалӣ

Ба ягон системаи ҷустуҷӯии интернетӣ равед ва дар бораи ҷамоаи маҳаллии худ иттилоъ ҷӯед.

1. Рӯйхати ҳамаи хусусиятҳоеро тартиб диҳед, ки дода шудаанд.
2. Рӯйхати ҳамаи хусусиятҳои изофиеро тартиб диҳед, ки ба фикри шумо сайтро такмил хоҳанд дод.
3. Бо рӯйхаткунии ҳамаи иттилооте, ки мехоҳед дар вебсафҳа бибинед, барои сайти сайёҳии электронии ҷамоаи маҳаллие муҳтаво тартиб диҳед.

[176] Roger Harris, “Tourism in Bario, Sarawak, Malaysia: A Case Study of Pro-Poor Community Based Tourism Integrated into Community Development”, Asian Encounters, 25 November 2010, http://asianencounters.spruz.com/pt/Tourism-in-Bario-Sarawak-Malaysia-A-Case-Study-of-Pro-Poor-Community-Based-Tourism-Integrated-into-Community-Development/blog.htm.

[177] A. A. Mohammed, et. al., “ICTs and Tourists’ Satisfaction: A Test on a Rural Tourist Destination”, *e-Review of Tourism Research*, Vol. 8, No. 5 (2010), pp. 123-135.

Худро бисанҷед

1. Таъсири дарозмуддати вебсафҳа барои ҷамоаи маҳаллие ин хоҳад буд:

а. Афзудани аёнияти барои ҷамоа ва тавассути пешбурди мероси фарҳангии минтақа расонидани кӯмак ба сайёҳии деҳот;
б. Таъмин намудани фаъолиятҳои тавлиди даромад барои ҷамоа;
в. Таъмин намудани хизматрасониҳои босифат барои шаҳрвандон ва ҷалби шаҳрвандон;
г. Ҳамаи мавридҳои болоӣ;
д. Ҳеҷ як аз мавридҳои болоӣ.

2. «Саргузашти рақамӣ» барои истифода дар вебсафҳаи ҷамоавӣ корбарро бо кадоме аз мавридҳои зер таъмин хоҳад кард:

а. Сафари маҷозӣ ба деҳа;
б. Ҳисси ошноӣ ва ҳавасмандӣ ба сафару саёҳат;
в. Иттилоот дар бораи мероси фарҳангии маҳал;
г. Ҳамаи мавридҳои болоӣ;
д. Ҳеҷ як аз мавридҳои болоӣ.

3. Эъломияи Токио таваҷҷуҳро ба кадом нуктаи зер ҷалб кардааст:

а. Зиён ба муҳити зист ва тағйири иқлим;
б. Стратегияҳои идоракунии офати сунамӣ;
в. Гуногунии ғании фарҳангии минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором;
г. Роҳҳои нави вокуниш нишон додан ба бӯҳрони иқтисодии соли 2008.

4. Сайёҳии электронӣ дар деҳот одатан чӣ аст:

а. Талоши миллӣ;
б. Талоши ҷамоаи маҳаллӣ;
в. Талош барои афзудани иштироки маҳал ба фаъолиятҳои сайёҳӣ;
г. Талош барои ҳифз кардани фарҳанги маҳаллӣ аз бегонагон.

5. Барномаҳои Web 2.0:

а. Барои сайёҳии электронӣ дар деҳот мувофиқ нестанд;
б. Танҳо барои иштироки чанд нафар дар система имкон медиҳанд;
в. Сифати сайёҳии деҳотро тавассути фаъолияти муштарак такмил медиҳанд;
г. Ҳеҷ як аз мавридҳои болоӣ нестанд.

Адабиёт барои хониши иловагӣ:

Bhatnagar, Subhash. *Paving the Road towards Pro-poor e-Governance: Findings and Observations from Asia-Pacific Case Studies.* Bangkok: UNDP, 2006. http://www.apdip.net/projects/e-government/capblg/casestudies/Overview.pdf.

Dighe, Anita, and Usha Rani Vyasulu Reddi. *Women's Literacy and Information and Communication Technologies: Lessons that Experience has Taught Us.* New Delhi: Commonwealth Educational Media Centre for Asia, 2006. http://www.cemca.org/CEMCA_Wom ens_Literacy.pdf.

Grimshaw, David J., and Shalini Kala, eds. *Strengthening Rural Livelihoods: The impact of information and communication technologies in Asia*. Ottawa: IDRC, 2011. http://idl-bnc.idrc.ca/dspace/bitstream/10625/45947/1/132419.pdf.

Huyer, Sophia, and Swati Mitter. ICTs, Globalization and Poverty Reduction: Gender Dimensions of the Knowledge Society. 2005. http://unpan1.un.org/intradoc/groups/public/documents/unpan/unpan037351.pdf.

Meleisea, Ellie, ed. *ICT in Teacher Education Case Studies from the Asia-Pacific.* Bangkok: UNESCO, 2008. http://www.unesco.org/new/en/communication-andinformation/resources/publications-and-communication-materials/publications/full-list/ict-in-teacher-education-case-studies-from-the-asia-pacific-region.

Reddi, Usha Rani Vyasulu. *Module 1: The Linkage between ICTs and Meaningful Development*, 2nd edition. *Academy of ICT Essentials for Government Leaders* module series. UN-APCICT/ESCAP, 2011. http://www.unapcict.org/academy/.

Verzosa, Fe Angela M. Digital Initiatives in Archival Preservation. Paper presented at the International Conference on Challenges in Preserving and Managing Cultural Heritage Resources, Quezon City, the Philippines, 19-21 October 2005. http://paarl.wikispaces.com/file/view/Digital_Initiatives_in_Archival_Preservation.pdf.

Wattegama, Chanuka. *ICTs for Disaster Management*. Bangkok: UNDP and Incheon: UNAPCICT/ESCAP, 2007. http://www.apdip.net/publications/iespprimers/eprimer-dm.pdf.

БАХШИ III. ИДОРАКУНӢ

Ҳадафҳои омӯзишӣ

Муаррифии ҳолатҳои зерин ҳадафҳои омӯзишии ин бахшро дар бар мегирад:

- Масъалаҳову душвориҳо дар амалисозии барномаҳову лоиҳаҳои ТИКР;
- Унсурҳои гуногуну асосии ҳар як душворӣ;
- Душвориҳои асосӣ дар идоракунии лоиҳа;
- Арзиши идоракунии дигаргунӣ дар идоракунии лоиҳаи ТИКР;
- Асосҳои баҳогузорӣ ва арзёбии лоиҳаи ТИКР.

Натиҷаҳои омӯзиш

Пас аз анҷоми ин бахш, омӯзандагон дорои қобилиятҳои зерин хоҳанд шуд:

- Фаҳмидани он, ки чаро лоиҳаҳои ТИКР аз дигар лоиҳаҳои рушд тафовут доранд;
- Фаҳмидани сабабҳое, ки чаро лоиҳаҳои ТИКР метавонанд комёб ё ном шаванд;
- Фаҳмидани аҳамияти банақшагирии ҳамгирошуда ҳамчун раванде дар лоиҳаҳои ТИКР;
- Фаҳмидани унсурҳои идоракунии ҳамкорӣ, вақт ва одамон;
- Татбиқ намудани методологияҳои асосӣ дар арзёбии лоиҳаи ТИКР.

Муқаддима

Баъзе лоиҳаҳои рушд комёб ва баъзеи дигар ном мешаванд. Дар бораи комёбиҳо ҳамчун «таҷрибаҳои беҳтарин» бисёр гузориш дода шудааст. Аммо номиҳо ҳуҷҷатгузорӣ намешаванд ва дар бораи онҳо аҳёнан гузориш дода мешаванд. Чун мо дар бораи лоиҳаҳои ном кам медонем, аз ин рӯ, онҳо наметавонанд барои татбиқи минбаъдаи ТИКР дарси ибрат шаванд.

Яке аз ҳолатҳои ҳузнангези омори ТИКР дар сохтори давлатӣ ин шумораи лоиҳаҳои ном мебошад. Мувофиқи баъзе сарчашмаҳо, беш аз 70 дарсади лоиҳаҳои ТИК дар сохтори давлатӣ ном мегарданд.[178] Ба сабаби мураккаб будани тағйирёбандаҳои (омилҳои) алоқаманд, муайян кардани сабабҳои номии лоиҳа ва аз онҳо таҷриба омӯхтан хеле душвор аст. Чаро лоиҳаҳо комёб ё ном мешаванд? Дар ҳоле ки коршиносон арзёбиҳои гуногун дар бораи сабабҳои систематикии комёбӣ (муваффақият) ё номӣ доранд, як нуктаи умумиеро низ ҳамаи онҳо дастгирӣ мекунанд: бештари вақт масъалаҳо на ба технология, балки ба хусусияти идоракунӣ вобастаанд. Ин омилҳо метавонанд ба набудани бинишу стратегия, идоракунии ноқиси лоиҳа, идоракунии ноқиси дигаргуниҳо, ҳукмфармоии сиёсат ва худхоҳӣ, набудани лаёқатҳои зарурӣ ва носозгориҳои технология вобаста бошанд.[179] Сабаб ҳар чизе набошад, бояд эътироф кард, ки дар самти татбиқи ТИКР мушкилиҳои бештар вуҷуд доранд. Аксари ин мушкилиҳо бо фаҳмидану истифодаи ТИКР, махсусан, бо истифодаи ТИК ҳамчун воситаи асосии муваффақ шудан ба ҳадафҳои рушд алоқаманданд.

[178] Tim Rainey, “Why do so many public sector ICT projects fail?” publicservice.co.uk, 25 April 2007, http://www.publicservice.co.uk/feature_story.asp?id=7622. See also Richard Heeks, “Success and Failure Rates of eGovernemnt in Developing/Transitional Countries: Overview”, e-Government for Development, Institute for Development Policy and Management, University of Management, 19 October 2008, http://www.egov4dev.org/success/sfrates.shtml.

[179] Richard Heeks, “eGovernment for Development: Success and Failure in eGovernment Projects – Evaluation”, Institute for Development Policy and Management, University of Manchester, http://www.egov4dev.org/success/evaluation/factormodel.shtml.

Мисоли 26. Лоиҳаи пойгоҳи додаҳои миллӣ: дарси арзишманду ибратомӯз барои Бангладеш

Лоиҳаи пойгоҳи додаҳои миллӣ яке аз лоиҳаҳои аз ҳама пештар шурӯъгардидаи ТИКР дар кишварҳои дар ҳоли рушд аст. Лоиҳа дар нақша дошт, ки силсилаи васеи додаҳову пуштибонии иттилоотиро ба сатҳҳои зиёди ҷонибҳои манфиатдор дар дохил ва беруни Бангладеш таъмин намояд. Ҳадафи лоиҳа ба ҳам пайвастани дувоздаҳ вазорату шӯъба ва минбаъд густариш додани пайванди шабакавӣ дар бахшҳои банақшагирии ҳамаи вазорату шӯъбаҳои дигар буд. Шабака бар протоколҳои ATM/Fast Ethernet асос ёфта, пайвандҳои нахи оптикӣ ё терминали дорои апертураи бисёр хурдро (VSAT) истифода мебарад. Дар ин шабака меъмории (архитектураи) муштарӣ/сервер барои система муқаррар шудааст. Системаи нисбии идоракунии пойгоҳи додаҳо бо барномаҳои дигар нармафзори барои лоиҳа интихобшударо ташкил медоданд.
Ҷониби асосии манфиатдор дар лоиҳа Шӯъбаи омори Вазорати банақшагирии Бангладеш буд. Вале шабака мебоист воситаҳои хизматрасонии додугирифти додаҳоро барои як қатор ҷонибҳои манфиатдор пешкаш мекард. Ин ҷонибҳои манфиатдор вазоратҳову маъмурони ҳукуматӣ, бахшҳои хусусиву СҒҲ дар ҳудуди Бангладеш ва берун аз он буданд.

Бо вуҷуди талошҳои идома додани лоиҳа, ягон пойгоҳи додаҳо таъсис дода нашуд ва додаҳои оморӣ дар ягон гӯшаи лоиҳаи таъйиншуда ҳифз нагардид. Лоиҳа шикаст хӯрд ва оқибат баста шуд.

Арзёбии лоиҳа ошкор кард, ки нокомии он ба норасоии захираҳои инсонӣ, мушкилиҳои тавонмандӣ, набудани роҳбариву вафодорӣ ва ҳамкориҳои муассир, ҷалби сусту нокофии ҷонибҳои манфиатдор, набудани тасмимгирии шарикона, ғайриоқилона будани равандҳои харидории маҳсулот ва қабули одамон ба кор бо вуҷуди сарфи зиёди вақту маблағ вобаста будааст. Моҳиятан, ин ҷо нокомии лоиҳа на ба технология, балки ба маҳоратҳои идоракунии лоиҳа хос аст.

Сарчашма: *Adapted from eGovernment for Development, "Success/Failure Case No. 24 – The National Data Bank Project: An Expensive Lesson for Bangladesh", http://www.egov4dev.org/success/case/ndb.shtml.*

Вебсафҳаи http://www.egov4dev.org дорои захираи зиёди мисолҳои омӯзишии лоиҳаҳои муваффақ ва номуваффақи ТИКР аст. Омӯзиши дақиқи захираҳо дар вебсафҳа нишон медиҳад, ки аксари лоиҳаҳои ТИКР на танҳо аз он сабаб ноком шуданд, ки чорасозии технологӣ нодуруст буд. Нокомии ТИКР, инчунин аз дарк накардани фарқияти лоиҳаҳои ТИКР аз дигар лоиҳаҳо ва сарфи назар кардан аз нозукиҳою мушкилиҳои алоҳидаи идоракунии онҳо вобаста мебошад.

Дарки якчанд омил муҳим аст, ки вижагии татбиқи ТИКР-ро нишон медиҳанд.

Нахуст, воситаҳои ТИК, ки ҳамаи воситаҳои коммуникатсияро дар бар мегиранд, дар фазои ҷамъиятӣ кор карда, дар корбурд ва таҳти назари ҳамагон ҳастанд. Дар натиҷа, таблиғоти бештар дар бораи ин талошҳо вуҷуд доранд ва чунин мешавад, ки ҳангоми ба нокомӣ дучор шудани татбиқи ягон воситаи ТИК эътирозу ғавғо мехезад.

Дувум, рекламаи дилбазане ТИК-ро бо пешвоёни ҷаҳонӣ, сиёсатмадорон, соҳибкорон ва мутахассисони касбии соҳаи рушд иҳота кардааст, ки истифодаи онҳоро дар рушд сахт пуштибонӣ менамоянд. Ин танҳо мутахассисони касбии ТИК ва соҳаи рушдро барои комёбиҳову нокомиҳо масъул медонад.

Севум, бо сабаби суръати интиқол ва фарогирии ТИК, комёбиҳову нокомиҳои лоиҳаҳои ТИКР зери мушоҳидаи ҷамъиятанд, ки масъулияти иловагиро барои истифодаи дуруст, муҳим ва бомуваффақият эҷод мекунад.

Чаҳорум, муҳтавои ТИК ба ҷомеа таъсири густурда дошта, дигаргуниҳо дар ин самт ба дигар бахшҳои ҷомеа ба таври пешгӯинашаванда паҳн мешаванд. Ин боиси номуайянии натиҷаҳову таъсирҳо мегардад.

Ниҳоят, ҳамаи талошҳову ташаббусҳо дар истифодаи ТИК барои рушд хусусияти бисёрсоҳавӣ доранд. Ин маънои онро дорад, ки истифодаи ТИК талоши гурӯҳӣ буда, асосу бунёди онро шарикиҳову ҳамкориҳо ташкил медиҳанд. Чунин талоши гурӯҳӣ баҳамоии (конвергенсияи)

технологияҳо, шарикони мухталифи иҷтимоӣ ва шохаҳои гуногуни илмӣ чун муҳандисӣ ва ҷомеашиносии деҳотро дар назар дорад.

Ҳадди аксар, истифода бурдани ТИК барои кишварҳои дар ҳоли рушд на танҳо фаҳмиши имкониятҳоеро, ки ТИК пешкаш менамоянд, балки маҳдудиятҳову гузаштҳои эҳимолиро низ талаб мекунад. Донистани замон, макон ва зарурати татбиқи ТИК ҳамчун унсури асосии сикли лоиҳа муҳим аст. Бо ба ҳисоб гирифтани ин тарафҳои татбиқи ТИК, пасон метавон омӯхт, ки чӣ тавр онро чун унсури зарурии сикли лоиҳа қабул кард. Маҳз ҳамин ҷиҳатҳои татбиқи ТИК барои банақшагирии он лозим мебошанд. Як қатор нигарониҳое вуҷуд доранд, ки дар ин ҷо ва дар боби оянда баррасӣ мешаванд.

Бахши II бо таъмин намудан ва фаҳмидани ду намуди гуногуни татбиқи ТИКР – ТИК ҳамчун ангезанда ё бо ТИК пуштибонишаванда оғоз шуд. Дар он бахш мисолҳои омӯзишии ташаббусҳои махсуси соҳа дар истифодаи ТИК барои рушд баррасӣ гардиданд. Дар бахши мазкур бошад ҳадаф дарки раванди банақшагирӣ ва идоракунии лоиҳаҳои ТИКР, сарфи назар аз роҳи таҳияи онҳо мебошад, чунки банақшагирии оқилона метавонад эҳтимолияти муваффақиятро афзоиш диҳад. Банақшагирӣ барои пӯшонидани холигоҳҳо дар байни тарҳрезиву воқеият – дар заминаҳо, дар равандҳои банақшагириву амалисозӣ ва дар идроку фалсафаи ҷонибҳои гуногуни манфиатдор муҳим аст. Бидуни банақшагирӣ, бештари вақт дар байни бартаригузориҳо, сармоягузориҳо, масолеҳ ва натиҷаҳо номувофиқатӣ рух медиҳад.

Агентии Австралия оид ба рушди байналмилалӣ барои ду намуди татбиқи ТИК, ки пештар зикр шуданд, чорчӯба ва рӯйхати назоратиро таҳия кардааст. Саволҳое, ки бо ифодаҳои содда пурсида мешаванд, ба раванди банақшагирӣ равшанӣ хоҳанд андохт.

Равзанаи 11. Дастурамали хуб барои тарҳрезии лоиҳаҳои ТИК пешбаранда дар кишварҳои дар ҳоли рушд

Ҷузъиёти асосии дастурамали хуб барои тарҳрезии лоиҳаҳои ТИК пешбаранда дар кишварҳои дар ҳоли рушд		
1	Чаро?	Оё ҳадафи истифодаи лоиҳаи бар ТИК асосёфта дар ҳақиқат барои паст кардани сатҳи камбизоатист?
2	Кӣ?	Оё барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ гурӯҳи ба таври равшан мушаххасшудаи мавриди ҳадаф вуҷуд дорад?
3	Чӣ гуна?	Оё навъи ТИК-и истифодашаванда дар робита бо хароҷот, пуштибонӣ, нигоҳдорӣ ва мутобиқат бо ҷараёнҳои мавҷудаи иттилоот мувофиқ аст?
4	Чӣ гуна?	Оё имкон дорад, ки намуди ТИК-и истифодашаванда ба миқёси густурда паҳн карда шавад?
5	Чӣ гуна?	Оё миёнаравони мувофиқ истифода мешаванд?
6	Чӣ гуна?	Барои ҳамкории бахшҳои давлативу хусусӣ кадом имкониятҳо вуҷуд доранд?
7	Чӣ?	Оё муҳтаво тавассути ТИК-и дахлдор ба шунавандагон интиқол дода мешавад ва оё забони онро шунавандагони мавриди ҳадаф ба осонӣ мефаҳманд?
8	Чанд вақт?	Дар кадом давра лоиҳа худкифо хоҳад буд?
9	То чӣ андоза хуб?	Кадом равандҳои андозагирии фаъолият, мониторинг ва арзёбӣ дар маҳал истифода мешаванд?
10	Кадом хатарҳо?	Идоракунии хатарҳо: «Кадом ҳодисаҳо ё ҳолатҳои ғайричашмдошт метавонанд воқеъ шаванд?» ва «Барои бартараф кардани онҳо чӣ бояд кард?»

Сарчашма: *Richard Curtain, Information and Communications Technologies and Development: Help or Hindrance? (AusAID, 2004), p. 6, http://www.developmentgateway.com.au/jahia/webdav/site/adg/shared/CurtainICT4DJan04.pdf.*

Дар машварату ҳамкорӣ бо ҳамаи шарикону ҷонибҳои манфиатдор кушоду возеҳ ҷавоб додан ба ин саволҳо ба банақшагирандагону амалисозандагон имкон хоҳад дод, то аз иштибоҳҳое парҳез кунанд, ки боиси ноком гардидани шумораи зиёди лоиҳаҳои ТИКР гардидаанд.

Роҳҳои дигари арзёбӣ ва баҳогузории иҷропазирӣ ва таъсирбахшии лоиҳаҳои ТИК вуҷуд доранд. Масалан, Шӯрои хазинадории Канада Барномаи тавонмандсозандаи тағйири бизнесро ниҳодина (институтсионалӣ) намуд, ки «маҷмӯи воситаҳои тағйири бизнесро таъмин менамояд ва барои банақшагирии қатъиву тарҳрезии ҳамгирошудаи стратегӣ дар давоми татбиқ ва амалиёти мутақобилаи аз тарафи ҳукуматҳо пуштибонишаванда имконият фароҳам меорад». Ҳадафи

барнома «кӯмак намудан ба шӯъбаҳову муассисаҳо барои созгор ва мутобиқ кардани раванди тағйир дар тамоми ҳукумат бо равиши комилу меъёришуда барои амалисозии барномаҳо ва лоиҳаҳои хизматрасонӣ тарҳрезии фаъолияти онҳо баҳри самаранокиву истифодаи такрории тарҳ ва инчунин тағйирпазирии банақшагирӣ ваиҷро мебошад».[180] Истифодаи воситаҳои ҳамсони арзёбӣ барои ошкор кардани омилҳои муайяне кӯмак менамояд, ки омодагии барномаҳову лоиҳаҳои ТИК-ро дар доираи муассисаҳои ҳукуматӣ, СҒҲ ва созмонҳои дигари рушд баҳогузорӣ хоҳанд кард.

Ин бахш ба масъалаҳои гуногуне дар идоракунӣ ва таҳқиқи лоиҳаи ТИКР вокуниш нишон медиҳад. Дар ҳоле ки ҳамаи масъалаҳо ба ҳам пайвастаанд, барои фаҳмиши беҳтар онҳо алоҳида баррасӣ шудаанд. Ҳамаи масъалаҳои баррасишуда баробараҳамиятанд ва сарфи назар кардани яке аз онҳо метавонад лоиҳаи ТИКР-ро ба нокомӣ дучор кунад.

[180] Treasury Board of Canada, “Business Transformation Enablement Program (BTEP)”, Government of Canada Web Archive, http://www.collectionscanada.gc.ca/webarchives/20071125180244/www.tbs-sct.gc.ca/btep-pto/index_e.asp.

БОБИ 7. МАСЪАЛАҲОИ ИДОРАКУНИИ ЛОИҲА

Таҷрибаҳои андӯхташуда доир ба татбиқи ТИКР[181] муҳимияти омилҳоеро нишон медиҳанд, ки ҳангоми банақшагирии ТИКР бояд ба назар гирифта шаванд. Нахуст, ташаббусҳо барои рушд бояд ҳадафҳои равшан дошта, таъсирашон ба баҳрабардорандагон муайян бошад.

Дувум, татбиқи воситаҳои ТИКР бояд ба талабот, на ба таъминот, нигаронида шавад ва талабот бояд аз худи ҷамоа сар занад. Ин ниёзи таъсис додани шарикиҳо бо ҷамоа ва ҳавасмандсозии ҳисси соҳибмулк будани ҷамоа ба татбиқи ТИКР ва натиҷаҳои онро дар назар дорад.

Севум, дар рафти татбиқи воситаҳои ТИК бояд шароиту маҳдудиятҳои маҳаллӣ, аз ҷумла шароиту маҳдудиятҳои марбут ба зерсохтор, дастрасӣ, муҳтаво, аҳамият, забон ва қобилияти истифода ба ҳисоб гирифта шаванд.[182] Бояд ба манфиатҳои ҷонибҳои манфиатдори маҳаллӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад, то ки ҳадафу бинишҳои умумӣ ва шарикӣ эҷод шаванд.

Чаҳорум, татбиқи воситаҳои ТИК бояд ба таври пойдору давомдор тарҳрезӣ шаванд. Интихоби технологияҳо барои пайвастшавӣ, унсурҳои сахтафзору нармафзори компютерӣ ва системаҳои бехатарӣ барои ҳифзи системаҳои ТИК ва додаҳо аз амалиёти ҳакарӣ, вирусҳо ва харобкориҳои дигари бехатарӣ зарур аст.

Панҷум, уҳдадории сиёсӣ ва шарикии ҳукумат бо дигар ҷонибҳои манфиатдор ба шарикон сабукиҳо меорад. Чунин уҳдадорӣ бояд бо сармоягузорӣ аз ҳисоби буҷет ифода гардад, ки ҳам аз нигоҳи ҳаҷм ва ҳам тақсимот кофист. Бо кафили шарикии бисёрҷониба будан,, ҳукумат метавонад саҳми худро дар эҷоду густариши беғаразонаи зерсохтор ва мутобиқсозиву фарогирии лоиҳаҳои муваффақи озмоишӣ кам кунад. Дар ин робита, бахши хусусӣ ва СҒҲ метавонанд бо ҳукумат ҳамкорӣ карда, бо таҷрибаву захираҳои худ саҳмгузор бошанд. Аз он ҷумла СҒҲ метавонанд иштироки ҷамоаро дар ин самт таъмин намоянд.

Шашум, бояд кафолат дода шавад, ки лоиҳаҳои ТИКР ба раванди умумии рушд нигаронида шудаанд, на ба як давра ё ҳадафи маҳдуд. Аммо аксари лоиҳаҳои рушд, махсусан лоиҳаҳои аз ҷониби сармоягузорон маблағгузоришуда, дар чорчӯбаи маҳдуди вақт амалӣ шуда, ба қонеъ намудани ҳадафҳои мушаххас равона гардидаанд. Бояд эътироф кард, ки барои истифодаи ТИК ҳамчун воситаҳои самараноки рушд бояд онҳо барои муҳлати тӯлонӣ ва ба таври пойдор ба кор бурда шаванд.

Ҳафтум, на таҳиякунандаи муҳтаво ё расонандаи хизматрасонӣ, балки корбар (истифодабаранда) бояд манфиатҳоеро муайян намояд, ки ӯ аз истифодаи технология ба даст хоҳад овард. Баъзан, вақте лоиҳа ба фоида (дивидент) овардан оғоз менамояд, давраи барои лоиҳа ҷудошуда ба анҷом мерасад, сармоягузорӣ боздошта мешавад ва лоиҳа ба душвориҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад. Ҳамин тавр, барои ҳукуматҳо ё ташаббускорони лоиҳа низ муҳим аст, ки устувории лоиҳаҳои ТИКР-ро ҳарчӣ зудтар аз марҳилаи тасаввур ё оғозии лоиҳа таъмин намоянд.

Се масъалаи асосие, ки ба комёбӣ ё нокомии лоиҳа таъсир мегузоранд, дар зер баррасӣ хоҳанд шуд. Инҳо аҳамияти сиёсатгузорӣ ва идоракунӣ, идоракунии сикли (давраи) лоиҳа ва ташкили шарикиҳо барои ТИКР-ро дар бар мегиранд.

7.1 Сиёсатгузорӣ ва идоракунӣ[183]

Тасмимгирӣ барои истифодаи ТИК ҳамчун як қисми раванди рушд худ аз худ кори соддае нест. Он бе хоҳиши ҷонибҳо ва бе маълумоти пурра ғайриимкон аст. Корбурди ТИК ногузир аст, чун онҳо саҳми муассир дар рушд доранд. Бисёр омилҳое ҳастанд, ки барои «муассир» кардани татбиқи ТИК саҳм мегузоранд.

Бештари кишварҳои минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором сиёсати рушдро таҳия кардаанд. Ин гуна сиёсатҳо дар уҳдадориҳои конституцсионӣ, дар Нақшаҳои миллии рушд (чунончи, Стратегияи

---

[181] Accenture, Markle Foundation and UNDP, *Creating a Development Dynamic: Final Report of the Digital Opportunity Initiative* (2001), http://www.markle.org/publications/243-creating-development-dynamic-final-report-digital-opportunity-initiative.

[182] Холигоҳи қобилияти истифода дар байни қобилияти истифодаи вебсафҳа ва натиҷаҳои қасдшудаи ширкат ё афрод, ки сайтро таҳия кардаанд, бештари вақт вуҷуд дорад.

[183] Муҳокимаи густурда дар бораи сиёсат ва идоракунӣ дар ин сарчашма оварда шудааст: Emmanuel C. Lallana, *Module 2: ICT for Development Policy, Process and Governance*, 2nd edition, *Academy of ICT Essentials for Government Leaders* module series (Incheon, UNAPCICT/ ESCAP, 2011), http://www.unapcict.org/academy.

миллии рушди Афғонистон: Нақшаи бартаригузорӣ ва амалисозӣ барои солҳои 2010-2013[184]) ва дар Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ инъикос ёфтаанд. Ин нақшаҳо бештар дар натиҷаи машварат бо гурӯҳу ҷонибҳои гуногуни манфиатдори ҷомеа, аз он ҷумла ҳукумат, доираҳои илмӣ, муассисаҳои сармоягузор ва мақомоти ҷомеаи шаҳрвандӣ чун СҒҲ омода мешаванд.

Инчунин, дар бисёр кишварҳо сиёсатгузориҳои марбутаи ТИ вуҷуд доранд. Дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором, масалан, аксари чунин сиёсатгузориҳо аз оғози асри бисту як вуҷуд доштанд. Сиёсатгузории ТИ одатан дурнамову нақшаи амали кишвареро барои муаррифиву татбиқ намудани технологияҳои иттилоотӣ муайян мекунад ва он метавонад бо ҷанбаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва технологии ҳамгиро кардани ТИ ба тамоюли ҷомеа алоқаманд бошад.

Вале сиёсатгузорӣ ва чорчӯбаи чорасозиҳо дар ТИКР дигар аст. Сиёсатгузории ТИКР дурнамову нақшаи амалеро мушаххасан ифода менамояд, ки барои густариши ТИК бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои рушд аз ҷониби ҳукумат ва бо хоҳиши он тарҳрезӣ шудааст. Барномаву лоиҳаҳои татбиқи ТИК метавонанд бидуни ягон сиёсатгузории расман изҳоршуда вуҷуд дошта бошанд. Вале барои оқилона ва содда кардани истифодаи ТИК ва таъмин намудани истифодаи дурусту ҳадафноки онҳо, сиёсатгузории фаъолонае бо биниш, стратегия ва нақшаи амал ҳатмист. Нақшаи миллии идоракунии электронии Ҳиндустон яке аз чунин намунаҳост.[185]

Сиёсатгузорӣ ва чорчӯбаи фаъолияти ТИКР-ро наметавон дар алоҳидагӣ ва ё инзиво таҳия кард. Зарур аст, то он бо сиёсатгузории васеътари иқтисодиву рушди кишвар муносиб бошад. Он бояд марҳила ба марҳила, бо дарназардошти дурнамоҳои коммуникатсионӣ ва сахтафзору нармафзор амалӣ гардад. Таҳияи қарорҳои сиёсатгузорӣ оид ба ТИКР низ бояд динамикӣ буда, баробари дигаргунӣ дар самтҳои сиёсатгузорӣ ва талошҳои миллии рушд бо мурури замон ва инчунин ба вуқӯъ пайвастани навовариҳо ва пешрафту тавонмандиҳои технологӣ такмил ёбанд.

Равзанаи 12. Қадамҳо дар таҳияи сиёсатгузорӣ ва стратегияи ТИКР

1. Дурнамоеро муқаррар намоед ва сенарияи кӯтоҳ ва ё дарозмуддатро барои рушди ТИК таҳия кунед. Он бояд натиҷаҳо ё маҳакҳои андозагиришавандаро дар чорчӯбаи додашудаи вақт дар бар гирад. Аз ин рӯ, он метавонад чун сармашқ барои таҳияи дурнамо дар ин самт хизмат кунад.

2. Вазъияти кунуниро дар асоси машваратҳо, омӯзиш, далелҳо, идроку мушоҳидаҳо арзёбӣ намоед. Ин фаъолият дар кадом марҳила қарор доштани шуморо равшан карда, дар интихоби талошҳои зарурӣ барои расидан ба ҳадафҳоятон роҳнамоӣ хоҳад кард.

2.1 Сиёсатгузориҳо, нақшаҳо, қонунгузории мавҷуда ва сиёсатгузориҳои пешниҳодшудаву самтҳои онҳоро аз назар гузаронед. Масъалаҳои дигари вобаста ба ТИК низ вуҷуд доранд, ки бояд ба назар гирифта шаванд. Инҳо масъалаҳои дастрасӣ ба иттилоот, сиёсатгузориву муқаррароти телекоммуникатсионӣ, муқаррароти басомад ва радио, сиёсатгузориҳои тиҷорати электрониву ҳукумати электрониро дар бар мегиранд.

2.2 Замина ва шароити минтақавӣ, аз ҷумла қарордодҳо оид ба тиҷорати озод ва ғайраро ба назар гиред, ки метавонанд ба таҳияи сиёсатгузорӣ таъсир гузоранд.

3. Дар бораи бахшҳои канорафтодаи аҳолӣ, чун занон, мардуми камбизоат, сокинони деҳот, ҷавонон ва одамони дорои нуқсонҳои ҷисмониву ақлонӣ, машваратҳо анҷом диҳед, то фарогирии онҳо низ кафолат дода шавад. Омода кардани нақшаи ҷонибҳои манфиатдор низ метавонад зарур бошад, ки аз он ҷумла ҷадвалу методологияи машваратҳоро дар бар гирад. Инҳо муҳокимаҳои фокус-гурӯҳӣ, мулоқотҳои мизи мудаввар, машваратҳову табодули бархатии (онлайнии) афкорро дар бар мегиранд. Машваратҳо бояд давомдор ва пайваста бошанд.

4. Нақшаи амалро (барои амалисозии воқеӣ) тартиб диҳед. Ин нақша бояд феҳристи пешниҳодшудаи лоиҳаҳо, натиҷаҳои лоиҳаву нишондодҳои муваффақият, натиҷаҳои чашмдошт ва асосноккунии онҳо, арзёбиву коҳиши хатар, хароҷот ва рӯйхати пурраи дигар талаботу захираҳоро дар бар гирад. Нақша низ бояд ҷадвали амалисозиро таъйин намояд. Додани шарҳу тафсир ва асосноккунии мантиқӣ барои афзалиятҳои муқарраршуда низ метавонад муҳим бошад.

[184] Нигаред: http://www.cfr.org/afghanistan/afghanistan-national-development-strategy-prioritization-implementation-plan-2010-2013/p22679.
[185] Нигаред: http://india.gov.in/govt/national_egov_plan.php.

5. Барои амалисозӣ механизми институтсионалиро таъйин кунед. Муассиса бояд барои стратегия ва нақшаи амалиёт масъул бошад. Дар бисёр мавридҳо, ин созмон бо мақомоти тасмимгирандаи баландпояи ҳукуматӣ, ки аз салоҳият ва пуштибонии пурраи ҳукумат бархурдор аст, ҳамроҳ ё ба он тавъам аст.

6. Механизмҳои мониторинг (пайгирӣ) ва арзёбиро таъсис диҳед. Муҳим аст, ки нишондиҳандаҳои муваффақият ба таври кушоду машвараті муқаррар, мубодила, тавзеҳ ва мувофиқа шаванд.

Сарчашма: *Adapted from Richard Labelle, ICT Policy Formulation and e-Strategy Development: A Comprehensive Guidebook (Bangkok, UNDP-APDIP, 2005), http://www.apdip.net/publications/ict4d/ict4dlabelle.pdf.*

Дар раванди таҳияи қарорҳои сиёсатгузорӣ оид ба ТИКР меъёрҳои зиёд вуҷуд доранд. Илова бар таҳияи чаҳорчӯби миллӣ барои ТИК аз як тараф ва ҳадафҳои миллии рушд аз тарафи дигар, алоқамандӣ дар байни ТИК ва рушд бояд дар сиёсатгузории миллӣ муқаррар карда шавад. Сиёсатгузории ТИКР чизе нест, ки ҳукуматҳои ҷаҳон онро аз сифр таҳия кунанд. Тақрибан дар ҳамаи кишварҳо анъанаи фаъолиятҳои танзимкунандае вуҷуд дорад, ки телекоммуникатсияро муассисаҳои хуб муқарраршуда идора мекунанд. Ҳамин тавр, сиёсатгузории ТИКР бо дарназардошти сиёсатгузориҳо, муқаррарот ва амалияҳои мавҷуда бояд таҳия гардад, ки ҳамаи меъёрҳои мавҷударо баррасӣ менамояд. Аз ин рӯ, дарёфти тавозуни дуруст дар байни талабу тақозоҳои гурӯҳу ҷонибҳои гуногуни манфиатдор, чун давлат (бо дарназардошти стратегияи рушди давлат), бозор ва ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур аст.

Дар равандҳои сиёсатгузоии минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором гуногунии бузурге вуҷуд дорад. Дар баъзе кишварҳое чун Афғонистон, Камбоҷа ва Ветнам таваҷҷуҳ ба инкишофи зерсохтори ТИ ва густариши пайванд барои пешбурди дастрасӣ ва дар айни ҳол ташаккули иқтидори ТИК барои рақобатпазирӣ дар бозори байналмилалӣ низ равона шудааст. Дар кишварҳои дигаре чун Чин таваҷҷуҳ ба ташаккул ва густариши бозорҳои ТИК равона шудааст.[186]

Идоракунии система дар ҳудуди кишвари додашуда, яъне равише, ки ТИКР дар он ташкил ва идора мешавад, низ як ҷузъи муҳими ТИКР мебошад. Идоракунии хуби ТИ кафолат медиҳад, ки ба интизориҳои худ аз ТИК ноил шавем ва дар айни замон хатарҳои ТИ-ро коҳиш диҳем.[187] Идоракунӣ бо мақсадҳои зерин муҳим аст:

- Зарурати ҳамвазнӣ (тавозун) дар байни бартариҳои миллӣ барои рушд ва ниёзҳову чашмдоштҳои гуногуни ҷонибҳои манфиатдори милливу байналмилалӣ, аз он ҷумла шаҳрвандон, бозорҳо ва саноат;
- Захираҳои ками молиявӣ ва инсонӣ;
- Афзудани густариши ҷамоаву бозори глобалӣ.

Умуман, чорчӯбаи идоракунии ТИК аз унсурҳои зерин иборат аст: (1) маҷмӯи принсипҳо; (2) зинанизоми тасмимгирӣ ва (3) маҷмӯи таъйиншудаи равишҳои гузоришдиҳӣ ва мониторинг.[188] Одатан дар бисёр кишварҳои минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором Вазорати технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ вуҷуд дорад. Кишварҳои дигар низ барои идора кардани пешрафту истифодаи ТИК, назорат ва ё танзими ТИК мақомот (комиссияҳо)-и мустақил ё худмухтори танзимкунандаи телекоммуникатсия[189] таъсис додаанд.

Маҷмӯи принсипҳо ё меъёрҳое, ки тарзи идоракунии ТИК-ро роҳнамоӣ хоҳанд кард, чунин мавридҳоро дар бар мегиранд:

- Фаро гирифтани сабти масъулиятҳо барои ТИК;
- Боварӣ ҳосил кардан бар он, ки нақшаҳои ТИК ба ниёзҳои кунунӣ ва давомдор мувофиқанд;
- Боварӣ ҳосил кардан бар он, ки ТИК ба таври дуруст, ҳушмандона интихоб ва истифода мешаванд;

---

[186] Rajesh Sreenivasan and Abhishek Singh, "An Overview of regulatory approaches to ICTs in Asia and thoughts on best practices for the future", in *Digital Review of Asia Pacific 2009-2010*, Shahid Akhtar and Patricia Arinto, eds. (New Delhi, Sage, Montréal, Orbicom and Ottawa, IDRC, 2010), pp. 15-24. http://www.digital-review.org.

[187] IT Governance Institute, *Board Briefing on IT Governance*, Second Edition (Illinois, 2003), p. 7, http://www.isaca.org/Knowledge-Center/Research/ResearchDeliverables/Pages/Board-Briefing-on-IT-Governance-2nd-Edition.aspx.

[188] National Computing Centre, "IT Governance", *ITadviser*, Issue 53, January/February 2008, http://www.ncc.co.uk/article/?articleid=13836.

[189] Феҳристи чунин муассисаро дар китоби Sreenivasan ва Singh, "An Overview of regulatory approaches", дар саҳифаҳои 15-16 метавон дарёфт.

- Ба мақсад мутобиқ кардан;
- Боварӣ ҳосил кардан ба он, ки ТИК бо меъёрҳои беруниву дохилӣ дар робита бо сиёсатгузориҳои мавҷуда (ё робитаи онҳо бо ахлоқу ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ё дар робита бо қонунҳо оид ба озодиҳо, порнография, қабоҳат ва ғайра) мутобиқанд;
- Боварӣ ҳосил кардан бар он, ки истифодаи ТИК ниёзҳои ҳамаи одамонро фаро гирифта, эҳтиром мегузорад.

Дар зинанизомҳои тасмимгирӣ протоколу тартиботи мушаххасе ба кор бурда мешавад, ки тасмимгирии «аз поён ба боло»-ро муҳим мегардонад. Ин метавонад аз кумитаҳои дохилӣ, гурӯҳҳои коршиносон ва тасмимгирандагон дар сатҳҳои гуногуни зинанизоми тасмимгирӣ дар муассисаи ҳукуматӣ ё танзимкунанда иборат бошад.

Новобаста ба сармоягузориҳову харидориҳо, бартаригузории хароҷот, коҳиш додан ё бартараф намудани коррупсия, таъмин намудани шароит барои риояи «қоидаи бозӣ» аз тарафи ҳамаи «бозигарон» як бахши муҳими мониторинг ва танзим мебошад.

Сатҳҳои гуногуни рушд ва гуногунии равандҳову таҷрибаҳои сиёсатгузорӣ дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором чунинанд, ки ниёзи дар ин марҳила баррасӣ намудани масъалаҳои мухталиф дар идоракунии лоиҳаи ТИКР вуҷуд дорад. Онҳо технология, эҷоди тавонмандии инсонӣ, барномаҳову муҳтаво, ахлоқ, ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, ҷалби шаҳрвандон ва масъулияти иҷтимоиро дар бар мегиранд. Ин масъалаҳо асоси муҳокимаи минбаъдаро ташкил медиҳанд.

7.2 Давраи лоиҳаи ТИКР[190]

Лоиҳае, ки аз кори маъмулӣ тафовут дорад, ҷараёни фаъолиятҳоеро дар бар мегирад, ки ҳадафи онҳо ноил шудан ба мақсадҳои равшан муқарраршуда буда, бояд дар доираи буҷет ва замони таъйиншуда иҷро шаванд. Ҳамаи ин – аз оғоз то анҷоми фаъолият дар тӯли вақти муайян – давраи лоиҳа номида мешавад.

Шиносоӣ бо давраи идоракунии лоиҳа

Лоиҳа аз марҳилаҳои гуногуни раванди даврӣ мегузарад, ки сикли идоракунии лоиҳа номида мешавад. Давраҳо ё марҳилаҳои зерини сикли лоиҳа барои идоракунии лоиҳа асосианд:

- **Барномасозӣ** равандест, ки барномаи фаъолиятро муайян менамояд ва бар асоси сиёсатгузорӣ (-и миллӣ ё маҳаллӣ), нақшаи марбута, стратегияҳо, ҳадафҳо ва мавзӯъҳо барои баррасӣ дар раванди таҳия ва банақшагирии лоиҳа тарҳрезӣ мешавад.
- **Ибтикор ва банақшагирӣ** қисми муҳимтарини раванди лоиҳа мебошад. Маҳз дар ҳамин марҳила, муҳити лоиҳа таҳқиқ мешавад, асосҳо ва тахминҳо дар бораи лоиҳа муайян карда мешаванд ва таркибҳо, талаботҳо ва паҳноҳо (параметрҳо)-и захираҳо (вақт, арзиш ва одамон) ва ҳамчунин, хатарҳо ташхис карда мешаванд. Ҳамаи соҳаҳои дониши вобаста ба лоиҳа дар ҳамин марҳила таҳия мешаванд. Ин бахши таҳияи лоиҳа мебошад, ки харита кашида мешавад ва бо он нохудои кишти самти сафарро муайян мекунад.
- **Амалисозӣ** марҳилаи минбаъдаи лоиҳа буда, дар он ҳамаи нақшаҳои лоиҳа иҷро мешаванд. Ин низ марҳилаест, ки ҳадафи он идора кардани рӯйхати фаъолиятҳо буда, барои тавлиди масолеҳе зарур аст, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои лоиҳа саҳм мегузоранд. Дар бахши амалисозӣ муҳим аст, ки механизмҳои назорат фаъол бошанд. Ба тамсил, кишти бояд шиноварии худро мутобиқи самти кашидашуда ба сӯи макони таъйиншуда идома диҳад.
- **Мониторинг (пайгирӣ)** раванди тафтиши лоиҳа аст, ки ҳамаи нақшаҳо (саҳмҳо ва натиҷаҳо) ва меъёрҳои сифат иҷро мешаванд. Гузоришҳо дар бораи пешбурд ва пайгирӣ барои ошкор, пешгирӣ ва идораи хатарҳо муҳиманд.
- **Арзёбӣ** таъсири лоиҳа ва дараҷаи саҳми гузошташударо ба ҳадафҳои бузург (масалан, барномаҳои ҳукумат дар сатҳҳои милливу маҳаллӣ) андозагирӣ менамояд. Бозёфтҳову натиҷаҳо барои фаъолияти ояндаи банақшагирӣ ва барномасозӣ ҳамчун асос хизмат хоҳанд кард.
- **Анҷоми лоиҳа** фаъолиятеро дар бар мегирад, ки лоиҳа анҷом меёбад ва натиҷаҳои ниҳоӣ, аз он ҷумла гузоришдиҳӣ, уҳдадориҳои молиявӣ ва пардохтҳо қонеъ ва аз тарафи ҷонибҳои манфиатдори дахлдор қабул карда мешаванд.

---

[190] Тафсилоти идоракунии лоиҳаи ТИК дар ин сарчашма дастрас аст: Maria Juanita R. Macapagal and John J. Macasio, *Module 7: ICT Project Management in Theory and Practice*, 2nd edition, *Academy of ICT Essentials for Government Leaders* module series (Incheon, UN-APCICT/ESCAP, 2011), http://www.unapcict.org/academy. Бахши дахлдори модул ҳамчун муқаддимаи мавзӯъ ин ҷо оварда шудааст.

Тасвири 31 давраҳои (марҳилаҳои) идоракунии лоиҳаро нишон медиҳад.

Тасвири 31. Давраи идоракунии лоиҳа

Сарчашма: *Courtesy of the European Commission, Aid Delivery Method: Volume 1 – Project Cycle Management Guidelines (Brussels, 2004), http://ec.europa.eu/europeaid/multimedia/publications/documents/tools/europeaid_adm_pcm_guidelines_2004_en.pdf.*

Ҳар марҳилаи лоиҳа нишонгузорҳо ё нишонаҳое доранд, ки анҷомёбии ин марҳиларо нишон медиҳанд. Нишонгузорҳо бо интиқоли масолеҳ ё натиҷаҳои интизордошта муқаррар мешаванд. Ба истилоҳи ТИ, ин нишонгузорҳо «нуқтаҳои назоратӣ» низ номида мешаванд.

Идоракунии давраи лоиҳа фаъолиятҳои идоракунӣ ва тартиби тасмимгирӣ (аз ҷумла вазифаҳои асосӣ, нақшҳову масъулиятҳо, санадҳои асосӣ ва имкониятҳои интихоб барои тасмим)-ро дар давраи иҷроиши лоиҳа дар бар мегирад. Бисёр созмонҳо, аз он ҷумла гурӯҳҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи кӯмакрасон аз воситаҳову равандҳои идоракунии давраи иҷроиши лоиҳа истифода мебаранд.[191]

Чуноне ки худи корбарон тасдиқ мекунанд, идоракунии давраи лоиҳа дар кафолати мавридҳои зерин кӯмак менамояд:

- Лоиҳаҳое, ки ҳадафҳои умумии сиёсатгузориро дар кишвар ва барои шарикони рушд дастгирӣ менамоянд;
- Лоиҳаҳое, ки бо стратегияи ҳамоҳангшуда ва масъалаҳои воқеии гурӯҳҳои мавриди ҳадаф ё худ баҳрабарандагон алоқамандӣ доранд;
- Лоиҳаҳое, ки иҷрошавандаанд ва ин маънои онро дорад, ки ба ҳадафҳо дар доираи маҳдудиятҳои муҳити амалиётӣ ва имкониятҳои созмонҳои иҷроӣ метавон муваффақ шуд;
- Устувории манфиатҳое, ки аз лоиҳаҳо ба даст меоянд, имконпазиранд.[192]

Лоиҳаҳои тавлидкардаи ТИК , ки истифодаи ТИК-ро ҳамчун стратегияи фарогири ташаббусҳои нармафзор, сахтафзор ва ҳамгироӣ татбиқ мекунанд, дар идоракунии лоиҳа истилоҳҳои мухталифро истифода мебаранд. Рӯйкарди даврӣ низ истифода мешавад ва банақшагирӣ ҳамчун раванди хеле муҳим нишон дода шудааст. Бисёр фаъолиятҳои бознигарӣ ҳастанд, ки масолеҳ ё натиҷаҳо, равандҳо ва истифодаи захираҳоро мутобиқи нақша тафтиш мекунанд. Равандҳо аз он хотир даврӣ мебошанд, ки ҳар як намуди маҳсулот ба ҷузъи муҳите, ки дар насли ояндаи он (маҳсулот) шакл мегирад, табдил меёбад.

Идоракунии лоиҳаи ТИКР ин чорасозиҳои ТИК барои қонеъ кардани ниёзҳои стратегии ташкиливу хадамотӣ мебошад. Ҳамчунин, дар рафти ин гуна идоракунӣ равандҳову методологияҳои бар ТИК асосёфта истифода бурда мешаванд.

---

[191] European Commission, *Aid Delivery Methods Volume 1: Project Cycle Management Guidelines* (Brussels, 2004), p. 17, http://ec.europa.eu/europeaid/multimedia/publications/documents/tools/europeaid_adm_pcm_guidelines_2004_en.pdf.

[192] Ҳамон ҷо.

Саволҳо барои андеша

Мо аз бобҳои пешин омӯхтем, ки лоиҳаҳои ТИКР метавонанд ба рушди инсон ва зиндагии мардум, махсусан бахши канорафтодаи ҷомеаҳои дар ҳоли рушд, таъсири мусбат гузоранд. Идоракунии лоиҳа кадом дигаргуниҳоро дар зиндагии мардум ба вуҷуд оварда метавонад? Барои амалӣ шудани ин ният чӣ кор метавон кард?

Ибтикори лоиҳаҳои устувор

Дар муайян кардани истифодаи муассири ТИК се масъалаи асосиро бояд ба эътибор гирифт: қобилияти дастрасӣ, арзиш ва функсияҳо. Дар кишварҳои дар ҳоли рушд масъалаҳои ҷиддии марбут ба дастрасии маҳдуд ҳанӯз вуҷуд доранд. Сохтани телемарказҳои ҷамоавӣ яке аз роҳҳои ҳалли масъалаи дастрасӣ ба мушоҳида мерасад.

Масъалаи асосии дуюм арзиш мебошад. Бо вуҷуди он ки нархи таҷҳизоту пайвастшавӣ дар ҳамаи кишварҳо босуръат поён меравад, арзиш омили асосӣ боқӣ мемонад.

Севум, муайян кардани он, ки истифодаи ТИК кадом функсия ё мақсадро қонеъ хоҳад кард, муҳим аст. Функсияҳо тавассути таҳқиқоти созанда ё арзёбии ниёзҳо барои фаҳмидани талаботу чашмдоштҳои баҳрабарандагони лоиҳа дар марҳилаи банақшагирӣ муайян карда мешаванд. Асосан, ин марҳилаи банақшагирӣ ҷамъоварии иттилооти зеринро дар назар дорад:

- Омилҳои демографӣ чун синну сол, гендер, вазъи оилавӣ, шуғл, сатҳи маълумотнокӣ ва даромади баҳрабарандагон;
- Омилҳои барангезанда, ба монанди мақсади баҳрабарандагон аз истифодаи ТИК ва интизориҳои онҳо аз татбиқи ТИК;
- Омилҳои марбут ба захираҳо, ба монанди кай, дар кӯҷо ва чӣ гуна баҳрабарандагон ТИК-ро истифода хоҳанд бурд, кӣ пардохт хоҳад кард, онҳо ба ТИК чӣ гуна дастрасӣ доранд, ба чӣ гуна пуштибонии инсонӣ ниёз доранд, то истифодаи ТИК муассиртар бошад.

Дар вазъияти идеалӣ, танҳо ҳамон вақт кори худро оғоз метавон кард, ки ҳамаи ин иттилоот дастрас бошад. Вале воқеият аз вазъи идеалӣ хеле дур аст: барои ҷамъоварии ин додаҳо вақту захираҳои кофӣ вуҷуд надорад. Барои ҳамин, сарчашмаҳои дигари иттилоот, ба монанди додаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва машваратҳои коршиносон барои ба даст овардани ин иттилоот истифода мешаванд.

Лоиҳаи ТИКР бояд ба ҳадафе алоқаманд бошад, ки бо биниши стратегии барномаи рушд мутобиқ бошад. Барои таъсир гузоштан ба дигаргунӣ лоиҳа худ бояд аҳамияти стратегӣ дошта бошад. Бояд равшан бошад, ки лоиҳа ба мақсадҳои барномаи миллӣ чӣ гуна саҳм мегузорад. Менеҷерон бояд аз феҳристи хоҳишҳои интихобии лоиҳа дарёбанд, ки бо дарназардошти ҷадвали воқеӣ кадом лоиҳа бо харҷи камтарин саҳми бештар хоҳад дошт.

Зарурати омӯзиши асосноккунии техникиву иқтисодии лоиҳа ба он хотир аст, то бидонем далелҳо барои амалӣ намудани ин лоиҳа мавҷуданду тақсимоти вақт дуруст ба роҳ монда шудааст. Ин омӯзиш муайянкунии қувваҳои ҳаракатдиҳанда, омилҳои муқовиматкунанда ва ҷанбаҳои дигареро тақозо хоҳад кард, ки дар пешгӯии комёбиҳо ва ё нокомиҳо (метавон таҳлили ҳамаи қувваҳои манфиву мусбатро барои дарёфти хатарҳои ба лоиҳа таҳдидкунанда истифода бурд) муфид хоҳанд буд.[193] Умуман, асосноккунии техникиву иқтисодӣ бояд барои посух додан ба саволҳои зерин қодир бошад:

- Оё лоиҳа бо ҳадафҳову бартариҳои рушд ва зистмуҳитии кишвар ва ё минтақаи мушаххас мувофиқ аст?
- Оё лоиҳа аз нигоҳи техникиву илмӣ устувор аст ва оё методология аз байни алтернативаҳои мавҷуда беҳтарин аст?
- Оё лоиҳа аз нигоҳи маъмурӣ идорашуданист?
- Оё барои масолеҳ (ё натиҷа)-и лоиҳа талаботи кофӣ вуҷуд дорад?
- Оё лоиҳа аз нигоҳи молиявӣ асоснок ва иҷрошуданист?

[193] Andy Bruce and Ken Langdon, “Managing For Excellence”, Dorling Kindersley Ltd., 2009, p. 299.

- Оё лоиҳа ба урфу одат ва анъанаҳои баҳрабарандагон мувофиқ аст?
- Оё лоиҳа берун аз давраи татбиқшавии он эҳтимоли идома ёфтанро дорад?[194]

Бартаригузории алтернативаҳои дилхоҳи лоиҳа муҳим аст, чунки бисёр идеяҳову равандҳои лоиҳа вуҷуд доранд, ки метавонанд амалӣ шаванд. Аз рӯйхати алтернативаҳо, арзишу хароҷот ва функсияву кори лоиҳаҳоро баррасӣ кунед (лоиҳа ҳар чӣ мураккабтар бошад, дарёфти ақидаву иштироки ҷонибҳои манфиатдор ҳамон андоза муҳимтар аст).[195] Тавассути ин раванд, донистан муҳим хоҳад буд, ки аз байни лоиҳаҳои феҳристи хоҳишҳо (имконпазир), бо дарназардошти вақт, буҷет ва захираҳои маҳдуд кадомаш арзишу таъсири бештар хоҳад овард.

Ибтикори лоиҳа чун таҳқиқи муҳиту тасаввуроти умумӣ дар бораи лоиҳа аст. Он ҳадафи лоиҳаро возеҳ баён карда, манфиатҳову дигаргуниҳои дилхоҳеро муқаррар менамояд, ки дар пайи иҷроиши лоиҳа ба бор меоянд. Дар натиҷа, он сенарияи идеалиеро эҷод хоҳад намуд. Барои пешгирии натиҷаҳои норавшан, ҳадаф бояд бо шартҳои дақиқ муқаррар шавад.

Ҳамчунин, дар ин марҳила, ҳадафҳо муайян карда мешаванд. Ин марҳила бояд барои муқаррар кардани мақсадҳои зерин қодир бошад:

- Кадом кор бояд анҷом дода шавад (вазифаҳо барои фаъолиятҳои умумӣ)
- Ҳадафҳо кадомҳоянд (натиҷаҳои бадастомада)
- Барои ин чанд муддат лозим аст (чорчӯбаи замонӣ)
- Чӣ қадар захира истифода хоҳад шуд (маҳдудияти захиравӣ)
- Чӣ қадар арзиш хоҳад дошт (буҷети пешниҳодшуда бар асоси ҳисобҳои тахминӣ ва таҳлили хароҷот-фоида)

Маҳз дар ҳамин марҳила аст, ки мушкилиҳову хатарҳо барои амалисозии лоиҳа аллакай муайян ва арзёбӣ мешаванд. Ва ҳам дар ҳамин марҳила ҷонибҳои муҳими манфиатдор ба ҳам оварда мешаванд. Ин ҷонибҳо аз сарпарастони лоиҳа сар карда то менеҷерони лоиҳа, дастаи лоиҳа, иштироккунандагон, баҳрабарандагон ва фарогирифташудагони лоиҳа ва дигар ҷонибҳои бевосита ва бавосита таъсири лоиҳа мерасидаро дар бар мегиранд. Яке аз воситаҳое, ки дар муайян намудани ҷонибҳои манфиатдор муфид аст, таҳлили ҷонибҳои манфиатдор мебошад.

Таҳлили ҷонибҳои манфиатдор маъмулан барои муайян кардани ҳамаи гурӯҳҳову фардҳое истифода мешавад, ки барои комёбӣ ва ё нокомии лоиҳа саҳм ё манфиат доранд. Ин яке аз воситаҳоест, ки дар Равиши чорчӯбаи мантиқӣ дар марҳилаи ибтикори лоиҳа истифода мешавад. Лоиҳаҳои соҳибкории ТИ низ таҳлили ҷонибҳои манфиатдорро баргузор менамоянд, ҳарчанд фарогирӣ дар муқоиса ба муҳити рушди иҷтимоӣ маҳдудтар аст.

Тасвири 32. Намунаи устувона (қолаб) барои таҳлили ҷонибҳои манфиатдор

Дар ин лоиҳа ҷонибҳои манфиатдори эҳтимолӣ киҳоянд?	Нақшҳои эҳтимолии онҳо кадомҳоянд (масалан, шахсони таъсиррасон, сарпарастон, корбарон, ҷонибдорон)?	Вобаста ба идеяи лоиҳа, онҳо чӣ гуна мушкилиҳо ва ё ниёзҳо доранд?	Дар робита бо ин лоиҳа интизориҳо ва ё манфиатҳои ҷонибҳои манфиатдори дахлдори лоиҳа чиҳо хоҳанд буд?	Ҷиҳатҳои суст ва маҳдудиятҳои ҳар як ҷониби манфиатдори лоиҳа кадомҳо мебошанд?	Саҳм (-и мусбат ё манфӣ)-и эҳтимолии ҳар як ҷониби манфиатдор ба лоиҳа чӣ хоҳад буд?	Оқибатҳои саҳми онҳо ба лоиҳа кадомҳоянд?

Дарёфтан зарур аст, ки пеш аз мӯҳр шудани ягон қарордод ҷонибҳои асосии манфиатдор дар бораи бинишу миқёси лоиҳа чӣ назар доранд. Машварат бо ҷонибҳои манфиатдор ба дастаи идоракунии лоиҳа кӯмак хоҳад кард, ки аз нақшаҳои иҷронашуданӣ ё ғайривоқеӣ канорагирӣ кунанд. Бинишу миқёси лоиҳа бояд равшан бошад (ҳадафҳои SMART[196]) ва муҳимтар аз ҳама, лоиҳа бояд ба ниёзҳои ҷонибҳои манфиатдор вокуниш нишон диҳад. Дар ин марҳила, уҳдадориҳо, махсусан буҷету захираҳо, барои лоиҳа бояд тавассути гирифтани тасдиқи сарпарастони лоиҳа ба даст оварда шаванд.

[194] Colin Bruce and R.W. McMeekin, The Project Cycle – An Introduction to the Stages of Project Planning and Implementation (monograph handout, 1981).
[195] Bruce and Langdon, “Managing for Excellence”, pp. 324-333.
[196] SMART Objectives are Specific, Measurable, Attainable, Realistic and Time-bound.

Гузашта аз ин, барои амалипазирии лоиҳаҳои ТИКР ҳамеша бояд банақшагирии кори озмоишӣ ё пешакии системаҳо, барномаҳои онҳо ё чорасозиҳо барои таъмин намудани қобилияти истифода, вусъатдиҳӣ, тағйирпазирӣ, эътимод ва амнияти системаҳои тарроҳишуда ба назар гирифта шаванд.

Мисоли 27. Марказҳои бисёррасонаӣ барои хоҷагидорон (фермерон) ва кормандони соҳаи тандурустӣ дар Гана

Дар Гана нишондиҳандаҳои иҷтимоии рушд ба таври умумӣ хеле пастанд. Давомнокии миёнаи умр 58 сол аст. Иқтисодиёт бо либерализатсияи вусъатёфта ва идоранашаванда хос аст. Соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат, махсусан саноати маҳаллӣ, дар солҳои беҳтарин дар ҳоли рукуд буданд ва дар солҳои охир бошад рӯ ба таназзул ниҳодаанд. Ин барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ оқибатҳои ҷиддиву заифкунанда дар пай дорад. Ин кишвар аз рӯи Индекси рушди инсон дар байни 169 кишвар дар мақоми 130-юм қарор дорад.

Ассотсиатсияи лоиҳаҳои рушди калисо (Association of Church Development Project – ACDEP) дар шарикӣ бо тақрибан 40 СҒҲ (истгоҳҳо), ки ғолибан дар заминаи калисоҳо ба вуҷуд омадаанд, дар минтақаҳои деҳотии Ганаи Шимолӣ фаъолият менамояд. Коммуникатсия ва дастрасӣ ба иттилооти дахлдор дар байни ин СҒҲ суст буда, барои онҳо душвориҳои бузурге ба бор меорад. Лоиҳаи ТИКР мақсад дошт, ки ба тақвияти функсияҳои Котиботи ACDEP саҳм гузорад.

Дар заминаи дастгирии Созмони католикии кӯмак ва рушд ва Институти байналмилалии коммуникатсия ва рушд (International Institute for Communication and Development – IICD), як чорабинӣ бо номи **«арзёбии ниёзҳо»** ниёзи истгоҳҳоро ба иттилоот бо истифода аз ТИК баррасӣ мекунад. Бозёфтҳои муҳимтарини ин арзёбӣ инҳо буданд:

- Дастрасии кормандони маҳаллӣ ба иттилооти марбут ба рушд хеле маҳдуд буд.
- Ҳавасмандии кормандон дар ҷустуҷӯи иттилооту дониши нав асосан бо сабаби набудани дастрасӣ ва ё хароҷоти баланд, аз он ҷумла марбут ба вақт ва масофаи ба даст овардани ин иттилоот умуман маҳдуд буд.
- Сатҳи донишу маҳоратҳои ТИК дар байни кормандони соҳаи рушд паст буд.
- Сатҳи ҳавасмандиву хоҳиш ба иттилооти нави рушд барои кори онҳо дар ҷамоаҳои деҳот дар соҳаҳои тандурустӣ, кишоварзӣ, рушди корхонаҳои хурд, сафарбарсозии ҷамоа, идоракунии қарзҳои хурдҳаҷм, гендер ва дигар масъалаҳо баланд буд.
- Коммуникатсия дар байни аъзоёни ACDEP ва Котибот суст буд, ки ба амалисозии фаъолиятҳои муштараку мувофиқашуда таъсири номатлуб мегузошт.

Пас аз арзёбии ниёзҳо, дар соли 2006 пешлоиҳае барои ду сол таҳия гардид ва бо омӯзиши **амалипазирии техникиву иқтисодии** 26 истгоҳ ҳамбаста карда шуд. Ҳадафи ин омӯзиш асосан санҷидани ин масъала буд, ки оё истгоҳҳо барои пазируфтани дигаргуниҳо бо истифода аз ТИК омода буданд.

Ҳадафи асосии лоиҳаи ACDEP тақвият додани ҳамкорӣ дар байни Котиботи ACDEP ва истгоҳҳои ҷалбшуда ва дар байни ACDEP, Ҳукумат ва доираи сармоягузорон буд. Ҳадафҳои мушаххаси он ба таври зер буданд:

- Истифода бурдани ТИК барои қонеъ кардани ниёзҳои ҳамбастагони ACDEP ба коммуникатсия ва иттилоот оид ба рушд;
- Беҳбуд бахшидани муҳити тасмимгирӣ;
- Мусоидат кардан ба истифодаи ТИК.

Гурӯҳҳои мавриди ҳадаф, яъне корбарон лоиҳа дар соҳаи кишоварзӣ, тандурустӣ, тарғибот, гендер, солимии репродуктивӣ ва бозор (барои истеҳсолкунандагон ва коркардкунандагони деҳот) кор мекарданд.

Лоиҳа моҳи майи соли 2008 амалӣ шудааст. Натиҷаҳои ба нақша гирифташуда барои қонеъ намудани ҳадафҳо таъсис додани Котиботи ACDEP ҳамчун маркази (конуни) шабака ва маркази бисёррасонаӣ ва ҳамчунин, таъсис додани марказҳои иттилоотӣ дар панҷ истгоҳи озмоиширо дар бар мегирифтанд. Ҳадафи ниҳоии лоиҳа низ таҳияи модели густаришдиҳандае буд, ки аз ҷониби ҳамбастагон (узвҳо)-и боқимондаи ACDEP дар Ганаи Шимолӣ метавонад истифода шавад.

Дастаи амалисозии лоиҳа дар Котиботи ACDEP таъсис дода шуд. Амалисозӣ бо харидории таҷҳизоти ТИК оғоз гардид. Се компютер, чопгар, сканнер, проектори LCD ва суратгираки рақамӣ барои Котиботи ACDEP харида шудаанд. Ҳар як истгоҳи ҳамбаста бо ду компютер, модем, чопгар, сканнер, проектори LCD, флэш-драйв ва суратгираки рақамӣ таъмин карда шуд. Чун баъзе истгоҳҳо аз шабакаи нерӯи барқ канда буданд, бинобар ин, ниёзи онҳо ба нерӯи барқ ба ҳисоб гирифта шуд.

Панҷ истгоҳи озмоишӣ на танҳо тавассути таъмин намудани онҳо бо таҷҳизот ва пайвастагӣ тақвият дода шуданд. Бо таъмин кардани ин истгоҳҳо бо воситаҳои ҳуҷҷатгузории аудио-визуалӣ тавонмандии онҳо низ афзоиш дода шуд. Дар натиҷа, ҳар як истгоҳ дорои имконияти эҷоди муҳтаво ва захираҳои худӣ барои такмил додани хизматрасонӣ ба ҷамоа гардид. Нақшаи аслӣ эҷод кардани Шӯъбаи ҳуҷҷатгузориву нашр дар назди Котибот буд, то истгоҳҳоро бо маводи изофии захираҳои аудио-визуалие таъмин кунад, ки ба осонӣ ҳифзу барқарор шаванд. Аммо ин нақша амалӣ нашуд.

Соли 2009, бознигарии пайгирӣ барои санҷиш ва гузориши корҳои анҷомдодашуда баргузор шуд:

- Ҳамаи панҷ истгоҳ фаъол буданд, ҳарчанд таҷҳизоти яке аз онҳо дуздида шуда буд ва пас аз ин дуздӣ мебоист ҳамаи корро аз нав оғоз кард.
- Кормандон маҳоратҳои асосӣ ва миёнаи истифодаи ТИК-ро ба даст оварданд ва барои коммуникатсия кардан бо дигарон қодир буданд.
- Истгоҳҳо ба ҷамъоварии иттилооти кишоварзиву тандурустӣ барои ҷамоаҳои худ қодир буданд ва чунин иттилоотро дар портфели захираҳои рақамӣ ҳифз кардаанд.
- Дар сатҳи истгоҳ, барои мубодилаи иттилооту таҷриба форумҳои моҳона таъсис дода шуданд.
- Коммуникатсия дар байни истгоҳҳо ва Котибот такмил дода шуд; ҳарчанд мушкилии пайвастагӣ дар ҳамаи панҷ истгоҳ боқӣ мондааст.
- Коммуникатсия дар байни истгоҳҳо ва маҷлисҳои ноҳиявӣ (ҳукумати маҳаллӣ) ба таври чашмрас беҳбуд ёфтааст.

Пурсиши қаноатмандии корбар барои солҳои 2009 ва 2010 баргузор шуд. Умуман, аз 15 то 74 дарсади пурсидашудагон қаноатмандии худро аз хизматрасониҳои гуногуни таъминшуда изҳор намуданд.

Вале на ҳама чӣ ба даст омад. Агентии амаликунандаи лоиҳа барои дубора ба нақша гирифтани соли оянда таҷрибаҳои андӯхташударо баррасӣ кард ва пас аз баргузор намудани **арзёбӣ** тарҳи марҳилаи 2-юми лоиҳаро кашид.

Сарчашма: *Norbert Apentibadek and Martine Koopman, "Multimedia centres for farmers and health workers: Lessons learned from the Association of Church Development Projects (ACDEP)", IICD Learning Brief, January 2011, http://www.iicd.org/about/publications/multimedia-centres-for-farmers-and-health-workers-in-ghana.*

Банақшагирии лоиҳа

Марҳилаи банақшагирӣ раванди таҳия намудани қолаб (нусхаи идеалӣ)-и лоиҳаро фаро мегирад. Банақшагирии лоиҳа бояд ҷанбаҳои мухталифи назорати фаъолиятҳову вазифаҳои лоиҳаро дар заминаи ниёзҳо дар робита ба таъсири муҳити беруниву дохилӣ баррасӣ намояд.

Соҳаҳои лоиҳа: Соҳаҳои лоиҳа (ё худ соҳаҳои дониш, чуноне ки дар дастурамалҳои маъруфи идоракунӣ чунин номида мешаванд)[197] инҳоянд:

- Миқёси лоиҳа – ҳадафҳо ва ҳамаи корҳое, ки барои бомуваффақият анҷом додани лоиҳа заруранд. Миқёс ба лоиҳа маҳдудият мегузорад; он вазифаҳои фарогирифта ва фаронагирифтаро муайян мекунад. Миқёси лоиҳа барои инъикоси талабот ва шароити стратегиву тактикии пур кардани холигоҳҳо ва ё истифодаи бартариҳо барои такмилу рушд зарур аст.

- Ҷадвали (вақти) корӣ – давомнокии лоиҳа ва давраи тахминии иҷроиши вазифаҳо. Нақшаи корӣ бояд оғоз ва муҳлати иҷрову анҷом додани вазифаи додашудаеро дар назар дошта бошад. Воситаҳое, ки барои идора кардани вақт кӯмак мерасонанд, диаграммаҳои Гант,[198]

[197] Институти идоракунии лоиҳа ҷанбаҳои санҷиширо ҳамчун соҳаҳои дониш дар Китоби донишҳои идоракунии лоиҳа ном бурдааст. Роҳнамои OGC's PRINCE2 баъзе аз онҳоро ҷузъҳои раванд ном бурдааст.

[198] Тарҳи Гант тарҳи замонбандиест, ки дар идоракунии лоиҳа барои нишон додани ҷадвали лоиҳа истифода мешавад. Шумо метавонед вазифаҳои инфиродӣ, давомдории онҳо ва тартиби ин вазифаҳоро бинед. Ҳамчунин, метавонед

тартибдиҳандагони ҷадвали фаъолиятҳо ва методи диаграммаи корҳои қаблӣ мебошанд. Масъалаҳо ва мушкилиҳои марбут ба ҷадвалҳову чорчӯбаи замонии лоиҳа ба таъхири лоиҳа бар асари камбудиҳои рухдода дар рафти харид ва норасоии захираҳои зарурӣ вобаста мебошанд.

Тасвири 33. Сохтори тақсимоти кор ва тарҳи (схемаи) Гант: Намунаи татбиқи НОКА барои идоракунии лоиҳа



- Хароҷот – Арзиши лоиҳа ва идоракунии маблағҳо (буҷет)-и ҷудошуда, ки барои фаъолиятҳои лоиҳа, вазифаҳо, истифодаи захираҳову хадамот сарф хоҳанд шуд. Ба менеҷерони лоиҳа зарур аст, то буҷет ё худ хароҷотро пештар аз анҷом ёфтани лоиҳа идора ва пайгирӣ намоянд.

- Захираи инсонӣ – Одамон (фардҳо, гурӯҳҳо, мутахассисони касбии шартномашуда)-е, ки ба лоиҳа ҷалб хоҳанд шуд. Маҳорат, муносибат ва рафтор дар робита ба рушд, низоъҳо ва дигаргуниҳо аз зумраи омилҳое мебошанд, ки ҳангоми интихоби захираҳои инсонӣ барои лоиҳа бояд баррасӣ карда шаванд.

- Ҷонибҳои манфиатдор – Фардҳо ва гурӯҳҳое, ки ҷалб шудаанд, таъсир пазируфтаанд ё метавонанд аз лоиҳа бевосита ва бавосита манфиат бардоранд. Донистану фаҳмидани ҷонибҳои гуногуни манфиатдор ва сатҳи иштироки онҳо дар лоиҳа барои татбиқшавии лоиҳа ва пазириши дигаргуниҳо дар созмоне ё ҷамоае муҳим аст.

- Коммуникатсия – Иттилоот ва паёмҳое, ки барои густариш ва идораи бомуваффақияти дигаргуниҳо ва чашмдоштҳо заруранд. Иттилооту коммуникатсияи нодуруст баъзан сабаби низоу фишор дар лоиҳа мегарданд.

- Харидорӣ – Раванди харидани молҳову хизматрасониҳо, зерсохтору таҷҳизот, ки ҷиҳати қонеъ кардани ҳадафҳо, мақсадҳо ва масолеҳи ниҳоии лоиҳа барои лоиҳа заруранд. Ҷадвалҳои интиқол, талаботи таъминкунанда, ғайридастрасии захираи зарурӣ ва сиёсатгузориву қонунҳо дар бораи харид чанд омиле мебошанд, ки метавонанд ба амалишавии лоиҳа монеа шаванд.

- Сифат – Меъёрҳову ченакҳои сифатиеро дар бар мегирад, ки аҳамият, амалишавӣ, идоракуниии таъсирбахш ва пойдорро таъмин менамоянд. Дар раванди банақшагирӣ, навъҳои андозагирии сифат, кафолатҳо ва методҳои назорат бояд ҳамчун меъёрҳо барои тафтиш намудани натиҷаҳову масолеҳи ниҳоии лоиҳа муқаррар шаванд.

- Хатар (риск) – Хатар истилоҳест ба маънои ҷамъи номуайяниҳо дар муҳити дохиливу берунии лоиҳа, ки барои расидан ба ҳадафҳову мақсадҳои лоиҳа маҳдудияту монеаҳо эҷод мекунанд. Пиндорҳову хатарҳое, ки ба амалишавии лоиҳа таҳдид мекунанд, бояд ҳарчӣ зудтар дар марҳилаи арзёбии лоиҳа муқаррар шаванд. Онҳо бояд дар саросари давраи иҷроиши лоиҳа дар зери назорат бошанд.

замонбандии умумии лоиҳа ва таърихи тамомшавии онро аз назар гузаронед. Чун лоиҳа дар пайи иҷрошавӣ аст, тарҳи Гант ҳамзамон нақшаи таҷдидшударо бо таърихҳои нави оғоз ва анҷоми вазифаҳо ва хатти аслии нақшаи худ танзим мекунад.

• Ҳамгирой – Раванди ҳамоҳангсозии нақшаҳои лоиҳа барои эҷод намудани вазифаҳову ҳуҷҷатгузории қатъӣ ва мантиқан пайваста. Он ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои лоиҳа, вазифаҳо, кафолати сифат ва талаботи санадро дар бар мегирад.

Ҳамаи соҳаҳои мазкур бояд бо нақшаҳову фаъолиятҳои мушаххас таъмин карда шаванд, то ки бо истифода аз онҳо ҳадафҳову мақсадҳои гузошташуда ба даст оянд. Ҳамин тавр, нақшаи муфассал бояд фарогири вижагиҳои зерин бошад:

- Асосҳои мантиқии лоиҳа ё бизнес-кейз – Лоиҳа ба кадом ниёзҳо вокуниш нишон хоҳад дод?
- Миқёси лоиҳа – Лоиҳа чӣ гуна амалӣ хоҳад шуд?
- Ҳадафҳо – Кадом натиҷаҳоро метавон интизор шуд?
- Мақсадҳои лоиҳа – Лоиҳа кадом воситаҳо ё ҳадафҳоеро ба даст меорад?
- Нақшаи ташкилӣ – Корро кӣ анҷом хоҳад дод?
- Ҷонибҳои манфиатдор – Дигар одамоне, ки ба лоиҳа ҷалб шудаанд, аз ҷумла корбарону баҳрабарандагон, киҳоянд?
- Тарҳи система – Талаботи функсионалӣ ва ғайрифункционалии барномаҳои система, ки бар ниёзҳои корбарон асос ёфтаанд.
- Нақшаи корӣ – Интихоби вақт ва пешрафти ҳар як бастаи кор ё вазифа.
- Буҷет – Даромад (маблағҳо) ва хароҷоте, ки моддаҳои хароҷотро дар бар мегиранд.
- Нақшаи коммуникатсионӣ (аз он ҷумла Нақшаи идоракунии дигаргуниҳо)
- Нақшаи сифат (стандардҳо ва кафолат)
- Нақшаи захираҳо ва харидорӣ
- Нақшаи хатарҳо (рискҳо)
- Нақшаи ҳамгирой (идоракунӣ ва амалисозии лоиҳа), ки нақшаи ҳуҷҷатгузорӣ, мониторинг (санҷиш ва андозагирии иҷрои корҳо) ва арзёбиву аудит ва нақшаи анҷоми лоиҳаро дар бар хоҳад гирифт.

Фаъолиятҳо, вазифаҳо ва нақшаи корӣ

Дар марҳилаи банақшагирӣ, барои дастаи идоракунии лоиҳа тартиб додани фаъолиятҳои кори гурӯҳӣ ва вазифаҳо мутобиқи категорияҳову сатҳҳо (Сохтори тақсимоти кор – WBS) муфид мебошад. Ҷадвали корӣ, захираҳо ва хароҷоти лоиҳа аз рӯи ин феҳрист муайян мешаванд. Бо истифода аз феҳрист, инчунин, номувофиқатиҳо, такрорҳо ва холигоҳҳои дар нақша ҷойдоштаро метавон тафтиш кард.

Арзёбии хатарҳо ва банақшагирии хатар. Ҷадвалҳои кории лоиҳа бояд воқеӣ бошанд ва шароиту омилҳои беруниву дохилии муҳити лоиҳаро ба назар гиранд. Яқинан, ҷанбаҳои сиёсӣ, иҷтимой, иқтисодӣ ва фарҳангии муҳит ба лоиҳа таъсир мегузорад. Ҳамчунин, созмони дохилие, ки лоиҳа аз он сарчашма мегирад, ба чигунагии рушду амалисозии лоиҳа таъсир хоҳад гузошт. Як роҳи кӯмак расондан ба дастаи амалисозии лоиҳа дар пешбинии чунин ҷанбаҳо арзёбии хатару омилҳое мебошад, ки ба лоиҳа дар рафти банақшагирӣ ва амалисозии он таъсири мусбат ё манфӣ хоҳанд гузошт.

Тасвири 34. Намояи (профили) хатарҳо



Сарчашма: *Nick Jenkins, A Project Management Primer or a Guide to Making Projects Work Volume 2 (2006), p. 31, http://www.exinfm.com/training/pdfiles/projectPrimer.pdf.*

Захираҳои лоиҳа. Мувофиқи нақшаи муфассал, баҳогузории истифодаи захираҳо амри зарурист. Ин баҳогузорӣ ба масъалаҳои марбут ба ҳайати кормандон, хизматрасонӣ, зерсохтор, таҷҳизот ва истифодаи воситаҳои дигар аз қабили шеваҳои уҳдадорӣ ва интихоби методҳои арзишгузорӣ дахл мекунад.

Захираҳои лоиҳа – ҳайати кормандон, мутахассисони касбии шартномавӣ ва талаботи хизматӣ – бояд дар робита ба сатҳу ҳаҷми кори онҳо ҳисоб карда шаванд. Бояд муддати анҷом додани ҳар як вазифа ё фаъолият низ ба назар гирифта шавад.

Яке аз масъалаҳои таъйин намудани захираҳо барои лоиҳаҳои ТИКР роҳи харидорӣ ва дастраскунии хизматрасониҳо мебошад. Оё хизматрасонии зарурӣ дар дохили созмон анҷом ёбад ва ё ба ихтиёри созмони алоҳида дода шавад? Созмоне, ки лоиҳаро амалӣ месозад, бояд ба анҷом додани арзёбии хуби тавонмандиву иқтидори худ дар иҷрои лоиҳа қодир бошад. Гузашта аз ин, ҳангоми бастани шартномаҳои консессионӣ, менеҷерони лоиҳа набояд аз воситаҳову хизматрасониҳои зарурие даст кашанд, ки дастаи амаликунандаи лоиҳа ба онҳо ниёз дорад. Агар захираҳо камёб бошанд, дастаи идоракунанда бояд роҳҳои алтернативиро баррасӣ намояд.

Арзиши (хароҷоти) лоиҳа. Буҷети лоиҳа ва категорияҳои хароҷот дар заминаи феҳристу сатҳҳои фаъолият (WBS), диаграммаи Гант, таҳлили шабака ва нақшаи захираҳо, ки додаҳо дар мавриди захираҳои зарурӣ барои иҷроиши лоиҳа таъмин мекунанд, тартиб дода мешаванд. Масалан, баргузор намудани фаъолияти тренинг-саводомӯзии ТИК таҷҳизоти компютерӣ, системаҳо ё барномаи нармафзор ва истифодаи синфхонаҳоро талаб хоҳад кард. Инҳо хароҷоте мебошанд, ки бояд дар фаъолият синфбандӣ ва ба буҷет ворид карда шаванд. Бар асоси давомнокии фаъолият, муқаррар ва муайян намудани миқдори воҳидҳо, миқдор барои як давра ва арзиши тахминии як воҳид муҳим хоҳад буд. Ҳисоб кардани хароҷоти лоиҳа осон хоҳад буд, агар арзиши ҳар як воҳид ва миқдори зарурии он бар асоси фаъолиятҳои лоиҳа муайян шавад.

Унсурҳои хароҷоти лоиҳа дар буҷет гузориш дода мешаванд. Ҳангоми омода кардани пешниҳоди буҷет, гирифтани маблағ (ҳамчун даромад ё моддаи даромад) ва хароҷот сарсатрҳои умумии хароҷоте ҳастанд, ки гузориш дода мешаванд. Маблағҳои даромад миқдори дороиҳои арзишманд ва саҳми ғайринақдӣ мебошанд, ки ҳамчун сарчашмаҳои пуштибонии лоиҳа истифода мешаванд, дар ҳоле ки арзиши буҷет дарбаргирандаи ҳамаи харҷҳоест, ки дар рафти амалисозии лоиҳа сурат мегиранд.

Дар марҳилаи банақшагирӣ, тафсилоти банақшагирии миқдори муайяни маблағ бояд бар асоси давраҳои мухталифи фаъолиятҳои лоиҳа ҳисоб шавад. Категорияҳои асосии хароҷоти лоиҳа хароҷоти бевосита ва хароҷоти амалиётӣ мебошанд. Хароҷоти бевосита хароҷоте мебошанд, ки ба фаъолиятҳои муайян робита доранд (масалан, ташкил ва баргузор кардани тренинг-саводомӯзии комютерӣ). Хароҷоти амалиётӣ бошанд, фаъолиятҳои маъмурии дохилӣ (чунончи, маоши ҳайати кормандон, хизматрасониҳои коммуналӣ, хароҷоти иҷора ва хароҷоти дигари маъмурӣ)-ро мепӯшонанд. Воҳидҳо, миқдори онҳо барои як давра ва хароҷоти тахминӣ барои як воҳид се унсуре мебошанд, ки барои ҳисоб кардани хароҷоти ҳамроҳ бо яке аз ин категорияҳо заруранд.[199]

Таҳлили хароҷот-фоида бояд таҳия карда шавад, ки «моҳият»-и лоиҳаи пешниҳодшударо нишон диҳад. Ҳавасмандии асосии сарпарастони лоиҳа инҳоянд: Оё лоиҳа барои пӯшондан ё асоснок кардани хароҷоти амалиётӣ фоидаи кофӣ ба бор хоҳад овард? Оё маблағҳои барои лоиҳа таъминшуда бо фоидаҳое ҳамвазнанд, ки дар натиҷаи амалисозии лоиҳа ба даст хоҳанд омад?

Ҳамчун чораи эҳтиётӣ дар омода кардани буҷет, лоиҳа бояд хароҷоти ғайричашмдоштро барои пӯшонидани талафот, масалан, таъхирҳои эҳтимолӣ, талафи маблағ ҳангоми ноустувории қурби мубодилаи арз ва таҳдидҳои дигари эҳтимолии лоиҳа ба нақша гирад. Ҳамин тавр, банақшагирии хароҷоти ғайричашмдошти лоиҳа бояд чорчӯбаи таҳлилии хароҷот-фоидаро аз назар гузаронад.

Маблағҳои лоиҳаи ТИКР метавонанд аз тарафи ҳукуматҳои миллӣ, созмонҳои байналмилалии рушд (дуҷониба – созишномаҳои байнидавлатӣ ва чандҷонибаи миёни оҷонсиҳо), муассисаҳои маҳаллӣ ё байналмилалии молиявӣ (масалан, бонкҳо, Бонки Осиёии Рушд, Бонки ҷаҳонӣ) ва саҳми шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ё дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ (масалан, СҒҲ, созмонҳои динӣ) сармоягузорӣ шаванд. Дастгирӣ метавонад дар шакли маблағгузории дохилӣ, грантҳо, қарзҳо, шарикиҳои бахшҳои хусусиву давлатӣ (масалан, сохтмон-фаъолият-интиқол) ва шаклҳои дигари саҳм ё омехтаи ҳамаи инҳо бошад. Муассисаву созмонҳое, ки аллакай дар кори рушд пешсафанд, методҳои меъёришудаи

[199] Besim Nebiu, Ildiko Simon and Cerasela Stancu, “Preparing Project Proposals”, Regional Environmental Center for Central and Eastern Europe, 2002.

дархости пешниҳодлоиҳавӣ, системаҳову қолибҳои гузоришдиҳӣ ва системаҳои молиявӣ доранд. Ҳомиёну шарикони лоиҳа бояд ба чорчӯбаи сиёсатгузорӣ ва тартиботи идоракунии ин муассисаву созмонҳои маблағгузор шинос шаванд. Агар дар байни шарикони гуногун ҳамоҳангӣ вуҷуд надошта бошад, сарчашмаҳои гуногуни сармоягузорӣ метавонанд баъзе мушкилиҳоро эҷод намоянд.

Андозагирии кор ва ҳуҷҷатгузории лоиҳа

Ҳанӯз дар марҳилаи банақшагирӣ, барои пайгирии фаъолият андозагирӣ ва баҳодиҳии кор ва чорчӯбаи гузоришдиҳӣ бояд муқаррар шавад. Менеҷери лоиҳа ва дастаи амалисози лоиҳа бояд дар муқаррар кардани натиҷаҳое, ки асосан бо истифода аз маҷмӯи нишондодҳо назорат хоҳанд шуд, бо шарикон ба мувофиқа оянд.

Лоиҳа нахуст метавонад ҷамъоварии маҷмӯи додаҳои асосиро муқаррар намояд. Додаҳои асосӣ барои мониторинг (пайгирӣ)-и кор таҳкурсӣ фароҳам меоранд. Масалан, дар пайгирӣ намудани барномаи тренинг-саводомӯзии ТИК, додаҳои асосӣ бояд ба арзёбии маҳорати таълимгирандагон ё иштироккунандагони потенсиалии бозомӯзӣ (тренинг) қодир бошанд. Он низ метавонад хусусиятҳои демографии таълимгирандагону иштироккунандагони потенсиалӣ ва сатҳҳои нобаробари саводнокии онҳоро пеш аз амалисозии лоиҳавӣ дарёбад. Пешрафтро метавон аз рӯи додаҳои асосие пайгирӣ кард, ки ҳангоми амалисозии фаъолият дар муқоиса бо нишонгоҳҳои муқарраршуда ба даст хоҳанд омад. Додаҳо бояд таҳлил шаванд, то тафовутҳову мушкилиҳои зуҳурёбанда муайян гарданд. Гузоришдиҳӣ (ҳисоботдиҳӣ) дар бораи иҷроиши кор бояд дар муқоиса бо натиҷаҳои дарназардошта ва нишондиҳандаҳои мувофиқашуда сурат гирад. Барои лоиҳаҳои бузург бошад, идоракунии додаҳо барои коркарди додаҳо аз чорчӯбаи андозагирии кор зарур мебошад.[200]

Талаботи ҳуҷҷатгузории лоиҳа бояд барои пайгириву арзёбиҳои лоиҳа ба нақша гирифта ва омода шаванд. Он қолибҳои гузоришдиҳии ҳамаи соҳаҳои дар боло тавсифшударо дар бар мегирад. Ҳуҷҷатгузорӣ ба эҷоди дониш дар созмон мусоидат хоҳад кард.

Тафсилоти чӣ гуна арзёбӣ ва ҷамъбаст шудани лоиҳа низ бояд ба нақша гирифта шавад. Аслан, дар марҳилаи банақшагирӣ на танҳо барои амалисозии лоиҳа, балки барои дигар марҳилаҳои боқимонда низ (чунончи, барои мониторинг, арзёбӣ ва анҷоми лоиҳа) омодагӣ гирифта мешавад.

Нармафзорҳо (ҳам хусусӣ ва ҳам НОКА) барои амалисозӣ ва ҳуҷҷатгузории лоиҳа дар бисёр вебсафҳаҳои идоракунии лоиҳа дастрасанд. Намунаи нармафзори озод барномарезишаванда PROJECT in a Box Community Edition мебошад,[201] ки дар асоси PRINCE2[202], меъёрҳои намунавии идоракунии лоиҳа, таҳия шудааст. Дигар сайтҳои идоракунии лоиҳа устувонаҳои ройгон пешкаш мекунанд. Вале танҳо ҳукумат, СҒҲ ва донишҷӯёни соҳаи идоракунии лоиҳа метавонанд аз онҳо ба таври ройгон истифода баранд.[203]

Пас аз баррасӣ, тарҳрезӣ ва таҳияи нақшаҳои муфассал, лоиҳаро бояд ҷонибҳои асосии манфиатдори лоиҳа (сарпарастон, дастаи идоракунанда ва баҳрабарандагон) такмил дода, тасдиқ кунанд. Баробари ба марҳилаи ниҳоӣ расидан, зарур аст, ки нақшаҳо тасдиқ шаванд ва созишномаи ҳамкорӣ барои оғоз намудани марҳилаи амалисозии лоиҳа имзо шавад.

Ҳамин гуна, баробари тасдиқ шудани нақшаи лоиҳа марҳилаи банақшагирӣ ба анҷом мерасад. Сарфи назар аз ин, раванди банақшагирӣ қатъ намегардад, чунки дар муҳити лоиҳа бисёр омилҳое ҳастанд, ки метавонанд ба дигаргун шудани самти он таъсир расонанд. Ин масъала минбаъд дар бахши мониторинг (пайгирӣ)-и лоиҳа баррасӣ хоҳад шуд.

Амалисозии нақшаи ТИКР

Роҳбарии лоиҳа: менеҷери лоиҳа. Дар амалисозии нақша менеҷери лоиҳа бояд тавони пешбурд ва ҳамкорӣ бо дастаи идоракунии лоиҳаро дошта бошад. Менеҷери лоиҳа, ки дар сари чанбараки амалиёти лоиҳа қарор мегирад, бояд роҳбари босалоҳият бошад, вазъиятро фаҳмида тавонад ва ба эҷоди даста тавоно бошад. Инчунин, ӯ бояд вазифа ва масъулиятҳои худро чун роҳбари лоиҳа ва

---

[200] Strategic Planning and Policy Division, CIDA Asia Branch, “Is a Project Being Managed for Development Results? Integration of RBM Principles in Project Monitoring: A Guide for Self Assessment and Monitoring”, January 2000, pp. 9-24.

[201] Нигаред: Project in a box, http://www.projectinabox.org.uk/community.asp.

[202] PRINCE2 ё Лоиҳаҳо дар муҳитҳои зери назорат яке аз рӯйкардҳои идораи лоиҳа мебошад. PRINCE2 дар соли 1989 ҳамчун стандарт барои идоракунии лоиҳаи ТИ аз тарафи ҳукумати Шоҳигарии Муттаҳида ташкил шуда буд. Аз он замон ин метод барои идоракунии тамоми намудҳои лоиҳа густариш дода шуд ва бахшҳои ТИ ва ҳукуматро фаро гирифт.

[203] Нигаред: CVR/IT Consulting, http://www.cvr-it.com/Confirm_NonProfit.php.

даста бо дигар ҷонибҳои асосии манфиатдор баррасӣ намояд. Менеҷери лоиҳа бояд бо даста хуб кор кунад ва барои илҳом бахшидану ҳавасманд намудани даста қодир бошад. Ӯ бояд амалгаро ва пайвандгари хуб бошад, ба натиҷаи кор бештар диққат диҳад, барои рафъи низоъ ва нофаҳмиҳо миёнаравӣ кунад ва дар мавриди даркорӣ аз шеваи хоси мудохила истифода барад.

Машқи амалӣ

Ғайр аз хусусиятҳои дар боло зикршуда, ба фикри шумо менеҷери лоиҳа бояд кадом сифатҳову функсияҳои дигари роҳбариро дошта бошад?

Ҳар як узви синф бояд дар як варақ рӯйхати чунин сифатҳоро тартиб диҳад. Сипас, рӯйхати ҳар як шахсро дар тахтаи синф часпонда, унсурҳои умумии роҳбарӣ ва функсияҳои марбутаро дарёбед. Пас аз дарёфти унсурҳои умумӣ, рӯйхати тафовутҳоро дар байни хонандагони синф тартиб диҳед. Пас аз муҳокимаи рӯйхатҳои гуногун дар синф, дар як варақ сифатҳову функсияҳои муҳим, дилхоҳ ва нолозимро ҷамъбаст намоед.

Дастаи лоиҳа ва идора (ҷои кор)-и идоракунии лоиҳа: Аъзои дастаи лоиҳа, ки бевосита ба идоракунии фаъолиятҳо ҷалб шудаанд, менеҷер(он)и лоиҳаро пуштибонӣ мекунанд. Менеҷери лоиҳа бояд муҳитеро ба вуҷуд орад, ки даста салоҳияту миқёси лоиҳаро бифаҳманд. Аъзои даста дар марҳилаҳои оғозӣ ва банақшагирии сикли лоиҳа ба кор гирифта мешаванд. Аъзои дастаи лоиҳа бояд дорои маҳоратҳои махсус бошанд, ки барои бомуваффақ анҷом додани лоиҳа заруранд. Талаботи калидӣ барои комёбии лоиҳа интихоби одамони мувофиқ ва сазовор барои иҷроиши вазифаву фаъолиятҳо мебошад. Зарур аст, ки аъзои даста ва менеҷер(он)и лоиҳа якҷоя ва якдилона кор кунанд. Агар лоиҳа дарозмуддат, бузург ва мураккаб бошад, таъсис додани идора барои идоракунии лоиҳа низ ногузир аст.

Ҷонибҳои манфиатдори лоиҳа. Ҳамон тавре ки пештар баррасӣ шуд, ҷонибҳои манфиатдор онҳоеро фаро мегиранд, ки аз натиҷаи лоиҳа таъсир мепазиранд, сарфи назар аз манфӣ ё мусбат будани таъсир. Ин ҷонибҳо, инчунин, онҳоеро дар бар мегиранд, ки метавонанд ба амалисозӣ ва натиҷаҳои лоиҳа таъсир гузоранд. Лоиҳаҳои рушд одатан ду гуна ҷонибҳои манфиатдорро муайян менамоянд: ҷонибҳои асосии манфиатдор ва ҷонибҳои дувумдараҷаи манфиатдор. Ҷонибҳои асосии манфиатдор одамону гурӯҳҳое мебошанд, ки дар ниҳояти кор аз лоиҳа таъсир мепазиранд. Ҷонибҳои дувумдараҷаи манфиатдор дар раванди хизматрасониҳо ба ҷонибҳои асосии манфиатдор миёнаравӣ мекунанд. Илова бар ин, ҷонибҳои берунии манфиатдор вуҷуд доранд, ки расман ба лоиҳа ҷалб намешаванд, вале метавонанд ба фаъолиятҳои лоиҳа таъсир гузоранд ва ё аз онҳо таъсир пазиранд.[204]

Барои кӯмак расонидан ба муайян намудани ҷонибҳои асосии манфиатдори лоиҳа, Бонки ҷаҳонӣ (1996) чунин саволҳои роҳнаморо пешкаш кардааст:

- Аз ҳалли масъалаҳои ташвишовари рушд кӣ метавонад таҳти таъсир (-и мусбат ё манфӣ) қарор гирад?
- Шахсоне, ки овозашон ба гӯши касе намерасад, (яъне имконияти изҳори фикри худро надоранд) киҳоянд, то барои онҳо талоши махсус анҷом дода шавад?
- Намояндагони таъсирпазирандагони эҳтимолӣ киҳоянд?
- Барои корҳои дарназаргирифташуда кӣ масъул аст?
- Кӣ метавонад ба тарафдорӣ ё бар зидди корҳои дарназаргирифташуда сарфарбар гардад?
- Кӣ метавонад корҳои дарназаргирифташударо тавассути иштироки худ асарбахштар ва ё тавассути беиштирокӣ ё мухолифати ошкорои худ камасар созад?
- Кӣ метавонад бо захираҳои молиявӣ ва техникии худ саҳм гузорад?
- Барои комёб шудан рафтори кӣ бояд тағйир ёбад?

Дар лоиҳаи рушд бисёр ҷонибҳои манфиатдор вуҷуд доранд. Муҳимтарини онҳо инҳоянд: соҳиби лоиҳа, сарпарасти лоиҳа, «чемпионҳои» (пуштибонони) лоиҳа, менеҷери лоиҳа, дастаи лоиҳа ва таъсиррасонандагон.

[204] Marilee Karl, “Monitoring and evaluating stakeholder participation in agriculture and rural development projects: a literature review”, SD dimensions, FAO, November 2000, http://www.fao.org/sd/PPdirect/PPre0074.htm.

Ғайр аз дастаи лоиҳа, ҷонибҳои дигари манфиатдори лоиҳа киҳоянд?

Сарпарастони лоиҳа пуштибонони асосӣ ва дар аксари мавридҳо «тасдиққунандагони сиёсӣ»-и мафҳуми лоиҳа мебошанд. Менеҷер ва дастаи лоиҳа бояд аз дидгоҳу манфиатҳои сарпарастони лоиҳа огоҳ бошанд ва боварӣ ҳосил намоянд, ки онҳо лоиҳаро пуштибонӣ мекунанд.

Дар кишварҳои дар ҳоли рушд лоиҳаҳои рушд бештар аз ҷониби сармоягузорону сарпарастон (донорҳо)-и дуҷониба ё бисёрҷониба маблағгузорӣ мешаванд. Сарпарастони дуҷониба Агентии Австралия оид ба рушди байналмилӣ (AusAID), Агентии рушди байналмилалии Канада (CIDA), Маркази пажӯҳиши рушди байналмилалӣ (IDRC), Агентии рушди байналмилалии Шветсия (SIDA), Агентии Шветсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ ва Агентии Иёлоти Муттаҳида оид ба рушди байналмилалиро дар бар мегиранд. Донорҳои бисёрҷониба Бонки осиёии рушд, агентиҳои Созмони Милал ва Бонки ҷаҳониро фаро мегиранд. Одатан, сармоягузорон ба он лоиҳаҳое таъсир мерасонанд, ки таҳия ва амалӣ хоҳанд шуд. Ғайр аз кӯмаки молиявӣ, онҳо инчунин метавонанд кӯмаки техникӣ ва захираҳои дигаре ба монанди таҷҳизот (сахтафзор) ё нармафзорро таъмин кунанд, ки барои амалисозии лоиҳа истифода хоҳанд шуд. Сармоягузорон чорчӯбаи сиёсатгузорӣ ва системаҳои идоракунии худро доранд, ки ногузир ба самту амалиёти лоиҳаҳо таъсир хоҳанд гузошт.

Лоиҳаҳо метавонанд пурра аз ҷониби як созмони сармоягузор ва ё ба таври муштарак аз ҷониби дигар созмонҳои сармоягузор маблағгузорӣ шаванд. Аксари сармоягузорон аз соҳибони лоиҳа маблағгузории ҳамтои худро талаб мекунанд. Масалан, лоиҳаҳои дуҷониба (лоиҳаҳои ҳукумат-ба-ҳукумат) аз ҳукумати манфиатбардори лоиҳа барои хароҷоти махсуси лоиҳа ҷудо кардани маблағгузории ҳамторо талаб мекунанд. Ин метавонад дар шакли вақти коргарони ҳукумат, ки ба лоиҳа ҷалб хоҳанд шуд, сармоягузорӣ барои харидории таҷҳизот ё макон барои идораи лоиҳа бошад.

Агар лоиҳаро созмонҳои гуногун сармоягузорӣ кунанд, системаҳо ва чашмдоштҳо ҳам ҳамон қадар гуногун хоҳанд буд. Вақте ҷонибҳои манфиатдор манфиатҳои гуногун доранд, дастаи амалисози лоиҳа дар мутобиқ кардани ин манфиатҳо ба талаботи маҳаллӣ бештар душворӣ мекашанд.

«Чемпионҳо»-и лоиҳа ҷонибдорони лоиҳа ё одамоне мебошанд, ки лоиҳаро комилан пуштибонӣ хоҳанд кард. Ҳарчанд аъзои дастаи лоиҳа набошанд ҳам, чемпионҳо ба комёб гардидани лоиҳа кӯмак мерасонанд. Чемпионҳо дар марҳилаи омодасозии лоиҳа муайян мешаванд. Онҳо метавонанд ба идораи муносибатҳо ва бартараф кардани холигоҳҳои лоиҳа фаъолона таъсир гузоранд. Онҳо пешвои созмон ё ҷамоае мебошанд, ки дар муҳити он лоиҳа амалӣ мегардад.

Лоиҳаҳои ҳукуматӣ одатан аз ҷониби шахсони воломақом ё гурӯҳи иборат аз мансабдорони баландпояи ҳукуматии созмони амалисозандаи лоиҳаҳо ҷонибдорӣ мешаванд. Ин шахсон ё гурӯҳ ба пешрафти лоиҳа ва созмони амалисозандаи ин лоиҳа ба таври ғайрирасмӣ саҳм мегузоранд. Набудани чунин шахсон ё гурӯҳ саршавӣ ва комёбии лоиҳаро мушкил менамояд. Нақши ин «чемпионҳо» намояндагӣ кардан аз аҳамияту арзиши лоиҳа ба созмон мебошад.

Дар сатҳи ҷомеа, чемпионҳои лоиҳа бояд дар ҳудуди ҷамоа маъруфу мӯҳтарам ва аз алоқаҳои хуб бархурдор бошанд. Онҳо бояд ба лоиҳа эътимод дошта бошанд ва барои ба даст овардани пуштибонии лоиҳа аз тарафи дигар шахсон талош кунанд. Ҳангоми зарурат, онҳо бояд маҳорати музокира кардан ба фоидаи лоиҳаро дошта бошанд.

Баҳрабардорандагони лоиҳа ё корбарони маҳсулот (натиҷа). Вобаста ба баъзе самтҳои татбиқи воситаҳои ТИК, мафҳумҳои «харидор», «корбари ниҳоӣ» ва «соҳиб» ҳаммаъноянд, чунки онҳо одамон ё созмонҳоеро ифода мекунанд, ки маҳсулот ва ё натиҷаи лоиҳаро истифода хоҳанд бурд. Дар лоиҳаҳои ҳукумати электронӣ, соҳибони лоиҳа созмони иҷрокунанда, яъне одамони корхона мебошанд, ки ҳангоми амалисозии вазифаҳои лоиҳа бештар аз ҳама бевосита ҷалб шудаанд ва таъсир мепазиранд. Соҳибони лоиҳа «корбарон»-и ниҳоии ин ташаббусро муайян хоҳанд кард. Чунин корбарон, мумкин аст, шӯъбае дар ҳукумати миллӣ ё ҳукумати маҳаллӣ, ҷамоа ё СҒҲ бошад. Муваффақият, қобилияти истифода ва пойдории лоиҳаҳо маҳз аз соҳибон ва корбарон вобаста мебошанд.

Таъсиррасонандагони лоиҳа фардҳо ва ё гурӯҳҳое мебошанд, ки ҳарчанд ба дарёфт ё истифодаи фаровардаҳои лоиҳа мустақиман алоқаманд набошанд ҳам, бо сабаби доштани мақом дар созмон ё ҷамоа, метавонанд ба ҷараёни лоиҳа таъсири мусбат ё манфӣ гузоранд.

Ҷавонони фаъол 14. Оё шумо менеҷери хуби лоиҳа ҳастед? Худро биозмоед.

Менеҷери хуби лоиҳа маҳоратҳо, тавоной ва сустиҳои худро медонад. Намунаи воситаи хударзёбӣ, ки шумо метавонед барои баҳогузорӣ ё муқоиса кардани тавоноиҳо, сифатҳо ва малакаҳои умумии худ дар идоракунӣ истифода баред, аз ҷониби Гари Эвантс (CVR/IT Consulting дар сомонаи http://www.cvr-it.com) пешниҳод шудааст. Пас аз номнавис кардани худ дар вебсафҳа, воситаи худбаҳодиҳиро аз вебсафҳаи http://www.cvr-it.com/PM_Templates/ фурукашӣ кунед.

7.3 Идоракунии дигаргуниҳо

Ҳар як мафҳуми нав ва ҳар як навоварӣ ҳатман ба манфиатҳои мувофиқ ва зид бархурд мекунад. Фаҳмонидани мафҳуму падидаи нав ба ҷонибҳои гуногуни манфиатдор ва ба даст овардани пуштибонии онҳо ҳамеша душвор аст. Ҳамон тавре медонем, истифодаи ТИК дар раванди рушд танҳо муаррифӣ ва ҷалб кардани технология нест. Он маънои ислоҳоти муҳими система ё ҳукуматро дорад, ки бояд аз коғаз, ҷузвдон ва боздиду мулоқотҳо ба амал, яъне ба системаи босуръат, ҷавобгӯ ва шаффоф гузарад. Ҳукуматҳое, ки ба корҳои пуштипардагӣ ва ниҳон аз назари мардум одат кардаанд, чунин дигаргуниҳо ва ислоҳотро ба душворӣ қабул мекунанд. Аз ин рӯ, мушкилиҳо бештар ба раванди кор ва ба дигаргуниҳо дар муносибат ва услуби идоракунӣ марбут мебошанд, ки бояд дар навбати аввал расидагӣ шаванд. Истифодаи ТИК бисёр чунин мушкилиҳои марбут ба идоракунии дигаргуниҳоро дар мадди назар мегузорад.

Идоракунии дигаргуниҳо, ки бо роҳҳои гуногун таъриф шудаст,[205] бо идоракунии лоиҳа тавъам аст. Он аллакай илми алоҳида мебошад, чунки дорои принсипҳо, маҷмӯи донишҳо, маҳоратҳо, амалияҳо ва равандҳоест, ки барои расидан ба натиҷаҳои зарурии тағйири лоиҳа ё ташаббуси «дигаргунии инсонӣ» метавон ба кор бурд.[206]

Роҳбарон ва дастаи иҷрокунандаи лоиҳа бояд воқиф бошанд, ки дигаргуниву тағйирот дар ҷараёни амалисозии лоиҳа рух хоҳанд дод. Пеш аз банақшагирии муфассал дар марҳилаи оғоз, дастаи иҷрокунанди лоиҳа аз таҳлили таъсири лоиҳа манфиати зиёд хоҳанд бардошт. Таҳлили таъсири лоиҳа бояд навъҳои таъсири лоиҳа (чунончи, дар шаклҳои мафҳум, натиҷа ва маҳсулот)-ро ба одамон, системаҳо ва ҷанбаҳои дигари созмон фаро гирад.

Чуноне ки пештар муаррифӣ шуд, лоиҳаҳои ТИК-и марбут ба тайири системаҳои ниҳодӣ бо системаҳои дигар ногузир ҳамгиро мешаванд. Ҳамин тавр, тағйири тарзу усули корбарӣ (ё роҳу равишҳои иҷрои корҳо) дар созмон имконпазир аст, чунки сабаби ҷалб гардидани системаҳои ТИК арзиши онҳо дар ба даст овардани натиҷаҳои муассиртар мебошад.

Равандҳову системаҳои корбарии тағйирёфта, дар навбати худ, ба операторҳо (корбарон) ва одамони аз хизматрасониҳои ин системаҳо истифодабаранда таъсир мегузоранд. Одамон ҳам ба лоиҳаҳои нав ва ҳам ба дигаргуниҳои бамиёномада муносибати ғайримуқаррарӣ мекунанд. Чун қоида, онҳо ба дигаргуниҳо муқовимат мекунанд. Ба чунин муносибат дастаи идоракунии лоиҳа бояд эҳтиёткорона вокуниш нишон диҳад. Барои ин зарур аст, ки даста, пеш аз ҳама, аксуламалҳои монеъшавандаи лоиҳаро пешбинӣ карда тавонад.

Лоиҳаҳои ТИКР-ро, ки дар ҳукумат барои оқилона кардани равандҳои кор ё навсозии системаҳо тарҳрезӣ мекунанд, одамон дар ташкилотҳо метавонанд ба осонӣ ва ё ба душворӣ пазиранд. Дастаи лоиҳа он гоҳе метавонад омода ва муҷаҳҳаз гардад, ки таъсири эҳтимолии системаи навро ба ташкилот омӯхта, шеваҳои вокуниш нишон додан ба сенарияҳои дигаргуниҳоро ба нақша гиранд. Ҳамин тавр, метавон аксуламалҳои бадхоҳона ё манфиро пароканда карда, аксуламалҳои мусбатро барои такмили лоиҳа дар дохили ташкилот таҳвият дод ва истифода бурд. Агар дар лоиҳа дигаргунӣ пешбинӣ нагардад, омилҳои таҳдидкунандаи лоиҳа муассиртар ва хатарноктар мешаванд.

---

[205] Барои таърифҳои гуногун ба ин сарчашмаҳо нигаред: Change-Management-Coach, http://www.change-management-coach.com/definition-of-changemanagement.html ва http://www.change-management.com/tutorial-defining-change-management.htm.
[206] Ҳамон ҷо.

Барои амалисозии муваффақонаи лоиҳаҳои ТИКР зарур аст, ки арзёбии таъсир ва дигар омӯзишҳо дар мавриди идоракунии дигаргуниҳои иҷтимоӣ (масалан, банақшагирии таъсири лоиҳа ба сохторҳо, системаҳо ва сиёсатгузориҳои ҷамоа ва махсусан ба фарҳанги ҷомеа) ҳар чӣ бештар сурат гиранд.

Дигаргуниҳои ҳангоми амалисозии лоиҳа рухдода бояд барои идора ва таъмини каму нарм кардани хатарҳо пайгирӣ шаванд. Ин аз чанд ҷиҳат муҳим аст:

- Донистани бузургии дигаргуниҳо, ки аз ҷониби лоиҳа амалӣ хоҳад шуд;
- Аз назар гузаронидани ҳамаи масъалаҳое, ки аз ҷониби дастаи идоракунии лоиҳа ва корбарон ба миён гузошта мешаванд;
- Тафтиш кардани хатарҳову пиндоштҳо.

Дастаи лоиҳа бояд сабабҳову натиҷаҳои рафтору муносибатро арзёбӣ кунанд. Оё онҳо ба он вобастаанд, ки лоиҳа рад ё қабул ва ё шартан қабул мешавад?

Баъзе мудохилаҳои муфид (вобаста ба аксуламалҳои рафторӣ ва дараҷаи ин аксуламалҳо) инҳоянд:

- Равандҳои инсонӣ – чунончи, нақшаи хуби коммуникатсионӣ, ки иттилооти муфиду судманд медиҳад ва онҳоеро ҷалб менамояд, ки бевосита таъсир мепазиранд;
- Эҷоди маҳоратҳо – таъмин намудани одамон бо фаъолиятҳои омӯзишӣ, хизматрасониҳои дастгирӣ ва дастурамалҳо барои истифода мувофиқ;
- Истифодаи стратегияи роҳбарӣ, ки дар он сиёсатгузориҳо эҷод ё бознигарӣ мешаванд, то шароит барои дигаргунӣ пойдор бошанд, масалан: бо кор таъмин намудани одамон;
- Равшан ва мушаххас кардани салоҳиятҳо ва моделсозии нақшу вазифа;
- Ҳангоми зарурат таъмин намудани захираҳо;
- Таъмин намудани фаҳмиш ва дигаргуниҳо дар робита ба тарҳрезии кор ё барномаи осонкор.

Мисоли 28. Системаи харидории электронии Филиппин

Лоиҳа

Системаи харидории электронии ҳукумати Филиппин (Philippine Government Electronic Procurement System – PhilGEPs) соли 2000 бо лоиҳаи озмоишии дусола бо маблағи 400000 доллари амрикоӣ, ки аз ҷониби Агентии рушди байналмилалии Канада маблағгузорӣ шудааст, шурӯъ гардид. Ҳадафи лоиҳа аз мақсадҳои зер иборат буд: (1) баланд бардоштани шаффофият дар раванди харидорӣ; (2) такмил додани муассириву самаранокии системаи харидорӣ; (3) такмил додани тавонмандӣ ва афзудани маҳорати муассисаи давлатии ба харидорӣ сарукордошта ба хизматрасониҳои харидорӣ; ва (4) такмил додани сиёсатгузориҳо ва чорчӯбаи танзимкунӣ ва пуштибонии система.

Вале то анҷоми лоиҳа системаи озмоишӣ танҳо воситаҳои зеринро дошт: (2) эълонтахтаи электронӣ, ки дар он иттилоот дар бораи имкониятҳои харидории муассисаи давлатӣ гузошта мешуд; (2) феҳристи расонандагон, ки дорои пойгоҳи додаҳои расонандагони номнависшуда мебошад ва (3) каталоги электронии нархномаи молҳое, ки онҳоро метавон бидуни тендер харидорӣ кард.

Ҳарчанд система ба ҳадафҳои иқтисодии харид ноил нагардид, дар соли 2006 натиҷаҳои бадастомада ба ин тартиб гузориш шуданд: (1) қабули қонун – Қонуни нави ислоҳоти ҳукумат дар соли 2003 (Қонуни ҷумҳуриявии 9134) PhilGEPs-ро ҳамчун портали ягона барои ҳамаи эълонҳои харидории ҳукуматӣ таъйин намуд; (2) эродҳои иштироккунандагон ва ҷонибҳои манфиатдор (расонандагон, СҒҲ, гурӯҳҳои сармоягузор) шаффофиятро дар дохили системаи харид афзоиш доданд ва (3) даромади ҳукумат аз ҳисоби коҳиши хароҷот барои эълонҳои ҳукумат дар рӯзномаҳо ва аз ҳисоби коҳиши хароҷот барои молҳову хизматрасониҳо ба ҳукумат ба беш аз 700000 доллари амрикоӣ расид.

Пардохти бархатӣ (онлайнӣ), мағозаи маҷозӣ ва вогузории электронии тендер ба марҳилаи минбаъдии лоиҳа хос аст. Бо кӯмаки ҷузъии Бонки осиёии рушд ва Бонки ҷаҳонӣ хароҷоти панҷсолаи лоиҳа 250 миллион песои филиппинӣ муқаррар шудааст. Илова бар дастгирӣ намудани таҳияи ҷузъҳои мухталиф дар системаи харидории электронӣ, лоиҳа инчунин озмоиши пазириши корбар ва фаъолиятҳои омӯзишӣ, аз ҷумла барномаҳои таълими тренерон ва тарҳрезиву истеҳсоли масолеҳи омӯзиши электронӣ барои мусоидат кардан ба талошҳои омӯзиширо дар назар гирифтааст.

Имрӯз, Ҳукумати Филиппин PhilGEPs-ро ҳамчун воситаи муттаҳидкунанда ва сарчашмаи иттилоот дар бораи харидории молҳои умумӣ, корҳои иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои умумии пуштибонӣ баррасӣ менамояд. Ҳоло он барои мутобиқ шудан бо талаботи бисёру гуногуни вақт ва муштариён такмил ёфта истодааст. Чуноне ки Ҳукумат аллакай тасдиқ мекунад, аз замони ба фаъолият шурӯъ кардани PhilGEPs дар сатҳи миллӣ беш аз ним миллион песо сарфа шудааст.

Соли 2011, ҳукумати Филиппин нақша дорад PhilGEPs-ро дар сатҳи ҳукуматҳои маҳаллӣ густариш диҳад.

Дар паси парда

Аз оғози амалишавии лоиҳа ба дастаи идоракунии лоиҳа зарур омад, то бо ҷонибҳои манфиатдор доир ба бисёр масъалаҳои идоракунии дигаргуниҳои дохилӣ ва берунӣ сарукор гирад. Дар зер баъзе масъалаҳое оварда шудаанд, ки дар рафти иҷроиши лоиҳа ба миён омадаанд:

- Дар сатҳи ташкилӣ, дастаро зарур омад, то бо бисёр мушкилиҳо, аз он ҷумла нигарониҳои аз ҷониби кормандони муассисаҳо изҳоршуда, сарукор дошта бошад. Аксари нигарониҳо аз тарси кормандон, ки баробари комилан худкифо (автоматӣ) шудани муассисаҳои онҳо шояд кори худро аз даст медиҳанд, реша мегирифтанд.
- Масъалаҳои дигари ҷонибҳои манфиатдор марбут ба коммуникатсияи душвор бо созандагони берунии системаҳо мебошанд. Онҳо на танҳо ширкатҳои хусусӣ, балки барномасозони система ва расонандагони хориҷии хадамотро низ дар бар мегиранд.

Муомилаҳои судманди таъминкунандаву баҳрабарандагон масъалаи дигаре буд, ки дастаи лоиҳа бояд қонеъ мекард. На ҳамаи расонандагону баҳрабарандагон ба қонун ва системаи нави харидории электронӣ шинос буданд. Онҳо аз системаи нави электронӣ дида, системаи механикиро бартар медонистанд.

Ҳамроҳ бо шарикони сармоягузори худ, дастаи лоиҳа дурнамо, омӯзиш ва нақшаҳои амалиёт оид ба идоракунии дигаргуниҳоро ба нақшаи фаъолияти худ ворид карданд. Онҳоро лозим буд, то нақшаҳоро боҷидду ҷаҳд амалӣ намуда, баробари иҷрои вазифаҳои рӯзмарра ва мулоқот бо ҷонибҳои манфиатдор аз таҷрибаҳо сабақ гиранд.

Баъзе аз фаъолиятҳои асосии идоракунии дигаргуниҳо, ки аз ҷониби даста амалӣ шудаанд, талаб мекарданд, ки онҳо нақшаҳои коммуникатсионии худро бо ҷонибҳои манфиатдор таҳвият бахшанд. Ба онҳо лозим буд, ки бо коргарони муассисаҳо дар сатҳҳои гуногун чанд сессияи муколамавӣ баргузор намоянд. Бо расонандагони хизматрасониҳо бошад, дастаро мебоист стратегияҳои фарофарҳангии коммуникатсиониро истифода бурд; ҳамзамон, даста омӯхт, ки дар қарорҳои худ ва равишҳои мубодилаи қарорҳои худ устувор бошад. Гузашта аз ин, даста боистӣ расонандагону баҳрабарандагони ҳукуматии худро ба сегментҳо (табақаҳо) ҷудо кунанд ва барои ҳар як сегмент модулҳои омӯзишӣ эҷод намоянд. Ин фаъолиятҳо баробари ташаккул ёфтани стратегияҳои амалисозӣ ва пас аз омӯхтани муносибату рафтори ҷонибҳои манфиатдори худ дар тӯли бардавоми вақт баргузор шуданд.

Сарчашмаҳо: *ADB, "Republic of the Philippines: Strengthening the Philippine Government Electronic Procurement System", Technical Assistance Report, March 2009, http://www.adb.org/documents/tars/phi/42537-phi-tar.pdf.*

Alma Buelva, "Government e-procurement effort gathers storm", The Philippine Star, 16 August 2002, http://www.philstar.com/Article.aspx?articleId=172276&publicationSubCategoryId=71.

Philippine Information Agency, "DBM to launch E-Procurement system by 3rd quarter 2011", press release, 29 January 2011, http://www.pia.gov.ph/?m=7&r=NCR&id=14211&y=2011&mo=01.

Procurement Service, "History", http://www.procurementservice.org/psdbm/index.php?option=com_content&task=view&id=12&Itemid=27.

Accountability, Transparency And E-Governance: Concepts And Experiences In The Philippines, paper prepared for the Regional Forum on Reinventing Government in Asia, Seoul, Republic of Korea, 6 September 2006, http://unpan1.un.org/intradoc/groups/public/documents/un/unpan024441.pdf.

Робитаи шахсии муаллиф бо дастаи лоиҳа.

7.4 Эҷоди шарикӣ барои ТИКР

Мавзӯи батакрор зикршудаи ин китоб аҳамияти ҷалби ҷонибҳои манфиатдор ва нақшофарони гуногун ба фазои ТИКР буд. Ин мавзӯъ дар муҳокимаҳо оид ба конвергенсия (баҳамой) ҳамчун иттиҳоди бузурги технологияҳои ТИК, фанҳои илмӣ-таълимӣ ва шарикони мухталиф (чун ҳукумат, бахши хусусӣ, расонандагони хизматрасониҳо, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва СҒҲ ва албатта, корбарон, шаҳрвандон ва баҳрабарандагони рушд) пайгирӣ гардид.

Биниши куҳнаи сармоягузорон ва ҳукуматҳо барои «расонидани кӯмак» ба кишварҳои дар ҳоли рушд имрӯз дигар ба кор намеояд. Баръакс, рушд ва натиҷаҳои онро танҳо тавассути иттиҳоди бузург ва шарикии якҷоя дар байни ҷонибҳои гуногуни манфиатдори рушд метавон ба даст овард. Ин биниш дар ҳадафи 8-уми Ҳадафҳои рушди ҳазорсола таҳвият ёфтааст. Ин ҳадаф, махсусан, ҷомеаи ҷаҳониро ба «эҷоди шарикии ҷаҳонӣ барои рушд бо нишонгоҳҳо барои кӯмак, тиҷорат ва коҳиши қарз» уҳдадор менамояд. Нишонгоҳи шашуми Ҳадафи 8 ба таври равшан дар бораи фаро гирифтани бахши хусусӣ ҳамчун шарики раванди рушд сухан мегӯяд.

Пайгирии ин ҳадаф аз ҳама бештар дар бахши ТИКР муҳим аст. Чунки маҷмӯи мухталифи дониш, малакаву маҳоратҳо бар дӯши гурӯҳҳои гуногуни ҷонибҳои манфиатдор ва нақшофарон вогузошта шудааст.

Ҳукуматҳо ва созмонҳои кӯмакрасон таҷрибаи кофӣ барои интиқол додани ТИК дар маҳал надоранд. Мутахассисони ТИК бо дониши тахассусии техникӣ худ на ҳамеша таваҷҷуҳ ба ояндаи равандҳои иҷтимоӣ ва дигаргуниҳое, ки ҷараёни рушд талаб мекунад, зоҳир мекунанд. На ҳукумат ва на мутахассисони ТИК имконияту тавоноии расидагӣ кардан ба душвориҳои қишрҳои камбизоати аҳолиро надоранд. Дар ин бахш, бештар аз ҳама, СҒҲ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ масъулият эҳсос мекунанд. Маҳз аз ҳамин рӯ, дарёфти маҳоратҳои идоракунии лоиҳа дар муҳити ТИКР кори осон нест.

Шарикиҳо на танҳо ҳукуматҳо, бахши кӯмакрасон ва муассисаҳои хусусиро дар бар мегиранд. Чун баҳрабарандагон ҷонибҳои асосии манфиатдор ба шумор мераванд, аз ин рӯ, шарикиҳо бо ҷамоаҳо бояд тавассути раванди ҷалби шаҳрвандон ва масъулияти иҷтимоӣ инкишоф ёбад. Лоиҳаҳои рушд иштироки ҷонибҳои манфиатдорро дар ҳар марҳилаи лоиҳа хеле арзишманд меҳисобанд. Пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки иштироки ҷонибҳои манфиатдор имконияти моликиятдорӣ ва пойдории (маҳсулот) натиҷаи ниҳоиро афзоиш хоҳад дод. Гузашта аз ин, созмонҳои байналмилалии рушд чунин бозёфтҳоеро дар арзёбиҳои лоиҳаҳо эътироф менамоянд, ки пеш аз ҳама, он лоиҳаҳое ноком гардиданд, ки дар ҷалби ҷонибҳои манфиатдор барои тарҳрезӣ ва амалисозии ин лоиҳаҳову барномаҳо маҳдудиятҳо доштанд ё ноком шуданд. Ҳамин тавр, лоиҳаи шарикӣ ва ба талабот асосёфта имконияти комёбии фаъолиятҳои ТИКР-ро афзоиш медиҳад.

Иштирок ҳам восита асту ҳам ҳадаф. Ҳамчун восита, он раванде дониста мешавад, ки дар рафти он одамон дар таҳияву амалисозии лоиҳаҳо ҳамкорӣ мекунанд. Дар муддати тӯлонӣ иштирок метавонад одамонро соҳибихтиёр ва худбовар гардонад. Инҳо натиҷаҳои ниҳоие мебошанд, ки аз лоиҳаҳои рушд интизор дошта мешаванд.

Рушди соҳибмулкӣ ва тавонмандӣ дар маҳал

Барои пойдории лоиҳаҳо, онҳо бояд дар маҳал соҳиб пайдо кунанд ва бо рушди тавонмандии инсониву ниҳодӣ ҳамроҳ бошанд. Дастрасии ҷисмонӣ танҳо як унсури дастрасӣ ва истифодаи муассири ТИК мебошад. Рушди моликиятдорӣ ва тавонмандӣ дар маҳал истифодаи манфиатнок ва нигоҳдории системаҳои ТИК-ро аз тарафи шахсони алоҳида, ҷамоаҳо ва созмонҳо таъмин мекунанд.

Дар китоби «Шабакаҳо ва технологияҳои навгуни ҷамоаасос» (Community-based Networks and Innovative Technologies) Сиочру ва Жирард ба моликиятдорӣ ва ё ба даст овардани онро чунин муайян мекунанд: «раванди дохиликунонии масъулият барои рушд ва натиҷаҳои он ва аз ин рӯ, омодагӣ барои саҳмгузории назарраси талошҳо ва захираҳо». Онҳо моликиятдориро ҳамчун пешзамина барои устувории амалиёти рушд баррасӣ мекунанд.[207]

[207] Seán Ó Siochrú and Bruce Girard, *Community-based Networks and Innovative Technologies: New models to serve and empower the poor*, Series: Making ICT Work for the Poor (New York, UNDP, 2005), p. 19.

Мисоли 29. Шабакаи обёрӣ ва технологияи коммуникатсионӣ дар Перу

Як шабакаи ҷамоавӣ, ки барои бо ҳам пайвастани деҳоти Перу кӯмак мерасонад, дар водии Чанкай-Ҳуарал, минтақаи асосан соҳилии кишоварзӣ дар шимоли Лима, воқеъ мебошад. Ин шабака аз ҷониби комиссияи обёрии ноҳия – созмоне, ки ҳамаи хоҷагирдорон (фермерон)-ро дар водӣ муаррифӣ менамояд – соҳибӣ шуда, барои ба ҳам пайвастани 13 ҷамоаи водӣ технологияи шабакаи бесим (ВайФай)-ро истифода мебарад.

Сароғоз, лоиҳа ҳамчун таъминкунандаи иттилооти тахассусии кишоварзӣ барои мусоидат ба коммуникатсия дар байни созмонҳои ҷамоа ва фароҳам овардани дастрасӣ ба Интернет шурӯъ шуда, сипас, дигар намуди коммуникатсия – телефонияро низ фаро гирифт. Дар оғози соли 2005, телефонияи VoIP барои ба ҳам пайвастани ҷамоаҳо ва анҷом додани зангҳои байналмилалӣ истифода мешуд, ки охирӣ махсусан ба сабаби сатҳи баланди муҳоҷират аз минтақа зарур гардид. Таажубовар он аст, ки аъзои ҷамоа метавонанд бо ҳамбастагони оилаи худ дар Иёлоти Муттаҳидаву Аврупо бо пардохти ҳамагӣ чанд сент дар як дақиқа сӯҳбат кунанд, аммо монеаҳои танзим садди роҳи пайвастан ба шабакаи миллии телефонӣ гаштаанд, ки занг заданро ба идораҳои ҳукуматӣ дар Лима мушкил мегардонанд. Ин дар ҳолест, ки роҳи осонтарини ҳалли масъалаи пайвастшавӣ, яъне фурӯхтани шабака ба оператори миллии Телефоника, рад карда шуд, чунки он ба хости ҷамоа хизматгузорӣ пешкаш намекунад.

Сарчашма: *Ихтисоршуда аз Sean O Siochru ва Bruce Girard, Community-based Networks and Innovative Technologies: New models to serve and empower the poor, Series: Making ICT Work for the Poor (New York, UNDP, 2005), p. 25.*

Ҷалби шаҳрвандон ва масъулияти иҷтимоӣ

Қарордодҳои иҷтимоӣ дар байни ҳукуматҳову шаҳрвандон дар ҳар кишвар талаб менамоянд, ки ҳукумат аз ҳисоби пардохти андозҳои шаҳрвандон ба идоракунии бомасъулият ва ҷавобгӯ, махсусан, барои таъмини хизматрасониҳои давлатӣ дар соҳаҳои муайянкардаи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола уҳдадор бошад. Ин ҷо истифодаи ТИК барои расонидани чунин хизматрасониҳо аз манфиат холӣ нест, дар ҳоле ки дар ин замина баъзе комёбиҳо вуҷуд доранд. Мисоли ба таври густарда эътирофшуда лоиҳаи e-Seva мебошад,[208] ки дар доираи он ҳукуматҳо кори худро хуб анҷом додаанд.
Рӯйкарди анъанавӣ ва таъсисёфтаи таъмини хизматрасониро метавон «ҷониби таъминот» номид. Дар ҷониби дигари таъминот «ҷониби тақозо», ё бо истилоҳи ТИКР, баҳрабарандагон ё корбарони хадамоти бар ТИК асосёфта қарор доранд. Бе ҷалби ҳар ду ҷониби талабу тақозо, доираи таъмин ва истифодаи хизматрасониҳо нопурра хоҳад монд.

Лоиҳаҳои ТИКР барои нокомиҳои зиёде танқид мешаванд. Бисёр сабабҳое вуҷуд доранд, ки ба нокомии лоиҳаҳои ТИКР меоваранд. Вале кке аз муҳимтарин сабабҳо он аст, ки бисёр лоиҳаҳои ТИКР аз боло ба поён, яъне аз ҷониби сармоягузорон, ҳукуматҳо ва созмонҳои рушд таҳия мешаванд. Дар рафти ин кор аз шеваи иштирокӣ ё худ ҷалби шаҳрвандону баҳрабарандагон ба равандҳои тарҳрезиву тасмимгирӣ кор гирифта намешавад. Дар натиҷа, лоиҳаҳо наметавонанд соҳибони маҳаллии худро ёбанд ва саранҷом нопойдор ва кӯтоҳмуддат мегарданд. Маҳз ба ҳамин хотир, ҷалби шаҳрвандон ҳамчун яке аз омилҳои асосии комёбии лоиҳаҳои ТИКР муайян шудааст.

Ба маънои васеътар, масъулияти иҷтимоӣ равандест, ки барои масъул нигоҳ доштани ҳукумат дар назди одамон истифода мешавад. Масъулияти иҷтимоӣ бар шинохти равиши шарикӣ асос меёбад, ки дар он шаҳрвандон, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷонибҳои дигари шаҳрвандӣ машварат ва дар равандҳои тасмимгирӣ оид ба хизматрасониҳое, ки ба ҳаёти онҳо таъсир мегузорад, ҷалб мешаванд. Аз ин рӯ, алоқа дар байни ТИК ва масъулияти иҷтимоӣ ба нерӯи ТИК барои боэътимодона, саривақт ва дуруст расондани иттилоот ба одамон вобаста аст. Бар иваз, аз худи одамон интизор дошта мешавад, ки дар раванди тасмимгирӣ мулоҳизаҳои созгор ва интихоби огоҳона анҷом диҳанд. Дастрасии осони ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандон ва ҷонибҳои дигари манфиатдор ба иттилоот ҳамчунин дар арзёбии раванде ё хизмати давлатие, ки бар

[208] e-Seva, Government of Andhra Pradesh, http://esevaonline.com.

нишондиҳандаҳои мушаххас ва шеваи ҷавобгӯ ба талабот, нигарониҳо ва ниёзҳои бартариноки одамон асос ёфтаанд, кӯмак мерасонад.

Технологияҳои ТИК, ки ҳамчун воситаҳои таҳвиятдиҳандаи масъулияти иҷтимоӣ дастрасанд, барномаҳои дар заминаи веб фаъолшуда, паёмак ва хизматрасониҳои дигари дастрас дар телефонҳои мобилӣ, марказҳои коркарди зангҳо барои қонеъсозии арзу шикоятҳо, киоскҳои электронӣ, паёмҳои садоиву дигар хизматрасониҳои интерактивии сабти садо ва ғайраро дар бар мегиранд.

Фарогирии шаҳрвандӣ ва масъулияти иҷтимоӣ як қисми қонун дар барномаи MGNREGA ба шумор меравад (ба мисоли 4 нигаред). Чуноне ки пештар ин мисоли омӯзиширо тавсиф карда будем, ТИК аз тарафи ҳукумат барои идораи барномаи бузурги коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ самаранок истифода шудааст. Дар зер Тасвири 35 муаррифии диаграммавии фарогирии масъулияти иҷтимоӣ тавассути истифодаи ТИК дар барномаи MGNREGA мебошад.

Бо корбурди ТИК ҳамчун воситаҳои таҳвиятдиҳандаи масъулияти иҷтимоӣ чунин натиҷаҳо ба даст омадаанд:
- маъракаҳои пайвастаи воқифгардонӣ;
- эҷоди тавонмандиҳо барои гурӯҳҳои мавриди ҳадаф;
- муаррифии механизмҳои таъминкунандаи масъулияти иҷтимоӣ;
- аудити иҷтимоӣ ва шунидҳои (муҳокимаҳои) ҷамъиятӣ;
- ҷалби пайвастаи ҷомеаи шаҳрвандиву кормандони воломақоми ҳукуматӣ;
- афзоиши таъсирбахшиву шаффофияти маъмурии барнома ва
– коҳиши чашмраси сатҳи коррупсия.[209]

Тасвири 35. Масъулияти иҷтимоӣ ва ТИК дар барномаи MGNREGA



Сарчашма: *Rajiv Sharma, "Use of Social Accountability Tools and Information Technologies in Monitoring and Evaluation", PREM Notes, No. 7, The World Bank Poverty Reduction and Economic Management Network, February 2011, p. 3, http://siteresources.worldbank.org/INTPOVERTY/Resources/335642-1276521901256/PREMNoteME7.pdf.*

[209] Rajiv Sharma, "Use of Social Accountability Tools and Information Technologies in Monitoring and Evaluation", PREM Notes, No. 7, The World Bank Poverty Reduction and Economic Management Network, February 2011, p. 5, http://siteresources.worldbank.org/INTPOVERTY/Resources/335642-1276521901256/PREMNoteME7.pdf.

Мисоли 30. Пойдории шарикии лоиҳаҳои ТИК дар кишварҳои дар ҳоли рушд

«Ба ифодаи куллӣ, солҳои зиёде одамон чашмдор буданд, ки технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ (ТИК) метавонанд барои рушд саҳмгузор бошанд. Вале чунин чашмдошт сурати амал намегирифт ва тавре ки баъзе пажӯҳишгарон бозёфтаанд, сабаби асосии ин вазъи номусоид ба душвориҳои шарикӣ дар байни фаъолони рушд марбут будааст».

Арзёбии лоиҳаҳои ТИК дар Африка ба бозёфтҳои зерин ишора мекунанд.

Пажӯҳиш миқдори зиёди адабиётро дар бораи таҷрибаи мавҷуда аз назар гузарондааст. Ин омӯзиш дар 10 лоиҳаи фарогири ширкатҳои бисёркишварии ТИК баргузор шудааст, ки ҳамчун мисолҳои омӯзишии алоҳида мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Равиши сифатӣ ва методи таҳлили мисоли омӯзишӣ барои пажӯҳиш истифода бурда шуд. Ҷамъоварии додаҳо бо усули таҳқиқи адабиёти дувумдараҷа, мисолҳои омӯзишӣ, омӯзиши санадҳои маъмурӣ ва захираҳои бархатии (онлайнии) чандрасонаӣ сурат гирифт. Санадҳои бойгонӣ низ аз назари таҳқиқ гузаронида шуданд.

Барои ҷамъоварии додаҳои усулӣ (аз ҳама асосӣ), машваратҳо бо ҷонибҳои манфиатдор ва мусоҳибаҳои жарфи нимасохторишуда воситаҳои асосиро ташкил доданд. Бо ризоияти пурсидашавандагон ҳамаи мусоҳибаҳо сабт шуданд.

Натиҷаҳо нишон доданд, ки мушкилиҳои ҳамкорӣ бо шарикон дар гирди шаш омили асосӣ ташаккул меёбанд, махсусан:

- Омилҳои пешбаранад: шарикони гуногун дар бораи ҳадафҳо, мақсадҳо ва раванди лоиҳа фаҳмиши гуногун доранд. Душвориҳо вақте ба вуҷуд меоянд, ки ин тафовутҳо эътироф намешаванд.
- Омилҳои марбут ба маҳоратҳо: шарикони гуногун интизориҳои ғайривоқеӣ дар бораи маҳорату донишҳои маҳаллӣ аз ТИ то ба идоракуниро доранд.
- Омилҳои фаровардаҳо (воридот) - баровардаҳо (содирот): мушкилиҳоеро дар бар мегиранд, ки метавонанд дар натиҷаи сармоягузориҳо (-и молиявӣ ва инсонӣ)-и нобаробари шарикон ба вуҷуд оянд.

Шарикон аз ҳавасмандиҳои муштарак, манфиатҳои потенсиалии худ ва хатарҳои ба лоиҳаҳо таҳдидкунанда на ҳамеша огоҳанд.

- Омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ: ахлоқ ва сабкҳои кории шарикони гуногун аз ҳамдигар фарқ мекунанд.
- Омилҳои системавӣ: системаҳои ТИК, ки барои истифода дар муассисаҳои мухталиф тарҳрезӣ шудаанд, созгорпазир (бо ҳам соз намегиранд) нестанд; истифодаи воқеии системаҳои амалишуда аз роҳи пешакӣ дарназаргирифташудаи истифода тафовут дорад.
- Омилҳои эътимод: набуди эътимод миёни шарикон ва рост наомадани натиҷа ба ваъдаҳои бисёрро дарбар мегирад.

Дар гузориш (ҳисобот) ин омилҳо шарҳ дода шудаанд ва барои хубтар фаҳмидани ин бозёфтҳо пажӯҳиши дигаре низ дар оянда тавсия шудааст.

Сарчашма: *Шарҳи фишурда аз A.J. Gilbert Silvius, Anand Sheombar ва Jakobus Smit, "The Partnership Health of ICT Projects in Developing Countries", in Pacific Asia Conference on Information Systems 2009 Proceedings (Association for Information Systems, 2009), http://www.pacis-net.org/file/2009/%5B93%5DThe%20Partnership%20Health%20of%20 ICT%20Projects%20in%20Developing%20Countries.pdf.*

Дар бознигарии пайвастаи шарикиҳои ТИКР барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ чанд омили муҳим муайян карда шудааст.[210] Ба таври фишурда, муаллифони бознигарӣ нигарониҳои асосӣ ё худ ҳолатҳои ташвишовари зеринро ташхис кардаанд:

- Барои эҷоди шарикиҳо, ба чашмандози равшан, ҳадафҳои муштарак, ҷобаҷогузории равшани ҳадафҳо, сохтори қарордоди шарикӣ, нақшҳову уҳдадориҳои равшан муқарраршуда, масъулият, шаффофият, сохтори моликият ва чорчӯбаи ахлоқӣ ниёз вуҷуд дорад.
- Амалисозии шарикӣ ба муттаҳид намудани масъалаҳои марбут ба чашмдоштҳо, сохторҳои ташкилӣ, саривақтӣ будан, чандирӣ ва хоҳишу ирода барои мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда, истифодаи муассири маҳоратҳову захираҳои изофӣ, роҳбарӣ, фаъолияти муштараки пайваста, эҷоди коммуникатсия ва муносибат аз ҷониби шарикон дар асоси эътимод, поквичдонӣ, самимият, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми якдигарӣ ниёз дорад.
- Шарикиҳои бомуваффақият огоҳӣ ва фаҳмиши муҳити шарикӣ, аз он ҷумла ба ҳисоб гирифтани ҳассосияти заминаҳои маҳаллӣ ва пойдории молиявиро талаб мекунад. Фаҳмиши хуби муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ аз ҷониби ҳамаи шарикон низ муҳим аст.

Нуктаҳо барои ёддошт:

- Идоракунии лоиҳаҳои ТИКР ба идоракунии намудҳои дигари лоиҳаҳои рушд хеле монанд аст. Ҳарчанд баъзе технологияҳо фарқ мекунанд, равандҳои ҳамсанги идоракунии лоиҳа ва доираи (сикли) идоракунии лоиҳа фаро гирифта мешаванд.

- Лоиҳаҳои ТИКР бояд ба идоракунии раванди дигаргунӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кунанд. Махсусан, нуқтаназарҳои ҷонибҳои манфиатдор бояд ба ҳисоб гирифта шаванд ва иштироки пурраи онҳо дар раванди таҳияву амалисозии лоиҳа пуштибонӣ шавад. Ба таври зарурӣ, иштироккунандагон ва баҳрабарандагони лоиҳа бояд аз рӯзи нахустини лоиҳа ҷалб карда шаванд.

- Ҳар як лоиҳаи ТИКР, ки интиқоли муассир ва натиҷадори хизматрасониҳоро ба шаҳрвандон талаб менамояд, бояд соҳаҳо, мушкилиҳои захиравӣ (чунончи, одамон, миқёс, вақт, хароҷот) ва бозсозии равандҳои фаъолияти кориро дар назар гирад. Бознигарии дақиқи системаи фаъолияти ҳар як созмон бояд сурат гирад ва дар ҳолати зарурат барои қонеъ намудани ҳадафҳои лоиҳа ин система тағйир дода шавад.

Машқи амалӣ

Ҳукумати маҳаллӣ веб-порталеро таҳия намуд, ки тавассути он шаҳрвандон метавонанд арзу шикоятҳои худро вобаста ба хадамоти коммуналӣ (чун об, канализатсия ва нерӯи барқ) дар реҷаи бархат (онлайн) фиристанд. Аммо пас аз як соли оғози кори ин портал, мансабдорони ҳукумат дарёфтанд, ки корбаре онро истифода намебарад.

Порталро аз нигоҳи масъалаҳои гуногуни лоиҳаи ТИКР, ки дар ин бахш баррасӣ шудаанд (аз қабили масъалаҳои сиёсатгузорӣ ва идоракунӣ, технология ва интихоби технологияҳо, муҳтаво, эҷоди тавонмандии инсонӣ, идоракунии дигаргунӣ ва идоракунии лоиҳа) таҳқиқ кунед.

Рӯйхати пешниҳодҳои бартарро тартиб диҳед, ки барои такмил додани веб-портал ба ҳукумати маҳаллӣ пешкаш карданӣ ҳастед. Ё ин ки рӯйхати сабабҳоеро тартиб диҳед, ки чаро портал бояд баста ва аз нав эҷод шавад.

Дар синф ду гурӯҳро ташкил диҳед. Як гурӯҳ чораҳои имконпазири такмилро баррасӣ хоҳанд кард. Гурӯҳи дигар баста шудани порталро муҳокима хоҳанд кард. Назару мавқеъҳои интихобкардаи худро дар баҳси озод дифоъ кунед.

[210] Marije Geldof, et. al., “What are the key lessons of ICT4D partnerships for poverty reduction? Systematic Review Report”, February 2011, http://www.gg.rhul.ac.uk/ict4d/workingpapers/DFID_ICT_SR_Final_Report.pdf.

Худро бисанҷед

1. Зинанизомҳои тасмимгирӣ дар ТИКР чунин маъно доранд:

а. Коҳиш додани коррупсия дар система;
б. Пайгирӣ кардан аз роҳу равише, ки дар он ТИК дар кишвар идора мешавад;
в. Таъсис додани тартиби тасмимгирӣ дар ҳукумат;
г. Ҳеҷ кадом аз ҳолатҳои дар боло зикршуда.

2. Барои мусоидат ба дигаргунӣ, лоиҳаи ТИКР бояд ба самтҳои зерин такя кунад:

а. Ба навоварии охирини технологӣ;
б. Ба зерсохторҳои ҳукуматӣ;
в. Ба ҷамоаҳои корбарон;
г. Ба биниши барномаи рушд.

3. Ҷонибҳои манфиатдори лоиҳа кадоме аз инҳоро дар бар мегиранд:

а. Онҳоеро, ки аз ҷониби лоиҳа таъсир мепазиранд;
б. Онҳоеро, ки ба лоиҳа таъсир мегузоранд;
в. Ҳам (а) ва ҳам (б)-ро;
г. Танҳо ҳукуматро.

4. Истифодаи муассири ТИК барои рушд аз чӣ вобаста аст:

а. Аз иродаи сиёсӣ;
б. Аз дастрасӣ, хароҷот, функсияҳо ва фаъолияти муштарак;
в. Ҳам аз (а) ва ҳам аз (б);
г. На ину на он.

5. «Кори озмоишӣ» дар лоиҳаи ТИКР ин аст:

а. Озмоиши ҳамаи системаҳо пеш аз оғози кор;
б. Озмоиш дар давраи иҷроиши лоиҳа;
в. Озмоиши системаҳо дар анҷоми лоиҳа;
г. Ҳеҷ як аз ҳолатҳои боло.

БОБИ 8.
ИДОРАКУНИИ МУҲТАВО

Муҳтаво шоҳ ва муҳимтарин қисми кӯшишҳои марбут ба ТИКР аст. Зерсохтор метавонад бар ҷой бошад, дастрасиро метавон таъмин намуд, вебсафҳаҳову порталҳоро метавон тарҳрезӣ кард, вале агар муҳтаво набошад, умеде барои истифодаи ҳамаи ин воситаҳо нахоҳад вуҷуд дошт. Носомонии муҳтавои ТИКР ҳам барои таҳиякунанда ва ҳам барои корбар сахттарин мушкилиҳоро ба бор меорад. Муҳтаво як ҷузъи таҷрибаи корбар буда, бештари вақт комёбӣ ё нокомии ягон талоши ба ТИКР марбутро муайян менамояд.

Муҳтаво метавонад дар шакли мавод, дар шакли матнӣ, аудио-визуалӣ, филм, суратҳои сокин ва графика (аз ҷумла диаграммаҳо, схемаҳо ва аниматсияҳо) вуҷуд дошта бошад. Он, инчунин, метавонад саргузаштҳо, мусоҳибаҳо, саҳнагузорӣ ва ягон шакли дигари маводро дар бар гирад, ки барои маскун кардани вебсаҳифа истифода мешаванд. Мисоли ин гуна мавод паёмакҳо, викиҳо ва блогҳо мебошанд. Ба ифодаи содда, мо метавонем «муҳтаворо ҳамчун «маводи вебсаҳифаи шумо» таъриф диҳем. Ин мумкин аст санадҳо, додаҳо, барномаҳо, хизматрасониҳои электронӣ, тасвирҳо, файлҳои аудио-видеоӣ, вебсафҳаҳои шахсӣ, паёмҳои бойгонии имейл (почтаи электронӣ) ва ғайраро дар бар гирад. Ба ин категория ҳам маводи оянда ва ҳам маводи ҳозира дохил мешаванд».[211]

Таҳияи муҳтаво соҳаи муҳимест, ки бештари вақт дар рафти корбурди ТИКР сарфи назар карда мешавад ва ё ба он аҳамияти камтар дода мешавад. Вале бояд гуфт, ки муҳтаво муҳимтарин ҷузъи ТИКР аст. Ҳоло дар Интернет ва ҷойҳои дигар аллакай маводи бисёр дастрас аст, вале муҳтавои аксарияти ин мавод ба забони англисӣ таҳия шудаанд. Забони англисӣ забони паҳншудаи Интернет ба шумор меравад ва ин метавонад барои шароити маҳаллии кишварҳои дар ҳоли рушд аҳамияти кам дошта бошад. Нигарониҳои умумие, ки мутахассисони ТИКР дар робита ба кишварҳои дар ҳоли рушд изҳор мекунанд, аксаран ба он ишора мекунанд, ки муҳтаво ба забон ва шароити маҳаллӣ ва лоиҳаҳо мутобиқат намекунад. Он маводе, ки мавҷуд аст, дар бисёри маврид аз сабаби маҳдудиятҳои қонунии ҳуқуқи муаллиф ва моликияти зеҳнӣ озодона дастрас нест. Илова бар ин, муҳтаво аҳамияти маҳаллӣ надорад.

Дар робита ба забону муҳтавои воситаҳои ТИКР барои минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором, ки дониши забони англисӣ чандон баланд нест, мушкилиҳои зиёде вуҷуд доранд. Пеш аз ҳама, аҳолии деҳнишини ин минтақа забони англисиро намедонанд. Ҳатто дар кишварҳое ба монанди Ҳиндустон ва Филиппин, ки манфиати бештар аз захираи бузурги коршиносони англисзабони нармафзорсоз ва рушди контент бардоштаанд, ин гуна мушкилиҳо истисно нестанд. Дар ин кишварҳо масъалаҳои забондонӣ ва саводнокӣ барои аҳолии аз нигоҳи иҷтимоӣ камбизоат, аққалиятҳои фарҳангӣ ва махсусан занон душвориҳои зиёд эҷод менамоянд.

8.1 Масъалаҳои муҳтаво ва таҳияи муҳтаво

Ҳангоми банақшагирии ҷанбаи муҳтаво дар рафти татбиқи ТИКР ба бисёр саволҳои дигар посух додан зарур аст. Масалан:

- Корбарон киҳоянд ва ниёзҳои онҳо аз чӣ иборатанд, яъне намояи (профили) корбарон чист? Ниёзҳои забонии онҳо чист? Муҳтаво барои кӣ мувофиқ аст? Дар эҷоди муҳтаво кӣ ҷалб мешавад?
- Муҳтаво ба кадом ғалатфаҳмиҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, мазҳабӣ, забонӣ ва гендерӣ вокуниш нишон медиҳад?
- Оё дар робита ба таҷрибаҳои ҷамоа муҳтаво мувофиқ ва ҷавобгӯ аст? Масалан, оё он бо таҷрибаҳои занон мутобиқ гардидааст? Оё он дар маҳал ва ба шароити маҳал мувофиқ таҳия мешавад? Занон дар таҳияи муҳтавои ТИКР доир ба масъалаҳои худ чӣ гуна саҳм доранд?
- Муҳтаво чӣ гуна ташкил карда мешавад?
- Оё мқҳтаво ниёзҳои иттилоотиро қонеъ менамояд? Оё он дуруст аст? Оё он навтарин аст?
- Ҷиҳати осон кардани истифода, шунидан ва фаҳмидани технология барои корбарон оё технология тағйир дода шудааст?
- Оё истифодаи инфиродӣ ва гурӯҳӣ ба роҳ монда шудааст? Чӣ омилҳои ҳавасмандкунанда дар ин самт вуҷуд доранд? Оё барои бунёди муҳтавои маҳаллӣ ҳавасмандӣ вуҷуд дорад ва оё ин муҳтаво истифода бурда мешавад?
- Оё муҳтаво фаъолияти муштарак ва посухҳои бозгаштиро ҳавасманд, пешбарӣ ва мусоидат менамояд?

[211] Peter Morville and Louis Rosenfeld, *Information Architecture for the World Wide Web* (O'Reilly Media, 1998), p. 219.

- Кадом системаҳои дастгирӣ мисли фасилитаторҳои сатҳи асосӣ ва маводҳои дигар фаро гирифта ва дастрас шудаанд?
- Барои ислоҳ кардан ва тағйир додани муҳтаво кадом механизмҳо истифода мешаванд?

Пешрафти кунунии технологияҳову барномаҳое чун НОКА (нармафзори озоду кушодаасос), барномаҳои Web 2.0 ва телефонияи мобилӣ баъзе камбудиву мушкилиҳои пешинаро дар ин соҳа ҷуброн мекунанд. Онҳо посуҳҳои гуногунпаҳлӯ ба чанд мушкилиҳои доимие, ки талошҳои пешина рӯ ба рӯ мегаштанд, пешниҳод менамоянд.

Мушкилии нахустин масъалаи локализатсия (маҳаллисозӣ)-и муҳтаво, аз он ҷумла тарҷума, мутобиқсозӣ ва ё эҷоди муҳтавои нав ба забони маҳаллӣ мебошад. Вижагии умдаи НОКА тағйирпазирӣ ва озодие мебошад, ки барои мутобиқ кардану такмил додани нармафзор ба хотири қонеъ намудани ниёзҳои махсуси худ, аз он ҷумла талаботи забонӣ ба корбарону таҳиягарон таъмин мешавад. Барномаҳои НОКА-ро барои мутобиқ кардан ба талаботи маҳаллӣ тавассути алоқамандсозии маҷмӯи қолибҳои забонӣ дар нармафзор ва бе вайрон намудани коди асосии нармафзор метавон тағйир дод. Чунин тарзи истифодаи НОКА барои маҳаллисозӣ муҳити коршиносии техникиро дар ҷомеаҳои маҳаллӣ эҷод карда, ҳамзамон вобастагиро аз нармафзори гароннархи хусусии аз берун воридшуда коҳиш медиҳад.

Барномаҳои Web 2.0 ба фардҳои алоҳида дар эҷод кардани муҳтавои худи онҳо дар шакли блогу викиҳо ва аз ин роҳ, дар таҳияи муҳтавои маҳаллӣ имконият фароҳам меоранд. Шабакаҳои иҷтимоии дастрас дар Интернет низ чунин имкониятҳоро пешкаш мекунанд. Барномаҳои Web 2.0 бар принсипҳои иштироки корбар ва муҳтавои аз ҷониби корбар тавлидшуда асос меёбанд. Онҳо кушода буда, одамонро ба мубодила, фаъолияти муштарак ва ҳамкорӣ ҳавасманд менамоянд. Ҳамин тавр, агар нармафзору барномаҳои озоду кушодаасос ва ҳуруфҳои забони маҳаллиро бо барномаҳои Web 2.0, аз он ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамроҳ кунем, ҳатто барои деҳаи дорои маҳоратҳои камтарини истифодаи ТИК дастрасӣ, истифода, эҷод ва мубодилаи муҳтаво барои қонеъ кардани ниёзҳои худ ва ҷамоа имконпазир мегардад.

Тасвири 36. НОКА ва барномаҳои Web 2.0, ки барои корбарон дар эҷоди муҳтавои хусусии онҳо дастрасанд.

Сарчашма: *David M. Kennedy, "Copyleft and Web 2.0: Opportunities for Engaging Learners", presentation made at iCOOL2007: Pedagogical Scription for ODL, 13 June 2007, slide 9, http://www.slideshare.net/deekaay/copyleft-and-web-20-opportunities-forengaging-learners.*

Телефонияи мобилӣ ҳанӯз ҳам барои муҳтаво ва хизматрасониҳо имкониятҳои навтарину тағйирпазирро боз мекунад. Бо телефонҳои мобилии имрӯза, ки паёмакҳо (SMS) ва паёми бисёррасонаӣ (MMS) хусусиятҳои истеҳсолии онҳоянд, одамон метавонанд паёмҳои содда эҷод карда, ба таври инфиродӣ ё гурӯҳӣ бо ҳамдигар иртибот намоянд. Илова бар ин, ҳамроҳ бо рушди босуръати дастгоҳҳо ва барномаҳои мобилӣ фаврият ва осонии истифода онҳоро ба интихоби ҷолибе барои дастраскунандагони хизматҳо табдил додаанд. Дар кишварҳои дар ҳоли рушд дастраскунандагон ва операторони хизматрасонӣ хадамоти мобилие чун бонкдории мобилӣ, пардохти маблағҳои интиқолӣ ва хизматрасониҳои мобилии тандурустиро таҳия карда истодаанд. Ин гуна хизматрасониҳо метавонанд дастрасии камбизоатонро ба зерсохтори иҷтимоие чун бонкҳову дармонгоҳҳо афзоиш диҳанд.

Мисоли 31. MMS ва занон дар Тҳени: эҷоди муҳтавои маҳаллӣ барои истифодаи маҳаллӣ

Тҳени ноҳияи камбизоат, гирифтори хушксолиҳои пайдарпай дар минтақаи Тамил Надуи Ғарбии Ҳиндустон аст. Аҳолии ин ноҳия хоҷагидорон (фермерон)-и камбизоату канормонда буда, дар қитъаҳои хурди замини худ кор мекунанд. Ҳамзамон, онҳо тавассути барномаи MGNREGA-и Ҳиндустон дар ҷустуҷӯи машғулияти берун аз хоҷагидорӣ мебошанд.
Ҳар рӯз, дар байни соати 2-2:30, пас аз нисфирӯзӣ 5000 зани узви гурӯҳи худёрирасон дар Тҳени тавассути телефонҳои мобилии худ ба таври инфиродӣ почтаи садоӣ қабул мекунанд. Почтаи садоӣ ба онҳо дар бораи як қатор масъалаҳо, аз он ҷумла дар мавриди имкониятҳои шуғли маҳаллӣ, клиникаҳои кӯмаки ройгони ҳуқуқӣ, маслиҳатҳо дар бораи тандурустиву беҳдошт ва тавонмандсозии занон иттилооту дониш хоҳад дод.

Тасвири 37. Занони Тҳени барои коммуникатсия телефонҳои мобилиро истифода мебаранд.

Сарчашма: *VIDIYAL, http://www.vidiyalngdo.org/ict.htm.*

Ин барнома чӣ гуна ба роҳ монда шудааст? VIDIYAL, СҒҲ-и маҳаллӣ, ки ба истифодаи телефонҳои мобилӣ барои коммуникатсия мусоидат менамояд, дар бораи потенсиали ин восита маълумоти кофӣ надошт. Таҷрибаи тасодуфии паёми сиёсие, ки тавассути телефони мобилӣ паҳн шуд, ҳавасмандии СҒҲ-и маҳаллиро барангехт, ки телефонҳои мобилиро барои бо ҳам пайвастани ҳамаи ҳамбастагони гурӯҳи хурдёрирасон истифода барад. Бо ин мақсад, дар байни СҒҲ, занон ва расонандаи хизмати мобилӣ қарордоди ҳамшарикӣ баста шуд. Дар чорчӯбаи ин қарордод, занони ҳамбастаи ҳар як гурӯҳ аз расонандаи хизмат телефони мобилӣ хариданд. Дар иваз бошад, расонанда ба иштирокчиёни барнома тарофаи арзонтарини обунаро барои алоқа пешниҳод кард. Расонандаи хизмати мобилӣ розӣ шуд, ки ба ҳар як ҳамбаста имкони фиристодани як паёми почтаи садоиро дар як рӯз диҳад. Роҳбарони гурӯҳи худёрирасон почтаҳои садоиро бо забони маҳаллии тамилӣ тавассути дастгоҳи оддӣ дар идораи СҒҲ сабт карда, тавассути Интернет ба таъминкунандаи хизмати мобилӣ мефиристанд. Пасон, ин почтаи садоӣ ба рӯйхати ҳамбастагон паҳн карда мешавад. Ин ба интиқоли уфуқии (баробари) дониш мусоидат намуда, барои таҳия ва густариши муҳтавои маҳаллӣ имкон фароҳам овардааст.

СҒҲ, инчунин, Марказҳои деҳотии дониш (телемарказҳо)-ро таъсис додааст, ки занону деҳнишинони дигар метавонанд барои дастрасӣ пайдо кардан ба иттилооти изофӣ ба он ҷо раванд.

Арзёбии таъсири истифодаи ТИК дар Тҳени аз ҷониби муаллиф ошкор намуд, ки одамон ҳар рӯз почтаи садоиро муштоқона интизорӣ мекашиданд. Барои занони Тҳени почтаи садоӣ воситаи хушест, чунки он ба сатҳи саводнокӣ ва дониши забонии онҳо мувофиқ мебошад. Телефони мобилӣ ба онҳо роҳи тағйирпазир ва ошнои дастрасӣ ёфтан ба донишу муҳтавоеро фароҳам меорад, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои муҳими онҳо махсусан мутобиқ (локализатсия) шудааст. Занон телефонҳои мобилии худро ҳатто бар ивази тилло нахоҳанд фурӯхт.

Сарчашма: *VIDIYAL, "ICT based Life Long Learning (L3) Farmers and Knowledge Infomediary", http://www.vidiyalngdo.org/ict.htm; боздиди шахсии муаллиф барои арзёбии таъсири лоиҳа.*

Бо вуҷуди осонии истифода ва дастрасӣ, ки ТИК ва барномаҳои замонавӣ ба шумораи бузурги мардум таъмин менамоянд, пиндошти имконпазирии татбиқи фаъолонаи ТИК барои рушди

иқтисодию иҷтимоӣ ҳатто аз ҷониби занони бесаводи деҳа иштибоҳ буда метавонад. Таҳия ва идоракунии муҳтаво, махсусан дар заминаи ТИКР, маҳорати касбӣ мебошад, чун барои ин кор на танҳо донистани забон, балки фаҳмидани навъҳои гуногуни муҳтавои техникӣ низ зарурӣ мегардад.

Масъалаҳои муҳтаворо аз масъалаҳои ахлоқ, ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ наметавон ҷудо кард. Инҳо дар зер кӯтоҳ баррасӣ шудаанд.

8.2 Ахлоқ, ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ

Ин бахши кӯтоҳ дар бораи масъалаҳои ахлоқ, ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар истифода ва омӯзиши ТИКР ба сифати муқаддима ва роҳнамо барои донишҷӯёну хонандагон хизмат мекунад. Ин роҳнамоӣ ба он хотир аст, ки онҳо аз масъалаҳо ва баҳсҳои асосӣ огоҳ бошанд ва аз нигоҳи назариявӣ ва амалия дар мавриди ҳалли ғайриқобили масъалаҳои ахлоқӣ огоҳ бошанд. Аз сабаби он ки ин бахш хеле муҳим мебошад, донишҷӯён ва хонандагон барои хондани сарчашмаҳои гуногуни дар он зикршуда барои хубтар фаҳмидани мафҳумҳо даъват карда мешаванд.

Дар бахши 1.4 марбут ба «Идоракунии рушди инсон» қайд гардида буд, ки идоракунии рушд ҳам раванди сиёсӣ ва ҳам масъалаи ахлоқист. Дар ҳоле ки равандҳои сиёсӣ гуфта, интихобҳо ва қабули онҳо дар назар дошта мешавад, ахлоқ бунёди фалсафии чунин тасмимгириҳост. Он арзишҳои вобастаеро дар назар дорад, ки аз ин тасмимгириҳо пуштибонӣ мекунад. Ахлоқ дар ин маврид роҳнамое барои интихоб дар байни алтернативаҳои хуб ва бад, дар байни ҳуқуқ ва масъулиятҳо мебошад.

Ахлоқ

Ахлоқ ба рафтори одамон низ бастагӣ дорад. Ҳамаи фаъолиятҳои илмӣ, аз он ҷумла дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ ва рушд низ, аз тарафи одамон сурат мегиранд ва ногузир ба як гурӯҳи одамон ва ё ба кулли ҷомеа таъсир мегузоранд. Аз ин рӯ, фаъолиятҳои рушд, бо истифода аз ва ё бидуни ТИК, наметавонанд аз пешгузораву довариҳои ахлоқӣ озод бошанд.

Ворид кардани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ (ТИК) ба хотири саҳмгузорӣ дар раванди рушд низ аз нигарониҳои ахлоқӣ озод нест. Барои он ки ТИК ба фарҳанги мавҷуда, бо ҳувиятҳои хоси он ва меъёрҳову арзишҳояш, ки «нек»-ро аз «бад» ҷудо менамоянд, муаррифӣ мегардад.

Аслан, ҳадафи ахлоқ дар раванди рушд кафолат додани риояи принсипиҳои умумӣ дар фаъолиятҳои рӯзмарраи вобаста ба рушд мебошад. Дар чорчӯбаи ТИКР, ба назар гирифтан ва дақиқ мушоҳида кардани ҷанбаҳои муҳими ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ низ муҳим аст.

Ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ[212]

Ҳар шахс, ки имкониятҳои зеҳнӣ ва эҷодии худро истифода мебарад, эҳсос мекунад, ки ба ҳифзи раванд ва маҳсулоти кори худ ниёз дорад. Идеяи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ маҳз ҳамин ниёзи шахсро гиромӣ медорад, ки як ҷузъи муҳими қарордодҳо ва конвенсияҳои бисёри байналмилалӣ мебошад. Ҳарчанд усулҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқимоликияти зеҳнӣ метавонанд дар кишварҳои гуногун аз якдигар тафовут дошта бошанд, баъзе стандартҳои умумие вуҷуд доранд, ки дар саросари ҷаҳон қабул шуда, татбиқ мешаванд.

Моликияти зеҳнӣ гуфта, асосан «эҷодиёти ақливу зеҳнӣ, чун ихтироъҳо, асарҳои бадеию ҳунарӣ, нишонаҳо, номҳо, тасвирҳо ва тарҳҳое, ки дар тиҷорат истифода мешаванд» дар назар дошта мешаванд.[213] Моликияти зеҳнӣ ба ду категория ҷудо мешавад:

1. Моликияти саноатӣ, масалан, ихтироъкориҳо (патентҳо), маркаҳои тиҷоратӣ, тарҳҳои саноатӣ ва нишонаҳои ҷуғрофии сарчашма.
2. Ҳуқуқи муаллиф, масалан: асарҳои бадеиву ҳунарӣ ба монанди новелаҳо, манзумаву намоишномаҳо, филмҳо, асарҳои мусиқӣ, асарҳои санъат ба мисли тасвирҳо, нақшҳо, суратҳову муҷассамаҳо ва тарҳҳои меъморӣ. Ҳуқуқи муаллиф он фаъолияту эҷодиётеро дар бар мегиранд, ки

[212] Мӯҳтавои ин бахш аз иттилооти дастрас дар вебсафҳаи WIPO ҷамъбаст шудааст. Барои иттилооти бештар, ба донишҷӯён ва хонандагон маслиҳат медиҳем, ки аз сайти мазкур боздид кунанд: сайти http://www.wipo.int/about-ip/en/.
[213] Ҳамон ҷо. Инчунин, нигаред: WIPO, “Understanding Copyright and Related Rights”, http://www.wipo.int/freepublications/en/intproperty/909/wipo_pub_909.html.

ҳунармандон дар намоишномаҳои худ, коргардонҳои фонограммаҳо дар сабтҳои худ ва барандагон дар барномаҳои радиову телевизионии худ иҷро мекунанд ва ба даст меоранд.

Ахлоқ талаб менамояд, ки ба моликияти зеҳнӣ эҳтиром гузошта шавад ва муаллиф ё ихтироъкор аз моликияти худ манфиат гирад. Ахлоқ принсипҳои рафтор мебошад, ки фарҳангҳо бар онҳо мувофиқа мекунанд. Агар шумо мутобиқи меъёрҳо рафтор накунед, маҷбурсозии давлат ба кор бурда намешавад. Вале, дар мавриди ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, дар сурати вайрон кардани ин ҳуқуқ, нерӯи давлат барои тобеъ кардан, ҷазо додан ва ситондани ҷуброни талафот қонунро пуштибонӣ менамояд.

Масъалаҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар ТИКР ҳатто аз дигар бахшҳои фаъолияти эҷодӣ муҳимтар мегарданд, чунки сухан сари интихоби нармафзори хусусӣ ва НОКА меравад. Дар ин бахш, мушкилиҳо асосан ба истифодаи ғайриқонунии нармафзори хусусӣ (дуздии пиратӣ) ва истифодаи ғайриқонунии муҳтаво (асардуздӣ) марбут мебошанд. Ҳам дуздии пиратӣ ва ҳам асардуздӣ помолкунии рӯирости ҳам ахлоқ ва ҳам қонун буда, дар чорчӯбаи қонунгузории бисёр кишварҳо мутобиқи даъвои судӣ қобили муҷозот аст.

Маҳз дар ҳамин ҷиҳат НОКА (нармафзори озоду кушодаасос) бар нармафзори хусусӣ бартарии равшан дорад, чунки он ҳамчун маводи озод эҷод шудааст. Агар «ҳуқуқи муаллиф» барои муаллифони санадҳову нармафзорҳо ҳимояи қонуниро, яъне бе иҷозат истифода набурдани онҳоро таъмин намояд, «ҳуқуқи ҳама»[214] имкон медиҳад, ки санадҳо ва нармафзорҳо озодона мутобиқ, додугирифт ва паҳн карда шаванд.

Ин маънои онро надорад, ки ҳар чӣ бо муқаррароти «ҳуқуқи муаллиф» ҳифз нашудааст, барои истифода озод аст. Маводе, ки барои паҳнсозии ҷамъиятӣ аст, дар чорчӯбаи Моликияти умумии зеҳнӣ (Creative Commons),[215] ҳимоя карда мешавад. Моликияти умумии зеҳнӣ созмони ғайритиҷоратие мебошад, ки доир ба ҳуқуқи муаллиф якчанд литсензияи маъруфи Моликияти умумии зеҳнӣ (Creative Commons)-ро содир кардааст. Ин литсензияҳо барои доираи васеи мардум ройгон мебошанд. Ин литсензияҳо имкон фароҳам меоранд, ки ҳуқуқи эҷодгарон ва манфиатҳои баҳрабарандагон ва дигар эҷодгаронро муайян созанд. Моликият ва ё манофеи умумии зеҳнӣ (Creative Commons) барои эҷоди модели нави ҳуқуқҳои муаллиф хизмат мекунад, ки бояд принсипи «ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфузанд»-ро бо «баъзе ҳуқуқҳо маҳфузанд» иваз кунад. Бо ин роҳ, ин модел талош меварзад, то муҳтаворо бо потенсиали комили Интернет, ки ангезандаи навоварӣ ва ҳалли мушкилот тавассути пайвастагии байниҳамӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, додугирифти дониш ва эҷод дар асоси эҷодкориҳои мавҷуда мебошад, ҳар чӣ бештар мутобиқ намояд. Дар чорчӯбаи Моликияти умумии зеҳнӣ густариши маҳсулоти дониш ва дар айни замон ҳифзи ҳуқуқи муаллифони аслӣ бештар кафолат дода мешавад.

Аҳамияти ахлоқ, ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқи моликияти зеҳниро барои ҳар шахсе, ки дар соҳаи рушд, дар кул, ва дар соҳаи ТИКР, дар алоҳидагӣ, пажӯҳиш мегузаронад ва кор мекунад, наметавон бо чашми кам дид. Дар соҳаи рушд диққати асосӣ ба одамоне дода мешавад, ки камбизоат ва осебпазир аз истисмор мебошанд. Дар доираи рушди инсонӣ, ки ҳуқуқу адолати иҷтимоӣ асли онро ташкил медиҳад, ҳуқуқи инсонии гурӯҳҳои камбизоат ва осебпазирро наметавон сарфи назар ва амал кард. Дар соҳаи ТИКР, илова бар масъалаҳои асосии рушд, истифодаи сахтафзору нармафзор ва муҳтаво (чи хусусӣ ва чи кушодаасос), ки тавассути қонунҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ ба танзим дароварда мешаванд, масъалаи асосӣ мебошад. На ҷомеа ва на илм, махсусан, илмҳои иҷтимоӣ аз арзиш озод нестанд. Ҳар ду на фақат дар самти технология, балки дар самтҳои гуногун тағйиру ташаккул ёфта, ба ҳам омада истодаанд. То замоне ки ТИКР бо технологияҳо ва ҷомеаҳои инсонӣ сарукор дорад, ахлоқ дар маркази баррасӣ боқӣ хоҳад монд ва ҳамчун ҷузъи диданашавандаи сифати талошҳои ТИКР муҳим хоҳад буд.

[214] Нигаред: http://www.gnu.org/gwm/libredocxml/x53.html.
[215] Creative Commons, http://creativecommons.org.

Нуктаҳо барои ёддошт:

- Муҳтаво метавонад ҳамчун як навъи мавод, дар шакли матнӣ, аудио-визуалӣ, филм, суратҳои сокин ва графика (аз ҷумла диаграммаҳо, схемаҳо ва аниматсияҳо) таъриф шавад. Он, ҳамчунин, метавонад саргузаштҳо, мусоҳибаҳо, саҳнагузорӣ ва ягон шакли дигари маводро дар бар гирад, ки барои шаклгирии вебсаҳифа истифода мешаванд, масалан: паёмак, викиҳо ва блогҳо.

- Таҳияи муҳтаво соҳаи муҳимест, ки бештари вақт дар рафти корбурди ТИКР сарфи назар мешавад ва ё ба он аҳамияти камтар дода мешавад.

- Пешрафти кунунӣ дар технологияҳо ва барномаҳое чун НОКА, барномаҳои Web 2.0 ва телефонияи мобилӣ баъзе ҷиҳатҳои сусти талошҳои пешинро ислоҳ мекунад. Онҳо ба баъзе душвориҳои музмине чун мутобиқати маҳалии ТИК, ки талошҳои пешина ба онҳо рӯ ба рӯ шуда буданд, вокунишҳои тағйирпазир зоҳир мекунанд.

- Моликияти зеҳнӣ гуфта, «эҷодкориҳои ақл» дар назар дошта мешавад, ки ҳуқуқ ба моликият низ ба онҳо тааллуқ дорад. Моликияти зеҳниро ба ду категория метавон ҷудо кард:
- Моликияти саноатӣ, масалан: ихтироъкориҳо (патентҳо), маркаҳои тиҷоратӣ, тарҳҳои саноатӣ ва нишонаҳои ҷуғрофии сарчашма.
- Ҳуқуқи муаллиф, масалан: ҳуқуқи муаллиф ба асарҳои бадеиву ҳунарӣ ба монанди новелаҳо, манзумаҳову намоишномаҳо, филмҳо, асарҳои мусиқӣ, асарҳои санъат чун тасвирҳо, нақшҳо, суратҳову муҷассамаҳо ва тарҳҳои меъморӣ.

- Талошҳое, ки аз инқилоби ТИК сарчашма мегиранд, дарбаргирандаи модели тағйирпазири ҳуқуқи муаллиф мебошад. Ин модел фаҳмиши «ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфузанд»-ро ба фаҳмиши «баъзе ҳуқуқҳо маҳфузанд» иваз мекунад, то ки созгорпазирии муҳтаво бо потенсиали пурраи Интернет имконпазир гардад (ки навоварӣ ва ҳалли мушкилиҳоро дар сатҳи ҷаҳонӣ бо пайвандҳо ба якдигар меангезад ва аз ин роҳ шароитро барои табодули дониш ва эҷодкорӣ фароҳам меорад).

- Ахлоқ талаб менамояд, ки ба моликияти зеҳнӣ эҳтиром гузошта шавад ва муаллиф ё ихтироъкор аз моликияти худ манфиат бардорад.

Машқи амалӣ

Дар даври муқаррарии уҳдадориҳои омӯзишии худ дар коллеҷи маҳаллӣ, чанд корманди он гузориш доданд, ки нармафзори дуздӣ дар компютерҳои лабораторияҳои компютерӣ нодуруст насб шудааст. Кормандон ҳамчунин дарёфтанд, ки донишҷӯён маводи гуногуни интернетиро нусхабардорӣ карда, бо ин роҳ вазифаҳои таълимии худро иҷро карданд. Донишҷӯён он тавре рафтор карданд, ки гӯё ин маводро худи онҳо сохта бошанд. Кормандони коллеҷ дарёфтаанд, ки чунин кор дар байни донишҷӯёни онҳо кори муқаррарист. Пеш аз баровардани қарор, ки чӣ бояд кард, кормандон аз шумо ҳамчун донишҷӯ хоҳиш менамояд, то саҳми худро дар қабули қарор гузоред.

Рӯйхат тартиб диҳед:

1. Масъалаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ кадомҳоянд, ки кормандони муассисаи таълимӣ бо онҳо мухолиф мебошанд?
2. Кормандони муассисаи таълимӣ барои вокуниш нишон додан ба масъалаҳои ахлоқиву ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ кадом чораҳоро бояд андешанд?
3. Агар шумо донишҷӯе бошед, ки асарро нусхабардорӣ кардаед ва барои асардуздӣ ба даст афтодаед, кадом оқибатҳоро мунтазир хоҳед шуд?

Худро бисанҷед

1. Чорасозиҳои ТИКР бояд бо кадом мақсад тарҳрезӣ шаванд:

а. Арзон будан;
б. Пойдор ва ба раванд нигаронидашуда будан;
в. Ба шароити маҳаллӣ ҳассос будан;
г. а ва б;
ғ. б ва в.

2. «Маҳаллисозии (локализатсияи) муҳтаво» чунин маънӣ дорад:

а. Аз нигоҳӣ фарҳангӣ мутобиқ кардани муҳтаво;
б. Тарҷума кардани муҳтаво ба забонҳои маҳаллӣ;
в. Ҳар ду;
г. Ҳеҷ кадом.

3. Телефонияи мобилӣ имкон фароҳам меорад, то муҳтаво тавассути MMS мубодила шавад, ҳатто шахс агар:

а. Бесавод бошад;
б. Забони англисиро надонад;
в. Ҳар ду;
г. Ҳеҷ кадом.

4. Барномаҳои нармафзор, агар ба шарте ки онҳо НОКА (нармафзори озоду кушодаасос) набошанд, тавассути чӣ ҳимоя мешаванд?

а. Тавассути қарордодҳову паймонҳои байналмилалӣ;
б. WIPO;
в. Ҳимоят намешаванд ва онҳоро метавон дуздид;
г. Тавассути қонунҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар ҳар як кишвар.

5. Кадоме аз баёнияҳои зерини марбут ба литсензияҳои моликияти умумии зеҳнӣ (Creative Commons) ва ҳуқуқи муаллиф нодуруст аст?

а. Ҳуқуқи муаллиф маҷмӯи ҳуқуқи нодире мебошад, ки аз ҷониби давлат ба эҷодкори асари аслӣ дода мешавад;
б. Ҳадафи литсензияҳои моликияти умумии зеҳнӣ (Creative Commons) эҷод кардани модели тағйирпазиртари ҳуқуқи муаллиф барои иваз кардани фаҳмиши «ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфузанд» ба фаҳмиши «баъзе ҳуқуқҳо маҳфузанд» мебошад;
в. Одамоне, ки литсензияи моликияти умумии зеҳнӣ (Creative Commons)-ро истифода мебаранд, барои эҷодиёти худ аз ҳамаи ҳуқуқ даст мекашанд;
г. Литсензияҳои моликияти умумии зеҳнӣ (Creative Commons) додугирифт ва ҳамкории бархатиро (онлайниро) осонтар мекунад.

БОБИ 9. ИДОРАКУНИИ ТЕХНОЛОГИЯ

Дар байни солҳои 2000-2010 пешрафти босуръати зерсохтори телекоммуникатсионӣ дар минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором ба назар мерасид. Акнун моҳвораҳо маконҳои дурдасттаринро бо ҳам мепайванданд ва кабелҳои зериобии нахи оптикӣ тамоми кураи Заминро печондаанд. Бар хилофи телефонҳои собит, телефонҳои мобилӣ шакли хоссаи коммуникатсия буда, дар шароите низ дастрасанд, ки телефонҳои собит хеле кам ва ё аслан вуҷуд надоранд. Минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором дар самти коммуникатсияи мобилӣ ва Интернети фарохнавор аз ҳама минтақаҳои ҷаҳон бештар рушд мекунад.

Аммо чунин суръати баланди пешрафт, дар айни замон, манзараи пешрафти нобаробар ва тафовутҳои байниминтақавию байникишварии рушдро пинҳон месозад. 57 дарсади пешрафт дар соҳаи телекоммуникатсия ба ду кишвар, ба Чин ва Ҳиндустон рост меояд.[216] Дар дигар кишварҳо пешрафт вуҷуд дорад, вале дар шакли ҷузъӣ ва маҳдуд ба муҳитҳои алоҳида, чун толорҳои фурудгоҳ, саристгоҳҳои нақлиёт, идораҳои ҳукуматӣ, ширкатҳо, интернет-кафеҳо ва меҳмонхонаҳо, ки махсусан пайванди мобилӣ ва фарохнаворро пешкаш менамоянд.

Вале густариши пурҷӯши шабакаи фарохнавор бештар ба иқтисодиёти рушдкардаи минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором ва баъзе кишварҳои дигар ба монанди Индонезия, Покистон ва Филиппин маҳдуд мемонад. Нобаробариҳои бузурги байникишварӣ вуҷуд доранд: пешрафт асосан дар марказҳои сарватманди шаҳрнишин тамаркуз ёфта, баробари аз ин марказҳо ба минтақаҳои деҳотӣ раҳсипор шудан коҳиш меёбад. Набудани «хатти биниш»-и манораҳои бесими коммуникатсионӣ ва нобаробар кашидани кабели нахи оптикӣ боиси он мегардад, ки қувваи сигнал пасту суст гардад. Дар натиҷа, дар минтақаҳои деҳнишин ва дар минтақаҳои монеаҳои ҷуғрофӣ доштае чун маконҳои дурдасту кӯҳистонӣ дастрасии маҳдуд асосан тавассути шабакаи тангнавор ва аз тариқи занги телефон идома меёбад.

Холигоҳи рақамӣ дар робита ба зерсохтори телекоммуникатсионӣ ҳанӯз ҳам боқӣ мемонад. Ин мушкилест, ки кишварҳои дар ҳоли рушди минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором ба он рӯ ба рӯ ҳастанд. Ин дар ҳолест, ки онҳо дар талоши расидан ба сатҳи дигар кишварҳои олам мебошанд; ҳамзамон итминон ҳосил кардан, ки интихобҳои телекоммуникатсионии ҳукуматҳо «ояндадор»-анд (масалан интихобҳо бо назардошти пешрафти босуръати технологияҳои телекоммуникатсионӣ ва ниёз ба пуштибонии фарогир ва бузургмиқёс карда шудаанд).

9.1 Дастрасӣ ба технология

Мушкилиҳои телекоммуникатсионӣ аз сабаби душвориҳои марбут ба дастрасӣ шиддат мегиранд. Маънии дастрасӣ ба ТИК вобаста ба гурӯҳҳои гуногун тағйирпазир аст. Барои ҳукумат, он мумкин аст маънои таъмин намудани дастрасӣ ба Интернет ва хадамоти мобилиро дошта бошад. Вале барои сокинони деҳот он мумкин аст маънои қодир будан барои ба даст овардани иттилооти дуруст дар вақти заруриро дошта бошад. Ҳар ду дурнамо эътибори баробар доранд, вале дар зинанизом гузоштани онҳо фаҳмиши равшантареро фароҳам меорад (ба тасвири 38 нигаред).

Тасвири 38. Дастрасӣ ба зинанизоми ТИК

Дастрасӣ ба муҳтавои маҳаллишуда (локализатсияшуда)
Дастрасӣ ба муҳтаво
Дастрасӣ ба Интернет
Дастрасӣ ба зерсохтори таъмини Интернет
Дастрасӣ ба дастгоҳи компютерӣ
Дастрасӣ ба нерӯи барқ ва ё сарчашмаи дигари нерӯ
Дастрасӣ ба маҳоратҳои компютерӣ ва маориф
Дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ

Сарчашма: *Рачнеш Д. Сингҳ*

[216] BuddleComm, “2010 Asia – Mobile, Broadband and Digital Economy”, April 2010, http://www.budde.com.au/Research/2010-Asia-Mobile-Broadband-and-Digital-Economy.html.

Чуноне ки Сингҳ ба таври мушаххас муайян кардааст:

- Дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ қобилияти маблағгузорӣ ба маҳоратҳои зарурӣ, маориф ва омӯзишро муайян мекунад, то ТИК самаранок истифода шавад, таҷҳизоту хизматрасониҳои зарурӣ харидорӣ ва нигоҳдорӣ шаванд.
- Дастрасӣ ба маҳоратҳои асосии компютерӣ барои фаъолият, фаҳмидан ва кор фармудани ТИК зарур аст.
- Дастрасӣ ба сарчашмаи нерӯ барои ба кор даровардани дастгоҳи компютериву зерсохтори коммуникатсионӣ зарур аст.
- Дастрасӣ ба дастгоҳи компютерӣ барои кор фармудани ТИК ва бо он фаъолияти муштарак кардан муҳим аст.
- Дастрасӣ ба зерсохтори дастрассозии Интернет барои пайвастан ба Интернет лозим аст.
- Дастрасӣ ба Интернет имкон фароҳам меорад, то фаровонии иттилооту хизматрасониҳои дар реҷаи бархат дастрасро идора кунем ва истифода барем. Хароҷоти дастрасӣ ба Интернет низ дар ин ҷо бояд ба ҳисоб гирифта шавад.
- Дастрасӣ ба муҳтаво барои дарёфти барномаҳову хадамоти дилхоҳ ва шояд ҳатто барои саҳмгузорӣ имкон фароҳам меорад.
- Дастрасӣ ба муҳтавои маҳаллишуда барои дарёфти барномаҳову хизматрасониҳо ба забон ё лаҳҷаи худ имкон фароҳам меорад. Ин имконият барои мардуми кишварҳои дар ҳоли рушд аҳамияти махсус дорад, чун қисми зиёди онҳо ба забони англисӣ, забони ҳукмрони Интернет, хонда ва навишта наметавонанд.[217]

Душвориҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки бояд ба онҳо вокуниш нишон дода шавад ва ҳангоми тасмимгирӣ дар мавриди таъмини дастрасӣ ба ТИК ба ҳисоб гирифта шаванд. Масалан, мавҷудияти сигнали телекоммуникатсионӣ тавассути телефони мобилӣ ба шахсе муфид нахоҳад буд, ки ба телефони мобилӣ дастрасӣ надорад.

Таъмини дастрасӣ тавассути телемарказҳо ва нуқтаҳои дигари дастрасӣ аз дастрасии инфиродӣ ва ё ҷамоавӣ фарқ дорад. Мавҷудияти телемаркази маҳаллӣ далели он нест, ки мардум ба телекоммуникатсия ва Интернет дастрасӣ дорад. Магар зане, ки бояд барои истифодаи ин телемарказ чаҳор километр роҳро тай кунад ва ё аз рӯи омилҳои иҷтимоиву фарҳангӣ наметавонад аз хонаи худ дур равад, метавонад дастрасии осон дошта бошад?! Албатта, не. Пас, дастрасӣ на фақат масъалаи технологӣ балки бештар мушкилии иҷтимоиву фарҳангӣ мебошад.

Инчунин, дастрасӣ побанди арзишҳо ва қолабҳои моликиятдорӣ ва контрол аст. Бештари маврид, аз имконияти дастрасӣ дида, масъалаҳои «бехатарӣ» барои интихоби макони телемарказ муҳимтар мебошанд. Дар муҳити ҷамоа макони ҷойгир намудани технология низ мушкилии иҷтимоӣ мебошад, ки масъалаи дастрасиро муайян мекунад. Агар технология дар идораи ҳукумати маҳаллӣ ё мактаб ҷойгир шуда бошад, пас, барои дастрасии камбизоатон, ки аксар дар канори алоҳидаи деҳа сокин ҳастанд, чӣ имкониятҳо дода метавонад? Оё занону духтарон дар ягон вақти барои онҳо мувофиқ метавонанд бароҳатӣ ба чунин бино биёянд? Агар телемарказ дар соатҳое кор кунад, ки занон уҳдадориҳои оилавӣ доранд, албатта, дастрасии онҳо ғайриимкон мегардад.

Ғайр аз ин, агар барои идора кардани макон ва истифодаи технология нигаҳбон ё фасилитаторе вуҷуд дошта бошад, ин нигаҳбон кадом нақши ҳокимиятро бозӣ мекунад? Агар идоракунӣ ва амалиёт дар дасти корманди ҳукумат ё омӯзгори мактаб бошад, ин ба дастрасии камбизоатон чӣ гуна таъсир мегузорад?

Илова бар шароиту омилҳои иҷтимоиву фарҳангӣ, камбизоатӣ, бесаводӣ, норасоии вақт, мобилнокӣ ва мутобиқат омилҳои асосие мебошанд, ки ба дастрасӣ таъсир мегузоранд. Агар одамон қудрати аз як ҷо ба ҷои дигар ҳаракат кардан (мобилнокӣ)-ро дошта бошанд ва агар технологияҳо ба шароиту талаботи маҳал мувофиқ бошанд, имконияти фарогирии ТИКР низ бештар мешавад.

Хулоса, мавҷудияти зерсохтори телекоммуникатсионӣ барои истифодаи ТИКР шарти ибтидоӣ мебошад ва ба он бояд вокуниш нишон дода шавад. Ҳамзамон, масъалаҳои дастрасӣ бештар ба омилҳои технологӣ асос меёбанд, чунки онҳо дар муҳитҳои қодирсози иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва танзимкунандае ҳастанд, ки бояд ба нақша гирифта шаванд. Вагарна, чуноне ки як омӯзиши нав дар панҷ иёлати Ҳиндустон нишон медиҳад, дастрасӣ ба Интернет дар минтақаҳои деҳот камтар аз 5 дарсад мебошад.[218]

---

[217] Rajnesh Singh, *Module 4: ICT Trends for Government Leaders.* 2nd edition, *Academy of ICT Essentials for Government Leaders* module series (Incheon, UN-APCICT/ESCAP, 2011), http://www.unapcict.org/academy/.

[218] Ин омӯзиш бахше аз таҳқиқи давомдоре мебошад таҳти унвони “Community Empowerment through ICTs: Evidences from Grassroots in Bangladesh and India”. Бахши Ҳиндустон аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

9.2 Интихоби технология

Интихоби системаҳои интиқол муҳим аст. Инҳо метавонанд ғайрибархат (оффлайн) ба монанди CD ва DVD-и бисёррасонаӣ ва ё барномаҳои бархатии (онлайнии) бар технологияҳои интернетӣ асосёфта бошанд. Пеш аз он ки ба масъала пардозем, бояд гуфта шавад, ки кадом системаҳо барои интиқол нестанд. Сохтани маҳсулоти ТИК маънои таҳия кардани вебсаҳифа барои як муассисаро надорад. Маҳсулоти ТИК танҳо рақамӣ кардани садо ё видео ва ё дар диск ё Интернет дастрас кардани онҳо нест. Ин маҳсулот саҳифа паси саҳифа гузоштани матн дар вебсайт нест.

Омилҳои асосие, ки интихоби воситаи интиқолро муайян мекунанд, марбут ба дастрасӣ ва саривақтӣ будани хизматрасонӣ мебошанд. Масалан, агар маҳсулоти ТИКР барои таъмин намудани нархҳои воқеии бозор барои хоҷагидорон (фермерон) тарҳрезӣ шуда бошанд, бояд онҳо ба ин воситаҳои интиқол саривақт дастрасӣ ёбанд ва ҳамчунин иттилооти дастрасшуда аз ин роҳ бояд комилан таҷдид шавад. Маҳз барои ҳамин гуна мудохилаҳои кишоварзӣ ТИКР аз истифодаи платформаҳои асосёфта бар Интернет-технологияҳо ба технологияҳои мобилӣ гузашта истодааст. Ин гуна хизматрасонӣ ба воситаи телефонҳои мобилии хоҷагидорон иттилооти саривақтӣ ва заруриро барои онҳо дастрас мекунад.

Омилҳои дигаре, ки бояд мавриди таваҷҷуҳ бошанд, осонии тарҳ ва истифода мебошанд. Барои интихоби дуруст, пеш аз шурӯи лоиҳа арзёбии пешакии ниёзҳо муфид мебошанд. Масалан, иттилоот дар бораи дастрасӣ зарур аст. Мавҷудияти пайвандҳои телекоммуникатсионӣ маънои онро надорад, ки истифодабаранда метавонад ба онҳо дастрасӣ ёбад. Дар ин ҷо истифодабаранда бояд воситаҳое чун нерӯи барқ, компютер ва ё телефони мобилӣ дар ихтиёр дошта бошад. Пас, интихоби механизму воситаҳои интиқол на бар он чӣ таҳиякунанда дорад, асос меёбад, балки бар он асос меёбад, ки корбар ба он дастрасӣ дорад ва метавонад бе талошу хароҷоти зиёд истифода барад.

Идоракунии вақт ва захираҳои инсонӣ қисми муҳими банақшагирӣ ва амалисозии лоиҳаҳои ТИКР мебошад. Одатан, гароиши сарфи бештари вақт барои интихоби нармафзор ва платформаҳои ТИ вуҷуд дорад. Албатта, ин интихобҳо муҳиманд, чунки онҳо бо дастрасӣ, осонии истифода ва мураккабӣ алоқаманданд. Вале на зиёдтар аз таваҷҷуҳ ба муҳтаво.. Тарҳрезӣ кардану таъсис додани портал хеле осон аст, вале пур кардани он бо муҳтавои зарурӣ, саривақтӣ ва муфид хеле душвор аст. Пас, ҳангоми банақшагирӣ барои истифодаи ТИК бояд диққати бештар ба таҳияи муҳтаво равона гардад.

9.3 Хароҷоти технология

Чуноне ки ба дигар маҳсулот низ хос аст, рушди ТИКР хароҷоти собит ва бевосита дорад. Хароҷоти собит ё ниҳонӣ хароҷоти ниҳодӣ (институтсионалӣ) мебошад. Ниҳодҳое, ки аз ҷониби давлат маблағгузорӣ мешаванд, одатан ин гуна хароҷоти таҳияи татбиқи ТИКР-ро сарфи назар мекунанд. Хароҷоти бевосита хароҷоти аён ва чашмрасе мебошанд, ки барои таҳия ва амалисозии воситаҳои ТИКР зарур мебошанд.

Қарорҳое, ки эҳтимол ба ҳаҷми хароҷот таъсир мерасонанд, аз он вобастаанд, ки оё муассиса муҳтаворо дар дохили ширкат таҳия мекунад ва ё онро ба ихтиёри таъминкунанда ё таҳиякунандаи хусусӣ вомегузорад. Барои муассисаҳое, ки коршиносони дохилӣ надоранд ва ё аз кормандон танқисӣ мекашанд, ба хотири сарфаҷӯӣ кардани вақти арзишманд, ҳамзамон таъмин намудани арзиш барои хароҷот, вогузоштани таҳияи маҳсулот ба ширкатҳои бегона шояд беҳтар бошад.

Хароҷоти таҳия ва амалисозии воситаҳои ТИКР зиёданд. Дар ин маврид, чанд ченаке вуҷуд дорад, ки бо онҳо ҳаҷми хароҷотро ҳисоб мекунанд. Инчунин, хароҷот аз як кишвар ба кишвари дигар, аз як маҳсулот ба маҳсулоти дигар ва низ дар байни фурӯшандагону таҳиякунандагони гуногун тафовут доранд. Хароҷот аз хусусиятҳо ва вижагиҳои маҳсулоти (маводи ниҳой)-и алоҳида вобаста мебошанд. Чунончи, истифодаи унсурҳои аудио-визуалӣ ва интерактивӣ чӣ андозае зиёдтар бошад, хароҷот низ ҳамон андоза меафзоянд.

Тақсимоти маблағ низ муҳим аст. Хароҷоти собит, ки ҳамчун тақсимоти пайваставу баробар дар байни таҳияи муҳтаво ва маҳсулот гирифта шудааст, қобили тавсия аст. Масалан, аз 100000 доллари амрикой барои хароҷоти бевосита, 50000 доллари он барои таҳияи муҳтаво ва мондагӣ барои рушди маҳсулот, бастабандӣ, озмоиш ва корбурди озмоишӣ сарф мешавад.

Боз ҳам, барои муайян кардани тақсимоти технология меъёри умумӣ вуҷуд надорад. Агар муҳтаво ба осонӣ вуҷуд дошта бошад, пули бештарро барои рушд метавон ҷудо кард. Аз тарафи дигар, агар муҳтаво аз нав таҳия шавад, барои таҳия намудани муҳтавои хушсифат сарф кардани пул, вақт ва

талоши зарурӣ қобили тавсия аст. Чунки маҳз муҳтаво ва хусусиятҳои интерактивии он амалисозии бомуваффақонаи ТИКР-ро таъмин мекунанд.

Нуктаҳо барои ёддошт:

- Ҳангоми вокуниш нишон додан ба мушкилиҳои технология, дастрасӣ муайянкунандаи ягона ва муҳимтарин аст.
- Омилҳои асосие, ки интихоби воситаи интиқолро муайян мекунанд, дастрасӣ ва саривақтӣ мебошанд. Омилҳои дигаре, ки ба вокуниш ниёз доранд, осонии тарҳ ва истифода мебошанд.
- Чун дар рушди маҳсулоти дигар, рушди ТИКР хароҷоти собит ва бевосита дорад. Умуман, хароҷоти собит ё ниҳонӣ ниҳодӣ (институтсионалӣ) мебошанд. Хароҷоти бевосита хароҷоти аёну чашмрас барои бунёд ва ё истеҳсоли воситаҳои ТИКР мебошанд.
- Таҳия ва татбиқи воситаҳои ТИКР хароҷоти зиёдро тақозо мекунад.

Машқи амалӣ

СҒҲ-и шаҳрвандони калонсоли ҷомеаи шумо аз шумо хоҳиш мекунад, то дар тарҳрезии усуле ба онҳо кӯмак расонед, ки дар он барои бо ҳамдигар ва бо ҷаҳон иртибот кардан ТИК-ро самаранок истифода бурда тавонанд.

Рӯйхати саволҳоеро тартиб диҳед, ки мехоҳед дар бораи ниёзҳои онҳо ва масъалаҳои дастрасӣ ба технология аз онҳо бипурсед.

Бар асоси ҷавобҳои гирифтаи худ, интихоби технологияро барои онҳо тавсия диҳед.

Худро бисанҷед

1. Кадоме аз мавридҳои зерин ҷузъи зинанизоми дастрасӣ НЕСТ?
а. Фарогирии сигнали телевизион;
б. Доштани телефони мобилӣ;
в. Қодир будан ба фиристодани емейл (почтаҳои электронӣ);
г. Ҳеҷ як аз мавридҳои болоӣ.

2. Кадоме аз воситаҳои зерин барои интихоби воситаи интиқол шарти зарурист?
а. Дастрасӣ ва саривақтӣ будан;
б. Тарҳрезӣ ва осонии истифода;
в. Ҳеҷ кадом;
г. Ҳар ду.

3. Кадоме аз мавридҳои зерин умуман хароҷоти бевосита хоҳад буд?
а. Бино;
б. Маоши коргарон;
в. Компютер ва таҷҳизоти вобаста ба он;
г. Таҳияи маҳсулот.

4. Тахминан чанд дарсадии буҷет бояд барои таҳияи муҳтаво ҷудо карда шавад?
а. 30 дарсад;
б. 40 дарсад;
в. 50 дарсад;
г. 60 дарсад.

5. Барои ҷамъбасти бахши интихоби технология, ба чӣ хулоса омада метавонед?
а. Аз бозор харидани технологияи ҷадидтарин хубтар аст;
б. Интихоби технологияҳо дар асоси талаботи корбар хубтар аст;
в. Таҳия кардани технологияҳо мутобиқ ба шароитҳои маҳаллӣ хубтар аст;
г. Ҳеҷ як аз мавридҳои болоӣ.

БОБИ 10. ЭҶОДИ ТАВОНМАНДИИ ИНСОНӢ ДАР БАХШИ ТИКР

Барои истифодаи муассири ТИКР эҷоди тавонмандии инсонӣ унсури муҳим аст. Маҳоратҳои вобаста ба ТИКР, ки барои муҳитҳову гурӯҳҳои мухталифи одамон зарур аст, метавонанд гуногун бошанд. Вале бе баланд бардоштани тавонмандиҳои марбут ба ТИКР-и одамон, потенсиал ва манфиатҳои пурраи технологияҳоро наметавон ба даст овард.

Фаҳмиши анъанавии саводнокӣ (хондан, навиштан ва ҳисоб кардан) ба фаҳмиши наве роҳ кушод, ки савод чиро дарбар мегирад ва он чӣ гуна ба ТИКР таъсир мегузорад. Дар ин ҷо ду сабаб нуҳуфтааст. Сабаби нахустин ба хусусияти тағйирёбандаи кӯдакону ҷавонони имрӯза вобаста аст. Онҳо, ба истилоҳ, «бумиёни рақамӣ» мебошанд, ки тамоми умри худро пурра дар иҳотаи расонаҳои гуногун (масалан: радио, телевизион, компютер ва ё телефони мобилӣ) сипарӣ мекунанд. Онҳо воситаҳои нави асрро баладанд ва худро дар муҳити онҳо роҳат ҳис мекунанд. Сабаби дувум ин аст, ки воситаҳои асри кунунӣ, яъне ТИК-и рақамӣ, маҷмӯи саводҳои гуногунро талаб менамоянд. Аз истифодаи одии компютер дида, қобилияти ҷустуҷӯ кардан ва истифода бурдани иттилоот тавассути воситаҳои ТИК муҳимтар аст. Ҳатто одами бесавод ҳам метавонад телефони мобилиро аз рӯи аломатҳову нишонаҳои аёнӣ истифода барад. Манзараи тағйирпазири саводнокӣ дар тасвири 39 тавсиф шудааст.

Тасвири 39. Манзараи тағйирпазир: саводнокиҳои нав

Сарчашма: *http://www.eur.nl/ub/english/instruction/skills/informationliteracy, бо иҷозати David M. Kennedy дар асоси Литсензияи Моликияти умумии зеҳнӣ истифода бурда шудааст.*

Аммо ин тасвир набояд моро ба хулоса оварад, ки барои эҷоди тавонмандии инсонӣ дар ТИКР зарурати кам вуҷуд дорад. Яке аз таҷрибаҳои асосии андӯхташуда аз амалисозии лоиҳаҳои ТИКР дар тӯли ду даҳсолаи гузашта чунин аст:

Ҳеҷ технологияе кофӣ нахоҳад буд, агар одамон аҳамияти таъсирбахш истифода бурдани онро ҳамчун як бахши зиндагӣ ё кори худ дарк накунанд. Бе омӯзиши тарзи корбарии технология ва бе дарки имкониятҳое, ки бо истифода аз он ба даст меояд, одамон ба он бефарқ ва бепарвоёна муносибат мекунанд. Одамон барои истифодаи ТИК танҳо вақте ҳавасманд хоҳанд шуд, ки он барои онҳо фаҳмо бошад ва дар ҳаёти рӯзмарраи онҳо нақши мусбат гузорад. Пасон, муҳим аст, ки одамон потенсиали васеътари технологияро бифаҳманд, то иқтидори амалисозии навовариҳоро барои ниёзи худ дошта бошанд ва технологияро бо шеваи эҷодкорона истифода баранд, ки на ҳамеша дар лоиҳа ё сиёсатгузорӣ пешбинӣ шудааанд.[219]

[219] Bridges.org, “Real Access/Real Impact criteria”, http://www.bridges.org/Real_Access.

Ин маънои онро дорад, ки саводнокии бунёдӣ дар бораи ТИК барои истифодаи самараноки ТИК муҳим аст. Дар ниҳоят, бояд талош ба он равона гардад, ки ҳамаи шаҳрвандон барои ҳосил кардани саводи бунёдӣ барои истифодаи ТИК муваффақ шаванд. Пешрафти босуръати телефонҳои мобилии осонкор то андозае барои таҳсили саводу маҳоратҳои корбурди ТИК аз тарафи доираи васеи аҳолӣ кӯмак расондааст. Инчунин, воқеияти имрӯза, ки ТИК ҷузъи рӯзмарраи зиндагии ҷавонон гардидааст, саҳмгузорест дар рушди маҳорати онҳо ҷиҳати истифодаи васеи ин воситаҳо баҳри дастрасӣ ба иттилоот.

Мисоли 32. Телефони мобилӣ ангезандаи воҳима ё оинаи мушкилиҳои ҷомеа

Бо вуҷуди дер расидани форматҳои рақамии алоқаи мобилӣ ба Тоҷикистон, онҳо дар ҷомеа басо зуд реша давонида истодаанд. Имрӯз дар бозори алоқаи мобилии кишвар форматҳои гуногуни алоқаи мобилӣ (GSM, 3G, 4G) зиёда аз 90% масоҳати аҳолинишинро фаро гирифтаанд. Мутобиқи маълумоти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2012 шумораи корбарони ин бозор ба 7.2. миллион расидааст. Ҳиссаи муштариёни фаъол ба 4.9 миллион мерасад, ки худ 65% аҳолӣ фаро мегирад.

Шаби 9-ум ба 10-уми январи соли 2009 барои сокинони Тоҷикистон шаби хотирмон аст. Ба хунукии муқаррарии ин давраи зимистон нигоҳ накарда, шумораи зиёди одамон ин шабро дар кӯчаҳо рӯз карданд. Сабаби чунин бедорхобӣ овозае буд, ки заминларзаи харобиовареро пешгӯй мекард. Бо вуҷуди он ки овоза рӯзи 9-ум пайдо шуда буд, дар як муддати кӯтоҳ дар саросари кишвар ва ҳатто берун аз он паҳн гардид. Албатта бо чунин зуддӣ фарогир шудани овозаи шум аз дастрасии технологияҳои коммуникатсионӣ, алалхусус мобилӣ, гувоҳӣ медиҳад. Бо назардошти он ки шумораи корбарони бозори алоқаи мобилӣ дар оғози соли 2009 тақрибан ба 4 миллион расида буд (зиёда аз 55 % аҳолии вақт), эҳтимолияти нақши калидии алоқаи мобилӣ дар ин раванд баланд мебошад. Дар яке аз омӯзишҳои муаллифи ин мисол ба 40 дарсади посухдиҳандагон овоза тавассути телефони мобилӣ расидааст ва 35 дарсадашон ин овозаро ба дигарон расонидаанд. Яке аз посухдиҳандагон, хушбахтона, дар хоб мондаасту телефони мобилиаш ҳам дар реҷаи сукут будааст. Рӯзи дигар зиёда аз 100 занги беҷавобро дида, аз воқеияти ҳол огоҳ шудааст.

Хушбахтона, заминларзаи чашмдошт рух надод. Лек, овоза кори худашро кард, ки ангехтани воҳима дар ҷомеа буд. Мутаассифона, барои ором кардани вазъият ягон муассисае аз шабакаи алоқаи мобилӣ, роҳи асосии паҳн шудани овоза, истифода набурд. Гузашта аз ин, ин ҳодиса мавриди омӯзиши алоҳидае қарор нагирифт. Боз ҳам боиси тассуф аст, ки дар ҷомеа буданд ва ҳастанд андешаҳое, ки технологияҳоро, дар айни ҳол телефони мобилиро, гунаҳкори асосии ин ҳодиса мешуморанд.

Ба вуқуъ пайвастани чунин як ҳодиса метавонад далели заиф будани фарҳанги иттилоотии ҷомеа бошад. Дар акси ҳол, шумораи зиёди аҳолӣ ба овоза кӯркӯрона бовар намекарданду тафаккури интиқодии худро истифода бурда овозаро таҳлил мекарданд. Технологияҳо мисли оина воқеияти зиндагиро инъикос менамоянд.

Саволҳо барои баррасии зергурӯҳҳо:

- Оё шумо бо андешаи муаллифон ҷиҳати заиф будани фарҳанги иттилоотӣ дар ҷомеа мувофиқед? Агар ҳа, кадом роҳҳои рушди фарҳанги иттилоотиро пешниҳод мекардед? Бо далелҳои мавқеи худро ҳимоя намоед.
- Вокуниш (реаксия)-и шумо ба чунин овоза чӣ мебуд? Телефони мобилӣ ва умуман дигар технологияҳои коммуникатсионӣ дар чунин ҳолат чи нақшро мебозанд – оина ё ангезанда?

Муаллиф: Асомуддин Атоев

Дар бахши 3, ҳангоми баррасӣ намудани истифодаи ТИК дар таълим, дар байни маҳоратҳои ТИК (яъне ташаккул додани маҳоратҳои тахассусии ТИК барои қонеъ намудани ниёзҳои бахши ТИК-и кишвар ва ниёзҳои соҳаи иқтисод) ва ТИК дар соҳаи таълим тафовут гузошта шуд. ТИК дар соҳаи таълим ба масъалаҳои ҷалб ва ҳамгиро кардани ТИК ба раванди таълимӣ дар мактабҳову коллеҷҳо нигаронида шудааст.

Рушд ва бозомӯзии корбарони бомаҳорат ва нерӯи кории касбии ТИК барои рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ низ муҳим аст. Гузашта аз ин ҳам, маҳорату донишҳои кормандони соҳаи ТИКР

муҳимтар мебошад, чунки онҳо маҳз он нерӯи кории соҳибмаҳорате мебошанд, ки барномаҳову ташаббусҳои ТИКР-ро бомуваффақият амалӣ хоҳанд кард. Аз ин рӯ, эҷоди тавонмандии инсонӣ дар соҳаи ТИКР аз доираи дониши васеи ТИК ва ТИК дар соҳаи маориф берун рафта, маҷмӯи саводнокиҳои асосиеро эҷод менамояд, ки роҳбарони ҳукуматӣ, олимон, пажӯҳишгарон ва фаъолони имрӯзаву ояндаи соҳаи ТИКР барои пурра истифода бурдани потенсиали технологияҳо ба он ниёз доранд.

Баъзе фарзияву пиндоштҳо дар бораи ТИКР масъалаи эҷоди тавонмандии инсониро дар ин соҳа таъкид менамоянд. Нахуст, баҳс дар бораи рушд ё ТИК нест. Он ҳар дуро фаро гирифта, чӣ гуна истифода бурдани охириро барои ноил шудан ба ҳадафҳои пешӣ (рушд) дар назар дорад. Пиндошти дувум ин аст, ки ҳарчанд ТИК ҳавасмандиҳои назаррасро тавлид намудааст, робита ва вобастагӣ дар байни рушд ва ТИК ҳанӯз аз ҷониби сиёсатгузорон, тарҳрезон, маъмурон ё иҷрокунандагон дар саросари ҷаҳон хуб фаҳмида нашудааст. Ин қисман дуруст аст, чунки шахсоне, ки дар кишварҳои дар ҳоли рушд кор мекунанд, бо шевае, ки ТИК дар қисматҳои дигари ҷаҳон истифода мешаванд, шинос нестанд. Ҳамчунин, шумораи ками ходимони рушд дар бораи технологияҳои нав дониши тахассусӣ доранд. Он мутахассисони касбие, ки технологияро мефаҳманд, аз потенсиали ТИК дар ҳал кардани мушкилиҳои рушди, фарз кардем, калонсолони бесавод огоҳ нестанд.

Эҷоди тавонмандӣ «равандест, ки дар он фардҳо, гурӯҳҳо, созмонҳо, муассисаҳо ва ҷомеаҳо барои анҷом додани вазифаҳо, ҳал кардани масъалаҳо ва муайян кардану муваффақ шудан ба ҳадафҳо қобилиятҳоро (ба таври инфиродӣ ва дастаҷамъӣ) ташаккул медиҳанд».[220] Ҳамаи бахшҳои ҷомеа, аз сиёсатгузорон сар карда то охирин баҳрабарандагони деҳнишин, ба чунин тавонмандӣ ниёз доранд. Вале масъулияти фаро гирифтани ҳар як шахс ба сиёсати миллӣ вобаста аст, ки амалисозии он бар дӯши муассисаҳои гуногуни давлатӣ аст. Барои созмонҳои байналмилалии сармоягузор ва ҳимояти техникӣ, масъулияти эҷоди тавонмандӣ ҳадафи ниҳоии ҳаракат мебошад. Ин ҳадаф одатан дар нуқтае анҷом меёбад, ки системаҳои милливу маҳаллӣ онро ба дӯши худ мегиранд.

Одатан ду гурӯҳи одамон аз муҳокимаи эҷоди тавонмандии инсонӣ дар соҳаи ТИКР берун мемонанд:

1. Доираи роҳбарону мансабдорони ҳукуматӣ (ҳам дар бахшҳои давлатӣ ва ҳам дар ҷомеаи шаҳрвандӣ) ва
2. Ҷавононе, ки ҳоло дар зинаи севуми таҳсилот қарор доранд ва фардо дар кишварҳои дахлдори худ роҳбар хоҳанд шуд.

10.1 Мансабдорони ҳукумативу давлатӣ

Гурӯҳи нахустини одамон аз инҳо иборатанд:

- Сиёсатгузорон ва тасмимгирандагон – мусоидаткунандагони сиёсӣ, сиёсатгузорон, одамони салоҳиятдор ва сафарбаркунандаи уҳдадорӣ дар сатҳи олӣ.
- Тартибдиҳандагони нақша ва тарҳрезони лоиҳа – мансабдорони миёнамақом, ки ташаббусҳоро тарҳрезӣ, арзиши онро муайян ва амалӣ мекунанд. Чунин мансабдорон олимон, мутахассисони ТИ, тарҳрезони технологияҳо, мутахассисону таҳиякунандагони муҳтаво ва ғайраро дар бар мегиранд.
- Пешбарон (чемпионҳо) – афроди асосие, ки равандро ба пеш ҳаракат медиҳанд, дар корҳои озмоишӣ ба таври ихтиёрӣ саҳм мегузоранд ва идеяҳоро ба ҳамтоёни худ мефурӯшанд (талқин мекунанд). Бештари вақт онҳо худашон эҷодкунандагони тавонмандианд.
- Тренерони тренерҳо – Фардҳое, ки барои бозомӯзии ҳайати кормандони сатҳи маҳаллӣ ва коргарон масъуланд. Ин тренерон бояд худашон пешбароне (чемпионҳое) бошанд, ки ҳам соҳаро хуб мефаҳманд ва ҳам дорои дарки амиқи моҳияти ТИК ва заминаву шароитҳо барои татбиқи ТИК мебошанд. Омода кардани ин гуна пешбарон, ки шахсони калидӣ хоҳанд шуд, як қисми фаъолияти эҷоди тавонмандии миллист.

Эҷоди тавонмандӣ ё худ маҳоратҳои асосии истифодаи ТИКР барои ин гурӯҳи нахустини одамон ба равиши устувор ва сохтори ниҳодӣ (институтсионалӣ) ниёз дорад. Ин равиш маҷмӯи арзёбии ниёзҳо, шарикиҳои ниҳодӣ, маводҳои таълимии таҳияшуда тавассути интихоби дақиқи шахсони захиравии минтақавӣ, озмоиш ва истифодаи маводҳо дар барномаҳои таълимӣ дар маҳал ва берун аз маҳалро талаб менамояд. Таҷрибаи МБОТИКР дар таҳия ва густариши Академияи асосҳои ТИК барои роҳбарони ҳокимияти давлатӣ намунаи хуби эҷоди пайвастаи тавонмандии инсонӣ дар соҳаи ТИКР аст.[221]

---

[220] Peter Ballantyne, Richard Labelle, Stephen Rudgard, “Information and Knowledge Management: Challenges for Capacity Builders”, Policy Management Brief No. 11 (Maastricht: ECDPM, 2000), http://www.chs.ubc.ca/lprv/PDF/lprv0075.pdf.

[221] Нигаред: UN-APCICT/ESCAP, ICT Human Capacity Building for Development, ICTD Case Study 1 (Incheon, 2010), http://www.unapcict.org/ecohub/ict-human-capacity-building-for-development-3.

10.2 Эҷоди тавонмандӣ барои оянда

Эҷоди тавонмандии инсонӣ дар соҳаи ТИКР дар байни ҷавонон - донишомӯзони коллеҷҳову донишгоҳҳо барои «дар оянда қафо намондан» аз пешрафти соҳаи ТИКР зарур аст. Ҳоло танҳо чанд барномаи назариявӣ дар соҳаи ТИКР вуҷуд дорад, ки асосан хоси кишварҳои рушдкарда мебошанд.[222] Баробари пешрафту рушди босуръати ТИК ва истифодаи ҳарчӣ бештари ҳукуматҳо аз ТИК барои ба уҳдадориҳои рушд, идоракунӣ ва иҷтимоии худ ҷавобгӯ будан, зарурати пешбинӣ намудани рушди ТИКР дар оянда ва эҷод кардани барномаҳои таълимие вуҷуд дорад, ки барои ҳалли мушкилиҳои марбут ба тавонмандии инсонӣ дар ҳамаи бахшҳои ҷомеа тарҳрезӣ шудаанд.

Ҷавонон дар амал 15. Ба Академияи маҷозии МБОТИКР ҳамроҳ шавед.

Барои онҳое, ки мехоҳанд ТИК-ро барои такмили воситаҳои некуаҳволӣ ва тавонмандсозии ҷомеа истифода баранд, Академияи маҷозии МБОТИКР имконияти олист. Академияи маҷозӣ платформаи бархатии (онлайнии) таълими фосилавист, ки як қатор лексияҳои олимону сиёсатгузорони маъруфи соҳаи ТИКР-ро фаро мегирад. Видеолексияҳо барои ба таври содда фаҳмондани масъалаҳои асосии соҳаҳо дар доираи ТИКР хизмат мекунанд. Чунончи, ТИК дар идоракунии офатҳои табиӣ, амнияти шабакавиву дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ ва идоракунии лоиҳаи ТИКР ба кор бурда мешаванд, вале бо онҳо маҳдуд нестанд. Ҳоло 10 модул ба забони англисӣ, баҳасаӣ (индонезӣ) ва русӣ мавҷуданд, ки шумо мувофиқи вақту имконияти худ онҳоро аз худ карда метавонед. Дастрасӣ ба Академияи маҷозӣ ройгон аст. Ҳар кас бо супурдани имтиҳони ниҳоии яке аз модулҳо ва гирифтани 80 дарсади холҳо метавонад соҳиби шаҳодатномаи электронӣ гардад. Супоридани имтиҳони ниҳоии ҳамаи модулҳои Академия ҳуқуқи гирифтани шаҳодатномаи қоғазии онро медиҳад.

Барои иттилоот дар бораи давраи омӯзишӣ ва бақайдгирӣ, метавонед аз ин вебсаҳифаи МБОТИКР боздид кунед: http://e-learning.unapcict.org.
Барои онҳое, ки ба Интернет дастрасии маҳдуд доранд ё дастрасӣ надоранд, барои дарёфти нусхаи дар диск сабтшудаи Академияи маҷозии МБОТИКР бо МБОТИКР метавонанд тамос гиранд.

Нуктаҳо барои ёддошт:

- Барои истифодаи муассири ТИКР эҷоди тавонмандии инсонӣ унсури муҳим аст. Маҳоратҳо барои истифодаи ТИКР, ки барои муҳитҳову гурӯҳҳои гуногуни одамон заруранд, метавонанд гуногун бошанд. Вале бе баланд бардоштани тавонмандиҳои ТИКР, потенсиал ва манфиатҳои пурраи технологияҳоро наметавон дарёфт.

- Омода кардан ва дастгирии доимии корбарони бомаҳорат ва нерӯи кории касбии ТИК барои рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ низ муҳим аст.

- Аз ин рӯ, эҷоди тавонмандии инсонӣ дар соҳаи ТИКР аз доираи саводнокии ТИК ва ТИК дар соҳаи маориф берун рафта, маҷмӯи асосии донишҳоеро эҷод менамояд, ки роҳбарони ҳукуматӣ, олимон, муҳаққиқон ва фаъолони имрӯзаву ояндаи соҳаи ТИКР барои пурра истифода бурдани потенсиали технологияҳо ба он ниёз доранд.

[222] Феҳристи даврҳои омӯзишии ТИКР дар ин сомона дастрас аст: Bytes for all, “Academic or training programmes offered on ‘ICT for Development’”, http://bytesforall.net/?q=programs_on_ICT4D.

Машқи амалӣ

Баъзе одамон мегӯянд, ки ТИКР масъулияти умумии мутахассисону муҳандисони соҳаи ТИ аст. Дигарон мегӯянд, ки ТИКР соҳаи фаъолияти ҷомешиносон аст.

Ду гурӯҳ ташкил кунед. Як гурӯҳ масъулияти мутахассисони ТИ ва дигар гурӯҳ масъулияти ҷомеашиносонро ҷонибдорӣ мекунанд.

Пас аз мубоҳисаи 30-дақиқаӣ, панҷ ҷанбаи умумиро ёфта, рӯйхат тартиб диҳед, ки ҳар ду далелҳоро муаррифӣ менамоянд. Панҷ тафовутро дарёбед ва рӯйхати онҳоро тартиб диҳед. Барои ташаккул додани фаҳмиши умумии унсурҳое, ки барои эҷоди тавонмандии ТИКР заруранд, ин тафовутҳоро синтез (пайванд) кунед. Онро ба ҳамсабақони дигар нишон диҳед ва назари онҳоро пурсед.

Худро бисанҷед

1. Истилоҳи «бумиёни рақамӣ» барои кадом гурӯҳ истифода мешавад:

а. Таълимдидагони насли аввал;
б. Шахсони дорои дониши компютерӣ;
в. Ҷавононе, ки тамоми ҳаёти худро дар иҳотаи ТИК сипарӣ мекунанд;
г. Ҷамоаҳои наве, ки ба тозагӣ истифодаи ТИКР-ро ёд гирифтаанд.

2. «Дар оянда қафо намондан» дар соҳаи ТИКР кадом маънои зеринро дорад:

а. Таъмин намудани системаҳои ҳимоятӣ-нусхабардорӣ дар мавриди аз кор мондани воситаҳои ТИК;
б. Таҳия кардани қонунҳо барои идораи система;
в. Бо дарназардошти пешрафту дигаргуниҳо интихобҳои оқилона кардан;
г. Истифода бурдани қонунҳои Мур барои муайян кардани интихоби технология.

3. Эҷоди тавонмандии инсонӣ дар соҳаи ТИКР кадом аст:

а. Ба одамон додани дониши компютерӣ;
б. Таҳия намудани маҷмӯи асосии донишу маҳоратҳо барои ин соҳа;
в. Бозомӯзии одамон барои истифодаи вебсафҳаҳо;
г. Бозомӯзии одамон барои эҷоди муҳтаво барои вебсафҳаҳо.

4. Имрӯз саводнокӣ ба ин маъно фаҳмида мешавад:

а. Саводи хониш, навиштор ва ҳисоб;
б. Саводи истифодаи ТИК;
в. Қобилияти ҷустуҷӯ ва истифодаи иттилоот;
г. Омӯхтани истифодаи бастаи нармафзор.

5. Баҳси эҷоди тавонмандӣ дар соҳаи ТИКР дар бораи чӣ аст:

а. Дар бораи рушд ё ТИК;
б. Дар бораи дарёфти унвон дар соҳаи ТИКР;
в. Дар бораи фаҳмидани масъалаҳои рушд;
г. Ҳам дар бораи ТИК ва ҳам дар бораи рушд ва инчунин дар бораи истифодаи ТИК барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушд.

БОБИ 11.
АРЗЁБИИ ЛОИҲАИ ТИКР

Дар ҳамаи бахшҳои ин китоб як мавзӯъ мавриди баҳс қарор гирифтааст: яъне, рушд мафҳуми ба одамон равонашуда аст. Аз ин рӯ, истифодаи ТИК барои рушд бояд мушкилиҳои одамонро ба ҳисоб гирифта, барои ҳалли онҳо роҳҳо ҷустуҷӯ ва дарёфт намоянд. Аз ин рӯ, зарурати бисёр ба ҷамъоварии иттилооти воқеиву дақиқ вуҷуд дорад, ки барои тарҳрезӣ ва амалисозии лоиҳаҳои ТИКР имкон фароҳам хоҳанд овард. Ин ба коҳиш додани сатҳи баланди нокомиҳои барномаҳову лоиҳаҳои ТИКР кӯмак хоҳад кард, ки дар бахшҳои пешин оварда шудаанд. Ҳамчунин, истифодаи дурусти тадбирҳои ТИКР барои вокуниш нишон додан ба авзои мушаххаси вақт, макон ва масъала низ кӯмак хоҳад кард.

Мониторинг ва ё арзёбии рушд маъмулан ҷустуҷӯи иттилооти дақиқу муътамад, истифодаи чунин иттилоот ҳамчун саҳмгузорӣ дар сикли амалишавии лоиҳа аз роҳи банақшагирӣ, тарҳрезӣ ва амалисозӣ ва арзёбии таъсири барнома ё лоиҳаи додашуда дар чорчӯбаи рушд ба шумор меравад.

Арзёбии рушд мафҳуми васеъ ва бисёррӯя аст. Он раванди мураккабест ба мисли худи рушд, ки арзёбӣ мешавад. Ба ин мураккабӣ арзёбии лоиҳаҳои ТИКР андозагириҳои изофӣ зам мекунад. Савол ин гуна гузошта мешавад: Чиро бояд арзёбӣ кард – кулли барномаеро, ки дар он технология ҳамгиро шудааст; худи технология ва ё чорасозии технологиро; корбар ё манфиатеро, ки корбар ба даст меорад? Оё мушкилӣ дар пойдории молиявист ва ё пойдории иҷтимоӣ? Ин ду истилоҳ чӣ маънӣ доранд? Оё арзёбии рушд кадом намуди таъсир - таъсири кӯтоҳмуддат ва ё таъсири дарозмуддатро баррасӣ мекунад? Кадом навъи тарҳрезиҳо барои арзёбӣ кардани барномаҳову лоиҳаҳои ТИКР мувофиқанд? Ин ва бисёр саволҳои дигар ба печидагӣ ва мушкилиҳо вобаста ба таъсири барномаҳову лоиҳаҳои ТИКР дар заминаву шароити додашудаи иҷтимоӣ зам мекунанд.

Ин боб мафҳумҳои асосиро дар раванди арзёбӣ кардани лоиҳаҳои ТИКР таҳлил менамояд. Он таваҷҷуҳро ба бузургиҳои тағйирёбандаи мушаххаси марбут ба ТИКР ҷалб менамояд, ки бояд ҳангоми арзёбии барномаҳову лоиҳаҳои ТИКР омӯхта шаванд.

11.1 Мафҳумҳои арзёбӣ

Мафҳуми нахустине, ки бояд фаҳмида шавад, тафовут дар байни «натиҷаҳо», «таъсирбахшӣ» ва «таъсир» мебошад. Сарфи назар аз парадигмаҳои ҳукмрони давраҳои гуногун дар омӯзиши ТИК:

- **Натиҷаҳоро** метавон ҳамчун дигаргунӣ ва ё устуворие таъриф дод, ки дар заминаи равонии фарде тавлид шудааст. Вақте ки ин дигаргунӣ ва ё устуворӣ дар байни шумораи хеле зиёди одамон рух медиҳад, он намоишгари дигаргунӣ дар сатҳи ҷомеа аст. Натиҷа ҳамчун дигаргунии дарозмуддате дар ҷомеаҳо дар натиҷаи фарогирӣ ва истифодаи пайвастаи ТИК хуб фаҳмида мешавад. Масалан, дигаргунӣ дар арзишҳои ҷамъиятӣ, ба монанди меъёри оилаи хурд бештари вақт ба чорабиниҳои пайваста оид ба тандурустӣ дар восиатҳои ахбори омма вобаста аст.

- **Таъсирбахшӣ** дарачаест, ки то ба он ҳад барнома ё лоиҳаи додашуда ба ҳадафҳову вазифаҳои гузошташуда ноил шудааст.

- **Таъсир** натиҷаи дарозмуддати таъсирбахшии барнома ё лоиҳаи додашуда аст. Таъсир чаҳор навъ мешавад: самаранокӣ, таъсирбахшӣ, навоварӣ ва хатар.

Ҳангоми арзёбӣ кардани барномаҳову лоиҳаҳои ТИКР, на танҳо натиҷаи амалисозии воситаҳои ТИК, балки ба ҳисоб гирифтани унсурҳои «таъсирбахшӣ» ва «таъсир» низ зарур аст.

Арзёбии лоиҳаҳои ТИКР омӯзиши илмӣ нест. Он марзҳои донишро тавсеа намебахшад ва дар рафти он китоб ҳам навишта намешавад. Арзёбии ТИКР барои вокуниш нишон додан ва ҳал кардани масъалаҳои воқеии ҷаҳон ва таъмини роҳҳои ҳал ба он масъалаҳо тарҳрезӣ шудааст. Бо далелҳои зерин арзёбии ТИКР муҳим аст:

- Ба ифодаи содда, арзёбӣ барои донистани он зарур аст, ки оё чорасозии ТИКР барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ноил шудааст ва ё на.
- Ҳамчун воситаи банақшагирӣ, арзёбӣ барои муайян кардани он зарур аст, ки оё чорасозии ТИКР ниёзҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, сармоягузорону муассисаҳои маблағгузор, агентиҳои амалисозанда ва баҳрабарандагонро қонеъ кардааст ва ё на.

- Арзёбӣ барои муайян кардани он зарур аст, ки чорасозии ТИКР дар муддати тӯлонӣ аз нигоҳи молиявӣ ва иҷтимоӣ пойдор аст ва ё на.
- Арзёбӣ барои муайян кардани он зарур аст, ки оё сармоягузорӣ ба чорасозии ТИКР лозим ва сазовор аст ва ё на.
- Арзёбӣ низ метавонад дар муайян кардани он судманд бошад, ки оё чорасозии ТИКР имконияти густариш, такрор ва ё тавлиди таҷрибаҳои беҳтаринро дорад, ки метавонанд ҳамчун стандартҳои меъёрӣ хизмат кунанд.

Омилҳо ва вазъиятҳои гуногун ба комёбӣ ва ё нокомии барномаҳову лоиҳаҳои ТИКР таъсир мерасонанд. Вале чизи ошкор он аст, ки яке аз омилҳои асосии ба комёбӣ ва ё нокомӣ саҳмгузоранда сармоягузории вақт, захира ва талош дар ҷамъоварии иттилоот тавассути омӯзиш ва ворид намудани натиҷаҳои омӯзиш ба банақшагирӣ, тарҳрезӣ, амалисозӣ ва истифодабарӣ мебошад.

11.2 Марҳилаҳои арзёбӣ

Марҳилаҳои гуногуни арзёбӣ вуҷуд доранд. Ба таври васеъ, онҳо ба се категория ҷудо мешаванд: нақшавӣ, равандӣ ва ҷамъбастӣ.

Арзёбии нақшавӣ пешакӣ ва ё дар оғози барнома ё лоиҳа баргузор мегардад. Ҷамъоварии додаҳо дар ин марҳила барои баён кардани ҳадафҳову стратегияҳои умумӣ ва мушаххас, таҳия намудани маводҳои протокол ва такмил додани лоиҳа кӯмак мерасонад. Ҷузъҳои барҷастаи арзёбии нақшавӣ инҳоянд:

- Омӯзиши пешдастӣ – Гувоҳиҳои ҷамъоваришуда ин ҷо барои фаҳмидани баҳрабарандагони мавриди ҳадаф, хусусиятҳои онҳо, ниёзу мушкилиҳои онҳо кӯмак мерасонанд. Масъалаҳои марбут ба ин баҳрабарандагон аз ҷумла сатҳи донишу маълумот, мақоми иҷтимоиву иқтисодӣ ва мушкилиҳои гендериро дар бар мегиранд. Тавассути пажӯҳиши пешдастӣ додаҳо дар бораи дастрасӣ, мавҷудият ва дастрасии иқтисодии ТИК-и гуногун дар муҳити маҳаллӣ, ниёзҳо ва интизориҳои махсус аз лоиҳаи ТИКР низ ҷамъоварӣ мегарданд. Ин иттилоот барои тарҳрезӣ намудани лоиҳаи муассиртари ТИКР имкон фароҳам меорад.

- Санҷиши озмоишӣ ё прототипӣ – Мақсади озмоиш ё санҷиши барнома арзёбӣ намудани маҳсулот, муҳтаво ва ҷанбаҳои техникӣ аз нуқтаи назари баҳрабарандагон мебошад. Санҷиш махсусан ба он хотир аст, ки чӣ гуна таҳия ёфтан ва ворид кардани муҳтавои донишу вазифаҳо, сохтор, тартиб, тугмачаҳои навигатсионӣ, суръати муҳтаво, дараҷаи интерактивӣ ва осонии навигатсияву истифодаи он озмуда шаванд. Иттилооти аз ин санҷиш ба даст омада барои тарҳрезии беҳтари чорасозиҳои ТИКР ва мутобиқсозии он ба талаботи баҳрабарандагон кӯмак хоҳад расонд.

- Харитасозии захираҳо – Талоши дарёфти системаҳои мавҷудае мебошад, ки корбарон барои истифодаи васеи чорасозии ТИКР ба кор мебаранд. Ин системаҳо метавонанд дастрасии одамонро ба Интернет, телефонҳои мобилӣ, телемарказҳо ва созмонҳои маҳаллӣ, ки барои пешбурди чорасозии ТИКР судманд мебошанд, таъмин кунанд. Маҳз ҳамин нуқтаҳо дар харита сабт ва ишора карда мешаванд.

Арзёбии раванд муҳим аст. Он арзёбии мониторингӣ ё мутаносиб низ номида мешавад. Арзёбии мониторингӣ ё мутаносиб одатан маънои арзёбии давомдор, ҷорӣ ва пайдарпайи корҳои ба нақша гирифташударо дорад. Дар барномаҳову лоиҳаҳои рушд, мониторинг барои чанд мақсад дар фосилаҳои пайваста анҷом дода мешавад:

- Арзёбии фаъолияти лоиҳа ё барнома мақсади нахустин аст. Додаҳои ҷамъоваришуда бо ҳадафҳои лоиҳа барои пешниҳод намудани чораҳои ислоҳие муқоиса мешаванд, ки ҳангоми зарурат андешидан лозиманд. Ин мақсади равшан ва раванди системавии ҷамъоварӣ ва истифода додаҳоро дар назар дорад.

- Мониторинг (пайгирӣ) ва ё арзёбии раванд низ барои арзёбии сифату миқдори хароҷоту маҳсулот (натиҷаҳо), фаро гирифтани ҷанбаҳои молиявӣ ва муайян кардани дигаргуниҳои дарназардошта дар ҷамоаи баҳрабарандагон зарур аст.

- Мақсади севуми мониторинг ё арзёбии раванд санҷиши фаъолияти созмоне мебошад, ки барои барнома ё лоиҳа масъул аст. Дар баъзе мавридҳо, албатта, на ҳамеша ин созмон ва шахсони вобастаи он метавонанд баҳрабаранда бошанд. Ин арзёбӣ ба он хотир анҷом дода мешавад, ки

омилҳои бисёр метавонанд сабаби комёбӣ ва ё нокомии лоиҳа бошанд; бисёре аз ин омилҳо одатан ба созмонҳое марбутанд, ки ба таъмини натиҷаи ниҳоӣ масъуланд.

- Арзёбии раванд низ метавонад аз ҷониби муассисаи маблағгузор супориш шавад. Барои мисол, гузоришҳои солона оид ба пешрафт дар самти расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола моҳиятан арзёбии раванди пешрафт дар муҳити миллӣ мебошанд.

Арзёбии ҷамъбастӣ пас аз анҷом ёфтани барнома ё лоиҳа ва дар заминаи кори рушд амалӣ мегардад. Ин арзёбӣ «дар муқоиса ба мониторинг, озмоиши жарф (амиқ), ҳамаҷониба ва дар замони муайян дар мавриди барномаҳо, лоиҳаҳо ва ё созмони дахлдор мебошад. Он одатан таъсири лоиҳаро ба одамон ва аз ин рӯ, аҳамият, таъсирбахшӣ, самаранокӣ, пойдорӣ ва татбиқпазирии онро дар ҷойи дигар баррасӣ мекунад».[223]

Бо арзёбии ҷамъбастӣ мо метавонем сабабҳои комёбӣ ва нокомиро таҳлил намоем, ҷиҳатҳои пурзӯр ва сустро муайян созем ва тавсияҳои мушаххас барои иҷроиши минбаъдаи ҳам барномаҳои инфиродӣ ва ҳам кулли система пешниҳод кунем. Маҳз дар ҳамин заминаҳо, арзёбии ҷамъбастӣ метавонад ба масъалаҳое чун пойдории молиявиву иҷтимоӣ, татбиқи такрорӣ, густариш ва ё қатъи фаъолият вокуниш нишон диҳад ва «таъсир гузорад».

Бештари вақт, арзёбии ҷамъбастӣ барои ташаббусҳои ҳукумативу сармоягузорӣ ногузир ва ҳатмӣ мебошад. Аксаран ин омӯзиши ниҳоӣ дар ихтиёри муассисаҳои мустақили мониторинг ва арзёбӣ вогузор карда мешавад. Арзёбии ҷамъбастие, ки аз ҷониби муассисаи берунӣ анҷом дода мешавад, бештари маврид эътимоднокии таъсири лоиҳаро афзуда, соҳаҳои муҳимеро барои рушд ташхис мекунад, ки пештар ба ҳисоб гирифта нашуда буданд.

11.3 Рӯйкардҳо, методологияҳо ва абзорҳо

Мақсади арзёбӣ рӯйкардро муайян менамояд. Ба таври васеъ рӯйкардҳоро метавон ба миқдориву сифатӣ синфбандӣ кард.

Рӯйкардҳои миқдорӣ шумора ё миқдорро андозагирӣ мекунанд ва аз ин рӯ ченакҳои миқдориро истифода мебаранд. Онҳо ба омӯзиши ҷомеашиносӣ, махсусан, ҳангоми ҷамъоварии бузургмиқёси додаҳо ва умумиятбахшии онҳо хос мебошанд. Ҳадафи рӯйкардҳои миқдорӣ санҷидани фарзия ва одатан муайян намудани тафовутҳои миқдорӣ дар байни гурӯҳҳо мебошад.

Рӯйкардҳои сифатӣ бо он сарукор доранд, ки одамон таҷрибаҳо ё худ сифатҳои худро чӣ гуна мефаҳманд. Барои фаҳмидани нақши фарҳангҳову контекстҳои маҳаллӣ дар истифодаи ТИК, моро зарур аст, то пажӯҳиши сифатӣ анҷом диҳем. Ҳамин гуна, барои дарки таъсири муносибатҳои гендерӣ ба раванди истифодаи ТИК методологияи пурсиш дар шакли саволномаҳо кифоя нест. Мо бояд барои ҷамъоварӣ кардани иттилооти жарф ва фарогир рӯйкардҳои сифатиро истифода барем. Барои фаҳмидани рухдоди гузашта, бояд рӯйкарди таърихиро истифода барем ва адабиёти мавҷударо омӯзем. Ҳамчунин, шояд бо чанд нафар мусоҳиба ороем, ки дар он замон зиста, ҳодисаеро аз сари худ гузаронидаанд.

Агар ба фаҳмидани муносибатҳои сабабу натиҷа (таъсир) ва дарёфти онҳо ҳавасманд бошем, ки оё воқеан мудохилаи ТИКР боиси таъсири муайяне шудааст, методологияҳои миқдорие чун методи озмоиширо ба кор хоҳем бурд. Агар дар бораи масъалаи ҷамоаи мушаххасе фаҳмиши жарфтаре доштан хоҳем, корбурди методологияҳои сифатии мисоли таърихӣ ва мисоли омӯзишӣ зарур мебошанд.

Барои ба даст овардани фаҳмиши пурратар, ҳамон тавре ки бештари вақт анҷом дода мешавад, мо метавонем маҷмӯи рӯйкардҳои миқдориву сифатиро истифода барем. Воситаҳои интихобшуда барои ҳар як арзёбӣ бояд бо ҳадафҳои арзёбӣ муносибат дошта бошанд, ки дар навбати худ методологияро муайян мекунанд. Ба ифодаи содда, рӯйкарди арзёбӣ аз ҳадафҳо иборат аст. Методология равише мебошад, ки мо бар асоси он ва дар чорчӯбаи он пажӯҳишеро амалӣ менамоем. Абзорҳо бошанд, воситаҳое мебошанд, ки бо истифода аз онҳо додаҳоро ҷамъоварӣ мекунем. Ҳар яке ба дигаре аз нигоҳи сифати арзёбӣ таъсир мерасонад.

Аз худи оғоз, равшан кардани мақсаду ҳадафҳои кори арзёбӣ муҳим аст. Он муайян хоҳад кард, ки чӣ бояд ва набояд, чӣ гуна ва кай арзёбӣ шавад. Ин на ҳамеша имконпазир аст, вале муқаррар

[223] Reidar Dale, *Evaluating Development Programmes and Projects*, 2nd edition (New Delhi, Sage Publications, 2004), p. 50.

намудани чорабиниҳои арзёбӣ дар мавриди ҳадафҳову мақсадҳои барнома ё лоиҳа бештари вақт судманд аст.

Ченакҳои асосӣ барои муайян кардани судмандии рӯйкард ва методи татбиқшаванда инҳоянд:
- жарфнокии омӯзиш ва эътибори минбаъдаи додаҳо;
- вижагии миқдории додаҳо ва
- хароҷоти нисбии додаҳо дар муқоиса ба таъсирбахшии метод.

11.4 Методологияҳои арзёбӣ

Барои арзёбӣ чанд методи омӯзишӣ вуҷуд дорад. Онҳоро метавон алоҳидаву мустақилона ё дар омезиш бо ҳамдигар истифода бурд. Воқеан бештари вақтҳо, ба хотири такмил додани сифат, эътибор ва эътимоди кори арзёбӣ маҷмӯи методҳо истифода мешаванд. Барои тасдиқи бозёфтҳо коршиносон методологияҳо ва сарчашмаҳои гуногунро истифода бурда, додаҳои ҷамъоваришударо муқоиса мекунанд.

Методологияҳои миқдорӣ

Навъи маъмултарини методологияи миқдорӣ пурсиши интихобист, ки барои таҳлили ҷамъулҷамъ,[224] масалан дар бораи рафтор аз рӯи таҳлили додаҳои бақайдгирии аҳолӣ, имконият фароҳам меорад. Асосан шумори сарикасӣ, ки дар бораи сифати умумии хусусиятҳои аҳолӣ иттилоъ медиҳад, барои фаҳмиши умумӣ судманд аст. Вале он барои фаҳмидани рафтори мушаххас мувофиқ нест. Хароҷоти таҳлили умумӣ нисбатан кам аст, вале аз рӯи дараҷаи дурустӣ ва пешгӯипазирӣ низ метавонад камтар натиҷа диҳад.

Пурсишҳои майдонӣ дар ҷамъоварии доираи васеи додаҳои миқдорӣ афзалияти бузург дошта, барои фаҳмидани шеваҳои рафтор дар миқёси густурда аз мушоҳидаҳои нисбатан хурди интихобӣ имкон фароҳам меоранд. Вале дар истифодаи пурсишҳо душвориҳо низ вуҷуд доранд. Вазъиятҳои дорои тағйирёбандагии бузург, ба монанди гуногунии забонҳо, образи зиндагӣ, муносибатҳо, заминаҳои иқтисодиву қавмӣ ва низ набудани иттилооти асосӣ барои содда намудани тартиботи интихоб душворӣ эҷод менамоянд. Макро-пурсишҳо ба мо иттилооти жарф ва хостаниро дода наметавонанд. Дар айни ҳол, пажӯҳиши сатҳи микро ҳам наметавонад барои ҷамъбасти умумӣ ҳамчун асос хизмат кунад. Дувумин нуқсони асосии рӯйкарди пурсиш ин аст, ки он миқдори зиёди дониши пеш аз пажӯҳишро талаб менамояд. Он маҳдудиятҳо барои масъалаҳои пурсидашаванда мегузорад, чунки барои миқдоран муқоиса кардани додаҳо категорияҳо бояд ба осонӣ рамзбандӣ шаванд.

Дар ҷустуҷӯи муносибатҳои сабабу натиҷа, дар кишварҳои дар ҳоли рушд омӯзишҳои озмоишӣ хеле васеъ истифода мешаванд. Дар озмоиш кӯшиш мешавад, то бартариҳои шароити лабораторӣ ва пурсиши майдонӣ ва омӯзиши мисолӣ дар муҳити маҳаллӣ ҳамгиро гардад. Афзалияти асосии озмоиши саҳроии идоранашаванда мисли ҳамаи озмоишҳо яксон аст: он фарзияро ба талаботи ниҳоии озмоиши майдонӣ таҳия менамояд. Нуқсонҳои асосӣ марбут ба набудани муқоиса бо ҷамоаест, ки дар он барномаи ТИКР ҷорӣ нашудааст.

[224] Таҳлили ҷамъулҷамъ омӯзиши бузургиҳои тағйирёбанда, яъне омилҳое, ки ба системаҳои бузурги иҷтимоӣ марбутанд, мебошад.

Тасвири 40. Марҳилаҳои арзёбии ТИК дар соҳибкорӣ ва ТИКР

Марҳилаҳои арзёбии таъсир	ТИ- и тиҷоратӣ (бар асоси Зубофф, 1988)	ТИК барои рушд
Натиҷаҳои зуд, шуморидашаванда ва чашмрас	Худкор кардан: андозагирӣ кардани ҷанбаҳои техникии ТИК (суръати мубодилаи иттилоот, дурустӣ ва саривақтӣ)	Ҳаяҷон (эйфория): натиҷаҳои шуморидашаванда (шумораи компютерҳо, шумораи корбарон, суръати истифодаи шабакаи фарохнавор, телезичӣ, сатҳи саводнокии электронӣ ва ғайра)
Натиҷаҳои миёнамуддат, андозагиришаванда ва асосан чашмрас	Иттилоотӣ кардан: истеҳсоли ТИ ва амалисозии лоиҳа	Мусоидаткунанда: натиҷаҳои иқтисодӣ (тавлиди даромад, имкониятҳои соҳибкорӣ ва ғайра)
Таъсирҳои ғайри қобили андозагирӣ ва чашмнорас	Тағйир додан: дурнамои хизматрасонӣ, манфиатҳои чашмрас (эътимод, садоқат, бренд (нишон) ва ғайра)	Моликияти ғайримоддӣ: натиҷаҳои илҳомбахш (соҳибқудратӣ, эҳтиром ба худ ва худшоистагӣ; муттаҳидии иҷтимоӣ ва сохтори иҷтимоӣ); тавонмандсозии шаҳрвандон (муносибат бо ҳукуматҳо); омилҳои инфиродишудаи ҳавасмандӣ (муваффақият, эътироф)

Сарчашма: *Ricardo Gomez and Shaun Pather, "ICT Evaluation: are we asking the right questions?", paper presented at the International Development Informatics Conference in Cape Town, South Africa, 2010, p. 9, http://faculty.washington.edu/rgomez/conferences/2010%20Evaluating_ICT%20IDIA2010%20Cape%20Town.pdf.*

Методологияҳои сифатӣ

Методҳои таърихи мисолӣ, мисоли омӯзишӣ (-и ҷамоаҳои маҳаллӣ) ва омӯзиши озмоишӣ ба таври пурра ва фарогир дар бораи таърихи дигаргунии мушаххасе маълумот медиҳанд. Ин гуна омӯзиши пурра ва фарогир барои хулоса баровардан дар бораи муносибати байниҳамдигарии ҷузъҳои гуногуни дигаргунӣ мусоидат мекунанд. Таърихи мисолӣ ва омӯзиши мисолӣ методҳои пешбарандаи пажӯҳиш дар кишварҳои дар ҳоли рушд буда, барои фаҳмиши дурусту жарфи мушкилиҳову пайомадҳо кӯмак мерасонанд. Вале чун ин методҳо дар асл сатҳи микро (маҳаллӣ)-ро тавсиф мекунанд, умумиятбахшии онҳо барои доираи васеи аҳолӣ қариб ғайриимкон аст. Методҳои мушоҳидаи иштирокӣ ва ғайрииштирокӣ, мусоҳибаҳои жарф бо шахсон ва фокус-гурӯҳ бо ҷамоаҳо бештар ҳамчун воситаҳои ҷамъоварии тасаввуроту фаҳмишҳое истифода мешаванд, ки аз доираи омори дарсадӣ ва оддӣ фаротар мераванд.

Интихоб кардани методи аз ҳама созгор барои анҷом додани вазифаи махсуси омӯзишӣ кори осон нест. Омезиш додани методҳову абзорҳои гуногун ҳамчун андозагирии изофии арзёбӣ оқилонатар мебошад. Ин ҷо ҳадаф баррасӣ намудани методҳои арзёбӣ нест. Балки дар маърази диққат арзёбии лоиҳаҳои ТИКР ва вижагиҳои беназири он қарор дорад.

Тартиби таҳлили додаҳо

Бо истифода аз додаҳои фаровоне, ки тавассути равишҳову воситаҳои миқдориву сифатӣ ҷамъоварӣ мешаванд, ба таври дақиқ ва муътамад таҳлилу муайян кардани мушкилиҳову бозёфтҳои асосӣ кори осон нест. Бештари вақт маҳз дар ҳамин марҳилаи таҳлили додаҳост, ки арзёбӣ ба нокомӣ гирифтор мешавад. Дар рафти арзёбии татбиқи воситаҳои ТИКР гароише вуҷуд дорад, ки таваҷҷуҳи асосӣ ба ТИК равона гардида, дигар ҷанбаҳо сарфи назар мешаванд. Ё баръакс, ТИК паси парда мемонад, чун омилҳои дигар муҳимтар ба назар мерасанд.

Дар ҷомеашиносӣ ва омӯзишҳои марбут ба арзёбӣ, нармафзор барои методҳои мураккаби ҷадвалбандиву таҳлили додаҳо вуҷуд дорад. Имрӯз, ҳеҷ зарурате нест, ки арзёбикунанда аз омор ё риёзиёт, ки асоси аксари омӯзишҳои ҷомеашиносӣ мебошанд, ҳаросад ё парешонҳол шавад. Барои арзёбӣ муҳимтар он аст, ки мо чиро мехоҳем арзёбӣ кунем, кадом тартиби методологиро пайгирӣ мекунем ва кадом принсипҳои таҳлили додаҳоро ба кор мебарем.

Ҳамаи ин маънои онро дорад, ки тартиби таҳлили додаҳо, сарфи назар аз он ки онҳо тавассути истифодаи омор ва ё тавассути таҳлили омӯзиши мисолӣ ва мусоҳибаҳо ҷамъоварӣ шудаанд, бояд барои барномаҳову лоиҳаҳои ТИКР дарк ва татбиқ шаванд.

11.5 Арзёбии татбиқи воситаҳои ТИКР

Чуноне ки аз таъриф ҳам бармеояд, арзёбии барномаҳову лоиҳаҳои ТИКР аз арзёбии лоиҳаи мустақилонаи рушд тафовут дорад. Дар ҳоле ки методологияи арзёбии ҷорисозии воситаҳои ТИКР метавонад бо методҳое монанд бошад, ки дар дигар лоиҳаҳои рушд истифода мешаванд, навъи иттилооте, ки арзёбии ТИКР бояд ба бор орад, аз доираи равишҳои арзёбии анъанавӣ берун меравад.

Барои арзёбии татбиқи воситаҳои ТИКР, мо метавонем саволҳои гуногунеро пурсем, ки ҷиҳатҳои гуногуни равандро шарҳ медиҳанд. Масалан, агар мо технологияро арзёбӣ карданӣ бошем, метавонем саволҳое диҳем, ки ба ҷанбаҳои зерин алоқаманданд:

- Сатҳҳои сахтафзору нармафзор, ки аз ҷониби корбар барои самаранок истифода бурдани ТИКР талаб карда мешавад;
- Оё лавозимоти изофие чун таҷҳизоти дастрасӣ, кортҳои садо ва акселераторҳои графикӣ барои фаъол кардани барнома заруранд;
- Оё маҳсулот ё натиҷа барои кор дар веб ё оффлайн омода аст; оё онро дар қолибҳои мухталифи ТИ ва тавассути расонаҳои гуногун метавон интиқол дод;
- Хароҷоти технология барои корбар кадомҳоянд;
- Механизмҳои интиқол аз ҷониби корбар кадомҳоянд.

Барои арзёбӣ кардани муҳтаво ва таҷрибаи корбар, баъзе саволҳои пешниҳодшуда метавонанд ба нуктаҳои зер робита дошта бошанд:

- Иттилоот ва муҳтаво дар робита ба андоза ва сатҳи фаҳмиши корбарон;
- Забон ва саводе, ки барои истифодаи муҳтаво зарур аст;
- Усули муаррифӣ ва ташкили муҳтаво ва вазифаҳо, аз ҷумла бознигарии сохтор, тартиб, навигатсия, суръати муҳтаво, интерактивнокӣ ва ғайра;
- Усули истифодаи унсурҳои расонаӣ;
- Усули ташкили системаи навигатсионӣ;
- Муаррифӣ ва бастабандӣ.

Ҳикс ва Молла[225] таҳлили ҳамаҷонибаи равандҳову чорчӯбаҳои мавҷударо барои арзёбии таъсири густурдаи лоиҳаҳои ТИКР баргузор кардаанд. Дар ин ҷо мақсад такрори талошҳои Ҳикс ва Молла набуда, балки пурра кардани он бо равишҳои гуногуни таҳқиқу арзёбии ТИКР мебошад. Ҳар равише, ки интихоб нашавад, методҳову воситаҳои таҳқиқотӣ бояд бодиққатона, бо чашмандози равшан ва бо расоӣ интихоб шаванд; бо ин роҳ, имкон фароҳам ояд, ки додаҳои умуминигор ва жарфнигор ба саволҳои асосии додашуда ва ҳадафҳои асосии татбиқи воситаҳои ТИКР ҷавобгӯ бошанд.

Бештари вақт, бахши муҳимтарини арзёбии лоиҳаҳои ТИКР – арзёбии ҷанбаҳои идоракунии лоиҳа – дар гузоришҳои арзёбии ТИКР ба назар гирифта намешавад. Ҷанбаҳои идоракунии лоиҳа муҳиманд, чунки онҳо ба комёбӣ ва ё нокомии амалисозии воситаҳои ТИКР таъсири ҳамаҷониба мегузоранд. Вале аксари маводҳои ошкоро дастрас оид ба лоиҳаҳо, омӯзишҳои мисолӣ ва амалияҳои беҳтарин он гузоришҳои сахроие мебошанд, ки бар арзёбии таъсирбахшӣ ба баҳрабарандагон асос ёфтаанд. Дар бораи равандҳо ва арзёбии воқеъбинонаи натиҷаҳо, ки иттилооти идоракунии лоиҳаро дар бар мегиранд, дар фазои дастраси умум ҳуҷҷатгузории хеле кам вуҷуд дорад.

Ин танҳо ба миқдори зиёди иттилооте асос меёбад, ки дигарон ба талошҳои монанд аз таҷрибаи ҳамсолон ёд мегиранд ва вақту имконияти арзишманди худро сарфа мекунанд. Фаъолиятҳои гуногуни анҷомшуда низ бояд сабт карда шаванд. Масалан, ченакҳои идоракунӣ барои нақшаҳо, гузоришҳо аз машваратҳои ҷонибҳои манфиатдор, шартномаҳо, нақшаҳои омӯзишӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, харитасозии захираҳо, буҷетҳову ҳисоби хароҷот, таъминот, қарорҳои қабулшуда дар лоиҳа, нақшаҳои интихоби посухдиҳандагон, таълим ва арзёбии кормандон, методҳои назорати майдонӣ, омодасозӣ ва озмоиши пешакии мавод, коркард ва идоракунии додаҳо, мониторинги лоиҳа ва

[225] Richard Heeks and Alemayehu Molla, “Impact Assessment of ICT-for-Development Projects: A Compendium of Approaches”, Development Informatics Working Paper Series, Paper No. 36, Institute for Development Policy and Management, University of Manchester, 2009, http://www.sed.manchester.ac.uk/idpm/research/publications/wp/di/documents/di_wp36.pdf.

омодасозии гузориш – ҳамаи инҳо ҳуҷҷатгузории муҳими таърихиро ташкил медиҳанд, ки метавонад сабабҳои комёбӣ ва нокомиро муайян ва тавсиф намояд. Инҳо соҳаҳое мебошанд, ки дар мавриди онҳо иттилооти хеле кам вуҷуд доранд ва аз ин рӯ, бояд додаҳои зарурӣ ҷамъоварӣ ва ҳифз шаванд.

Мисоли 33. Арзёбӣ кардани лоиҳаи ТИК дар музофоти Нинсяи Чин

Пештар, дар мисоли 5, лоиҳаи ТИК дар Нинся ҳамчун мавриди хуби истифодаи ТИК барои кишоварзӣ ва некуҳволӣ тасвиф шуда буд. Барои фаҳмидани таъсири дарозмуддати ТИК ба ҷамоаи деҳнишин раванди татбиқи ТИК ба таври васеъ харитасозӣ ва арзёбӣ шудааст.

Барои арзёбии рушди пойдори некуаҳволӣ методи арзёбии таъсир як қатор методҳои пажӯҳишии миқдорӣ ва сифатиро истифода бурдааст. Барои ҷамъоварӣ ва таҳлили додаҳо методҳое чун мутолиаи адабиёт, пурсиш, таҳлили додаҳо ва санадҳои дувумдараҷа, мусоҳиба бо пурсидашавандагон (информантҳо)-и асосӣ ва муҳокимаҳои фокус-гурӯҳӣ бо ҷонибҳои манфиатдори лоиҳа ба кор бурда мешаванд.

Пурсиши интихобӣ дар 628 хонавода аз 54 деҳа, ки дар 24 шаҳраки нӯҳ округи музофоти Нинся воқеъ гардидаанд, гузаронида шуд. Ба ҳисоби миёна, ҳар як округ шаш деҳа дорад, гарчанде ин шумора аз як ҷо ба ҷои дигар фарқ мекунад. Ба ҳисоби миёна шумораи хонаводаҳо дар ҳар як деҳа 10-то мебошад. Барои баргузидани мусоҳибон ҷанбаҳои гуногуне чун синну сол, ҷинс, миллат, маълумот, шуғл ва камбизоатӣ ба назар гирифта шуд.

Натиҷаҳои омӯзиш нишон доданд, ки дар натиҷаи сохтани зерсохтори ТИК ҳар як деҳа ба шабака пайваст шуда, хоҷагидорон (фермерон) роҳҳои нави дастрасӣ ба иттилоотро пайдо карданд. Телевизион, маркази иттилооти деҳа, паёмрасони деҳа ва паёмҳои мобилӣ сарчашмаҳои асосии иттилоот барои сокинони деҳа буданд. Онҳо гузориш додаанд, ки лоиҳа барои такмил додани сифати ҳаёти онҳо саҳми бузург гузоштааст. Арзёбии таъсир раванди эҷоди тавонмандии инсонӣ дар деҳаҳо, тақвияти сармояи иҷтимоиву молиявӣ ва коҳиши осебпазириҳоро низ ошкор намудааст.

Аҳамияти ин гуна арзёбии таъсир аз он иборат мебошад, ки фаҳмишеро ба вуҷуд меорад, ки ҳангоми беҳбуд бахшидан ва ё аз нав ба роҳ мондани лоиҳа бояд ба он вокуниш нишон дода шавад. Иштибоҳҳои пешинаро ислоҳ карда, метавон ба пешрафт ноил гардид.

Эътироф бояд кард, ки анҷом додани чунин арзёбии таъсир вазифаи мураккаб ва ҳатто вақтталаб буда, аз пажӯҳишгарон дониш, маҳорат ва салоҳияти васеъро талаб менамояд. Вале бе чунин арзёбӣ, фаҳмидани заминаҳову шароите, ки ба комёбӣ ва ё нокомии лоиҳаҳои ТИКР равона шудаанд, имконнопазир хоҳад буд.

Сарчашма: *Nie Fengying et al., "Evaluation of a rural information project in Ningxia, China", in Strengthening Rural Livelihoods: The Impact of Information and Communication Technologies in Asia, David J. Grimshaw and Shalini Kala, eds. (Ottawa, IDRC, 2011), pp. 109-132, http://idl-bnc.idrc.ca/dspace/bitstream/10625/45947/1/132419.pdf.*

Нуктаҳо барои ёддошт:

- Арзёбӣ раванди давомдор ва бахши хеле муҳими ҳама гуна лоиҳаҳои рушд, аз он ҷумла лоиҳаҳое, ки дар онҳо ТИК бахши таркибии лоиҳаро ташкил медиҳад, ба шумор меравад.

- Арзёбӣ, мумкин аст, дар марҳилаҳои шаклгирӣ (пешин), иҷроиш (раванд) ва ҷамъбастӣ (пасин)-и лоиҳа сурат гирад.

- Ду раванди ҳукмрон барои арзёбии лоиҳаҳои рушд равандҳои миқдорӣ ва сифатӣ мебошанд. Ҳар кадом дорои методологияҳову воситаҳои хоси худанд.

- Барои арзёбии ҳамаҷониба, ин ду равандро метавон дар алоҳидагӣ ва ё дар якҷоягӣ истифода бурд.
- Лоиҳаҳои ТИКР гуногунанд, чунки онҳо омилҳои навро ба миён меоранд, дар назари ҷамъият рух медиҳанд ва барои амалисозии онҳо сармоягузории зиёди вақту маблағ зарур аст.

- Ҳуҷҷатгузории ҳама гуна фаъолиятҳои дохиливу берунии лоиҳа бахши муҳими арзёбӣ мебошад, чунки баъзан ин фаъолиятҳо сабабҳои комёбӣ ва нокомиро маълум мекунанд.

Хулоса

Мақсади ин бахши арзёбии лоиҳаҳои ТИКР пешниҳоди муқаддима ва фаҳмиши бунёдӣ дар ин мавзӯъ аст. Арзёбӣ раванди давомдор ва қисми хеле муҳими ҳамаи лоиҳаҳои рушд, аз он ҷумла лоиҳаҳое, ки дар онҳо аз ТИК истифода бурда мешавад, ба шумор меравад.

Дар лоиҳаҳои рушд таҷрибаҳои зиёди арзёбӣ ва баҳогузорӣ вуҷуд доранд. Новобаста ба ин, ба лоиҳаҳои ТИКР, ки дар онҳо арзёбиҳои нақшавӣ, равандӣ ва ҷамъбастӣ ҷузъҳои пешбаранда ва тарҳрезикунандаи нақшаҳои оянда мебошанд, кам диққат дода мешавад. Дар муқоиса ба арзёбиҳои анъанавии рушд, ТИКР ба унсурҳои изофии арзёбӣ ниёз доранд. Ин дар ҳолест, ки ТИКР дар самтҳои гуногуни ҷомеа мудохила карда, унсурҳои хеле гуногун чун технологияҳо, муҳтавоҳо ва таҷрибаҳои корбарро татбиқ мекунанд.

Дар лоиҳаҳои ТИКР ҳуҷҷатгузории ҳама гуна фаъолиятҳои дохиливу берунии лоиҳа қисми муҳими арзёбист. Имкон дорад, манзараи ҷомеи татбиқи ТИКР ба даст ояд ва мо тавонем нақши ТИК-ро барои рушд хубтар фаҳмем.

Машқи амалӣ

Дар машқи амалии боби 7 сенарияе оварда шудааст, ки дар он ҳукумати маҳаллӣ веб-портале таҳия кардааст ва тавассути он шаҳрвандон метавонанд арзу шикоятҳои худро дар робита ба хадамоти коммуналӣ – об, заҳкашӣ ва нерӯи барқ – ба таври бархатӣ (онлайнӣ) изҳор намоянд. Вале як сол пас аз оғози кори портал, мансабдорони ҳукумат дарёфтанд, ки ягон корбаре аз он истифода намебарад. Машқи пешин аз шумо хоста буд, ки роҳҳои дубора фаъол кардани порталро пешниҳод намоед.

Ин ҷо ҳукумати маҳаллӣ боз ба шумо муроҷиат карда, дархост менамояд, то барои арзёбии портал пешниҳоде тарҳрезӣ кунед.

Рӯйхати он чиро, ки ба таври зер муайян мекунед, тартиб диҳед:

- Ҳадафи арзёбӣ;
- Равише, ки мехоҳед пайгирӣ кунед;
- Воситаҳое, ки барои ҷамъоварии додаҳо истифода хоҳед бурд;
- Навъи гузорише, ки барои пуштибонӣ аз дигар кардани тарзи идоракунии лоиҳа омода хоҳед кард.

Худро бисанҷед

1. Арзёбии лоиҳаи ТИКР бояд дар кадом давра амалӣ гардад:

а. Танҳо дар давраи анҷоми лоиҳа;
б. Дар миёнаи амалисозии лоиҳа;
в. Пеш аз саршавии лоиҳа;
г. Пайваста, пеш аз оғози лоиҳа ва пас аз анҷоми он.

2. Рӯйкарди арзёбии ТИКР-ро чӣ муайян менамояд?

а. Методология ва воситаҳои мавҷуда;
б. Маҳоратҳои омӯзишӣ;
в. Мақсади арзёбӣ;
г. Намуди додаҳои зарурӣ.

3. Кадоме аз воситаҳои зерин абзори миқдорӣ нест?

а. Ҷадвал (тартиби кор) барои мусоҳиба;
б. Рӯзнома барои сабти омӯзиши мисолӣ;
в. Озмоиш;
г. Пурсишнома.

4. Арзёбии ТИКР аз арзёбии анъанавии барномаи рушд тафовут дорад, чунки:

а. Навъи саволҳое, ки вокуниш ва посух металабанд, аз ҳудуди арзёбиҳои анъанавӣ фаротар мераванд;
б. Аз ягон арзёбии дигар комилан тафовут надорад;
в. Хеле гаронбаҳост;
г. Арзёбиҳои ТИКР танҳо бо технологияҳо сарукор доранд.

5. Бештари вақт, белаёқатии мо дар фаҳмидани комёбӣ ё нокомии лоиҳаҳои ТИКР дар он аст, ки:

а. Мо технологияро намефаҳмем;
б. Мо рушдро намефаҳмем;
в. Равандҳои дохилиро ҳуҷҷатгузорӣ намекунем;
г. Ҳеҷ кадом аз мавридҳои болоӣ.

Феҳристи адабиёти иқтибосшуда ва хониши иловагӣ:

Accenture, Markle Foundation ва UNDP. *Creating a Development Dynamic: Final Report of the Digital Opportunity Initiative.* 2001, http://www.markle.org/publications/243-creatingdevelopment-dynamic-final-report-digital-opportunity-initiative.

Alasuutari, P. ва дигарон. The SAGE Handbook of Social Research Methods. Sage Publications.

Ali, Moi ва дигарон. Managing for Excellence. Dorling Kindersley Limited, 2009.

Apentibadek, Norbert ва Martine Koopman. Multimedia Centres for Farmers and Health Workers: Lessons learned from the Association of Church Development Projects (ACDEP). IICD Learning Brief, January 2011. http://www.iicd.org/about/publications/multimedia-centres-for-farmers-and-health-workers-in-ghana.

Barry, Timothy. Top Ten Qualities of a Project Manager. http://www.projectsmart.co.uk/top-10-qualities-project-manager.html.

Canadian International Development Agency. The Indigenous Peoples Partnership Program (IPPP): Guidelines for Funding IPPP in Latin America and the Caribbean. http://www.acdi-cida.gc.ca/inet/images.nsf/vLUImages/IPPP/$file/IPPP%20Guidelines.pdf.

Center for Technology in Government, State University of New York at Albany. *Tying a Sensible Knot: A Practical Guide to State-Local Information Systems*. 1999. http://www.ctg.albany.edu/publications/guides/tying/tying.pdf.

Clarke, Roger. The Conventional System Life-Cycle. Canberra: Xamax Consultancy Pty Ltd., January 2000. http://www.anu.edu.au/people/Roger.Clarke/SOS/SLC.html.

Dale, Reider. *Evaluating Development Programmes and Projects*, Second Edition. Sage Publications, 2009.

European Commission. *Aid Delivery Method: Volume 1 – Project Cycle Management*. 2004. http://ec.europa.eu/europeaid/multimedia/publications/documents/tools/europeaid_adm_pcm_guidelines_2004_en.pdf.

Hudson, Heather. *From Rural Village to Global Village: Telecommunications for Development in the Information Age*. USA: Laurence Erlbaum Associates Inc., 2006.

James, Taylor. Managing Information Technology Projects. AMACOM (American Management Association), 2004.

Karl, Marilee. Monitoring and Evaluating Stakeholder Participation in Agriculture and Rural Development Projects: A Literature Review. SD dimensions. FAO, 2000. http://www.fao.org/sd/PPdirect/PPre0074.htm.

Macapagal, Maria Juanita R. ва John J. Macasio. *Module 7: ICT Project Management in Theory and Practice*. 2nd edition. *Academy of ICT Essentials for Government Leaders* module series. Incheon: UN-APCICT/ESCAP, 2011. http://www.unapcict.org/academy.

Nebiu, Besim, Ildiko Simon ва Cerasela Stancu. Preparing Project Proposals. Regional Environmental Center for Central and Eastern Europe, 2002.

Office of the Government of Commerce of Her Majesty's Treasury Office, United Kingdom. *Projects in Controlled Environment (Prince 2) Manual*, Third Edition. 2002.

Rao, Madanmohan ва Nandita Raman. *ICT4D: Learnings from Best Practices and Roadmaps from the Pan Asia R&D Grants Programme.* Singapore: Asian Media Information and Communication Centre and Wee Kim Wee School of Communication and Information; Nanyang Technological University, 2010.

Siochru, Sean O ва Bruce Girard, *Community-based Networks and Innovative Technologies: New models to serve and empower the poor*. Series: Making ICT Work for the Poor. New York: UNDP, 2005.

Somekh, Bridget ва Cathy Lewin. *Research Methods in the Social Sciences.* New Delhi: Vistaar Publications, 2009.

Stempel, Guido H. III ва Bruce H. Westley, *Research Methods in Mass Communication.* Englewood Cliffs: N.J. Prentice Hall, 1989.

Strategic Planning and Policy Division, CIDA Asia Branch. Is a Project Being Managed for Development Results? Integration of RBM Principles in Project Monitoring: A Guide for Self Assessment and Monitoring. January 2000.

Westland, Jason. *The Project Management Life Cycle: A Complete Step by Step Methodology for Initiating, Planning, Executing and Closing a Project Successfully*. United Kingdom: Kogan Page Limited, 2006.

Вебсайтҳои муфид:

Australian Development Gateway
http://www.developmentgateway.com.au

Builder AU
http://www.builderau.com.au

Business Transformation Enablement Program
http://www.tbs-sct.gc.ca/btep-pto/documents/2004/templates-gabarits/readiness-etatprep/readiness-etatpreptb_e.asp

Change-Management-Coach
http://www.change-management-coach.com/definition-of-change-management.html

Change Management Tutorial
http://www.change-management.com/tutorial-defining-change-management.htm

CVR/IT Consulting
http://www.cvr-it.com/Confirm_NonProfit.php

Ethical Guidelines for Social Science Research in Health
http://www.cehat.org/publications/ethical.html

EWET- Education With Enterprise Trust
http://www.ewet.org.za

IDEA- International Development Ethics Association
http://www.development-ethics.org/what_is

Markkula Center for Applied Ethics
http://www.scu.edu/ethics/

Online Ethics Center
http://www.onlineethics.org/

OpenProj - Project Management
http://sourceforge.net/projects/openproj/

Project in a Box
http://www.projectinabox.org.uk/community.asp

БОБИ 12. ХУЛОСА

Аз оғози ҳазорсолаи нав дискурси (мавзӯ)-и рушд боварии пешинаро ба рушди иқтисодӣ ба биниши наве дар бораи беҳзистии фардҳо ва некуаҳволии ҷомеаҳо фаротар аз чорчӯбаи МММ ба ҳар сари аҳолӣ дар рушд иваз кардааст. Имрӯз дурнамоҳои рушд ба масъалаҳои зерин нигаронида шудаанд:

- Фарогирӣ – на танҳо сарватмандон, балки ҳамаи гурӯҳҳои одамон дар ҷомеа фаро гирифта мешаванд.
- Адолат – тавассути стратегияҳои огоҳона кафолат медиҳад, ки табақаҳои камбизоат, гурӯҳҳои канормонда ва беимтиёз дар қабули қарорҳо, ки ба ҳудуду минтақаҳои атрофи онҳо таъсир мерасонад, ширкат кунанд ва аз онҳо манфиат бардоранд.
- Устуворӣ – як намунаи истифодаи захираҳо мебошад, ки ҳадафи он қонеъ намудани ниёзҳои инсонӣ ва ҳамзамон ҳифз кардани муҳити зист аст, то захираҳои даркорӣ барои наслҳои оянда низ кифоя бошанд.
- Сифатнокӣ – на фақат ба расонидани мудохилаҳои рушд, балки инчунин ба сифати баланди хизматрасонӣ таваҷҷуҳ кардан.

Талоши расидан ба чунин биниши рушд бузург аст, бахусус дар кишварҳои дар ҳоли рушди минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором, ки омилҳои манфии ҷуғрофӣ чун ҷудой, дурӣ ва таркибҳои гуногуни демографӣ вазъиятро дучори чолишҳо намудааст.

Маҳз дар ҳамин самт, ТИК имкониятҳои бузургеро барои ҳукуматҳо ҷиҳати аз нав дида баромадани роҳҳои идоракунӣ фароҳам меоранд, ки тавассути онҳо муассисаҳо ва равандҳои анъанавии ҳукуматӣ баҳри идоракунии беҳтар тағйир меёбанд. Идоракунии беҳтар метавонад натиҷаҳои беҳтари рушд ба бор оварад.

Худи ТИК дар контекстҳо (заминаҳо) ва шароити воқеии иҷтимоиву иқтисодӣ воқеъ гардидаанд. Ҳамзамон, тавоноии дигаргунсозии ТИК ба нерӯи некуаҳволӣ табдил ёфтааст. Он кишварҳое, ки аҳамияти технологияҳоро дарк кардаанд ва онҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушду пешрафт истифода бурдаанд, аз чунин дигаргунӣ манфиат бардошта истодаанд.

ТИК дар ихтиёри ҳукумат ба абзорҳои нерӯманд табдил меёбанд. Дар дасти одамони камбизоат бошанд, ТИК таъсири тавонмандсозиро доранд. Ҳангоме ки ҳукуматҳо ТИК-ро барои пайванд ёфтан бо камбизоатон истифода баранд, натиҷаҳои ошкор ба вуҷуд меоянд. Телефони мобилӣ дар дасти як зани камбизоати рустой гувоҳии беҳтарин чунин натиҷаҳост, ки бо истифодаи ТИК дар равандҳои рушд ба даст меоянд.

Истифодаи ТИК барои ҳалли масъалаҳои рушд соҳаи тозазуҳури ТИКР мебошад. Таҷрибаву омӯзиш ва озмоиши тақрибан ду даҳсолаи охир фаҳмиши одамонро дар мавриди роҳҳои беҳтари рушд бо истифода аз ТИКР ташаккул додааст.

Ин китоб дастгирӣ ва роҳнамои омӯзишие барои донишҷӯён ва кормандони муассисаҳои таълимии минтақаи Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором дар фаҳмидани алоқамандии ТИК ва ҳадафҳои рушд мебошад. Барои анҷом додани ин кор, мафҳумҳои гуногун баррасӣ ва таҷрибаҳои гуногун баён шудаанд. Фаҳмиши навтарин дар бораи ҳадафҳо, равандҳо ва натиҷаҳои рушд дар бахши пешин ифода гардидааст. Дар ин замина, истилоҳҳои ТИК бо ишора ба вижагиҳову маҳдудиятҳои технологияҳои гуногуни рақамӣ баррасӣ шудаанд.

Пас аз он ки технологияҳо ва контекстҳои рушд дарк гардиданд, таҷрибаҳои гуногун ва намунавии истифодаи ТИК дар бахшҳои гуногуни рушд, аз он ҷумла кишоварзӣ, маориф, муҳити зист ва дигаршавии иқлим, гендер, идоракунӣ, тандурустӣ, ҳифзи гуногунии фарҳангӣ ва тақвияти сулҳу субот арзёбӣ ва барои амалисозӣ пешниҳод гардиданд.

Корбурди самараноки ТИКР аз масъалаҳои сершуморе вобаста мебошад. Аз ин рӯ, ҳангоми банақшагирӣ ва идоракунии лоиҳаҳои ТИКР ба онҳо бояд вокуниш нишон дод. Ин масъалаҳо ва душвориҳо то ҳадди имкон батафсил баррасӣ шуда, барои расидагии амалии онҳо мисолҳои омӯзишӣ таҷрибаҳоро аз маҳал таъкид менамоянд.

ЗАМИМА

Вожаномаи истилоҳҳои калидӣ

Аналог

Андозагирӣ ё муаррифии додаҳо тавассути як ё чанд хосияти физикӣ, ки ҳар арзишеро дар дараҷаи давомдор баён мекунад. Масалан, мавқеи ақрабакҳои соат намоёнгари аналогии вақт мебошад. Аз тарафи дигар, иттилооти рақамӣ бо истифода аз силсилаи якҳо ё сифрҳо ҳифз мешавад. Компютерҳо фақат бо додаҳои рақамӣ кор мекунанд.

Асинхронӣ

Синхронӣ нашуда, ё аз нигоҳи вақт ҳамоҳангнашуда.

Аудио-график

Технологияи компютерӣ, ки ба интиқоли ҳамзамони садо, додаҳо ва тасвирҳои графикӣ дар саросари хатҳои маҳаллии телефон имкон медиҳад.

Оффис-пуштвона (Back office)

Истилоҳи куллӣ барои ифодаи категорияи корбурдҳое (барномаҳои амалии компютерие), ки функсияҳои асосии дохилии корхонаро таъмин мекунанд. Намунаҳои чунин корбурдҳо банақшагирии захираҳои корхона (ERP), идоракунии силсилаи таъминотӣ (SCM) ва системаҳои захираҳои инсонӣ мебошанд.

Блог

Блог ҷузъе аз истилоҳи Веблог буда, навъе вебсайт ё бахше аз вебсайт мебошад. Блогҳо маъмулан аз тарафи фардҳои алоҳида барои мунтазам воридшавӣ , шарҳи ҳодисаҳо ё маводи дигар ба монанди график ё видео нигоҳдорӣ мешаванд. Воридшавӣ ба таври умумӣ ба тартиби баръакси хронологӣ нишон дода мешаванд.

Барномагустарӣ

Барномагустарии (пахши) барномаҳои радио, телевизион ва ё сигнал барои истифодаи ҷамъиятӣ.

Телевизиони кабелӣ

Система барои дуррасонии муҳтавои видеоӣ ва аудиоии телевизионӣ аз тариқи шабакаи симӣ, истифодаи кабел ё фибри (нахи) коаксиалӣ

Омӯзиши муштарак

Омӯзиш аз тариқи мубодила ва табодули иттилоот ва фикрҳо дар миёни гурӯҳи ҳамсолон. Компютерҳо мумкин аст барои миёнаравии омӯзиши муштарак барои гурӯҳҳои аз нигоҳи ҷуғрофӣ пароканда истифода шаванд.

Воситаҳои хизматрасониҳои умумӣ

Макони ҷамъиятие дар ҷамоа, ки дар он ҷо хизматрасониҳои сершумор ба ҳамбастагони ин ҷамоа пешкаш мегардад.

Омӯзиш бар асоси компютер

Истифодаи компютер ҳамчун ҷузъи калидии муҳити омӯзишӣ. Гарчанде ин истилоҳ ба истифодаи компютер дар синфхона ишора мекунад, он ба таври васеъ ба муҳити сохторбандишуда дахл дорад, ки компютерҳо барои ҳадафҳои таълимӣ истифода мешаванд. Ин мафҳум ба таври умумӣ аз истифодаи компютер ҳамчун унсури канорафтода (ба монанди бозиҳои компютерӣ ва дидани вебсафҳаҳо) фарқ мекунад.

Интиқоли файли компютер

Интиқоли як ё чанд файл аз як макон ба макони дигар. Маҷмӯи файлҳои аз нигоҳи электронӣ ҷамъоваришуда мумкин аст аз тариқи ҳаракати физикӣ ба воситаи анборсозии электронӣ ва василаи телекоммуникатсионӣ интиқол дода шавад. Дар интернет Протоколи интиқоли файл (FTP) роҳи маъмул барои интиқоли як файл ва ё шумораи нисбатан ками файлҳо аз як компютер ба компютери дигар мебошад.

Конфронс/баргузоркунии (асинхронии) конфронс

Конфронс бар асоси компютер, ки ширкаткунандагони гуногун аз маконҳои гуногун дар як замон бо ҳам ба алоқаи бархат намебароянд.

Конфронс/баргузоркунии (синхронии) конфронс

Конфронс бар асоси компютер, ки ширкаткунандагони гуногун аз маконҳои гуногун дар як замон бо ҳам ба алоқаи бархат мебароянд.

Пайвастагӣ

Истилоҳи умумӣ барои пайвастагии дастгоҳҳо ба ҳамдигар ба хотири интиқоли додаҳо ба пасу пеш. Он бештари вақт ба пайвастагии шабакаҳо марбут буда, пулҳо, пайнамоҳо, васлкунандаҳо ва ҳамчунин шабакаҳои сутунмуҳраиро дар бар мегирад. Он, ҳамчунин, ба пайвастагии хона ё идора ба интернет, пайвастагии наворгир (камера)-и рақамӣ ба компютер ва ё ба чопгар (принтер) вобаста аст.

Конвергенсия

Дар як хат ба ҳам омадан аз хатҳои гуногун. Ин истилоҳ барои тавсифи ҳамгароии технологияҳои телекоммуникатсионӣ ва меъмории шабака ва анҷом додани хизматрасониҳои бисёргонаи коммуникатсионӣ дар шабакаи ягона ба кор меравад. Махсусан, он пайвасти ноайёни воситаҳои замоне гуногун, чун телефон ва коммуникатсияи додаҳоро ба интерфейсҳои умумӣ дар дастгоҳи ягона дар бар мегирад. Ҳамон як абзори телекоммуникатсионӣ ба монанди телефони мобилӣ, мумкин, аст канали интиқол барои матн, аудио, видео, е-мейл, паёмак ва вебсафҳаи интернетӣ бошад.

Копилефт (Copyleft)

Навъи литсензия ё иҷозатнома барои кафолат додани озодии истифода, тағйиру вусъат додан ва аз нав тақсим кардани кори эҷодӣ ва ҳамаи корҳои эҷодшуда (ба монанди корҳои бунёдӣ ва ё корҳои аз он хориҷшуда), на маҳдуд кардани чунин озодиҳо.

Масъулияти Корпоративии иҷтимоӣ

Тибқи ин мафҳум созмонҳо дар рафти фаъолиятҳои худ манфиатҳои ҷомеаро бо роҳи ба назар гирифтани талаботи муштариён, таъминкунандагон, кормандон, саҳмдорон, ҷамоаҳо ва дигар тарафҳои манфиатдор ва низ муҳити зист ҳимоя мекунанд. Ҳамчунин, ин гуна масъулият масъулияти корпоративӣ, шаҳрвандии корпоративӣ ва бизнеси масъул номида мешавад.

Маводи номаӣ

Мавод барои курси фосилавиии омӯзишӣ, ки машғулиятҳои таълимӣ, маводи омӯзишӣ ва корҳои хонагии донишомӯзон ба тариқи мукотиба ташкил карда мешаванд.

Сайберкафе

Мағозае, ки имкониятҳои компютерӣ чун дастрасӣ ба интернет ва
е-мейлро пешниҳод менамояд.

Рақамӣ (диҷитал)

Технологияи электронӣ, ки додаҳоро дар ду ҳолат ҷамъоварӣ, анбор ва коркард мекунад: мусбат ва ғайримусбат. Ҳолати мусбат ба воситаи шумораи 1 ва ғайримусбат ба воситаи шумораи 0 баён ё муаррифӣ мешавад. Аз ин рӯ, додаҳои интиқолшуда ё ҷамъоваришуда тавассути технологияи рақамӣ (диҷиталӣ) ҳамчун силсилаи 0-ҳо ва 1-ҳо баён карда мешавад (ба таърифи аналог дар ин вожанома барои фаҳмидани фарқият дар байни рақамӣ (диҷитал) ва аналог (қиёсӣ) нигаред).

Нобаробарии рақамӣ

Нобаробарии рақамӣ гуфта, дастрасии нобаробари физикӣ ба технология, захираҳо ва маҳоратҳои лозим барои иштироки муассир ҳамчун шаҳрванди рақамӣ (диҷиталӣ) дар назар дошта мешавад. Нобаробарии рақамӣ одамонро ба чанд тариқа ҷудо мекунад: (1) ҷудоӣ миёни онҳое, ки ба намудҳои муайяни технология дастрасӣ доранд ва онҳое, ки надоранд; (2) ҷудоӣ дар байни онҳое, ки ба намудҳои муайяни иттилоот дастрасӣ доранд ва онҳое, ки надоранд ва (3) ҷудоӣ дар байни онҳое, ки метавонанд бомуввафақ намудҳои ТИК-ро истифода кунанд ва онҳое, ки ба он қодир нестанд. Нобаробарии рақамӣ дар саросари ҷаҳон ё байни кишварҳо ва ҳамчунин дар худи кишварҳо дар заминаҳои гуногуне чун статуси иҷтимоиву иқтисодӣ, ки одамони камбизоат маҳрум аз харидани маводу хизматҳои ТИК ҳастанд, саводнокӣ ва сатҳи маълумотнокӣ барои хондани паёмак ва муҳтавои бархат ва гендер (дастрасии камтари занон ба ТИК дар муқоиса ба мардон) вуҷуд дорад.

Тиҷорати электронӣ (e-Commerce)

Ба хариду фурӯши маҳсулот ва хадамот аз тариқи системаҳои электронӣ ба монанди интернет ва дигар шабакаҳои компютерӣ дахл дорад. Он, ҳамчунин, раванди онлайнии пурраи рушд, бозорёбӣ, фурӯш, интиқол, хизматрасонӣ ва пардохт барои маҳсулот ва хизматрасониҳоро фаро мегирад. Ҳаҷми тиҷорат ба таври электронӣ бо истифодаи ҳамаҷонибаи интернет бо суръати хеле баланд рушд мекунад. Новобаста ба он ки баъзеҳо истилоҳҳои “тиҷорати электронӣ” ва “бизнеси электронӣ”-ро ба як маъно истифода мебаранд, онҳо мафҳумҳои гуногун мебошанд.

Иқтисод бар асоси афзоиши миқёси истеҳсолот

Коҳиши арзиш барои як воҳид дар натиҷаи густариши истеҳсолот, ки аз тариқи самаранокии фаъолият амалӣ мешавад. Амалӣ кардани иқтисод бар асоси афзоиши миқёси истеҳсолот имконпазир аст, зеро вақте истеҳсолот афзоиш пайдо мекунад, арзиши истеҳсоли ҳар воҳиди изофӣ паст мешавад.

Омӯзиши электронӣ

Як истилоҳи ҷомеъ барои ҳамаи шаклҳои омӯзиш тавассути василаҳои электронӣ мебошад, ки омӯзиш ва таълимро фаро мегирад. Он омӯзишро дар ҳамаи сатҳҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ фаро мегирад. Системаҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, хоҳ омӯзиши шабакавӣ бошанд ва хоҳ набошанд, ҳамчун расонаи махсус барои амалисозии раванди омӯзиши ҳам расмӣ ва ҳам ғайрирасмӣ, дар синфхона ва берун аз синф, курси пурра ё қисме аз курс, муомила, арзёбӣ ва мусоидат хизмат мекунад. Барномаҳо ва равандҳои омӯзиши электронӣ омӯзиш бар асоси веб, омӯзиш бар асоси компютер, имкониятҳои омӯзиши маҷозӣ ва ҳамкории рақамиро (диҷиталиро) дар бар мегиранд. Муҳтаво тавассути интернет, интранет/экстранет, навори аудио ва видео, телевизиони моҳвора ва СД-РОМ таъмин карда мешавад. Ин, мумкин аст, аз тарафи худи шахс ё роҳнамо анҷом дода шавад ва расонаҳоро дар шакли матн, тасвир, аниматсия, видео ва аудио дар бар гирад.

Тахтаи электронии синфӣ

Дастгоҳе монанди тахтаи синф (сиёҳ ё сафеди), ки мумкин аст ба компютер васл шавад ва намоиш диҳад.

Сабтнамои электронӣ

Компютере бо барномаи насбшуда, ки ба корбарон имкон медиҳад паём гузоранд ва ба иттилооти мавриди таваҷҷуҳи умумӣ дастрасӣ дошта бошанд.

Э-мейл

Методи анборкунӣ ва пешфирист барои таҳия, фиристодан, анборкунӣ ва дарёфти паёмҳо.

Факсимил ё факс — Нусхаи дақиқ ё бозтавлиде, ки аз тариқи электронӣ интиқол дода мешавад.

Протоколи интиқоли файл (FTP) — Протоколи стандарти интернет ва роҳи соддатарин барои мубодилаи файлҳо миёни компютерҳо ва дар интернет мебошад. Ба монанди протоколи интиқоли гиперматн (абарматн), ки вебсафҳаҳои қобили намоиш ва файлҳои вобастаро интиқол медиҳад ва протоколи оддии интиқоли почта (SMTP), ки почтаҳои электрониро интиқол медиҳад, протоколи интиқоли файл (FTP) протоколи корбурдӣ мебошад, ки протоколи TCP/IP-и интернетро истифода мебарад. Протоколи интиқоли файл (FTP) барои табдили файлҳои вебсафҳа аз созандаи онҳо ба компютер истифода мешавад, ки ҳамчун сервер барои ҳар нафар дар Интернет истифода мешавад. Он, ҳамчунин, ба таври васеъ барои фурукашии барномаҳо ва файлҳо аз сервер ба компютер ба кор меравад.

Омӯзандагони насли якум — Насли якум дар як хонавода, ки дар мактаби расмӣ таҳсил кардаанд.

Пешидора — Шуъбаҳо ва идораҳо дар созмон ё бизнес, ки бо ҷонибҳои берунӣ – муштариён, корбарон ва ғайра сару кор доранд ва ё дар тамосанд.

Нишондиҳандаи рушди инсон — Омори мураккаб, ки барои гурӯҳбандии кишварҳо мутобиқи сатҳи рушди инсон истифода мешавад.

Саводнокии иттилоотӣ — Қобилияти ташхиси ниёз ба иттилоот ва пайдо кардан, таҳлил ва истифода кардани он иттилоот дар ҳар формате (яъне нишондиҳандаи чоп, пойгоҳи иттилоотии бархат ва интернет), ки ҷой дорад.

Интерактивӣ — Дар компютер, додугирифти интерактивӣ (дуҷониба) дар байни инсон ва барномаи компютер сурат мегирад.

Созгорпазирӣ (Interoperability) — Қобилияти системаҳо ва барномаҳои гуногуни ТИК аз истеҳсолкунандагони (фурӯшандагони) гуногун барои робита байни онҳо новобаста дар саросариплатформаҳо. Ин қобилият мубодилаи иттилоот ва истифодаи онро фаро мегирад.

Фарсанги охирин — Марҳилаи охирини пайванди муштарӣ аз ҷониби дастраскунандаи коммуникатсия. Ин истилоҳ бештари вақт дар саноати телекоммуникатсия ва телевизиони ноқилӣ (кабелӣ) ба кор меравад. Он маъмулан ҳамчун чолиши гаронқимат бознигарӣ мешавад, зеро "паҳн кардани" симҳо ва ноқилҳо хароҷоти чашмраси физикӣ мебошад. Зеро фарсанги охирини шабака ба корбар ҳамчун фарсанги якум аз корбар ба ҷаҳон мебошад, ки истилоҳи "фарсанги якум" низ гоҳе истифода мешавад. Барои ҳалли масъалаи таъмини хизматрасониҳои васеъ бар фарсанги охирин баъзе ширкатҳо шабакаҳоро дар тӯли даҳсолаҳо омезиш мекунанд. Як мисол Дастрасии собити бесим мебошад, яъне ба ҷои сим шабакаи бесим барои пайвастани терминали собит ба шабакаи хатти симдор ба кор меравад.

Омӯзиши мобилӣ — Истифодаи дастгоҳи (телефони) мобилӣ барои дастрасӣ ва омӯзиши мавод ва коммуникатсия кардан бо муассисаҳо, мураббиён ва донишҷӯёни ҳамдарс.

Қонуни Мур

Гироиши дарозмуддатро дар таърихи сахтафзори компютерӣ тавсиф мекунад. Он ба пешгӯи он, ки шумораи транзисторҳои (яъне қудрати коркардсозӣ) дар як чипи силиконии ҳаҷми муайян ҷой мегирифта ду баробар ҳар 18 моҳ меафзояд. Ин равиш аз тарафи яке аз поягузорони Интел (Intel) Гордон Мур дар соли 1965 эълон шуд ва дар тӯли солҳо собит шуд, ки ба таври ҳайратангез дақиқ аст.

Бисёррасона (мултимедия)

Истифодаи компютерҳо барои муаррифии матн, графика, аудио, видео ва филмҳои тасвирӣ ба таври ҳамгирошуда мебошад. Ин истилоҳ ҳамчунин барои тавсифи системаҳое истифода мешавад, ки истифодаи интерактивии матн, аудио, тасвирҳо, видео ва графикаро пуштибонӣ мекунад. Ҳар кадом аз ин унсурҳо бояд ба гунае аз шакли аналогӣ ба шакли рақамӣ (диҷиталӣ) қабл аз истифода дар барномаи компютерӣ табдил дода шавад.

Хадамоти паёми бисёррасона

Системаҳои стандарти паёмрасонии телефонӣ, ки барои фиристодани паёмҳои соҳаи бисёррасона (тасвирҳо, аудио, видео, матни ғанӣ) имкон фароҳам меорад.

Маорифи ғайрирасмӣ

Ҳар гуна фаъолияти созмонёфта, систематикӣ ва таълимӣ, ки берун аз чорчӯбаи системаи расмии мактабу маориф барои таъмини навъҳои интихобшудаи омӯзиш барои зергурӯҳҳои махсуси аҳолӣ чун калонсолону кӯдакон баргузор мешавад.

Синдикатсияи (пайванди) воқеан содда

Силсилаи (хонаводаи) форматҳои ба веб асосёфта, ки барои интишори корҳои мунтазами таҷдидшуда ба монанди воридшавиҳои блог, мавзуҳои хабарҳо, аудио ва видео дар формати стандартӣ истифода мешавад. Синдикатсияи (пайванди) воқеан содда (RSS) нармафзореро истифода мебарад, ки изофаҳои навро ба вебсайт ҳамчун рӯйхати унвонҳои мавзӯъ ё сатри аввал ё ду воҳиди хабари нав бо пайванди қобили воридшавӣ ба мақолаи комил, блоги пешниҳодшуда ё подкаст муаррифӣ менамояд. Бинобар ин, ба ҷои он ки корбар вебсайтҳоро барои иттилооти нави мавриди таваҷҷуҳи худ ба кор барад, таҷдидсозӣ ба таври мустақим ба корбар ҳамчун захираи синдикатсияи (пайванди) воқеан содда ё захираи навигариҳо дастрас мебошад.

Шабакаҳои мактабӣ

Шабакаҳои мактабӣ (SchoolNets) рушди ҷомеаҳои донишбунёд аз тариқи пайвасти мактабҳо ба Интернет, эҷоди пайвандҳо дар байни донишомӯзон, муаллимон ва мактабҳо, мубодилаи иттилоот ва захираҳо, пуштибонии омӯзиши электронӣ ба таври бархат ва муҳитҳои шабакадор таъмин мекунанд.

Скайп (Skype)

Скайп барномаи нармафзорист, ки ба корбарон имкон медиҳад аз тариқи интернет зангҳои садоӣ анҷом диҳанд. Зангҳо барои корбарони дигари Скайп ройгон мебошанд. Зангҳои анъанавии телефонҳои собит ва телефонҳои мобилӣ, мумкин аст, аз тариқи системаи суратҳисоби корбар ба таври дебитӣ сурат гирад. Скайп ҳамчунин ба хотири хусусиятҳои иловагии худ ба монанди паёмфиристии ҳамзамонӣ, мубодилаи файл ва конфронси видеоӣ машҳур шудааст. Скайп системаи ҳамнишин ба ҳамнишин (P2P) мебошад, на системаи муштарӣ-сервер ба монанди дигар хизматҳои ҳамсанги садо тавассути протоколи IP (VoIP). Дар он коркарди паснамоӣ дар компютерҳо тавассути нармафзори Skype сурат мегирад.

Шабакаи иҷтимоӣ Истифодаи вебсайтҳо, коммуникатсияҳо ва технологияи иттилоотӣ барои ёрӣ расонидан ба одамон ҷиҳати ёфтан, шакл додан ва нигоҳдории робитаҳои иҷтимоӣ мебошад. Вебсайтҳои шабакаи иҷтимоӣ ба корбарон имкон медиҳад қисме аз ҷомеаи маҷозӣ бошанд. Сайтҳои шабакаи иҷтимоӣ аз унсурҳои зерин иборатанд: сафҳаи профилӣ, шабакаҳои дӯстона, мубодилаи бисёррасона (блогҳо, пайвандгоҳҳо, мусиқӣ, акс, видео), бозии бархат, паёмфиристии лаҳзавӣ, таҷдидҳои ҳолат ва шарҳнависӣ.

Радиои синхронӣ Синхронӣ (ҳамзамонӣ) ба маънои ҳамоҳангшуда дар як замон ва баъзан дар як макон мебошад. Дар мавриди радио, шунавандагоне, ки шояд дар маконҳои гуногун қарор дошта бошанд, ҳамзамон бояд истгоҳи радиоро пайдо кунанд.

Теле-синфхонаҳо Системаи эҷоди синфхонаи маҷозӣ бо донишомӯзон.

Телеконференсия Коммуникатсияи электронии интерактивӣ дар миёни ду ва ё зиёда одам дар ду ва ё зиёда макон бо истифодаи садо, видео ва интиқоли додаҳо.

Теледенситӣ Телезичӣ. Истилоҳ барои тавсифи шумораи нуқтаҳои телефон ба ҳар сари аҳолӣ (аксари вақт барои ҳар сад нафар аз аҳолӣ)

Web 2.0 Гароишҳои такмилёбандаро дар истифодаи технологияи веб ва веб-дизайн тасвир менамояд, ки табодули муштараки иттилоотӣ, дизайни корбар-меҳвар, созгорпазирӣ, ҳамкорӣ ва эҷодкорӣ дар Веби ҷаҳонгустарро пеш мебарад. Мафҳуми Web 2.0 ба рушд ва густариши ҷомеаҳои дорои фарҳанги веб ва хадамоти мизбон ба монанди блогҳо, фолксономиҳо, сайтҳои шабакаи иҷтимоӣ, сайтҳои мубодилаи видео ва викиҳо оварда расонид. Гарчанде ки Web 2.0 насли нави Веби ҷаҳонгустарро пешниҳод мекунад, он таҷдиди ягон хусусияти техникиро дар назар надорад. Вале он дигаргуниҳо ва пешрафтҳои дастачамъонаро дар шеваҳое, ки барномарезон ва корбарони ниҳоӣ вебро истифода мебаранд, дарбар мегирад.

Викӣ Сафҳаи веб ё маҷмӯаи саҳифаҳо, ки мумкин аст ба таври ҳамкорона таҳрир карда шавад. Маъруфтарин намуна энсиклопедияи интернетии Википедия аст, ки аз ҷониби ҳазорон саҳмгузор дар саросари дунё сохта мешавад. Вақте одамон иҷозатномаи соҳиби викиро доранд, онҳо метавонанд худашон саҳифаро созанд, изофа кунанд ва саҳифаҳои мавҷудро таҳрир намоянд. Викиҳо роҳи хуб барои одамон ҷиҳати бо ҳам навиштани санад ба ҷои фиристодан ё гирифтани файлҳо тавассути э-мейл мебошад. Викиҳо маъмулан тавассути нармафзори викӣ пуштибонӣ мешаванд ва бештари вақт барои сохтани вебсайтҳои ҳамкории викӣ, тавонмандсозии вебсайтҳои ҷомеа, ёддоштбардории шахсӣ, дар интранетҳои корпоративӣ ва дар системаҳои мудирияти дониш ба кор мераванд.

ВайМакс (WiMax) Стандарти собити бесим, ки ба коммуникатсияи дарозмуддати бесим ба зарфияти 70 мегабайт дар як сония (Мг/с) дар ҳудуди 50 километр имкон медиҳад. Зарфият ва ҳудуди ВайМакс онро барои корбурдҳои потенсиалии зерин мувофиқ месозад: (1) таъмини пайванди сайёри фарохнавор дар саросари шаҳрҳо ва кишварҳо тавассути таҷҳизоти мухталиф; (2) таъмини алтернативаи бесим ба ноқил (кабел) ва DSL барои дастрасии фарохнавор дар "фарсанги охирин"; (3) таъмини додаҳо, телекоммуникатсияҳо (VoIP) ва хадамоти IPTV (бозии сегона) ва (4) таъмини манбаи пайванди интернет ҳамчун қисме аз нақшаи давомдории бизнес.

ВайФай (WiFi)

Расоии бесим – маҷмӯи стандартҳо барои мусоидат ба шабакаҳои бесим дар маҳал мебошад, ки ба таҷҳизоти ВайФай имкон медиҳад ҳангоми қарор доштан дар маҳдудаи дастрасӣ ба интернет пайваст шаванд. Он, ҳамчунин, номи тиҷоратӣ барои технологияи маъмули бесим ҷиҳати истифода дар шабакаҳои хона, телефонҳои мобилӣ, бозиҳои видео, дигар чизҳои бештар ва нишонаи созгорпазирӣ дар миёни дастгоҳҳои мувофиқ ба хусусияти 802,11b-и шабакаи маҳаллии бесим аз Институти муҳандисони барқӣ ва электронӣ (IEEE) мебошад. Истилоҳи ВайФай гоҳо иштибоҳан ҳамчун истилоҳи умумӣ барои шабакаи маҳаллии бесим истифода мешавад.

Маълумотномаи Созмонҳо, муассисаҳо ва агентиҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ

Ассосиатсияи Осиёии Донишгоҳҳои озод (AAOU The Asian Association of Open Universities)

созмони ғайритиҷоратии муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад, ки асосан ба таҳсили фосилавӣ ва истифодаи ТИК дар соҳаи маориф машғул аст. Ассосиатсияи Осиёии Донишгоҳҳои озод дар шаҳри Пенанги Малайзия ҷойгир аст.
Вебсайт: http://www.aaou.net
Телефон: +60-4-2180-333

Иттиҳоди барномагустарии Осиё ва Уқёнуси Ором (ABU - The Asia-Pacific Broadcasting Union)

созмони ғайритиҷоратӣ, ғайридавлатии ассосиатсияи созмонҳои барномагустар барои рушди пахшу густариши барномаҳо дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором мебошад. Иттиҳоди барномагустарии Осиё ва Уқёнуси Ором дар Квала Лампури Малайзия воқеъ аст.
Вебсайт: http://www.abu.org.my
Телефон: +60-3-2282-3592

Бонки Осиёии рушд (ADB – The Asian Development Bank)

бонки бисёрҷонибаи рушд мебошад, ки барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар минтақаи Осиё – Уқёнуси Ором аз тариқи рушди фарогири иқтисодӣ фаъолият мекунад. Идораи марказии он дар Манилаи Филиппин ҷойгир аст.
Вебсайт: http://www. adb.org
Телефон: +632-632-4444

Институти ҳавзаи уқёнуси Ором барои рушди барномагустарӣ – (AIBD – The Asia-Pacific Institute for Broadcast Development)

созмони байниминтақавӣ, байниҳукуматӣ ва хизматрасон ба кишварҳои Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором (ESCAP) дар соҳаи рушди муҳити расонаҳои электронӣ мебошад. Ҳадафи он расидан ба муҳити пурҷӯш ва ҷаззоби расонаҳои электронӣ дар минтақаи Осиё – Уқёнуси Ором тавассути рушди сиёсат ва захираҳо мебошад. Институти ҳавзаи уқёнуси Ором барои рушди барномагустарӣ дар Квала Лампури Малайзия воқеъ аст.
Вебсайт: http://www.aibd.org.my
Телефон: +60-3-2282-4618 / -3719

Маркази иттилоот ва коммуникатсияи расонаҳои Осиё (AMIC – The Asian Media Information and Communication Centre)

созмони бидуни даромад мебошад, ки барои пешбурди рушди ВАО ва коммуникатсия дар Осиё ба хотири ба даст овардани сатҳи олитари иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ фаъолият мекунад. Он ин ҳадафҳоро аз тариқи баргузории таҳқиқ, тренинги кормандон ва таъмини хадамоти машваратӣ пайгирӣ менамояд. Маркази иттилоот ва коммуникатсияи расонаҳои Осиё дар Сингапур ҷойгир мебошад.
Вебсайт: http://www.amic.org.sg
Телефон: +65-6792-7129

МБОТИКР

Маркази бозомӯзӣ барои кишварҳои Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором оид ба технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои рушд (APCICT – The Asian and Pacific Training Centre for Information and Communication Technology for Development) муассисаи минтақавии Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором (ESCAP) мебошад. Рисолати МБОТИКР иборат аз тақвияти талошҳои 62 кишвари ҳамбаста ва кишварҳои вобастаи Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором (ESCAP) барои истифодаи ТИК дар рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аз тариқи эҷоди тавонмандии инсонӣ ва ниҳодӣ мебошад. МБОТИКР дар Инчеони Ҷумҳурии Корея воқеъ гардидааст.
Вебсайт: http://www.unapcict.org
Телефон: +82-32-245-1700

Ассосиатсияи кишварҳои Осиёи ҷанубу шарқӣ (ASEAN – The Association of South East Asian Nations) созмони

минтақавиест, ки барои рушди иқтисодӣ ва сулҳу субот дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз тариқи ҳамкории байниҳукуматӣ кор мекунад. Котиботи он дар Ҷакартаи Индонезия ҷойгир аст.
Вебсайт: http://www.asean.org
Телефон: +62-21-726-2991, 724-3372

Гурӯҳи машваратӣ оид ба пажӯҳиши байналмилалии кишоварзӣ (CGIAR – The Consultative Group on International Agricultural Research)

ҳамкории ҷаҳонӣ мебошад, ки созмонҳои пажӯҳишӣ ва сармоягузорро барои рушди пойдор муттаҳид месозад. Гурӯҳи машваратӣ оид ба пажӯҳиши байналмилалии кишоварзӣ дар самтҳои коҳиш додани гуруснагӣ, беҳсозии саломатӣ ва ғизогирии инсон, тақвияти муқовиматпазирии экосистема аз тариқи пажӯҳиш, ҳамкорӣ ва роҳбарӣ дар сатҳи баланди байналмилалӣ ҳадафманд мебошад. Гурӯҳи машваратӣ оид ба пажӯҳиши байналмилалии кишоварзӣ дар Вашингтони ИМА воқеъ мебошад.
Вебсайт: http://www.cgiar.org
Телефон: +1-202-473-8951

Иттиҳоди омӯзиш
(COL - The Commonwealth of Learning)

созмони байниҳукуматӣ мебошад, ки рушд ва табодули омӯзиши озод ва таҳсили фосилавӣ, захираҳо ва технологияҳоро дар миёни кишварҳои Иттиҳод ташвиқ мекунад. Он дар Ванкувери Канада воқеъ аст.
Вебсайт: http://www.col.org
Телефон: +1-604-775-8200

Агентии аврупоии муҳити зист
(EEA - The European Environmental Agency)

агентии Иттиҳоди Аврупо вобаста ба таъмини иттилооти собит дар бораи вазъияти муҳит зист ва аз ин тариқ имкон додан ба ҳукуматҳо барои эҷоди сиёсатҳои огоҳонаи муҳитизистӣ мебошад. Идораи марказии Агентии аврупоии муҳити зист дар Копенгагени Дания ҷойгир аст.
Вебсайт: http://www.eea.eu
Телефон: +45-33-36-71-00

Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором
(ESCAP - The Economic and Social Commission for Asia and the Pacific)

абзори рушди минтақавии Созмони Милал барои минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором мебошад. Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором як силсила мушкилиҳоро, аз рушди макроиқтисодӣ гирифта то ТИК, барои коҳиши офат пайгирӣ мекунад ва барои ин мушкилиҳо аз тариқи ҳамкории байниҳукуматӣ роҳҳои ҳал пайдо мекунад. Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором дар Бангкоки Таиланд воқеъ аст.
Вебсайт: http://www.unescap.org
Телефон: +66-2-228-1234

Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ
(FAO - The Food and Agriculture O rganization of the United Nations)

барои коҳиши гуруснагӣ дар саросари ҷаҳон тавассути фароҳам кардани донишҳои коршиносӣ дар соҳаи идоракунии кишоварзӣ ба ҳукуматҳо ва хоҷагидорон (фермерҳо) муборизa мебарад. Ғайр аз ин, он ҳамчун форуми ҷаҳонӣ барои баррасии масоили вобаста ба озуқаворӣ хизмат мекунад. Созмони озуқаворӣ ва кишоварзӣ дар Рими Италия ҷойгир аст.
Вебсайт: http://www.fao.org
Телефон: +39-06-57051

Иттиҳоди ҷаҳонӣ барои ТИК дар соҳаи рушд
(GAID - The Global Alliance for ICTs in Development)

ташаббуси Созмони Милал вобаста ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола мебошад. Рисолати он стандартисозӣ ва паҳнсозии маҳоратҳои ТИКР ба сиёсатгузорон дар саросари ҷаҳон ва якҷо овардани созмонҳои калидии рушд барои табодули дониш мебошад. Иттиҳоди ҷаҳонӣ барои ТИК дар соҳаи рушд дар Ню-Йорки ИМА воқеъ аст.
Вебсайт: http://www.un-gaid.org
Телефон: +1-212-963-5796

Маркази байналмилалӣ барои рушди ҳамгирошудаи кӯҳистон (ICIMOD - The International Centre for Integrated Mountain Development)

ба ҳифзи экосистемаи нозуки кӯҳистони Ҳимолой вобаста мебошад. Ба ғайр аз кӯмаки бевоситаи мардуми кӯҳистон барои мутобиқ шудан ба дигаршавии иқлим, он ҳамчунин бо бисёре аз кишварҳои Осиё кор мекунад, ки дар воқеъ ба захираҳои кӯҳистон такя мекунанд. Маркази байналмилалӣ барои рушди ҳамгирошудаи кӯҳистон дар Катмандуи Непал ҷойгир аст.
Вебсайт: http://www.icimod.org
Телефон: +977-1-500-3222

Институти байналмилалии пажӯҳиши зироатҳо барои иқлими нимахушки тропикӣ (ICRISAT - The International Crops Research Institute for Semi-Arid Tropics)

созмони ғайритиҷоратӣ мебошад, ки омӯзиши кишоварзиро барои рушд дар қисматҳое аз атрофи биёбони Саҳрои Африка ва Осиё анҷом медиҳад. Ҳадафи Институт кӯмак кардан ба хоҷагидорон (фермерҳо) барои гузаштан аз тарзи зиндагии гузашта ва расидан ба рушди фарогири ба бозор равонашуда мебошад. Дафтари марказии он дар Ҳайдаробод Ҳиндустон ҷойгир аст.
Вебсайт: http://www.icrisat.org
Телефон: +91-40-3071-3071

Маркази пажӯҳиши рушди байналмилалӣ (IDRC - The International Development Research Centre)

шуъбаи барномаи ёриҳои ҳукумати Канада мебошад, ки амалисозии технологияро дар кишварҳои дар ҳоли рушд тавассути таъмини маблағҳо барои пажӯҳиш, машвараҳои коршиносӣ ва эҷоди тавонмандиҳои маҳаллии пажӯҳиш ба роҳ мемонад. Маркази пажӯҳишии рушди байналмилалӣ дар Оттаваи Канада ҷойгир аст.
Вебсайт: http://www.idrc.org
Телефон: +1-613-696-2343

Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ (IFAD - The International Fund for Agricultural Development)

ташкилоти Созмони Милал аст, ки барои решакан кардани нодории рустоӣ дар кишварҳои дар ҳоли рушд тавассути дастрас кардани захираҳо (-и молиявӣ, табиӣ ва иттилоотӣ) ба ҷамоаҳои маҳаллӣ талош меварзад. Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ дар Рими Италия ҷойгир аст.
Вебсайт: http://www.ifad.org
Телефон: +39-06-54591

Корпоратсияи молиявии байналмилалӣ (IFC - The International Finance Corporation)

ҳамбастаи гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ буда, аз тариқи таъмини хизматрасониҳо ба бахши хусусии кишварҳои дар ҳоли рушд ёрӣ мерасонад, то одамон аз нодориву камбизоатӣ раҳо ёбанд. Ин хизматрасониҳо дарбаргирандаи сармоягузориҳои бевосита, машвараҳо, меъёрҳои стандартӣ ва кӯмак барои эҷоди муҳити созгор барои бизнес мебошад. Корпоратсияи молиявии байналмилалӣ дар Вашингтони ИМА воқеъ аст.
Вебсайт: http://www.ifc.org
Телефон: +1-202-473-1000

Хазинаи байналмилалии пул (IMF - The International Monetary Fund)

созмони фарогири 187 кишвар аст, ки барои таҳкими ҳамкории ҷаҳонии арзиву пулӣ, кафолати суботи молӣ, мусоидат ба тиҷорати байналмилалӣ ва пешбурди рушди иқтисодӣ кор мекунад. Хазинаи байналмилалии пул системаи молиявии ҷаҳонро назорат карда, барои диалог форум ташкил мекунад. Ғайр аз ин, ба кишварҳое, ки бо мушкилиҳои иқтисодӣ рӯбарӯ ҳастанд, машварат ва қарз медиҳад. Хазинаи байналмилалии пул дар Вашингтони ИМА воқеъ аст.
Вебсайт: http://www.imf.org
Телефон: +1-202-623-7000

Инфо-Дев (infoDev)

Инфо-Дев infoDev зерсозмони донории Бонки ҷаҳонӣ мебошад. Он ба пуштибонии талошҳо дар соҳаи ТИКР вобаста аст. Ба илова, он таҳқиқи воситаҳо ва методҳои ТИКР-ро сарпарастӣ карда, ҳамчунин, бо тарафҳои манфиатдор барои ҳамоҳангӣ ва инкишофи барномаҳои муассири амалисозӣ кор мекунад. Инфо-Дев дар Вашингтони ИМА воқеъ гардидааст.
Вебсайт: http://www.infodev.org

Минбари байналмилалӣ оид ба дигаршавии иқлим (IPCC - The International Panel on Climate Change)

ташкилоти Созмони Милал мебошад, ки аз тарафи Созмони ҷаҳонии метеорологӣ мизбонӣ мешавад. Ҳадафи он мурур ва арзёбии омӯзиши ҷории дигаршавии иқлим ва паёмадҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва муҳитзистии он мебошад. Минбари байналмилалӣ оид ба дигаршавии иқлим дар Женеваи Шветсария ҷойгир шудааст.
Вебсайт: http://www.ipcc.ch
Телефон: +41-22-730-8208

Институти байналмилалии пажӯҳиши биринҷ (IRRI - The International Rice Research Institute)

ба таври фаъол барои коҳиши гуруснагӣ дар ҷаҳон ва расидан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола аз тариқи рушди навъҳои гуногуни серҳосили биринҷ ва маҳоратҳои идоракунии зироат кор мекунад. Идораи марказии он дар Лос-Баноси Филиппин ҷойгир аст.
Вебсайт: http://www.irri.org
Телефон: +63-2-580-5600

Иттиҳоди байналмилалии телеком-муникатсия шохае аз Созмони Милал (ITU - The International Telecommunication Union)

мебошад, ки ба ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ТИК тавассути таъмини форум мусоидат мекунад, ки дар он стандартҳои байналмилалӣ муқарар карда мешаванд. Ба ғайр аз ин, Иттиҳоди байналмилалии телекоммуникатсия барои амалисозии ТИК дар кишварҳои рушдкарда ташвиқот мебарад. Идораи марказии он дар Женеваи Шветсария воқеъ мебошад.
Вебсайт: http://www.itu.int
Телефон: +41-733-7256

Дафтари Созмони Милал барои ҳамоҳангсозии корҳои башардӯстона (OCHA - The United Nations Office for the Coordination of Humanitarian Affairs)

ҳадафманд ба беҳсозии кӯмаки башардӯстона тавассути таҳкими тасмимгирӣ ва ҳамоҳангсозӣ миёни агентиҳо аз тариқи паҳнсозии иттилооти башардӯстона мебошад. Идораҳои марказии Дафтари Созмони Милал барои ҳамоҳангсозии корҳои башардӯстона дар шаҳри Ню-Йорки ИМА ва шаҳри Женеваи Шветсария воқеъ мебошанд.
Вебсайт: http://www.unocha.org

Созмони ҳамкорӣ ва рушди иқтисодӣ

дорои рисолат барои пешбурди сиёсатҳо мебошад, ки беҳзистии иқтисодӣ ва иҷтимоиии одамонро дар саросари ҷаҳон таъмин мекунад. Ин аз тариқи мониторинги рушди ҷаҳонии иқтисод ва фароҳамсозии форум барои ҳамкории иқтисодӣ ҳосил мешавад. Идораи марказии Созмони ҳамкорӣ ва рушди иқтисодӣ дар Пориси Фаронса ҷойгир аст.
Вебсайт: http://www.oecd.org
Телефон: +33-1-45-24-82-00

Бунёди Ройтерс (Reuters Foundation)

созмони хайриявиест, ки ҳадафаш беҳсозии татбиқи қонун ва пешбарии шаффофияти идоракунӣ тавассути пешниҳоди иттилоот ва кӯмакҳои ҳуқуқӣ ба тарафҳои ниёзманд мебошад. Идораи асосии Бунёди Ройтерс дар Лондони Подшоҳии Муттаҳида ҷойгир аст.
Вебсайт: http://www.trust.org
Телефон: +44-20-7542-7015

Ассосиатсияи Осиёи Ҷанубӣ барои ҳамкории минтақавӣ (SAARC - The South Asian Association for Regional Cooperation)

созмони минтақавии байниҳукуматӣ барои пешбурди сулҳ ва ҳамкории иқтисодӣ дар миёни кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ мебошад. Ассосиатсияи Осиёи Ҷанубӣ барои ҳамкории минтақавӣ дар Катмандуи Непал ҷойгир аст.
Вебсайт: http://www.saarc-sec.org
Телефон: +977-1-422-1785

Комиссияи заминшиносии корбурдии минтақаи ҷануби Уқёнуси Ором (SOPAC - The South Pacific Applied Geoscience Commission)

ниҳоди Котиботи Ҷомеаи минтақаи Уқёнуси Ором мебошад ва ҳадафи он беҳсозии некуаҳволӣ дар ҷамоаҳои Уқёнуси Ором тавассути истифодаи илмҳои заминшиносӣ ва технология аст. Идораи он дар Суваи Фиҷӣ ҷойгир аст.
Вебсайт: http://www.sopac.org
Телефон: +679-338-1377

telecentre.org

Барномаи ҷаҳонист, ки аз тарафи Бунёди telecentre.org идора мешавад ва пойдориву устувории сатҳи бунёдии телемарказҳоро пуштибонӣ менамояд. Он, ҳамчунин, китобхонаи бархатро (онлайнро) идора мекунад ва барои сохтори телемарказ синфҳоро дар ихтиёр дорад.
Вебсайт: http://www.telecentre.org

Созмони Милал	Созмони Миллал созмони байниҳукуматӣ мебошад, ки барои таҳвияти сулҳ ва рушд тавассути ҳамкории байниҳукуматӣ ва аз ин роҳ барои расидан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола кор мекунад. Дафтари марказии Созмони Милал дар шаҳри Ню-Йорки ИМА воҳеъ аст. **Вебсайт: http://www.un.org**
Барномаи муштараки Созмони Милал оид ба ВНМО/БПНМ (UNAIDS - The Joint United Nations Programme on HIV/AIDS)	созмонест, ки бар зидди паҳншавии ВНМО/БПНМ мубориза мебарад ва дастрасии умумиро ба пешгирӣ аз ВНМО ва муолиҷа таъмин мекунад. Барномаи муштараки Созмони Милал оид ба ВНМО/БПНМ дар Женеваи Шветсария воҳеъ мебошад. **Вебсайт: http://www.unaids.org** **Телефон: +41-22-791-36-66**
Конфронси Созмони Милал оид ба тиҷорат ва рушд	Конфронси Созмони Милал оид ба тиҷорат ва рушд воридшавии кишварҳои дар ҳоли рушдро ба иқтисоди ҷаҳонӣ аз тариқи форуми байниҳукуматӣ, баргузории пажӯҳиш ва таъмини кӯмаки техникӣ ба кишварҳои дар ҳоли рушд пеш мебарад. Идораи марказии он дар Женеваи Шветсария ҷойгир аст. **Вебсайт: http://www. unctad.org** **Телефон: +41-22-917-1234**
Барномаи рушди Созмони Милал	Барномаи рушди Созмони Милал фаъолиятҳои эҷоди тавонмандиро дар кишварҳои дар ҳоли рушд бо ҳадафи беҳсозии беҳзистии иқтисодӣ ва иҷтимоии одамон пеш мебарад. Он, ҳамчунин, бевосита ба ҳамоҳангсозии талошҳо барои расидан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ҷалб шудааст. Идораи марказии Барномаи рушди Созмони Милал дар шаҳри Ню-Йорки ИМА воҳеъ аст. **Вебсайт: http://www. undp.org** **Телефон: +1-212-906-5000**
Барномаи муҳити зисти Созмони Милал (UNEP - The United Nations Environment Programme)	устуворӣ ва ҳимояти муҳити зистро таблиғ ва ҳамоҳанг месозад. Идораи марказии он дар Найробии Кения ҷойгир аст. **Вебсайт: http://www. unep.org** **Телефон: +254-20-762-1234**
ЮНЕСКО	Созмони таълимӣ, фарҳангӣ ва илмии СММ буда, барои беҳсозии шароити инсонӣ аз тариқи пешбарии маориф, баланд бардоштани нақши илм дар рушд ва таблиғи гуфтугӯи байнифарҳангӣ фаъолият мекунад. Идораи марказии он дар Пориси Фаронса ҷойгир аст. **Вебсайт: http://www. unesco.org** **Телефон: +33-1-45-68-10-00**

Барномаи Бошишгоҳҳои инсонии СММ (UN-HABITAT - The United Nations Human)

барои кафолати устувории шаҳрҳои хурду калони муосир тавассути кор бо ҷомеаҳо ва ҳукуматҳо ҷиҳати бартараф кардани монеаҳои эҷодшуда тавассути шаҳрисозии (урбанизатсияи) босуръат кор мекунад. Идораи асосии он дар Найробии Кения ҷойгир аст.
Вебсайт: http://www. unhabitat.org
Телефон: +254-20-762-1234

Хазинаи кӯдакони Созмони Милал (ЮНИСЕФ - UNICEF)

барои он фаъолият мекунад, ки таъмини имкониятҳои бунёдии кӯдакон, ки барои зиндагии шоиста заруранд, кафолат дода шаванд. Он дар соҳаҳое чун тандурустӣ, маориф, баробарии гендерӣ ва ҳимояти кӯдакон кор мебарад. Идораи марказии ЮНИСЕФ дар шаҳри Ню-Йорки ИМА воқеъ аст.
Вебсайт: http://www. unicef.org
Телефон: +1-212-686-5522

Маркази рушди нуқтаҳои савдои

Созмони Милал дорои салоҳияти рушди барномаи нуқтаҳои савдо мебошад. Он ба интернет асос ёфта, дар саросари ҷаҳон ба фаъолиятҳои корӣ ва бизнес имкон медиҳад, то ба иттилооти рақобатии тиҷоратӣ дастрасӣ дошта бошанд ва аз ин роҳ таъсирбахшии шароити тиҷоратии ҷаҳонӣ беҳбуд бахшида шавад.
Вебсайт: http://www. unhabitat.org
Телефон: +254-20-762-1234

Бонки ҷаҳонӣ

муассисаи байналмилалии молиявист, ки аз Бонки байналмилалӣ барои бозсозӣ ва Ассосиатсияи байналмилалии рушд иборат аст. Вазифаи асосии Бонки ҷаҳонӣ таъмини пуштибонии молиявӣ ба кишварҳои дар ҳоли рушд тавассути қарзҳои камфоиз, кредитҳои бидуни фоиз ва грантҳо мебошад. Идораи марказии он дар Вашингтони ИМА воқеъ мебошад.
Вебсайт: http://www. worldbank.org
Телефон: +1-202-473-1000

Институти Бонки ҷаҳонӣ

ҳамбастаи гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ буда, ҳамчун миёнарав миёни одамон дар кишварҳои дар ҳоли рушд амал мекунад ва ба мубодилаи дониш ва эҷоди тавонмандии даркорӣ барои рушди таъсирбахш мусоидат менамояд. Он, ҳамчунин, ТИК-ро таблиғ мекунад, ки барои омӯзиши фосилавӣ ва электронӣ истифода мешавад. Идораи марказии Институти Бонки ҷаҳонӣ дар Вашингтони ИМА воқеъ аст.
Вебсайт: http://www.wbi.worldbank.org
Телефон: +1-202-676-0858

Барномаи ҷаҳонии озуқаворӣ

Ҳадафи Барномаи ҷаҳонии озуқавории СММ мубориза бар зидди гуруснагӣ дар саросари ҷаҳон аз тариқи расондани ғизо ба аҳолии ниёзманд ва таъмини кӯмак дар вақти фавқулодда мебошад. Барномаи ҷаҳонии озуқаворӣ дар Рими Италия ҷойгир аст.
Вебсайт: http://www. wfp.org
Телефон: +39-06-65131

Созмони ҷаҳонии тандурустӣ	мақоми ҳамоҳангкунанда барои саломатӣ дар дохили системаи Созмони Милал мебошад ва масъули такмили маҳоратҳои роҳбарӣ доир ба масъалаҳои саломатӣ, шаклгирии тартиби таҳқиқии саломатӣ, муқаррар кардани стандартҳо, таъмини интихобҳои сиёсати вобаста ба саломатӣ ва мониторинги тамоюлҳои ҷаҳонии саломатӣ аст. Идораи марказии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ дар Женеваи Шветсария ҷойгир мебошад. **Вебсайт: http://www. who.org** **Телефон: +41-22-791-21-11**
Созмони ҷаҳонии моликияти зеҳнии	Созмони Милал. Рисолати ин созмон ҳимояи манфиати ҷамъиятӣ ва саҳм гузоштан ба рушди ҷаҳонии иқтисодӣ тавассути барқарорсозии системаи байналмилалии моликияти зеҳнӣ мебошад. Идораи марказии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ дар Женеваи Шветсария ҷойгир мебошад. **Вебсайт: http://www.wipo.int** **Телефон: +41-22-338-9111**
Созмони ҷаҳонии савдо	Форум барои музокираҳои байниҳукуматӣ дар мавриди робитаҳои тиҷоратӣ буда, барои иҷроиши мувофиқатномаҳо ва қарордодҳои марбут ба тиҷорат мусоидат мекунад. Дафтари марказии он дар Женеваи Шветсария ҷойгир мебошад. **Вебсайт: http://www. wto.org** **Телефон: +41-22-739-51-11**

Адабиёт барои хониши иловагӣ

Академияи асосҳои ТИК барои роҳбарони ҳокимияти давлатӣ
http://www.unapcict.org/academy

Академия барномаи бозомӯзии дастрас оид ба ТИК барои рушд мебошад, ки алҳол аз даҳ модули таълимӣ иборат мебошад. Дар поён тавсифи мухтасари даҳ модули Академия оварда мешавад.

Модули 1 – Робита дар байни истифодаи ТИК ва рушди арзишманд
Ба масъалаҳо ва қарорҳои асосӣ дар сиёсатгузорӣ ва амалисозии ТИК барои ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола равшанӣ меандозад.

Модули 2 – ТИК барои сиёсатгузорӣ, раванд ва идоракунии рушд
Ба сиёсатгузорӣ ва идоракунии ТИКР бахшида шудааст ва дар бораи ҷиҳатҳои гуногуни сиёсатгузориҳо, стратегияҳо ва чорчӯбаҳои миллии муаррифии ТИК чун василаи рушд иттилооти муҳимро таъмин мекунад.

Модули 3 – Татбиқи ҳукумати электронӣ
Мафҳумҳои ҳукумати электронӣ, принсипҳо ва роҳҳои татбиқро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ҳамчунин, дар ин ҷо чӣ гуна сохта шудани системаи ҳукумати электронӣ ва банақшагирии он баррасӣ мешавад.

Модули 4 – Гароишҳои ТИК барои роҳбарони ҳокимияти давлатӣ
Таҳлили гароишҳои муосир дар соҳаи ТИК ва самтҳои ояндаи онро фаро мегирад. Дар ин ҷо, ҳамчунин, мулоҳизаҳои асосии техникиву сиёсатгузорӣ ҳангоми тасмимгирӣ дар соҳаи ТИК барои рушд баррасӣ карда мешаванд.

Модули 5 – Идоракунии интернет
Рушди давомдори сиёсатгузориҳо ва муқаррароти байналмилалиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, ки истифода ва амалиёти интернетро идора мекунанд.

Модули 6 – Бехатарӣ ва маҳрамияти иттилоот
Масъалаҳо ва гароишҳои бехатарии иттилоотӣ ва раванди таҳияи стратегияи бехатарии иттилоотиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Модули 7 – Идоракунии лоиҳаҳои ТИК дар назария ва амалия
Мафҳумҳои идоракунии лоиҳаро муаррифӣ менамояд, ки ба лоиҳаҳои ТИК барои рушд вобастаанд, аз он ҷумла методҳо, равандҳо ва фанҳои ба таври васеъ истифодашавандаи идоракунии лоиҳа.

Модули 8 – Роҳҳои маблағгузории ТИК барои рушд
Роҳҳои маблағгузории лоиҳаҳои ТИК барои рушд ва ҳукумати электронӣ омӯхта мешаванд. Ҳамкориҳои давлативу хусусӣ ҳамчун роҳи махсусан муфиди маблағгузорӣ дар кишварҳои рӯ ба инкишоф таъкид шудаанд.

Модули 9 – ТИК барои идоракунии хавфи офат
Тавсифи идоракунии хавфи офат ва тақозои иттилооти онро дарбар гирифта, технологияи дастрас барои коҳиш додани хавфи офат ва муқобила бо онро муайян мекунад.

Модули 10 – ТИК ва дигаршавии иқлим
Нақши ТИК-ро дар мушоҳида ва назорати муҳити зист, додугирифти иттилоот, иқдомҳои сафарбарсозӣ, пойдории зистмуҳитӣ ва коҳиши дигаршавии иқлим пешниҳод менамояд.

САРЧАШМАҲО

Accenture, Markle Foundation, and UNDP. Creating a Development Dynamic: Final Report of the Digital Opportunity Initiative. 2001, http://www.markle.org/publications/243-creating-development-dynamic-final-report-digital-opportunity-initiative.

Akhtar, Shahid, and Patricia Arinto, eds. *Digital Review of Asia Pacific 2009-2010.* New Delhi: Sage, Montréal: Orbicom and Ottawa: IDRC, 2010. http://www.digital-review.org.

Alampay, Erwin. *Living the Information Society in Asia*. Institute of South Eastern Studies and IDRC, 2009. http://publicwebsite.idrc.ca/EN/Resources/Publications/Pages/IDRCBookDetails.aspx?PublicationID=55.

Alasuutari, P. and others. The SAGE Handbook of Social Research Methods. Sage Publications. Ali, Moi and

others. *Managing For Excellence*. Dorling Kindersley Ltd. 2009.

Apentibadek, Norbert, and Martine Koopman. Multimedia Centres for Farmers and Health Workers: Lessons learned from the Association of Church Development Projects (ACDEP). IICD Learning Brief, January 2011. http://www.iicd.org/about/publications/multimedia-centres-for-farmers-and-health-workers-in-ghana.

Barry, Timothy. Top Ten Qualities of a Project Manager. http://www.projectsmart.co.uk/top-10-qualities-project-manager.html.

Bhatnagar, Subhash. *Paving the Road towards Pro-poor e-Governance: Findings and Observations from Asia-Pacific Case Studies.* Bangkok: UNDP, 2006. http://www.apdip.net/projects/e-government/capblg/casestudies/Overview.pdf.

Bruce, Andy, and Ken Langdon. *Managing For Excellence.* Dorling Kindersley Ltd., 2009. Canadian

International Development Agency. The Indigenous Peoples Partnership Program (IPPP): Guidelines for Funding IPPP in Latin America and the Caribbean. http://www.acdi-cida.gc.ca/inet/images.nsf/vLUImages/IPPP/$file/IPPP%20Guidelines.pdf.

Center for Technology in Government, State University of New York at Albany. *Tying a Sensible Knot: A Practical Guide to State-Local Information Systems*. 1999. http://www.ctg.albany.edu/publications/guides/tying/tying.pdf.

Chen, Wenhong, and Barry Wellman. *Charting and Bridging Digital Divides: Comparing Socio-economic, Gender, Life Stage, and Rural-Urban Internet Access and Use in Eight Countries.* The AMD Global Consumer Advisory Board, 2003. http://homes.chass.utoronto.ca/~wellman/publications/index.htm.

Clarke, Roger. *The Conventional System Life-Cycle.* Canberra, Xamax Consultancy Pty Ltd., 2000. http://www.anu.edu.au/people/Roger.Clarke/SOS/SLC.html.

Crocker, David A. *Ethics of Global Development*: *Agency, Capability, and Deliberative Democracy*. Cambridge Books Online, 2008. http://ebooks.cambridge.org/ebook.jsf?bid=CBO9780511492594.

Dale, Reider. *Evaluating Development Programmes and Projects*, 2nd Edition. Sage Publications, 2009.

Dighe, Anita, and Usha Rani, Reddi. *Women's Literacy and Information and Communication Technologies: Lessons that Experience has Taught Us.* New Delhi: Commonwealth Educational Media Centre for Asia, 2006. http://www.cemca.org/CEMCA_Womens_Literacy.pdf.

Dougherty, Michael. *Exploring New Modalities Experiences with Information and Communications Technology Interventions in the Asia-Pacific Region A Review and Analysis of the Pan-Asia ICT R&D Grants Programme*. UNDP-APDIP and Elsevier, 2006. http://www.unapcict.org/ecohub/resources/exploring-new-modalities.

Economic Intelligence Unit, *Digital Economy Rankings 2010: Beyond e-Readiness.* The Economist. 2010. http://graphics.eiu.com/upload/EIU_Digital_economy__rankings_2010__FINAL_WEB.pdf.

European Commission. *Aid Delivery Method: Volume 1 – Project Cycle Management*. 2004. http://ec.europa.eu/europeaid/multimedia/publications/documents/tools/europeaid_adm_pcm_guidelines_2004_en.pdf.

Farrell, Glen M., and Cedric Wachholz. *Metasurvey of the Use of Technologies in Education 2003-2004*. Bangkok: UNESCO, 2004. http://unesdoc.unesco.org/images/0013/001349/134960e.pdf.

Geldof Marije, and others. *What are the key lessons of ICT4D partnerships for poverty reduction? Systematic Review Report.* 2011. http://www.gg.rhul.ac.uk/ict4d/workingpapers/DFID_ICT_SR_Final_Report.pdf.

Goulet, Denis. *A New Discipline: Development Ethics.* Working Paper #231. 1996. http://nd.edu/~kellogg/publications/workingpapers/WPS/231.pdf.

Greenberg, Alan. *ICTs for Poverty Alleviation: Basic Tool and Enabling Sector*. Stockholm: SIDA, 2005.

Grimshaw, David J., and Shalini Kala, eds. *Strengthening Rural Livelihoods: The impact of information and communication technologies in Asia*. Ottawa: IDRC, 2011. http://idl-bnc.idrc.ca/dspace/bitstream/10625/45947/1/132419.pdf.

Habib, Shah Md Ahsan, ed. *Toward Knowledge Societies: Handbook of Selected Initiatives in South Asia.* Bangladesh: D.Net, 2007. http://www.unapcict.org/ecohub/resources/towards-knowledge-society-a-handbook-of-selected-initiatives-in-south-asia-1.

Haq, Mahbub ul. *Reflections in Human Development*. Oxford University Press, 1995. Harindranath,

G., and Maung K. Sein. Revisiting the Role Of ICT In Development. Proceedings of the 9th International Conference on Social Implications of Computers in Developing Countries, São Paulo, Brazil, May 2007. http://www.ifipwg94.org.br/fullpap ers/r0094-1.pdf.

Heeks, Richard. Failure, Success and Improvisation of Information Systems Projects in Developing Countries. *Development Informatics Working paper Series*, Paper No. 11. Institute for Development Policy and Management. University of Manchester, 2002. http://www.sed.manchester.ac.uk/idpm/research/publications/wp/di/di_wp11.htm.

ICT4D 2.0: The Next Phase of Applying ICT for International Development. *Computer.* IEEE Computer Society, 2008. http://research.microsoft.com/en-us/um/people/cutrell/heeks-ICTD%20two-point-zero.pdf.

Heeks, Richard, and Alemayehu Molla. Impact Assessment of ICT-for-Development Projects: A

Compendium of Approaches. Development Informatics Working Paper Series, Paper No. 36. Institute for Development Policy and Management, University of Manchester, 2009.
http://www.sed.manchester.ac.uk/idpm/research/publications/wp/di/di_wp36.htm.

Hudson, Heather. *From Rural Village to Global Village: Telecommunications for Development in the Information Age*. USA: Laurence Erlbaum Associates Inc., 2006.

Huyer, Sophia, and Swati Mitter. ICTs, Globalization and Poverty Reduction: Gender Dimensions of the Knowledge Society. 2005. http://unpan1.un.org/intradoc/groups/public/documents/unpan/unpan037351.pdf.

International Commission for the Study of Communication Problems. *Many Voices, One World: Communication and Society, Today and Tomorrow towards a New More Just and More Efficient World Information and Communication Order*. Paris: UNESCO, 1980.
http://unesdoc.unesco.org/images/0004/000400/040066eb.pdf.

Israel, Mark, and Iain Hay. *Research Ethics for Social Scientists.* Sage Publications, 2008. Karl,

Marilee. Monitoring and Evaluating Stakeholder Participation in Agriculture and Rural Development Projects: A Literature Review. SD dimensions. FAO, 2000.
http://www.fao.org/sd/PPdirect/PPre0074.htm.

Kaufmann, Daniel, and Aart Kraay. *Governance and Growth: Causality which way? - Evidence for the World, in brief.* Washington, D.C.: World Bank Institute, 2003).
http://www.worldbank.org/wbi/governance/pdf/growthgov_synth.pdf.

Kennedy, David M. Copyleft and Web 2.0: Opportunities for Engaging Learners. Presentation made at iCOOL2007: Pedagogical Scription for ODL, 13 June 2007.
http://www.slideshare.net/deekaay/copyleft-and-web-20-opportunities-for-engaging-learners.

Madon, Shirin. *e-Governance for Development.* London: Palmgrove Macmillan, 2009. Meleisea,

Ellie,

ed. *ICT in Teacher Education Case Studies from the Asia-Pacific.*
Bangkok: UNESCO, 2008.
http://www.unesco.org/new/en/communication-and/information/resources/publications-and-communication-materials/publications/full-list/ict-in-teacher-education-case-studies-from-the-asia-pacific-region.

Melkote, Srinivas R., and H. Leslie Steeves. *Communication for Development in the Third World.* Sage Publications, 2008.

Morville, Peter, and Louis Rosenfeld. *Information Artchitecture for the World Wide Web.* O'Reilly Media, 1998.

Mowlana, Hamid, and Laurie J. Wilson. *Communication Technology and Development.* Paris: UNESCO, 1988.

Nebiu, Besim Ildiko Simon, and Cerasela Stancu. Preparing Project Proposals. Regional Environmental Center for Central and Eastern Europe, 2002.

Office of the Government of Commerce of Her Majesty's Treasury Office, United Kingdom.
Projects in Controlled Environment (Prince 2) Manual, Third edition. 2002.
Peet, Richard, and Elaine Hartwick. *Theories of Development: Contentions, Arguments, Alternatives.* London: Guildford Press, 2009.

Porat, Marc U., and Michael R. Rubin. *The Information Economy* (9 volumes). Office of Telecommunications Special Publication 77-12. Washington, D.C.: US Department of Commerce, 1977.

Rao, Madanmohan, and Nandita Raman. *ICT4D: Learnings from Best Practices and Roadmaps from the Pan Asia R&D Grants Programme.* Singapore: Asian Media Information and Communication Centre and Wee Kim Wee School of Communication and Information; Nanyang Technological University, 2010.

Rao, Madanmohan. Nature of the Information Society: A Developing World Perspective. Paper prepared for the ITU Visions of the Information Society Project, n.d. http://www.itu.int/osg/spu/visions/papers/developingpaper.pdf.

Roberts, J. Timmons, and Amy B. Hite, eds. *The Globalization and Development Reader: Perspectives on Development and Global Change.* John Wiley Publishers, 2007.

Sachs, Jeffrey D. *The End of Poverty: Economic Possibilities for Our Time.* The Penguin Press, 2005.

Sen, Amartya. *Poverty and Famines: An essay on entitlement and deprivation*. In The Amartya Sen and Jean Dreze Omnibus, New Delhi: Oxford University Press, 1983.

Development as Freedom. New York: Alfred A Knopf, 1999.

Sharma, Rajiv. Use of Social Accountability Tools and Information Technologies in Monitoring and Evaluation. PREM Notes, No. 7. The World Bank Poverty Reduction and Economic Management Network, 2011. http://siteresources.worldbank.org/INTPOVERTY/Resources/335642-1276521901256/PREMNoteME7.pdf.

Siochrú, Seán Ó, and Bruce Girard, *Community-based Networks and Innovative Technologies: New models to serve and empower the poor*. Series: Making ICT Work for the Poor. New York: UNDP, 2005.

Somekh, Bridget, and Cathy Lewin. *Research Methods in the Social Sciences.* New Delhi: Vistaar Publications, 2009.

Stempel, Guido H. III, and Bruce H. Westley. *Research Methods in Mass Communication.* Englewood Cliffs, N.J.: Prentice Hall, 1989.

Taylor, James. Managing Information Technology Projects. AMACOM (American Management Association), 2004.

Tichenor, P.J., G.A. Donohue, and C. N. Olien. Mass Media Flow and the Differential Growth of Knowledge. *Public Opinion Quarterly,* Vol. 34, pp. 159-170 (1970).

UN-APCICT/ESCAP. *ICT Human Capacity Building for Development*. ICTD Case Study 1. Incheon: 2010. http://www.unapcict.org/ecohub/ict-human-capacity-building-for-development-3.

ICT for Disaster Risk Reduction. ICTD Case Study 2. Incheon: 2010. http://www.unapcict.org/ecohub/ict-for-disaster-risk-reduction-1.

UNDP. *Regional Human Development Report – Promoting ICT for Human Development in Asia: Realising the Millennium Development Goals.* New Delhi: UNDP and Elsevier, 2005. http://www.apdip.net/elibrary#rhdr.

Human Development Report 2010 20th Anniversary Edition The Real Wealth of Nations: Pathways to Human Development. New York, 2010. http://hdr.undp.org/en/reports/ global/hdr2010/.

UNESCO. *Toward Knowledge Societies.* Paris: UNESCO, 2005. http://unesdoc.unesco.org/images/0014/001418/141843e.pdf.

Unwin, Tim. *ICTD Information and Communication Technologies for Development.* Cambridge University Press, 2009. See Tim Unwin's blog at http://unwin.wordpress.com/.

Verzosa, Fe Angela M. Digital Initiatives in Archival Preservation. Paper presented at the International Conference on Challenges in Preserving and Managing Cultural Heritage Resources, Quezon City, the Philippines, 19-21 October 2005. http://paarl.wikispaces.com/file/view/Digital_Initiatives_in_Archival_Preservation.pdf.

Wattegama, Chanuka. *ICTs for Disaster Management*. Bangkok: UNDP and Incheon: UN-APCICT/ESCAP, 2007. http://www.apdip.net/publications/iespprimers/eprimer-dm.pdf.

Westland, Jason. *The Project Management Life Cycle: A Complete Step by Step Methodology for Initiating, Planning, Executing and Closing a Project Successfully.* UK, USA: Kogan Page Ltd., 2006.

World Bank. *World Development Report 2004: Making Services Work for Poor People*. Washington, D.C., 2003. http://go.worldbank.org/S7MDO8EYS0.

Information and Communications for Development 2009: Extending Reach and Increasing Impact. Washington, D.C., 2009. http://web.worldbank.org/WBSITE/EXTERNAL/TOPICS/EXTINFORMATIONANDCOMMUNICATIONANDTECHNOLOGIES/EXTIC4D/0,,contentMDK:22229759~menuPK:5870649~pagePK:64168445~piPK:64168309~theSitePK:5870636,00.html.

The Global Monitoring Report: The MDGs after the Crisis. 2010. Washington, D.C., 2010. http://issuu.com/world.bank.publications/docs/9780821383162.

ПОСУХКАЛИДҲО БАРОИ ПУРСИШҲОИ "ХУДРО БИСАНҶЕД"

БОБИ I. ФАҲМИДАНИ МАФҲУМИ РУШД

Зербобҳои 1.1 - 1.4

1. В
2. Г
3. Б
4. А
5. А

Зербобҳои 1.5 - 1.10

1. Г
2. Б
3. А
4. Г
5. Г

БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИВУ КОММУНИКАТСИОНӢ БАРОИ РУШД

Зербобҳои 2.1 - 2.4

1. Г
2. Б
3. А
4. В
5. А

Зербоби 2.5

1. Б
2. А
3. В
4. Б
5. Б

БОБИ 3. ТАТБИҚИ ТИКР ДАР БАХШҲОИ АСОСИИ РУШД

Зербобҳои 3.1 - 3.4

1. А
2. Б
3. В
4. А
5. Б
6. Б

БОБИ 4. ТАТБИҚИ ТИКР БАРОИ РУШДИ ПОЙДОР

Зербобҳои 4.1 - 4.2

1. В
2. Б
3. Г
4. Г
5. В

БОБИ 5. РОҲҲОИ ТАТБИҚИ ТИК ДАР ИДОРАКУНӢ ВА СУЛҲУ СУБОТ

Зербобҳои 5.1 - 5.3

1. Б
2. В
3. А
4. Б
5. Б

БОБИ 6: ТАТБИҚИ ТИКР ДАР СОҲАҲОИ ФАРҲАНГ ВА САЙЁҲӢ

Зербобҳои 6.1 - 6.2

1. Г
2. Г
3. В
4. Б
5. В

БОБИ 7. МАСЪАЛАҲОИ ИДОРАКУНИИ ЛОИҲА

Зербобҳои 7.1 - 7.4

1. Б
2. В
3. В
4. В
5. А

БОБИ 8. ИДОРАКУНИИ МУҲТАВО

Зербобҳои 8.1 - 8.2

1. Ғ
2. В
3. В
4. Г
5. В

БОБИ 9. ИДОРАКУНИИ ТЕХНОЛОГИЯ

Зербобҳои 9.1 - 9.3

1. А
2. Г
3. Г
4. В
5. В

БОБИ 10. ЭҶОДИ ТАВОНМАНДИИ ИНСОНӢ ДАР ТИКР

Зербобҳои 10.1 - 10.2

1. В
2. В
3. Б
4. В
5. Г

БОБИ 11. АРЗЁБИИ ЛОИҲАИ ТИКР

Зербобҳои 11.1 - 11.5

1. Г
2. В
3. Б
4. А
5. В

ИХТИСОРАҲО

ABIA	Annual Bibliography of Indian Archaeology Феҳристи солонаи бостоншиносии Ҳиндустон
ABU	Asia-Pacific Broadcasting Union Итиҳодияи барномагустарии ҳавзаи уқёнуси Ором
ACDEP	Association of Church Development Projects Ассосиатсияи лоиҳаҳои рушди калисо
ADB	Asian Development Bank Бонки Осиёии Рушд
AIBD	Asia-Pacific Institute for Broadcasting Development Институти ҳавзаи уқёнуси Ором барои рушди барномагустарӣ
AIDS	Acquired Immunodeficiency Syndrome
БПНМ	Бемории пайдошудаи норасоии масуният
AIESEC	Association Internationale des Étudiants en Sciences Économiques et Commerciales (International Association of Students in Economics and Management) Ассосиатсияи байналмилалии донишҷӯён дар соҳаи иқтисод ва мудирият
AKUH	Aga Khan University Hospital (Pakistan) Дармонгоҳи Донишгоҳи Оғохон (Покистон)
APCICT	Asian and Pacific Training Centre for Information and Communication Technology for Development
МБОТИКР	Маркази бозомӯзӣ барои кишварҳои Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором оид ба технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои рушд
APDIP	Asia-Pacific Development Information Programme (United Nations Development Programme) Барномаи иттилоот барои рушд дар кишварҳои минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором (Барномаи рушди СММ)
ASEAN	Association of South East Asian Nations Ассосиатсияи кишварҳои Осиёи ҷанубу шарқӣ
B2B	Business-to-business Бизнес-ба-Бизнес
B2C	Business-to-Citizen Бизнес-ба-Шаҳрванд
C2C	Citizen-to-Citizen Шаҳрванд-ба-Шаҳрванд
CARD	Computer-Aided Administration of Registration Department (India) Маъмурияти ёрии компютерии Шӯъбаи бақайдгирӣ (Ҳиндустон)
CD	Compact Disc
СД	Компакт диск
CEC	Commission for Environmental Cooperation Комиссияи ҳамкорӣ оид ба муҳити зист
CGIAR	Consultative Group on International Agricultural Research Гурӯҳи машваратӣ оид ба пажӯҳиши байналмилалии кишоварзӣ
CIDA	Canadian International Development Agency Агентии рушди байналмилалии Канада
COL	Commonwealth of Learning Иттиҳоди омӯзиш
DESA	Department of Economic and Social Affairs (United Nations) Департаменти СММ оид ба корҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ
DFID	Department for International Development (United Kingdom) Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир
DVD	Digital Video Disc Видеодиски рақамӣ
EEA	European Environmental Agency Агентии аврупоӣ оид ба экология
ENRAP	Knowledge Networking for Rural Development in the Asia-Pacific Region Шабакасозии донишбунёд барои рушди деҳот дар минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором
ESCAP	Economic and Social Commission for Asia and the Pacific (United Nations) Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором
FAO	Food and Agriculture Organization (United Nations) Созмони озуқа ва кишоварзӣ (Созмони Милал)
FMIC	French Medical Institute for Children (France, Afghanistan) Институти тиббии Фаронса барои кӯдакон (Фаронса, Афғонистон)

FOSS	Free and Open Source Software
НОКА	Нармафзори озод ва кушодаасос
FTP	File Transfer Protocol
	Протоколи интиқоли файлҳо
G2B	Government-to-Business
	Ҳукумат-ба-Бизнес
G2C	Government-to-Citizen
	Ҳукумат-ба-Шаҳрванд
G2G	Government-to-Government
	Ҳукумат-ба-Ҳукумат
G8	Group of Eight
	Гурӯҳи ҳаштгона
GAID	Global Alliance for ICTs in Development
	Иттиҳоди глобалӣ барои ТИК дар соҳаи рушд
GDP	Gross Domestic Product
	Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ
GIS	Geographic Information Systems
	Системаи иттилооти ҷуғрофӣ
GNH	Gross National Happiness (Bhutan)
	Маҷмӯи хушбахтии миллӣ (Бутан)
GNP	Gross National Product
МММ	Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ
GPS	Global Positioning System
	Системаи ҷустори глобалӣ
HDI	Human Development Index
	Нишондиҳандаи рушди инсон
HDR	Human Development Report
	Гузориш дар бораи рушди инсон
HINARI	Health Inter-Network Access to Research Initiative
	Дастрасӣ ба шабакаи дохилии тандурустӣ ба ташаббуси пажӯҳиш
HIV	Human Immunodeficiency Virus
ВНМО	Вируси норасоии масунияти одам
HPI	Human Poverty Index
	Нишондиҳандаи камбизоатии инсон
ICT	Information and Communication Technology
ТИК	Технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ
ICTD	Information and Communication Technology for Development
ТИКР	Технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ барои рушд
IDRC	International Development Research Centre (Canada)
	Маркази пажӯҳиши рушди байналмилалӣ
IFAD	International Fund for Agricultural Development
	Хазинаи байналмилалӣ барои рушди кишоварзӣ
IICD	International Institute for Communication and Development
	Институти байналмилалӣ барои коммуникатсия ва рушд
IP	Internet Protocol
	Интернет-Протокол
IPCC	International Panel on Climate Change
	Гурӯҳи коршиносии байналмилалӣ оид ба тағйири иқлим
IPR	Intellectual Property Rights
	Ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ
IPST	Institute for the Promotion of Teaching Science and Technology (Thailand)
	Институт барои мусоидати илм ва технологияи таълим
IRIN	Integrated Regional Information Network
	Шабакаи ҳамгирошудаи минтақавии иттилоотӣ
ISP	Internet Service Provider
	Расонандаи хадамоти интернет
IT	Information Technology
ТИ	Технологияи иттилоотӣ
ITES	Information Technology Enabled Service
	Хадамоти корои технологияи иттилоотӣ
ITU	International Telecommunication Union
	Иттиҳоди байналмилалии телекоммуникатсия

LCD	Liquid Crystal Display Тасвирнамои (дисплеи) моеӣ ва булӯрӣ
MDG	Millennium Development Goal Ҳадафҳои рушди ҳазорсола
MGNREGA	Mahatma Gandhi National Rural Employment Guarantee Act (India) Санади миллии Маҳатма Гандӣ барои таъмини шуғли аҳолӣ дар деҳот
MIGIS	Mobile Interactive Geographic Information System (China) Системаи мобилии интерактивии ҷуғрофии иттилоотӣ (Чин)
MIS	Management Information System Системаи иттилооти идоракунӣ
MMS	Multimedia Message Service Хадамоти паёми бисёррасонаӣ (мултимедия)
NGO	Non-Governmental Organization
СҒҲ	Созмонҳои ғайриҳукуматӣ
OCHA	Office for the Coordination of Humanitarian Affairs (United Nations) Идораи ҳамоҳангсозии корҳои башардӯстона
OECD	Organisation for Economic Co-operation and Development Созмони ҳамкорӣ ва рушди иқтисодӣ
OS	Operating System Системаи амалиётӣ
PC	Personal Computer Компютери шахсӣ
PDF	Portable Document Format Формати Санади Ихчам (Портативӣ)
PFnet	People First Network (Solomon Islands) Шабакаи нахустини мардумӣ (Ҷазираҳои Соломон)
PhilGEPS	Philippine Government Electronic Procurement System Системаи электронии харидории ҳукумати Филиппин
PRSP	Poverty Reduction Strategy Paper Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ
RML	Reuters Market Light Рейтерз маркет лайт (филиали ширкат)
RSS	Really Simple Syndication Синдикатсияи воқеан содда
SIDA	Swedish International Development Agency Агентии рушди байналмилалии Шветсия
SITE	Satellite Instructional Television Experiment (India) Таҷрибаи телевизионии роҳнамоии моҳворӣ (Ҳиндустон)
SMS	Short Message Service Хизматгузории паёмак
SOPAC SPC	Applied Geoscience and Technology Division Комиссияи заминшиносии корбурдии ҷазираҳои Уқёнуси Ором
SPC	Secretariat of the Pacific Community Котиботи ҷамоаи уқёнуси Ором
SWAGAT	State Wide Attention on Grievances by Application of Technology (India) Таваҷҷӯҳи васеи давлат ба шикоятҳо тавассути татбиқи технология (Ҳиндустон)
TEWS	Tsunami Early Warning System Системаи огоҳсозии пешакии сунамӣ
TPD	Teacher Professional Development (Thailand) Такмили ихтисоси муаллимон (Таиланд)
TV	Television
ТВ	Телевизион
UN	United Nations
СММ	Созмони Милали Муттаҳид
UNAIDS	United Nations Programme on HIV/AIDS Барномаи СММ оид ба ВНМО/БПНМ
UNCTAD	United Nations Conference on Trade and Development Конфронси Созмони Милал оид ба савдо ва рушд
UNDP	United Nations Development Programme
БРСММ	Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид
UNEP	United Nations Environment Programme Барномаи СММ оид ба муҳити зист

UNESCO	United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization Созмони маориф, илм ва фарҳанги СММ
UNFCCC	United Nations Framework Convention on Climate Change Конвенсия-чорчӯбаи СММ оид ба дигаршавии иқлим
UN-HABITAT	United Nations Human Settlements Programme Барномаи СММ оид ба ҷойи зисти инсон
UNICEF	United Nations Children's Fund (formerly United Nations International Children's Emergency Fund) Хазинаи кӯдакони СММ (собиқ Хазинаи фавқулоддаи байналмилалии кӯдакони СММ)
UNISDR	United Nations International Strategy for Disaster Reduction Стратегияи байналмилалии СММ барои коҳиши офатҳои табиӣ
UNTPDC	United Nations Trade Point Development Centre Маркази СММ оид ба рушди нуқтаҳои тиҷорат
USAID	United States Agency for International Development Агентии Иёлоти Муттаҳида оид ба рушди байналмилалӣ
USB	Universal Serial Bus
ЮЕсБи	Шоҳроҳи силсилавии ҷаҳонӣ
USP	University of the South Pacific Донишгоҳи Ҳавзаи ҷанубии уқёнуси Ором
USPNet	University of the South Pacific Network Донишгоҳи Шабакаи Ҳавзаи ҷанубии уқёнуси Ором
VoIP	Voice over Internet Protocol Интиқоли садо ба воситаи Интернет
VP	Village Phone (Bangladesh) Телефони деҳа (Бангладеш)
VSAT	Very Small Aperture Terminal Терминали дорои апертураи бисёр хурд
WBS	Work Breakdown Structure Сохтори тақсимоти кор
WFP	World Food Programme Барномаи ҷаҳонии озуқаворӣ
WHO	World Health Organization Созмони ҷаҳонии тандурустӣ
WiFi	Wireless Fidelity (ВайФай) Шабакаи бесим
WiMax	Worldwide Interoperability for Microwave Access (ВайМакс) Амалиёти байнишабакавии умумиҷаҳонӣ барои дастрасӣ тавассути мавҷи кӯтоҳ
WIPO	World Intellectual Property Organization Созмони ҷаҳонии моликияти зеҳнӣ
WSIS	World Summit on the Information Society Нишасти сарони кишварҳои ҷаҳон оид ба ҷомеаи иттилоотӣ
WTO	World Trade Organization Созмони ҷаҳонии савдо
WYSIWYG	What You See is What You Get Он чӣ мебинӣ, ҳамон аст, ки мегирӣ

Дар бораи муаллиф

Уша Рани Вясулу Редди дар ҳоли ҳозир мушовир оид ба ТИК барои рушд ва дар гузашта профессор дар соҳаи коммуникатсия мебошад. Пештар, аз соли 1998 то соли 2006 ӯ роҳбари Маркази рушди инсони коллеҷи таълими кормандони идорӣ дар Ҳайдаробод буд. Дар давраи солҳои 1998-2006 ӯ ба сифати директори Медиа-маркази омӯзишии Иттиҳод барои Осиё дар Деҳлии нав кор мекард. Кори ӯ ҳамаи кишварҳои иттиҳодро дар Осиё фаро мегирифт ва ба таъмини кӯмаки техникӣ ва машварат оид ба истифодаи ТИК дар маорифи расмӣ ва ғайрирасмӣ нигаронида шуда буд. То соли 1998 ӯ профессор ва директори Маркази пажӯҳиши аудио ва видео дар Донишгоҳи Усмонияи Ҳайдаробод буд. Ӯ асарҳои зиёдеро ба таври васеъ дар нашрияҳои илмӣ, байналмилалӣ ва махсус чоп кардааст. Вай тренери эътирофшудаи байналмилалӣ, коршинос ва мушовир дар барномаҳо ва лоиҳаҳои ТИКР мебошад.

МБОТИКР (Маркази бозомӯзӣ барои кишварҳои Осиё ва Ҳавзаи Уқёнуси Ором оид ба ТИК барои рушд) (UN-APCICT) – мақомоти кӯмаккунадаи Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва Ҳавзаи Уқёнуси Ором (ESCAP)

МБОТИКР (UN-APCICT) ниҳоди кӯмакрасони Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва Ҳавзаи Уқёнуси Ором (ESCAP) мебошад. Ҳадафи ин Марказ тақвият ва мусоидат ба талошҳои кишварҳои ҳамбастаи Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва Ҳавзаи Уқёнуси Ором дар истифодаи ТИК барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ тавассути эҷоди тавонмандии инсонӣ ва ниҳодист. Кори МБОТИКР ба се самти таркибӣ нигаронида шудааст:

1. Омӯзиш: Барои баланд бардоштани донишу маҳоратҳои сиёсатгузорон ва мутахассисони ТИК дар соҳаи ТИК, ҳамчунин тақвият бахшидани тавонмандии омӯзгорон ва муассисаҳои таълимӣ дар соҳаи ТИК;
2. Пажӯҳиш: Барои гузаронидани омӯзиш ва таҳлил дар мавриди рушди захираҳои инсонӣ дар соҳаи ТИК;
3. Машварат: Барои расонидани хизматҳои машвараті дар барномаҳои рушди захираҳои инсонӣ ба ҳамбастагон ва шарикони Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва Ҳавзаи Уқёнуси Ором.

Идораи МБОТИКР дар шаҳри Инчони Ҷумҳурии Корея воқеъ аст.

Сомонаи ин марказ: http://www.unapcict.org

Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва Ҳавзаи Уқёнуси Ором (ESCAP)

Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва Ҳавзаи Уқёнуси Ором зершохаи рушди минтақавии Созмони Милали Муттаҳид мебошад. Он ба сифати маркази асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии СММ дар минтақаи Осиё ва Ҳавзаи Уқёнуси Ором хизмат мекунад. Вазифаи Комиссия тақвияти ҳамкорӣ дар байни 53 ҳамбаста ва 9 шарики худ мебошад. Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва Ҳавзаи Уқёнуси Ором пайванди стратегиро дар байни барномаҳо ва масъалаҳои ҷаҳониву кишварӣ таъмин менамояд. Он ҳукуматҳои кишварҳои минтақаро дар кори тақвият бахшидани мавқеъҳои минтақавӣ дастгирӣ мекунад ва равишҳои минтақавиро дар ҳалли масъалаҳои ягонаи иҷтимоиву иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавии олам ҳимоя менамояд. Идораи Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва Ҳавзаи Уқёнуси Ором дар Бангкоки Тайланд ҷой гирифтааст.

Сомонаи Комиссия: http://www.unescap.org

Барномаҳо ва захираҳои иловагии МБОТИКР (UN-APCICT/ESCAP)

Академияи асосҳои ТИК барои роҳбарони ҳокимияти давлатӣ
http://www.unapcict.org/academy

Академия барномаи ҳамаҷонибаи таълимӣ дар соҳаи ТИКР буда, аз ҳашт модул иборат аст. Ҳадафи асосии Академия таъмин намудани сиёсатгузорон бо донишу маҳоратҳои зарурӣ оид ба истифодаи пурраи имкониятҳои ТИК барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди миллӣ ва бартараф намудани «нобаробарии рақамӣ» мебошад.

Дар замони кунунӣ ин модулҳо аз ҷониби шарикони миллии Академия барои таъмини аҳамияти модулҳо ва қонеъ сохтани ниёзҳои сиёсатгузорон дар кишварҳои гуногун бо омӯзишҳои мисолии маҳаллӣ мутобиқ карда мешаванд. Ҳамчунин, модулҳо ба забонҳои гуногун тарҷума мешаванд. Барои он ки барнома муносиб ва мувофиқи ҳадаф боқӣ монад, он гароишҳои зоҳиршавандаро дар ТИКР матраҳ мекунад. МБОТИКР пайваста модулҳоро бознигарӣ ва модулҳои навро таҳия менамояд.

Академияи маҷозии МБОТИКР (http://e-learning.unapcict.org)

Академияи маҷозии МБОТИКР бахше аз механизми фароҳамсозии чандканалӣ мебошад, ки дар амалисозии зарфияти барномаи омӯзишии ТИКР – Академияи асосҳои ТИК барои роҳбарони ҳокимияти давлатӣ ба кор бурда мешавад.

Академияи маҷозӣ ба дастрасии омӯзандагон ба курсҳои бархат ҷиҳати афзоиши донишҳои онҳо дар соҳаҳои калидии ТИКР имкон фароҳам меорад. Ин соҳаҳо ба таври зеранд:

- истифодаи иқтидори ТИК барои фарогирии ҷамоаҳои дурдаст;
- афзоиши дастрасӣ ба иттилоот;
- беҳбуд бахшидани хизматрасонӣ;
- пешбарии омӯзиши якумрӣ ва билохира,
- бартараф кардани нобаробарии рақамӣ ва аз ин роҳ расидан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола.

Тамоми курсҳои Академияи маҷозии МБОТИКР ба пайгирии осони лексияҳо ва озмунҳои маҷозӣ асос ёфтаанд. Пас аз хатми бомуваффақияти курсҳо ба корбарон гувоҳиномаи APCICT дар бораи иштирок дода мешавад. Тамоми модулҳои Академия ба забони англисӣ мебошанд ва версияҳои маҳаллишудаи онҳо айни ҳол дар Баҳаса ва Русия тавассути интернет дастрас мебошанд. Ғайр аз ин, нақшаҳо барои рушди бештари мӯҳтаво ва маҳаллисозии оянда дар ҳоли пешрафт қарор дорад.

Маркази электронии ТИКР барои ҳамкорӣ (e-Co Hub – http://www.unapcict.org/ecohub)

Маркази электронии ТИКР барои ҳамкорӣ (e-Co Hub) заминаи вобастаи бархатии APCICT ҷиҳати мубодилаи дониш дар бораи ТИКР мебошад. Мақсади он таҳвияти таҷрибаи омӯзиш ва бозомӯӣ (тренинг) аз роҳи таъмини дастрасии осон ба захираҳои дахлдор ва ташкили фазои интерактивӣ барои мубодилаи таҷрибаҳо ва дарсҳои беҳтарин дар бораи ТИК мебошад. Маркази электронии ТИКР барои ҳамкорӣ (e-Co Hub) имкониятҳои зеринро фароҳам меорад:

- Портали захиравӣ ва шабакаи мубодилаи донишҳо дар соҳаи ТИКР;
- Дастрасии осон ба мӯҳтавои модулҳо;
- Иштироккунандагон метавонанд ба муҳокимаҳои бархатӣ ҷалб шаванд ва як қисми ҷамоаи амали интернетӣ шаванд. Ин ҷамоаи интернетӣ e-Co Hub мебошад, ки барои додугирифти таҷрибаҳо ва густариши пойгоҳи донишҳо дар соҳаи ТИКР хизмат менамояд.